ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХ ВА ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

ДУШАНБЕ
«ИРФОН»
2020

ББК _____
Р –

Зери назари академик *Абдуҷаббор Раҳмонзода*

Муҳаррир *Абдуолим Каримов*

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Р – Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2020, 482 саҳ.

4700000000 – 302
Р————————— – 2020 **ББК**
М 501 (12) – 2020

ISBN 978-99975-1-187-4
© Эмомалӣ Раҳмон, 2020

МУҚАДДИМА

Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳар як халқу миллат бо офаридаҳои моддию маънавиаш саҳми арзандаи худро мегузорад. Аз ин рӯ, омӯзиши тамаддуни ҳар як халқ, аз як тараф, ба бою ғанӣ гардидани тамаддуни башарӣ, ки аз маҷмӯи тамаддунҳои халқҳои ҷаҳон иборат аст, мусоидат мекунад, аз тарафи дигар, ташаккули инкишофи маданияти ин ё он халқро дар масири таърих муайян карда, саҳифаҳои дар зери ғубори фаромӯшӣ мондаи онро таҷдид менамояд ва аз бархӯрди тамаддунҳо наслҳои баъдиро огоҳ менамояд ва дар маҷмӯъ сатҳи худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ва умумибашариро вусъат мебахшад.

Бинобар ин таҳқиқи таърихи тамаддуни ҳар халқу миллат ҳеҷ гоҳ барои эҳсоси ғурур ва ифтихори ноҷо аз гузаштаи худ набуда, он бояд барои нишон додани роҳи тӯлонӣ ва пурпечутоби тайкардаи ниёгони худ, шинохти заминаҳои аслию унсурҳои асосӣ ва муайян намудани хусусияту тамоюлҳои тамаддуни аҳди қадим равона гардад ва такони таъсирбахше барои рушду инкишофи тамаддуни муосираш бошад.

Масъалаи дигаре, ки қайд намудани он дар ин ҷо зарур аст, нуктае мебошад, ки то рӯзгори мо фарҳанги бисёр халқҳои Шарқу Ғарб мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд ва олимону фарҳангшиносон фикрҳои гуногуне ҳам дар бораи раванди умумии инкишофи тамаддуни умумиҷаҳонӣ ва ҳам мақому манзалати фарҳанги халқҳои алоҳида дар он баён кардаанд. Вале шиносоии амиқ бо онҳо нишон медиҳад, ки дар аксар маврид ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои асосӣ ва ҳассос муносибати ҳаматарафа (маҷмӯӣ) нашуда ва хулосаю назария ва фарзияҳои пешниҳодшудаи олимону муҳаққиқони соҳаҳои алоҳидаи илм, хусусан дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба аҳди бостон, ки ёдгориҳои хаттӣ аз онҳо боқӣ намондаанд, бо ҳам мувофиқат надоранд ва баъзан ноҳамоҳангию номувофиқиҳои усулӣ низ ба назар мерасанд.

Аз ҳамин сабаб гумон мекунам, ки мо имрӯз ба таҳқиқоти анҷомшуда бо нуқтаи назари танқидӣ муносибат карда, дар асоси такя ба сарчашмаҳо ва дигар ёдгориҳои мавҷуда, бо назардошти дастовардҳои соҳаҳои гуногуни илми муосир нуқтаю назарҳои дар адабиёти ориёишиносӣ баёншударо ҷамъбаст намуда, ҷараёни ташаккулу инкишоф ва таърихи пурмоҷарои гузаштаи худро воқеъбинона таҳлил намоем ва бар ҳамин асос раванди таҳаввулу такомули тамаддуни башарӣ ва мақоми тамаддунҳои маҳаллиро дар он муайян созем, метавонем пеши роҳи ҳар гуна ақидаҳои ғайриилмии бархӯрди тамаддунҳоро (назарияи С.Ҳантингтон) гирифта, дар гуфтугӯйи тамаддунҳо ва рушду инкишофи минбаъдаи онҳо дар асоси таъсири мутақобилаи тамаддунҳо дар ҷаҳони муосир саҳми арзанда гузорем.

Агар гуфтаҳои болоро ба тамаддуни ориёӣ нисбат дода, онро дар партави дастовардҳои соҳаҳои гуногуни илм, ки аз ҷониби муаррихон, фарҳангшиносон, бостоншиносон, забоншиносон, диншиносон ва ҳатто биологҳою генетикҳо, ки дар охири асри XX ба муваффақиятҳои бузурге ноил гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор диҳем, мушоҳида хоҳем кард, ки ин тамаддун таърихи дерину куҳан дошта, ҳанӯз дар ҳазораҳои 4-3 то мелод, дар саҳнаи таърих арзи вуҷуд намудааст. Он дар ҷараёни сайри тӯлонии худ дар гирудор ва гоҳ дар муколамаи фарҳангӣ бо дигар тамаддунҳои ҳамҷавори худ дар аҳди бостон ва асрҳои миёна буда, гоҳ дар дохили тамаддунҳои дигар ҳамчун ҷузъи таркибии он амал кардааст ва гоҳе ҳам дигар тамаддунҳоро тобеъ ва дар таркиби худ ҷой дода, ба ҳаёти созандаи ҷомеа мусоидат намудааст.

Таҳқиқи тамаддуни қадими ориёиро юнониён дар давраи атиқа шурӯъ карда буданд, ки аз байни онҳо Плутархро ном бурдан ҷоиз аст. Бино ба маълумоти Б. Ғафуров ва Сибукидис Д.И. Искандари Мақдунӣ ҳангоми юришаш ба Шарқ олимону донишмандони зиёдеро барои омӯзиши соҳаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои Шарқ ба артишаш ҷалб намуда буд, ки дар байни онҳо Пиррон, Анаксарха, Онсикрит, Аристобул, Птолемей ва дигарон низ буданд. Ба ҷуз инҳо муаррихони номии юнонию румӣ Ҳеродот, Арриан, Юстин, Страбон ва дигарон маълумоти гаронбаҳое дар бораи ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ додаанд.

Дар асрҳои миёна донишмандону мутафаккирони Шарқ – Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ, Табарӣ дар «Таърихи Табарӣ», Муҳаммади Шаҳристонӣ дар «Ал-милал ва-н-ниҳал», Ибни Ҷавзо дар «Ал-фарқ байн-ал-фирақ», Ибни Надим дар «Ал-феҳрист» баъзе масъалаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва афкори маънавии ориёиҳоро мавриди баррасӣ қарор дода буданд. Вале агар масъалаи таҳқиқи илмии тамаддуни ориёиҳоро ба назар гирем, олимону ховаршиносони Ғарб аз асри XVIII сар карда ба ин кор шурӯъ намудаанд, ки шояд пешсафи онҳо А.Дюперрон ва Х.В. Бартоломе бошанд.

Ба ҳар ҳол, дар давоми ду қарн дар Ғарб олимон ба таҳқиқу омӯзиши тамаддуни халқҳои Шарқ, хусусан фарҳанги моддию маънавии ориёиҳо таҳқиқоти зиёди пуразришро анҷом дода, бисёр масъалаҳои ташаккулу инкишофи тамаддуни ориёиҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додаанд. Аз байни онҳо дар ин ҷо шояд ишора ба ду асари нисбатан бузург аз аҳамият холӣ набошад. Яке аз онҳо асари 12-ҷилдаи Арнолд Тойнби «Таърихи тамаддун» мебошад, ки дар он зимни баррасии бисёр масъалаҳои тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба ҷанбаи назарии масъалаи пайдоишу инкишоф ва фурӯпошии тамаддунҳо дар арсаи таърих аҳамияти махсус дода шуда, қонуниятҳои умумӣ ва усулии инкишофи тамаддунҳоро муайян намудааст, ки ба истиснои баъзе масъалаҳои ҷузъӣ, қонуниятҳои мазкур мавриди писанди фарҳангшиносон қарор гирифтаанд.

Асари дуюм таҳқиқоти 8-ҷилди Вилл Дюрант бо номи «Таърихи тамаддун» мебошад, ки дар он муаллиф бештар ба таҳқиқи тамаддунҳои Шарқи бостон машғул шудааст. Ӯ тамоми мамолики Шарқро сафар карда, бо ёдгориҳои таърихию фарҳангии он ошноӣ пайдо намудааст ва зимни таҳқиқи тамаддунҳои Шарқу Ғарб Шарқро «гаҳвораи тамаддун» эълон кардааст. Баъди иншо шудани ин ду асари бузургу бонуфузи фарҳангшиносони маъруфи Ғарб олимону муҳаққиқон ба омӯзиши соҳаҳои гуногуни фарҳангу тамаддуни Шарқ, аз ҷумла тамаддуни ориёӣ дар мамолику кишварҳои гуногун бо суръати тамом шурӯъ намуданд ва адабиёти ориёишиносиро ба вуҷуд оварданд, ки ба гумонам ҷамъбасту арзёбии онҳо дар шароити имрӯза як амри зарурӣ ва муфиду ба маврид аст.

Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки омӯзиши тамаддунҳои аҳди бостон, аз ҷумла тамаддуни қадимаи ориёӣ бояд дар асоси

дастовардҳои бостоншиносон сурат пазирад. Дар ин маврид А. Тойнби чунин иттилоъ додааст: «Бостоншиносон муваффақ шуданд, ки осори бархе аз тамаддунҳоро масалан сумерӣ (шумерӣ), аккадӣ, фарҳанги ҳавзаи Синд, миноанӣ, мисенианӣ моянӣ ва давраи тамаддуни Шонг дар Чин, ки тамоман ба фаромӯшӣ рафта будаанд, аз зери хок берун биоваранд». Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки ин осори ҳафриётии бадастомада ба тамаддуни ориёӣ ва фарҳангҳои сарзамини ҳамҳудуди он бевосита вобаста мебошад, зеро фарҳанги ҳавзаи Синд ҷузъи таркибии тамаддуни ориёӣ аст ва тамаддуни сумерию аккадии Байнаннаҳрайн бо тамаддуни ориёии давраи иломиҳо якҷоя амал мекарданд ва ба ҳам таъсири мутақобила доштанд. Тамаддунҳои Шонг ва миноанию мисенианӣ ва моянӣ аз тамаддуни ҳиндуэронӣ (ориёӣ) нишот гирифтаанд.

Ҳамин хел ҷустуҷӯйи археологие, ки тавассути дю Лафво ва де Морган дар шаҳри қадимаи Шуш дар қисмати Эрони ғарбӣ гузаронида шуда буд, ба бисёр ҷиҳатҳои таъриху фарҳанги нахустин давлати муқтадири иломиҳо (ориёиҳо) равшанӣ андохтааст. Дар натиҷаи ҳафриётҳои бостоншиносӣ дар Герми Озорбойҷони Эрон, Келордашт, Гелон ва Урумия ашёи зиёде аз қабили зарфҳои сафолӣ, хумпораҳо, косаҳои заррин, порчаҳо, ҷому гулдонҳо пайдо шудаанд, ки аз тамаддуни қадимаи ориёиҳо шаҳодат медиҳанд.

Агар ба гуфтаҳои боло натиҷаи кори бостоншиносону муаррихони тоҷик дар даҳсолаҳои охирро изофа кунем, мебинем, ки воқеан маводи зиёде дар бораи тамаддуни бостонии ниёгони ориёии мо ҷамъоварӣ шудааст. Ман кашфиёти олимони тоҷик ва дигар бостоншиносони собиқ Иттиҳоди Шӯравиро дар назар дорам. Онҳо дар Панҷакенти бостонӣ (тамаддуни давраи сангу миси Саразм), доманакӯҳи Кабудтоғи Туркманистон (тамаддуни давраи нави сангии Ҷайтун), Олтинтеппа (тамаддуни ҳавзаи Мурғобу Марв), Намозгоҳтеппа (қисмати ғарбии дарёи Таҷан), тамаддуни археологии Марғуш-Бохтар, бошишгоҳҳо ва маҳалҳои аҳолинишин дар резишгоҳи рӯди Мурғоб (Балхоб, Самангонрӯд, Чаганрӯд, Шерободу соҳилҳои миёнаи рӯди Ому, Сафолтеппа, Ҷарқутан, Даштлӣ, тамаддуни давраи неолити Хоразми қадим (Ҷонбозқалъа, Чакил, Оқчадар, Бӯрлӣ), бошишгоҳи Сарғозон дар наздикии Самарқанд, Теппаи Ғозиёни Ҳисор ва водии он – Тутқавул, Норак, Сойи Сайёд, Дараи Шӯр,

Кангурт, Булёни Поёни ноҳияи Данғара ва Кӯлобро кашф кардаанд.

Натиҷаи ин ҳафриётҳои бостоншиносӣ ва таҳқиқотҳои рӯйи он анҷомшуда ба мо имконият медиҳанд ки дар бораи бисёр масъалаҳои матраҳшуда дар адабиёти ориёишиносӣ таҷдиди назар намуда, масъалаҳои асосии таҳаввулу такомули онро инкишоф диҳем, ба баҳсҳои ҳалталаби он равшанӣ андозем ва хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ дурусту раднопазир барорем.

Агар вусъату паҳноии интишори тамаддуни ориёиро муайян карданӣ бошем, бояд ба тамаддунҳои ҳамҷавори он дар аҳди қадим, аз тамаддунҳои мисрию бобулӣ, сумерию ошурӣ ва аккадӣ, ки ориёиҳо бо онҳо дар робитаи доимӣ будаанд ва ба якдигар таъсири мутақобилаи фарҳангӣ доштаанд, назар афканем. Зеро онҳо низ аз рӯйи пайдарҳамии ҳодисаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои фарҳанги моддиву маънавӣ бо тафовути ниҳоят ками замонӣ ташакулу инкишофи ба ориёиҳо монанд доштанд.

Ин масъаларо дар миқёси боз ҳам васеътар баррасӣ намудани бошем, бояд ба тамаддунҳои Осиёи Хурд, ҳавзаи тамаддуни баҳри Миёназамин ва дигар сарзаминҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ низ дахл намоем. Сабаби чунин муносибати густарда ба омӯзиши тамаддуни дунёи қадим пас аз даврaҳои нави сангӣ ва сангу мис (неолиту мезолит) дар ҳамин минтақа ҷамъ омада, бо ҳам омезиш ёфта буданд.

Ба ибораи дигар, қавму қабилаҳои ориёӣ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ сокин шуданд ва як қисми онҳо ба Эрони Ғарбӣ, қисми дигарашон ба Ҳинд ва гурӯҳи сеюмашон ба Осиёи Хурд муҳоҷират намуданд, тақрибан дар аввали ҳазораи 2 то мелод дар Шарқу Ғарб як қатор давлатҳои аз ҷиҳати қудрат бо ҳам баробар ба мисли Миср (шоҳии нав), давлати Митониҳо, империяҳои хетиҳо, бобулиҳо, тамаддуни миноан (дар ҷазираи Крит), мисенӣ (дар Юнон) ва давлатҳои тозабунёди Сурияву Фаластин ба вуҷуд омаданд. Аз рӯйи маълумотҳои муқоисавӣ аслу насаби таъсисдиҳандагони давлати Митониҳо дар қисмати ҷанубу шарқии Осиёи Хурд ба ҳурритҳо мерасид, ки аҷдодашон аз Бохтару Суғд ба он сарзамин муроҷиат намудаанд.

Муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки онҳо аслан эронӣ буда, дар номҳои сулолаҳои шоҳон, худоён, сулолаҳои чорводорию зироаткорӣ вожаҳои забони ҳиндуаврупоӣ истифода шудаанд.

Ҳамчунин дар русуму одати ҳурритҳо унсурҳои тамаддуни ориёӣ мушоҳида мешуданд. Инро аҳдномаҳои дар лавҳаҳои гилии аз ал-Амарнаи Миср (соли 1887) пайдошуда байни шоҳони митонӣ ва хетиҳо, мукотиботи митониён бо фиръавнҳои Миср тасдиқ мекунанд.

Осиёи Хурд ватани хетиҳо ба шумор мерафт. Онҳо бо забон ё яке аз лаҳҷаҳои ҳиндуаврупоӣ гуфтугӯ мекарданд, ниёгонашон аз канори баҳри Сиёҳ ва Арманистон ба он диёр рафта буданд. Забонашон нишонаҳои мушаххаси оилаи забонҳои ҳиндуаврупоиро дошт. Ҳафриёти анҷомшуда дар Бағозкӯй ва дигар маҳалҳои Осиёи Хурд ба он далолат мекунанд, ки хетиҳо дар охири ҳазораи 3 ва аввали ҳазораи 2 то мелод дар Осиёи Хурд давлати хурди амирнишинӣ доштанд ва решаи забонашону номи сардорашон ҳиндуаврупоӣ буд. Ба фикри муҳаққиқи рус Иванов В.В. ва дигар олимони Ғарб, хетиҳо аввалин қавмҳои ҳиндуаврупоизабон буданд, ки дар оғози ҳазораи 2 то мелод давлати мутамаркази худро ташкил дода, дар асри XVII то мелод ба самтҳои шимолу ҷануби Осиёи Хурд густариш дода, то Сурия ва Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ҳаракат карданд ва нуфузашонро аз баҳри Сиёҳ то баҳри Миёназамин тавсиа доданд. Онҳо давлати Митониҳоро мағлуб намуда, асри XIV то мелод давлати «Хети Бузургро»-ро таъсис доданд. Вале он дер давом накард ва дар садаи XII то мелод зимни муборизаҳои сиёсӣ бо мушкетҳои Фракия ва давлати Ошуриҳо аз байн рафт.

Дар ин миён давлатҳои хурди соҳибистиқлоле ба вуҷуд омаданд, ки яке аз онҳо Финикия буд. Маҳз ҳамин давлат тамоми роҳҳои дарёиро ба дасти худ гирифта, дар инкишофи тиҷорат ва интишори тамаддуну фарҳанги халқҳои Шарқи Миёна ва Наздики бостон, аз ҷумла фарҳанги ориёиро бо роҳи обӣ ба сӯйи Ғарб – Ситсилияву Сардиния ва ба воситаи ин ҷазираҳо ба нимҷазираи Балтика ва Аврупо ва дар Шарқ то Африкаи шимолӣ интиқол дод.

Мақсад аз овардани масъалаҳои баёншуда нишон додани вусъати тамаддуни ориёӣ аз Осиёи Марказӣ ба Шарқу Ғарб – кишварҳои Осиёву Аврупо мебошад. Халқҳое, ки бо забонҳои эронии қадим ва миёна, ки имрӯз аз лиҳози истеъмол забонҳои мурда ҳисоб мешаванд ва ҷойи онҳоро гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ бо марказҳои қадимаи мадании Фарғона, Хоразм, Суғд, Бохтар, Помир, Сиистон, Афғонистон ва гурӯҳи забонҳои ғарбии

эронӣ бо марказҳои мадании вилоятҳои Мод, Атротатеппа, Форс, Осиёи Хурд ва баъзе давлатҳои тозабунёди атрофи баҳри Миёназамин гирифта буд ва бо забони ҳамрешаи худ санскрит пайванди зиёд ва ҷиҳатҳои муштараки забонӣ дошт, бо кадом роҳ ва чӣ гуна ба сарзамини Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва Аврупо интишор ёфта, оилаи забонҳои ҳиндуаврупоиро ташкил додааст.

Ба ин масъала боз амиқтар назар афканем, мебинем, ки умумияти забонӣ танҳо нишонаи интишори ин халқҳо ба Осиёву Аврупо набудааст, балки аз роҳи забон қавму қабилаҳои ориёӣ ба сарзамину кишварҳои ёдшуда тарзи зиндагиву рӯзгор, русуму одат, эътиқодоти динӣ ва ҳатто донишу таҷрибаи муҳандисӣ аз қабили тарзи истихроҷ, истифода ва коркарди филизот (мис, биринҷӣ, қалъ, оҳан ва ғайра), воситаҳои нақлиёт ва аробаҳои ҷангӣ, зироаткорӣ (парвариши растаниҳои хӯшадор), чорводорӣ (парвариши гову асп) ва «тамаддуни лабанӣ» (ром кардани ҳайвонот, ширҷӯшӣ ва омода намудани ғизои ширӣ)-ро ҳамроҳи худ бурдаанд.

Муҳаққиқи шинохтаи Эрон Саидҳусайни Наср ҳамин масъаларо дар мисоли дин чунин тасвир намудааст: «Ақвоме, ки дар сарзамини дурдасти Ҳинд ва шимоли Аврупо мустақар шуданд, ба ориёиҳо шуҳрат ёфтанд ва номашонро ба кишварҳое чун Эрону Ирланд бахшиданд, на танҳо қаробати забонии бисёр бо ҳам доранд, балки дар тӯли қуруну аъсор аз адёне пайравӣ кардаанд, ки аз як хонаводаанд ва аз ҳамин ҷиҳат бисёр ба ҳам шабоҳат доранд. Ин адён дар тайфи васеъе қарор доранд ва адёне чун ҳинду, буддоӣ ва оини ҷайн (ҷайнизм) ва адёни эронӣ монанди митраизм, зардуштӣ ва монӣ то адёни юнониву румӣ, билохира адёни германҳои (олмониҳои) бостон, адёни келтро дар бар мегиранд».

Дар ин ҷо ба гумонам боз чунин нуктаро қайд намудан зарур аст, ки роҳи интишори дар боло баёншудаи қабилаҳои ориёӣ ба Ғарб низ роҳи ягона набудааст. Ба ҷуз роҳи баҳрӣ роҳи дигари ба воситаи хушкӣ ба Ғарб интишор ёфтани ориёиҳо низ ҷой доштааст. Дар шарҳи ин масъала мо бояд ду омилро ба назар гирем. Аввалан, ҳанӯз дар ҳазораи 3-2 то мелод дар қисми ҷанубии Россия қабилаҳои ориёӣ ба чорводорию зироаткорӣ машғул будаанд ва аз рӯйи бозёфтҳои археологӣ дар минтақаҳои Уралу Қрим ва Курск бештар галадорию асппарварӣ мущоҳида мешуд. Тибқи маълумоти бостоншиносон дар Донетск фарҳанги

Катакомба, дар ҷануби Урал фарҳанги Аркаим-Синтошӣ, ки баъдтар (асрҳои XVII-XV то мелод) ба қисмати шимоли Қазоқистон паҳн шуда буд, амал мекарданд. Дар ҳудуди саҳроҳои Сибири ғарбӣ, Урали ҷанубӣ ва Олтою Қазоқистон дар садаи XV то мелод фарҳанги бумии адроновӣ паҳн шуда буд, дар ҳудуди Дон то Урал бошад, фарҳанги Срубу андроновӣ ва дар ноҳияи Арал фарҳанги Тозабағой ташаккул ёфта буданд, ки муҳаққиқони рус Кузмина Е.Е., Массон В.М. ва дигарон дар асоси таҳлили амиқи маводи бадастомада ориёӣ будани аҳолии минтақаҳои мазкурро собит намудаанд.

Табиист, ки дар чунин масоҳати миқёсан бузург ҷорӣ шудани тамаддуни ориёӣ интишори он ба воситаи рӯди Дунай ва шохобҳои он ба Аврупо як ҳодисаи маъмули он давру замон ба шумор мерафт. Тамаддуни ориёӣ ба Ғарб аз ҳамин тариқ то Олмону Британиё ва нимҷазираи Скандинавия пеш рафт. Бешубҳа, дигар роҳҳои интишори тамаддуни ориёӣ ба Ғарб низ вуҷуд доштанд, ки масири онҳо ҳанӯз ба таври мушаххас маълум нест ва фикр мекунам, ки ин масъала яке аз масоили муҳими мавриди баррасии муҳаққиқони оянда хоҳад буд.

Як нуктаи муҳими дигари интишори ориёиҳо ба Ғарбро низ дар ин ҷо таъкид кардан мехоҳам. Маълум аст, ки юнониҳо худро ҳамчун халқи мутамаддин «эллин» мехонданд ва ба мардуми Шарқ ҳамчун «барбарҳо» худро муқобил мегузоштанд. Дар аввали ҳазораи 2 то мелод дар сарзамини Юнон қабилаҳои мухталиф дар сатҳи гуногуни тараққиёт мезистанд. Дар соҳаи кишоварзии он таъсири тамаддуни Крит эҳсос мешуд, дар дигар соҳаҳои фарҳанги моддиву маънавӣ унсурҳои дигар халқҳо ба назар мерасад. Дар аввалҳои ҳазораи 1 то мелод Юнон маҳалли барҳӯрди панҷ тамаддуни гуногун (критӣ, макинеӣ, дудӣ, охаӣ ва шарқӣ) қарор гирифт. Тамаддуни шарқӣ дар натиҷаи робитаи тӯлонии Юнон бо ориёиҳои муқими қисми ҷанубии Осиёи Хурд ва ҷангҳои пайдарпайи Куруши Кабир, Доро ва Хишоёршоҳ бо Юнон, ки бо тасхири як қатор шаҳрҳои Юнон то ҳудуди Мақдуния анҷомид, ба ин кишвар интишор ёфта буд. Чун юнониён барои ҷазби унсурҳои тозаи ҳар тамаддун аз ҳар гуна фурсати бавуҷудомада моҳирона истифода мебурданд, бо бисёр аслҳои тамаддунҳои мазкур, аз ҷумла тамаддуни ориёӣ, мероси чандҳазорсолаи фарҳанги моддию маънавии онҳо шиносоӣ пайдо намуда, унсурҳои онро қабул намуданд ва дар замони

Афлотуну Арасту тамаддуни овозадори худро сомон доданд. Ин тамаддуни юнонии таъсиргирифта аз тамаддунҳои шарқӣ баъди истилои Искандари Мақдунӣ ба Шарқ омезиши бештаре пайдо карда, тамаддуни «хеллинизм» («юнонимаобӣ»)-ро ба вуҷуд овард ва аз тариқи Рим ба мамолики Ғарб интишор ёфт.

Ман дар ин ҷо ба таҳлили ин ҳодисаи муҳими фарҳангӣ, ки моҳиятан тамаддуни дурагаи юнониву осиёӣ (шарқиро) ба вуҷуд овард, таваққуф намуданӣ нестам. Ин вазифаи фарҳангшиносони мо аст. Ман фақат чунин нуктаро қайд карданиам, ки ҳамаи масоили дар боло баёншуда вусъати тамаддуни ориёӣ дар аҳди қадимро дар пеши назари мо ҳувайдо месозанд. Бинобар қадимӣ будан, дар миқёси ниҳоят бузург фаъолият доштан, таърихи сиёсии печидаву пурмоҷаро доштани ин тамаддун ҳанӯз бисёр масъалаҳои он, махсусан масоиле, ки ба аҳди қадим мансубанд ва ёдгориҳои хаттию шайъии он давра то ба рӯзгори мо нарасидаанд, инчунин фаъолияти тамаддуни ориёӣ дар даврањои гуногуни таърихӣ то замони мо ба таври бояду шояд маълуму мушаххас нагардидаанд.

Аз ин рӯ, ман соли 2006-ро «Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ» эълон намудам ва хостам, ки дар давраи истиқлолияти давлатӣ ба таърихи пуршӯру овозадори ниёгонамон аз сохти давлатдории аввалин шаҳриёрони пешдодию каёнӣ сар карда ба марҳилаҳои муҳиму мухталифи оини хештандорӣ ва умури ватанпарварии миллатамон муроҷиат намоем ва аз ҳама муҳимаш, ба ташаккулу инкишофи фарҳанги моддию маънавии тамаддуни ориёии худ назар андозем ва бар ҳамин мабно ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии худро ба роҳ монем.

Чунонки дар урфият мегӯянд, ҳар як шахс бояд аз ҳафт пушти худ огоҳ бошад, то дар ҳамаи соҳаҳои зиндагиву фаъолияти худ огоҳона амал намуда, зиндагии созандаи худро пеш барад. Мо ин андарзи халқи худро ба зиндагиву рӯзгори миллати худ татбиқ намуданӣ бошем, бояд онро каме таъғйир дода, бигӯем, ки ҳар як халқу миллат бояд таърихи гузаштаи худ, ҳаёти моддию маънавии худро он тавре ки ҳаст, бидонад ва бо истинод ба ин шиносоӣ ҳаёти иҷтимоии худро пеш барад. Бидуни маърифати таърихи халқи худ, такя ба маънавиёти пурғановати гузашта ва истифода аз анъанаву суннатҳои дар тӯли ҳазорсолаҳо ташаккулёфта, ки дар паси пардаи онҳо ҳаёти

иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавии ҳар халқу миллат ниҳон аст, ба муваффақият ноил шудан амри маҳол аст.

Таърихи ҳар як халқу миллат пур аз воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ҳар давлате, ки дар саҳнаи таърих пайдо шуда, барои нишон додани нуфузу қудрати худ ва бо мақсади тасхири давлати дигар иқдом мекунад, муносибати ғолибу мағлубро ба вуҷуд меорад. Чунин муносибат дар аҳди қадим ҳангоми ба вуҷуд омадани аввалин империяҳо арзи вуҷуд намуда буд ва пуркудраттарин давлатҳову империяҳое, ки дар бомдоди таърих ба вуҷуд омада буданд (сумериҳо, бобулиён, мисриҳо, ошуриён, иломиён, ҳахоманишиён ва ғайра) барои ба даст овардани зимоми қудрат чандин шаҳрҳову ноҳияҳоро бо аҳолиаш несту нобуд карданд. Вале ба амри таърих худи ҳамин империяҳои дорои аҳамияти ҷаҳонӣ аввал аз дохил футур рафта, баъд туъмаи қудрати давлатҳои дигар шуданд.

Чунин муносибати ғолибу мағлуб дар асрҳои миёна низ ҷой дошт ва гумон мекунам, ки он дар ҳар давру замон вобаста ба пайдоиши шароити мусоид рух дода метавонад. Мисоли онро мо дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар асри гузашта дида метавонем. Ин ҷанги хонумонсӯз бадбахтиҳои зиёдеро ба сари халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла тоҷикон ва халқҳои Аврупо овард. Барои ҳамин ҳам гузаштаро омӯхта аз он сабақ гирифта тавонистан ва унсуру анъанаҳои неки онро дар умури давлатдорӣ истифода кардан яке аз сабабҳои пешрафти давлат ва ободии ҷамъият мегардад. Зеро мо медонем, ки дар ҳар ҷомеа «шуури таърихӣ» вуҷуд дорад ва он дер ё зуд таърихи зимомадорону мулукони худро воқеъбинона таҳлилу баррасӣ намуда, ба он баҳои шоиставу ҳаққонӣ медиҳад. Ин ҳукми таърих аст, ки бо мурури замон ҳақиқатро ошкор мекунад.

Масъалаи дигаре, ки дар ин ҷо қайд намудани онро ҷоиз медонам, ба давомияти тамаддуни ориёӣ марбут аст. Ба назари баъзеҳо ниёгони мо то давраи истилои арабҳо дар фазои фарҳангу тамаддуни ориёӣ зиндагӣ мекарданд, пайрави беҳтарин анъанаву суннатҳои ориёӣ буданд ва маънавиёти ориёиро пайваста инкишоф медоданд, вале баъди ҷорӣ шудани дини ислом гӯё тамаддуни ориёӣ аз байн рафта бошад.

Чунин маънидод намудани масъала, ба назари ман, комилан иштибоҳ аст. То он замоне, ки ҳомилони воқеии ҳар тамаддун вуҷуд доранд, тамаддуни он халқ низ аз байн нахоҳад рафт.

Бинобар он баъди ҷорӣ шудани дини ислом тамаддуни ориёӣ на фақат боқӣ монд, балки он бо унсурҳои тозаи «тамаддуни исломӣ» ғанӣ гардид ва дар навбати худ, ба тамаддуни исломӣ таъсири муассире расонд.

Қайд намудан зарур аст, ки бо ҷорӣ шудани дини ислом дар замони ҳукмронии хулафои рошидин дар қаламрави хилофат мактабу марказҳои гуногуни мазҳабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ пайдо шуданд. Мактаби илмию тиббии «Гунди Шопур» дар Хузистон амал мекард, китобҳои зиёде аз забонҳои юнонӣ, ҳиндӣ, суриёнӣ ва ғайра тарҷума шуданд. Дар ҳамин замина олимону мутафаккирони тоҷику форс мисли Форобию Берунӣ, Рӯдакию Ибни Сино ба офаридани осори илмиву фалсафӣ ва адабӣ пардохтанд. Таълимоти дини ислом низ дар ин давра инкишоф ёфта аз пиндору тахайюл то ба дараҷаи мантиқу тааққул сабзида расид. Ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои ғоявӣ дар дохили дини ислом ба мисли «асҳоби раъй», муътазила, хориҷия, шиа ва ғайра минбаъд боиси ба вуҷуд омадани илми калом гардид.

Ба ибораи дигар, бо ҷорӣ шудани дини мубини ислом «тамаддуни исломӣ» низ ба вуҷуд омад, ки дар дохили он якчанд тамаддунҳои халқҳои маскун дар қаламрави хилофат амал мекарданд. Чунин ҳодиса қаблан низ собиқа доштааст. Масалан, вақте Иломиён давлатҳои сумерию бобулиро тасхир карданд, дар дохили тамаддуни иломӣ, ки давлати мутамаркази ориёиён дар сапедадами таърих ба шумор меравад, тамаддуни шумериву бобулӣ амал мекарданд ва баръакс, ҳангоме, ки Ошур Банипал давлатҳои воқеъ дар Байнаннаҳрайн ва Иломро забт намуд, дар дохили тамаддуни бобулиҳо тамаддунҳои аккадӣ, хетӣ ва иломӣ амал мекарданд. Чунин таркибот дар давраи «ҳеллинизм» баъди мамолики Шарқро ишғол намудани Искандари Мақдунӣ ба вуҷуд омада буд. Бесабаб нест, ки баъзе муҳаққиқон тамаддуни аҳди аввали исломро ба давраи «ҳеллинизм» монанд кардаанд, вале Искандари Мақдунӣ ба сарзамини Шарқ динро наоварда буд, аз ин рӯ, шояд чунин муқоиса он қадар ҷоиз набошад. Вале чунин нуктаро қайд намудан зарур аст, ки дар таҳаввулу инкишофи фарҳанги исломӣ ва рушду нумӯи илму адабу фарҳанги он тамаддуни ориёӣ, ки аз тафаккури аҳди қадим бархӯрдор буд, нақши фаъол дошт. Намояндагони он дар ташаккули маънавиёти ислом ва ташкили мактабҳои илмиву фарҳангии суриёниву искандаронӣ, Байт-ул-ҳикмат ва ташкили

мадрасаҳои «Низомия» дар саросари хилофат фаъолона ширкат варзида, дар соҳаҳои гуногуни илм осори гаронбаҳо офариданд. Дар замони ба вуҷуд омадани аввалин давлатҳои тоҷикон – Тоҳириён, Саффориён ва Оли Сомон дар Мовароуннаҳр эҳёи маънавӣ бо номи растохези Аҷам сурат гирифт. Имрӯз шеърҳои Рӯдакиву достонҳои Фирдавсӣ, ғазалиёти Ҳофиз, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдиву эҷодиёти Ҷомиро, ки нашъаи тамаддуни ориёӣ доранд, тамоми ҷаҳон бо ифтихор ба забон меоранд. Дар соҳаҳои гуногуни илму ирфон низ халқҳои тоҷику форс саҳми арзанда гузоштаанд.

Ман вориди ҷузъиёти ин масъала нашуда, фақат чунин нуктаро қайд карданиам, ки мо ҳар чи бештар мероси пурғановати маънавии гузаштаро омӯзем, ҳамон қадар ба насли ояндаи худ ғизои маънавӣ мебахшем. Зеро аз чунин як чашмандози таърихӣ маълум мешавад, ки тамаддуни ориёии мо чашмаи ҷӯшоне будааст, ки аз оби мусаффои он бисёр халқҳои ҷаҳон шодоб гардидаанд.

Барои онҳое, ки аз асли масъала дуранд ё ғаразолуд муҳокима меронанд, иқдоми мо шояд қобили дарк набошад.Вале ман асари мазкурро ба хотири аз гузаштаи пурифтихор ва фарҳанги гаронбаҳои ниёгонамон ҷудо нашудани насли ояндa иншо кардам. Дар ин ҷо муқобилгузории миллати мо ба халқҳои дигар нест, ҷойи ғуруре ҳам нест, балки ифтихор аст. Ифтихор аз созандагӣ, аз истиқлол. Ин қарзест барои наслҳои ояндa ва ҷавонони имрӯзаи мо!

БОБИ АВВАЛ

МУРУРЕ БА САРОҒОЗИ ТАЪРИХ ВА ФАРҲАНГИ ОРИЁИҲО

1.ҲИНДУАВРУПОИҲО

Фарҳанги ниҳоят рангин ва нотакрори ҷаҳони муосир маҳсулу офаридаи халқ ё миллати ҷудогона, мамлакат ё кишвари мушаххас набуда, дастранҷи мубориза ва кӯшишҳои хастанопазири тамоми мардуми ҷаҳон аст. Ғаномандӣ ва зебоии фарҳанги муосир марбути он аст, ки ҳар қавму халқ, миллат дар тӯли таърих роҳи мушаххаси худро паймуда, дар фарозу нишеби зиндагӣ асолату ҳувияти собит ва соҳиби расму анъана ва суннатҳои нотакрори худ мегардад, ба забони хеш такаллум мекунад ва ганҷинаҳои арзишманд эҷод менамояд ва дар ташаккули фарҳанги бузурги инсонӣ саҳми худро мегузорад.

Мутахассисон теъдоди забонҳои халқҳою қавмҳои ҷаҳонро байни 4 то 5 ҳазор тахмин кардаанд[1]. Ҳар яке аз онҳо мисли фарҳангашон, сарфи назар аз замони пайдоиши худ ва таъсир дар умури муосир, саҳифаҳои гаронбаҳо ва қисми таркибии таърихи инсоният буда, манзараи умумӣ ва рангоранги ҷаҳони маънавии халқҳоро инъикос мекунанд.

Барои шинохти айнӣ ва дурусти тамаддунҳо ва таҳаввулу нақши онҳо дар ташаккули қавму миллатҳо решаҳои қавмӣ ва забонии онҳоро муайян кардан муҳим аст. Зеро маҳз ба ҳамин восита наздикию хешутабории қавмҳою халқҳо ва таърихи инкишофи забонҳои онҳоро фаҳмидан имконпазир мебошад. Бинобар ин, ба назари мо мурурe ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ зарур аст, зеро он таърихи дури халқҳои

[1] Хонаводаи ҳиндуаврупоӣ ҳудуди 45 фоизи аҳолии заминро ташкил медиҳад. (Советский энциклопедический словарь. М., 1979, – С. 1586).

ориётаборро беҳтар муаррифӣ менамояд ва пайвандҳои онҳоро бештар аз падидаҳои дигари таърихӣ нишон медиҳад.

Хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ аз ҷумлаи бузургтарин хонаводаҳои забонии ҷаҳон буда, таърих ва таркибу сохти он беш аз ҳама мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мувофиқи таҳқиқоти ҷадид дар ҳудуди ҳазораи панҷуми пеш аз мелод модарзабони ибтидоии воҳиду ягонаи ҳиндуаврупоӣ арзи вуҷуд карда, баъдан ба гурӯҳҳо тақсим шудааст.[1] Нишонаҳои умумии забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки аз хонаводаҳои забонҳои дигар фарқ доранд, мавҷудияти муносибати наздик ва робитаи раднопазири зоҳирии ин хонаводаи забонҳоро дар зинаҳои гуногуни инкишофашон нишон медиҳанд.

Умумияти шабоҳат ва иттиҳоду пайвастагиҳои он касро ба фикре водор мекунад, ки замоне забони ягона ва воҳиди ҳиндуаврупоӣ мавҷуд буда, сарчашмаи шабоҳату наздикии забонҳои ҳиндуаврупоии муосир ҳамон забони воҳиди ҳидуаврупоист. Гурӯҳи забонҳо барои он хонавода номида мешавад, ки сохтори дохилии онҳо ва ба хусус грамматика ба лексикаашон шабоҳати возеҳ доранд. Ба ифодаи яке аз мутахассисони маъруфи забоншиносии муқоисавӣ, донишманди франсавӣ Антуан Мейе ду забон дар он ҳолат хешованд гуфта мешавад, ки натиҷаи инкишофи мустақили ҳар яке аз онҳо забоне бошад, ки пештар бо ин гуфтугӯ мекарданд. Маҷмӯи забонҳои хешованд бо номи хонаводаи забонҳо ёд мешавад. Масалан, забони франсавӣ ва форсии ҷадид забонҳои хешованд буда, ҳардуи онҳо шаклҳои гуногуни забони хонаводаи ҳиндуаврупоӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат, мафҳуми хешовандии забонҳо мутлақ буда, онҳоро ба зинаҳои гуногун тақсим намекунад.[2]

Мутахассисони забоншиносии муқоисавӣ дар таркиби луғавии гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шабоҳату наздикии фаровон кашф кардаанд. Чунин шабоҳат тамоми бахшҳои забон, яъне фонетика, морфология ва грамматикаро дар бар мегирад. Аз ин ҷиҳат мутахассисон чунин ақида доранд, ки дар ҳудуди ҳазораҳои V-IV пеш аз мелод забони ҳиндуаврупоӣ қабл аз тақсими он ба шохаҳо забони воҳиде будааст. Дар асрҳои XVIII-

[1] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов ВВ.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. В двух томах. Т.II., Тбилиси, 1984, – С. 891.

[2] *Мейе А.* Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков. М. – Л., 1938. – С. 50-51.

XIX мелодӣ аксари ақидаҳо чунин буданд, ки Осиё ва танҳо ватани хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоиҳо аст, балки бештари мардуми ҷаҳон низ аз ин минтақа барҳоста, решаи тамаддуни ҷаҳон низ дар ҳамин маҳал қарор дорад. Масалан, Адолф Пикте соли 1859 дар асоси муқоисаи вожаҳои хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, аз ҷумла, калимаи англисии dirch, олмонии dirke, славянии куҳани dreza, derzes (береста ва березаи имрӯза) ва санскрити dhuria (бурҷ ё бурси тоҷикии имрӯза) ба чунин натиҷа расидааст, ки дар атрофи маҳалли нахустини сукунати ин хонаводаи ҳиндуаврупоӣ дарахти тӯс ва бурс беш аз ҳама ба мушоҳида мерасидааст. Аз ин ҷиҳат маҳалли сукунати ибтидоии хонаводаи ҳиндуаврупоӣ ва модарзабони онро Бохтар (Бактрия) муайян кардааст.[1] Гурӯҳи дигар музофоти Гансуи Хитойро чунин маҳал донистаанд.[2] Ақидаҳои дигар низ дар ин бора вуҷуд доранд ва табиист, ки таҳқиқоти давомдори олимони кишварҳои Ғарбу Шарқ амри зарурист.

Агар пажӯҳишҳои чанд садаи охирро мавриди омӯзиш қарор диҳем, онҳоро ба ду даста тақсим кардан мумкин аст.

1. Забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ чи дар гузашта ва чи дар имрӯз дорои нукоти мухталифи хешовандӣ ва шабоҳат мебошанд. Масалан, калимаи чарх дар забони лотинӣ rota, ирландии бостон roth, олмонии бостон rad, литвонӣ ratas, дар забони санскрит rathas ва дар забони авестоӣ zasa,[3] буда, аз решаи reth (давидан, гурез; калимаи гурехтани тоҷикӣ низ аз ҳамин реша аст) сарчашма мегирад.[4] Муаллифи русӣ Ставиский Б.Я. шабоҳати забонҳои ҳиндуаврупоиро дар даврони муосир таҳлил карда, аз ҷумла менависад, ки дуи тоҷикӣ бо дваи русӣ, duo-и лотинӣ ва two-и англисӣ ҳамоҳанг аст. Модар, падар ва бародари тоҷикӣ бо mother, father, drother-и англисӣ, mutter, vater, drudet-и олмонӣ ва бо mater, pater-и лотинӣ шабоҳати комил дорад.[5]

Забоншиносии муқоисавӣ дар нимаи аввали асри XIX падид омад. Аввалин шахсе, ки забони санскритро омӯхта, дар ҷустуҷӯйи асоси забонҳои ҳиндуаврупоӣ онро бо забонҳои

---

[1] Се гуфтор дар бораи ориёиён. Теҳрон, 1353. – С. 24.

[2] *Фрай Р.* Наследие Центральной Азии. Душанбе, 2000 – С. 41.

[3] Дар Авесто сарзамини ориёиён Хванираса ном дошта, сарзамини дорандаи дучархаҳои дурахшон маънӣ медиҳад.

[4] *Мейе А.* Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков. – С. 402.

[5] *Ставиский Б.Я., Яценко С.А.* Искусство и культура древних иранцев. М., 2002. – С.14.

лотинӣ, юнонӣ, форсӣ ва олмонӣ муқоиса карда, шабоҳати сарфу наҳви онҳоро нишон дод ва асоси забоншиносии илмиро поягузорӣ кард, Франс Бопп буд. Вай забони санскритро бо забонҳои дигари Аврупои ғарбӣ муқоиса карда, то соли 1849 чандин асар эҷод намуд.[1] Дар таҳқиқоти ӯ забони санскрит мавқеи марказӣ ишғол намуда, ҷанбаҳои гуногуни он бо забонҳои зиндаи имрӯзаи Аврупо муқоиса мегардиданд.

Ҷустуҷӯю пажӯҳишҳо, ки баъд аз Бопп доманаи васеъ пайдо карданд, нишон доданд, ки забони санскрит бо забонҳои аврупоӣ шабоҳату наздикии фаровон дошта, бисёр хусусиятҳо ва хислату табиати шахси аврупоӣ низ ба ҳомилони забони санскрит монандиҳои зиёде дорад. Дар ин давра дар Аврупо таваҷҷуҳ ба забони тамаддуни ориёиҳо ба хусус сарзамини бостонии Ҳинд ниҳоят афзуда, таҳқиқот дар риштаҳои гуногун вусъат пайдо кард ва дар ин замина теъдоди зиёди китобҳо нашр шуданд. Чун ҳиндуҳо ориёӣ буда, тамаддунашон низ ориёӣ буд, муҳаққиқони аврупоӣ дар асоси шабоҳатҳои маданӣ чунин пиндоштанд, ки тамоми халқҳои хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансуб ба ин қавм мебошанд. Онҳо чунин фикр мекарданд, ки ҳиндуҳо сокинони асил ва ибтидоии нимҷазираи Ҳиндустон буда, дар он ҷо аз аввал чунин фарҳанги ғаниро поягузорӣ кардаанд.

Ҳиндушиноси маъруфи олмонӣ Макс Мюллер,ки давомдиҳандаи корҳои Ф.Бопп буда, дар ин замина таҳқиқоти пуразиш анҷом додааст, чунин навишта буд: «омӯзиши маданияти Ҳинд марзи шуури таърихии моро васеъ карда, ёддоштҳои ҷавонии моро, ки қариб буд, тамоман аз байн раванд эҳё намуд…. Мо ҳама аз Шарқ омадаем. Он арзишҳои асосие, ки мо дорем, бо мо аз Шарқ омадаанд ва акнун ба Шарқ рӯй оварда, ҳар яке чунин ҳис мекунем, ки ба «хонаи қадим»-и саршор аз ёддоштҳо, ба шарте, ки вай рамзҳои ин ёддоштҳоро кушояд ва шарҳ диҳад бармегардем».[2] Карл Маркс низ Ҳиндустонро гаҳвораи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дониста буд. Дар ин давра дар Аврупо, тавре ки дар боло зикр гардид, теъдоди зиёди таҳқиқот сурат гирифта, дар онҳо ватани ибтидоии хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дар ҳудуди Ҳинд ва минтақаҳои атрофи он ҷой дода шуданд. Таҳқиқоти дуҷилдаи пуразиши донишманди

[1] *Мейе А.* Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков. – С. 448-450.
[2] *Лысенко В.Г.* Философия природы в Индии атомизм, школы вайшешика. М., 1986. – С.10-11.

олмонӣ Франсуа Ленорманн аз ҷумлаи онҳост.[1] Вай дар ин асри худ сарзамини Бохтарро маҳду гаҳвораи ориёиҳо, яъне тамоми хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дониста, ҳар яке аз халқҳои имрӯзаи Аврупоро дар ин ҷо ҷой медиҳад ва ҳудуди зиндагии ҳар яке аз онҳоро дар ин минтақа муайян мекунад ва тарзу усули зиндагии иҷтимоии онҳоро шарҳ медиҳад.[2]

Ин ақида, ки Ҳинд гаҳвораи хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ аст, то охири асри XIX ва авали асри XX ҳукмрон буд. Дар ин давра худи забоншиносии муқоисавӣ ва таъриху бостоншиносӣ ба исбот расонидаанд, ки ҳиндуҳо сокини асил ва таҳҷойии нимҷазираи Ҳиндустон набуда, худи онҳо замоне пеш дар ин сарзамин маскан ихтиёр кардаанд.[3] Донишманди рус княз Максутов В.П. дар аввали асри XX менависад: «фарзияи маъруфи зуҳури осиёгии ориёиҳо, гузаштагони мо, то ҳоло дар андешаҳои олимон аст. Вале зидди он садоҳои зиёде баланд мешаванд. Масалан, онҳо мегӯянд, ки дар забони ориёиҳо (Аврупо) номи бисёр ҳайвоноти осиёӣ вуҷуд надошта, баръакс ҷойи онҳоро номи бисёр ашёҳое гирифтааст, ки фақат дар Аврупо мавҷуд аст».[4]

Пажӯҳишҳои фаровоне, ки дар ин замина ба хусус дар забоншиносии муқоисавӣ анҷом дода шуданд, дар баробари мушобеҳат, тафовути куллии гурӯҳи забонҳои ғарбӣ ва шарқии хонаводаи ҳиндуаврупоиро нишон доданд. Донишманди маъруфи рус Дяконов И.М. ҳолати он давраи илм дар Аврупоро тасвир карда, дар ин бобат чунин менависад: «номи ҳиндуҳои бостон, ки худро аря (arya) меномиданд, ба ҳамаи халқҳо – ҳомилони забонҳои ҳиндуаврупоӣ интиқол пайдо карда буд. Баъдтар маълум гардид, ки Ҳиндустон ватани ибтидоии ҳиндуаврупоиҳо набуда, баръакс, худи онҳо (яъне ҳиндуҳо) замоне нисбатан пештар ба он ҷо рафтанд ва забони санскрит ҳеҷ гоҳ модарзабони тамоми хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шуда наметавонад.[5]

Дар нимаи аввали асри гузашта фашистони Германия ба ин истилоҳ тобиши нажодӣ дода, ба сиёсати ҷангҷӯёна ва қатли оми миллионҳо мардуми бегуноҳи Аврупо ин номро бадном ва беобрӯ

---

[1] *Ленорманн Ф.* Руководство к древней истории Востока до персидских войн. В двух томах Т.II. Киев, 1876.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 125.
[3] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. Т.II.– С.960.Дьяконов И.М., История Мидии М.–Л., 1951. – С. 147.
[4] *Максутов В.П.* История древного Востока. Санкт-Петербург, 1905.– С. 354.
[5] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 146.

сохтанд. Тавре ки Антуан Мейе менависад, дар Олмони фашистӣ истилоҳи arisch дар мафҳуми ҳиндуэронӣ истифода мегардид, ки комилан қобили қабул нест. Азбаски Антуан Мейе – узви Академияи Франсия асари маъруфи худро зоҳиран, дар солҳои зуҳури режими фашистӣ навишта буд, дар ин мавзӯъ беш аз гуфтаҳои боло чизе нагуфта фақат илова кардааст, ки ба хотири гурез аз ғалатфаҳмӣ, дар асари худ аз истифодаи калимаи аря худдорӣ мекунад.[1] Дьяконов И.М. фикри донишманди франсавиро чунин идома медиҳад: «баъдан истилоҳи ориёиро фашизми Олмон ғасб карда, ба он обуранги нажодпарастӣ бахшид. Чунин масъалагузорӣ комилан мухолифи табиати илм аст».[2]

Аз замони пайдоиши илми забоншиносии муқоисавӣ, ки дар асоси муқоисаи забонҳои ба ҳам наздики бостонӣ, ба таърихи дури халқҳои марбут равшанӣ меандозад, дар бораи маҳалли пайдоиш ва ватани модарзабони ҳиндуаврупоӣ фикру мулоҳизаҳои гуногун матраҳ гардидааст.

Тавре, ки Ҷ.П.Меллори устоди Донишгоҳи Калифорния (ИМА) менависад, яке аз хизматҳои бузурги забоншиносии муқоисавӣ ҷустуҷӯ ва пай бурдан аз вуҷуди хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ буд.[3] Забонҳои ин хонавода бо ҳам ончунон наздик ҳастанд, ки муқоисаи онҳо аз даврони пешини таърих шурӯъ шудааст. Масалан, Гералд Компренис (солҳои 1142–1220) забонҳои корнуэлӣ ва бретониро бо ҳам муқоиса карда, ба чунин натиҷа расида буд, ки онҳо аз решаи забони британӣ ба вуҷуд омада, бо забонҳои лотинӣ ва юнонӣ ҳам мушобеҳат доранд.[4]

Бо пайдоиши дини насронӣ эътиқод ба решаи воҳиди забонҳо бештар гардида, забони ибриро модари тамоми забонҳо медонистанд. Файласуфи машҳури немис Готфрид Лейбнитс боварӣ дошт, ки тамоми забонҳои ҷаҳон решаи воҳид доранд. Вай андешаи модари тамоми забонҳо будани забони ибриро рад карда, муътақид буд, ки ҳамаи мардуми ҷаҳон аз Осиё бархостаанд».[5]

---

[1] *Мейе А.* Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков. – С. 88.
[2] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 147.
[3] Се гуфтор дар бораи ориёиён. – Теҳрон, 1353. – С. 11.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 14.
[5] Ҳамон ҷо. – С. 14.

Омӯзиши илмии забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва грамматикаи муқоисавии ин гурӯҳи забонҳо ба ақидаи А.Мейе дар соли 1816 бо нашри китоби Ф.Бопп «Дар бораи системаи тасрифи санскрит дар муқоиса бо тасрифи забонҳои юнонӣ, лотинӣ, форсӣ ва олмонӣ» оғоз гардид».[1] Мавҷудияти гурӯҳи алоҳидаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мантиқан мавҷудияти забон ва ҷустуҷӯйи маҳалро пеш гузошт, ки намояндагони мухталифи ин гурӯҳи забонҳо замоне дар он ҷо зиндагӣ карда, бо он гап мезаданд. Масъалаи забони асилу ягонаи ҳиндуаврупоӣ ва маҳалли зиндагии муштараки онҳо бори аввал аз ҷониби Август Шлейхер гузошта шуд.[2]

Дере нагузашта мубоҳиса дар атрофи проблемаҳои хусусиятҳои модарзабони муштараки ҳиндуаврупоӣ ва пайдо кардани ватани ибтидоии онҳо домани ниҳоят васеъ пайдо кард. Кӯшиш барои равшан кардани гузаштаи дур ва мубоҳиса дар атрофи модарзабонӣ ва ватани нахустини қабилаи бузурги ҳиндуаврупоӣ миқдори зиёди бетарафонро водор ба омӯзиши забонҳо ва бостоншиносӣ карда, шӯру шавқи беандозае ба вуҷуд овард. Ҳар олим соҳаи мавриди алоқаи худро таҳқиқ карда, фикру андешаҳои хешро дар бораи проблемаҳои номбаршуда баён медошт.

Масалан, ба фикри Фредерик Шлегел (солҳои 1772-1829) сарзамини ибтидоии нашъунамои модарзабони ҳиндуаврупоӣ кишвари Ҳинд аст. Ӯ забони кадимаи ҳиндиро, ки аз юнонӣ ва лотинӣ бостонитар аст, решаи ҳамаи забонҳо пиндошта, чунин навишта буд: «шимолу ғарби Ҳиндустон бояд ба унвони марказе, ки аз он ҷо решаи ҳамаи миллатҳо муштарак шудааст, баррасӣ шавад».[3]

Дар асрҳои XVIII-XIX аксари муҳаққиқон дар Аврупо муътақид буданд, ки сарзамини модарзабони ҳиндуаврупоӣ Осиёи Марказӣ, Бохтар ва Ҳиндустон аст.[4] Аммо донишманди асри X1X немис Франсуа Ленорманн сарзамини Бохтар ва гирду атрофи онро ватани аввалини қабилаҳои ҳиндуаврупоӣ медонад.[5]

---

[1] *Мейе А.* Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков. – С. 9.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 10.
[3] Се гуфтор дар барои ориёиён, Теҳрон.1353 – С. 18.
[4] *Ленорманн Ф.* Руководство к древней истории Востока до персидских войн. – С. 127.
[5] Ҳамон ҷо. – С. 126.

Бо пешрафти илми забоншиносии муқоисавӣ ва ба хусус вусъати ковишҳои бостоншиносӣ ақидаҳо дигаргун шуда, аз ҷониби муҳаққиқон дар ин бора афкори мухталиф баён гардидааст. Ҷолиб аст, ки ҳар яке ба хотири таҳкими андешаҳои илмии худ далелҳои собиткунанда матраҳ мекарданд. Дар асри XIX Расмус Раск, ки мутахассиси забонҳои олмонӣ буд, бо пешниҳоди далелҳои гуногун Осиёи Хурд ва даштҳои Паннонияро ватани аслии ин забон донист.

Александр Мюррей боварӣ дошт, ки мардуми Аврупо ба панҷ нажод тақсим шуда, решаи онҳо ба Осиё мерасад. Вай бо қатъият изҳор мекард, ки Осиё гаҳвораи тамаддуни ҷаҳон буда, решаи ҳамаи нажодҳо аз он ҷо сарчашма гирифтааст[1].

Донишмандон дар асри XIX дар асоси далелҳои мухталиф манотиқи гуногунро ҳамчун ватани модарзабон ва зодгоҳи ҳиндуаврупоиҳо пешниҳод мекарданд. Донишманди фаронсавӣ Эрнест Ренан хостгоҳи ҳиндуаврупоиёнро Осиёи Миёна ва доманакӯҳҳои Помир муайн кард. Ба фикри ӯ, аввалин устура ва ривоятҳои адабии ҳиндуаврупоӣ дар бораи ин маҳал суҳбат мекунанд. Аз китоби муқаддаси яҳудиён чунин бармеояд, ки Осиёи Миёна хонаи одамиён аст ва ҳамаи мардум аз ин минтақа бархостаанд. Ҳамин тавр муҳаққиқи олмонӣ Адолф Пихте – Бохтар, Макс Мюллер – шимоли Аврупо, Дорибу Жубенвил – ҳавзаҳои Сайҳуну Ҷайҳун, Отто Шредер – ҷануби Россия, Герман Хирт – соҳилҳои баҳри Балтикаро ватани модарзабони ҳиндуаврупоӣ донистаанд.

Дар ин масъала дар асри XX низ ихтилофи ақидаҳо мушоҳида карда мешавад. Маттеуш Муш зодгоҳи нахустини ҳиндуаврупоиҳоро Олмон, донишманди ҳинд Гандатар Тилак Қутби Шимол, Ҷозеф Видней даштҳои Осиёи Миёна, Зигмунд Фикст даштҳои ҷануби Россия, Гаролд Бендер сарзаминҳои гирду атрофии Литва, П.Байлз даштҳои Паннония ва Маҷористон, С. Кери Вароруди Осиёи Миёна, Гордон Ҷайлд даштҳои ҷанубу ғарби Россия, бостоншиноси ҳиндӣ Лакшми ҳаволии кӯҳҳои Ҳимолой, Вилгелм Копперс Туркистони ғарбӣ, Юлий Покорни Россияи ҷанубӣ ва даштҳои атрофи кӯли Арал, Стюарт Манн шимол ё шимолу шарқии Аврупо, Антон Шерер кӯҳҳои Урал то Россияи Миёна, Паул Гиме сарзаминҳои Олмон ва соҳили баҳри

[1] Се гуфтор дар бораи ориёиён. Теҳрон. 1353 – С. 22.

Балтика, Густав Швантес шимоли Аврупо, Дево Гиакомо Россияи ҷанубӣ, каронаҳои баҳри Сиёҳ ва даштҳои атрофи Волга пиндоштаанд.

Масъалаи таъйини маҳалли модарзабон ва зодгоҳи ибтидоии хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки имрӯз идома дорад, ниҳоят мураккаб буда, диди ҷомеъ ва асоснокро бар мабнои далелҳои зиёд ва гуногуни илмҳои бостоншиносӣ, нажодшиносӣ, фарҳангшиносӣ, зистшиносӣ, насабшиносӣ ва ғайраро тақозо менамояд. Вале тавре ки дида мешавад, бисёре аз пажӯҳандагон минтақаи Осиёро ватани аввалини қабилаҳои ҳиндуаврупоӣ медонанд.

Яке аз корҳои ҷиддие, ки дар солҳои охир дар заминаи таъйини мақом ва манзалати забонҳои ҳиндуаврупоӣ сурат гирифт, асари дуҷилдаи донишмандон Гамкрелидзе Т.В. ва Иванов В.В. таҳти унвони «Забони ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуаврупоиҳо» мебошад. Муҳаққиқон тамоми корҳои дар ин замина анҷомгирифтаро ҷамъбаст карда, дастовардҳои ҳамаи соҳаҳоро, ки дар ин масъала кумак ва ё равшанӣ меандозанд, мавриди назар қарор додаанд. Ба онҳо муяссар гардидааст, ки дар натиҷаи муқоиса миқдори зиёди истилоҳоти риштаҳои гуногуни модарзабони ҳиндуаврупоиро эҳё кунанд ва дар ихтиёри илми забоншиносии муқоисавӣ қарор диҳанд. Ба ақидаи онҳо, маҳалли пайдоиши модарзабони ҳиндуаврупоӣ минтақаи хосу собит дар ҳудуди сарзаминҳои Шарқи Наздик, нимҷазираи Балкан, Осиёи Хурд, Қафкози ҷанубӣ ва Байнаннаҳрайни шимолӣ аст.[1]

Мубоҳиса дар атрофи хонаводаи забонҳо ва ватани модарзабони ҳиндуаврупоӣ ҳамчунон идома дорад. Вале, агар он фарқияти ақидаҳо, ки дар боло зикр гардид, ҷамъбаст карда шавад, ба ифодаи донишманди маъруфи рус Дяконов И.М., ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки фикру мулоҳизаҳои аксари муҳаққиқон дар атрофи бахшҳои ҷанубии Россия, қисматҳои шарқии баҳри Хазар ва даштҳои Осиёи Марказӣ давр мезанад.[2]

Гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ яке аз забонҳои бостонии ҳиндуаврупоӣ, мебошад, ки аз он ёдгориҳо ва лавҳҳои гилии аз

---

[1] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. Т.II.– С.960.

[2] *Дьяконов И.М.* Некоторые лингвистические данные к проблеме связей населения Восточного Кавказа и Закавказья с Древним Востоком в III-I тысячилетии до н.э. в «Материалах семинара по проблеме происхождения и формирования азербайджанского народа» Баку, 1966. – С. 127 «О прародине носителей индоевропейских диалектов» ВДИ, 1982. № 3. – С. 19.

замони давлати Митониҳо боқимонда шаҳодат медиҳанд ва дар матнҳои хати мехии хетӣ аз ҳазораи дуюми пеш аз мелод оварда шудаанд. Осори бостони ва куҳани гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ, ки ба забони қадимии ҳинду бо хати ҳиҷоӣ навишта шудааст. Ригведа мебошад. Пайдоиши он марбут ба ҳазораи дуюми пеш аз мелод буда, фақат дар ҳазораи охирини пеш аз мелод сабт карда шудааст.

Мутахассисон чунин тасаввур мекунанд, ки таронаҳои қадимтарини он то вуруди қабилаҳои ҳиндуориёӣ ба шимолу ғарбии Ҳинд мураттаб шудааст. Гурӯҳе аз онҳо маҳалли пайдоиши Ригведа ва ё бахше аз онро сарзаминҳои Осиёи Марказӣ медонанд.[1]

Баъдтар Араниакаҳо ва Упанишадҳо, ки матнҳои нисбатан куҳани фалсафию ирфонӣ мебошанд, бо забони санскрит навишта шуданд. Дар асоси забонҳои эронии миёна (форсии миёна, портӣ, суғдӣ, бохтарӣ, сакоӣ, хоразмӣ, олмонӣ) ва забонҳои ҳиндии миёна (пракритӣ, палӣ, апабранша) забонҳои ҳиндуэронии муосир ба вуҷуд омаданд, ки ба гурӯҳи эронии он забонҳои форсӣ, тоҷикӣ, афғонӣ (пашту), осетинӣ, курдӣ, тотӣ, талишӣ, балучӣ, гурӯҳи забонҳои помирӣ ва ба гурӯҳи ҳиндии он забонҳои ҳиндӣ, бенголӣ, панҷобӣ, синдӣ, урду, гуҷаротӣ, маратхӣ, ассомӣ, ория, непалӣ, сингалӣ, сиганӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Гурӯҳи забонҳои эронӣ бо мероси хатии авестоӣ ва забони форси қадим маъруф аст. Ниёишҳои Авесто дар ҳазораҳои дуюм ва аввали пеш аз мелод тартиб дода шуда, дар ҳазораи аввали пеш аз мелод сабт гардидааст. Ин китоби муқаддас аз панҷ қисмат иборат аст: Ясно, Яштҳо. Виспарад, Вандидод ва Авестои хурд.

Аз забони форси қадим осори хаттии мехи подшоҳони ҳахоманишӣ (асрҳои VI-IV то мелод) боқӣ мондааст. Осори забони модӣ – забони қабилаҳои модии асрҳои VIII-V то мелод дар калимаҳои ҷудогона, номи қабилаҳо ва одамон дар таркиби навиштаҷоти ошурӣ, сангнавиштаҳои подшоҳони ҳахоманишӣ ва сарчашмаҳои юнонӣ мерос мондааст.

Забонҳои эронии миёна ба гурӯҳи забонҳои шарқӣ: саккоӣ-хутанӣ (аз рӯйи матнҳои бозёфтшуда дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ), суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва гурӯҳи забонҳои ғарбӣ – форсии миёна (паҳлавӣ) ва портӣ тақсим мешаванд.

---

[1] *Ригведа.* – М., 1989. – С. 429, 441; *Бонгард-Левин Г.М., Грантовский Э.А.* От Скифии до Индии. М., 1974. – С. 14-16.

Забонҳои эронии нав ҳам дар навбати худ ба гурӯҳи забонҳои шарқӣ – забонҳои помирӣ (шуғнонӣ, рӯшонӣ, бартангӣ, рошорвӣ, сарикӯлӣ, язғуломӣ) ва ҳамчунин забони яғнобӣ, ки идомадиҳандагони забонҳои эронии миёнаи Осиёи Марказӣ ҳастанд, осетинӣ (бо лаҳҷаҳои эронӣ ва дигорӣ), забони афғонӣ (пашту), мунҷонӣ (бо лаҳҷаи йидға) ва гурӯҳи забонҳои ғарбӣ – забони форсии нав (форсии классикӣ, форсии муосир, дарӣ), курдӣ, балуҷӣ, тотӣ, толишӣ, ормурӣ, парочӣ ва баъзе лаҳҷаҳои Эрони марказӣ тақсим мешаванд.[1] Мо дар бораи забонҳои дигари оилаи ҳиндуаврупоӣ таваққуф накарда, танҳо ёдовар мешавем, ки забонҳои арманӣ, юнонӣ, албанӣ, келтӣ, балтӣ, славянӣ, аз ҷумла русӣ, украинӣ, булғорӣ, сербӣ ва ғайра ба забонҳои ҳинду эронӣ хешовандӣ дошта, аз як реша сабз гардидаанд.

2. ҲИНДУОРИЁИҲО

Мутобиқи маводи маъхазҳои гуногун ва натиҷаи таҳқиқоти давомдори олимону донишмандон ориёиҳо (дар баъзе аз таҳқиқоти нимаи дуюми асри XX ҳиндуэрониҳо номида шудаанд) дар хонаводаи бузурги ҳиндуаврупоӣ мақоми мумтоз доштанд.

Агар таҳқиқоти гуногуни мансуб ба марҳилаҳои мухталифи таърихиро мавриди баррасӣ қарор диҳем, ба ин нукта мутаваҷҷеҳ мешавем, ки одамон дар замони гузашта мансубият ба қавми ориёиро ифтихор медонистаанд. Зоҳиран, барои ин асос ҳам доштаанд. Мо дар ин ҷо дар бораи шакли ҷолиби зоҳирии ориёиҳо, ки дар бораашон навиштаҳои зиёде мавҷуд аст, таваққуф намекунем.

Муҳаққиқи асри XIX-и рус В.В. Григорев дар бораи сакоиҳо (скифҳо), ки фақат тоифае аз ориёиҳо буданд, китобе навиштааст. Вай осору навиштаҷоти муаррихон ва файласуфони даврони бостонро мавриди омӯзиши амиқу ҳамаҷониба қарор дода, мулоҳизаҳои гуногунро чунин ҷамъбаст мекунад: «ҳамин тавр, муаррихони классикии даврони бостон дар бораи сакоиҳо фақат чунин иттилоъ медиҳанд, ки онҳо дорои хислатҳои нодири пок ва дурахшони рӯҳӣ мебошанд. Дар бораи ин халқ, дар ҳеҷ кадоме аз осори ин муаррихон, чизе пайдо намекунем, ки боиси маломат ё сарзаниши онҳо бошад. Охир, инро ҳеҷ гоҳ тасодуф шуморидан

[1] Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ. Ҷ.1. Теҳрон, 1374. – С. 301-305.

мумкин нест. Ба илова, ки қадимиҳо дар бораи табиату тинати скифҳо низ бо эҳтироми зиёд сухан гуфта, фақат тамоили онҳоро нисбат ба нӯшокӣ зикр кардаанд. Пас маълум мешавад, ки сакоиҳо аз рӯйи хислатҳои зебои ахлоқии худ ангуштшумори рӯзгор буданд».[1] Аз ин ҷиҳат, мубоҳиса дар атрофи мансубият ба ин қавм низ таърихи тӯлонӣ дорад.

Қабл аз баррасии масъалаи асолату сирати таърихии ориёиҳо як нуктаи муҳимро бояд зикр кард, ки имрӯз, аз як сӯ, ақидаи ҳамгун ва ҳатто як донистани хонаводаи ҳиндуаврупоӣ ва қавми ориёӣ дар миёни як силсила пажӯҳишгарон ҳанӯз зинда аст,[2] аз ҷониби дигар, гурӯҳи хос ва собит будани ориёиҳо бо таъкиди пайвандҳои зиёд бо гурӯҳҳои дигари хонаводаи ҳиндуаврупоӣ – славянҳо, германҳо, романҳо ва ғайра ҳар чи бештар асоснок мешавад.

Имрӯз аксари мутахассисон чунин мешуморанд, ки фақат он халқ худро ориёӣ гуфта метавонад, ки агар дар осори хаттии бостон ниёгони дури ӯ худро бо ин ном хитоб карда бошад ва бо ин ном шинохта шуда бошад. Антуан Мейе дар бораи мардуми ориёӣ ақидаи худро чунин изҳор мекунад: «Халқҳое, ки бо ин забонҳо гап мезаданд, ҳамаашон худро бо номи калимаи аря (arya) хитоб мекарданд ва номи имрӯзаи Эрон ин номи суханбунёдро то ҳоло ҳифз кардааст… Исми этникие, ки бо ин ном мувофиқат кунад, дар ягон лаҳҷаи хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мавҷуд нест. Аз ин ҷиҳат, фақат лаҳҷаҳои забонҳои ҳиндуэронӣ ориёӣ номгузорӣ шуда метавонанд».[3] Дар ин бора олимони ҳиндӣ, эронӣ низ аксаран чунин андешаҳо доранд. Вале ба назари мо, ақидаи мазкур дар осори олимони рус ҷолибтар ва ба воқеияти таърихӣ мувофиқтар мебошад. Донишманди рус Ставиский Б.Я. чунин ҳисоб мекунад, ки забонҳои эронӣ беш аз ҳама бо забонҳои шимолӣ Ҳиндустон наздикӣ ва қаробат дошта, ҳарду аз замонҳои қадим шохаи шарқии забонҳои ҳиндуаврупоӣ буданд. Онҳо бо номи ҳиндуэронӣ ва ё ориёӣ номида шуда, ҳомилони онҳо низ аз замонҳои қадим дар мероси хаттиашон, ки Ведаҳо ва Авесто мебошад ва инҳо марбут ба ҳазораи дуюм ва аввали пеш аз мелод аст, худро ориёӣ медонистанд.[4]

---

[1] *Григорев В.В.* О скифском народе саках. Санкт-Петербург, 1870. – С. 79.
[2] *Шендаков Г.Н.* Энтогенез и пути миграций индоеврапейцев. Волгоград, 1999. – С.6.
[3] *Мейе А.* Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков. – С. 88.
[4] *Ставиский Б.Я., Яценко С.А.* Искусство и культуры древних иранцев. – С. 14.

Ин дидгоҳ дар осори бунёдии муҳаққиқи маъруфи таърих ва тамаддуни бостонии ориёиҳо Э.А. Грантовский ҳамаҷониба асоснок шудааст. Ӯ дар бахши бостонии китоби даста ҷамъии «Таърихи Эрон» чунин менависад: «як силсила қабилаҳои ориёизабон (модҳо, форсҳо, скифҳо, сарматҳо ва халқҳои дигари бостонии Осиёи Миёна) худро ориёӣ меномиданд. Ҳамчунин қабилаҳое, ки дар нимаи дуюми ҳазораи дуюми пеш аз мелод дар Ҳинд маскан гузиданд ва дар илм бо номи ҳиндуориёӣ маъруфанд, ориёӣ номида мешуданд. Забонҳои эронӣ ва ҳиндуориёӣ бо ҳам наздик буда, гӯяндагони онҳо, тавре ки мероси бостонии ҳиндуҳо – Ригведа ва тоҷикону эрониён – Авесто нишон медиҳад, дар хоҷагӣ, зиндагӣ, низоми иҷтимоӣ, фарҳанг, дин чизҳои муштараки зиёде доштанд. Забонҳои ориёӣ шохаи шарқии хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоиро ташкил медиҳанд». Муаллиф дар қавсайн шарҳ медиҳад, ки ғайр аз ҳиндуэрониҳо ориёӣ номидани ҳомилони забонҳои дигари хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ заминаи илмӣ надорад.[1]

Яке аз асарҳои пуразише, ки таърихи гузаштаи ориёиҳо, тамаддуну фарҳанги муштараки онҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, нуктаҳои муҳимтарини афкору ақида ва устураи ба хусус ҳиндуҳо ва тоҷикону эрониёнро таҷзияю таҳлили ҳамаҷониба мекунад, «Аз Скафия то Ҳинд» ном дорад. Муаллифони он, ду шарқшиносони номдори шӯравӣ – Бонгард-Левин Г.М. ва Грантовский Э.А. дар натиҷаи муқоисаи мифологияи се гурӯҳи этникии ориёиён – ҳиндуҳо, эрониҳо ва скифҳо (сакоиҳо) ба чунин хулоса омадаанд, ки онҳо решаи ягона дошта, дорои тамаддуни наздик ва мушобеҳ мебошанд. Дар бораи мавзӯе, ки дар боло мавриди муҳокима қарор додаем, онҳо чунин менависанд: «ҳам қабилаҳои ҳиндӣ ва ҳам эронӣ худро ориёӣ номида, сарзамини худро сарзамини Ориё мегуфтанд. Истифодаи ин истилоҳ барои халқҳои дигари ҳиндуаврупоӣ (пеш аз ҳама ба олмониҳо) заминаи илмӣ надорад. Калимаи аря (arya) ҳамчун номи халқ фақат дар забонҳои ҳиндуэронӣ мавҷуд аст. Офарандагони Ведаҳо, достонҳои паҳлавонӣ, мураттабкунандагони Авесто, муаллифони сангнавиштаҳои Порси бостон худро бо чунин ном хитоб мекарданд.[2]

---

[1] История Ирана. Под редакцией *М.С. Иванова*. М. 1977. – С. 37.
[2] *Бонгард-Левин Г.М. , Грантовский Э.А.* От Скифии до Индии. – С. 14.

Ин ақида қаблан аз ҷониби донишманди дигари рус Дяконов И.М. чунин тафсир шудааст. «Мансубияти аря (arya) дар илм ҳамчун номи табиӣ барои ҳиндувон, форсҳо, модҳо скифҳо (саккоиҳо), аланҳо ва ҳамчунин халқҳое, ки дар Осиёи Миёна зиндагӣ карда, бо он забон такаллум мекунанд, исбот шудааст».[1]

Аз ин ду муносибат ба масъалаи мансубият ба қавми ориёӣ бархӯрди дуюм ба воқеият наздик буда, раванди объективии инкишофи ҷомеаи ориёиро нишон медиҳад ва фақат халқҳоеро узви онқавм мешуморад, ки далели раднопазири осори хаттии бостонӣ дошта бошанд. Вале дар ин ҷо бояд ёдовар шуд, ки қабилаю қавмҳои ориёӣ, ки то садаи панҷуми мелодӣ дар минтақаи васеи Осиё то Аврупои ғарбӣ интишор пайдо карда, зиндагии фаъоли иҷтимоию сиёсӣ доштанд[2]на танҳо дар зуҳур ва ташаккули фарҳанги халқҳои тозабунёди ин минтақаи васеъ, балки дар падидор шудан ва ташаккули гурӯҳҳои этникии он низ саҳми боризе доштаанд.

Масъалаи муҳими дигаре, ки қобили зикр ва ёдоварист, мақом ва мавқеи тамаддуни ориёӣ, ба хусус забонҳои гурӯҳи ҳиндуэронӣ дар хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоист. Бо вуҷуди он, ки имрӯз теъдоди зиёди лавҳа, ҳуҷҷат ва осори мухталифи дигари катбии бостонии макинеӣ, хетӣ, анатолӣ ва ғайра дар дасти муҳаққиқон қарор гирифтааст, забоншиносон осори хаттии ориёиён, ба хусус Ригведа ва Авесторо васеъ истифода мекунанд. Ба ибораи дигар, мартабаи забонҳои бостонии ориёӣ то ҳоло ҳам дар забоншиносии муқоисавӣ ҳамчун сарчашмаи боэътимод муътабар мебошад.

Антуан Мейе дар бораи осори хаттии забонҳои ҳиндуэронӣ чунин менависад: «аз тамоми лаҳчаҳои ҳиндуаврупоӣ осори ҳиндуэронӣ, дар матнҳои куҳани худ, дар эҳёи манзараи умумии морфологии ҳиндуаврупоӣ инҳирофи камтаринро нишон медиҳад; фақат ба василаи он дар даврони таърихӣ тасрифи ҳашт падежро аз ҳам ҷудо кардан мумкин аст ва ғайра, ана ба ҳамин сабаб грамматикаи муқоисавии забонҳои ҳиндуаврупоӣ фақат замоне падидор шуд, ки забонҳои ҳиндуэронӣ бо забонҳои юнонӣ, лотинӣ ва германӣ муқоиса гардиданд. Бидуни омӯзиши матнҳои куҳани ҳиндуэронӣ дар ин риштаи илм пеш гирифтани таҳқиқоти

[1] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 149.

[2]Ниг. *Ременников А.М.* Борьба племен Северного Причерноморья с Римом в III веке. М.-Л., 1954.

ҷудогона ва мустақил ва ҳатто ба даст овардани маълумоте дар бораи ин ё он ашё, ки бештар аз тасаввуроти умумӣ бошад, имконнопазир аст».[1]

Имрӯз низ таваҷҷуҳ нисбат ба забоншиносии муқоисавӣ кам нагардида, таҳқиқотҳо дар марказҳои забоншиносии Аврупо бо суръати беш аз пеш идома доранд ва ҳар соле дар ин мавзӯъ шумораи зиёди мақолаҳо ва осори таҳқиқотӣ мунташир мешаванд. Ба ақидаи ман, дар ин самт олимони тоҷик бояд пешсаф бошанд лекин, мутаассифона, мутахассисони таърихи забон ва забоншиносии муқоисавӣ дар Тоҷикистон хеле каманд. Ин камбудӣ бояд ба таври ҷиддӣ ислоҳ шавад ва мутахассисони донишманд ба сатҳи имрӯзии илмӣ дар муассисаҳои таҳқиқотӣ ва марказҳои илмӣ мебоист ба воя расонда шаванд.

Тавофути муҳими осори хаттии забонҳои ҳиндуэронӣ дар муқоиса бо осори бостони боқимондаи хаттии дигари хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ на танҳо иборат аз он аст, ки онҳо аз ҷиҳати замонӣ ба даврони қадим мутааллиқ мебошанд, балки онҳо инъикоскунандаи эътиқод ва бовариҳои ориёиҳои бостон буда, ҷанбаи мазҳабӣ доранд ва воқеияти реалии инкишофи ҷомеаро дар даврони мушаххас нишон медиҳанд. Азбаски ба ғайр аз китобҳои Веда ва Авестои ҳиндуэрониҳо осори муьтамаду боварибахши бостонии ҳиндуаврупоӣ камтар мебошад, ин осор дар пешрафти кори забоншиносии муқоисавӣ мақоми муҳим доранд. Исботи амиқ ва ҷомеи онро дар мисоли асари охирини мутахассиси номдори ин ришта Эмил Бенвенист «Фарҳанги истилоҳоти иҷтимоии ҳиндуаврупоиҳо» ба хубӣ мушоҳида мекунем. Ӯ дар ин асари худ асосан истилоҳоту калимаҳои забони бостони юнониро мавриди таҳқиқ қарор дода,[2] истилоҳоти онро бо забонҳои куҳани он давра муқоиса кардааст ва аз онхо хулосаҳое баровардааст, ки бисёр саҳифаҳои таърихи дур ва норавшани Юнонро равшан мекунад. Вай дар ҷараёни кори худ қариб 470 калима ва истилоҳоти мухталифи забонҳои макинеӣ, византиягӣ ва юнонии ҷадидро мавриди таҷзия ва таҳлил қарор дода, барои муқоиса қариб ба ҳамон андоза аз калимаю истилоҳоти забонҳои ориёӣ истифода намудааст.[3] Дар ин

---

[1] *Мейе А.* Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков. – С. 92-93.

[2] *Бенвенист Э.* Словарь индоевропейских социальных терминов. М.1995.– С. 36.

[3] *Бенвенист Э.* Словарь индоевропейских социальных терминов. М.1995. – С. 432-447.

таҳқиқоти ӯ мақоми мавзӯи ҳокимияти шоҳӣ ва салоҳияти он дар Эроншаҳри бостон манзалату мавқеиятимахсусе дорад.

Донишмандони шӯравӣ Гамкрелидзе Т.В. ва Иванов М. М. равияи пажӯҳиши Эмил Бенвенистро пеш гирифта, бо усули муқоисаи забонҳо ба бисёр масьалаҳои таърихи куҳан, ба хусус иттиҳодияҳои ичтимоӣ, зинаҳои табақаҳои ҷамъиятии ориёиҳои бостон равшании муайяне андохтаанд.[1]

Тавре ки дар боло зикр гардид, масъалаи ватани ибтидоии хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва модарзабони ягонаи ҳиндуэронӣ то имрӯз ҳал нагардида, дар атрофи он мубоҳисаҳо идома дорад.

Агар мо ба ҳар андоза, ки ба даврони бостон наздик шавем ва фарҳангу тамаддуни халқҳои мутазаккираро муқоиса намоем, қаробату умумияти онҳо бештар гардида, шабоҳати бисёр наздики онҳоро мушоҳида менамоем. Ин шабоҳату наздикӣ дар забонҳои ведоӣ ва авестоӣ ба ҳаддест, ки ба ифодаи ведошиноси номдори рус Елизаренкова Т. «ин ҳамгунӣ чандон бузург аст, ки баъзан ду матн мисли намунаи як матни бостонӣ, ки фақат аз рӯйи дастурҳои гуногуни ҳамоҳанги садоӣ сохта шудаанд, тафовут дорад».[2] Аз ин рӯ, баъзе донишмандон ба мисли Х.Бартоломе, А. Ҷексон кӯшиш кардаанд, ки матнҳои алоҳидаи авестоиро ба забони ведоӣ баргардонданд. Дар натиҷа шеърҳое ба вуҷуд омаданд, ки аз шеърҳои аслии ведоӣ тақрибан тафовуте надошт. Ҷолиб аст, ки забони Ригведа аз рӯйи аломатҳои худ нисбат ба осори дигари ведоӣ ва назми классикии санкскрит ба забони Авесто наздиктар аст. Тавре ки мутахассисон зикр кардаанд, ин ду осори хаттии қадимтарини хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоиро на танҳо забон, ҳислати умумии ҳунари шеър, балки муҳити воҳиди баён ва заминаи эҷод низ бо ҳам муттаҳид мекунад».[3]

Аз ин суханон чунин хулоса кардан мумкин аст, ки замоне ҳиндуориёиҳо ҳам мисли пешгузаштагони ҳиндуаврупоиҳо, дар сарзамини воҳиду муштараке зиндагӣ карда, бо ҳам муҷовирату наздикие доштаанд ва ба лаҳҷаҳои мухталифи як забони воҳиду муштарак такаллум намуда, бунёди тамаддуни нотакрори ориёиро поягузорӣ кардаанд.

---

[1] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В.* Индоевропейский язык и индоевропейцы . – С. 949 и далее.

[2] *Елизаренкова Т.Я.* Ригведа М., 1989. – С. 437.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 437.

Тавре ки дар боло зикр гардид, донишмандон Гамкрелидзе Т.В. ва Иванов В.В. ватани ибтидоии ҳиндуаврупоиёнро Осиёи Хурд, Шарқи Наздик то ба ҷануби Қафқоз шумурда, аз ин хонаводаи умумӣ ҷудо гардидани умумияти лаҳҷавии юнонӣ-арманӣ-ориёиро ба ҳазораи 5-4 пеш аз мелод нисбат медиҳанд.[1] Ҳар се забон дар ҳамин давра аз ҳам ҷудо шуда, ҳар яке ба самти ватани таърихии худ раҳсипор гардид. Донишмандони мазкур чунин мешуморанд, ки қабилаҳои ҳиндуаврупоӣ дар нимаи дуюми ҳазораи пеш аз мелод ба шимоли теппакӯҳҳои Эрони муосир ворид гардида,[2] ин ҷоро ҳамчун ватани ибтидоии худ интихоб намуданд.[3] Ба фикри онҳо забони ҳиндуэронӣ дар ин ҷо ташаккул пайдо карда, маҳз аз ҳамин маҳал ҳиндуҳо баъдан ба нимҷазираи Ҳиндустон ва эрониён ба сарзамини имрӯзаи худ – Эрон раҳсипор гардиданд. Ба ақидаи донишманди ҳиндӣ Кумар Г.Д. хостгоҳи ибтидоии ориёиҳо дар ҳудуди Украина, дар ҳавзаҳои дарёҳои Днепр ва Дон сурат гирифтааст.[4] Донишманди франсавӣ Мариан Моле чунин минтақаро бахшҳои болоии дарёи Ому ва сарзамини Хоразм медонад. Вай боварӣ дорад, ки дар давраи пеш аз Куруш Хоразм низоми мустаҳками давлатдорӣ дошта, дорои тамаддуни пешрафта будааст.[5]

Аксари мактабҳои илмии ҳиндуэроншиносӣ ва ба хусус донишмандони рус ва қадим Осиёи Марказиро ватани ибтидоии қабилаҳои ориёӣ медонанд.

Забоншиноси номдори рус Оранский И.М. мисли аксари муҳаққиқони имрӯз чунин андеша дорад, ки на Ҳинд ва на Эрони муосир ҳеҷ гоҳ ватани ибтидоии ориёиҳо набудааст. Вай фикри худро чунин идома медиҳад: «илм ватани қадимтарин қабилаҳоеро, ки бо лаҳҷаҳои ориёӣ гап мезаданд, Осиёи Миёна ва навоҳии гирду атрофии он медонад. Ҳамин масъалагузорӣ нуфузи қабилаҳои ориёизабонро ба водии дарёи Ҳинд ва андаке баъд интишори гурӯҳи дигари ин қабилаҳоро дар пуштакӯҳҳои Эрон беҳтар аз ҳама шарҳ медиҳад. Чунин масъалагузориро таҳлили ниёишҳои ведоӣ ва авестоӣ, ки инъикоскунандаи зиндагӣ ва ҷаҳонбинии

---

[1] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. Т.II. С.863.

[2] Анъанаҳои мазҳабии зардуштии сарзамини Озарбойҷон, ба хусус минтақаҳои эронзаминро Айирянаи Ваеҷаҳ (Ориёвич) медонад (Бундаҳишн, боби 29 банди 12).

[3] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. Т.II. – С.914.

[4] Се гуфтор дар бораи ориёиён. Теҳрон, 1353. – С. 89.

[5] *Моле М.* Эрони бостон. – Теҳрон., 1377. – С. 112.

қабилаҳои кӯчии чорводор, кибо галаҳои худ аз даштҳои Осиёи Миёна гузар мекарданд ва фикру андешаҳои умумӣ дар бораи роҳҳои интишори қабилаҳои бостонӣ, кибо лаҳҷаҳои ҳиндуаврупоӣ такаллум мекарданд, ба исбот мерасонад. Ин масъалагузориро мушаххасан он ҳудуди ҷуғрофӣ, ки офарандагони Авесто ба вуҷуд оварда ва он бо топография ва топонимикаи Осиёи Миёна комилан мувофиқ аст, тасдиқ мекунад».[1]

Вай чунин ҳисоб мекунад, ки тартибу тадвини Ригведа – китоби аввали Ведаҳо дар Осиёи Миёна оғоз гардидааст. Ба фикри донишманди рус, ҷудо гардидани қабилаҳои офарандаи Ведаҳо аз ватани аввалаи худ ва гурӯҳҳои дигари қабилаҳои ҳиндуэронӣ дар аввали ҳазораи дуюми пеш аз мелод ва қабилаҳои эронӣ дар аввали ҳазораи якуми пеш аз мелод сурат гирифтааст.[2] Чунин тамаддун дар шимол, аз дарёи Урал, Сибири ғарбӣ ва дарёи Енисей сар карда, то сарзамини Қазоқистон, доманаҳои кӯҳҳои Тяншон, Помир ва водиҳои зебои Осиёи Миёнаро дар ҷануб дар бар мегирифт, муҳаққиқони рус Б.Я.Ставиский ва С.А.Ятсенко, сарзамини ибтидоии ҳиндуориёиҳо, яъне шохаи забонҳои ҳиндуаврупоиро дар даштҳои ҷанубии Россия ва Қазоқистон ҷой медиҳанд.[3] Чунин мутахассисони ведошинос мисли Гиршман Р. ва Томас Х.низ маҳалли ибтидоии сукунати ориёиҳоро минтақаҳои мутазаккира дониста, чунин ақида доранд, ки шохаҳои ҳиндӣ ва эронӣ аз ҷониби шимол ба сӯйи ҷануб ҳаракат карда, вориди сарзаминҳои имрӯзаи худ шудаанд.[4] И.М. Дяконов низ ба баромади осиёимиёнагии қабилаҳои ориёӣ шакку шубҳае надошта, чунин мешуморад, ки онҳо баъдан аз ин минтақа ба ҷонибҳои гуногуни Осиё тақсим шудаанд.[5]

Дар бораи маҳалли аввалини иқомати шохаи шарқии хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки аз рӯйи талаффузи рақами сад[6] дар Авесто, гурӯҳи забонҳои satem гуфта мешавад, мубоҳисаҳо идома доранд. Вале бозёфтҳои бостоншиносӣ дар нимаи асри гузашта дар Олтой, Қазоқистон ва қаламрави Тоҷикистон ва гирду

---

[1] *Оранский И.М.* Введение в иранскую филологию. М., 1960. – С. 50.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 51,55,60.
[3] *Ставиский Б.Я., Яценко С.А.* Искусство и культура древних иранцев. – С. 15.
[4] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В.* Индоевропейский язык индоевропейцы. Т.II. – С. 965.
[5] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 150.
[6] Рақами сад дар забони юнонии қадим кентум талаффуз мешавад. Аз рӯйи ин нишондод шохаи ғарбии хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ кентем хонда мешавад.

атрофи он ва ба хусус кашфиётҳои онҳо дар вилояти Челябински Россия нишон доданд, ки маҳз ҳамин минтақа баромадгоҳи мардуми ориёӣ буда, ҳамчун мардуми мутаммадуни таърих дар ин ҷо тамаддуни ориёӣ зуҳур намуд ва ташаккул кард.

Имрӯз дар Тоҷикистон алифбои кириллӣ ҷорӣ мебошад. Дар кишварҳои ҳамзабони мо, яъне Афғонистону Эрон хати арабиасос, ки хати форсӣ меномем, роиҷ аст. Сарнавишти хат бо сарнавишти халқ сахт алоқаманд аст. Он аз таърихи пурмоҷаро ва нишебу фарозҳои тақдири миллат ҳикоят дорад. Бинобар ин дар бораи роҳи тайкардаи миллати худ фикр карда, беихтиёр ба умқи таърих, осори қадима, ки сарчашмаи забони муосири тоҷикиро равшан мекунад, таваҷҷуҳам бештар мешавад. Зеро осори хаттии гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ дар хонаводаи ҳиндуаврупоӣ ҳам аз ҷиҳати қиммат ва ҳам аз ҷиҳати ғановат яке аз сарчашмаҳои боварибахшу пурэътимод мебошад.

Яке аз аввалин намунаҳои он ба забони ориёии митонӣ дар матнҳои хетӣ, ки марбут ба забонҳои ҳиндуаврупоии аввали ҳазораи дуюми пеш аз мелод буда, дар Анатолия (сарзамини имрӯзаи Туркия) падид омадааст, дида мешавад. Аз он маълум мегардад, ки мардуми сарзамини Митонӣ, ки дар ҳудуди шимоли Байнаннаҳрайн қарор дошт, дар асрҳои пеш аз мелод ба худоёни ориёӣ – Индра, Митра, Воруна эътиқод дошта, дар парвариши асп маҳорати фавқулодае доштаанд.[1] Дар миёни матнҳои бойгонии подшоҳонихеттӣ панҷ лавҳаи бошандаи Митонӣ ба номи Киккулӣ ёфт шудааст, ки ба тарзу усули тарбия асп ва истифодаи он дар дучархаҳои ҷангӣ ихтисос ёфтааст.[2]

Осори қадимтарини хаттии ин гурӯҳи забонҳо, ки забони куҳани ҳиндии бостон мебошад, Ригведа аст, ки бо хати ҳиҷогии ҳиндӣ дар ҳазораи аввали пеш аз мелод сабт гардидааст. Вале замони пайдоиши он ба маротиб пештар буда, ба ҳазораи дуюми пеш аз мелод нисбат медиҳанд. Таронаҳои қадимтарини ин китоби бостонӣ пеш аз омадани ориёиҳо ба Ҳиндустон, дар маҳалли сукунати пештараи онҳо тадвин шудааст.[3] Гап дар сари он аст, ки бахшҳои қадимтарини он ба лаҳҷаи тозаю шаффоф мураттаб гардидааст. Ба фикри А.Мейе тамоми лаҳҷаҳои ҳиндуориёӣ, ки дар

---

[1] *Мейе А.* Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков – С. 88.

[2] *Кляшторный С.Г., Султонов Т.И.* Государства и народы европейских степей. Санкт-Петербург., 2004. – С. 29.

[3] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. Т.I. – С.37.

Ҳинди муосир инкишоф ёфта, бо онҳо аз кӯҳҳои Ҳимолой то ба Сейлон (Шри Ланкаи имрӯза) гап мезананд, зоҳиран дар асоси паҳн гардидани лаҳҷаҳои қадими ориёӣ ва пеш аз ҳама интизори забони Ригведа падид омаданд.[1] Бахши дигари Ведаҳо – Атхарваведа низ мисли Ригведа ба забони калимаи ведоӣ иншо гардидааст. Шакли нисбатан нави забони адабии Ҳинди қадим санскрит (маънояш ба таври сунъӣ сохташуда) буда, ба он матнҳои фаровони баъд аз ведоӣ, аз ҷумла матнҳои браҳманӣ ва Упанишадҳо, ки дорои муҳтавои динӣ-фалсафӣ мебошанд, дохил мешаванд.[2] Санскрит ҳамчун забони адабӣ бинобар бо забонҳои миёнаи (пракрити) ҳиндӣ боқӣ монда, баъдан дар асоси он забонҳои ҳиндуориёии муосир – ҳиндӣ, банголӣ, панҷобӣ, синдхи ва ғайра падид омадаанд.

Гурӯҳи забонҳои нуристонӣ, ки дар Нуристон (номи пештараи он Кофиристон) – минтақаи кӯҳии шарқи Афғонистон қарор дорад, гурӯҳи махсуси забонҳои ҳиндуаврупоиро ташкил медиҳанд. Ба он забонҳои катӣ, ашкун, вайгалӣ, прасун, ки дорои хат намебошанд, дохил мешаванд. Дар паҳлуи ин забонҳо дастаи забонҳои дардӣ қарор дорад, ки зергурӯҳи махсусеро ташкил дода, ба он забонҳои дамелӣ, пашаӣ, гаравбатӣ, шумаштӣ ва ба шохаи шарқии он забонҳои пхалура, кашмирӣ, шина, гарвӣ ва ғайра шомил мебошанд.[3]

Гурӯҳи дигари забонҳои ҳиндуэронӣ забонҳои эронӣ мебошанд, ки осори боқимондаи даврони қадими онҳо китоби муқаддаси Авесто ва сангнавиштаҳои подшоҳони сулолаи Ҳахоманишӣ аст. Китоби Авесто тақрибан дар ҳазораҳои дуюм ва аввали пеш аз мелод тадвин гардида, фақат дар аввали асрҳои мелодӣ сабт карда шудааст. Ин китоб ба забони авестоӣ буда, забони сангнавиштаҳои подшоҳони Ҳахоманишӣ форсии бостон аст. Забони модӣ (асрҳои VIII-IV то мелод) аз рӯйи калима ва ҷумлаҳои алоҳидае, ки дар сарчашмаҳои ошурӣ, юнонӣ ва сангнавиштаҳои Ҳахоманишӣ дида мешаванд, барқарор мегардад.

Забонҳои форсии миёна ба гурӯҳи шарқӣ, ки ба он забони сакоӣ-хутанӣ (матнҳои дарёфтшудаи марбут ба ҳазораи аввали мелодӣ), суғдӣ, хоразмӣ ва бохтари тақсим шуда, ба гурӯҳи

[1] *Мейе А.* Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков – С.90.
[2] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. Т.I. – С.37.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 37.

ғарбии он забони форсии миёна (ё паҳлавӣ) ва портӣ шомил мегардад.

Забонҳои нави эронӣ ҳам ба гурӯҳи шарқӣ ва ғарбӣ тақсим шуда, ба гурӯҳи шарқии он осетинӣ, яғнобӣ, афғонӣ, (пашту), мунҷонӣ, забонҳои помирӣ – гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ (шуғнонӣ, бечувӣ, рӯшонӣ, хуфӣ, бартангӣ, рошорвӣ), язғуломӣ, ишкошимӣ, вахонӣ шомил гардида, ба гурӯҳи ғарбии он форси классикӣ, форсии нав, дарӣ, тоҷикӣ, курдӣ, балучӣ, тотӣ, толишӣ, ормурӣ, парочӣ ва баъзе лаҳҷаҳои марказии Эрони муосир дохил мешаванд.[1]

Имрӯз ба туфайли истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикӣ равнақи тоза меёбад, робитаҳои мо бо ҳамзабонони худ васеътар ва амиқтар мешаванд. Имрӯз Тоҷикистон аз ҷиҳати боигарии забонӣ низ мисли як осорхонаи таърихи зинда аст. Чандин забонҳои қадимаи мутааллиқ ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ дар Бадахшон ва яғнобӣ дар болооби дарёи Зарафшон ҳанӯз ҳам мавҷуданд. Ин забонҳо як лабораторияи бебаҳои таҳқиқи таърихи забон буда, онҳоро ҳифз кардан ва ҳар чи беҳтар аз лиҳози илмӣ, хосатан этнолингвистӣ, омӯхтан зарур аст.

Забонҳои яғнобӣ, шуғнӣ, вахонӣ, бартангӣ, сарикулӣ ва ғайра ба сабаби дар минтақаҳои баландкӯҳ ва душворгузар воқеъ буданашон боқӣ монда, ба забони тоҷикӣ ҳанӯз ассимилятсия нагаштаанд. Набудани роҳҳои васеъ, тиҷорати ҳамешагӣ ва убуру мурури хоси ин водиҳо аксари мардумро дар маҳдудияти забони қадимаи маҳалли худ нигоҳ доштааст. Ҳоло дар Тоҷикистон ба сохтани роҳҳои нав оғоз кардем. Шоҳроҳи Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқурум, ҳамвор кардани роҳи ағбаи Девдара иртиботи Бадахшонро ба маркази ҷумҳурӣ тамоми сол таъмин мекунад. Ба назарам, дар натиҷаи таҳаввулоти давраи нави таърихи миллатамон шояд забонҳои помирӣ бар асари марҳалаи сифатан нави равобит ва таъсири мутақобил тағйиру таҳаввули ҷиддии ногузир хоҳанд дид, вале мо бояд кӯшиш кунем, ки ин забонҳо ҳамчун сарвати маънавии халқамон ҳифз шаванд.

Чунонки зикр шуд, як гурӯҳи бузурги забонҳои ҳиндуаврупоӣ, гурӯҳи шарқӣ ё satem номида шуда, бо номи ҳиндуэронӣ маъруф мебошанд ва ба ҳиндуҳо, эрониҳо, тоҷикон ва як силсила халқҳои дигаре, кибо ин гурӯҳи забонҳо такаллум мекунанд, ворид мешаванд.

---

[1] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. Т.I. – С.37-38.

Халқҳои мазкур худро на танҳо аз аввал ориёӣ меноманд, балки мансубияти этникии онон дар осори хаттии бостонии онҳо низ инъикос пайдо кардааст. Дар осори қадимаи ҳиндуҳо – Ведаҳо, ба хусус Ригведа (Донишҳои муқаддас) калимаи ориёӣ дар шакли аря (arya), дар Авестои тоҷикон ва эрониён дар шакли аиря (airya) ва дар сангнавиштаҳои подшоҳони Ҳахоманишӣ дар шакли ария (airya) омадааст.[1] Ҳар се шакли ном ҳамчун сифат ва исм омада, мафҳуми мансубият ба қавми аряро доро мебошад.[2] Вале чун халқҳои мутазаккира замоне дар як ҷой, дар сарзамини воҳид зиндагӣ карда, забони муштарак доштанд, ин калима аз решаи ягонаи аря (arya) сарчашма мегирад.

Ба ифодаи Эмил Бенвенист – мутахассиси маъруфи забоншиносии муқоисавӣ, маънии он чандон зидду нақиз аст, ки фақат бо муқобилгузорӣ тарҷума кардан мумкин аст. Ин калима нисбат ба гурӯҳи мушаххаси одамон ё фарди ҷудогонае истифода бурда мешавад, ки гоҳ мафҳуми мушаххаси мусбат ва гоҳ ҳамчун душман муаррифӣ мегардад.[3]

Вай маънии калимаи аря (баромада аз решаи ari)-ро чунин тарҷума кардааст; касе, ки ба меҳмон вобаста аст, яъне ҳимоятгари мусофир, яъне соҳиби хона. Шакли дуюми калимаи аря (бо зада ба ҳарфи аввали калима), ки аз калимаи аря (arya) бароварда мешавад, мансуб ба меҳмон», яъне меҳмондӯст маънӣ медиҳад. Дар идома Эмил Бенвенист менависад: «ориёиҳо барои он, ки инсондӯстии хешро дар баробари бартарияти халқҳои дигар нишон диҳанд, худро меҳмондӯст номидаанд».[4] Донишманди франсавӣ дар охир фикри худро ҷамъбаст карда, ба чунин натиҷа мерасад. «Ари (ari) ё аря (arya) бешакку шубҳа табақаи мумтози ҷомеаро муаррифӣ мекунад. ки зоҳиран ба тақсимоти дугонаи ҷомеаи экзогамӣ ҳарду ҷониб бо ҳам наздик ва ё дар ҳолати тазод мебошанд, вобастагӣ дорад. Истилоҳи тавлидии аря (arya), ки дар аввали мафҳуми фарзандони ari (ё arya) ё мансубияти этникии онҳоро ифода мекард, оҳиста-оҳиста исми умумии тамоми гурӯҳи қабилаҳо гардид, ки мавҷудияти аҷдоди умумиро пазируфта, маросимҳои умумии мазҳабӣ анҷом медоданд».[5] Аксаран ин ном дар баробари ғуломон нисбати шахсони озод гуфта

[1] *Дюмезил Ж.* Верховные боги индоевропейцев. М. 1986. – С. 174-175.
[2] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Теҳрон, 137. Ҷ.І. – С. 155.
[3] *Бенвенист Э.* Словарь индоевропейских социальных терминов. – С. 241.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 241.
[5] *Бенвенист Э.* Словарь индоевропейских социальных терминов. – С. 243.

мешуд. Донишмандони шӯравӣ Гамкрелидзе Т.В. ва Иванов В.В. калимаи ara-и хетӣ, ки маънои дӯст, рафиқро доро мебошад, ari-и забони ҳиндии бостон, ки мафҳуми дӯст, бегона, аҷнабӣ ва аз сангнавиштаҳои Дорои аввал калимаи arianam, ки маънии сарзамини ориёиҳоро дорост ва Эрони кунунӣ ва Аланияи осетинӣ аз ҳамон реша аст, мисол оварда, баромади луғати ari -ро ба решаи ar-и ҳиндуаврупоӣ нисбат додаанд ва дорои маънии «ҷаноб, хӯҷаин, меҳмон ва аҷнабӣ» донистаанд.[1]

П.Тиме, дар соли 1938 бо номи «Бегона дар Ригведа» асаре эҷод кардааст, исми решагии ари (ari)-ро дорои чунин маъниҳо медонад.

Амалкунанда, кӯшишкунанда;

Кӯшишкунанда (дар муносибат бо худоён), зоҳиди тақводор (дар хусуси одамон);

Кӯшишкунанда (бо хондани тарона, ниёиш ва дуо барои худоён);

Ҳарис, ҳариси сарват, ҳариси ҷанг;

Худошинос, даҳрӣ;

Душман;[2]

Аз ҷониби дигар, ба ақидаи ин донишманд, исми решагии арии (ari)-и Ригведа маънии мустақили «бегона»-ро дорад. Ин фикри худро инкишоф дода, маънии «бегона»-ро васеътар шарҳ медиҳад.

1. Бегона ҳамчун дӯст, ҳамчун меҳмон ва касе, ки аз пуштибонӣ бархӯрдор аст, ҳамчун дарёфткунандаи ҳадя ва хизмат, ҳамчун дарёфткунанда ва бахшандаи дуои нек ва мадҳу ситоиш.

2. Бегона ҳамчун душман, ҳамчун таҳдидкунанда, ҳамчун рақиб дар дуои худоён, ҳамчун неруманду тавоно, ҳамчун соҳиби неъматҳои фаровон, ҳамчун рақиб ё душман дар маънии асл.

Дар Ригведа аря бо шудра – табақаи пасттарин ва охирини иҷтимоии ҳиндувон муқобилгузорӣ мешавад. Гӯё ин калима ифодагари се табақаи болоии ҷамъияти ориёиҳо (браҳманҳо, кшатрияҳо, вайшяҳо) аст ва маънии «соҳиб», «хӯҷаин»-ро доро мебошад. Муҳаққиқи мазкур менависад: «Барои чӣ ориёиён худро чунин номидаанд?» Ва ба саволи худ ҷавоб медиҳад; «То ки барбарҳо тафовут дошта бошанд. Касоне худро бо номи «соҳиб» ё «хӯҷаин» хитоб мекарданд, ки дар миёни одамони аз ҷиҳати забон ва дин бегона покию наҷобати фикрии худро ҳамчун нишонаи

[1] *Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. Т.II. – С.775.

[2] *Дюмезил Ж.* Верховные боги индоевропейцев. – С. 174-175.

фарқкунандаи инсонӣ дар муқобили дуруштии барбарони ҳамсоя бо ифтихор намоиш диҳанд».[1]

Муҳаққиқи дигари ин масъала Жорж Дюмезил муътақид аст, ки дар Ригведа аря (arya) ҳамчун тахаллуси Худо омада, аз ҷумла, чун сохтаи нахустин аз арии (ari) маънии «вобаста ба ориёиҳо», «ҷаҳони ориёӣ» ва «пуштибони ҷаҳони ориёиҳо»-ро доро мебошад. Ба андешаи ин донишманди номдор, аря (arya) бо зада дар охири калима «ҷаҳони (маҷмӯи умумии) ориёиҳо» ва ё «фарди муқаррарии ориёӣ» маънӣ медиҳад.[2]

Ҷолиб аст, ки Ригведа бузургтарин худоёни мифологияи бостонии ҳиндуҳо бо номи аря хитоб карда шудаанд. Масалан, Митра ва Воруна (2;35,2;41,7;5,16;3, 1,7,8) бо истилоҳи ду асура – аря. Агни (14) аввал аря ва сипас раҷа-аря, дар параграфи 78 фариштаи сапедадам – Уша-аря, дар параграфи 79 (10;34,13) Савитар-аря зикр шудаанд. Дар Ведаҳо унсури ғайриориёӣ бо истилоҳи «дася» ифода гардидааст.

Тавре ки Ж.Дюмезил зикр кардааст,аиря (airya)-и эронӣ низ аз решаи ари (ari) аст. Дар Авесто дар шакли аиря (airya) омада, чун решаи забони ҳиндии қадим ва авестоӣ якест, мафҳуми онро мисли арияи Ведаҳо маънидод кардаанд.[3] Дар Готҳо, ки ниёиши паёмбари ориёист, чунин калима вуҷуд надорад. Чунин калима ва таркибҳои он бештар дар Яштҳо дида мешавад. Мавриди истеъмоли ин дар Авесто нисбат ба Ригведа ба куллӣ фарқ мекунад. Зоҳиран, фосилаи замоне, ки дар миёни тадвини Ригведа ва Авесто мавҷуд аст, дар ин ҷо осори бештаре боқӣ гузаштааст. Агар дар Ригведа истилоҳи аря (arya) хосияти комили асотирӣ дошта, беш аз ҳама ба худоён ва неруҳои фавқултабиӣ нисбат дода шуда бошад, дар Авесто он бо мафҳуми аслӣ ва табии худ истифода гардидааст. Бо вуҷуди он ки бахшҳои Авесто дар марҳилаҳои гуногун тадвин ва мураттаб гардидааст, мафҳуми калимаи боло чунин мерасонад, ки ориёиҳо дар давраи тадвини Авесто на танҳо дорои сиёсату давлатдорӣ, балки сарзамину ватани худ буда, ба ному насабашон ифтихор мекарданд. Онҳо худро мансуб ба айиря дониста, халқҳои ғайрро анайиря (ғайриориёӣ) (Зомёдяшт банди 57) меномиданд. Ба ибораи дигар, истилоҳи айиря дар яштҳо бештар мансубияти этникии одамон, номи кишварҳо ва мамлакатҳои ориёиро ифода мекунад. Ин истилоҳ беш

[1] *Дюмезиль Ж.* Верховные боги индоевропейцев. – С. 176.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 184.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 192.

аз ҳама дар тасрифоти гуногуни калимаҳои мадании даҳю (мамлакат, сарзамин, минтақа), шаяна (маҳал, ҷой) хшуса (ободӣ, ҷойи зист) истифода гардидааст. Он аз ҷумла дар таркибҳои Айирёдаинҳа – сарзаминҳои ориёӣ (яшти 8 бандҳои 9,36,58,61; яшти 19 бандҳои 9,36, 57,58,61), Айиряна даҳю мамлакатҳои ориёӣ 5 бандҳои 58,117; яшти 13 банди 143; яшти 19 бандҳои 57,59,68; Тиряшт бандҳои 41,43), Айирюшаяна – иқоматгоҳ, маҳалҳои сукунати ориёӣ (яшти 10 банди 13), Айирюхшуса – ободиҳои ориёӣ (Тиряшт банди 37, Вандидо фаргарди 19 банди 39) ва нисбат ба сокинони аслии сарзамин, яъне ориёиҳо (яшти 5 банди 69, яшти 19 банди 37) ба кор бурда шудааст.

Дар Авесто ҳамчунин аз ватани ибтидоӣ ва афсонавии ориёиҳо – Айирянам Ваеҷаҳ – паҳно ё вусъатгоҳи ориёӣ (Вандидод фаргарди 2 банди 21, яшти 18 банди 5, яшти 1 бандҳои 3,21) ситоиши фаровон ба амал омадааст. Номи имрӯзаи мамлакати Эрон низ аз калимаи аря (arya) падид шакли ҷамъи он арянам (aryanam) мебошад. Бо инкишофу таҳаввули забони форсӣ он аввал шакли Эрон ва сипас Иронро ба худ гирифтааст.[1]

3. ОРИЁИҲО ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Мо дар бахши таърихи омӯзиши нахустватани ориёиҳо фикру ақидаҳои олимони ориёишиносро овардем. Аз сарчашмаҳои таърихӣ, хаттӣ, забонӣ ва бостоншиносӣ бармеояд, ки ориёиҳо ҳадди ақал дар охири ҳазораи 3-2 то мелод аз Балкан, аз ҳавзаҳои рӯдҳои Дон, Волга, Урал ва Об то Ҳиндустони Марказӣ ва аз сарҳадоти Муғулистон ва Тибет то баҳри Миёназамин зиндагонӣ доштанд. Онҳо дар Осиёи ғарбӣ дар асрҳои XVI-XIV давлати Митониҳо, асрҳои IX-VI давлати Модҳо, асрҳои VI-III аввалини империяи ҷаҳонии Ҳахоманишиҳоро ташкил намуда, ба тамаддуни ҷаҳонӣ ҳиссаи бузург гузоштаанд. Ориёиҳои кишоварз дар Осиёи Марказӣ ташкилкунандаи аввалин давлати марказонидаи бузурги ориёиҳо – давлати Каёниён мебошанд, ки ҳудуди калони Осиёи Марказиро дар бар дошт. Дар сарзамини Украина ва Россия аввалин ташкилкунандаи давлатҳо ва тамаддунҳо, кимериҳо ва скифҳо буданд. Фарҳангҳои нисбатан пешрафтаи сакоии Аркаими ҷануби Сибир, ҳавзаи васеи

[1] *Бенвенист Э.* Словарь индоевропейских социальных терминов. – С. 241.

Синтазяну Гонури бостон ҳамчунин «роҳи ялим» ва «роҳи ғарбии маридмоналӣ» эҷоди мардумони ориёӣ мебошад.

Тақрибан ҳамаи олимон эътироф доранд, ки номи этникии ориёиҳо дар асри биринҷӣ маълуму машҳур шуд ва тамаддуни хоси ориёӣ шакли том гирифт. Бад-ин ҷиҳат мо устухонбандии ин фасли китоби худро дар асоси маводи ҳамин давра, яъне марҳилаи соҳибдавлату тамаддун шудани ориёиҳои Осиёи Марказӣ (дар ҳазораи 2 то мелод) баст додем ва аз ин рӯ, дар бораи тамаддунҳои то асри биринҷӣ, ки оид ба эҷодгарони онҳо баҳсҳои илмӣ идома доранд, мо танҳо баъзе нуктаҳоро ёдоварӣ менамоем.

Олимон дар асоси муқоиса ва таҳлили маводи аз зери хок беруномада ва забони асарҳои баъдӣ хислатҳои этникии одамони имрӯзаро аз давраи нави сангӣ (неолит), ки ҳазораҳои 7-6 то мелодро дар бар мегирад, ҷудо менамоянд. Зеро асри неолит асри пайдо ва равнақ ёфтани хоҷагии истеҳсолӣ ва тавлиди мавод мебошад.

Ихтирои тиру камон дар асри миёнаи санг (мезолит) ба инсоният имконият дод, ки ҳайвонҳои ваҳширо ром намуда, парвариши чорвои хонагиро ба роҳ монанд. Пайдо шудани чорводорӣ одамонро водор ба сохтани хонаву оғил кард ва аз ҳама муҳимаш инсон зиндагии муқимиро оғоз намуд. Зиндагии муқимӣ ба пайдо шудани деҳа ва саноати кишоварзӣ сабаб шуд. Дар Осиёӣ Миёна аввалин зироаткорон поёноби рӯди Таҷан дар қисмати ҷанубии Туркманистони кунунӣ пайдо шуданд. Олимон чунин меҳисобанд, ки зироаткорон аз самти ғарб аз ноҳияҳои Хуросон дар ҳазораи 6 то мелод ба ин ҷо омадаанд.

Ҷайтун номи бошишгоҳ дар назди Ашқобод (Ашкобод) мебошад.Ҷайтуниён дар ибтидо ба кишти гандум, ҷав, парвариши чорвои хурд, аз қабили бузу гӯсфанд машғул буданд. Тамаддуни Ҷайтун давоми фарҳанги асри санги миёна (мезолит) мебошад. Ёдгориҳои тамаддуни Ҷайтун дар доманакӯҳҳои Копедоғ (Кабудтоғ) боқӣ мондаанд. Дар ноҳияҳои Бомӣ, Калот ва Гиёсартеппа деҳаҳои хурди онҳо таҳқиқ шудаанд. Хонаҳои зист дар он аз як ҳуҷраи баробарпаҳлу иборат буда, аз похсаю коҳгил сохта шудаанд. Хонаҳо ҷойи зиндагӣ, хӯрду хоб ва оташдону анбор доштанд. Онҳо барои оилаҳои хурд сохта шудаанд. Дар деҳаҳои Ҷайтун то 180 нафар одамон зиндагӣ менамуданд. Ҷайтуниён барои парвариши зироат аз обҳои барфу борон истифода менамуданд. Олоту асбобҳояшон ҳама аз чаҳмоқсанг

буданд. Дар ҷомеаи онҳо ҳанӯз давраи модаршоҳӣ ҳукмфармо буд. Калидчаҳои занҳои урён бисёр ёфт шудаанд, ки рамзи модархудо, бузургии зан ва модарро ифода менамуданд. Аз устухон ҳар гуна олот, аз гил коса, хурма ва хумҳо сохтаанд. Қиссаҳо бо ранги сурх нақшҳои мавҷӣ доранд, ки ифодаи ҳаракати об мебошанд. Ҷайтуниён мурдаҳои худро дар қабр дар ҳолати дингак хобонда, ба болояшон ранги сурх пошида мегӯрониданд.[1]

Асри биринҷӣ ба дигаргуниҳои бузурги иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва пайдоиши ҳунармандиву кишоварзӣ дар ҳаёти инсонҳои қадим, аз ҷумла ниёгони ориёии мо оварда.

Дар солҳои 70-ум ва 80-уми асри XX дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ёдгориҳои зиёди асри биринҷӣ кашф ва мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Бостоншиносон замони омӯзиши кашфиётҳои мазкур фикру мулоҳизаҳои гуногунро марбут ба ҳаёти одамони он давру замон иброз доштанд. В.М.Массон ва В.И.Сарианиди маводи ин даврароро таҳлил намуда, ба хулосаҳои илмии боэътимод омаданд.

Дар замони неолит ва асри биринҷӣ водии Суғд аз ҷониби кишоварзон азхуд шуда буд, аммо бошишгоҳҳои он давра ҳама зери хок монда, хароб шудаанд ва то имрӯз дастраси бостоншиносон нагардидаанд. Бостоншиносон дар наздикии Панҷакент, дар болооби рӯди Суғд, дар қисмати шарқии канали Варағсар деҳаи одамони давраи сангу мис (энеолит) ва асри биринҷиро дар Саразм кашф карданд. Калимаи «саразм» маънои сари заминро дорад. Дар ҳақиқат дар ин ҷо рӯди Суғд (Зарафшон) аз тангии кӯҳҳои Буттамон баромада, ба сӯйи водии Суғд ҷорӣ мешавад. Бошишгоҳи Саразм қариб 100 га заминро дар бар мегирифт ва давоми фарҳанги мезолит ва неолити ин диёр маҳсуб мешуд. Муаллифи ҳафриёти Саразм олими тоҷик, марҳум А.Исҳоқов чунин ақида дорад, ки аҳолии Саразм аз ноҳияҳои Марви авестоӣ (Намозгоҳу Олтинтеппа) ба ин ҷо омадааст.[2]

Осори дар Саразм ёфташуда, бо тамоми марказҳои мадании он давра Намозгоҳу Олтинтеппа, Мундигаку Шаҳри Сӯхта, Миргару Пирак, Хараппа, Ҳисору Туронтеппа робитаи бевосита дорад. Саразм дар ҳазораи 4 то мелод пайдо шуда, тақрибан ду

---

[1] *Массон В.М.* Поселение Джайтун. Проблема становления производяшей экономики./ МИА, 180 М., 1971.

[2] Муфассалан ниг: *Исаков А.* Саразм. Душанбе, 1991. – С. 100.

ҳазор сол арзи вуҷуд доштааст. Дар ин муддат он аз як бошишгоҳи маъмули чорводорӣ ба шаҳраки калони кишоварзону ҳунармандон ва тоҷирон табдил ёфтааст. Муҳаққиқони Саразм тахмин мекунанд, ки дар ибтидои ҳазораи 2 то мелод дар шаҳрак 8 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ менамудааст.

Хонаҳои Саразм аз хишти хоми андозаи 50х25х10 см. сохта шуда, аз даруну берун бо лой андова шудаанд. Дар Саразм биноҳои истиқоматӣ, хоҷагӣ, маъмурӣ ва динӣ тадқиқ шудаанд, Ҷойгиршавии биноҳои Саразм ишора ба он менамоянд, ки ба табақаҳои иҷтимоӣ тақсим шудани онҳо шурӯъ шуда буд.Масалан, биноҳои истиқоматӣ аксаран дар самти шимолу ғарбӣ, маъмурӣ дар бахши ҷанубу шарқӣ ҷойгир шудаанд. Дуконҳои ҳунармандӣ дар шафати биноҳои маъмурӣ ва кӯчаҳои асосӣ воқеъ будаанд. Нақшаи биноҳои истиқоматӣ аз биноҳои маъмурӣ фарқ доштанд.

Биноҳои истиқоматӣ дар атрофи ҳавлӣ воқеъ буданд, ки ин анъанаи хонасозӣ имрӯз ҳам дар тоҷикон идома дорад. Ҳамаи хонаҳо дорои ҳуҷраҳои хоб, анборхона ва ошхона мебошанд. Хонаҳои истиқоматиро аз якдигар тангкӯчаҳо ҷудо мекарданд. Биноҳои маъмурӣ аз толорҳои калони даҳлездор иборат буда, рӯйи таҳкурсии хиштин қарор доштанд.

Дар Саразм якчанд биноҳои хиштин кашф шуданд, ки онҳоро маъбад номидан мумкин аст. Ибодатгоҳҳо меҳроби мудаввар ё чоркунҷаи баробарпаҳлу доранд. Дар маркази меҳроб жарфие мавҷуд аст, ки дар он оташ нигоҳ дошта мешуд. Маъбад ба бузургдошти оташ бахшида шуда буд.

Дар Саразм хумдони зарфпазии дуқабата кашф шудааст, ки дар он зарфҳои гуногуни сафолӣ пухта мешуданд. Вуҷуди хумдони мазкур далели мавҷуд будани кулолгарии касбӣ мебошад. Дар Саразм ҳунармандӣ, аз ҷумла коркарди мис, сангҳои қимматбаҳою ороишӣ, заргарӣ равнақ ёфта будааст. Саразмиён ба тамоми марказҳои аҳолинишини Шарқи Наздику Миёна алоқаҳои тиҷоратӣ ва маданӣ барқарор карда буданд.

Дар ҳазораи 3 то мелод бахше аз мардум ба кишоварзӣ, киштукори заминҳои обӣ ва лалмӣ, чорводории айлоқӣ машғул буданд. Тамаддуни Саразм тамаддуни шаҳрии он замон буд.

Дар Саразм қабри кадбонуи онро кашф намуданд, ки хеле зиндагии давлатмандона дошт. Дар қабр марҷонаҳои тиллоӣ,

сангҳои қиматбаҳо, садаф ва ғайра ёфт шуданд, ки аз мақоми зан дар ҷомеаи саразмиён далолат менамоянд.

Тақдиси оташ ва гови тур шаҳодати нисбатан возеҳи оини саразмиён мебошад. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки дар давраи мазкур саразмиён оташро бузург дошта, онро парастиш мекардаанд ва дини оташпарастиро асос гузошта будаанд.[1]

Саразм дар ибтидои ҳазораи 2 то мелод ба монанди дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ гирифтори хушксолӣ шуда, мардуми он ба доманкӯҳҳо ва маҳалҳои ба об наздик кӯч бастанд.

Дар замони неолит дар доманакӯҳи Копедоғи Туркманистони имрӯза дар ҳазораи 6-5 то мелод тамаддуни кишоварзӣ равнақ пайдо кард. Тамаддуни кишоварзии асри мису санг давоми маданияти асри нави сангии Ҷайтун дар сатҳи нисбатан баланди тараққиёти ҷомеа буд, асри биринҷӣ бошад, асри сифатан нави тараққиёти инсоният маҳсуб мешуд.

Тамаддуни асри биринҷӣ дар ёдгории Намозгоҳ хуб омӯхта шудааст.[2] Қишрҳои мадании Намозгоҳ IV ба солҳои 2900-2300 пеш аз мелод таалуқ доранд, ки давраи якуми асри биринҷро дар бар мегиранд. Хусусиятҳои асосии ин даврароВ.М.Массон дар маданияти ибтидои асри биринҷии ёдгории Намозгоҳ IV чунин шарҳ додааст: зарфҳои бисёрранга бо нақшҳои ҳандасӣ, ки дар ибтидо дастсоз будаанд, дар ин давра тавассути чархи кулолӣ сохта шудаанд; дар ин давра гудохтани мисс ва сохтани олоти мисин аз таркиботи мису маргимуш равнақ пайдо кард. Дастаи сӯзанакҳои сохташуда аз он ороиши мураккаб доранд. Миҷмарҳое пайдо мешаванд, ки аз оҳаксанги мармармонанд бо пояи баланд сохта шудаанд,[3] ёдгориҳои ин давра бештар дар пастхамиҳои кӯҳи Копедоғ ҷойгиранд, ки ба қисматҳои шарқию ғарбӣ тақсим мешаванд. Маводи Намозгоҳтеппа ва Оқтеппаи Ашкобод нишон медиҳанд, ки дар ғарб баробари зарфҳои нақшдори дар сабки Қаротеппа пайдошуда, зарфҳои хокистарранг боқӣ мондаанд. Дар ёдгориҳои шарқӣ кулолон сохтани зарфҳои намуди геоксуриро (Олтинтеппа ва Хавузтеппа) идома додаанд. Зарфҳои хокистарранг хело нодиранд, ки дар натиҷаи савдои беруна ба ин ҷо ворид шудаанд.[4]

---

[1] *Исаков А.* Саразм. – С. 126.
[2] *Массон В.М.* Первые цивилизации. М., 1989. – С. 143.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 158.
[4] *Массон В.М.* Первые цивилизации. М., 1989. – С. 151.

Кишоварзӣ ва чорводорӣ дар асоси анъанаи пешини худ равнақ кардааст. Модели аробаи чорчарха, ки ба шутур баста мешуд, ҳокӣ аз он аст, ки ин намуди нақлиёт дар он давру замон маъмул будааст. Дар охири ин давра ҳамаи зарфҳои сафолӣ дар чархи кулолӣ сохта мешуданд. Дар маъдангудозӣ миси маргимушдор бо омехтаи сурб истифода мешуд.

Таҳқиқоти Олтинтеппа нишон медиҳад, ки хонаҳои истиқоматӣ аз ду то чор ҳуҷра иборат буданд. Хонаҳо бо ҳам наздик дар атрофи майдони кушод сохта шудаанд. Гирдогирди деҳа бо девори ғафс иҳота мешуд, Дар байни девори ҳимоявӣ ва хонаҳо сағонаҳои коллективӣ ҷой доранд, ки нақшаи онҳо ба монанди замони энеолит мудаввар набуда, шакли чоркунҷаро ба худ гирифтаанд. Дар хонаҳои истиқоматӣ ибодатгоҳ бо меҳроби дорои нақши салибӣ ва ҳайкалчаҳои занон вомехӯранд.

Дар ин давра бинои боҳашамати бузург пайдо мешаванд. Дари даромади деҳа 15 метр паҳноӣ ва девори атрофи он 6 метр ғафсӣ дошт. Тараққиёти маданӣ ва коркарди технологии филизот бо истифода аз биринҷӣ бошандагони ин диёрро ба асри миёнаи биринҷ ворид кардааст. Тамаддуни хоси ин давра дар қабатҳои V Намозгоҳ, Олтинтеппа ба хубӣ мушоҳида мешавад. Асри биринҷии миёна нимаи дуюми ҳазораи 3 ва 2 то мелодро фаро мегирад. Хусусияти хоси ин давра пайдоиш ва равнақи шаҳрҳои дар хумдонҳои дуқабата пухтани зарфҳои зарифу нозук мебошад.

Дар байни асбобҳои рӯзгор кордҳои пушташон ғафс, найза, пайкон, сӯзанаку олоти ороишӣ, ки дастаашон баъзан бо муҷассамаи ҳайвонҳо оро дода шудаанд, зиёд шуданд. Муҳрҳои дорои нақши ҳандасӣ ва расми ҳайвонҳои афсонавию осотирӣ дар ҳамин давра пайдо мешаванд.

Ҳайкалҳои занон, ки қаблан муйҳои ҷингилаи дар пеш овезон доштанд, акнун мувофиқи мӯди нав мӯйҳоро дар тӯрхалтаҳо ҷамъ мекарданд. Ҳайкалчаҳои занона пайдо шудаанд. Китфҳо ва дигар ҷойҳои ҳайкалчаҳо хаткашӣ шудаанд, шояд маъною мазмуне доштанд. Дар ин давра Намозгоҳтеппа ва Олтинтеппа марказҳои маданӣ, динӣ маъмурӣ ва истеҳсолии ноҳия ҳисоб мешуданд.

Ёдгории Олтинтеппа нисбат ба Намозгоҳтеппа хубтар омӯхта шудааст, вай аз ҷиҳати сохтор ба маҳаллаҳо тақсим шуда буд Дар ҳар маҳалла мардумони вобаста ба касбашон зиндагӣ менамуданд. Дар қисмати шимолии шаҳр дар масоҳати 2 га замин ҳунармандон мезистанд. Дар маҳаллаи онҳо миқдори зиёди

хумдонҳои дуқабатаи зарфпазӣ тадқиқ шудаанд. Мавҷудияти хумдонҳои зиёд ҳокӣ аз он аст, ки бо олоти сафолии рӯзгор на танҳо бошандагони Олтинтеппа, балки деҳаҳои атрофу акноф низ таъмин мегардиданд. Инкишофи санъати кулолгарӣ ҳунармандони зиёдро дар шаҳр ҷамъ намуда буд.

Биноҳои истиқоматӣ аз ҳуҷраҳои бисёр иборат буданд, ки онҳоро аз якдигар бо паҳноии 1 то 2 метр ҷудо менамуданд. Хонаҳои давлатмандон мутобиқи нақша сохта шуда, намуди хонаҳои дарунию берунии онҳо аз ҳам фарқ доштанд.[1]

Дар ин давра маъбади бузурги сезинаӣ то баландии 12 метр ва паҳноии 21 метр сохта шуданд. Баъдан бинои маъбадҳо навсозӣ шуда, паҳноиашон то 55 метр дар болои асоси 3 метр баландӣдошта бунёд меёбад. Ба ақидаи В.М. Массон, ин хонаи мубади бузург аст. Маъбад аз утоқҳои зиёди зиёратӣ, хоҷагӣ ва гӯрхона иборат буд. Бахши гӯрхонаи он монанди пешдолон сохта шуда, ҳуҷраҳои гуногун таъйинот дошт. Меҳроби оташ дар болои асос сохта шудааст. Мақбара, ки шояд дар он саравлод ё сарвари дин хуфта бошад, дар баландӣ ҷой дорад. Дар муқаддасгоҳ дар назди меҳроб зарфҳо ва ҳар гуна ашёҳои дар маросимҳо истифодашаванда, аз ҷумла санги мудаввари сӯрохдор, миҷмари баланпоя, ашёи зиндагӣ, сари гург ва сари гови аз тилло сохташуда ёфта шуданд.[2]

Олтинтеппа ҳамчун маркази табақаҳои иҷтимоӣ, динӣ ва маъмурии ноҳия ба шумор мерафт. Дар бораи маркази савдо будани Олтинтеппа маълумот ночиз аст. Маъдан ва фирӯза аз хориҷа оварда мешуд. Девори даромадгоҳ ҷабҳаи ҳимоявӣ надошт. Набудани девори ҳимоявӣ бо бурҷҳои тирандозӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо аз таҳдиди беруна эмин буданд.

Кишоварзӣ ва чорводорӣ даромади асосии бошандагони Олтинтеппаро ташкил менамуд. Дар ҳамаи хонаҳо танӯр ва ҷармасанг вуҷуд доштанд. Дар ҳамин давра сагҳо ҳамчун посбонони вафодор дар Осиёи Миёна пайдо шуданд.

Яке аз муваффақиятҳои техникии асри биринҷии миёна бо сифати баланд дар чархи кулолии тезгард сохтани зарфҳои гуногун мебошад. Нақшу нигори дар зарфҳои пешин аз байн рафта, нақкошии тоза ҷойи онро мегирад. Кулолон ба нозукӣ, зарофат, гуногуншаклӣ ва таъйиноти зарфҳои сафолӣ диққати

---

[1] *Массон В.М.* Первые цивилизации. М., 1989. – С. 168-169.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 168-169.

махсус медоданд. Истеҳсоли асбобҳои бурранда, кордҳои дудама, якдама, доспоркол, ханҷар, пайконҳои сепарра, табар, найза, дос ва ғайра афзуданд.

Аз биринҷ ва нуқраву тилло сохтани ашёи ороишии занонаву мардона зиёд шуданд. Дар ин давра муҳрҳои гуногун ба вуҷуд омаданд. Дар миёни онҳо муҳрҳои аз нуқра сохта низ вуҷуд доштанд. Муҳрҳо бештар нақши ҳандасӣ ва салибӣ доштанд. Дар баъзе аз онҳо расми таккаи кӯҳӣ, паланг, уқоб, аждаҳои сесараи палангбадан акс шудаанд. Аждаҳои сесар як сараш уқоб ва дутои дигараш мор мебошад.

Яке аз хусусиятҳои ин давра афзудани ҳайкалчаҳои занон, тағйири тарзи сохти онҳо бо назардошти идеали зебоӣ, мавзунии занона ва тасвири симои ҳақиқии зан мебошанд. Дар бадани зан бо қалами нӯгтез расмҳои растанӣ, ситора ва дигар аломатҳо кашида шудаанд, ки ба хатҳои тасвирӣ монанданд.[1] Аз тарафи дигар, В.М.Массон тахмин менамояд, ки худозани Олтинтеппа нақшҳои гуногуни худоҳои ибтидоиро мебозид: расми растанӣ дар шиками худозан – бонии наботот, нақши мавҷ – худои об, нақши ситора – худои осмонро ифода менамуд.[2]

Дар асри биринҷии миёна дар ҷомеаи Олтинтеппа дигаргуниҳои боризи иҷтимоӣ пайдо шуданд. Аҳолии Олтинтеппа тибқи маълумоти бостоншиносон ба се табақа тақсим шуда буданд. Хонаҳои табақаи аввал калон ва бисёрҳуҷра буд, нақшаи муайян надошт ва аз кӯчаҳои тангу тор онҳоро аз ҳам ҷудо месохт. Дар қабрҳо устухони ҳайвоноти хонагӣ каманд. Дар онҳо танҳо зарфҳои гилин вомехӯранд, ки нишони камбағалона зиндагонӣ доштани онҳо мебошад.

Табақаи дуюм дар хонаҳои 3-4 ҳуҷра зиндагонӣ мекарданд ва ҳар хона ҳавлӣ ва ошхонаи худро дошт. Дар ин ҷо низ хонаҳо ва кӯчаҳо нақшаи муназзам надоранд, аммо соҳибони хонаҳои ин табақа нисбат ба табақаи якум зиндагонии хубтар доштанд. Дар қабрҳои онҳо асбобҳои зиннатии гуногун бо сангҳои лоҷувард, фирӯза, ақиқ вомехӯранд. Дар қабр ва маҳаллаи онҳо устухонҳои чорвои хонагӣ зиёданд.

Табақаи сеюм одамони давлатманд буданд. Хонаҳои онҳо тибқи нақша сохта шудаанд. Бозёфтҳои археологӣ нишон

---

[1] *Массон В.М. Сариниди В.И.* Среднеазиатская терракота эпохи бронзы. М.1973. – С.38-40.

[2] *Массон В.М.* Первые цивилизации. М., 1989. – С. 168.

медиҳанд, ки дар қабр гӯшт мегузоштанд. Дар қабрҳои занон зеваролоти гуногун аз қабили даспона, гӯшвора, шаддаи гардан, симу зари ороишӣ, миёнбанду либосҳо вомехӯранд. Дар баъзе гӯрҳо муҳр низ пайдо шудаанд. Аз ҳаҷми дегҳои хӯрокпазӣ маълум мешавад, ки оилаҳои калон набуданд. Барои кӯфтани зироатҳои донагӣ дар ҳар хона чармасанг ва сангҳои бофандагӣ мавҷуданд.[1]

Олтинтеппа дар ҳазораи 3 то мелод марҳалаи ташаккули иттиҳоди қабилаҳоро аз сар мегузаронид, ки тадриҷан шаҳрҳо ба вуҷуд меомаданд. Дар ҳар маҳалла маъбад амал мекард, ки бахши маъмурии шаҳр маҳсуб мешуд. Ғайр аз маъбадҳои маҳаллӣ боз маъбади бузурги шаҳрӣ ва инсонӣ вуҷуд доштанд, ки барои тамоми шаҳриён ва рустоиҳо хизмат менамуданд. Муҷтамеи меъмории он дар болои теппаи замони энеолит сохта шуда, аз он хонаи истиқоматии мубадон, мақбара ва утоқҳои гуногуни хоҷагӣ иборат буд. Маъбад ду ҳавлӣ дошт ва яке аз онҳо хиштфарш шудааст, ки шояд ҷойи гузаронидани анҷуманҳо бошад, дигаре меҳроб дошт, ки барои гузаронидани маросими динӣ истифода мешуд. Маркази меъмориро бинои сезинадор ташкил медиҳад, ки намои он 21 метр дарозӣ дорад. Баландии бино 8-10 метр буд. Дар паҳлуи он дар пояи 3 метраи хиштин хазинаи калон сохта шудааст, ки намои шарқии он 55 метр дарозӣ дошт. Намо бо нимсутунҳои зинадор оро дода шудааст. Ин сабки маъбадсозӣ дар Байнаннаҳрайн маълум буд ва шояд дар зери таъсири он офарида шудааст.

Дар байни муҳрҳои аз Марғуш ва Бохтар ёфташуда акси говеро мебинем, ки ба он унсурони аҳриманӣ: мор ва аждаҳо ҳуҷум оварда, онро ба ҳалокат мерасонанд. Дар ин бахш фикру мулоҳизаҳои гуногун вуҷуд доранд.[2]Баъзе муҳаққиқон муҳрҳои акси говдорро дур аз асотири ориёиҳо шарҳ додаанд. Ба ақидаи мо кушодани мазмуну мундариҷаи бозёфтҳои қадими таърихи Осиёи Миёнаро пеш аз ҳама дар оини меҳрпарастӣ, ки гов дар он нақши асосӣ дорад ва ҳамин мазмун такмилёфта дар Авесто низ омадааст, ҷустуҷӯ намуд. Ба ҳар ҳол муҳрҳо бо акси говмард, уштур, асп, ҳама нишони ориёӣ будани бошандагони Олтинтеппа мебошад.

---

[1] *Массон В.М.* Первые цивилизации. М., 1989. – С. 167.

[2] *Сарианиди В.И.* Древнебактерийский пантион /Информационный бюллетень Юнеско, вып.10 рис.51.

Дар ҳазораи дуюми асри биринчӣ ҳодисаҳое рух доданд, ки зимни он Намозгоҳ ва Олтинтеппа барин марказҳои тамаддун рӯ ба харобӣ ниҳода, дар резишгоҳи рӯди Мурғоб бошишгоҳ ва марказҳои нави аҳолинишин пайдо шуданд. Чунин марказҳои нави аҳолинишин дар соҳилҳои чапу рости рӯди Балхоб, Самангонрӯд, Чаганрӯд, Шерободу Ому дар Бохтар арзи вуҷуд намуданд.

Таҳқиқоти баамаломада дар Олтинтеппа нишон дод, ки аҳолӣ дар натиҷаи дигаргуниҳои иқлимӣ тадриҷан онро тарк намудааст. Ба ақидаи В.М. Массон, ҳодисаи тарк намудани воҳаи Намозгоҳ ва Олтинтеппа нарасидани об мебошад. Дар натиҷаи хушксолиҳои зиёд оби рӯдҳо барои обёрии киштзорҳои Намозгоҳу Олтинтеппа кам шуданд ва мардум оҳиста-оҳиста ҷойҳои зисти бисёрҳазорсолаи худро тарк карданд. Онҳо чизу чораи худро гирифта ба соҳилҳои рӯдҳои Таҷану Мурғоб кӯч бастанд ва ҳаёти минбаъдаи худро дар он ҷо идома доданд.[1]

Рустои Марғуш аз шаш деҳа иборат аст. Деҳаҳо аз якдигар дар масофаи 3-4 км. ҷойгир шудаанд. Маркази нав ободшуда харобаи Кулӯлаи 1 буд. Хонаҳои Кулӯлаи 1 шакли нави хоҷагӣ ва манзилсозӣ мебошад. Хонаҳо бо нақши муайян ба монанди хонаҳои ашрофони Олтинтеппа сохта шудаанд. Хонаи калон нақши чоркунҷаи баробарпаҳлу дошта, майдони 800 метри мураббаъро ишғол мекунад. Хонаҳо қад-қади девори ҳавлӣ сохта шуда, дар миёнаҷо майдони калон доранд. Дар манзилгоҳи намуди нав, қалъаҳо пайдо шудаанд, ки гирдашон девори ҳимоявии бурҷнок доранд ва масоҳати 127-128 метрро ишғол намудаанд. Бо фикри В.М.Массон, ин қалъаҳо ҳангоми хавфу хатар нақши паноҳгоҳро мебозиданд. Дар ин давра хатари ҳуҷуми ғоратгарони беруна пайдо шуда буд.[2]

Дар нимаи дуюми ҳазораи 2 то мелод дар резишгоҳи Мурғоб иттиҳоди деҳаҳои кишоварзӣ пайдо шудааст, ки маъмурии онҳо дар харобаи Тоиб 1 буд ва масоҳати он 5 гектарро ташкил мекард. Тоиб маҳаллаи кулолон ва мисгарон дошт. И. Максимов аз харобаи Тоиб чор муҳр ёфтааст, ки маркази маъмурӣ будани онро тасдиқ менамоянд. Тоибро шаҳрчаи марказии маҳал номидан мумкин аст. Дар байни ёдгориҳои ҳазораи 2 то мелод харобаи Гонур аз ҳама калон мебошад, ки масоҳати 28 гектар заминро

[1] *Массон В.М.* Первые цивилизации. М., 1989. – С. 172-173.
[2] *Сариниди В.И.* Древности страны Маргуша. Ашхабад, 1990. – С. 14-15.

фаро гирифтааст. Гонур қалъаи баробарпаҳлу дорад ва шояд он маркази шаҳр-давлат буд.

Дар Гонур муҳрҳои тахтачагине пайдо шудаанд, ки дар яке аз онҳо ҳуҷуми буққа ба сӯйи ду мор ва дар дигаре муборизаи одам бо морон акс ёфтааст. Ба ақидаи В.М.Массон, одам Гилгамеш аст ва ин тасвир аз Байнаннаҳрайн ба ин ҷо омадааст.[1]

Дар ҳазораи 2 то мелод на танҳо резишгоҳи рӯди Мурғоб аз ҷониби кишоварзон аз худ карда шуд, балки дар ҳамин давру замон дар миёнаҷои рӯди Ому шаҳру маҳаллаи кишоварзон ба монанди Сафолтеппа, Ҷарқутан ва Даштлӣ пайдо мешаванд ва тамаддуни якрангаи кишоварзиро равнақ медиҳанд. Кишоварзони Бохтар дар ҳавзаи шохобҳои начандон калони Ому деҳаҳо сохта аз оби онҳо барои кишоварзӣ истифода мебурданд. Ду навъ гандум, ҷав, арзан мекориданд, дар ҷуфту кор аз уштури дукуҳона ва хар истифода мекарданд. Ангурпарвариро равнақ дода будаанд. Дар деҳаҳои шаҳршуда ба монанди Сафолтеппа мезистанд. Мувофиқи ақидаи В.М. Массон, аз нимаи дуюми ҳазораи 2 то мелод як умумияти фарҳангӣ на танҳо дар ноҳияҳои ҷанубӣ Осиёи Миёна, балки ноҳияҳои ҳамсоя низ пайдо шуданд, ки он бо номи «Тамаддуни археологии Марушу Бохтарӣ» маълум аст: Он тамаддунҳои Шаҳдоди Эрони марказӣ ва Мергари дар шимолу ғарбии Балуҷистон бударо бо ҳам мепайваст, ки онро сароғози тамаддуни бохтарӣ меноманд.

Дар ин тамаддун таъсири маданияти Шумер бо навсозиҳои маҳаллӣ мушоҳида мешавад. Дар ҳазораи 2 то мелод омезиши тамаддунҳои ноҳияҳои зикршуда бештар эҳсос мешавад ва онро дар санъати зарфсозӣ, муҳррезӣ (гелиптика) ва сохтани зарфҳо бо нақши барҷаста (торевтика) мушоҳида менамоем. Ин замони омезишифарҳангҳо ва таъсири мутақобилаи онҳо будааст, ки дар муҳри ҳазораи 2 то мелод ба хубӣ инъикос шудааст. Муҳрҳо ба се гурӯҳ тақсим шудаанд. Муҳрҳои гурӯҳи якум, ки тахтачамонанди шуъбадор бо дастаҳои сӯрохдоранд, мувофиқи нақшу расми ҳайвонҳои аксёфта онҳо давоми фарҳанги Олтинтеппа мебошанд. Дар ин муҳрҳо нақшҳо барҷастатару намоёнтаранд. Муҳрҳои гурӯҳи дуюм наванд ва лавҳҳои тилисмӣ ба шакли салибии бисёрзинаро доранд, ки анъанаи маҳаллӣ мебошад, аммо дар мазмуни онҳо таъсири фарҳангҳо ва ҳунарҳои Байнаннаҳрайну Илом ва Ҳараппа мушоҳида мешавад. Муҳрҳои гурӯҳи сеюм

[1] *Массон В.М.* Первые цивилизации. М., 1989. – С. 174.

намуди устувонаӣ (силиндрӣ) дошта, нақшу мазмунашон мураккаб аст. Сабқи ин намуд муҳрҳо ба сабки Байнаннаҳрайну Илом монандӣ дорад. Муҳрҳои қадимтарини махрутӣ аз Шаҳдод ва қабатҳои поён Шаҳри Сӯхта ёфт шудаанд. Ҳамаи намудҳои муҳрҳои зикршуда, дар ёдгориҳои Бохтар мавҷуданд.[1] Дар муҳрҳо бештар ривояти муборизаи некӣ бо бадӣ тасвир шудааст.

Барои беҳтар донистани дараҷаи тамаддуни Бохтар, ки яке аз барҷастатарин намунаҳои тамаддуни ориёии ниёгони мо мебошад, ба ёдгориҳои таърихие, ки бостоншиносон кашф кардаанд, ошно шудан зарур аст. Зеро Бохтар, ки қисми зиёди қаламрави кунунии Эрони шарқӣ, Афғонистон ва Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт, дар ташаккули тамаддуни ориёӣ саҳми бузург дошт.

Ман ҳангоми сафарҳоям дар дохили Тоҷикистон, аз ҷумла дар ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳуриамон ё ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва ҳини чандин бор ба Афғонистон барои музокираҳо бо Иттиҳоди мухолифин рафтанам ба мавқеъҳое, ки ба назар харобазор менамоянд, теппаҳои хурде, ки хоку регтӯдаҳои одӣ мебошанд, назар карда, фикр мекардам, ки чӣ қадар асрори қарнҳои гузашта, ғаму андӯҳ ва задухӯрдҳо аҷдоди моро барои ҳифзи ин сарзамин аз истилогарондар худ ниҳон кардааст.

Дар ҳавзаи шохобҳои миёнаи рӯди Ому, дар соҳили он дар пастхамиҳои рӯдҳои Шеробод, Шӯрча ва Бандиҳон бостоншиносон зиёда аз 20 ёдгории ибтидои пайдоиши шаҳрро таҳқиқ намуданд, ки ба тамаддуни ҳазораи 2 то мелод – асри биринчӣ тааллуқ доранд. Дар миёни онҳо ёдгории Сафолтеппа хуб омӯхта шудааст.

Сафолтеппа масоҳати 4 гектар заминро фаро мегирад. Корҳои ҳаффорӣ мунтазам дар қалъаи Сафолтеппа гузаронида шуд. Масоҳати қалъа 82 ба 82 метр аст. Он се девори мудофиавии дарун ба дарун дорад. Ғафсии деворҳо 170 см мебошанд. Биноҳои истиқоматӣ дар дохили девори сеюм ҷой доранд. Байни деворҳоро роҳравҳо ташкил мекунанд. Роҳравҳо дар масофаҳои гуногун бо девор ҷудо карда шудаанд, ки миқдорашон 8-то мебошанд. Роҳравҳо аз деворҳои ҳимоявӣ дари даромад доштанд. Қалъаи Сафолтеппа мувофиқи нақшаи пешакӣ сохта шуда, аз таҷриба ва дониши баланди сохтмонию меъмории ҳазораи 2 то мелод шаҳодат медиҳад.

---

[1] *Массон В.М.* Первые цивилизации. М., 1989. – С. 174.

Хонаҳои даруни қалъа ба маҳаллаҳо тақсим шуда, бо кӯчаҳо аз якдигар ҷудо шудаанд. Майдони марказӣ сохта нашудааст. Шаҳрак ба ҳашт маҳалла тақсим мешавад, ки ҳар кадом аз онҳо як бахши маъмуриро ташкил менамуд. Маҳалла аз як оилаи калони патриархалӣ иборат буд. Ба ақидаи муҳаққиқони Сафолтеппа, бинои бузурге, ки он аз хонаҳои истиқоматӣ фарқ кунад ё маркази маъмурӣ ва ё хонаи шахсӣ олимақоме бошад, вуҷуд надорад. Ин бар он далолат мекунад, ки Сафолтеппа ҳанӯз ба шаҳр табдил наёфта буд, вале раванди тағйироти иҷтимоӣ дар он ба хубӣ эҳсос мешуд. Аз чунин вазъи иҷтимоии бошандагони Сафолтеппа қабрҳои таҳқиқотшудаи онҳо шаҳодат медиҳанд. Ин қабрҳо дар харобаи Сафолтеппа баъди онро тарк кардани одамон канда шудаанд ва намуди ширдонро (катакомба) доранд. Ҳодисаи дар хум ва тобути чӯбин гӯронидан низ мушоҳида шудааст. Дар тобутҳои чӯбин одамони сарватманд гӯронида шуда, ҳамроҳашон анҷомашон низ гузошта шудааст.

Дар қабрҳои кӯдакон ашёе вуҷуд надорад. Миқдори чизҳо дар гӯри одамони ба балоғатнарасида нисбат ба калонсолон камтар аст. Аз 17 қабри тадқиқшудае, ки 11-тои он ба мардон ва 6-тоаш ба занон мансуб аст, ашё дар қабрҳои кӯдакону наврасон кам ва дар гӯри одамони калонсол зиёданд, ки аз зарфҳои гуногун, ашёҳои биринҷии зинатӣ ва олоти истеҳсолот иборат мебошанд. Ашёҳои зиндагии тиллоӣ ва нуқраӣ кам пайдо шуданд, шояд истеҳсоли онҳо ҳанӯз дуруст ба роҳ монда нашуда будааст.

Якхела будани қабрҳои нишондиҳандаи он аст, ки барои одамони давлатманд ҷойи махсус ҷудо намекардаанд. Бостоншиносон зимни таҳқиқи қабрҳо онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намуда, ба гурӯҳи аввал ба афроди одии ҷомеа, ба гурӯҳи дуюм афроди мутавассити (миёнаҳолӣ) ҷомеа ва ба гурӯҳи сеюм кадхудо ва сарватмандони ҷомеаро мансуб донистаанд.

Ҷарқутан давоми тараққиёти тамаддуни кишоварзӣ ва ҳунармандии Сафолтеппа мебошад. Масоҳати Ҷарқутан зиёда аз 100 гектар заминро дар бар мегирад. Қасри шаҳр 4 гектарро ташкил менамояд, бинои маъбад 60 ба 44,5 метр аст. Боқимондаи масоҳатро хонаҳои истиқоматӣ ва маъмурию хоҷагӣ ташкил менамоянд.Қабристон берун аз шаҳр дар теппаҳо воқеъ буда, масоҳати 20 гектар заминро фаро мегирад. Зиёда аз 730 гӯрҳои гуногунзамони бошандагони Ҷарқутан омӯхта шудаанд. Таҳқиқоти хонаҳои шаҳр нишон дод, ки онҳо хеле калон ва

бисёрҳуҷра буда, рӯйи таҳкурсии хиштини аз 1 то 2 метр сохта шудаанд.

Бостоншиносон ба натиҷае расидаанд, ки ҷараёни ташаккулёбии шаҳр дар замони Ҷарқутан, яъне нимаи дуюми ҳазораи 2 то мелод ба охир нарасида будааст. Бошандагони тамаддуни Сафолтеппа ва Ҷарқутан аз водии Мурғоб омада, давомдиҳандаи фарҳанги Олтинтеппа буданд.

Аз мутолиаи асарҳои бостоншиносоне, ки дар қисматҳои гуногуни Бохтар ҳафриёт гузаронидаанд, ба хулосае омадам, ки дар ин давра унсурҳои шаҳрсозӣ хеле равшан аст. Зеро иморатҳои бузурги оташи муқаддас, қалъаи баланду паҳн, муҳрҳои зиёд аз раванди босуръати ташаккули идораи маъмурӣ ва созмони давлатӣ шаҳодат медиҳанд.

Маъбадҳо, ҳуҷраҳо, меҳробҳо, чортоқҳо, деворҳои давродавр чӣ асрори бузурги зиндагии гузаштагони моро дар хеш нигоҳ медоранд. Онро насли имрӯзаи олимони бостоншинос, таърихшиносон, этнографҳо бояд амиқтар таҳлил намоянд, аз зери анборҳои хоки шаҳрҳову биёбонҳо гарди ёдгориҳои ниҳонмондаро тоза карда, аз ҷилои он симои пурҳикмат ва зиндагонии боматонати аҷдоди моро ҷилвагар намоянд. Ба насли ҷавон бояд таълим диҳем, ки ҳар сафолпора ё ашёи қадимае, ки ба назарашон мерасад, розу ниёз ва ифтихори гузаштагони моро дар худ ниҳон дорад. Онро бояд дида, фаҳмида ва ба қадри он расида тавонем.

Дар ҳазораи 2 то мелод, ки оини куҳан тадриҷан нуфузи амиқ пайдо мекард, тайёр кардани нӯшоба аз гиёҳи ҳаома ва тайёр кардани нӯшобаи масткунанда низ аз расму одатҳои маъмул шуда будааст. Бозёфтҳои Ҷарқутан ба он далолат мекунанд, ки технологияи махсуси шарбати нишотовари ҳаома вуҷуд доштааст, ки аз зарфҳои махсус ба хумҳо ҷорӣ мешуд ва мавҷуд будани зарфҳои мурғобимонанд, кӯзаҳо, косаҳо аз рушди эстетикии асбобии рӯзгор ва тарзи маишати шаҳрнишинон шаҳодат медиҳад.

Маъбади оташи зардуштӣ гӯё ҳамеша фурӯзон будааст. Яке аз маъбадҳои қадима дар Самангон ҷойгир аст, ки бостоншиносон тахмин мекунанд, шояд дар сохтмони он Пайғамбари ориёӣ бевосита ширкат карда бошад.

Тарзи таҳияи нӯшобаи муқаддаси «ҳаома» махсус буда, аз афшурдан то оташ афрӯхтан, ҳезум ниҳодан, об додан ва омехтани он бо шир дуо ва ниёишҳои хосса хонда мешудааст.

Маъбадҳо хеле зебо, бо муҷассамаҳои гуногун, санъати махсуси меъморӣ сохта мешуд. Бесабаб нест, ки баъд аз истилои арабҳо ва пирӯзии ислом дар кишварҳои Ориёно маъбадҳо ба масҷид табдил дода шуданд. Гузаштагони мо амали хайр ва оқилонаеро дар ин маврид анҷом дода будаанд ва тавонистаанд биноҳои зебои маъбадҳои хешро ба ин роҳ хифз намоянд.

Дар ин бора сухан ронда, ҳаракати пролеткулти солҳои 20-30-уми асри гузашта ба ёдам омад. Дар он давра таҳти шиори ҷорӣ кардани «маданияти пролетарӣ» бисёр биноҳои зебо ва бузурги масҷидҳо ва мадрасаҳо хароб шуда буданд.

Масъудӣ дар бораи харобаи оташкадаи Истахр, ки дар замони ӯ ба номи Масҷиди Сулаймон маълум буд, чунин гуфтааст: «Ман ин масҷидро дидам, тақрибан дар як фарсахии шаҳри Истахр воқеъ аст. Бинои зебо ва хеле бошукӯҳ аст. Дар он ҷо сутунҳо аз санги яклухт қатор бо истифодаи муҷассамаҳои ҳайратбахш дидам, ки бо фарози он ашколи аҷибтар аз асп ва соири ҳайвоноти ғароиб насб буд, ки ҳам аз шакл ва ҳам аз лиҳози азамат шахсро ба ҳайрат меафганданд. Дар гирди бино хандақи васеъ ва ҳисоре аз сангҳои бузург сохтаанд».

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки сарсутун, марза ва деворҳои бинои маъбади оташ, бо ҳайкалу расмҳои барҷастаи ҳайвонҳои барои оини Маздаясно муқаддас аз қабили асп, барзагов, таккаи кӯҳӣ ва наруғумҳо ороиш доштанд. Аммо дар бораи нақшаи маъбади оташ ва аз чанд утоқ иборат будани онҳо маълумоте надодааст.

Муҳаммад Муин дар ин бора нигоштааст, ки нақши оташкадаҳо яксон будаанд: дар Язд маъбади оташи замони қадим боқӣ мондааст, ки вай аз чартоқи чордара ва гирди вайро роҳрав бо девори чордара иҳота мекунад. Роҳрави хурд дари пӯшидан дорад.[1] Дар Ҷарқутан тамоми зарфҳо дар чархи кулолии тезгард бо сифати баланд сохта мешуданд. Сифати истеҳсоли зарфҳоро гурӯҳи калони кулолони касбӣ назорат мекарданд.

Баробари кулолӣ сохтани олот ва ашёи биринҷӣ хеле равнақ ёфта буд. Силоҳҳо, асбобҳои истеҳсолӣ ва ашёи зебу зинат бо санъати баланд сохта шудаанд, ки далели инкишофи соҳаҳои

[1] *Муин М.* Маздаясно ва таъсири он дар адабиёти порсӣ. Теҳрон, 1226. – С. 193-198.

гуногуни маъдангудозӣ ва офаридани асбобҳои мухталифу рангоранг мебошад. Асбобҳоро дар ҳазораи 2 то мелод устоҳои касбӣ тайёркардаанд. Дар ин давра заргарӣ ва аз тиллову нуқра ва сангҳои қимматбаҳову нодир сохтани ашёи ороишии занона хеле афзудааст. Ҳунармандони заргар гурӯҳҳои худро доштанд. Зарфҳои биринҷии сурмадон, муҳр, асо, табарзин ва ғайра нишон медиҳанд, ки устоҳои онҳо дар сохтани яроқу олот ва офаридаҳои ҳунарию зинатӣ маҳорати хуб доштаанд. Расмҳои гов, буз, мор ва ғайра ба дараҷаи баланди ба воқеият наздик офарида шудаанд. Сатҳи баланди касбӣ ва афзоиши истеҳсоли ашё гувоҳӣ медиҳад, ки ҳунармандон ашёи худро ба муомилот мебаровардаанд ва бар ин асос тиҷорат рушд ёфта буд.

Бофандагӣ, чармгарӣ, сохтани зарфҳои чӯбин ва ғайра аз касбҳои гуногуни он замон ба ҳисоб мерафт. Ҳунармандон маҳаллаҳои худро доштанд. Аломатҳои болои зарфҳои Сафолтеппа нишони пайдо шудани хатҳои шаклӣ ва аломатӣ мебошад.

Ҷарқутан аз ҷиҳати сохтор ба қалъа, шаҳристон ва гӯристон тақсим мешавад. Диж ва маъбад девори ҳимоявӣ доранд, аммо шаҳристон девори ҳимоявӣ надорад. Набудани девори ҳимоявӣ дар атрофи шаҳристон ду сабаб доштааст. Якум, шояд ҳеҷ таҳдиде аз берун эҳсос намешуд ва аз ин рӯ, ҳоҷат ба сохтани девори ҳимоявӣ набудааст. Дуюм, давлати пуриқтидоре вуҷуд дошт, ки ҳимояи шаҳру деҳоти мамлакатро таъмин мекард ва аз ҳамин сабаб дар атрофи шаҳристони Ҷарқӯтан девори ҳимоявӣ насохтаанд, зеро ки чунин девор ҳароҷоти зиёдро талаб мекунад.

Ноҳияҳое, ки ба он Сафолтеппа ва Ҷарқутан ворид буданд Ориёнам ном доштанд. Ин ном бо каме тағйирот дар шакли Айртам то ба рӯзгори мо омада расидааст ва Ориёнам бахше аз Ориёна-Вейҷ будааст.

Ҳангоме ки дар бораи ёдгориҳои Бохтари қадим сухан меронем, ёдгориҳои Балх ва атрофи онро бояд зикр намоем. Ин шаҳр, ки дар соҳили дарёи Ому (ҳудуди 20 километри ғарби шаҳри кунунии Мазори Шарифи Афғонистон воқеъ аст, солҳои файзбору ободонӣ, рӯзгори шоҳони номдори аҳди қадим ва хунрезиҳо, даҳшатҳо, кушторҳову сӯхторҳоро аз ҷониби аҷнабиён дар ҳар вақаби хоки худ ба ёдгор дорад.

Ба ёдам беихтиёр истилои муғул меояд: соли 1220 муғулҳо аз Ому убур намуда, тамоми мардуми Балх ва атрофи онро кушта,

хонаҳояшонро сӯзонда валангор карда, боигариашонро бо худ бурда буданд. Дар замини шаҳр ҷав корида шуд ва осори зинда амалан боқӣ намонд, зеро ин таҷовузкорони ваҳшисифат «омаданду куштанду канданду гирифтанду бурданду рафтанд». Баъд аз он Балх дигар ба худ наомад. Харобаҳои қалъаҳои беруну дохилии шаҳр ба қотилони хуношом ва истилогарони даррандахӯ гӯё ҳамеша нафрат мехонанд. Чингиз, Темурланг, Гитлер кайҳо аз олам гузаштаанд, вале харобаҳо ва теппаҳои ба ном калламанораҳо ҳанӯз боқӣ ҳастанд! Оре, мо аз фоҷиаҳо сабақ гирифта, якҷо бо инсонияти мутамаддин вазифадорем, ки тамаддунро аз ҷаҳолат ва харобкориҳо эмин нигоҳ дорем. Ин мазмунро ман дар суханронием дар Сессияи 33-юми ба ҷашни 60-солагии ЮНЕСКО бахшидашуда 9-уми октябри соли 2005 бори дигар таъкид намудам.

Дар воқеъ, аз диёри Балх шоирону олимони бузурге ба мисли Унсурӣ, Робиа, Шаҳид,Шақиқи Балхӣ (марқади мубораки ӯ дар шаҳраки Себистони ноҳияи Данғара воқеъ аст) ва Ҷалолиддини Балхӣ, ҳамчунин хонадони Бармакиён ва Сомониёни бузург барҳоста буданд. Ин шаҳр аз гаҳвораҳои тамаддуни ориёӣ буд.

Ба таърихи бостон бармегардем. Дар шимоли шаҳраки Оқча, шаҳраки қолинбофони машҳур, ки начандон дур аз Балх буд, дар мавқеи Даштлӣ зиёда аз 40 ёдгории замони ҳазораи 2 то мелод кашф ва тадқиқ шудаанд. Дар қадим бошандагони Даштлӣ аз Балхобро барои зироаткорӣ истифода менамуданд.

Барои мавзӯи мо ёдгориҳои замони Зардушт, давлати Каёниён ва офаридаҳои ҳазораи 2 ва 1 то мелод хело ҷолиб ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, назаре ба он андохтан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Дар ноҳияи Даштлӣ ду намуд ёдгориҳои асри биринҷӣ тадқиқ шудаанд. Ба гурӯҳи якум деҳаҳое дохиланд, ки атрофашон девори ҳимоявӣ надоранд ва аз офатҳои табиӣ то имрӯз зарари ҷиддӣ дидаанд. Ба гурӯҳи дуюм деҳа ва истеҳкомҳое дохил мешаванд, ки баъзеяшон аз диж ва деҳистон иборат буданд. Дар кӯшк сарвари шаҳрак ва дар деҳистон бошандагони он мезистанд.

Қалъаи он ба масоҳати 99 ба 85 метр буд. Атрофаш бо девори ҳимоявӣ бо ғафсии 3-4 метр бо бурҷҳои тирандозӣ иҳота шудааст. Девори ҳимоявӣ дар чаҳор гӯшааш бурҷи мудаввари тирандозӣ дошт. Девори шимолӣ дорои дарвоза буд, ки онро ду бурҷ муҳофизат менамуд.

Биноҳои истиқоматӣ дар дохили девори ҳимоявӣ сохта шудаанд. Хонаҳо оташдон доранд, ки дудбарои он дар даруни девор буда, дудаш ба болои бом мебаромад. Хонаҳои Даштлӣ аз рӯйи сохт ба хонаҳои Сафолтеппа монанд мебошанд.[1]

Ёдгории дигар, ки Даштлӣ - 3 номгузорӣ шудааст, аз теппаи баланди харобаи бинои асосии шаҳр иборат будааст. Вай нақши мудаввар дошта, дар маркази шаҳр ҷойгир ва бо ду девори ҳимоявӣ иҳота шудааст. Девори ҳимоявии берун 9 бурҷ дорад. Хонаҳои байни девори якум ва дуюм дар масофаҳои гуногун сохта шуда, дари даромад надоранд.

Ҳуҷраҳои асосӣ дар дохили девори дуюм ҷой доранд, ки таъминоти гуногунро ба дӯш доштанд. Ҳуҷраҳои 2 ва 3 дар бинои мудаввар нақши асосиро мебозиданд, зеро онҳо дорои меҳроби оташ мебошанд.

Дар ин ҷой қасри бузурги шоҳӣ мавҷуд будааст. Дар қаср утоқҳои гуногун ҳафриёт шудаанд, ки дар гузашта онҳо вазифаи истиқоматӣ, посбонӣ, ҳимоявӣ, хоҷагиро иҷро менамуданд. Системаи ҳимоявии шаҳр хеле мураккаб ва барои душман фиребанда буд. Ҷо ба ҷо гузоштани биноҳо, ороиши онҳо, бурҷакҳои ҳимоявӣ аз санъати баланди сохтмончиёни он шаҳодат медиҳанд. Дар қаср, бешубҳа, шахсони олирутбаи ноҳияи Бохтар мезистанд.

Ба фикри муаллифи ҳафриёт В.И. Сарианиди, ин қаср бо маъбадаш нақши марказӣ ва динии ноҳияро мебозид ва дар онҳо диндорон мезистанд. Гумон мекунам, ки дигарон дар маъбад ва хонаҳои атрофи он кор ва зиндагӣ мекарданд. Дар қаср кай (шоҳ), наздиконаш, дастаи ҳарбӣ ва сохтори идоравии давлат ҷой дошт.Шояд он яке аз марказҳои салтанати шоҳони овозадори Каёниён бошад.

В.И.Сарианиди ақида дорад, ки қасру маъбад дар асоси анъанаҳои меъмории бошандагони Байнаннаҳрайн ва Мундигак (Афғонистон) сохта шудаанд. Ба ақидаи ӯ, бошандагони Бохтари шимолии асри биринҷӣ аз ҷанубӣ Афғонистон, аз Балуҷистон ва Эрони марказӣ ба ин ҷо нақли макон кардаанд.[2] Агар ин тавр бошад, саволе ба миён меояд, ки бошандагони давраи неолити ин ноҳияҳо, ки худи В.И. Сарианиди дар ибтидо дар бораи онҳо сухан мегӯяд, куҷо рафтанд? Бешубҳа, робитаҳои байниқабилавии

[1] *Сарианиди В.И.* Древние земледельцы Афганистана М., 1977. – С. 23-27.
[2] *Сарианиди В.И.* Древние земледельцы Афганистана М., 1977. – С. 40-41.

ноҳияҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ва Ҳинду Эрони қадим доимӣ буданд ва иртиботи маданӣ сабаби дар асри биринҷӣ пайдо шудани фарҳанги Даштлӣ гардиданд. Дар офаридани ин нақши мардуми маҳаллӣ ва омезиши он бо тамаддуни тозаро низ набояд фаромӯш кард.

Кошифи ин ёдгорӣ В.И. Сарианиди дуруст мешуморад, ки маъбад ибодатгоҳи мардумони ноҳияи Даштлӣ буда, қасри паҳлуияш бинои маъмурӣ ба ҳисоб мерафт. Ин маҳал шояд ишора ба яке аз марказҳои давлати Каёниёни Бохтар мекард. Ба ҳар ҳол, дар ин ҷо санъати кулолгарӣ, сафолсозӣ, ҳунармандӣ ва косибӣ инкишоф ёфт. Хумдонҳо одатан дар гӯшаи шаҳр сохта шудаанд ва маҳаллаи кулолон дар назди онҳо воқеъ будааст.

Заргарон аз тилло, нуқра ва сангҳои қиматбаҳо ҳар гуна ашёи зиндагӣ меофариданд. Тараққиёти ҳунармандӣ боиси инкишофи савдо гардид. Аслиҳасозӣ низ ба мушоҳида мерасад. Силоҳҳо аз мис ба монанди душоха, тирҳои пайкон, табарҳои ҷангӣ ва вуҷуди дастаҳои ҳарбӣ далолат мекунанд.

Даштлӣ маркази маъмурӣ-динии ноҳия буд ва деҳаҳои атроф ба вай итоат менамуданд. Азбаски ин мавзеъ аз шаҳри Балх на он қадар дур аст, онро метавон яке аз аввалин марказҳои Бохтар донист.

Бозёфтҳои археологӣ нишон медиҳанд, ки бошандагони Намозгоҳ, Олтинтеппа, Даштлӣ, Сафолтеппа, Ҷарқутан ва ҳатто Саразм ба мардумони Шаҳри Сӯхта, Ҳисор, Мундигак бо ҳамдигар робитаи маданӣ доштаанд. Бошандагони теппаи Ҳисор, Шоҳтеппа, дар навбати худ ба тамаддуни иломӣ, мундигакӣ, Ҳараппа ва Моҳенҷодару алоқа доштанд, ки дар он ҷойҳо хат ривоҷ дошт

Метавон ба хулосаи асосӣ омад, ки асри бирињии ҳазораи 2 то мелод давраи ташакулёбии тамаддуну давлатдорӣ ва дину маънавияти ориёӣ дар Осиёи Марказӣ буд. Нуқтаи муҳим ва қобили зикри хос он аст, ки ориёиҳои Ориёно (Осиёи Марказии баъдӣ) равобит ва пайвандҳои худро бо ориёиҳои минтақаҳои дигар ба хусус ноҳияҳои ҳаммарз ҳифз намуданд ва густариш доданд. Таҳқиқоти давомдори илмӣ, баҳсу кашфиёти навини бостоншиносӣ собит месозанд, ки дар ҳазораҳои 3-2 то мелод дар саҳроҳои ҷанубии Россия қабилаҳои ориёӣ сукунат доштанд ва тамаддуни пешрафтаро эҷод намуданд. Онҳо паҳнкунандаи улави гардуна ва аспсаворӣ, равнақдиҳандаи чорводорӣ ва

азбаркунандаи канданиҳои фоиданок, ва аз ҷумла конҳои мису қалъагӣ буданд. Онҳо кишоварзиро низ дар ин сарзаминҳо равнақ доданд, барои обёрии зироат аз оби рӯдхонаҳо истифода намуданд. Истеҳсоли асбобҳои аз маъдани биринҷӣ таҳияшуда аз қабили табар, отанги ҷуфт, дос, ҳанҷар, найза, даҳонаи лаҷоми асп ва ғайраро ба роҳ монданд.

Дар бораи маданияти ориёии давраи мазкур сухан ронда, бояд таъкид кунам, ки бостоншиносон, махсусан дар минтақаҳои Урал, Қрим, Курск, Воронеж, ҷануби Сибир ва ғайра ҳафриёт гузаронида, бозёфтҳои ҷолибе кашф кардаанд. Аз қабрҳои пайдошуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки соҳилҳои Волга, Днепр ба фарҳанги Қафқози шимолӣ пайванди наздик дошта, дар осори моддиашон соҳиби молу мулк ва ашёҳои пурқиммат будани мардуми ин ҷойҳо тасдиқ шудааст. Зироаткорӣ, косибӣ, чӯпонӣ, галадорӣ аз машғулиятҳои доимии мардуми соҳиби ин фарҳанг мебошад.

Қабрҳои катакомбӣ, ки тавассути бостоншиносон таҳқиқ шудаанд, ба он далолат мекунанд, ки аҳолии ин минтақаҳо бештар ба парвариши гов ва асп машғул будаанд. Бояд зикр кард, ки пайдо шудани фарҳанги Катакомба яке аз масъалаҳои мураккаб ва тақрибан ҳалношудаи илмӣ мебошад, ки дар он осори бисёре аз фарҳанги «Древнеями» боқӣ мондааст. Вақте онҳо аз шимоли Кавказ (Қафқоз) омада, бо бошандагони фарҳанги «Древнеями» омезиш ёфтанд, тадриҷан аз онҳо як фарҳанги наву умумӣ бо номи Катакомба пайдо шуд. Дар ин бора маводҳои аз Донетск бадастомада, ки қадимтарин дар Европаи Шарқӣ мебошанд, шаҳодат медиҳанд. Сохти гӯрхона, чароғдонҳо, нақши ресмон, ҷомҳои тагҳамвор, гӯрондан ба паҳлу ва дингак хусусияти хоси фарҳанги катакомбӣ мебошад.

Қабрҳои катакобӣ ба қабрҳои соҳили дарёи Эгей монанданд. Соҳибони қабрҳои катакомбӣ симои аврупоӣ дошта, аз рӯйи нишонаҳои нажодӣ ба ориёиҳо мансуб будаанд. Онҳо дар сафари шарқии худ тақрибаи коркарди маъдани биринҷиро аз ноҳияҳои шимоли Қафқоз ёд гирифта буданд. Баъдан ин тақриба дар коркарди маъданҳои ноҳияи Урал ба онҳо ёрии калон расонидааст.

Як гурӯҳи ёдгориҳои асри биринҷӣ дар вилояти Челябинск дар ҷануби Урал бо номи «Аркаим – Синтоштӣ» («Мамлакати шаҳрҳо») кашф шудаанд. Маҷмӯаи Аркаим Синтоштиро шаҳрҳои

мудаввар, чоркунҷаву нимсекунҷа, қабристон ва деҳаҳои назди онҳо ташкил менамояд ва ба асрҳои XX-XVI то мелод нисбат доранд. Ҳоло зиёда аз 20 шаҳрчаҳои бо ду девори ҳимоявӣ ва ҳандақи гирдогирддошта ба қайд гирифта ва асосан таҳқиқ шудаанд.

Дар қабрҳои Аркаим гӯрҳои якнафара, дунафара (зану мард якпаҳлу, рӯ ба рӯйи якдигар) хобидаанд. Сағонаҳои оилавӣ низ вомехӯранд. Дар қабрҳо ҳамроҳи мурда шасти моҳигирӣ, дос, теша, найза, табар, осорҳои маъдангудозӣ гузошта шудаанд.Муаллифони таҳқиқоти шаҳраки Аркаим ва Қурғони бузурги Синтоштӣ чунин ақида доранд, ки нақшаи Аркаим ва мақбараи бузурги он дар асоси навиштаи Ведаҳо сохта шудаанд.

Давраи дуюми фарҳанги Аркаим – Синтоштӣ дар ёдгориҳои шимолии Қазоқистон, ҷанубии Урал ва мавзеъҳои атрофи он мушоҳида мешавад, ки ба асрҳои XVII-XV то мелод нисбат доранд. Ин ёдгориҳо дар Новониколаев, Петровка-2 кашф шудаанд. Бошишгоҳҳо шакли чоркунҷаи ростпаҳлу дошта, дар наздашон қабристон ҷой дорад. Дар қӯрғонҳо мурда дар марказ ҳамроҳи ҷасаду силоҳ, аробаи ҳарбӣ бо аспон гӯронида шудаанд. Мурда бо паҳлу дингак хобидааст. Ин қабрҳо сағона буданд. Фарш ва деворҳои қабр андова шудаанд. Фарҳанги Петров бо Синтоштӣ алоқаманд мебошад. Олатҳо аз биринҷӣ сохта шудаанд. Бошандагони онҳо ба чорводорӣ ва камубеш ба кишоварзӣ машғул буданд. Гов, асп бузу гӯсфандпарвариш менамуданд. Зарфҳо аз асбобҳои банкамонанд ва хурмаҳои пурнақш иборат буданд. Таҳлили мавод нишон медиҳанд, ки дар фарҳанги Петров ва Синтоштӣ таъсири фарҳанги Осиёи Миёна вуҷуд дорад.

Дар ҳудуди саҳроҳои Қазоқистон ва Сибири ҷанубӣ дар асри биринҷӣ фарҳанги умумии адроновӣ ташаккул ёфт, ки асрҳои XV-XIII то мелодро дар бар мегирад. Фарҳанги андроновӣ дар сарзамини хеле васеъ амал мекард. Фарҳанги андроновҳо якчанд фарҳангҳои ба ҳам монандро дар худ таҷассум менамуд. Он дар асрҳои зикршуда хеле равнак ёфта, сарзамини васеи саҳроҳои Сибир, Қазоқистон ва шимоли Осиёи Миёнаро фаро мегирифт. Мутахассиси шинохтаи таърихи андроновҳо Е.Е. Кузмина дар асоси таҳлили маводи 250 қабристон ва 170 деҳаи собитшуда таснифи намудҳои қабрҳо, сохти зоҳирӣ, сохт, тарзи гӯронидан, чизҳои дар гӯр гузошташуда, аз ҷумла зарфҳоро тартиб додааст.

Дар ноҳияҳои назди Урал фарҳанги омехтаи срубуандроновӣ ташаккул ёфт. Дар натиҷа ҳаракати мардум аз ноҳияҳои назди Урал ба навоҳии назди Арал фарҳанги Тозабоғоб ба вуҷуд омад. Дар ҳамаи ҳудуди Қазоқистони имрӯза омезиши мутақобили фарҳангҳои мардуми феодорӣ ва алакулӣ ба амал омада, умумияти андроновиро ба вуҷуд овард. Давраи сеюми ин фарҳанг асрҳои XII-IX то мелодро фаро гирифта буд. Дар ин давра намуди чорводории айлоқӣ, аспсаворӣ, кашфи оҳан ва ғайра пайдо шуда, ҳаракати мардумро ба сӯйи ҷануб ҷоннок намуд. Бояд таъкидан зикр кард, ки ин ҳаракат дурудароз ва тӯлонӣ буд. Дар чоряки ҳазораи 2 то мелод қабилаҳои чорводор бо кишоварзони ҷанубӣ Осиёи Миёна дучор омаданд. Ба ин бозёфтҳои зиёди зарфҳои саҳронавардон дар қабатҳои Намозгоҳ VI (XVI-XII то мелод) дар бошишгоҳҳои Анаов далолат менамоянд. Дар асоси бозёфтҳои моддӣ, аз ҷумла сафолпораҳо мо масири ҳаракати саҳронавардҳоро аз шимол ба ҷануб ва шарқу ғарб бо хубӣ мушоҳида карда метавонем. Осори ин масири муҳоҷирати онҳо то ба имрӯз боқӣ мондааст.

Муҳаққиқон сабабҳои ҳаракати саҳронавардон ба ҷануб ва ғарбу шарқро зиёд шудани чорвои хонагӣ ва зарурати дар мавсимҳои сол иваз намудани чарогоҳ ва дар ҳамин асос дар охири асри биринҷӣ пайдо шудани чорводории кӯчӣ, аспсаворӣ, ихтирои зину лаҷом ва силоҳи ҳуҷуми саворагон (шамшер, шашпар, жубин ва тиру камон), ба табақаҳои бою камбағал ҷудо шудани аҳолӣ, бунёди қӯрғонҳои бузург барои сарварони авлод, маҳдуд намудани фаъолияти қабилаҳои андроновӣ ва тағйирҳои иқлимӣ медонанд.

Муҳаққиқи намоёни рус Кузмина Е.Е. воқеан ҳам заҳмат кашида, аз натиҷаи кашфиётҳои бостоншиносӣ ба хулосаҳои дуруст ва муҳим омадааст. Ӯ дар асоси таҳлили ретроспективӣ (маҷмӯи хусусиятҳои осори моддӣ, манзилӣ, динӣ, хаттӣ) ба чунин хулоса омадааст, ки аҳолии асри биринҷии Қазоқистон, Осиёи Миёна, Афғонистон ориёиҳо буданд.[1] Тоҷикони шимол ва ориёиҳои қадими Осиёи Миёна, саҳроҳои Аврупову Осиё (сакоиҳо) аз лиҳози антропологӣ ба гурӯҳи рӯйкалонони паҳнустухони аврупоӣ мансубанд. Хулосаҳое, ки дар боло зикр шуданд, хусусияти асосии сакоиҳои андроновӣ мебошад.

[1] Культурная и этническая атрибуция пастушеских племен Казахстана и Средней Азии эпохи бронзы ВДИ. № 2. 1988. – С. 55.

Агар манзилгоҳҳои саҳронавардонро бо бошишгоҳҳои Украина ва Осиёи Наздик муқоиса намоем, аз давраи неолит сар карда дар он ҷо хонаҳои рӯизаминӣ сохта шудаанд. Хонаҳо аз гилу хишт қомат афрохтаанд. Хонаҳои гилину хиштин дар Ҷайтун, ҷанубии Осиёи Миёна (Бохтар) вуҷуд доштанд. Ин намуди манзилгоҳҳо дар мардуми саҳронавард набудаанд ва ин маънои онро дорад, ки фикри В.В. Иванов ба Т.В. Гамкрелидзе дар бораи аз Осиёи Наздик ба воситаи Осиёи Миёна ба саҳроҳои Сибир рафтани ориёиҳо чандон асоснок нест, манзилгоҳи Осиёи ғарбӣ, Эрон, Осиёи Миёна, Ҳиндустон аз похса ва хишт сохта шуда, ба оташдони даруни девор аз манзилгоҳҳои нимзеризаминӣ бо оташдони дар миёнаи хона будаи чорводорон фарқ мекунад.

Намуди дигари манзилгоҳҳои андроновҳо хонаҳои болои аробаҳои чорчархаи хоси скифҳо мебошанд, ки аз вуҷуди онҳо Ҳеродот маълумот додаст. Дар Ведаҳо қасрҳои осмонии худоён аз ҳамин гуна хонаҳои болои аробаҳо иборат мебошанд.

Дар давраи истиқлолият масъалаи эҳёи суннатҳои арзишманди миллӣ ба миён омад. Ҳангоми сафарам ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриамон бо мардуми касбу кори гуногун, аз ҷумла косибон вохӯрда, аз истеъдоди нотакрори миллатамон ба ваҷд меоям. Атласбофони Хуҷанд, кордгарон ва кандакорони Истаравшан, наққошон ва дуредгарони Исфара, гулдӯзони Кӯлоб, ҷуроббофони Бадахшон, алочабофони Қаратоғу Ҳисор, заргарони Файзобод, боғдорони Рашт бо ҳунари худ шуҳрати зиёд касб кардаанд.

Ин касбу ҳунарҳо дирӯз пайдо нашудаанд. Онҳоро гузаштагони мо аз насл ба насл, аз аср ба аср, аз ҳазорсола ба ҳазорсолаҳои дигар ба мерос гузошта, ҳар насл онро сайқал дода, шуҳрату овозаи ҳунари худро баландтар бардоштааст.

Ба гулҳо ва шаклҳои гуногуни тасвирҳо, аз ҷумла аломати салибӣ, ки дар камарбандҳо, рӯймолҳои дастидӯз дар нақшу нигорҳо мавҷуданд, зеҳн монда мебинам, ки осоре аз гузаштагони дури ориёии моро доранд. Дар шаҳрҳо водиҳо, деҳоти кӯҳистон осори ҳунарии имрӯз вуҷуд дошта, давоми гузаштаи пурифтихори мо ҳастанд.

Зарфҳои гилӣ, асбобу ашёи биринҷӣ, осори коркарди маъдан аз санъати рехтагарӣ ва қолабсозӣ дар фарҳанги давраи

андроновӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҳафриёт ва хулосаҳои Кузмина Е.Е. ба назарам, дар ин бора арзишманд ҳастанд.[1]

Бо вуҷуди он ақидаи Е.Е. Кузминаро оид ба зарфҳои андроновӣ, ки онҳоро гӯё занҳо месохтаанд ва зарфҳои дар чархи кулолӣ сохта хоси ориёиҳо набудаанд,[2]чандон дуруст нест намешуморам. Зеро ки зарфҳои дастӣ имрӯз низ дар баъзе деҳаҳои кӯҳистон сохта мешаванд ва соҳибонашон на саҳронавардон, балки тоҷикони бумии кишоварз мебошанд.[3]

Либоси мардуми чорводори саҳроҳои андроновҳо аз қабристонҳои ҳазораи 1-2 то мелод, хабари Ҳеродот ва косаю табақҳои таҳиянамудаи юнониҳо барои скифҳо, гулдони Чертомлик, шона ва аз дигар бофтаҳо ба хубӣ мушоҳида мешаванд. Либоси занҳо куртаи дароз, мӯза ва каллапӯши махсус ва либоси мардона аз камзӯл, шалвор, мӯза ва каллапӯши хос иборат буд. Либосҳо аз зағир ва пӯсту пашм тайёр карда мешуданд. Либоси пешкушоди ориёиҳоро хантҳо қабул карданд.

Костюм, курта, камзӯл, шалвор ва каллапӯши ориёиҳои чорводорро туркон, қандизро ҳамчун либоси савора гурҷиҳо ва русҳо қабул кардаанд. Мӯйи дароз танҳо занҳои ориёӣ доштанд ва ин суннат ба дигар халқҳои ғайриориёии Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон интиқол ёфтааст. Шутури дукӯҳона низ моли ориёиҳо ва бохтариҳо буда, онро дигар халқҳои Осиё аз онҳо қабул кардаанд. Гардунаи дучархаи аспиро ориёиҳои саҳронавард ихтироъ намуда, дар шарқу ғарб паҳн намудаанд. Хитоиҳо аспу аробаро аз ҳамсояи ориёиҳои худ гирифтаанд.[4]

Ба мурури тараққиёт ва бархӯрди қабилаҳову қавмҳои маскунию саҳронавард, роҳу воситаҳо ва техникаи ҷангӣ низ такмил ёфт. Дар асрҳои XVI-XII то мелод аз саҳроҳои Евроосиё сар карда то Дунай, Юнон, Осиёи Наздик, Миср ва баъдан Чин дастаи гардунаҳои дучархасавор интишор ёфтанд. Дастаи дучархасаворон дар шимолии Байнаннаҳрайн ҳукумати сиёсиро ба даст гирифта, давлати Митониҳоро ташкил намуданд.

Олимони таърихшинос қайд карданд, ки ҷорикунанда ва асосгузори дучархаҳои ҷангӣ Куртивази ориёӣ буд. Дар ҳамон давра вожаҳои твишратха – «дорандаи гардунаи тезгард»,

---

[1] *Кузьмина Е.Е.* Откуда пришли индоарии. М., 1994. – С. 107-137.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 107-137.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 152-155.
[4] *Кузьмина Е.Е.* Откуда пришли индоарии. М., 1994. – С. 159-167.

вридхаша – «дорандаи аспони бузург», абиратташ – «ба сӯйи гардуна нигоҳкунанда» ва ғайра унвону лақабҳои ашрофон маълум гардид, ки аз шуҳрати аспу гардуна гувоҳӣ медиҳанд. Вожаи ориёӣ ra-frstar «дар гардуна истода», шахси ҳарбии гардунасаворро ифода мекард. Дар ҳамин вақт Кикулини ориёӣ дар бораи тарбия ва аспсаворӣ ба забонҳои хеттӣ, ошурӣ ва ғайра китоб навишт, ки ҳамаи истилоҳоти он ориёӣ мебошанд. Ҳақ ба ҷониби Кузмина Е.Е. аст, ки ориёиҳоро паҳнкунандаи санъати ҷангии гардуна ва савори аспу найза ва тирандозӣ медонад.[1]

Хоҷагии асосии саҳронавардон чорводорӣ буд. Дар Ригведа буққа образи Индра, аст образи худои оташ (Агнӣ), буз худои Пушанро ифода менамуд.[2] Вожаҳои буққа, модагов, говядина решаи ҳиндуаврупоӣ доранд. Вожаҳои ҷӯшидани шир, равған, панир дар забони ҳиндуориёӣ, юнонию славянӣ як мебошанд.[3]

Дар урфияти ориёиҳо мақоми ҳайвонотро аз рӯйи қурбонӣ намудани онҳо муайян менамуданд. Масалан, барои худоён ва бузургони худ аввал асп, баъд гов ва сонӣ гӯсфандро қурбонӣ менамуданд. Ин маънои онро дорад, ки аввал бузургдошти асп, баъд буққа ва сипас гӯсфанд буд. Дар Авесто ва Ригведа худоён посбону нигаҳбон ва бонии чарогоҳҳо ва галаю рама мебошанд. Галаю рамаро сарчашмаи давлатмандӣ меҳисобиданд.

Одамони фарҳанги неолитии Калтаманор дар гирду атрофи дарёи Хоразм (Арал) масоҳати калонро ишғол менамуданд. Бошандагони фарҳанги Ҳисор дар доманакӯҳҳо зиндагонӣ менамудаанд, вале калтаманориҳо танҳо дар даштҳо иқомат кардаанд. Олатҳои калтаманориҳо ва манзилгоҳҳояшон аз ҳисориён фарқ доштанд. Ҳисориён аз зарфҳои кулолӣ истифода накардаанд, онҳо шояд косаю табақи чӯбину чармин доштанд. Зарфҳои гилини калтаманорӣ даҳонкушод ва поёнашон тухмшакл буд. Баъзе кӯзаҳо бо чубча бо нақши мавчӣ оро дода шудаанд.

Манзилгоҳҳои калтаманориҳо дар ёдгории Ҷамбосқалъа хуб омӯхта шудаанд. Хонаҳо заминӣ ва нимзеризаминӣ мебошанд. Онҳо нақши мудаввари бо ҳам монанд доштанд ва бо чӯбҳо ва чанорҳо пӯшонида мешуданд ва бо пӯсту қамиш аз борону барф рӯпӯш

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 211-214.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 47.
[3] *Абаев В.И.* Историко-этимологический словарь осетинского языка. Т.III. – М. 1979. – С.155-156., *Гамкрелидзе Т.В., В.В.Иванов.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. – С.563-573.

мегардиданд. Олот ва аслиҳа, тиру камон, найза, теғҳо ҳама аз чахмоқсанг буданд. Онҳо ба чорводорӣ, моҳигирӣ ва шикор машғул мешуданд.[1]

Солҳои наздик дар назди Самарқанд бошишгоҳи Саргазон 1-11 пайдо намудаанд, ки дар он омезиши фарҳанги Ҳисор ва Калтаманор мушоҳида мешавад. Олоти сангии саргазониҳо ба ҳисориён ва зарфҳо ба зарфҳои калтаманориҳо монанд мебошанд. Ин гувоҳи он аст, ки мардуми ин маҳалҳо аз як мабда ҳастанд.

Пойтахти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, дар маркази водии файзбори Ҳисор воқеъ шудааст. Душанбе ҳамчун пойтахти давлати ҳамноми тоҷикон соли 1924 таъсис ёфта ва дар асоси чанд деҳаи бузург шаҳри зебои муосир қомат афрохт. Ҳафриёти бостоншиносон дар солҳои охир собит карданд, ки мавзеи ҳозираи Душанбе таърихи қадима ва қалъаҳои хеле куҳна доштааст.

Дар замони неолит дар доманакӯҳҳои Осиёи Миёна одамони дорои фарҳанги ба худ хос зиндагӣ кардаанд. Аввалин бошишгоҳи одамони ин давра аз тарафи бостоншиноси машҳури шӯравӣ академик А.П.Окладников дар теппаи Ғозиёни Ҳисор кашф шудааст.[2] Осори моддии мардумони фарҳанги Ҳисор дар бисёр ноҳияҳои Осиёи Миёна пайдо шудаанд, аммо аз ҳама хубтар ҳаёти онҳо дар бошишгоҳҳои Тоҷикистон аз ҷониби В.А.Ранов дар водии Ҳисор, махсусан Тутқавули Норак, Сойи Сайёд, Дараи Шӯр Кангурт, Булёни Поёни ноҳияи Данғара ва Кӯлоб омӯхта шудаанд.[3]

Дар деҳаи Тутқавул, ки баъди сохта шудани Неругоҳи барқи обии «Норак» зери об монд, бошишгоҳи калони одамони ин давра таҳқиқ шудааст, ки аз он садҳо олоти сангӣ ва чахмоқсангҳо пайдо шуданд. Тутқавулиён дар хонаҳои калони каппамонанди ба қалтаманорҳо шабеҳ мезистанд. Онҳо ба чорводорӣ, моҳигирӣ ва шикорчигӣ машғул будаанд.

Дар Тутқавул қабри як одами калон ва ду кӯдакро кашф намуданд, ки онҳо ҳалқавор якпаҳлу хобида буданд. Бо гуфтаи симошинос Т.П.Кияткина, онҳо симои аврупоӣ доштанд. Яке аз хусусиятҳои мардумони фарҳанги Ҳисор он буд, ки аз гил зарф намесохтанд. Онҳо шояд дигар хел зарфҳо доштанд. Аммо

---

[1] *Толстов С.П.* Древний Хорезм. М., 1948.

[2] *Окладников А.П.* Исследования памятников каменного века Таджикистана. МИА, 66, М.-Л, 1958. – С. 14-19.

[3] *Ранов В.А.* Гиссарская культура: распространение, хронология, экономика. /Культура первобытной эпохи Таджикистана. Душанбе, 1982.

зарфсозиро медонистанд, дар бошишгоҳи Булёни Поёни Данғара дар фарши хона чуқуриҳои бо гаҷ андовашуда ёфт шудаанд, ки дар онҳо ғалладона нигоҳ дошта мешуд. Дар хонаҳо чуқураки оташдон вуҷуд дорад, ки шояд барои сандалӣ кофта шуда, барои гарм шудан хизмат мекардааст.

Далелҳои зикршуда исбот мекунанд, ки мардумони фарҳанги Ҳисор ориёӣ будаанд ва бо ориёиҳои аз беруномада шиносоию дӯстӣ доштанд ва бештар бо чорводорӣ машғул буданд. Ҳисориён дар истеҳсолот бештар аз олоти сангӣ истифода кардаанд.

Бошигоҳҳои асри биринҷӣ дар ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ ё худ Бохтари шимолӣ кам омӯхта шудаанд. Бостоншиносон бештар ба омӯзиши қабристонҳои ин давра диққат додаанд. Дар водиҳои Вахшу Кӯлоб ҳанӯз деҳаҳо ё шаҳракҳои асри биринҷӣ ёфт нашудаанд. Шояд онҳо дар водиҳо буда, вале дар натиҷаи аз бар намудани заминҳо ва ба пахтазор табдил додани онҳо нобуд шуда бошанд. Як деҳаи асри биринҷӣ дар ноҳияи Кангуртут хуб омӯхта шудааст. Азбаски бошандагони Кангуртут дар доманкӯҳ зиндагӣ доштанд, бисёр хонаҳо хароб шудаанд ва нақшаи комили онҳо боқӣ намондааст Кангуртутиён барои хонаҳои худ ҷариро бурида, онро ҳамвор намуда, як бахши деворҳои хонаро ба ҷарии бурида зич сохтаанд. Баъзе хонаҳо тарафи ҷариро девор намуда, майдонча сохта, дар болои он хонаҳо бунёд кардаанд. Хонаҳои похсадевор аз ду то се ҳуҷра доштанд. Дар хонаҳо танӯр барои нонпазӣ ва дар хонаҳои нишаст сандалӣ ва ҷойи хӯрду хоб вуҷуд дошт.

Хонаҳои Кангуртутиён ба монанди хонаҳои имрӯзаи тоҷикон мебошанд. Дар бунёди хонаҳо санг ва деворҳои болои он аз похсасохта шудаанд. Бомҳоро бо чӯб мепӯшонданд. Барои пӯшишро нигоҳ доштан аз сутунҳо истифода кардаанд. Мардумони доманакӯҳҳои Тоҷикистон ҳама чунин хонаҳо доштанд. Хонаҳои ҳар оила алоҳида буда, барои нигоҳ доштани молу гов аз оғил ва ҳавлии кушод истифода мекарданд. Ба гуфтаи Н.М. Виноградова ва Е.Е. Кузмина тарзи зиндагонии кангуртутиёну кӯлобиён бо андроновҳои чорводор бештар монанд буд.[1]

Кангуртутиён ба кишти арзан, ҷав, гандум ва дигар зироатҳои лалмӣ машғул буданд. Дар қисмати боғдорӣ ангур, себ, нок ва харбузаю тарбуз низ парвариш менамуданд. Ин меваҳо барои онҳо

[1] *Виноградова Н.М., Кузьмина Е.Е.* Контакты степных земледельческих племен Средней Азии в эпоху бронзы. Восточный Туркестан и Средняя Азия в системе культур древнего и средневекового Востока. М. 1986.

муқаддас буданд. Касби асосии Кангуртутиён чорводорӣ буд ва онҳо дорои рамаю галаи бузу гӯсфанд, гову аспон буданд. Дар Кангуртут кӯраи зарфпазии дуқабата ёфт шудааст, ки дар он ҳама гуна зарфҳоро мепухтанд. Зарфҳои аз қабристони Кангуртут ёфтшуда, бештар дар чархи кулолӣ бо санъати баланд сохта шудаанд. Умуман, дар ин давра дар минтақаи Кӯлоб кулолони касбӣ кору амал менамуданд. Албатта, зарфҳои дастисози ба фарҳанги андроновҳо тааллуқдошта низ вомехӯранд, аммо бештари бозёфтҳои коса, табақ, кӯзаҳои об дар чархи кулолӣ сохта шудаанд ва маҳсули ҳунармандони касбӣ ва шаҳрӣ мебошанд. Тоҷикистони ҷанубӣ дар ҳазораҳои 2 то мелод аз ҷониби мардумони кишоварзи бумӣ ва чорводори айлоқӣ азхуд шуда буд. Яъне мардумони кӯҳистони Бохтар ҳамқадами тамаддуни замони худ буданд.

Омӯзиши қабристони Кангуртут, Баракикурут ба он далолат мекунад, ки бошандагони он дар охири ҳазораи 2 то мелод ба дини зардуштӣ гаравидаанд. Яъне қабрҳо ёдбудӣ буданд. Ҷасади одамони мурдаро дар Баракикурут дар дахма мегузоштанд ва гӯшти онҳо аз ҷониби лошахӯрҳо пок карда мешуд ва боқимондаи устухонҳои тозаро дар қабр мегузоштанд. Ин урфу одат дар нимаи дуюми ҳазораи 2 то мелод ва аввали ҳазораи 1 то мелод дар минтақаи Кӯлоб паҳн шуда буд.

Бошишгоҳҳои асри биринҷ дар Тошгузар, Даҳана ва Тутқавули ноҳияи Данғара, Ғелоту Луликутал ва Каримбердии Кӯлоб таҳқиқ шудаанд. Ҳаёти одамони бошишгоҳҳои зикршуда ба монанди Кангуртиён буд. Мардуми Хатлони бахши Бохтар дар ҳазораи 2 то мелод аз ориёиҳо иборат буд. Онҳо дар даштҳо ва доманакӯҳҳо зиндагонӣ менамуданд[1] ва дар пешрафти тамаддуни ориёӣ ҳиссаи муносиб гузоштаанд.

[1] *Виноградова Н.М.* Юго-Западный Таджикистан в эпоху поздней бронзы. М. 1904; *Якубов Ю. Довутов Д., Филимонова Т.* Археологические раскопки в г.Кулябе и на прилегающих территориях в 2001-2003 гг. – АРТ., вып. 30. Душанбе., 2005.

БОБИ ДУЮМ

ТАШАККУЛИ ДАВЛАТҲОИ ОРИЁӢ ВА РУШДИ ТАМАДДУНИ ОРИЁИҲО

1. ДАВЛАТҲОИ ҚАДИМАИ ОРИЁӢ ВА ТАШАККУЛИ ТАМАДДУНИ ОНҲО

Агар мо асри биринҷро асри ориёиҳо гӯем, хато намекунем, зеро дар асри биринҷ, махсусан, дар нимаи дуюми он ориёиҳо бахши калони Аврупо ва Осиёро дар даст доштанд. Мувофиқи маводи забонӣ ва бостоншиносӣ онҳо аз ҳавзаи рӯди бузурги Дунай то баҳри Байкал, аз ҳавзаҳои рӯдҳои Окаву Волга то Ҳиндустони шимолӣ, аз Тибет то баҳри Миёназаминро ҳавзаи сукунат ва тамаддуни худ сохтанд. Ба ривояте номи қитъаи Осиё аз ориё реша гирифтааст.[1]

Имрӯз давлатҳои соҳибистиқлол, узви созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошанд, ки дар асоси санадҳои муътабари умумибашарӣ истиқлолияти онҳо ҳар чи бештар ва беҳтар таҳти ҳимоя қарор мегирад. Вале дар гузаштаи начандон дур ҷангҳои харобиовар давлатҳои зиёдро аз харитаи ҷаҳон хориҷ карда, давлатҳои навро ба вуҷуд меоварданд. Вазифаи ҷомеаи ҷаҳонист, ки сулҳу амниятро нигоҳ дошта, аз ҳар гуна таҳдидҳои харобиовар халқҳо ва давлатҳоро нигоҳ дорад.

Ба ин манзур дарси таърих, сабақи давлатҳои бавуҷудомада ва аз байнрафта хеле омӯзанда аст. Дар бораи таҳкими асосҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки узви ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, фикр карда, беихтиёр ба таърихи давлатҳои гузашта, чи қадимӣ ва чи дар асрҳои наздик вуҷуддошта ва сарнавишту тарзи амали онҳо рӯ меоварем. Кадом давлатҳо ориёӣ буданд, халқҳои

---

[1] *Кузьмина Е.Е.* Древнейшие скотоводы от Урала до Тянь-шаня. Фрунзе, 1986; *Якубов Ю.* Вклад ираноязычных скотоводов в мировую цивилизацию. – Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации. Душанбе, 2002. – С. 51-69.

ориёӣ, ки миллати тоҷик низ дар таркиби онҳо буд, чӣ гуна давлатҳоро ба вуҷуд оварданд ва ё пош хӯрданд, қобили мутолиа мебошад.

Муҳаққиқи маъруфи кишвари бародари Эрон Абдулҳусайни Зарринкӯб қонунмандии ногусастанӣ, пайванди таърихӣ ва давоми таърихии фарҳанги бузурги ориёиро (эрониро) ҳамаҷониба асоснок ва онро бо мафҳуми «истимрор» ифода намудааст.[1] Ба тақвияти андешаи эшон бояд зикр намуд, ки истимрор дар суннати давлатдории ориёӣ возеҳтар ба назар мерасад. Зеро дастовардҳои навини илмӣ барои шинохти он ва давлатҳои нахустин – Пешдодиён, Каёниён ва Митониён кумак менамоянд. Сароғози таърихии давлатдории ориёиҳо чун мардумони дигар норавшаниҳои зиёд дорад ва бо асотиру қиссаҳо ва достонҳою маълумоти парокандаи гуногун омезиш дорад.

Бозёфтҳои забонӣ ва бостоншиносӣ ба он далолат менамоянд, ки дар нимаи аввали ҳазораи 2 то мелод ориёиҳои муқими Осиёи Наздик давлатеро бо номи Митон (Митонӣ) ташкил намуда буданд. Дар бораи таърих ва мансубияти ин давлат ҳамфикрӣ нест. Гурӯхи калони олимон чунин ақида доранд, ки гӯё як гурӯҳи хурди гардунасаворон аз бахшҳои шимол ё шарқ омада, сарзамини ҳурризабонҳоро ба тасарруфи худ дароварда, давлате бо номи Митон ташкил менамоянд. Вале возеҳ аст, ки давлати Митонро наметавонистанд як гурӯҳи хурди гардунасаворон ташкил намоянд. Пас, маълум мешавад, ки дар ин ҷо ориёиҳо нисбатан зиёд буданд ва онҳо дар ҳамдастиву ҳамкорӣ бо ҳурриҳо дар асри XV то мелод давлати навро таъсис намуданд.

Асосгузори он Куртиваз шинохта шудааст ва аз номаш мансубияти ориёии ӯ возеҳ аст ва ба ақидаи баъзе олимон, қурдҳои ориёӣ номи худро аз номи хоси ӯ гирифтаанд. Ҳамин тавр дар асри XVI-XIV то мелод дар шимолу ғарбии кӯҳистони Байнаннаҳрайн давлати пурзӯре бо номи Митон ташкил шуд, ки маркази он шаҳри Вашуканки буд.[2]

Аввалин шоҳи он Шуттари I писари Куртиваз буд. Баъди ӯ Парратарн ва Соусадаттар ҳукмронӣ кардаанд. Давлати Митон дар роҳҳои тиҷоратии байни шимолу ҷануби Осиёи Хурду Шарқи Наздик ва Эрони ғарбӣ мавқеи муҳимро ишғол менамуд. Мардум ба чорводорӣ, асппарварӣ ва кишоварзӣ машғул буданд. Дар

[1] *Абдулҳусайни Зарринкӯб.* На шарқӣ на ғарбӣ – инсонӣ. Теҳрон. 1378. – С. 45, 49.
[2] История древного Востока. М. 1988. – С. 72.

кӯҳҳои он маъдани нуқра ва дарахтони сохтмонӣ зиёд буд, ки бахши муҳими берунии онро ташкил менамуданд. Митониҳо дар сохтмони қасру хонаҳо ва ҳунармандӣ хеле пеш рафта буданд. Давлати Митон давлати дорои сохтори муназзами сиёсӣ ва идорӣ буд. Ҷомеа ба табақаҳои иҷтимоӣ тақсим ва судхӯрию иҷорадорӣ хеле равнақ дошт. Қарзҳо бо фоизи калон боиси зиёд шудани афроди тобеъ мешуд. Аз ҳуҷҷатҳо маълум мешавад, ки давлатмандон писарони бенаворо ба писархондӣ қабул намуда, тадриҷан онҳоро ба хизматгору ғулом табдил медоданд.

Асрҳои XVI-XV то мелодро давраи пурзӯршавии давлатии Митон меҳисобанд, ки аз давлатҳои нерумандтарини ин минтақаи пешрафта мегардад. Дар ин давра баъзе шоҳони Осиёи Хурд, Сурия, Финикия, Ошур ва Фаластин ба Митон андоз медоданд. Шоҳи Миср Тутмоси III борҳо ба муқобили давлати Митон лашкар кашид, аммо ғолибиятро соҳиб нашуда, маҷбур ба эътирофи қудрати он гардид.

Дар замони фиръавнҳо Тутмоси IV ва Аменхотеби II ба духтарони шоҳи Митон Тушрат хонадор шуда ӯро иттифоқчии худ сохтанд ва ҳар сол туҳфаҳои гаронбаҳо ва оҳан мефиристоданд. Шоҳони Митон бошанд фойтунҳои ҷангӣ бо аспони саворӣ ҳадя менамуданд.

Дар асрҳои XIV-XI то мелод Митон бо сабабҳои гуногун ба шоҳигариҳои хурд тақсим шуда, ҳамчун давлати бузург аз байн рафт.

Ориёиҳо дар ин ҷо асппарвариро тараққӣ дода, паҳнкунандаи назария ва амалияи ҷанги гардунасаворон дар мамлакатҳои Осиёи Хурд ва Шарқи Баҳри Миёназамин мегарданд. Онҳо ба ин мардум ва дигарон аспсаворӣ ва тарбия намудани аспро меомӯзанд. Кикулини ориёӣ дар бораи чӣ тавр тарбия кардани асп асаре навишта будааст, ки он дар байни мамлакатҳои Шарқи Наздик дастур ҳисоб мешудааст.[1]

Ориёиҳо паҳнкунандаи яроқҳо гардунаҳои ҳарбӣ, аз ҷумла сару либос, тиру камон, жупин, сипар ва тоскулоҳ буданд. Пайдо шудани дастаҳои тирандоз дар болои гардуна ба мардумоне, ки аспу гардунаро надида буданд, тарсу ҳарос ба вуҷуд оварда буд. Онҳо ба муқобили дастаҳои гардунасавор муқобилият нишон дода наметавонистанд ва бечанг таслим мешуданд. Олимон чунин

[1] История древнего Востока. М. 1988. – С. 70-73; *Кузьмина Е.Е.* Откуда пришли индоарии.– С. 194.

ақида доранд, ки аҳолии асосии давлати Митон ҳурритҳо буданд ва ориёиҳо танҳо қудрати сиёсиро дар даст доштанд. Шояд ин ақида то ҷое дуруст бошад, аммо роҳҳои муҳоҷират ва теъдоди онҳо ҳанӯз мавзӯъҳои баҳсҳои тӯлонӣ мебошад. Донишманди эронӣ Абдулазими Ризоӣ низ бар ин ақида аст, ки қавмҳои ориёии назди баҳри Сиёҳ ва Қафқоз ва ғарби Осиёи Миёна ба Осиёи Хурд рафта давлати Митонро ташкил карданд.[1] Ба ҳар ҳол роҳҳои аз аврупоиён ҷудо шудани ҳиндуориёиҳо ва ба Осиё омадани онҳо гуногун буд. Баъди он, ки ориёиҳо аз гурӯҳҳои дигари аврупоиён ҷудо шуданд, ки як бахшашон дар шимоли дарёи Охшиён (Сиёҳ) ва бахши дигарашон ба ҷанубии дарёи Охшиён – Осиёи Хурд омада, дар ташаккул ва таҳаввули тамаддуни ин минтақа аз ҷумла фарҳанги чаҳалхуюқӣ ширкат карданд. Чаҳалхуюқиён ба кишоварзӣ шуғл варзида, соҳиби деҳаҳо ва фарҳанги хоси худ буданд. Дар эътиқоди онҳо бузургдошти гов ва гавазн ба хубӣ мушоҳида мешавад. Бузургдошти гов дар ақоиди ориёиҳо нисбат ба дигар халқҳо баландтар, муътабартар мебошад. Говмардро саравлоди олами ҳайвонот ва рустаниҳо меҳисобиданд. Ханҷари сангин, ҳайкали худозанҳои дар курсии шердор нишаста низ дар давраҳои баъд хоси ориёиҳо гардид. Дар ёдгориҳои Алаҷаҳуюқ (ҳазораи 3 то мелод) унсурҳои ориёӣ бештар мушоҳида мешаванд. Аз таҳлили сарчашмаҳо бармеояд, ки Осиёи Хурд ва бахши кӯҳистони Эрони кунунӣ, аз ҷумла Курдистон аз қадим ватани ориёиҳо буд. Вожаи миҳан шояд шакли тағйирёфтаи Митон бошад. Деҳаи Урметан низ аз эҳтимол дур нест, ки бо калимаи Митон ҳамреша бошад.

Дар ҳазораи 2 то мелод дар ҳудуди қаламрави ориёиён якчанд воҳидҳои давлатии нисбатан хурду калон пайдо мешаванд. Чунин воҳидҳо дар ҷанубӣ Урал, дар ҳавзаи Ҳинд ва баъзе минтақаҳои дигар таъсис ва ташаккул ёфтанд. Яке аз давлатҳои неруманд ва нисбатан пешрафта давлати ташкилнамудаи ориёиҳо дар нимаи дуюми ҳазораи 2 ва аввали ҳазораи 1 то мелод – давлати Каёниёни Бохтар буд, ки мо нақши онро дар ташаккул ва инкишофи тамаддуни ориёӣ мавриди баррасии васеътар қарор хоҳем дод.

Бояд таъкидан зикр кард, ки яке аз масъалаҳои то ба ҳол ҳалли худро пайдонакарда ин кай дар ҳудуди Осиёи Миёна ташкил шудани давлат мебошад. Дар таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик, дар фасли марбута ташкил шудани давлатҳои қадим, ки ба

[1] *Ризоӣ Абдулазим*. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. Ҷ.I. Теҳрон, 1382. – С. 177-178.

қалами муаррихи шинохта ва пуркор И.В.Пянков тааллуқ дорад, омадааст, ки илми таърихнигории имрӯза вуҷуд доштани давлати «Бузурги Хоразм» ва «Шоҳигарии Бохтар»-ро рад наменамояд. Аммо таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки аз давлати Хоразм дида давлати Бохтар шуҳратмандтар ва нерумандтар буд.[1]

Ман ҳам дар китоби «Аз Ориён то Сомониён» сари масъалаи давлати Бохтар каме тавақуф намуда будам. Азбаски мавзӯи китоби ҳозир таърихи тамаддуни ориёиҳо мебошад, ин масъала ахамияти хоса дорад. Давлати Бохтарро, мутобиқи шавоҳиди зиёд сулолаи Каёниён асос гузоштаанд. Онҳо поягузорони тамаддуни пешрафта ва асили ориёиҳо мебошанд. Маҳз дар замони ҳамин сулола номи Ориёну ориёиҳо ва забони онҳо машҳуру маъмул гардид. Шояд дар аҳди ҳамин Каёниён аввалин дини яктопарастиро Зардушт ба ориёниён ва ҳатто оламиён пешниҳод намудааст.

Бояд тазаккур диҳам, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла Авесто давлати Бохтар ёд намешавад. Сарчашмаҳои авестоӣ ва арабӣ аз дудмони Каёниён ёд мекунанд.

Аслан номи Бохтар аз рӯйи маълумоти Ҳеродот машҳур шудааст. Ҳеродот менависад, ки барои Куруш гирифтани Бобул ва мардуми Бохтар кори осон набуд.[2] Дар бораи бузургии Бохтар муаррих Ктесий хабар медиҳад, аммо аз онҳо ҳақиқати таърихиро барқарор намудан хеле душвор мебошад. Масалан, Ктесий дар бораи лашкаркашии маликаи Ошур Нин ба Бохтар нақл менамояд, ки гӯё вай барои забти ин мамлакат 1700000 лашкар ҷамъ меорад ва дар миёни онҳо саворагон дусаду даҳ ҳазор ва даҳ ҳазор фойтунсаворони дар чарххо досҳои буррандадошта иштирок доштанд. Ин миқдор лашкар дар он замон тақрибан амри имконнопазир буд.

Шоҳи Бохтар Оксиард ҳамагӣ 400 ҳазор лашкар дошт. Дар ин ҷанг бохтариён қаҳрамонона ҷангида, 100 ҳазор аз лашкари Нинро ҳалок месозанд ва ошуриён шикаст мехӯранд. Баъди ғалаба лашкари Бохтар пароканда шуда, дар қалъаҳо тақсим мешаванд. Подшоҳи Ошур Нин аз ин вазъият истифода бурда, қалъаҳои бохтариёнро паси ҳам фатҳ менамояд ва соҳиби Бохтар

---

[1] *Пьянков И.В.* Древнейшие государственные образования. История таджикского народа. Т.I. М. 1998. – С. 238-245.

[2] *Геродот.* История. М., 1972. кн. 2. – С. 153.

мешавад. Имрӯз аксарияти муаррихон ин ҳуҷуми сарвари Ошурро ривояти бофта медонанд![1]

Аз ривояти боло ва хабарҳои сарчашмаҳои юнонӣ як чиз возеҳ мешавад, ки дар гузашта Бохтар давлати бузург будааст. Агар Бохтар бузург намешуд, шоҳони Ҳахоманиш ҳеҷ гоҳ худро валиаҳди Каёниён наменомиданд. Ба сатрапии Бохтар Суғду Ҳиндустон ворид буданд. Дар Бохтар валиаҳди шоҳ (писари шоҳ) сарварӣ менамуд.[2]

Номи Бохтар як бор дар Вандидод дар фаргарди 1-ум ёд мешавад. Дар он ҷо гуфта мешавад, ки чорумин сарзамине, ки ман Аҳуромаздо офаридам, ин Бакхади зебо бо дирафшҳои барафшон мебошад.[3] Парчамҳои барафшон маънои давлати пуриқтидор, тавоно ва мағлубнашавандаро дорад.

Дар китоби дуюми Авесто – Яштҳо сухан дар бораи подшоҳони дудмони каёнӣ меравад, ки онҳо дар Бохтари Ориён ҳукумат кардаанд. Аз маълумотҳои муаррихони юнонӣ маълум мешавад, ки маркази шоҳнишини Бохтар шаҳри Заринасп буд. Номи давлат бо номи сулолаи Каёниён машҳур мебошад. Бинобар ин мо номи давлатро давлати Каёниён номидаем.

Ман дар китоби «Аз Ориён то Сомониён» дар боби «Бохтару Суғд – гаҳвораи нахустини давлати тоҷикон» омӯзиши ҷиддии таърихи сулолаҳои Пешдодиён ва Каёниёнро пешниҳод намуда будам. Масъала шояд хеле душвор аст, ки то имрӯз ҷониби олимони таърихнигори тоҷик асари бунёдӣ ва ҳатто ҷиддӣ пешниҳод нашудааст. Дар китоби зикршуда дар бораи сулолаи Пешдодиён навишта будам. Дар ин ҷо баъзе масъалаҳоро зикр менамоям.

Қадимтарин сарчашмае, ки дар он кишвари Бохтар ва Суғд ёд шудааст, китоби муқаддаси «Авесто» мебошад. Чунонки дар боло зикр шуд, дар фаргарди 1-уми «Вандидод» нахустин кишварҳои офаридаи Аҳуромаздо номбар шудаанд, ки «Бакхади (Бохтари) зебо бо дирафшҳои барафроштааш» ва «Гава Суғда бо алафзору марғзорҳояш» аз ҷумлаи онҳост. Ба ақидаи баъзе муҳаққиқону авестошиносон зимни ибораи «дирафшҳои барафрошта» рамзи қалъаи муҳташами подшоҳ, қудрати лашкари тавоно ва

[1] *Пьянков И.В.* Средняя Азия в известиях античного историка Ктесия. Душанбе, 1975. – С. 3-5.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 33.
[3] Авесто. Душанбе. – С. 422.

бешикасти пайравони кеши зардуштӣ ва рӯҳи ғолибияту кишваркушоиҳои аҳди Каёниён нуҳуфтааст. Одатан, дар «Авесто ва сарчашмахои паҳлавие, ки аз кай (подшоҳ) Гуштосп ва Зардушт ёд шудааст, ҳатман Бохтару Балхро чун кишвари паҳновар, шаҳри ободу тавоно, бошишгоҳи подшоҳон, маркази нахустин оташкадаҳо ва қаламрави паҳншавии дини зардуштӣ тавсиф намудаанд.

Яке аз бузургтарин донандагони таърихи аҳди куҳан Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома»-и худро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла «Худойномак», «Маздакнома», «Шоҳномаи Абумансурӣ», «Шоҳнома»-ҳои Масъуди Марвазӣ, Абулмуайиди Балхӣ, Абӯалии Балхӣ, инчунин «Гуштоспнома»-и Дақиқӣ ва дигар ривояту қиссаҳо ва достонҳои ҳамосию таърихии халқҳои ориёинажод офаридааст. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бузургтарин достони асотирию адабӣ ва таърихист, ки сарнавишти талху ширин ва таърихи подшоҳии беш аз 50 шоҳаншоҳи ориёинажодро дар бар гирифтааст. Албатта дар шарқшиносӣ ва ба хусус эронишиносии хориҷӣ ба ин масъала тавақҷуҳ сурат гирифтааст ва ҳатто метавон гуфт тавақҷуҳ рӯзафзун аст. Бо вуҷуди ин таҳқиқи комили он анҷом нагирифтааст. Аз даврони Каюмарс то Яздигурди III, пайиҳам ба тахт нишастану аз байн рафтани силсилаи подшоҳонро агар аз назари фосилаи таърихӣ бингарем, ин силсила аз замонҳои хеле қадим дар ҷангалҳо зистани одамон то асри VII мелод, яъне то истилои араб ва қиссаи кушта шудани Яздигурди III аз дасти осиёббон бо талқину ҳидояти Моҳуи Сурӣ (ҳокими Тӯс) фаро мегирад.

Вобаста ба таърихи омадурафти шоҳон ва сурат гирифтани бандубасти воқеаҳо «Шоҳнома»-ро метавон ба ду қисмати бузург – асотирӣ ва таърихӣ ҷудо намуд. Подшоҳони давраи асотирии «Шоҳнома» сулолаи Пешдодиён мебошанд. Овони подшоҳии Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун ва дигаронро то давраи Гаршосп таҳти ин ном метавон зикр намуд. Бояд афзуд, ки дар давраи подшоҳии силсилаи Пешдодиён ниёгони мо тарзи зиндагии ҷамоаи ибтидоиро паси сар намуда, падидаҳои аввалини тамаддунро ноил гаштаанд.Метавон афзуд, ки дар «Шоҳнома» оинҳои истиқболи Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада чун дастоварди подшоҳони аҳди қадим, яъне Пешдодиён қаламдод шудааст.

Дар бораи замони подшоҳии силсилаи Пешдодиён ва давраи ҳукуматдории онҳо сухани аниқе гуфтан душвор аст. Фирдавсӣ гарчанде аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои паҳлавӣ солҳои ҳукмронии силсилаи Пешдодиёнро дар маҷмӯъ 2441 сол зикр намуда, аз он ҷумла давраи подшоҳии Ҳушангро 40 сол, Таҳмурасро 30 сол, Ҷамшедро 900 сол, Заҳҳокро 1000 сол, Фаридунро 600-700 сол нишон дода бошад ҳам, ин тақсимбандӣ ва солгузориҳо ғолибан ҷанбаи асотирию ривоятӣ доранд. Бо вуҷуди ҳамаи ин Пешдодиён чун аввалин подшоҳони тоифаҳои ориёинажод, алалхусус тоҷикон эътироф шудаанд ва ному насаби ниёгони моро ба давраҳои падид омадани иттиҳодҳои авлодӣ ва қабилавӣ, оғози чорводорӣ ва зироаткорӣ, ташаккули фарҳанги моддӣ, унсурҳои давлатдории аҳди қадим ва ғайра бурда мерасонад.

Тавре ки муаррихон ва донишмандони мо таъкид кардаанд, силсилаи подшоҳони пешдодӣ дар аксари қисматҳои «Авесто», осори паҳлавии «Бундаҳишн», «Динкард», «Минуи хирад», «Худойнома», осори таърихии аҳди ислом, аз ҷумла «Китоб-ул-ахбор-ит-тивол»-и Балъамӣ, «Шоҳномаи Абумансурӣ», «Форснома»-и Ибни Балхӣ ва ғайра зикр гардида, чун подшоҳони таърихӣ ба қалам дода шудаанд. Чунончи, дар «Яштҳо» ва дигар осори паҳлавӣ аз 7 нафар подшоҳони пешдодӣ (Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳоқ, Фаридун ва дигарон) ёд шуда бошад, дар «Шоҳнома» ва таърихномаҳои минбаъда, ҳамаи мулки ин сулола, ки иборат аз даҳ нафаранд (бо изофаи Афросиёб 11 нафар), пурра тавсиф ёфтаанд.

Барои тақвияти фикр рӯ ба «Форснома»-и Ибни Балхӣ меорем, ки ҳангоми зикри подшоҳон ва таърихи онҳо 11 подшоҳи пешдодиро зикр намуда, чунин навиштааст: «ривоят аст аз асҳоби таворих… уламо ва таворихиёни фурс ва араб, ки … ҷумла мулуки Форс чаҳор табақа будаанд: 1) Пешдодиён; 2) Каёниён; 3) Ашкониён; 4) Сосониён. Ва ду табақа аз ин ҷумла пеш аз Искандари Румӣ будаанд. Ӯро Зулқарнайн хондандӣ: Пешдодиён ва Каёниён. Ва ду табақаи дигар баъд аз Искандари Румӣ будаанд, Ашкониён ва Сосониён. Ва ҳар чаҳор табақа аз нажоди Каюмарсанд ва адади ҳамагон бо Искандари Румӣ … ҳафтоду ду подшоҳ ва муддати мулки эшон бо рӯзгори Искандар … чаҳор ҳазору саду ҳаштоду як сол ва чанд моҳ будааст».

Ибни Балхӣ шумораи шоҳаншоҳони сулолаи Пешдодиёнро 11 подшоҳ, сулолаи Каёниёнро 9 подшоҳ, сулолаи Ашкониёнро 20 подшоҳ ва сулолаи Сосониёнро 31 подшоҳ зикр карда, лар оғоз зимни ривоятҳои асотирӣ ва баъдтар дар заминаи тасвири воқеияти таърихӣ сухан меронад. Ӯ таърихномаашро аз оғози сулолаи Пешдодиён ибтидо намуда, менависад, ки номҳо ва адади эшон бо номи Афросиёб, ки аз Туркистон бархоста, «ёздаҳ подшоҳ ва муддати мулки эшон бо дувоздаҳ сол, ки Афросиёб хуруҷ карда буд ва Эрон гирифта … ду ҳазору панҷсаду шасту ҳашт сол».[1]

Аз иқтибоси «Форснома» чунин хулосае бармеояд, ки муаррихони форсу араб ва уламо давраи подшоҳии Пешдодиёнро ду ҳазору панҷсаду шасту ҳашт сол дониста, онҳоро ҳамчун шахсиятҳои таърихӣ қаламдод кардаанд. Миёни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Форснома»-и Ибни Балхӣ дар муқаррар намудани фосилаи ҳукмронии сулолаи Пешдодиён ҳамагӣ 127 сол тафовут ҷой дорад (дар «Шоҳнома» ҳукмронии ин сулола 2441 сол зикр шудааст), ки дар қиёси ҳазорсолаҳои таърих фосилаи казоие нест.

Бояд гуфт, ки баъзе муаррихони тавонои асрҳои XIX-XX Ғарбу Шарқ ин даврароро чун давраи қабл аз таърихӣ ва асотирӣ қаламдод намуда, ба воқеияти подшоҳони сулолаи Пешдодиён шубҳа доранд ва маълумоти сарчашмахои таърихӣ ва осори фарҳангии бахшида ба ин давра, аз ҷумла «Авесто»-ро чандон ба инобат намегиранд.

Воқеан, агар давраи сулолаи Пешдодиёнро ба арсаи таърихи гузашта андоза намоем, тақрибан ҳудуди панҷ-ҳафт ҳазор солро фаро гирифта, ба ҳазорсолаҳои панҷум, чорум ва сеюми пеш аз мелод рост меояд. Ин даврароро дар илми таърихшиносии дунёи қадим чун давраи ҷомеаи ибтидоӣ ва гузариш ба муносибатҳои нави иҷтимоии аҳди бостон тавсиф намудаанд. Пас давраи подшоҳии сулолаи Пешдодиёнро бигзор дар шакли асотирию нимасотирӣ бошад ҳам, чун саҳифаҳои нахустини сарнавишти тоифаҳои ориёинажоди муқими Осиёи Миёна пазируфтан ва ба китобҳои дарсӣ ҷой додан аз манфиат холӣ нест. Хеле хуб аст, ки «Илиада» ва «Одиссея»-и Ҳомер, асотиру ривоятҳои сершумори юнониёнро чун дастовардҳои даҳоёнаи давраи тифлии башарият дар таърихномаҳо меомӯзонданд. Чаро олимони дар илми таърихшиносӣ ва фарҳангшиносии мо китоби муқаддаси «Авесто»

[1] *Ибн-ал-Балхӣ.* «Форснома». – Душанбе, 1990. – С. 19-20.

ва корнамоиҳову шаҷараи сулолаи Пешдодиён, ки ном ба ном зикр шудаанд, ба тафсил нақл карда ва омӯхта нашавад.

Яке аз воқеиятҳои аҷиб ва валвалаомези таърихи башарият низ дар он аст, ки асотиру эътиқоди динӣ ва ҳикмату фалсафаи Шарқ, алалхусус ҷанбаҳои маънавии «Авесто»-ро дар либоси юнонӣ ба ҷилва оварда, поягузории тамаддуни ҷаҳониро таърихнигорони Ғарб ба Юнони қадим мансуб донистаанд. Мақому манзалат ва бузургии тамаддуни Юнонзаминро эътироф намуда, дар айни замон чашм пӯшидан аз рӯйи инсофу адолати таърихӣ нест, ки дар даврони шӯравӣ мо соатҳои дароз аз «Илиада» ва «Одиссея»-и Ҳомер, асотиру дини юнонӣ қадим, ҳангомаҳои ҷанги Троя, пайдоиши давлатҳои Афинаву Спарта то тафсилоти бозихои олимпиву муфлис шудани кишоварзони юнонӣ мехондем. Вале мутаассифона, дар китобҳои дарсии «Таърихи дунёи қадим» ақаллан аз номи «Авесто» - нахустин энсиклопедияи тамаддуни башарӣ, нахустин китоби мукаммалу дини ҷомеаи инсонӣ, нахусткитоби минбаъдаи олам ёде накардаанд.

Чунонки пеш аз ин ҳам гуфта будам, бигзор ҳукми охиринро дар ин бора бостоншиносону муҳаққиқони таърихи аҳди куҳан бароранд, вале ҳаминро афзудан зарур аст, ки ин амали хайр саҳифаҳои куҳани таърихи миллати тоҷик ва дигар тоифаҳои ориёитабору ориёизабонро аз умумигӯйиҳо раҳонида, оид ба ибтидои омӯзиши илми таърих маводи ҷолиб, қиссаҳои шавқовар ва рангубори мафтункунандаро ҷой медиҳад. Илова бар ин сулолаи асотирию нимасотирии Пешдодиён барои тавсифу зикри сулолаи навбатии Каёниён, ки аз ҷанбаҳои таърихӣ ва воқеияти гузашта бархӯрдор аст, заминаи устуворе фароҳам меорад ва барои тақвияти худшиносиву худогоҳии миллӣ мусоидат менамояд.[1]

Дар таърихи бисёрҷилди халқи тоҷик (нашри 1998) И.В.Пянков менависад, ки ривоятҳо дар бораи Кавиҳо таърихианд ва имрӯз дар ин бора шакке нест. Аммо на ҳама овардаҳои муаллифи «Шоҳнома» қобили қабуланд. Силсилаи Каёниёнро ба се бахш тақсим кардан мумкин аст. Каёниёни қадим аз Кайқубод то Кайхусрав, Каёниён баъди Кайлӯҳросп ва Кайгуштосп, Каёниён аз

[1] *Раҳмонов Э.* Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 2000, (китоби 1). – С. 68-69.

Баман то Дорои II сохтаи замони баъд мебошанд ва қобили қабул нестанд.[1]

Албатта, то ҷое ба фикри И.В. Пянков розӣ шудан мумкин аст, зеро дар «Шоҳнома» дар васфи бисёр шоҳон ривоятҳои афсонавӣ вуҷуд доранд, аммо дар бораи шахсияти таърихӣ набудани Баҳман писари Исфандиёр ва духтари Баҳман Ҳумон мо далели радкунанда надорем. Мо дар боло гуфтем, ки Доро ва падараш Виштасп ба Каёниён хешовандӣ надоранд, аммо Баҳман писари Исфандиёр шахси таърихӣ аст ва Ҳумон духтари Баҳман низ воқеӣ мебошад ва муддати шоҳигарии онҳо дар ҳамаи сарчашмаҳо ёд мешавад.

«Шоҳнома» ин таърихи сулолаҳои шоҳони ориёӣ мебошад ва муҳтавои он бароиКаёниён, Ҳахоманишиҳо, Ашкониён ва Сосониён ҳақиқати раднопазиранд.

Дар «Таърихи Балъамӣ» омадааст ки «Кайқубод аз фарзандони Манучеҳр буд ва занаш аз меҳтарони Тӯрон ва панҷ фарзанд дошт: якеро Кайковус, дигареро Кайараш, сеюмиро Кайпашин, чорумиро Кайафшин ва панҷумро Камойят ва Кайқубод малики бо адлу дод буд ва ҷаҳон обод кард ва аз раият ҳеҷ наситонд магар ушр».[2]

Дар «Авесто» аз подшоҳон сулолаи Каёниён асосан Кайқубод, Кайковус, Сиёвуш, Кайгуштосп номбар шудаанд. Авестошиносон бар он ақидаанд, ки унвони сулолаи Каёниён дар «Авесто» ба шакли «қавӣ» зикр шуда, маънии «шоҳ», «ҳукмрон»-ро ифода мекунад; «Дар «Авесто» калимаи Кавӣ Кават (kavikavata) аз ду қисм иборат буда, кавӣ унвони ҳукмрон, шоҳро дорад. Кавад исми хос низ аст. Дар Фарвардин Яшт банди 132 гуфта мешавад: «Фурӯҳарҳои покдини Кайқубодро меситоем: фурӯҳарҳои покдини Кайапиваро (Alpivanhu) меситоем. Фуруҳарҳои покдини Ковусро меситоем. Фуруҳарҳои покдини Кайаёрашро меситоем. Фуруҳарҳои покдини Кайхусравро меситоем». Дар ин банд хонаводаи Кайқубод дарҷ шудааст, аммо мо намедонем, ки Апива, Ковус, Ораш, Пашин ва Ваёраш, ки писарони Қубод буданд, ҳамаашон подшоҳӣ кардаанд ё не?[3]

Баъд аз мутолиа ва омӯзиши ҷиддии таърихи Пешдодиён ба хулосае омадам, ки дақиқ муайян кардани солҳои ҳукмронӣ ва

---

[1] *Пьянков И.В.* Древнейшие государственные образования. – С. 241-242.
[2] *Табарӣ-Балъамӣ*. Таърихи Табарӣ. Душанбе. 1992. – С. 310.
[3] *Яъқубов Ю*. Каёниён. Маърифат, № 10-11, 1995. – С. 22.

давраҳои подшоҳии шоҳони ин сулола хеле мушкил ва ҳатто номумкин аст. Вале ин ҳақиқат ба назарам ҳеҷ гуна қобили баҳс намебошад, ки Пешдодиён сулолаи воқеӣ ва дар давраҳои аввали пайдоиши давлатдории гузаштагони халқи мо ҳукмронӣ кардаанд ва нақши муҳиме дар таърихи сиёсию фарҳангии мардуми ориёӣ бозидаанд.

Мувофиқи маълумоти «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигари таърихӣ, сулолаи дуюме, ки баъди Пешдодиён ба арсаи давлатдории ориёиҳои тоҷиктабор омадааст, сулолаи Каёниён мебошад. Ба қавли Ибни Балхӣ «адади эшон нуҳ подшоҳ, муддати мулуки эшон 738 сол» будааст. Бунёдгузори ин сулола аз рӯйи тавсияи «Шоҳнома» Кайқубод буда, дар силсилаи подшоҳони навбатӣ номҳои Кайковус, Сиёвуш, Кайхусрав, Кайлӯҳросп, Кайгуштосп, Кайбаҳман, Хумой, Дороб, Доро ва Искандар зикр шудаанд, ки муддати давлатдории онҳо ҳафсад сол муқаррар гардидааст, ки аз нишондоди Ибни Балхӣ 6 сол фарқ дорад. Аммо олимон дуруст қайд менамоянд, ки Дороб ва Дорою Искандар ба шоҳони Каёнӣ ҳеҷ муносибате надоранд. Дорои Кабир писари Виштаспи Ҳахоманишӣ ба сулолаи Каёниён муносибате надорад.[1] Зеро натанҳо шаҷараи онҳо, балки давру замонашон низ мувофиқ нест. Дар Авесто дар бораи сулолаҳои Модҳо ва Ҳахоманишиҳо сухан нарафтааст. Ин як далели тасдиққунандаи он аст, ки Авесто дар Осиёи Миёна ва Афғонистони имрӯза ва шарқи Эрони кунунӣ – дар сарзамини миллӣ ва таърихии тоҷикон навишта шудааст.

Подшоҳони сулолаи Каёниён мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ Бохтарро қароргоҳи салтанати худ пазируфтаанд ва бо баъзе далелҳо метавон гуфт, ки онҳо аз Қубодиёни Тоҷикистони кунунӣ буданд. Дар ин ҷо номҳои Тахтиқубод, Кайқубодшоҳ, Қубодиён, Тӯс ва ғайра боқӣ мондаанд. Таҳқиқоти бостоншинос Ю.Яъқубов ба он далолат менамояд, ки маркази Ориёнвеҷ дар Қубодиён буд. Алалхусус ин қаламрав дар давраи подшоҳии Лӯҳросп ва Гуштосп хеле ободу пуршукӯҳ мегардад. Дар «Форснома»-и Ибни Балхӣ омадааст, ки подшоҳи аввали сулолаи Каёниён Кайқубод мамлакатро ба вилояту шаҳристонҳо тақсим намуда, як ушр андоз бар ғаллаҳо ниҳод, то сарфи лашкар кунад. Кайқубод подшоҳи одилу иморатдӯст буд «ва миёни ӯ ва тӯрҳо бисёр ҷанг рафт, аммо ҳеҷ зафар бар эрониён

[1] *Пури Довуд.* Яштҳо. Ҷ.I. Техрон, 1999. – С. 261-262, 283-284.

наёфтанд ва мақом бештарин дар канори Ҷайҳун (Ому) ва ободониҳо доштӣ, ки наздики Ҷайҳун аст ба аъмоли Балх».[1]

Кофтуковҳои бостонӣ дар ҷанубии Ӯзбекистон дар водии Сурхандарё[2] ва шимолии Афғонистон,[3] яъне дар Бохтар дар ду соҳили рӯди Ому гуфтаҳои «Форснома»-ро дар бораи вуҷуд доштани шаҳру деҳаҳо тасдиқ менамоянд. Давлати Каёниён дар замони подшоҳии Кайковус набераи Кайқубод писари Кайапива хеле пурзӯр ва паҳновар шуд. Аз навиштаи сарчашмаҳо бармеояд, ки тамоми Осиёи Миёна, Афғонистон ва шарқи Эрони имрӯза қаламрави давлати Каёниён буд. Дар сарчашмаҳои исломӣ гуфта мешавад, ки Кайковус ба Яман, Форс ва Фаластину Яҳудия лашкар кашид ва Яманро озод намуд. Аммо ин хабар бофтаи муаррихони баъдӣ мебошад. Дар «Таърихи Табарӣ» омадааст, ки гӯё ӯ аз пайғамбар Сулаймон хоҳиш намуда бошад, ки ба девон иҷозат диҳад то тахти ӯро ба осмон баранд ва ӯ ҷойи Худоро гирад. Тибқи ривоятҳо, ки ҷанбаи асотирӣ доранд, Кайковус заминҳои бисёрро фатҳ менамояд ва худро ба Худо баробар карда осӣ мешавад ва фарри каёнӣ аз ӯ дур мегардад. Ӯ Сиёвушро ба ҷанги тӯрониён мефиристад, аммо ӯ бо тӯрониён сулҳ менамояд ва андозро ба онҳо мебахшад. Падараш аз ин кор норозигӣ баён менамояд ва Сиёвуш дар Тӯрон дар назди Афросиёб мемонад.[4]

Сиёвуш аз овони кӯдакӣ таҳти сарпарастӣ ва тарбияти Рустам буда, беҳтарин фазилатҳои инсонсӣ, фатҳои паҳлавонӣ, разму набарди мардонаро аз ӯ омӯхтааст. Агар домани ривояти Сиёвушро мухтасар намуда, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихӣ (алалхусус, «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ) оварем, ӯ чун шахси далеру зебо ва поктинат гирифтори туҳмату беадолатиҳо мегардад ва оқибат аз ҷониби Афросиёби тӯронӣ кушта мешавад. Аслан маънои номи Сиёвушро савораи аспи сиёҳ тафсир кардаанд, ки дар «Авесто» ба шакли «Сйаваршан» ва дар манбаъҳои форсии миёна бо номи «Сиёвахш» зикр шудааст.[5] Марзҳои ҷангу ҷидол ва домани фаъолияти Сиёвуш низ чун подшоҳони дигари каёнӣ асосан дар

---

[1] *Х.Абдуназаров.* Вахшонзамин. Душанбе, 2003. – С. 23-41.
[2] *Аскаров А.* Сапалитепе. Тошкент, 1973.
[3] *Сариниди В.И.* Древние земледельцы Афганистана. М. 1977.
[4] *Табарӣ-Балъамӣ.* Таърихи Табарӣ. – С. 195.
[5] *Наршахӣ.* Таърихи Бухоро. Теҳрон, 1362. – С. 32; *Раҳмонов Э.* Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 2000, (китоби 1). – С. 70.

Суғду Бохтар ва паҳнои Хоразм гузаштааст. Аксари кулли сарчашмаҳои таърихию адабӣ Сиёвушро бунёдгузор ва ободкунандаи чандин шаҳру қалъаҳо, аз ҷумла Гангдиж ва Сиёвушгард шумурдаанд. Ба қавли муаллифи «Таърихи Бухоро» «сабаби бинои арк он буд, ки Сиёвуш ибни Кайковус аз падари хеш бигурехт ва аз Ҷайҳун бигузашт ва назди Афросиёб омад. Афросиёб ӯро бинавохт ва духтари хешро ба занӣ ба вай дод. Сиёвуш хост, ки аз вай асаре монад дар ин вилоят, аз баҳри он ки ин вилоят ӯро ориятӣ буд. Пас вай ҳисори Бухоро обод кард ва бештар он ҷо будӣ. Миёни вай ва Афросиёб бадгӯйӣ карданд ва Афросиёб ӯро бикушт ва дар ҳисор бад-он мавзеъ, ки аз дари шарқӣ андаройи (андаруни дари Коҳфурӯшон) онро дарвозаи Ғуриён хонанд ва ӯро он ҷо дафн карданд ва ҳар сол ҳар марде он ҷо хурӯс барад ва бикушад, пеш аз баромадани офтоб дар рӯзи Наврӯз ва мардумони Бухороро дар куштани Сиёвуш навҳаҳост чунонки дар ҳама вилоятҳо маъруф аст. Ва мутрибон онро суруд сохтаанд ва мегӯянд ва қавволон (ҳофизон) онро гиряи муғон хонанд. Ва ин суханро зиёдат аз се ҳазор сол аст. Пас инҳисорро ба ин ривоят бино кардааст».[1]

«Таърихи Табарӣ» Кайқубод ва Кайковусро ҳамзамони подшоҳи яҳуд Сулаймон мутааллиқ ба асрҳои XIII-XII то мелод медонад.[2] Ба гуфтаи Наршахӣ, ноҳияи Ромитани Бухороро Афросиёб бино кардааст ва ӯ таърихи духазорсола дорад ва дар вақти Кайхусрав ба ҷанги ӯ омад, дар ин ҳисор ду сол дар муҳосира буд. Афросиёб аз фарзандони Нӯҳ буд. Кайхусрав деҳаи Ромишро сохта интизори таслими Афросиёб шуд. Кайхусрав дар Ромиш оташкадаҳо сохт.[3]

Ҳамин тавр Наршахӣ ҷанги Кайхусравро бо Афросиёб ду ҳазор сол пеш аз замони худ гӯяд ва таърихи бинои арки Бухоро ва куштани Сиёвушро ба се ҳазор сол нисбат медиҳад. Албатта фосилаи куштани Сиёвуш ва набераш чандон дур нест ва ҳодисаҳои ба ҳазораи ду ва аз ду зиёдтар ба ҳақиқат наздиканд.

Дар замони подшоҳии Кайхусрав давлати Каёниён хеле мустаҳкам мешавад. Кайхусрав ба парокандагиҳои баъди Кайковус хотима мебахшад ва ба ҷанги Афросиёб тайёрӣ мебинад. Сарчашмаҳо подшоҳии ӯро 60 сол гуфтаанд. Кайхусрав барои хуни

---

[1] *Наршахӣ.* Китоби зикршуда. – С. 23; *Раҳмонов Э.* Китоби зикршуда. – С.70.
[2] История древного Востока. М., 1989. – С. 238-239.
[3] *Наршахӣ.* Таърихи Бухоро. – С. 23.

падарро гирифтан ва ба тохтутозҳои тӯрониён хотима бахшидан ба гирд овардани лашкар шурӯъ менамояд. Ба гуфтаи «Шоҳнома» аз Ғур, Буст, Толиқон, Фороб, Хатлон, Шуғнон ва Бухорову Суғд (Самарқанд) 100 ҳазор лашкар ҷамъ мешавад.

Дар Висагирд (Вашгирд – Файзободи ҳозира) Гударз бо лашкараш ба муқобили тӯрониён меҷангид. Эрониён дар ин ҷанг ғолиб омада буданд ва сипаҳсолору сарвазири Афросиёб Пирон кушта шуда буд ва боқимондаи лашкари Тӯрон фирор карда буданд, аммо Кайхусрав мехост ба ин ҷангҳо хотима бахшад. Аз ин рӯ, бояд Афросиёбро дастгир ва Гандиж маркази Тӯронро ба Эрон ҳамроҳ менамуд. Аз ҳамин сабаб Кайхусрав худаш ҳамроҳи сипоҳ ба сӯйи Тӯрон омад. Бо гуфтаи «Шоҳнома» Афросиёб аз омадани лашкари Ориён бо сарварии Кайхусрав огоҳ шуд ва ӯ низ лашкари фаровон гирд овард ва ба истиқболи Кайхусрав шитофт. Ҳарду сипоҳ дар пастхамии Тӯрон дар наздикиҳои Омул сар ба сар шуданд. Тӯрониён бисёр мехостанд, ки ҷанги Кайхусравро бинанд, бинобар ин ӯ вориди майдон шуда, ҳарфи размро металабад ва писари Афросиёб Шеда ба талаби ӯ меояд ва ба зудӣ кушта мешавад. Пас ҳарду сипоҳ ба ҳам омехтанд ва кушторҳо карданд. Тӯрониён огоҳ шуданд, ки шоҳи онҳо гурехтааст, онҳо низ роҳи гурезро пеш гирифтанд. Кайхусрав як моҳ дар меҳмонии мардуми Суғд буд ва дар маъбади оташ туҳфаҳо ва қурбониҳо дод.[1]

Бинобар маълумоти баъдии «Шоҳнома», Кайхусрав баъди ин ҳодиса ба сӯйи Чоч рафта, аз рӯди Гулзарин (Сир) гузашт ва ба Гандиж наздик шуд. Афросиёб як дастаро барои шабохун задан фиристод, аммо ин даста гирифтори ориёиён шуд ва нобуд гардид. Афросиёб худ вориди Гандиж гашт. Шаҳри Гандиж хеле устувор буд. Кайхусрав шаҳрро муҳосира намуд ва дар паҳлуи рости ӯ Рустам бо лашкараш, дар чап сарлашкарон Фарибурз, Ковус ва Тӯс, дар бахшҳои дигар Гулдарз хайма заданд. Ҳамин тавр роҳҳои даромаду баромади Гандиж баста буданд. Аз сӯйи Афросиёб ба назди Кайхусрав аз даҳ нафар иборат сафирон барои гуфтушуниди сулҳ омаданд. Онҳо гуфтанд, ки Афросиёб барои эрониён бегона нест:

Зи роҳи падар шоҳ то Кайқубод,
Зи модар сӯйи Тӯр дорад нажод.

(Фирдавсӣ)

[1] *Фирдавсӣ.* Шоҳнома. Душанбе. 1965. Ҷ.5. – С. 215-270.

Аз дасти ӯ Сиёвуш бегуноҳ кушта шуд, ҳар чи буд, гузашт. Вале Кайхусрав сулҳро рад намуд ва дар гирди девор манҷаниқҳо устувор намуда, шаҳрро тирборон карданд. Ниҳоят деворҳо шикаста шуданд ва лашкари Эрон вориди Гандиж шуд ва ҷанги сахте ба вуқӯъ пайваст.

Ҳама шаҳри Тӯрон гурезон чу бод,
Наёмад касеро бару бум ёд.

(Фирдавсӣ)

Афросиёб бо роҳи зеризаминӣ фирор карда ба сӯйи Хутан барои ёрӣ рафт. Афросиёб бо бародараш Гарсевази фитна дар кӯҳ пинҳон шуданд ва аз ҷониби Хум ном шикорчӣ дастгир шуда ба ҳалокат расиданд.

Кайхусрав Ҷаҳн ном шаҳзодаеро, ки аз авлодони Пашангу Тӯр дар зиндон буд, озод намуд ва ба ҷойи Афросиёб шинонд ва бо роҳи Хутану Мукрон ба Бохтар омад.[1]

Ба гуфтаи «Шоҳнома», шаҳри Сиёвушсохта Сиёвушгирд дар наздикиҳои Хутан будааст, чунки Афросиёб ба сӯйи Чин мегурезад ва аз мардумони ориёии ин диёр ёрӣ мепурсад. Кайхусрав барои шаҳри падараш сохтаро дидан ба ин ҷо меояд ва аз он ҷо ба воситаи Мукрон ва Кобул ба Балх меояд.[2] Мувофиқи бозёфтҳои бостонӣ ва ривоятҳои таърихӣ ноҳияҳои Хутан, Кашғар то Тибет мулкҳои ориёнишин буданд. Туркон ин ҷойҳоро дар солҳои 60-70-уми асри VI мелод забт кардаанд.

Чунонки баъзе муҳаққиқони имрӯзӣ низ қайд кардаанд, туркон дар даврaҳои қадим дар болооби дарёи Амур ва қисматҳои кӯҳии Сибири ғарбӣ иқомат дошта, ба шикорчигӣ машғул будаанд.[3]

Баъди вафоти Кайхусрав боз як парокандагӣ дар давлати ориёиҳо пайдо мешавад. Чунки Кайхусрав ворис надошт ва ба гуфтаи сарчашмаҳо, гӯё Кайхусрав пеш аз падруд гуфтан сипаҳсолор Кайлӯҳроспро шоҳи Эрон таъйин менамояд, аммо аз маълумоти сарчашмаҳои авестоӣ бармеояд, ки Ориёнро ба кайҳои зиёд худи Кайхусрав дар вақти аз тахт даст кашидан тақсим карда

[1] *Фирдавсӣ.* Шоҳнома. Душанбе. 1965. Ҷ.5. – С. 274-400.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 420-426.
[3] *Малолетко А.М.* Древние народы Сибири. Томск, 2004 – С. 254.

буд.[1] Масалан Нимрӯзро ба Рустам, Қуму Исфаҳон ба Гев, Хуросон ба Тӯс дода буд.

Тӯрониён аз ин парокандагӣ истифода бурда ба Эрон ҳуҷум менамоянд ва онро ба андоз додан маҷбур мекунанд. Аз ҳамин лиҳоз Ориён то замони подшоҳии Лӯҳросп ба парокандагӣ гирифтор буд. Дар сарчашмаҳо Лӯҳроспро аз пушти Пешин ва насли Кайқубод гуфтаанд. Дар «Таърихи Табарӣ» омадааст, ки Кайхусрав пеш аз даст кашиданаш аз тахту тоҷ сарони Эронро даъват намуд ва гуфт ин тахту мамлакат ҳар киро хоҳад, бидиҳанд. Пас сарон гуфтанд, Шумо номи ӯро гӯед ва мо вайро пазирем. Лӯҳросп он ҷо нишаста буд, даст ба сӯйи ӯ кард ва хомӯш монд. Ҳамзаи Исфаҳонӣ менависад, ки Лӯҳросп писари амаки Кайхусрав буд, зеро ӯ писари Кайвачон, пури Кайманиш пури Кайфашин пури Кайқубод будааст.

Дар Бундаҳишн фасл 31, банди 28 гуфта мешавад, ки Лӯҳросп писари Зов, писари Монуш, писари Кайпешин, писари Кайапива писари Кайқубод буд. Чӣ тавре ки мебинем, Лӯҳросп аз авлоди Каёниён аст, аммо ба Хусрав хешӣ надорад. Дар Фарвардин Ашт банди 137 аз писари Кайхусрав Аҳуро ёд мешавад, аммо аз чӣ сабаб ӯро шоҳ таъйин накардаанд, чандон равшан нест. Аз матнҳои «Шоҳнома» ва дигар асарҳо бармеояд, ки шоҳон интихобӣ буданд, яъне ба курсии шоҳӣ шахсони болаёқат интихоб мешуданд. Шояд аз камлаёқат будани Аҳуро ӯро сарони Эрон ба ҷойи падар ба тахти шоҳӣ нашинонидаанд. Шояд сабабҳои дигар низ буд.

Бояд тазаккур диҳам, ки дар замони Сосониён маркази давлатӣ ва динии Каёниёнро Истахр гуфтаанд, баъзеҳо Сиистонро марказ меноманд, аммо дар асл маркази давлати Каёниён ҳама вақт дар Бохтар буд ва шояд пойтахти он Заринасп ном дошт. Давлати Каёниён танҳо заминҳои Осиёи Марказӣ ё ба ибораи дигар Эрони шарқӣ яъне Хуросони бузурги баъдинаро фаро мегирифт. Дар он даврaҳо дар Эрони ғарбӣ давлати Илом арзи вуҷуд менамуд.

Дар «Форснома» дар бораи Лӯҳросп омадааст: «Лӯҳросп ибни Фанухӣ чун бар тахт бинишаст, ҳамагон ба муҷиби васияти Кайхусрав мутобиати ӯ шуданд ва итоат доштанд ва ӯ сирате сипард сахт писандида ва қоидаҳои наку ниҳод ва аз осори ӯ он аст, ки аввал касе, ки саропарда сохт ӯ буд. Ва девони лашкар

[1]Ниг. *Пури Довуд*. Яштҳо. Ҷ.1. – С. 264.

ниҳод, ки мо онро «девони арз» хонем ва тахти заррини мурассаъ бо ҷавоҳирот сохт ва шаҳри Балхро девор кашид, иморатҳо кард ва мақоми ӯ бештар он ҷо буд. Ва ҳама ҷаҳонро иморат кард ва асовираро дастинаҳои зар дар дасти рост кард бар сабили икром ва ҳиммати баланд дошт ва мулки ҷаҳонро чунон мусаххар гардонид, ки аз Рум ва Синд ва Ҳинд хироҷ бад-ӯ мефиристоданд».[1]

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ Лӯҳросп чун подшоҳи одил ва раиятпарвар тасвир шуда, оғози салтанати ӯ аз сохтани оташкадаи Меҳрбарзин дар Балх ибтидо ёфтааст.

Чу Лӯҳросп биншаст бар тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он дилафрӯз тоҷ.
Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт,
Ниёиш варо дар физоиш гирифт…
Яке шорсоне бароварда шоҳ,
Пур аз барзану кӯю бозоргоҳ.
Бар ҳар барзане ҷойи ҷашни Сада,
Ҳама гирд бар гирд оташкада.
Яке озаре сохт Барзин ба ном,
Ки буд бо бузургиву бо фарру ком.[2]

Лӯҳросп барои ободонии шаҳристони Балх, бунёди бозору растаҳои тиҷоратӣ, корвонсарою марказҳои савдо заҳмати зиёде ба харҷ дода, равобити тиҷоратӣ ва фарҳангиро бо кишварҳои Ҳинду Чин ва Рум густариш дод. Гумони ғолиб он аст, ки шояд дар замони подшоҳии Лӯҳросп роҳҳои нави корвонгард кушода шуда, лоҷувард булӯр ва дигар сангҳои қиматбаҳои Бадахшон ба кишварҳои дуру наздики олам интиқол дода мешуданд. Ва аҷаб нест, лоҷувардҳои бадахшии зикрашон дар боло рафтаро, ки ғанимат ба дасти лашкаркашони Ошур афтода буданд, маҳз савдогарони бохтарӣ тавассути шоҳроҳи лоҷувард ба қаламрави давлати Мод бурда бошанд.[3]

Аз гуфтаҳои Балхӣ, Дақиқӣ ва Фирдавсӣ бармеояд, ки шоҳ Лӯҳросп марди созанда ва ободкунандаи Эрон буд. Дар замони ӯ сохтмони қасру шаҳрҳо равнақ ёфт, ки то ин давра чандон расм

[1] *Ибн Балхӣ.* Форснома. Душанбе, 1989. – С. 52.
[2] *Фирдавсӣ.* Шоҳнома. Душанбе, 1989. Ҷ.6. – С. 5-7.
[3] *Раҳмонов Э.* Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 2000, (китоби 1). – С. 73.

набуд. Барои аз хатарҳо эмин будан гирди шаҳр девори ҳимоявӣ сохт. Ин маълумоти Балхӣ ба харобаи Дашлиз, ки онро В.И.Сарианиди дар масофаи 30 км аз рӯди Ому ба сӯйи ҷанубу шарқ ҳафриёт кардааст, рост меояд.

Дар меъмории Дашлиз қасри шоҳӣ ва маъбади мудаввар нақши асосӣ доранд. Гирдогирди шаҳрро се девори ҳимоявӣ печонидааст.[1] (расми 9,1) шаҳраки Дашлиз ба нимаи дувуми ҳазораи 2 то мелод нисбат дорад.

Дигар урфияте, ки Лӯҳросп ҷорӣ намудааст, тахти заррини бо сангҳои қиматбаҳо ороёда ва асовираи заррин аст. Асовира ин чӯбдастаи шоҳӣ, ки ӯро Аҳуромаздо ба Ҷамшед супурд ва номашро аштаро гуфт. Аштаро чӯбдастаи рамзӣ барои идора намудани давлат мебошад. Чӯпон бо асо рамаю галаро идора менамояд, шоҳ бо аштаро мардуми мамлакаташро. Аштаро яке аз рукнҳои давлатдорӣ буд. Дар даврaҳои баъдин ин чӯбдаста бо номи шашпар маълуму машҳур гардид.

Курсӣ бо аштаро, суварҳо (нигин), тоҷ ва парчам аз шоҳ ба шоҳ ба мерос дода мешуданд. Бо гуфтаи ин сарчашма, Кайлӯҳросп девони лашкар бино кард, яъне лашкари доимӣ ташкил намуд, зеро замона ноором буд ва хавфи таҳдидҳои беруна, махсусан тохтутозҳои тӯрониёни чорводор зиёд буд.

Муҳлати подшоҳии Кайлӯҳросп 120 сол буд ва ӯ ҳанӯз дар замони дар ҳаёт буданаш тахтро ба писараш Кайгуштосп супорид ва худ ба тоату ибодат машғул шуд.

Кайгуштосп яке аз шоҳони бузургу муътабар ҳисоб мешавад, зеро дар замони ӯ аввалин пайғамбар – Зардушт зуҳур намуда ва дини яктопарастиро ба ҷаҳониён пешкаш намуд. Кайгуштосп 120 сол подшоҳӣ кардааст.

Бо Гуштосп гуфт: Эй ҷаҳон кадхудой,
Расулам ба наздики ту аз Худой.

Шоҳ Гуштосп дини ӯро пазируфт ва пуштибонӣ кард, аз ҳамин ҷиҳат дар Авесто дар бораи ӯ бештар маълумот омадааст.

Дақиқӣ чунин менигорад:

Чу Гуштоспро дод Лӯҳросп тахт,
Фуруд омад аз тахту барбаст рахт.

---

[1] *Сарианиди В.И.* Древние земледельцы Афганистана. М. 1977.

Ба Балхи гузин шуд бар он Навбаҳор,
Ки яздонпарастон буд он рӯзгор.
Мар он хонаро доштандӣ чунон,
Ки мар Маккаро тозиён ин замон…
Чу Гуштосп бар шуд ба тахти падар,
Ки фарри падар буду бахти падар.
Ба сар барниҳод он падардода тоҷ,
Ки зебанда бошад ба озода тоҷ.[1]

Гуштосп низ чун дигар подшоҳони каёнӣ шаҳри Балхро чун пойтахт ободу муҳташам нигоҳ дошта, дар девону давлатдорӣ қоидаҳои нав афзуд. «Аввалан оин оварда, ки марҷаъи (руҷӯъи, оғози) ҳама корҳо бо вазир бошад, аз дахлу харҷ ва ҳаллу ақд. Ва вазирро бузургфармой хондандӣ… Ва соҳибдевони иншоро дабиркад (дабир, муншӣ) хондӣ ва ин дабир оқилтарин ва закитарин ва бедордилтарин аз ҳамагон будӣ. Аз он чи дабир забони подшоҳ аст ва масолеҳи (маслиҳати) мулк ба қалами ӯ мазбут (устувор) шавад. Ва ду девони дигар ниҳоданд, яке девони хироҷ ва дигар девони нафақот. Ҳар чи дахл будӣ, ба девони хироҷ асбот (саб, рӯйхат) ва забт (ҳифз) кардандӣ ва ҳар чи харҷ будӣ ва мавоҷиби (маош, воҷибот) лашкарҳо ва ҳавошӣ (наздикон, ашроф) ва дигар ихроҷот (хароҷот) ба девони нафақот руҷӯъ будӣ. Ва дабире маъруфи мураттаб (тартиб) будӣ дар даргоҳ, ки мартабатҳои мардум нигоҳ доштӣ аз фарзандон то испаҳбадон, то сароҳангон, то ҳоҷибон, то хоҷагон, то табақоти ҳашам ва ҳавошӣ ва афнои (насабаш ноаён) мардум мартабаи ҳар як аз эшон дар нишастану истодан нигоҳ доштӣ ва ҷойи ҳар кас дар хидмати боргоҳ ва девону сарой забт кардӣ, то ҳеҷ кас аз андозаи хеш нагаштӣ ва чун дар мартаба хилофе ё шубҳате будӣ, руҷӯъ бад-он дабир кардандӣ».[2]

Зикри подшоҳии Гуштосп дар «Яштҳо»-и Авесто, «Ёдгори Зарирон», «Бундаҳишн», ҳамчунин «Гуштоспнома» ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадааст, ки ӯро чун ҳомӣ ва паҳнкунандаи таълимоти Зардушт тавсиф намудаанд. Дар «Авесто» ва дигар осори адабиёти паҳлавӣ номи Гуштосп дар шакли Виштосп зикр гардидааст, ки маънояш дорандаи аспи чамуш (ноором) мебошад.[3]

---

[1] *Фирдавсӣ.* Шоҳнома. Душанбе, 1989. – Ҷ.6. – С. 81.
[2] «Форснома»-и Ибн-ал-Балхӣ. Душанбе, 1990. – С. 52-53.
[3] *Яъқубов Ю.* Каёниён Маърифат, 1996. №1-2. – С. 30.

Давраи подшоҳии Гуштосп авҷи муборизаҳои шадиди бошандагони муқимии зироаткору чорводори Бохтар ва сакоиҳои бодиянишини ориёинажод мебошад, ки аз рӯйи дину оини собиқа тарзи зиндагии кӯчманчигиро афзалтар медонистанд. Сарчашмаҳои адабию таърихии мавҷуда, алалхусус «Ёдгори Зарирон» аз ҷанги беамони миёни подшоҳи Эроншаҳр (қаламрави Бохтар ва ориёиҳои собиқ бо ҳамин ном маъмул буд) Гуштосп ва душмани қаттоли ӯ – шоҳи Хиёниён Арҷосп маълумот медиҳанд. Мувофиқи тасвири «Ёдгори Зарирон», Арҷосп огоҳ мешавад, ки Гуштосп аз оини собиқа даст кашида, кеши зардуштиро пазируфтааст. Номае навишта ба дасти ду тан муқаррабони номдораш – Бидрафши Ҷоду ва Номхости Ҳазорон ба дарбори Гуштосп мефиристад, ки дар асари номбурда чунин тавсир шудааст:

«Ва ишон даромаданд ва ба Виштоспшоҳ намоз бурданду нома бидоданд. Авроҳими меҳтари дабирон бар пой истод ва нома (ба) бонги баланд бихонд. Ва бар нома чунин навишта шуда буд. Ки «ман шунидам, ки шумо шаҳриёрон ин дини поки маздаясно аз Ҳурмузд пазируфтед ва гар онро боз надоред, моро гарон зиёну душворӣ аз ӯ шояд будан. Аммо агар шумо шаҳриёрон писандед (ва) ин дини пок бигзоред (у) бо мо ҳамкеш бошед, он гоҳ шуморо ба шаҳриёрӣ парастем, он гоҳтон диҳем сол ба сол бас зар (у) бас аспи неку ва бас гоҳи шаҳриёрӣ. Ва гар ин нагзоред ва бо мо ҳамкеш набошед, он гоҳ бар шумо расем, сабз хӯрему хушк сӯзем ва чаҳорпову дупо (ро) аз шаҳр барда (ғулом) кунем ва шуморо ба тамом гарон ва душворӣ кор фармоем».[1]

Гуштоспшоҳ ин пешниҳоди Арҷоспро намепазирад ва ба ҷанг омодагӣ мебинад. «Пас ҳар мардеро, ки аз фиристодагон огаҳӣ омад, ба даргоҳи Гуштоспшоҳ бо сипоҳ омаданд ва табл заданду най навохтанд ва бо говдумб (карнай) бонг карданд. Корвон гирд оварданд ва пилбон бо пил раванду сутурбон бо сутур раванд ва гардунадор ба гардуна (ароба) раванд».[2] Байни ду кишвар ҷанг оғоз ёфт. Дар ин ҷанг Зарир – бародари Виштосп баъди корнамоиҳои зиёде, аз дасти Бидрафши Ҷоду ҳалок мегардад. Писари хурди Зарир – Баствар бар кинхоҳии падар бархоста, ин

[1] Ёдгори Зарирон // Садои Шарқ, 1993. – № 5-6. – С. 123.
[2] Ёдгори Зарирон // Садои Шарқ, 1993. – № 5-6. – С.124.

ҷодуи палидро нобуд месозад. Лашкари Арҷоспро Спандидод (Исфандиёр) маҳв намуда, худи ӯро асир мегирад.[1]

Номи Арҷосп дар қисмати «Яштҳо»-и «Авесто» («Обон-Ашт», Дрваспа-Ашт») ба шакли Ареҷат-аспа вомехӯрад, ки маъниаш «(дорандаи) аспи арҷманд» мебошад. Тавсифи ӯ «древант» - дурӯғпараст, шоҳи тӯронӣ, сарвари қабилаи хйаона (ҳиена – Э.Р.) ва аз душманони тавонои дини Зардушту таълимоти вай, лашкариёнаш ҷодувону девпарастон зикр шудаанд.[2]

Ба ҷанг бархостани мардуми муқимии зироаткору заминдор бо сарварии шоҳ Гуштосп, аз як тараф, ва довталабию зӯроварии қавмҳои чодарнишини кӯчманчию чорводор бо сарварии шоҳ Арҷосп, аз тарафи дигар, ки аслан ҳардуи онҳо ориёинажоду ориёизабон буданд, баҳона ва сабаби ҷангашон пазируфтан ё инкор кардани кеши нави зардуштист, қабл аз ҳама ба афзудани зиддиятҳои иҷтимоӣ, тезутунд шудани муносибати табақаҳои гуногуни ҷомеа, бархӯрдани манфиатҳои иқтисодиву ҳаётан муҳими онҳо асос ёфтааст. Қавмҳои тӯронӣ ғолибан зиндагии кӯчманчигӣ доштанд ва бо тақозои пешаи чорводорӣ чодарнишиниро меписандиданду ҳангоми гармоҳои тамуз ва сармоҳои шадид аз сабаби кам шудани ғизои чорво маҷбур мешуданд, ки барои забт намудани заминҳои кишт ва аз ҳисоби марзҳои зироату ғалла афзудани чарогоҳҳои худ пайваста дар талош бошанд. Ва сарманшаи таҳдиди «сабз хӯрему хушк сӯзем» низ аз мушкилоти пешаи чорводориву тарзи ҳаёти кӯчӣ сар задааст. Фирдавсӣ низ ин матлабро хеле хуб гуфтааст:

В-ар эдун, ки напзирӣ ин панди ман,
Бисоӣ гарон оҳанин банди ман…
Биёрам сипоҳе зи туркону Чин,
Ки бунгоҳашон барнатобад замин.

Биянборам ин рӯди Ҷайҳун ба мушк,
Ба машк оби дарё кунам пок хушк.
Бисӯзам нигорида кохи туро,
Зи бун барканам беху шохи туро.
Заминтон саросар бисӯзам ҳаме,
Танотон ба новак бидӯзам ҳаме.[3]

[1] Ҳамон ҷо. – С.128.
[2] *Пури Довуд*. Яштҳо, Ҷ. 2. – С. 223.
[3] *Фирдавсӣ.* Шоҳнома. Душанбе, 1989. Ҷ.6. – С. 93.

Ҷараёни ба табақаи иҷтимоӣ ҷудошавии бохтариҳову сакоиҳо (пешвоёну шаҳриёрон, родмардону озодагон, кишоварзону барзгарон, чорводорону галапарварон, бодиягардону чодарнишинон, маздопарастону девпарастон ва ғайра) идома ёфта, мартабаи аъёну ашроф ва пайравони кеши зардуштӣ меафзуд. Бошандагони муқимӣ дар паҳноҳои дарёи Вахшу Ому, водиҳои Қубодиён, Вахш, Ҳисор, Балх, Бохтар ва ҳаволии атрофи он, бодиягардон аз марзҳои Сакистон (Сиистон) то Сакошиму (Ишкошим) Бадахшон, аз канори Суғд (Сир) то даштҳои сералафу гулистонҳои Ҳафтрӯд мақом доштанд.

Дар сарчашмаи хаттии аҳди Ҳахоманишиён, маъхазҳои ҳиндӣ ва манбаъҳои атиқаи асрҳои VI-Vто мелод доир ба сакоиҳои Ҳаумаварг (ситояндагони нӯшобаи муқаддаси ҳаома), сакоиҳои Таграхуд (кулоҳи нӯгтез), сакоиҳои Парасуғда (канори Суғд), сакоиҳои пара драйа (канори дарё) маълумотҳо дарҷ шудааст. Муаррихони атиқа аксаран сакоиҳоро бо скифҳо як дониста, дар илми таърихшиносӣ ба иштибоҳ роҳ кушодаанд. Мувофиқи маълумоти қатибаи Беҳсутун Дорои I соли 519 то мелод пешвои сакоиҳои тиграхуд Скунхаро, ки бар зидди Ҳахоманишиён шӯрида буд, баъди ҷангҳои шадид асир мегирад ва ба ҷойи ӯ шахси дигареро аз байни сакоиҳо пешво мегузорад. Дар кӯҳи Беҳсутун пайкараи Скунхаи кулоҳи нӯгтез дар қатори тавонотарин рақибони Дорои I муҷассам гардидааст.[1]

Ҳеродот дар бораи пайдоиши сакоиҳо (скифҳо) ривоятеро меорад, ки мувофиқи он, нахуст бошандаи ин кишвари беохир шахсе буд бо номи Таргитай. Падару модари он худои бузург Зевс ва духтари рӯдҳо Борисфен буданд.[2] Скифҳо ба монанди Модҳо ва Порсҳо худро ориёӣ меноманд. Ба ин номҳои шоҳони онҳо Ориёнтас, Ориёнсос Ориёраминос ва ғайра гувоҳӣ медиҳанд.[3]

Шубҳае нест, ки афсонаи Фаридун бо писаронаш бо ин ривояти устуравии сакоиҳо ва се оилаи аланҳо (осетиҳо) аз як сарчашмаи ориёӣ реша гирифтаанд. Дар асоси ин афсона ривояти славянӣ дар бораи се шоҳигарӣ пайдо шудааст. Мувофиқи ривояти славянӣ чизҳои зерини аз осмон афтидаро бародари

---

[1] *Раҳмонов Э.* Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 2000, (китоби 1). – С. 73-76.

[2] *Геродот.* История. С. 188; *Яъқубов Ю.* Тоҷикшинос. М. 1988. – С. 72.

[3] *Оранский И.М.* Введение в иранскую филологию. М. 1998. – С. 72.

хурдӣ соҳиб мешавад ва ӯро шоҳи офтоб меноманд, чунки ӯ дар аснои тулӯи офтоб ба дунё омадааст. Агар мо ба ривояти Ҷам (Ҷамшед) аввалин шоҳи ориёиҳо назар кунем вай писари офтоб ва шоҳи офтобӣ лақаб дошт. Ӯ лақаби хшатр – ҳукмрони тоҷи шуъладорро дошт.[1]

Акнун бармегардем ба подшоҳии Гуштосп, ки 120 сол будааст. Дар 30-солагии салтанати ӯ аввалин пайғамбар – Зардушт Спитамон ба Балх ба назди ӯ омада ва гуфта, ки пайғамбарам аз ҷониби Худованд. Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар таърихи худ овардааст, ки соли 30-уми подшоҳӣ ва 50-уми соли умри Гуштосп буд, ки Зардушт аз Озорбойҷон омад ва дини худро ба ӯ пешниҳод намуд.[2]

Дар Ясно ашу Зардушт аз Аҳуромаздо дархост мекунад, ки Гуштоспро дар фирдавс ҷой диҳад. Дар Дараваспа Яшт бандҳои 29-31 гуфта мешавад, ки Кайгуштосп дар канори рӯди муқаддаси Доитиё (ки ба рӯди Панҷ (Хароб) – Ому як дониста мешавад) қурбонӣ меорад ва аз ӯ дархост менамояд, ки ӯро бар ҳаюнҳо ғолиб созад. Аз матнҳои авестоӣ ба хубӣ маълум мешавад, ки дар бораи Кайгуштосп китоби махсус буд мавсум ба «Наски даҳум», ки дар он ҷангҳои ӯ барои барқарор намудани оини Зардуштӣ тараннум шуда буданд. Мутаассифона, ин наск то замони мо наомадааст.

Гуштосп ба муқобили ҳаюниён то зуҳури Зардушт ҷангида мағлуб шуда буд ва ба онҳо андоз медод. Дар баъзе қисмҳои Авесто аз ҷумла Дин Яшт дар бораи баъзе рақибони тӯронии ӯ ба монанди кайҳо: Тасриёван Пушанавашт, Анворунат, Даришника, Васпинич, Урушак ва дигарон ёдовар мешавад, ки ба муқобили онҳо ҷангида аст. Дар Гуштосп яшт дар бораи аз ҷониби Исфандиёр озод намудани хоҳаронаш Ҳумои ва Офарӣ аз банди Арҷосп сухан меравад, яъне маълум мешавад, ки пеш аз Зардушт Гуштосп бо Арҷоспи тӯронӣ ҷангида мағлуб шудааст. Дар ин бора номаи Арҷосп ба Гуштосп гувоҳӣ медиҳад. Дар он гуфта мешавад, ки Шумо Зардуштро аз дарбор дур намоед, ба дини аҷдодӣ баргардед, ман андози Шуморо мебахшам вагарна мулкатонро хароб менамоям. Аввалин касе. ки зидди боҷ додани

[1] *Яъқубов Ю.* Тоҷикшинос. – С. 24-25.

[2]Ниг. *Пури Довуд.* Яштҳо. Ҷ. 2, Теҳрон, 1999; *Яъқубов Ю.* Каёниён. «Маърифат», 1-2, 1998; *Муминҷонов Ҳ.* Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2004. – С. 233-239.

Эрониён ба Тӯрон баромад, Зардушт буд. Зардушт таъкид менамуд, ки бигзор тӯрониён ба ҷанг биёянд, мо бар онҳо ғолиб меоем.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт Зардушти пир,
Ки дар дини мо набошад ҳушир.
Ки ту боҷ бидҳӣ ба солори Чин,[1]
Наандар хур ояд ба оину дин.

(Фирдавсӣ)

Гуштосп ба бародараш Зарир фармуд то номае ба Арҷосп нависад ва ӯро огоҳ кунад, ки Худованд ба дунё пайғамбаре фиристодааст ва ӯ дини яктопарастӣ овардааст ва мо шумо тӯрониёнро даъват менамоем, ки онро қабул намоед ва китобҳои Худованд Авесто ва Зандро воҷиб донед. Агар ин даъватро қабул накунед:

Ба даймоҳ ар эдун ки хоҳад Худой,
Бипӯшам бузург оҳанина қабой.
Ба Тӯронзамин андароям сипоҳ,
Кунам кишвари Гургсорон табоҳ.

(Фирдавсӣ)

Вақте Арҷосп номаро мегирад, фармон медиҳад лашкарро гирд оранд ва ба сӯйи Эрон ба ҳуҷум тайёр шаванд. Ҳарду сипоҳ бо сарварии подшоҳони худ ба пешвози якдигар меоянд. Дар даште вомехӯранд. Мувофиқи навиштаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ сарвари умумии лашкари Эрон худи шоҳ Гуштосп буд, аммо сарфармондеҳи бевоситаи сипоҳиён Зарир – бародари шоҳ буд. Исфандиёр сарлашкари 50 ҳазор ва Настур ва Шедасп низ дастаҳои худро доштанд. Дар лашкари Тӯрон Арҷосп сарвари умумӣ буд, Гургсор, Бедиравш ба лашкари 100 ҳазорӣ роҳбарӣ менамуданд.

Мувофиқи урфи он замон, ҷанг аз муборизаи тан ба тани шахсони алоҳида шурӯъ мешуд. Бинобар ин аввал ба майдон аз ҷониби эрониён Ардашер ворид ва аз ҷониби паҳлавони тӯронӣ мағлуб мешавад. Баъд Ширу ба майдон меояд ва чанд нафар тӯрониёнро бечон менамояд ва худаш низ ҳалок мешавад. Пас Шедаст ба майдон омад ва ба Кӯҳрам паҳлавони тӯронӣ ҷангид ва

[1] Солори Чин тӯрониёни Қошғару Хутанро дар назар дорад.

ҳарду аз захми якдигар ҳалок шуданд. Баъд ҷанги умумӣ сар шуда ва аз ҳарду тараф талафоти зиёде доданд.

Дар рӯзи дигар сарлашкари эрониён Зарир Паҳлавон ба майдон омад ва аз лашкари Тӯрон паҳлавони зиёдеро ҳалок сохт. Тӯрониён тарсида буданд ва ҳеҷ кас вориди майдон намешуд. Арҷост ваъда дод, ки касе сари паҳлавон Зарирро биёрад, духтарашро ба ӯ медиҳад. Сардори лашкари Тӯрон Бедиравши Ҷоду биёмад ва бо ҳилаю найранг ба жӯпини заҳролуд Зарирро захмӣ намуд. Ва Зарир беҳуш гашт ва ӯро бикушт ва парчами ковиёнро бо аспу либоси Зарир ба назди Арҷосп бурд.

Баъд Исфандиёр вориди майдон шуд ва ҳар кас, ки аз душман ба майдон меомад, ӯро мекушт. Тӯрониён аз ин паҳлавон ба тарс омада буданд. Рӯзи дигар Исфандиёр дар аспи шоҳ Гуштосп Беҳзот вориди майдон шуд ва Бедиравшро талабид. Бедиравш дар либосу аспи Зарир, ҷодувона гӯё Зарир бошад, наздик шуду ҳамла овард. Аммо Исфандиёр ӯро чобукона ба теғ дар миёнаш зад ва аз асп афтонд. Исфандиёр асп, парчаму либоси амакаш Зарирро гирифт ва боз ҳариф талабид, аммо Арҷосп тарсида, рӯй ба гурез ниҳод. Исфандиёр ба ҳама таслим шудагони лашкари Тӯрон амонӣ бахшид ва онҳоро барои ба ватан бозгаштан иҷозат дод.

Баъди ин ғалаба Гуштосп бо сарварии Исфандиёр лашкар ба ноҳияҳои Ориён фиристод то ӯ дини тавҳидии ашу Зардуштро ҷорӣ намояд.

Бад-ӯ гуфт: аспат ба зин андар ор,
Ҳама кишваронро ба дин андар ор.
Зи пеш андар омад гав Исфандиёр,
Ба даст андарун гурзи говсор.
Ҳама нома бинвишт зи шаҳриёр,
Ки мо дин гирифтем аз Исфандиёр.

(Фирдавсӣ)

Дар ин ҷангҳо обрӯи Исфандиёр хеле баланд шуда ва падараш аз бими он, ки ӯ шоҳ нашавад, вақте ба пойтахт омад, ӯро зиндонӣ намуд. Ва худ сӯйи Сиистон рафт. Арҷосп аз ин ҳодиса огоҳ шуда ва зуд ба сӯйи Балх лашкар кашид. Ӯ Балхро ғорат ва Лӯҳроспу пайғамбарро кушт. Вақте Гуштосп аз Сиистон омад, дар мубориза шикаст хӯрд ва дар иҳотаи лашкари тӯрониён маҷбур шуд, ки вазираш Ҷомоспро фиристад то

Исфандиёрро аз банд озод кунад ва ватанро аз лашкари Арҷосп пок намояд.

Исфандиёр дар ин ҷанг ғалабаи эрониёнро бар тӯроniён таъмин кард ва падарро аз иҳота озод намуд. Ӯ ба Тӯрон лашкар кашид ва хоҳарони асирашро озод намуд. Ва Арҷостпро кушта Тӯронро ба Эрон ҳамроҳ кард. Аммо рашки падар нисбат ба Исфандиёр кам нашуда буд ва ӯро ба Рустам ҷанг андохт, ки боиси ҳалокати Исфандиёр шуд.[1]

Дар адабиёти қадими авестоӣ баъди Исфандиёр дигар номҳои подшоҳони силсилаи Каёниён зикр нашудаанд. Шояд барои он бошад, ки китобҳои марбут ба ин дудмон боқӣ намондаанд. Номи Баҳман дар матнҳои паҳлавии замони Сосониён зикр мешавад. Дар китоби «Динкард» дар боби 6-ум фасли 4-ум гуфта мешавад, ки дар миёни шаҳриёроне, ки баъди ашу Зардушт давлатдорӣ карданд, Ваҳумаи Испандатон барои оини Мазда Ясно корҳои зиёд карда, росткорӣ ва одилиро дар ҷаҳон нигоҳ дошт. Ӯ бо номи Баҳмани Ардашери Дастдароз маъруф буд. Барои чӣ Баҳманро Дастдароз номидаанд, чандон маълум нест. Шояд барои он бошад, ки аз будаш беш дастҳои дароз ё шояд барои он ки дасткушод – сахимард буда.

Дар «Бундаҳишн» навиштанд, ки «Ваҳуман писари Спандод 112 сол, Ҳумой духтари Ваҳуман 30 сол, Доро писари Ҳумой 12 сол, Доро писари Доро 14 сол ва Искандари Румак писари Доро 14 сол подшоҳӣ карданд.[2] Шояд Ҳумой писаре дошт бо номи Доро, аммо Дориюши ҳахоманишӣ ба ӯ ҳеҷ хешовандӣ надорад. Зеро замонашон дигар аст.

Дар фасли 3 китоби паҳлавӣ «Занд» Баҳман Ашт дар фиқраи 20-29 омадааст, ки «Аҳуромаздо дарахте ба Зардушт нишон дод ва гуфт: «Ин дарахт аз гетӣ ва ҳафт шохаи маъдан иборат мебошад, ки ҳафт даври таърихӣ дарак медиҳад».

Дар адабиёти замони Сосониён Ҳахоманишҳо ва Сосониён аз авлоди Кайёниён дониста шудаанд, ки аз ҳақиқати таърихӣ дур аст. Дар «Форснома» тарҷумаи ҳоли Баҳманро ин тавр шарҳ додаанд. «Баҳман писари Исфандиёр сахт карим ва поксиришт буд ва ӯро Ардаршери Баҳмани Дароздаст гуфтандӣ. Он бисёр вилоятҳо бигирифт ва бирафт Сиистон биғоратид ва шаҳри Рустам биканду хароб кард, ба кини падару бародарони худ. Чун

[1] *Фирдавсӣ.* Шоҳнома. Душанбе, 1964. Ҷ.6. – С. 120-145.
[2] Бундаҳишн. Фасли 34, 8.

гузашта шуд, аз вай панҷ фарзанд монд, ду писар – яке Сосон дигаре Доро ва се духтар – яке Ҳумонӣ, дигар Фарансаҳ ва сеюм Баҳмандухт. Аммо Сосон бо он ки оқил, олим ва мардона буд, рағбат ба шоҳӣ надошт. Доро тифл буд ва подшоҳӣ бар духтари бузург Ҳумонӣ расид. Ривояте аст, ки Ҳумонӣ модари Доро буд ва то бузург шуданаш давлатдорӣ кард».

Бояд зикр кард, ки муҳлати подшоҳии Баҳманро саду дувоздаҳ сол гуфтаанд, ки дар он фаъолияти ду-се подшоҳи дигар ҳамроҳ мебошад, шояд Баҳмани I-III. Шояд Баҳмани III писар надошт, бинобар ин духтараш Ҳумонӣ подшоҳ мешавад.

Мувофиқи гуфтаи «Шоҳнома» Баҳман баъди подшоҳ шуданаш барои хуни падар ба Зобулистон лашкар кашид, то Рустамшаҳрро вайрон ва Золро асир намояд. Аз омадани Баҳман дили Зол пурхун шуд ва ба насиҳати вай омад ва ба ӯ гуфт, ки Исфандиёр Рустамро ба ҷанг кардан водор сохт. Ӯ насиҳат ва сулҳро напазируфт. Ман ва Рустам аз марги Исфандиёр сахт пушаймонем, аммо Баҳман ба насиҳати Зол гӯш надода вайро асир ва Рустамдижро хароб намуд. Фаромез, ки дар киноҳии Рустам дар Кобул буд, ба Зобулистон омад бо Баҳман ҷангид. Дар ин ҷанг Баҳман Фаромез ва бисёр аз лашкариёнро бикушт ва Зобулу Ҳилманро хароб сохт. Баъд аз кардаи худ пушаймон шуд ва Золро озод намуда, ба Балх бозгашта, то охири умр бо адолат давлатдорӣ кард.

Кайҳумоӣ (Ҳумонӣ), мувофиқи маълумоти адабиёти паҳлавӣ, сию ду сол подшоҳӣ кардааст. Азбаски аз авлоди Баҳман мард набуд, Ҳумой ба ҷойи падар ба тахти шоҳӣ нишаст. Ҳумой лақаби Меҳрзодро дошт, зани зебо, хушқомат ва донишманд буд. Кайҳумой охирин насли Каёниён аст. Дар таърих дигар ин дудмон зикр нашудааст. Чӣ тавре қайд шуд, таърихнигорон шоҳи ҳахоманишҳо Дорои Бузургро набераи Баҳман аз авлоди Каёниён донистаанд, вале далели қотеъ дар ин бора вуҷуд надорад.

Баъзе таърихшиносони шинохтаи мо бар ин ақидаанд, ки шоҳони Ҳахоманишӣ ба сулолаи Каёниён таалуқ доранд.[1] Вале баъзе муҳаққиқон тарафдори ин ақида нестанд ва бар ин назаранд, ки чунин фикр ғалат буда, он дар замони Сомониён ба вуҷуд омадааст.

---

[1] Таърихи халқи тоҷик. Д. 2003. – С. 70.

Ман дар китоби «Аз Ориён то Сомониён» омӯзиши таърихи ин ду сулолаи ба таърихи халқи тоҷик мансубдоштаро таъкид карда будам. Дар бораи таърихӣ будани сулолаи Каёниён авестошиноси маъруфи даниягӣ А.Кристенсен ҳанӯз солҳои 30-уми асри гузашта асаре бо номи «Каёниён» навишта, таърихӣ будани ин дудмонро исбот намуда буд, ки «Кавиҳо силсилаи муназзамеро ташкил медиҳанд ва шахсиятҳои комилан ориёӣ мебошанд. Таърихи онҳо бар манбаъҳои асотирӣ қарор надорад. Ҳаёти онҳо комилан одӣ, инсонӣ ва корнамоиҳои онҳо башарӣ мебошанд. Дар фаъолияти подшоҳон Кайковус ва Кайхусрав ривоятҳои устуравӣ ворид шудаанд, вале ин чунин маъно надорад, ки мо таърихӣ буданашонро рад намоем. Подшоҳони асотирӣ дар Яштҳо бо унвони «кай» ёд намешаванд. Вожаи «кай» хоси мардумони Ориёии Шарқ мебошад ва барои шоҳони таърихии замони Зардушт истифода шудааст».[1]

Хушбахтона, дар таърихи бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» нашри соли 1998 муаллифи боби «Ташаккули давлатҳои қадим» И.В. Пянков менависад, ки ковиёҳо яъне каёниён мардумони таърихианд ва дар ин бахш шубҳае нест.[2] Ва баррасии асоснок ва муътамади онро анҷом додааст. Дар маҷмӯъ давлатҳои қадимии ориёӣ, қабл аз ҳама Каёниён, оғози давлатдории бостонии суннатии ориёӣ ва марҳилаи ниҳоят муҳими ташаккули таърихии тамаддуни ориёӣ будаанд. Бад-ин ҷиҳат шинохти илмии онҳо амри ниҳоят зарур аст.

2. ДАВЛАТИ МОД ВА ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Ман дар китоби «Аз Ориён то Сомониён» фикру мулоҳизаи худро ба таври мухтасар ба ҳар хонандаи кишварам хостам фаҳмо баён кунам. Доир ба масъалаҳое дахл карда будам, ки дар давраи соҳибистиқлолии миллати мо ниҳоят заруранд. Ин пеш аз ҳама бидуни ташаккули шуури саҳеҳи таърихӣ ва ифтихори миллӣ ва эҳсоси эҳтиром ба халқҳои дигар ба вуҷуд нахоҳад омад.

---

[1] *Кристенсен А.* Оё давраи Каён асотирист ё таърихӣ. Маҷ. // Фарҳанг. 4, 2005. – С. 11-12.

[2] *Пьянков И.В.* Древнейшие государственные образования // История таджикского народа. – С. 239.

Бинобар ин дар ин китоб фикрҳои дар китобҳои гузаштаам баён кардаро дар асоси мутолиаҳои нав, дар паҳнои васеътари таърихӣ мехоҳам шарҳ диҳам. Чун сухан дар бораи таърих ва тамаддуни ориёиҳо меравад, қаламрави васеи зиндагӣ ва амалиёти низомию бархӯрдҳои давлатҳои аввалини ориёӣ, динҳою фарҳангҳои онҳоро омӯхтан зурур аст. Зеро миллати мо то ба имрӯз чӣ гуна роҳҳои пурпечутоби таърихро дар таркиби давлатҳои ориёӣ ва ғайриориёӣ тай кардааст, мавриди алоқамандии бевоситаи мардуми мо, хосатан ҷавонон бояд қарор гирад.

Ба ҳамин манзур ман дар бораи давлатҳои аввалини ориёӣ, ки аз ҳудуди Тоҷикистони имрӯза берун буда, вале ба рукни арзишманди давлатдории умумии ориёӣ саҳми арзанда гузоштаанд ва донистани онҳо шарти ватандорию миллатдӯстӣ ва садоқат ба арзишҳои бебаҳои муштараки мо мебошад, мехоҳам андеша ронам.

Яке аз чунин давлатҳо давлати Мод мебошад. Дар бораи давлати Мод ва сарзамини Модҳо мулкҳои тобеи онҳо осори хаттии мехии ошурӣ, катибаҳои бобулӣ ва таърихнависони Юнони қадим, махсусан Геродот (Ҳеродот) ва дигар ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ маълумот додаанд. Ба ақидаи аксарияти олимон, иттиходи қабилаи Мод дар асрхои XII-XI то мелод ба шимолу ғарби Эрон омаданд[1]. Аммо маълумоте низ мавҷуд аст, ки дар бораи аз ин ҳам барвақттар, дар асри XIII то мелод ба шимолу ғарби Эрон омадани модҳо шаҳодат медиҳанд. Аз рӯйи маълумоти И.М. Дяконов, кадимтарин навиштаҷоти мехии ошурӣ, ки дар онҳо модҳо номбар шудаанд, ба миёнаи ҳазорсолаи 2 то мелод тааллуқ доранд.[2]

Дар як ҳуҷҷати ошурӣ аз китобхонаи шоҳ Ашурбанипал номи худои олии оини зардушти Аҳуромаздо дар шакли Ассор Мазаш зикр шудааст. Ин ҳуҷҷат ба асри XIII то мелод тааллуқ дорад ва дар бораи аллакай дар он замон дар ҳамсоягии ошуриҳо сукунат доштани модҳо шаҳодат медиҳад. Номи ин худо метавонист танҳо ба воситаи Модҳо ба сарзамини ошуриҳо интишор ёбад.[3]

---

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. М., 1980. – С. 40.

[2] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С . 176.

[3] *Дандамаев М. А., Луконин В. Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 306.

Дар бораи дар асри XIII то мелод дар Эрони ғарбӣ сукунат доштани Модҳо, ки худро ориёӣ меномиданд, маводҳои бостоншиноси низ гувоҳи медиханд. Дар фарҳанги моддии Эрони ғарби дар асрҳои XIII-XII то мелод тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. То ин замон барои ёдгориҳои ин минтақа зарфҳои рангаи мунаққаш хос буданд. Дар асри XIII то мелод дар саросари ин минтақа ёдгориҳое пайдо шуданд, ки барояшон зарфҳои хокистарранг хос мебошад. Бостоншиносон ин тағйиротро ба муҳоҷирати қабилаҳои нав дар ин сарзамин нисбат медиҳанд. Аксарияти олимон бар он ақидаанд, ки онҳо қабилаҳои ориёӣ буданд.[1] Маълумоти дар боло овардашуда шоҳиди онанд, ки ҳанӯз дар асри XIII то мелод, ориёиҳо ва пеш аз ҳама Модҳо дар Эрони ғарбӣ пайдо шудаанд.

Ҳамин тавр, Модҳо халқи ориёӣ буда, аллакай дар асри XIII то мелод ё аз ин ҳам барвақтар дар қисмати шимолу ғарбии Эрон зиндагӣ мекарданд. Дар бораи аз кадом минтақа ба ин ҷо омадани онҳо ду ақида вуҷуд дорад. Ба фикри аксарияти донишмандон, онҳо ба ин ҷо аз Осиёи Миёна ва Бохтар омадаанд. Дар ин бора ду фикри мухталиф мавҷуд аст. Мувофиқи фикри якум, таърих ва фарҳанги ягона ва дигар халқҳои ориёии Осиёи Миёна ва сарзаминҳои ҳамҷавори он. Фикри дуюм ишора ба чуғрофияи Авесто дорад, ки асосан Бохтар, Суғд, дигар минтақаҳои Осиёи Миёна ва қисмати шарқии давлатии Модро дар бар мегирад. Яъне Осиёи Миёна ва шарқи Эрон макони ташаккулёбии халқҳои ориёӣ, аз он ҷумла модҳо ва порсҳо буд ва ба Эрони ғарбӣ онҳо аз ҳамин ҷо рафтаанд. Ин ақида махсусан аз ҷониби И.М.Дяконов хеле муфассал ва боварибахш собит карда шудааст.[2]

Ба ақидаи гурӯҳи дигари олимон, модҳо ва порсҳо, яъне ин ду халқи ориёӣ ба Эрони ғарбӣ аз даштҳои ҷанубии Россия ба воситаи Кавказ омада буданд. Барои исботи ин фикр онҳо ҳанӯз дар миёнаи ҳазорсолаи 2 то мелод дар Байнаннаҳрайни шимолӣ сукунат доштани халқҳои ориёиро ҳамчун далел пешниҳод мекунанд.[3] Аммо ба ақидаи гурӯҳи якуми олимон, ориёиҳо ба Байнаннаҳрайн низ аз Бохтару Осиёи Миёна рафта буданд. Ақидае низ вуҷуд дорад, ки Модҳо аз ноҳияҳои баҳри Хазари Осиёи Ғарбӣ ба Осиёи Миёна (Бухорову Самарқанд) омада,

---

[1] Ҳамон ҷо. – С.47.

[2] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С . 124-125.

[3] *Грантовский Э.А.* Ранняя история иранских племен Передней Азии. М. 1970. – С.10-11.

тадриҷаи ба тарафи ҷануб азимат намуданд ва дар Эрон сукунат пайдо карданд.

Тавре зикр шуд, ки даштҳои ҷанубӣ Россия, шимоли баҳри Сиёҳ ва қисман Кавказ низ қавмҳои ориёӣ ҳанӯз аз давраҳои қадим зиндагӣ мекарданд ва онҳо низ ба халқҳои ориёии Осиёи Миёна ва Эрони шарқӣ фарҳангу таърихи муштарак доштанд. Аммо ин минтақаҳо, гарчанде ки дар фарҳанги халқҳои ориёӣ нақши барҷаста гузошта бошанд ҳам, макони ниҳоии ташаккулёбии онҳо набуданд. Макони ташаккули халқҳои ориёӣ, аз ҷумла модҳо ва тадвини китоби муқаддасашон – Авесто Осиёи Миёна ва Эрони бостон ба ҳисоб меравад. Ин фарҳанги муштараки бохтариҳо, суғдиҳо, портҳо, хоразмиён ва модҳову порсҳо дар давраҳои хеле қадим – охири ҳазораи 3 – нимаи аввали ҳазораи 2 то мелод ба вуҷуд омада буд.

Дар бораи таърихи қадими модҳо (асрҳои XIII-X то мелод) дар сарчашмаҳои ошурӣ, бобулӣ ва юнонӣ танҳо маълумотҳои ночизу пароканда мавҷуданд. Дар асрҳои X-XI то мелод ошуриҳо чандин маротиба ба кишвари Мод ҳуҷум карда, кӯшиш карданд, ки онро тобеи худ созанд. Дар робита бо ин ҳодисаҳо дар сарчашмаҳои ошурӣ дар бораи модҳо маълумоти бештар ба назар мерасад.

Кишвари Мод аз чандин вилоятҳои мустақил иборат буд, ки ҳар кадом ҳокими худро дошт. Дар навиштаҷоти ошурӣ як дафъа «сардорони 22 қалъа» (деҳкадаҳои истеҳкомдор), дафъи дигар «сардорони 30 қалъа» ва бори сеюм сардорони «45 қалъа» ёд карда шудаад. Дар ҷойи дигар сухан дар бораи 1200 деҳкадаҳои (қалъаҳои) модҳо меравад.

Ноҳияҳои ғарбии Мод нисбатан тараққикардатар буданд. Дар он ҷо ҳанӯз дар асрҳои IX-VIII то мелод ориёиҳо якчанд давлатҳои хурди амирнишин ба мисли Гилзан, Алабрия, Манна ва ғайраро ташкил дода буданд, ки онҳо минбаъд ба ҳайати давлати Мод дохил шуданд. Дар Гелон низ ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои 2-1 то мелод ҳокимияти мустаҳками сиёсӣ вуҷуд дошт. Дар ин бора осори маданӣ ва ёдгории Марлики аз ин сарзамин ёфтшуда, шаҳодат медиҳанд.[1]

Дар мавриди замони пайдоиши давлати Мод маълумоте, ки бо хати мехии ошурӣ ба даст омадааст, ҷолиб ба назар мерасад. Мувофиқи он соли 815 то мелод шоҳи Ошур Шамши-Адад ба Мод

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 71.

ҳуҷум карда, пойтахти он Ҳангматана (Ҳамадони кунунӣ) ва 1200 қалъаи онро вайрону валангор кард.[1] Ошуриҳо Ҳангматанаро бо номи «шаҳри подшоҳ» ёд кардаанд. Аз рӯйи маълумоти мазкур чунин бармеояд, ки дар ибтидои ҳазораи якум модҳо ду нишонаи асосии давлатро доштанд, ки нишонаи аввал ҳокимияти олӣ дар симои шоҳ ва нишонаи дуюм пойтахт ҳамчун маркази маъмурию сиёсӣ мебошад. Нишонаи дигари давлатӣ низ баъди аз нуфузи ошуриён озод шудани модҳо ба вуҷуд омада буданд.

Ақидае низ дар байни олимон вуҷуд дорад, ки гӯё модҳо вақте ки дар Эрони ғарбӣ сукунат ёфтанд, нисбат ба аҳолии маҳаллӣ дар заминаи пасти тараққиёт қарор доштаанд ва ҳаёти кӯчӣ ба сар мебурдаанд. Ин фикрро Э.А.Грантовский барҳақ иштибоҳи маҳз номидааст.[2] Ӯ таъкид мекунад, ки вақте ориёиҳо ба сарзамини Мод омаданд, анъанаҳои тараққикардаи фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ доштанд, ба чорводорӣ, аз ҷумла асппарварӣ, кишоварзӣ машғул ва истифода аз филизотро ба роҳ монда, аз гардунаву аробаҳои ҷангӣ истифода мебурданд.

Дар ҳақиқат ориёиҳо дар сарзамини камҷамъияти модҳо муқимнишин шуда, ба кишоварзӣ, ҳунармандӣ, чорводорӣ ва махсусан асппарварӣ машғул шуданд. Онҳо шаҳру қалъаҳои зиёд доштанд. Тасвири қалъаҳои модҳо дар катибаҳои ошурӣ ва бобулӣ ёд шудаанд ва дар яке аз навиштаҷоти ошурӣ дар бораи мавҷуд будани 1200 шаҳрқалъа сухан рафтааст.

Пойтахти Мод шаҳри Ҳангматана буд. Дар навиштаҷоти ошурии ба соли 815 то мелод мансуббуда ин шаҳр ба ҳамин ном омадааст. Забоншиносон муайян кардаанд, ки Ҳангматана номи ориёӣ буда, маънояш «анҷумангоҳ», «маҷлисгоҳ» мебошад. Дар ин ҷо пешвоёни модҳо, яъне ҳокимони шаҳру вилоятҳо гирд омада, масъалаҳои муҳими ҳарбию сиёсиро ҳаллу фасл мекарданд. Ошуриҳо ин шаҳрро бо забони худ Сагбат ва юнониён Экбатан мегуфтанд. Шакли тоҷикӣ – форсии он Ҳамадон дар аввали асрҳои миёна пайдо шуда ва то имрӯз боқӣ мондааст.

Дар давоми асри VIII то мелод ошуриҳо чандин маротиба ба Мод ҳуҷумҳои ғоратгарона карда, шаҳру қалъаҳои онро вайрон намуданд. Дар баъзе аз ин ҳуҷумҳо онҳо то канораҳои дурдасти шарқии ин кишвар, яъне то сарҳади Бохтару Суғд расиданд. Бо

---

[1] История древнего Востока. М., 2004. – С. 519.

[2] *Грантовский Э.А.* О распространении иранских племен на территории Ирана. История иранского государства и культуры М., 1971. – С. 40.

вуҷуди ҳамаи ин ҳуҷумҳо ошуриҳо натавонистанд Модро пурра тобеи худ созанд. Онҳо танҳо ду ноҳияи начандон калони ғарбии ин кишварро ба ҳайати давлати худ дароварда буданд.

Ҷараёни ташкилшавии давлати ягона ва мутамаркази Модро Ҳеродот дар шакли ривояти хеле ҷолиб нақл кардааст. Ба қавли ӯ, дар ибтидо дар кишвари Мод парокандагии сиёсӣ ҳукмфармо буд. Дар ин ҷо чандин вилояти мустақил вуҷуд дошт, ки ҳокимони онҳо байни якдигар дар ҷангу ситез буданд, ки дар натиҷаи он кишвар хароб мегардад.

Ҳокими яке аз ин вилоятҳо Дейок (шакли эрониаш – Даҳюк) модҳоро дар ҳайати давлати ягона муттаҳид намуда, пойтахти он шаҳри Ҳангматанаро бунёд кард. Чунонки Абдулазими Ризоӣ низ зикр кардааст, Дейок, ки шахси боҷуръат ва адолатпараст буд, тавонист мардумро аз ситам ва беадолатиҳо ва андозҳои табоҳкунанда озод намояд, бинобар ин сокинони сарзамини парокандаи модхо подшоҳии ӯро қабул карданд ва эътибори Дейок ҳамчун асосгузор ва муттаҳидкунандаи давлати Мод хеле баланд шуд.

Вақте сафарҳое ба Эрон доштам, ба Ҳамадон таваҷҷуҳи ман бештар буд. Зеро дар ин шаҳр фарзанди бузурги тоҷик, файласуф ва табиби оламшумул Абуалӣ Ибни Сино мадфун аст. Ӯ ба ин шаҳр аз нобасомониҳои рӯзгор ва таъқиби Султон Маҳмуд фирорӣ шуда, дар ин ҷо манзилгоҳи охирини худро пайдо карда буд. Ҳамадон (Экбатани қадим) аз ҷониби Дейок ҳамчун пойтахт, рамзи иқтидор, муттаҳидӣ ва адолатпарварии давлати Мод сохта шуда буд.[1] Мутаассифона, Ҳеродот санаи рух додани ин ҳодисаро нишон надодааст. Аммо як катибаи ошурӣ ба ин масъала то андозае равшанӣ меандозад. Дар он гуфта шудааст, ки «сардори як қалъа (деҳистон) дар мамлакати Манна ба номи Дайаукку бо подшоҳи Ошур Саргон ҷангида буд, аммо шикаст хӯрд» ин ҳодиса соли 715 рух дода буд.[2] Ба ақидаи бисёр муҳаққиқон, ин Дайаукку ва шоҳи Моди бо Дейоки ёдкардаи Ҳеродот як шахс мебошад. Ин фикр қобили қабул аст, гарчанде ки Э.А. Грантовский[3] дурустии онро зери шубҳа гузоштааст. Аз ин нукта чунин бармеояд, ки тақрибан дар ҳамин солҳо, яъне дар охирҳои асри VIII то мелод

[1] *Абдулазим Ризоӣ.* Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. Ҷ.1. – С.190.
[2] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С.
[3] *Грантовский Э.А.* Ранняя история иранских племен Передней Азии. – С. 249-251.

модҳо бо сарварии Дейок (Даҳюк) аз асорати ошуриҳо озод шуданд.

Ба қавли Ҳеродот,[1] модҳо 156 сол дар Осиё ҳукмронӣ карданд. Агар ин солҳоро ба соли 550 то мелод, яъне соли барҳам хӯрдани давлати Мод зам намоем, санаи 706 то мелод пайдо мешавад, ки аз санаи дар боло овардашуда оғози ҳукмронии Даҳюк 6 сол фарқ дорад. Санаи ҳосилшуда ба ахбори дар боло зикршудаи катибаҳои ошурӣ дар бораи ҷанги Даҳюк бо шоҳи Ошур Саргони II (соли 715) наздик аст. Шояд соли 706 Даҳюк ба муқобили ошуриҳо мубориза бурда, истиқлолияти худро эълон кард ва шоҳи Мод интихоб шуд.

Ҳамаи шоҳони Мод, (ба ғайр аз Фравартиш) дар манбаъҳои ошурӣ зикр шудаанд ва дуруст будани ахбори Ҳеродот дар ин бора тасдиқ мешавад. Дар катибаҳои ошурӣ шоҳоне низ номбар шудаанд, ки Ҳеродот онҳоро ёд накардааст. Масалан, вақте ки соли 670 то мелод модҳо бар зидди ошуриҳо бархостанд, сардори онҳо Хшатрита (Каштарити) буда ва эҳтимол дорад, ки ӯ писари Даҳюк бошад.[2] Агар оғози ҳукмронии Даҳюкро соли 715 то мелод шуморем, ин фарзия аз ҳақиқат чандон дур нест. Аммо фикри И.М.Дяконов[3] дар бораи як шахс будани Хшатрита ва Фравартиш чандон боварибахш ба назар намерасад.

Дар охири асри VIII то мелод дар саҳнаи таърихии Шарқи Наздик боз ду халқияти ориёӣ – киммериҳо ва скифҳо (сакоиҳо) пайдо шуданд. Онҳо дар манотиқи шимоли баҳри Сиёҳ зиндагӣ мекарданд. Киммериҳо ба Осиёи Хурд ҳуҷум карда, қисми шарқии онро ишғол карданд. Онҳо ба Ошур ва Мидия борҳо тохта, шоҳону мардумони онро ба ваҳшат андохта буданд. Скифҳо низ борҳо ба сарзамини ошуриҳо ҳуҷумҳои ғоратгарона карда буданд ва боре тамоми Байнаннаҳрайн, Ошур ва Фаластинро ишғол карда, то сарҳади Миср расидаанд. Фиръавн Псамметихи I бо туҳфаҳои гаронбаҳо ба пешвози онҳо баромада, кишварашро аз ҳуҷуми онҳо раҳо бахшид.

Модҳо баъди гузаронидани ислоҳоти низомӣ, ба роҳ мондани тарзи коргузорӣ дар қаламрави худ ва муттаҳид намудани давлатҳои хурди амирнишин бо скифҳо ва киммериҳо иттифоқ баста, соли 672 то мелод бар зидди ошуриҳо бархостанд. Сарвари

---

[1] *Геродот,* I-130.

[2] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 76.

[3] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 275-276.

модҳо Каштарити буд. Аммо шоҳи Ошур Ассархадон духтарашро ба пешвои скифҳо Партатуа ба занӣ дода, онҳоро аз ин амал боздоштанӣ шуд. Бо вуҷуди ин модҳо муборизаро давом дода, қалъаҳои Хархор ва Кишиесуро муҳосира карданд.

Мувофиқи маълумоти Ҳеродот, шоҳ (Фравартиш) Фраорт ба сарзамини ошуриҳо ҳуҷум кард. Ин муаррих Каштарити ва Даҳюкро дар робита ба ин ҳодиса зикр накардааст. Баъзе муҳаққиқон, гӯё хатои Ҳеродотро ислоҳ карданӣ шуда, Фраорт ва Каштаритиро як шахс шумурдаанд.[1] Аммо ин фарзия чандон боварибахш ба назар намерасад.

Баъди шӯриши соли 672 то мелод модҳо аз асорати Ошур пурра озод шуданд. Дар давраи ҳукмронии Фравартиш (солҳои 647-625 то мелод) модҳо вилояти Порс, мамлакатҳои Манна ва Урартуро тобеъ намуда, қаламрави давлати худро хеле васеъ карданд.

Соли 653 то мелод шоҳи Мод Хшатрита (ба қавли Ҳеродот Фраорт) ба Ошур ҳуҷум кард. Аммо скифҳо ба ёрии ошуриҳо омаданд ва модҳо ба фишори дутарафа тоб наоварда, шикаст хӯрданд. Бо вуҷуди ин нокомӣ модҳо аз нияти зарба задан ба Ошур даст накашиданд. Дар давраи ҳукмронии Хувахшатра (Киаксар), (солҳои 625-585 то мелод) иқтидори ҳарбӣ ва нуфузи сиёсии давлати Мод афзуд. Ин подшоҳ ислоҳоти низомӣ гузаронида, ба ҷойи дастаҳои ҷанговари халқӣ артиши касбиро ташкил кард. Дастаҳои ҳарбӣ аз рӯйи навъи яроқашон саф кашида меҷангиданд. Артиш бо саворагони сабуксилоҳ ва вазнинсилоҳ, найзадорон, камонварон ва дастаҳои дигар таъмин гардид. Ин ислоҳот дастоварди муҳими ҳарбӣ буда, қобилияти ҷангии артиши модро хеле зиёд кард. Бино бар маълумоти Ҳеродот дар Осиё аввалин шахсе, ки ислоҳоти ҷиддӣ дар артиш гузаронид, Киаксар буд. Баъди ин модҳо ба давлати Бобулистон аҳднома баста, ҷангро бар зидди Ошур оғоз намуданд. Соли 614 то мелод иттифоқчиён пойтахти Ошур шаҳри Ниневияро (Нинво) муҳосира карда, шаҳрҳои Тарбитса ва Ошурро ишғол намуданд. Соли 612 то мелод модҳо бо кумаки бобулиҳо пойтахти Ошурро низ гирифтанд. Шоҳи Ошур қароргоҳи худро ба шаҳри Ҳеррон кӯчонд, аммо соли 610 то мелод модҳо ин шаҳрро низ ишғол карданд.

[1] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 275-276.

Баъди ин ҳодиса Миср, ки иттифоқчии Бобул буд, аз қувват гирифтани ин давлат ба ҳарос афтода, ба ёрии ошуриҳо шитофт. Ҷанговарони Миср шаҳри Каркамишро ишғол карда, онро ба қароргоҳи муваққатии шоҳи Ошур табдил доданд. Аммо ба мисриён ба муҳлати дурудароз дар дасти худ нигоҳ доштани ин шаҳр муяссар нагардид. Моҳҳои май-июни соли 605 то мелод модҳо ва бобулиҳо ба ин шаҳр ҳуҷум карда, онро ишғол намуданд. Подшоҳи Ошур аз охирин такягоҳи худ маҳрум гардид. Бо ҳамин давлати Ошур, ки чандин сол дар минтақа амалан ҳукмрон буд, барҳам хӯрда ва заминҳои вай байни Бобулистон ва Мод тақсим карда шуданд. Қисми шимолии Байнаннаҳрайн ва вилояти Ҳеррон ба давлати Мод ҳамроҳ карда шуданд.

Барои ба баҳрҳои Сиёҳ ва Миёназамин баромадан модҳо ба Осиёи Хурд лашкар кашида, Каппадокияро ишғол намуданд. Аммо ба тасарруфи худ даровардани Лидия ба онҳо муяссар нагардид ва ҷанги панҷсола бо ин давлат соли 584 то мелод бо сулҳнома ба анҷом расид. Барои мустаҳкам кардани ин сулҳ шоҳи Мод бо шоҳи Лидия алоқаи хешутаборӣ барқарор карда, духтари ӯро ба писараш ба занӣ дод.

Дар ин солҳо Мод дар қатори Миср ва Бобулистон пурзӯртарин давлати минтақа ба шумор мерафт. Аз лиҳози масоҳат он аз ду давлати номбаршуда хеле калонтар буд. Ба ҳайати он тамоми Эрон, Парфия, Гиркания, Арейя, Дрангиана, Манна, Урарту (Арманистон), шимоли Байнаннаҳрайн, қисми Шом (Сурия) ва қисмати шимолу-шарқии Осиёи Хурд (Каппадокия) дохил мешуданд. Ба ақидаи Е.Ҳерсфелд, ҳудуди давлати Мод аз ин ҳам васеътар буда, то соҳилҳои дарёи Яксарт (Сирдарё) ва Ҳинд мерасид. Аммо ин нуқтаи назарро на ҳамаи олимон қабул доранд.[1]

Охирин шоҳи Мод Ихтивируа (Астиаг, солҳои 585-550 то мелод) буд. Ӯ 35 сол ҳукмронӣ кард. Дар бораи фаъолияти ӯ дар сарчашмаҳои хаттӣ маълумот хеле кам аст. Танҳо Ҳеродот дар бораи солҳои охирини ҳукмронии ӯ маълумот додааст. Порс дуюмин вилояти калону бонуфузи давлати Мод буд. Ҳокимони он тобеи шоҳи Мод буданд. Аз маълумоти Ҳеродот[2] чунин бармеояд, ки дар солҳои охири ҳукмронии Астиаг ҳокимияти ӯ хеле суст ва фалаҷ шуда буд. Ашрофон ва дарбориён аз сиёсати ӯ норозӣ

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 84.
[2] *Геродот,* I-123, 124.

буданд. Ӯ шахси хеле золим буд. Ҳеродот ривоятеро овардааст, ки мувофиқи он Астиаг ҳамчун ҷазо додан ба вазираш Гарпаг писари ӯро кушта, гӯшташро бирён карда, ноаён ба падараш хӯрондааст. То кадом андоза воқеӣ будани ин ривоят маълум нест, вале ин рафтори ӯ дар бораи золимии беандозаи Астиаг шаҳодат медиҳад.

Ихтилофи байни дарбориён ва Астиаг ба ҷое расида буд, ки онҳо бо сардории Гарпаг дар андешаи аз тахт сарнагун кардани ӯ мешаванд.

Дар ҳамин солҳо болоравӣ ва инкишофи вилояти Порс ва зиёд шудани нуфузи он ба назар мерасид. Давлати Порс ҳанӯз дар асри VIII то мелод дар дохили давлати Мод таъсис шуда, сарварии он дар дасти хонадони ҳахоманишӣ буд. Он ҳокимияти олии давлатҳои муқтадири давр – Илом, Ошур ва Модро эътироф дошт. Дар нимаи авали асри VI то мелод он неруманд шуд. Подшоҳи он Куруши II ҳокимони тамоми ноҳияҳои Порсро ба худ тобеъ карда, ҳокимияти марказиро мустаҳкам намуда ва артиши нерумандеро ташкил дод. Ӯ аз вазъияти ногувори шоҳи Мод Астиаг ва фалаҷ шудани ҳокимияти ӯ хуб огоҳ буд ва фурсати мусоидеро интизор буд, ки аз итоати ӯ барояд. Дар бораи ҷанги Куруш бо Астиаг Ҳеродот маълумоти муфиде додааст. Гарчанде ки қисме аз маълумоти ӯ хусусияти ривоятӣ дорад ва аз воқеият то андозае дур аст, аммо дар маҷмӯъ ҷараёни мубориза ва марҳилаҳои асосии онро дуруст инъикос мекунанд.

Ба қавли Ҳеродот[1], Гарпаг, ки аз вазъияти ногувори Астиаг хуб огоҳ буд, бо Куруш робита барқарор карда, ваъда медиҳад, ки агар ӯ ба Мод ҳуҷум кунад, ӯ ва ҳаммаслаконаш ба ӯ ёрӣ хоҳанд дод. Шоҳи Мод Астиаг аз тайёриҳои ҳарбии Куруш огоҳ шуда, ӯро барои аз роҳаш баргардондан ба дарбор – Ҳангматана даъват мекунад. Аммо Куруш, ки қувваи ҳарбиаш рӯз аз рӯз меафзуд, аз итоат сар печида, ба дарбори Астиаг ҳозир намешавад. Ба гуфти Ҳеродот, Куруш набераи Астиаг буд. Ӯ духтараш Мандонаро ба ҳокими Порс ба занӣ дода буд ва Куруш фарзанди онҳо буд. Ҳеродот ёдовар шуда, ки Астиаг пир шуда буд ва писар надошт. Аз ин рӯ Куруш ҳамчун набераи ӯ ба тахти Мод ҳуқуқ дошт.

Астиаг, ки аз суиқасд бехабар буд, лашкар ҷамъ карда, Гарпагро сарлашкар таъйин кард ва бар зидди Куруш фиристод. Аммо зимни муҳориба Гарпаг бо қисми зиёди лашкар ба тарафи Куруш гузашт. Боқимондаи лашкари модҳо шикаст хӯрда, рӯ ба

[1] Ҳамон ҷо.

гурез ниҳоданд. Астиаг аз ин шикаст бохабар шуда, аз нав лашкар ҷамъ овард ва худаш бар зидди Куруш ба ҷанг даромад, аммо шикаст хӯрда ба асирӣ афтод. Баъди ин Куруш худро подшоҳи Порс ва Мод эълон кард. Ин ҳодисаҳо соли 550 то мелод ба вуқӯъ пайваста буд. Тамоми сарзаминҳое, ки пеш тобеи Мод буданд, акнун ба итоати Куруш даромаданд. Аз равиши ин ҳодисаҳо маълум мегардад, ки лашкариён аз сиёсати Астиаг норозӣ буданд. Шояд онҳо хостори шоҳи пурзӯре буданд, ки лашкаркаширо ба кишварҳои дигар вусъат бахшида, ба ин васила мартаба ва таъминоти артишиёнро боло бардорад.

Ба дасти Куруш гузаштани ҳокимият ин амалан табаддулоти сиёсӣ дар дохили як давлат буд. Порс як ҷузъи муҳими давлати Мод буд. Аҳолии ҳарду вилоят ориёӣ (аз ориёиҳои ғарбӣ) буда, забон, дин ва таъриху фарҳанги муштарак доштанд. Байни шоҳони ин ду кишвари бонуфуз пайванди хешутаборӣ вуҷуд дошт. Давлати навбунёди Ҳахоманишиён амалан давоми мантиқӣ ва қонунии давлати Мод буд. Барои ҳамин юнониён форсҳоро дар бисёр мавридҳо мод меномиданд. Ин нукта гувоҳи дар минтақа, аз ҷумла дар байни юнониён шуҳрати калон доштани модҳо мебошад. Дар натиҷаи ташкил шудани давлати Мод ориёиҳо дар минтақа ба қувваи пешбарандаи сиёсию низомӣ табдил ёфтанд.

Дар бораи сохтори маъмурии давлати Мод дар сарчашмаҳои хаттӣ маълумоти бевосита тақрибан вуҷуд надорад ва аз ин рӯ, танҳо дар асоси маълумоти парокандаи ғайримустақим ба баъзе хулосаҳо омадан мумкин аст. Сохти идораи давлати Мод подшоҳӣ буд. Шоҳ таҷассуми ҳокимияти мутлақ дар тамоми қаламрави давлат ба шумор мерафт. Дар ибтидо ин вазифа интихобӣ буд. Ҳамон тавре ки дар боло зикр шуд, ба қавли Ҳеродот,[1] асосгузори давлати мутамаркази Мод Даҳюкро ҳокимони вилояту ноҳияҳо дар анҷуман ҳамчун подшоҳи тамоми кишвари Мод интихоб карданд. Аммо баъди Даҳюк ҳокимияти шоҳӣ ба худ хусусияти меросӣ гирифта, аз падар ба писар мегузашт. Дар сурати набудани валиаҳд тахти шоҳиро метавонист яке аз хешовандони наздики шоҳ ишғол намояд. Дар ин бора маълумоти Ҳеродот шаҳодат медиҳад. Вақте ки шоҳи охирини Мод Астиаг фаҳмид, ки хеши наздикаш ва ноиби аввалааш Гарпаг ба ӯ хиёнат карда, бо форсҳо забон як кардааст, ӯро чунин сарзаниш мекунад: агар мақсадат маро сарнагун кардан буд, пас

[1] *Геродот,* I-97, 98.

бояд худат подшоҳ мешудӣ ва тахтро ба форсҳо дода, модҳоро ғуломи онҳо намегардондӣ.[1]

Куруш гарчанде ки Модро бо қувваи силоҳ ишғол кард, аммо худро чун набераи Астиаг, вориси қонунии тахти ин кишвар эълон намуд. Бисёр вилоятҳое, ки ба Астиаг итоат мекарданд, қонунӣ будани ҳокимияти ӯро дар Мод эътироф карда, ба итоаташ даромаданд, Ҳатто бохтариҳо вақте мефаҳманд, ки Куруш набераи Астиаг будааст ва аз ҷониби ӯ шоҳи Мод таъйин шудааст, муқобилатро бас карда, ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохил шуданд.

Нишонаҳои муҳими дигари давлат мавҷудияти дарбори шоҳӣ ва умури идорӣ, пойтахти он ҳамчун маркази маъмурию сиёсӣ, артиш, қонунгузорӣ ва ғайра мебошанд. Давлати Мод ҳамаи ин аломатҳоро дошт. Қоидаи ташрифоти дарборӣ амал мекард Он барои ҷорӣ намудани тартибу низом ва ба роҳ мондани умури коргузорӣ равона шуда буд. Дар бораи қоидаи ташрифоти дарбори шоҳи Мод Ҳеродот ривояти ҷолиберо нақл кардааст, ки тибқи он Даҳюк баъди подшоҳ интихоб шуданаш дастур дод, ки ниёзмандон ба шоҳ танҳо ба воситаи хидматгоронаш мурочиат намоянд.[2] Касе аз дарбориён ҳуқуқ надошт ҳар вақте, ки дилаш хоҳад, ӯро бубинад. Аризаҳоро хаттӣ ба мансабдорони мутасаддии дарбор месупориданд. Дарбор посбон, дарбон ва маъмурони ҳифозатӣ дошт. Идораи тамоми корҳои давлатӣ ба уҳдаи ноиби шоҳ гузошта шуда буд. Яке аз чунин ноибон – Гарпаг ҳамзамон вазифаи вазир ва сарлашкариро ичро мекард. Яъне дар ин марҳилаи инкишофи сохтори сиёсӣ ин ду вазифаи муҳими давлатиро як шахс ичро мекард. Ҳанӯз мақомоти сиёсӣ ва ҳарбӣ аз ҳам ҷудо ва мустақил нашуда буданд. Минбаъд зимни тараққиёти умури давлатдории ориёиҳо ин ду вазифаи муҳимро шахсони ҷудогона ичро мекарданд.

Дар давлати Мод қонун амал мекард. Ҳеродот навиштааст, ки шоҳ адолатро риоя карда, танҳо дар асоси қонун амал мекард ва ҳукм мебароварад. Ӯ дар ҳама гӯшаву канори мамлакат гумоштагон ва ҷосусони худро дошт, ки дар бораи вазъият ва кору рафтори ҳокимони вилоятҳо ба ӯ хабар медоданд.[3]

---

[1] *Геродот,* I-129.
[2] *Геродот,* I-99.
[3] *Геродот,* I-100.

Дар назди шоҳ шӯрои машваратӣ амал мекард, ки дар он масъалахои муҳими давлатӣ ҳаллу фасл карда мешуданд. Дар ин шӯро муғон (рӯҳониён) мавқеи муҳимро ишғол мекарданд.[1] Дар коргузории давлатӣ хати мехӣ ва забони ориёӣ ва аккадӣ истифода бурда мешуд. Дар ҳудуди Мод навиштаҷоте ёфт шудааст, ки бо забони аккадӣ буда, ба асри IX то мелод тааллуқ дорад. Он дар ду тарафи варақаи биринҷӣ навишта шудааст.[2]

Дар бораи сохтори иҷтимоии модҳо дар сарчашмаҳои хаттӣ маълумоти ночизе мавҷуданд. Ҳеродот дарбориён ва ашрофон, сарлашкарону ҷанговарон ва муғонро ёдовар шудааст. Ин се табақаи ҳукмрон ва бонуфуз буданд. Дар бораи табақаҳои дигари аҳолии Мод дар сарчашмаҳои хаттӣ ҳеҷ гуна маълумот мавҷуд нест. Аммо маълум аст, ки модҳо муқимнишин буда, ба кишоварзӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ машғул буданд. Яъне ин табақаҳои аҳолӣ низ вуҷуд дошта, сарчашмаи асосии неъматҳои моддӣ буданд. Ба ҳар ҳол, дар замони модҳо сохтори табақотии ҷомеа баръало ҳувайдо буд ва дар давраи баъдӣ, хусусан дар аҳди Ҳахоманишиён он боз ҳам мушаххастар гардид. И.М. Дяконов дар мавриди сохти иҷтимоии Мод дуруст фармуда, ки он ба сохти иҷтимоии дар Авесто инъикосёфта шабоҳат дорад.[3]Яъне ҷомеа аз чор табақаи асосӣ – ашрофон, ҷанговарон, рӯҳониён ва кишоварзону ҳунармандон иборат буд. Ашрофон дар аҳди Модҳо ба табақаи мустақил табдил ёфта буданд ва ҷанговарону сарлашкарон низ ҷузъи табақаи ашроф маҳсуб мешуданд. Дар Авесто кишоварзону ҳунармандон ҳамчун ду табақаи мустақил номбар шудаанд. Шояд дар Мод низ чунин тақсимбандӣ вуҷуд дошт.

Ҳеродот[4] шаш қабилаи модҳоро номбар кардааст – бус, парстакан, струхат, аризонгт, буди ва муғ. Дар ин замина баъзе муҳаққиқон ба хулосае омаданд, ки дар байни модҳо муносибатҳои қабилавӣ ҳанӯз аз байн нарафта буданд ва дар ҷомеа таъсиру нуфузи зиёд доштанд.[5] Э.А. Грантовский муътақид аст, ки дар давраи Модҳо тасаввурот дар бораи қабилаҳо ва номи онҳо боқӣ монда буданд, аммо худи қабилаҳо шояд вуҷуд

---

[1] *Геродот,* I-120.
[2] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 71.
[3] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 180.
[4] *Геродот,* I-101.
[5] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 175.

надоштанд ва дар ҷомеа низ нақши боризеро намебозиданд. Яъне сохтори сиёсӣ - иҷтимоӣ дар заминаи муносибатҳои табақотӣ ташкил шуда буд, ки табақаҳо воҳидҳои деҳӣ ва шаҳриро ташкил мекарданд.[1]

Дар байни халқҳои ориёӣ, хусусан модҳо асппарварӣ хеле инкишоф ёфта буд ва онҳо дар ин соҳа таҷрибаи тӯлонӣ ва малакаи бой доштанд. Дар катибаи мехии ошурӣ гуфта мешавад, ки модҳо соли 716 то мелод ҳамчун боҷ ба шоҳи Ошур Саргони II 1600 асп доданд.[2] Дар бораи аз Мод ба Ошур бурдани галаҳои асп дар дигар катибаҳои мехӣ низ сухан рафтааст. Дар лашкари модҳо ҷанговарони савора мавқеи муҳимро ишғол мекарданд. Ба ақидаи олимон, то омадани ориёиҳо ба Эрони ғарбӣ дар Шарқи Наздик теъдоди ҷанговарони савора хеле кам буданд. Асп ва артиши савораро ба ин ҷо ориёиҳо оварданд.[3]

Дар ибтидо лашкари модҳо аз дастаҳои ҷанговарони вилоятҳо иборат буд ва дар муҳориба дастаҳои ҳар вилоят алоҳида саф мекашиданд. Дастаҳои вилоятӣ ҷасурона меҷангиданд ва маҳорати баланд нишон медоданд. Аммо аз нуқтаи назари санъати ҳарбӣ ин гуна сохтори артиш номукаммал маҳсуб мешуд. Баъди ташкили давлати мутамарказ модҳо мехостанд, ки ҳудуди қаламрави худро тавсия диҳанд ва барои ба ин мақсад ноил шудан эҳтиёҷ ба артиши касбӣ ва хуб мусаллаҳшуда доштанд. Ин заруратро ба назар гирифта, шоҳи Мод Хувахштра (Киаксар – солҳои 625-585 то мелод) ислоҳоти ҳарбӣ гузаронд ва сохтори артишро тағйир дод. Ба қавли Ҳеродот «Киаксар нисбат ба шоҳони пешин ҷанговартар буд ва якумин шуда артиши Осиёро аз рӯйи навъи аслиҳа ба дастаҳо тақсим кард ва ба ҳар як даста – найзадорон, камонварон ва саворагон фармон дод, ки дар саҳнаи муҳориба мустақилона амал кунанд. Пеш аз ин лашкар тартибу низоме надошт ва ба ҳам омехта буд».[4] Ин ислоҳот қобилияти ҷангии артиши модҳоро хеле зиёд карда, ба онҳо имконият дод, ки як қатор давлатҳои ҳамсояи худро забт кунанд. Ислоҳоти Киаксар дастоварди муҳими ҳарбии он замон буд.

---

[1] История Ирана. – С. 41.
[2] История древнего Востока. – С. 521.
[3] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 41.
[4] *Геродот,* I-103.

Ҷанговарони мо бо камон, найзаи дарозу кӯтоҳ, шамшер, ханҷар, сипар, ҷавшан мусаллаҳ буданд. Онҳо дар аспсаворӣ ва фатҳи қалъаҳо маҳорати калон доштанд. Тавре ки муҳаққиқон ёдовар шуданд, ориёиҳо ихтироъкунандаи гардунаҳои ҷангии аспӣ буданд ва ин нақлиёти ҳарбӣ ва сафарӣ дар артиш ва ҳаёти онҳо дар ҳазорсолаҳои 3-2 то мелод нақши муҳим мебозид. Аммо ба ақидаи И.М.Дяконов, аллакай дар асри IX то мелод дар артиши модҳо гардунаҳои ҷангӣ истифода намешуданд. Бино ба маълумоти «Инҷил», агар он рост бошад, модҳо ба шаҳри Ниневия ҳуҷум карда, онро ғорат намудаанд. Дар тасвири ин ҳодиса ду маротиба гардунаҳои ҷангӣ ёдовар шудааст: «Гардунаҳо оташбор ҷило медиҳанд … Садои қамчин ва чарххои … гардунаҳои тезҳаракат баланд мешуд».

Ба қавли Ҳеродот[1] Куруш бар зидди Мод лашкар ҷамъ карда, чунин мурочиат мекунад: «Порсҳо, акнун ман ба шумо фармон медиҳам, ки бо дос мусаллаҳ шуда, (ба назди ман) ҳозир шавед». Шояд ҳузури калимаи дос дар ин мурочиат ишора ба гардунаҳои ҷангӣ бошад, чунки онҳо бо теғҳои каҷи досмонанди чархзананда ҷиҳозонида шуда буданд. Агар ин шарҳи ба гуфтаи Ҳеродот додаи мо дуруст бошад, пас фарз кардан мумкин аст, ки дар асри VII-VI то мелод дар артиши модҳо ва форсҳо гардунаҳои ҷангӣ истифода бурда мешуданд.

Дар бораи дини модҳо Ҳеродот, Авесто, катибаҳои мехии ошурӣ ва бобулӣ, номҳои шахсӣ ва осори филизии санъати амалии аз Луристон ва Зивиё ёфтшуда маълумот медиҳанд. Ҳеродот[2] дар байни қабилаҳои модҳо қабилаи муғонро номбар кардааст. Аз Авесто ва дигар сарчашмаҳои хаттии қадим маълум аст, ки мубадон ё худ рӯҳониёни зардуштиро муғ меномиданд. Гарчанде ки Ҳеродот муғҳоро қабила номидааст, аммо дар асл онҳо табақаи рӯҳониён буданд. Аз гуфтаи Ҳеродот бармеояд, ки аввалин паҳнкунандагони дини зардуштӣ дар Эрони Ғарбӣ рӯҳониёни мод буданд ва онҳоро муғ меномиданд. Нуфузи муғҳои Мод дар Порс ва дигар минтақаҳои ориёнишини Эрони ғарбӣ хеле калон буд. Шояд дар ибтидо аксари муғон аз як қавм ё қабила буданд ва барои ҳамин Ҳеродот онҳоро ба унвони қабила ёд кардааст. Калимаи муғ дар Авесто мавҷуд аст. Дар Осиёи Миёна ёдгориҳои тоисломие ҳастанд, ки муғ ном доранд.

[1] *Геродот,* I-125.
[2] *Геродот,* I-101.

Масалан, дар Тоҷикистон дар ноҳияи Айнӣ Қалъаи Муғ ва дар Истаравшан Муғтеппа мавҷуд аст.

Ба қавли Ҳерод,[1] форсҳо ҷасади мурдаро дар ҳавои озод мегузоштанд, то ки парандагон ё сагон гӯшти онро хӯранд ва танҳо баъди он устухонашро дар устадон ҷой дода, дар наусҳо (сағонаҳо) мегузоштанд. Ӯ нақлашро идома дода, менависад, ки муғон ин расмро дақиқ риоя мекарданд. Аз Авесто ва адабиёти динии он замон аниқ маълум аст, ки ин тарзи гӯрондани майит хоси зардуштиён буд. Замин барои зардуштиён унсури муқаддас ба шумор мерафт ва ҷасади мурдаро, ки хосияти пӯсиданро дорад, ба замин намегӯрониданд.

Мувофиқи маълумоти Ҳеродот,[2] дар дарбори шоҳи мод шӯрои муғон амал мекард ва масъалаҳои муҳими давлатӣ аз қабили таъйини вориси тахт ва дигар масъалаҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ дар он ҳал карда мешуданд. Аз ин маълумот чунин бармеояд, ки дини зардуштӣ на танҳо дар байни модҳо паҳн шуда буд, балки он дар тамоми қаламрави давлати Модҳо мақоми муҳим дошт.

Дар Авесто дар байни кишварҳои Аҳуромаздо офарида, яъне кишварҳое, ки мардумонашон ориёӣ ва пайрави дини зардуштӣ буданд. Роғ ва Марв низ номбар шудаанд. Ин вилоятҳо қисмати шарқии Модро ташкил мекарданд. Ба ибораи дигар, Мод яке аз минтақаҳое буд, ки дар он дини зардуштӣ пайдо шуда ташаккул ёфта буд. Мавқеи ин дин дар Мод то андозае мустаҳкам буд, ки мутобиқи Авесто (Ясно, 19-50) сардори муғон, яъне рӯҳониёни зардуштӣ ҳокими шаҳри Роғ (Рай) буд.

Дар навиштаҷоти ошурии ба асрҳои XVI-XIII то мелод номи худои олии зардуштӣ Аҳуромаздо ёд мешавад. Баъзе олимон қимати ин навиштаҷот ва баъзеи дигарашон ба Аҳуромаздо нисбат доштани номҳои воқеъ дар катибаҳои ошуриро зери шубҳа гузоштаанд. Масалан, онҳо бе ягон далели мушаххас дар Ошур пайдо шудани номҳои худоҳои ориёиро ғайриимкон шуморидаанд.

Э. Мейер[3] номҳои модии ба асрҳои IX-VII то мелод тааллуқдоштаро омӯхта, дар таркиби онҳо мавҷуд будани номи Худои зардуштӣ Аҳуромаздо ва мафҳумҳои авестоии арта (ростӣ),

---

[1] *Геродот,* I-140.
[2] *Геродот,* I-120.
[3] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 71.

хшатра (ҳокимият, ҳашмат), хварна ё фарна, фарро (нури илоҳӣ, осмонӣ) муайян карда, ба хулосае омад, ки ҳанӯз дар асри IX то мелод модҳо маздопараст ё зардуштӣ буданд. Чунин нуқтаро низ дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ба ҷуз худоҳои ориёӣ дар Мод худоҳои бобулиро низ мепарастиданд. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки чун Модҳо ва ошуриёи барои нуфузи сиёсии худ ҳамеша бо ҳам дар ҷангу ситез буданд, дар натиҷаи истилои якдигар як навъ омезише низ байни Модҳо ва ошуриён ба вуҷуд омад. Дар марказ пойтахти Модҳо маҳалҳои аҳолинишини ошуриёӣ низ вуҷуд доштанд, ки худои бобулӣ – Мардукро мепарастиданд.

Маълумоти дар боло зикршуда нишон медиҳанд, ки модҳо пайрави дини зардуштӣ бошанд ҳам, дар баъзе манотиқи он худоҳои ошуриён мавриди парастиш қарор гирифта буданд.

Барои муайян кардани машғулият ва фарҳанги модҳо сарчашмаи асосӣ бозёфтҳои бостоншиносон мебошанд ва барои давраи аввали пайдоиши ориёиҳо дар Эрони ғарбӣ онҳо ваҷҳи муштарак доранд. Дар ҳудуди Мод бостоншиносон як силсила ёдгориҳоеро кашф кардаанд, ки ба давраи аввали асри оҳан мансубанд. Ба ин силсила гӯристонҳо, аз он ҷумла, Сиалк, Хурвин, Калураз, Марлик ва деҳкадаҳо (қалъаҳо)-и истеҳкомдор Ҳасанлу, Годинтеппа, Бобоҷонтеппа, теппаи Нӯшиҷон ва ғайра дохил мешаванд.

Бостоншиносон муқаррар кардаанд барои ҳамаи ин ёдгориҳо зарфҳои сафолини дорои нақшҳои сиёҳи салибмонанд ва секунҷа ва зарфҳои сурхранг хос мебошанд.[1] Ин нишонаи фарҳанги наве буд, ки пеш дар ин минтақа вуҷуд надошта ва аксарияти олимон бар он ақидаанд, ки онҳо ба тамаддуни модҳо ва порсҳо мутааллиқанд.[2]

Дар катибаҳои ошурӣ тасвири чандин қалъаҳои модҳо ёд шудааст. Бозёфтҳои бостоншиносӣ низ шаҳру деҳнишин будани модҳоро тасдиқу таъйид мекунанд. Яке аз онҳо шаҳр-қалъаи Ҳасанлу мебошад. Он дар ҷанубӣ Озорбойҷон дар теппаи баландиаш 35 метр ҷойгир аст. Шаҳр бо девори гирд иҳота шуда, 12 бурҷ дошт. Қалъаи шаҳр дуошёна буда, дар марказаш толори сутундор ҷойгир буд. Дар толор аз ду тараф қад-қади девор суфаҳо мавҷуд будаанд. Дар маркази толор аз хишти хом

[1] Ҳамон ҷо. – С. 44.
[2] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 47.

оташгоҳи сутуншакл сохта шуда буд. Аз қафои толор анборҳо ҷойгир буданд.

Қалъа толори дигаре низ дошт, ки аз толори якум калонтар буда, ҳаҷмаш 25х19 метрро ташкил мекард. Дар маркази толор миҷмари биринҷии сепоя ҷойгир буд. Бино дуошёна буд ва дар ошёнаи дуюм хазина нигоҳ дошта мешуд. Дар ин бино сафолҳои зиёд ва ашёҳои дигар, аз ҷумла кӯзаи тиллоие ёфт шуд, ки тасвирҳои асотирӣ дорад. Берун аз девори шаҳр хонаҳои хурди истиқоматӣ ҷойгир буданд. Биноҳои тасвиршуда ба асрҳои XIII-XII то мелод тааллуқ доранд.

Ёдгории дигари модҳо, ки ба асрҳои XIII-X то мелод тааллуқ дорад, Годинтеппа мебошад. Дар он толори сутундори шоҳ хеле ҷолиб мебошад. Он шакли роскунҷаро дошта, дар қади деворҳо суфаҳо ҷойгиранд. Дар яке аз деворҳо суфаи каён ҷойгир буд, ки паҳнтар буда, ҷудо шуда меистод ва дар тахти шоҳ ҷойгир буд. Дар маркази толор оташгоҳ меистод. Дар толор маҷлису базмҳои шоҳона ва маросимҳои дигар, аз ҷумла динию оинӣ гузаронда мешуданд. Дар ҳини ин маросимҳо шоҳ дар болои тахт менишаст. Ҷолиби диққат аст, ки ҳамин гуна толорҳои шоҳӣ ба ориёиҳои Осиёи Миёна низ хос буда, аз давраҳои қадим то ибтидои асрҳои миёна боқӣ мондааст. Масалан бостоншиносони тоҷик дар Панҷакенти қадим димнаи Гардони Ҳисор ва қалъаи Кум 9ноҳияи Айнӣ, қалъаи Ҳисорак (ноҳияи Мастчоҳ) ва бисёр ёдгориҳои ибтидои асримиёнагӣ ҳамингуна толорҳои шоҳиро бо суфаи каён ва оташгоҳ пайдо кардаанд. Аз шаҳр-қалъаҳои ба асрҳои VIII - VI то мелод мансуббудаи модҳо Теппаи Нушиҷон хеле ҷолиб мебошад. Он дар шахи баландиаш 30 метр ҷойгир аст. Дар қалъа ду маъбад ва як толори сутундор мавҷуданд. Биноҳои шаҳр дуошёна буда, дар баландии 7 метр боқӣ мондаанд. Дар ин ҷо шумораи зиёди зарфҳои нақшҳои сиёҳдошта ва зарфҳои сурх, ороишот, ашёи нуқрагин ва ашёҳои дигар ёфт шуданд.[1]

Биноҳои тасвиршуда аз хишти хом сохта шуда, таҳкурсии сангин доштанд. Боми онҳо ҳамвор буда, толорҳои калони сутунҳои чӯби ва тагсутунҳои сангӣ доштанд. Деворҳои мудофиавии шаҳр-қалъаҳо мудаввар буданд. Ин шаҳр-қалъаҳо аз санъати баланди меъмории модҳо шаҳодат медиҳанд.

Калонтарин шаҳри модҳо пойтахти он Ҳангматана буд. Қабатҳои ба он замон нисбатдоштаи шаҳр кофтуков нашудаанд,

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 88.

чунки дар зери биноҳои шаҳри имрӯза ҷойгиранд. Ҳеродот[1] қалъаи ин шаҳрро хеле ҷолиб тавсиф кардааст. Шаҳр ҳафт девори мудаввари дарун ба дарун дошт. Ҳар як девори дарунӣ аз берунӣ баландтар буд. Шаҳр манораи бузурги бисёртабақаро мемонд. Дар даруни девори охирин, яъне дар маркази шаҳр қалъаи подшоҳ ва хазина воқеъ шуда буданд. Ҳар як девор ранги ба худ хос дошт. Девори қалъаи подшоҳ зарандуд, девори дуюм нуқраандуд, сеюм сурхи бунафш, чорум кабуди паст, панҷум зарди сурхча, шашум сиёҳ ва ҳафтум сафед буданд.

Дар бораи санъати тасвирии Мод хазинаи ашёҳои тиллоӣ, нуқрагин ва аз устухони фил сохташуда, ки соли 1947 дар мавзеи Зивиё ёфт шуданд, маълумот медиҳанд. Ашёҳои ин хазина ба асрҳои VIII-VI то мелод тааллуқ доранд. Хазинаи Зивиё 341 ашёро дар бар мегирифт. Дар байни онҳо камарбанд, тирдон, садаф, ғилоф ва дигар ашёҳои тиллоӣ ҷолиб ба назар мерасанд. Дар ин ашёҳо саҳнаҳои асотирии ошурӣ, урартуӣ, шомӣ, финикӣ, скифӣ ва ориёӣ сабт гардидаанд. Дар садафи шоҳӣ, ки доирашакл буда, бо занҷир дар гардан овехта мешуд, дарахти ҳаёти ҷовидонӣ ва дар ду тарафи он ду меш, дар поёнтари онҳо ду барзагов, юз ва заргӯши скифӣ тасвир шудаанд. Дар ашёҳои дигар ҷонварҳои афсонавӣ – симурғи болдор, ки сараш уқоб, танааш шер, пойҳояш парранда мебошанд; шери болдор бо думи каждум, говпатшоҳ, мешҳои болдор, деву фариштаҳо ва ғайра тасвир, шуданд. Дар ин осори санъат сабку асотири бисёр халқҳои онвақтаи Шарқи Наздик ва модҳову форсҳо ва скифҳо бо ҳам омезиш ёфтаанд. Ин ашёҳо марҳилаи ташаккулёбии санъати тасвирии модҳоро инъикос менамоянд. Ин санъат минбаъд дар давраи Ҳахоманишиён шакли ба худ хосро гирифтааст.[2]

Ташкилшавии давлати Мод дар таърихи халқҳои ориёӣ марҳилаи муҳим ва сифатан нав буд. Он яке аз аввалин давлатҳои калону мутамаркази ориёиҳо дар аввали асри оҳан буд. Модҳо бори аввал дар ҳайати як давлат ориёиҳои ғарбию шарқиро муттаҳид намуданд. Онҳо Шарқи Наздикро мағлуб намуда, таҷрибаи бойи сиёсӣ ва фарҳангии онро самаранок ва эҷодкорона истифода бурданд.

---

[1] *Геродот,* I-98.

[2] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 88.

Аз ҷониби дигар модҳо анъанаҳои фарҳангӣ ва сиёсии халқҳои ориёиро, ки собиқаи чандинҳазорсола доштанд, такмилу инкишоф дода, як сохтори сиёсии муназзам барпо карданд ва барои дар паҳнои Эрону Осиёи Миёна минбаъд ташкил шудани давлатҳои мутамарказу мутамаддин заминаи мустаҳкам гузоштанд. Онҳо дар Осиё ба қувваи пешбарандаи сиёсию фарҳангӣ табдил ёфта, ба бисёр халқҳои ҳамсоя таъсири мусбат расонданд ва онҳоро бо дастовардҳои худ шинос карданд. Модҳо дар саргаҳи тамаддун қарор доштанд, вале фурсате пайдо накарданд, ки саҳми бузурги худро дар тамаддуни ҷаҳонӣ бигзоранд. Онҳо роҳро барои густариши фарҳанги Осиёи Миёна ва Эрони бостон дар аҳди Ҳахоманишиён ҳамвор намуданд.

3. ДАВЛАТИ ҲАХОМАНИШИЁН ВА РУШДИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Ҳангоми навиштани китоби «Аз Ориён то Сомониён» дар бораи сулолаҳои бузург, ки давлатҳои пурқудрати аҷдодии моро таъсис дода, дар пешрафти тамаддуни башарӣ саҳм гузошта буданд, фикр карда, аз як тараф ифтихор мекардам. Ифтихор аз ин ки, мо тоҷикон гузаштагони бузург дорем, таъриху анъанаи давлатдории беҳтарин насибамон шуда буд, воқеан ҳам нақши намоён дар таърих доштаем. Аз тарафи дигар, ҳисси таассуф ва суолҳои зиёд азият медоданд. Чаро давлатҳои миллии қадимаи халқи мо ва ё халқҳои эронӣ дучори таназзул ва шикаст шуданд? Чаро ба тасодуфҳо ва буҳронҳои таърихӣ тоб оварда натавонистанд? Ва чаро зиёда аз ҳазор сол тоҷикон давлатдории миллии худро аз даст доданд?

Ба ҳамаи ин суолҳо ман хостам, ки аз таърих ҷавоб ҷӯям. Ва яке аз ҷолибтарин ва сабақи пандомӯзи давлатдорӣ таърихи давлати Ҳахоманишиён мебошад.

Дар таърихи халқҳои ориёӣ давлати Ҳахоманишиён мақоми хосса дорад. Баъди ташкилшавии давлати Мод ориёиҳо дар Шарқи Наздик ва Миёна ба қувваи пешбарандаи сиёсӣ табдил ёфтанд. Порсҳо (Форсҳо) баъди модҳо ин равандро тақвият бахшида, ба зинаҳои сифатан нав иртиқо доданд ва дар минтақаи паҳноваре ҳукмронӣ карданд, ки дар бузургӣ ва фарохии қаламрав собиқа надошт. Онҳо қаламрави ҳокимияти худро

тавсеа дода, империяи ҷаҳониеро ташкил карданд, ки қисми зиёди олами мутамаддини он замонро дар бар мегирифт. Аммо то ба ин қудрату тавоноӣ расидан форсҳо роҳи тӯлонии пуршебу фарози тараққиётро тай карданд.

Форсҳо тақрибан дар нимаи дуюми ҳазорсолаи 2-1 то мелод ё аз ин ҳам барвақттар дар силсилакӯҳи Эрон ва ҷанубу ғарбии он то халиҷи Форс сокин шуданд. Порсҳо вориди равобити нисбатан наздик бо иломиҳо буданд ва таҳти нуфузи давлатӣ Иломиҳо амал мекарданд. Бо мурури замон форсҳо дар ин минтақа аксарияти аҳолиро ташкил карда, дар асри VIII то мелод воҳиди сиёсӣ-давлатӣ ё подшоҳии худро таъсис доданд. Нахустин шоҳи Порс саравлоди дудмони ҳахоманишӣ – Ҳахоманиш (ҳудуди солҳои 700-675 то мелод) буд. Вале ба фикри баъзе олимон, ӯ подшоҳ набуд, чунки Куруши Кабир дар навиштаҷоти аккадии худ дар шаҷараи мураттабкардаи шоҳиаш ӯро номбар накардааст. Дар ин шаҷара падараш Камбуҷиё, бобояш Куруши I ва бобокалонаш Чишпиш номбар шудаанд. Дар давраи Куруши I (тақрибан дар соли 640 то мелод) вилояти Порс тобеи Ошур гардид. Дар байни солҳои 640-625 то мелод Модҳо ин вилоятро ишғол карда, ба ҳайати давлати худ дохил намуданд. Дар натиҷаи ин иқтидори ҳарбӣ-сиёсии давлати Мод дучанд гардид ва минбаъд вилояти Порс қисми муҳими онро ташкил мекард.[1]

Дар таърихи ҳар миллат дер ё зуд шахсиятҳои барҷастае пайдо мешаванд, ки тақдири онро ба куллӣ тағйир дода, неруҳои ниҳонии онро бедор карда, фарҳанги моддиву маънавии онро ба сатҳи тозаву баланди тараққиёт мерасонанд ва фарҳангу тамаддунашро ба арсаи ҷаҳонӣ мебардоранд. Барои Порсҳо (ва шояд ҳам на танҳо барои онҳо, балки барои тамоми халқҳои эронитабор) чунин шахсият Куруши Кабир буд.

Ӯ аз мартабаи шоҳи як вилоят ба дараҷаи шоҳаншоҳи як империяи бузурги ҷаҳонӣ расид. Аммо барои ба ин мартаба расидан ӯ саъю кӯшиш ва ҷидду ҷаҳди зиёде кард ва монеаҳои зиёдеро дар сари роҳи худ бартараф намуд. Куруш аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омаданаш ба мустаҳкам кардани ҳокимияти марказӣ ва пурқувват кардани артиши худ шурӯъ кард. Вақте ки ӯ мустаҳкам будани ҳокимият ва пурқувват шудани лашкари худро эҳсос кард, соли 553 то мелод бар зидди шоҳи Мод

---

[1] *Дандамаев М.А.* Политическая экономическая и культурная история Ирана Ахеменидского периода. М., 1979. – С. 5-11.

Ихтивируа (Астиаг) исён бардошта, бинобар бекифоягӣ ва заъфи қудрати ӯ қиём намуд ва аз итоати ӯ амалан баромад. Астиаг барои танбеҳ додани ин сарвари тобеаш ду маротиба ба Порс лашкар фиристод, аммо ҳар ду дафъа ҳам ба нокомӣ дучор шуд. Баъди ин Куруш ботантана ба пойтахти Мод шаҳри Ҳангматана дохил шуд ва ӯро расман подшоҳи Порс ва Мод эълон карданд. Манбаъҳои таърихӣ дар бораи чӣ тавр сарзамини Модро ишғол кардани Куруш ба ҷуз се муҳорибае, ки байни онҳо сурат гирифтааст, иттилои дигаре надоданд.

Ба ҳар ҳол, якбора подшоҳи ин ду кишвар эълон шудани Куруш ҳам нуфузу эътибори ӯро баланд бардошта ва ҳам мавқеи сиёсии ӯро мустаҳкам намуд. Дар он замон Порс барои давлати Мод аҳамияти хос дошта бошад ҳам, дар минтақа чун як вилояти мутеъ шинохта мешуд. Аммо Мод калонтарин ва пурқувваттарин давлати минтақа буд ва эътибори ҷаҳонӣ дошт. Агар ривояти Ҳеродот воқеӣ бошад, Куруш набераи Астиаг буд. Аз ин рӯ, дар симои ӯ на ғосиби ҳокимият, балки вориси қонунии подшоҳони Модро медиданд. Акнун бояд тамоми кишварҳои тобеи давлати Мод бечунучаро ба Куруш итоат мекарданд. Дар амал ҳамин тавр ҳам шуд.

Ман қаблан дар китоби «Аз Ориён то Сомониён» зикр карда будам, «воқеияти таърихӣ тасдиқ менамояд, ки Куруши Кабир баъди бар зидди шоҳи Мод Астиаг қиём намудан ва ӯро мағлуб сохтан, ба устувор намудани иқтидори давлати Форс кӯшида, тақрибан солҳои 547-546 то мелод пайдарпай аввал Парфия, Гиркания, Лидия ва давлатҳои юнонии Осиёи Хурдро забт мекунад. Сипас барои беҳтар намудани марзҳои шимолу шарқии қаламрави Форс, тақрибан солҳои 545-540 то мелод яъне дар давоми бештар аз панҷ сол ба ҳудудҳои Марғиён, Хоразм, Суғд ва Бохтар, инчунин сарзамини скифҳо (сакоиҳои резишгоҳи рӯди Ому ва канораҳои Сир) лашкар мекашад.[1] Агар ба шарҳи ин масоил таваҷҷуҳ кунем, мушоҳида хоҳем кард, ки нақшаҳои ҳарбии Куруш бо гирифтани сарзамини модҳо хотима наёфтааст. Баъди Мод Куруш давлати Иломиҳоро, ки дар ҷанг бо Ошур заиф шуда буд, ба тасарруфи худ дароварда, пойтахти худро аз Аншон (Эншон) ба Шуш интиқол дод.

[1] *Раҳмонов Э.* Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 2000, (китоби 1). – С. 82.

Тафсилоти ба даст овардани сарзамини Лидияро муҳаққиқон тасвир намуда, аз ҷумла қайд карданд, ки яке аз рақибони ҷиддии Куруш дар ғарб Лидия буд. Дар Лидия юнониёни муҳоҷир ва аҳолии маҳаллӣ – хетиҳо ва лувайҳиҳо аҳлона зиндагӣ мекарданд. Он баъди Мод, Бобул ва Миср чорумин давлати пуриқтидори минтақа буд. Лидия роҳҳои тиҷоратиеро, ки аз Байнаннаҳрайн ва Эрони ғарбӣ ба воситаи Осиёи Хурд ба баҳри Эгей ва Юнону Аврупо мебурданд, зери назорати худ дошт. Тавре, ки дар боби гузашта гуфта шуд, барои ба баҳри Эгей баромадан ва боигарии Осиёи Хурдро ба даст даровардан ҳанӯз шоҳи Мод Фравартиш қисмати шарқии Осиёи Хурдро ишғол карда, панҷ сол бо Лидия ҷангид, аммо онро ишғол карда натавонист.

Дар бораи давлати Ҳахоманишиён бо Лидия Ҳеродот (I. 69-71) муфассал маълумот додааст. Ташаббускори ин ҷанг шоҳи Лидия Крез буд. Баъди Модро ишғол кардани форсҳо ӯ хатарро эҳсос карда, ба ҷанг тайёрӣ дид ва бо Миср иттифоқ баст. Соли 547 то мелод Крез бо лашкараш ба Каппадокия, ки баъди модҳо ба форсҳо итоат мекард, зада даромад ва дар назди шаҳри Синопа лашкаргоҳи худро сохт. Куруш низ бо лашкари худ ба ин ҷо омад. Куруш ҳанӯз дар ҳамин ҷанги нахустини хориҷиаш сиёсатмадори дурандешу нуқтасанҷ ва одил будани худро нишон дод. Ӯ қосид фиристода, ба Крез пешниҳод кард, ки агар бе ҷанг таслим шавад, ӯро шоҳи Лидия таъйин мекунад.Ӯ ба ҳамаи шаҳр-давлатҳои юнонии Осиёи Хурд низ ваъда дод, ки агар таслим шаванд, ӯ озодиҳо ва имтиёзҳои онҳоро нигоҳ медорад. Аммо ҳам Крез, ки ба қувваи худ боварии калон дошт ва ҳам шаҳрҳо пешниҳоди ӯро рад карданд. Танҳо шаҳри Милет дурандешӣ зоҳир карда, ин даъватро қабул кард. Баъди ин дар назди дарёи Галис задухӯрди хунин ба амал омад, аммо ғалаба насиби ҳеҷ кадом аз тарафҳо нашуд. Крез ба пойтахти худ шаҳри Сард баргашт, то ки барои муҳорибаи оянда хубтар тайёрӣ бинад. Ӯ аз иттифоқчиаш Спарта хоҳиш кард, ки дар баҳор, яъне тақрибан баъди панҷ моҳ барои ёрӣ лашкар фиристад. Ба шоҳи Бобул Набонид барои бастани иттифоқи ҳарбӣ муроҷиат кард ва ҷанговарони зархариди юнониро, ки лашкараш буданд, то баҳор ба хонаҳояшон ҷавоб дод.

Дар ин миён Куруш, ғайричашмдошти Крез, фурсати ба амаломадаро ғанимат шуморида, лашкари худро аз нав мураттаб намуд ва масофаи тӯлониро босуръат тай карда, ба шаҳри Сард

расид. Крез маҷбур шуд лашкари худро барои муҳориба ба дашти назди шаҳр барорад. Дар задухӯрди ба амал омада, лидияҳо шикаст хӯрда, ба шаҳр қафо нишастанд. Баъди 14 рӯзи муҳосира лашкари форсҳо шаҳри Сардро ишғол кард. Ин ҳодиса дар байни моҳҳои октябр-декабри соли 547 то мелод рух дод. Иттифоқчиёни Лидия фурсат наёфтанд, ки ба ёрӣ биёянд. Куруш олиҳиммат зоҳир карда, Крези ба асирӣ афтодаро авф кард. Ӯ Табала ном форсро ҳокими Лидия таъйин карда, дар шаҳри Сард дастаи ҷанговарони форсро ҷойгир намуд ва худаш ба Ҳангматана баргашт.

Баъди рафтани ӯ лидиягиҳо шӯриш бардоштанд, аммо лашкари форсҳо бо сардории Мазар омада, шӯришро пахш карда, шаҳрҳои дигари Осиёи Хурдро низ ишғол намуд. Баъди Мазар Гарпаги мод ҳокими Лидия таъйин шуд ва шаҳрҳои боқимондаи юниониёни Осиёи Хурдро тасарруф намуд. Ин ҳамон Гарпаге буд, ки дар ишғол кардани Мод ба Куруш ёрӣ дода буд. Тавре, ки мебинем, Куруш ба шахсони содиқ ва лаёқатманд мансабҳои баланди давлатиро медод ва дар аксар маврид онҳо вазифаҳои ба дӯшашон гузоштаро уҳдабароёна ва бо масъулияти том иҷро мекарданд.

Дар бораи Эрони шарқӣ ва Осиёи Миёнаро ишғол кардани Куруш муаррихони Юнони қадим ва сарчашмаҳои дигар маълумоти хеле ночиз ва пароканда доданд. Тамоми олимоне, ки дар бораи Ҳахоманишиҳо асар навиштаанд ин маълумотро истифода бурданд. Ҳеродот (I.153) навиштааст, ки баъди Лидияро ишғол кардани Куруш дар сари роҳи ӯ «бобулиҳо, бохтариҳо, сакоиҳо ва мисриҳо меистоданд». Ба қавли Ктесий, дар ҷанг бо бохтариҳо Куруш гоҳе муваффақ мешуд ва гоҳе ноком. Бохтариҳо танҳо баъди фаҳмидани он, ки Куруш писари шоҳи Мод Астиаг будааст, аз муқобилият даст кашида, ба ӯ тобеъ шуданд. Аз ин маълумот бармеояд, ки Куруш тавонист бо роҳи гуфтушунид бохтариҳоро ба бас кардани ҷанг моил созад. Ктесий ҳамчунин дар бораи сарзамини сакоиҳои Хаумаваргаро ишғол кардани Куруш хабар додаст. Ба фикри бархе аз олимон ин сакоиҳое буданд, ки дар он тарафи Сирдарё зиндагӣ мекарданд.[1]

---

[1] *Гафуров Б.* Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М., 1972. – С.73.

Плиний (VI,92) навиштааст, ки «Куруш шаҳри Каписаро вайрон кард». Ин шаҳр дар шимоли Кобул ҷойгир буд. Арриан ҳуҷуми Курушро «ба сарзамини ҳиндуҳо» ёдовар шудааст.

Сабаби чунин маълумоти кӯтоҳ додани муаррихони зикршудаи юнонӣ дар бораи ҷангҳои Куруш дар Эрони шарқӣ ва Осиёи Миёна аниқ маълум нест. Шояд онҳо дар бораи ин кишварҳои дурдасти шарқӣ маълумоти кофӣ надоштанд. Дар робита ба ин масъала як маълумоти Ҳеродот (I, 177-178) ҷолиби диққат аст. Ӯ таъкид кардааст, ки танҳо ҷангҳои ба форсҳо душвориҳои зиёд овардаро нақл мекунад. Дар асоси ин маълумот мо метавонем хулоса барорем, ки аксарияти кишварҳои Эрони шарқӣ ва Осиёи Миёна бе ҷанг ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохил шуданд. Эҳтимол баъди он, ки нерумандтарин давлати ин минтақа Бохтар ихтиёран ба итоати Куруш даромад, Суғд, Хоразм ва дигар кишварҳо низ ба он пайравӣ карданд.

Новобаста ба он, ки ҷараён ва ҷузъиёти Эрони шарқӣ ва Осиёи Миёнаро гирифтани Куруш маълум нест, як чиз мусаллам аст – тамоми ин минтақа ҳанӯз дар давраи ӯ ба ҳайати империяи Ҳахоманишиён дохил карда шуда буд. Дар ин бора катибаи порсии Доро (Дориюш) дар кӯҳи Беҳсутун равшану возеҳ шаҳодат медиҳад. Дар он дар байни кишварҳои тобеи форсҳо – Марғинон (Марв), Арея (Ҳирот), Бохтар, Хоразм, Суғд ва баъзеи дигар номбар шудаанд.

Масъалаи дигари баҳснок кадом сол ба Осиёи Миёна ҳуҷум кардани Куруш мебошад. Муаррихони қадим соли дақиқи рух додани ин ҳодисаро нишон надодаанд. Онҳо дар ин бора маълумоти гуногун ва бо ҳам муқобил дода, се вақтро номбар кардаанд: 1) баъди Модро ишғол кардани Куруш, яъне байни солҳои 550-547 то мелод; 2) баъди ишғоли Лидия, яъне байни солҳои 547-539 то мелод; 3) баъди ишғоли Бобул, яъне байни солҳои 539-530 то мелод. Муҳақиқони муосир низ ба се гурӯҳ тақсим шуда, яке аз ин санаҳоро дастгирӣ мекунанд. Масалан, яке аз олимони маъруфи ин соҳа М.А Дандамаев ҷонибдори санаи дуюм буда, ин ҳодисаро байни солҳои 545-539 то мелод медонад. Мутаассифона, ягон далели қотеъе вуҷуд надорад, ки ба мо имконият диҳад ба яке аз санаҳои зикршуда, бартарӣ диҳем.Бо вуҷуди ин, ба назар чунин мерасад, ки ин ҳодиса бояд то ҳуҷуми Куруш ба Бобул (соли 539 то мелод) рух дода бошад.

Ба ақидаи олимони муосир, дар байни муаррихони Юнони қадим маълумоти Ҳеродот аз ҳама боэътимодтар мебошанд. Аз рӯйи маълумоти ӯ, ин ҳодиса баъди Лидияро ишғол кардани Куруш рух додааст. Ба қавли Ҳеродот (I,177-178) вақте, ки Гарпаг шаҳрҳои Осиёи Хурдро забт мекард, Куруш тамоми кишварҳои Осиёро пайи ҳам ишғол намуда, танҳо баъди ин ба Бобул ҳуҷум кард. Шояд як сабаби ихтилофи назари муаррихони Юнони қадим дар ин масъала аз он иборат бошад, ки баъзе кишварҳои Эрони шарқӣ ба мисли Гиркания ва Порт то забти Мод ва бевосита баъди ин ҳодиса ихтиёран ба Куруш тобеъ шуданд. Агар баъзе мамлакатҳои дигари Осиёи Миёна ба онҳо пайравӣ карда бошанд, аҷабе нест. Яъне ин ҳодиса ҳанӯз пеш аз забти Лидия сар шуда, эҳтимол якчанд марҳиларо дар бар мегирифт. Аз гуфтаҳои дар боло овардаи Ҳеродот ва дигар муаррихони қадим як чиз то андозае аён мегардад. Дар ин минтақа ҷангҳои калон рух надода буданд ва аз ҷониби дигар ин муаррихон дар бораи ҳодисаҳои дар ин минтақаи дурдасти шарқӣ ба вуқӯъ пайваста маълумоти дақиқ надоштанд.

Баъди ишғол кардани Эрони шарқӣ ва Осиёи Миёна дар сари роҳи Куруш барои ҳукмрони ҷаҳони мутамаддини давр шудан Бобул меистод. Он тараққикардатарин мамлакати минтақа, маркази тамаддун ва тиҷорат буд. Ишғол кардани ин давлат барои Порсҳо ҳам аҳамияти сиёсӣ-ҳарбӣ ва ҳам иқтисодӣ-фарҳангӣ дошт. Дар арафаи ҳуҷуми Куруш вазъияти дохилии Бобул ба манфиати шоҳи он Набонид набуд. Тоҷирон, ки дар Бобул нуфузи калон доштанд, барои ба дасти Порсҳо афтидани роҳҳои савдои Осиёи Хурд, рӯҳониёни мазҳаби бонуфузи худои Мардук барои таъқиб шуданашон, яҳудиёни асир ва тобеъ барои маҷбурӣ ба ин ҷо муҳоҷир гардиданашон аз Набонид норозӣ буданд. Куруш аз вазъияти дохилии Бобул огоҳ буд ва кӯшиш мекард аз он барои тасарруфи ин кишвар ҳаддалимкон истифода бурда, иқдомҳои муайяни сиёсӣ-дипломатиро ба кор барад. Аммо вазъияти баамаломада маънои онро надошт, ки тақдири Бобул аллакай пеш аз ҳуҷуми Куруш ҳал шуда бошад. Набояд фаромӯш кард, ки дар ҳама гуна муноқиша нақши ҳалкунандаро иқтидори ҳарбии тарафҳои муқобил мебозад. Куруш ин ҳақиқатро хуб медонист. Аз ҳамин сабаб ӯ барои ба Бобул ҳуҷум кардан хуб тайёрӣ дид. Лидия, Эрони шарқӣ ва Осиёи Миёнаро ишғол карда,ақибгоҳи худро мустаҳкам намуд ва неруҳои ин

кишварҳоро барои пурқувват кардани лашкари худ истифода бурд.

Баҳори соли 539 то мелод лашкари Куруш ба хоки марзи Бобул дохил шуд. Шаҳрҳои он бо девору бурҷҳои мудофиавӣ мустаҳкам карда шуда буданд, аммо чандон муқобилияти сахт нишон дода натавонистанд. Муҳорибаи ҳалкунанда мохи августи ҳамон сол дар назди шаҳри Описа дар соҳили Даҷла ба амал омад. Ба лашкари Бобул писари шоҳ Набонид Белшарусур сарварӣ мекард. Сарлашкари форсҳо Гобрия буд. Дар муҳорибаи ба амаломада, форсҳо лашкари бобулиҳоро шикаст дода, пурра ғалаба карданд. 10 октябри ҳамон сол Гобрия бе ҷанг шаҳри Сиппар ва баъди ду рӯз Бобулро ишғол кард. 29 октябр Куруши Кабир ботантана вориди Бобул шуд. Набонид асир афтод, аммо Куруш ӯро ҷазо надода, авф кард. Вале писари ӯ Белшарусур ба қатл расонда шуд. Тавре, ки мебинем Куруш дар ҳолатҳои зарурӣ нисбати душманони оштинопазир қатъият ва устуворӣ зоҳир мекард.

Баъди Бобулро гирифтани Куруш як қатор амалҳои сиёсӣ-дипломатиро иҷро кард, ки барои мустаҳкам кардани ҳокимияти Порсҳо дар Бобул равона шуда буданд. Ӯ маъбади асосии Бобул Эсагиларо барқарор намуда, ба худои Мардук қурбонӣ кард ва ҳуқуқу имтиёзҳои рӯҳониёни ин худоро аз нав ба онҳо баргардонд. Ӯ эъломия иштишор карда, ба ҳамаи халқҳо ҳуқуқ ва озодӣ дод, яҳудиёнро иҷозат дод ба ватани худ ва ё ба ҳар куҷое, ки хоҳанд рафта зиндагӣ кунанд. Подшоҳи Бобул ва сохти маъмурӣ- идоравии онро тағйир надод. Ин ва дигар чорабиниҳои Куруш аз ҷониби сокинони Бобул хуш пазируфта шуда, мавқеи ӯро дар минтақа мустаҳкам намуданд.[1]

Баъди Бобулро гирифтани Куруш Финикия ва Фаластин ихтиёрӣ ба итоати ӯ даромаданд. Акнун дар дасти Куруш Бобул ва тамоми шарқи Баҳри Миёназамин буд. Навбат ба ягона давлати тавонои минтақа – Миср буд, ки форсҳо онро забт накарда буданд. Ҳамаи муҳаққиқон комилан дуруст таъкид кардаанд, ки Куруш, бешубҳа, ният дошт ба Миср ҳамла намояд. Аммо бар хилофи чашмдошти ҳамзамонони Куруш ва олимони муосир ӯ ин корро ба таъхир гузошт.

---

[1]Ниг. *Геродот,* I-178-201; *Дандамаев М.А.* Политическая экономическая и культурная история Ирана Ахеменидского периода. М., 1979. – С. 32-52.

Дар давоми 9 сол баъди забти Бобул ӯ, ки як империяи паҳновар ва тавонои ҷаҳониро офарида буд, ба Миср, ки дар наздикӣ ҷойгир буда рақиби ягонааш буд, ҳуҷум накард. Сабаби чунин амали ӯ маълум нест. Дар ин бора муаррихони Юнони қадим ягон ишорае ҳам накардаанд. Ҳеродот (I. 201) навиштааст, ки баъди забти Бобул Куруш бар зидди масагетҳо ҳамла кард. Дар бораи 9 соле, ки дар байни ин ду ҳодиса буданд, Ҳеродот ягон хел маълумот надодааст. Сабаби дар ин муддат ба Миср ҳуҷум накардани Куруш муаммои таърихиест, ки гумон аст бо мурури замон пурра кушода шавад.

Баъди 9 соли забти Бобул соли 530 Куруш бар зидди масагетҳо ба Осиёи Миёна лашкар кашид. Ба назар чунин мерасад, ки агар масагетҳо ба бехатарии қисмати шимолу шарқии империяи ҷиддӣ таҳдид намекарданд, чунин роҳи дурударозро тай карда, бар зидди онҳо ба ҷанг намерафт. Дар ҳар сурат ӯ ин корро кард ва дар бораи ин ҳуҷум Ҳеродот ва дигар муаррихони Юнони қадим маълумот додаанд.

Ривояти Ҳеродотро дар бораи ин ҷанг бисёр муҳаққиқони муосир дар мақолаву китобҳои худ овардаанд ва гумон мекунам ҳоҷат ба такрори он нест. Таърихшиносони муосир дуруст қайд кардаанд, ки дар нақли Ҳеродот воқеият бо ҷомаи хаёлот ва бадеият оро дода шудааст.

Агар дар асоси ривояти Ҳеродот асли ин воқеаро барқарор кунем, чунин ба назар мерасад, ки масагетҳо дар сарзаминҳои байни баҳрҳои Каспий ба Арал ва дар атрофи он зиндагӣ мекарданд. Пеш аз омадани Куруш онҳо ба қаламрави империяи ӯ ба минтақаҳои муқиминишини Порт, Гиркания ва ноҳияҳои ҳамҷавор ҳуҷум карда, шаҳру деҳаҳои онро талаву тороҷ намуданд. Эҳтимол, ба ҳамин сабаб Куруш маҷбур шуд ба ин минтақа лашкар кашад. Масагетҳо аз ин бохабар шуда, қафо нишастанд ва ба даштҳои паҳновари худ рафтанд. Ин усули дӯстдоштаи ҷангии саҳаронишинон буд. Онҳо ба ин восита душманро дар саҳроҳои беоб сарсону саргардон ва хаста намуда, ногаҳон ба ҳуҷум мегузаштанд.

Вақте ки Куруш ба сарҳади сарзамини масагетҳо расид байни намояндагони тарафайн музокира баргузор шуд. Ба қавли Ҳеродот (I, 205,206), маликаи масагетҳо Томирис ба Куруш мегӯяд, ки ба кишвари мо тамаъ накун ва ба ватани худат баргард. Вақте ки Куруш ба назди малика хостгоронро

мефиристад, Томирис ӯро айбдор мекунад, ки ӯ бо ин роҳ мехоҳад соҳиби мамлакати масагетҳо шавад. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки эҳтимол Куруш аз масагетҳо талаб кард, ки пурра ба ӯ тобеъ шаванд, аммо ҷавоби рад гирифт. Тавре ки мебинем, Куруш ҳамеша пеш аз сар кардани ҷанг кӯшиш мекард бо воситаҳои дипломатӣ, яъне музокира муноқишаро бартараф созад. Баъди натиҷаи дилхоҳ надодани гуфтушунид Куруш бо дарбориёнаш машварат ороста, ба қароре меоянд, ки ба сарзамини масагетҳо дохил шуда, бо онҳо задухӯрд намоянд.

Куруш бо лашкараш аз дарёи Аракс (Амударё) гузашта, масагетҳоро дунболгирӣ кард. Дар муҳорибаи якум бо дастаҳои пешгарди масагетҳо форсҳо ғалаба карданд. Дар ин задухӯрд писари маликаи масагетҳо ҳалок гардид. Дар муҳорибаи асосӣ, ки ба қавли Ҳеродот, хунинтарин муҳорибаи замон буд, форсҳо шикаст хӯрданд ва Куруш ҳалок шуд. Ҳеродот ривоят мекунад, ки Томирис бар қасоси хуни писараш сари Курушро аз танаш ҷудо карда, ба машки хун андохта мегӯяд, ки аз хун сер шавад.

Ин ривоят то чӣ андоза ба ҳақиқат наздик аст, маълум нест. Вале ман ин қиссаро барои он зикр кардам, ки оқибати тавсеаталабиҳо, забткориҳо ба чӣ анҷом меёбад.

Албатта, Куруши Кабир аз забткомону ҷаҳонкушоёну қудратталабоне мисли Чингиз, Тему ва ҳатто Искандари Мақдунӣ ва лашкаркашони Араб тафовути куллӣ ва ҷиддӣ дошт. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба қатли ом роҳ намедод, дар ҳамон давраҳои аввали инкишофи тамаддуни башарӣ риояи ҳуқуқи инсон ва адолату инсофро аз ҷумлаи аслҳои давлатдорӣ медонист. Эъломияи ӯ аз дурандешӣ ва хирадмандии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Ӯ бунёдгузори давлати нахустини муназзам ва мутамаддини инсонӣ буд.

Ҳангоми сафарҳоям ба давлатҳои дунё, ҳамчун сарвари давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз ободию пешрафтҳои кишварҳо, дастовардҳои илму технология ва фарҳангҳои пешрафтаи онҳо ба ваҷд меоям. Вале аз он ки боз ҳам дар баъзе гӯшаю канори дунё хун мерезад, таркишҳо ба амал меоянд, таҳаммулнопазирӣ ва ифротгароӣ боиси зиддиятҳои хунин мегардад, мутаассир мешавам.

Ба ҳар ҳол, аз сабақи мусбате, ки Куруш дошт, бояд ибрат гирифт. Ӯ ориёие буд, ки озодиро беҳтар аз ҳама чиз медонист ва душманони асиргирифтаашро ба ғулом табдил намедод.

Куруш дар вилояти Форс дар шаҳри Посоргод дафн карда шудааст ва мақбараи ӯ то имрӯз пурра ва беосеб боқӣ мондааст. Искандари Мақдунӣ ба сари қабри Куруш дар Посоргод ду маротиба рафта буд ва ин ҳодиса дар сарчашмаҳо зикр гардидааст. Аз рӯйи маълумоти Ктесий (Pers. 29,9), ҷасади Курушро писараш Камбуҷиё ба воситаи ашроф Багапат ба Форс фиристода буд.

Ҷанги Куруш бо масагетҳо ба таври фоҷиавӣ ба анҷом расид. Дар бораи ҳодисаҳои баъди ин муҳориба рухдода ягон хел маълумот нест. Мо намедонем, ки масагетҳо аз ин ғалабаи худ чӣ манфиат ба даст даровардаанд. Камбуҷиё, ки баъди марги падараш ба тахти шоҳаншоҳӣ нишаст, дар ин минтақа ягон хел амалёти ҳарбӣ бар зидди масагетҳо нагузаронидааст. Эҳтимол баъди ин муҳорибаи хунин, ки дар он масагетҳо низ бояд талафоти калон дода бошанд, байни тарафҳо сулҳ ва аҳдномаи ба якдигар ҳуҷум накардан баста шуд.

Дар бораи ҷанги Куруш бо масагетҳо ҳанӯз дар давраи қадим ривоятҳои зиёд ва гуногун пайдо шуда буданд. Имрӯз ҳам дар тамоми мақола ва рисолаҳои ба таърихи давлати, Ҳахоманишӣ бахшидашуда ин ҷанг батафсил таҳлил шудааст. бояд дар назар дошт, ки сабаби шуҳрати ин ҷанг танҳо дар марги фоҷиавии Куруш буд. Подшоҳи ҷаҳонгир, ки то ин муҳориба чандин кишварҳои зӯру тавоноро тасхир карда, ҳеҷ шикасте надида буд, дар муҳориба бо як қабилаи саҳронишин ба ҳалокат расид. Ин гуна фарҷомро ҳеҷ кас мунтазир набуд. Аммо аз лиҳози сиёсӣ – ҳарбӣ ин ҷанг барои давлати пурзӯри Ҳахоманишӣ ягон оқибати фоҷиавӣ ва ҳатто ҷиддӣ надошт. Баъди ин муҳориба масагетҳо ягон бор ҳам ба қаламрави Ҳахоманишиён ҳуҷум накарданд. Манзур аз ин суханон он аст, ки мо набояд ба ин ҷанг аз будаш зиёд баҳо диҳем.

Дар мавриди шахсияти Куруш бояд ёдовар шавем, ки ҳамзамонони ӯ ба фаъолияти сиёсию ҳарбиаш баҳои баланд додаанд. Баҳуда нест, ки рӯҳониёни Бобул ӯро фиристодаи худованд Мардук, яҳудиён фиристодаи худованд Яҳво ва юнониён сиёсатмадори бузург номидаанд. Олимони муосир дар бораи ӯ ҷилд-ҷилд асарҳо офаридаанд. Албатта, мо набояд хизматҳои шахсиятҳои таърихиро аз будаш зиёд карда, бо иғроқ роҳ диҳем. Аммо Куруш бе муболиға ба ҳама гуна бузургдошт сазовор аст.

Барои тасдиқи ин фикр мо аз фаъолияти ӯ метавонем мисолҳои зиёд орем, аммо бо якчанд мисол иктифо меварзем.

Эъломияе, ки ӯ баъди тасхири Бобул интишор кард, падидаи комилан нави сиёсию фарҳангӣ буд. Ӯ ба мисли шоҳони пешинаи ин минтақа мағлубонро ғуломи худ эълон накард. Баръакс Куруш олиҳиматии сиёсӣ, адолат ва инсондӯстии бемисл нишон дода, ба халқҳои мағлуб озодӣ ва кафолатҳои ҳуқуқӣ эъто кард.

Куруш сиёсатшиноси нуқтасанҷ буд. Пеш аз ҳама гуна муҳориба ӯ барои нарехтани хун ба рақибонаш бо кафолати амният, озодӣ ва бо шартҳои барои онҳо имтиёзнок бастани сулҳро пешниҳод мекард. Танҳо дар сурати аз ҷониби муқобил қабул нашудани пешниҳодҳояш даст ба ҷанг мезад. Баъд ғолиб баромадан кӯшиш мекард мағлубонро беҳуда озор надиҳад ва иззати нафси онҳоро паст назанад.

Ӯ одамшиносу инсондӯст буд ва шахсони лаёқатмандеро, ки ба ӯ содиқона хизмат мекарданд, қадр мекард ва ба онҳо мансабҳои калони давлатиро медод. Аҳлаб ӯ подшоҳони мағлубшуда ва ба асирӣ афтодаро мабахшид. Шоҳи Лидия Крез, шоҳи Бобул Набонид ба ин мисол шуда метавонанд. Куруш дар ҳайати империяи худ қариб 70 қавму миллатҳои гуногунро муттаҳид карда, ба ҳамаи онҳо расман озодӣ ва баробарҳуқуқӣ ато намуд. Башарият метавонад имрӯз ҳам аз таҷрибаи инсондустӣ ва адолатпарварии ин шахсияти беназир истифода барад. Таҷрибаи давлатдории Куруши Кабир ибратомӯз аст,мо бояд онро ҳамаҷониба омӯзем зеро сохтори давлатии Ҳахоманишиён яке аз муҳимтарин тарзи ҳукуматҳои империтории аҳди бостон ба шумор меравад.

Сазовори ёдоварист ки ӯ бори нахуст чандин кишварҳо ва халқҳои ориёиро дар ҳайати як давлат муттаҳид намуда барои ташаккулу инкишофи забону фарҳанги ягонаи онҳо мусоидат намуд.

Куруш ба вориси худ писараш Камбуҷиё империяи паҳноварро мерос гузошт. Камбуҷиё сиёсати кишваркушоии падарашро идома дод. Дар бораи панҷ соли авали ҳукмронии ӯ дар сарчашмаҳои хаттӣ ягон хел маълумот нест. Муаррихони Юнони қадим аз вақти ҳуҷуми ӯ ба Миср сар карда дар бораи ӯ маълумот медиҳанд. Куруш баъди Бобулро ишғол кардан бояд ба Миср ҳуҷум мекард. Аммо тавре ки мо дар боло ишора кардем ӯ бо сабабҳои номаълум ин корро ба таъхир андохт. Дар натиҷаи

марги ногаҳонӣ ва фоҷиавии ӯ ин нақша иҷро нашуд. Камбуҷиё низ барои ба Миср ҳамла овардан шитоб накард. Эҳтимол ӯ мехост хубтар тайёрӣ бинад ва дар фурсати муносиб ин корро анҷом диҳад.

Соли 523 то мелод Камбуҷиё лашкари худро дар Фаластин ҷамъ карда ба сӯйи Миср равон гардид. Ба ёрии ӯ киштиҳои ҳарбии финикиҳо ва юнониёни Осиёи Хурд омада буданд. Нахустин муҳориба бо лашкари мисриҳо дар назди шаҳри Пелусия ба вуқӯъ пайваст. Дар ин задухӯрди хунин форсҳо пурра ғалаба карданд. Боқимондаҳои лашкари Миср бетартибона қафо гаштанд. Баъди ин муҳориба форсҳо ба сӯйи пойтахти Миср шаҳри Мемфис ҳаракат карда ягон муқобилияти ҷиддӣ надиданд. Онҳо ба шаҳр расида, онро муҳосира намуданд. Мисриҳо муқобилияти зиёд нишон надода, ба зудӣ таслим шуданд. Фиръавн Псаметихи III ба асирӣ гирифта шуд. Аммо Камбуҷиё сиёсати падарашро давом дода, ӯро афв кард. Августи соли 525 то мелод Камбуҷиёро расман шоҳи Миср эълон карданд.

Барои таваҷҷуҳи аҳолии маҳаллиро ба худ ҷалб кардан ӯ либосҳои мисрӣ пӯшид ва маросими тахтнишиниаш мувофиқи қоидаҳои мисрӣ гузаронида шуд. Барои қонунӣ гардонидани ҳукмрониаш ӯ худро вориси фиръавнҳо эълон кард. Баъди Мемфисро ишғол кардани Камбуҷиё қабилаҳои Ливия ихтиёран ба ӯ тобеъ шуданд. Баъдтар ӯ қисмати шимолии Кушро (Эфиопия) ишғол кард.

Аз сарчашмаҳои хаттӣ бар меояд, ки ӯ бо баъзе амалҳояш рӯҳониёни Мисрро ба худ зид карда буд. Ба ӯ вайрону ғорат кардани якчанд ибодатхонаҳоро нисбат медиҳанд. Аммо ба ақидаи як қисми олимон, ин хабарҳо заминаи воқеӣ надоранд ва онҳоро рӯҳониён барои беобрӯ кардани Камбуҷиё бофта баровардаанд. Дар ҳар сурат гумон кардан душвор аст, ки рӯҳониён ӯро бесабаб туҳмат карда бошанд. Шояд харобкунии ибодатхонаҳо, ки ба ӯ нисбат медиҳанд, пурра набошад ҳам қисман ҷой доштааст.

Камбуҷиё чор сол дар Миср монд. Дар ин миён дар пойтахти империя вазъият ноором шуда буд. Аз набудани подшоҳ истифода бурда, мубад Гаумата, ки Камбуҷиё идораи корҳои давлатиро ба ӯ супорида буд ва ба бародари Камбуҷиё Бардия хеле монанд буд худро шоҳаншоҳ эълон кард. Ҳол он ки мувофиқи маълумоти Ҳеродот Камбуҷиё бародараш Бардияро пеш аз ҳуҷумаш ба Миср

пинҳонӣ кушта буд. Ман дар ин бора дар китобам «Аз Ориён то Сомониён» нисбатан батафсил иттилоъ дода будам. Дар ин ҷо фақат чунин нуктаро қайд карданиам, ки хабари табаддулоти Бардияи дурӯғин моҳи марти соли 522 то мелод ба Миср расид. Баъди шунидани ин хабар Камбуҷиё лашкарро ҷамъ карда, ба сӯйи Эрон равон гардид, аммо дар роҳ ногаҳон бемор шуда вафот кард. Марги ӯ асроромез буд ва ривоятҳои зиёдро ба миён оварда. Аз рӯйи яке аз онҳо, ӯро ҷосусони мубад Гаумата заҳр дода куштанд. Марги Камбуҷиё муборизаҳои дохилисулолавӣ ва дарбориро тезутунд кард.[1]

Баъди Куруши Кабир дуюмин шоҳи машҳури давлати Ҳахоманишиён Доро ё худ Дориюши I буд. Ӯ дар давраи хеле мураккаб ва вазъи буғранҷ ба сари ҳокимият омад. Дар бораи ҳодисаҳои ин давра муаррихони қадим маълумоти гуногун ва дар бисёр маврид ба якдигар мухолиф додаанд. Асрори баъзе ҳодисаҳои ин давра ҳанӯз ҳам дар қаъри асрҳо ниҳон монда ва ба хотири фаромӯшӣ супорида шудаанд.

Тавре ки дар боло гуфтем баҳори соли 522 то мелод мубад Гаумата Бардияро бародари хунии Камбуҷиё вонамуд карда, табаддулоти давлатӣ гузаронд ва ба тахти подшоҳӣ нишонд. Ҳокимияти Бардияи дурӯғинро аксарияти хшатрапанаҳо (вилоятҳо) эътироф карданд. Гаумата фармон бароварда, аҳолиро се сол аз андоз озод кард. Ӯ барои баланд бардоштани некуаҳволии мардум боз якчанд ислоҳот гузаронд. Ба назар чунин мерасад, ки табаддулоти Гаумата на танҳо хусусияти дохилисулолавӣ, балки ҷанбаи ичтимоӣ низ дошт. Шояд Камбуҷиё барои ҳамла ба Миср аз аҳолӣ андозҳои иловагӣ ҷамъ карда буд ё мансабдорон аз набудани ӯ истифода бурда аз аҳолӣ аз будаш зиёд андоз ғундошта, аҳволи мардумро ба танг оварда буданд ва тадбирҳои Гаумата барои ислоҳи ин иқдом нигаронида шуда баданд.

Дорои I, ки писари Виштасп буд, дар ҳамин вақт ба арсаи сиёсӣ баромад. Ӯ аз хонадони Куруш набуд, балки намояндаи шохаи хурди дудмони Ҳахоманишиён буд. Дорои I дар атрофи худ шаш оилаи дигари бонуфузи форсро ҷамъ карда, бар зидди Гаумата баромад ва 29 сентябри соли 522 то мелод ӯро аз тахт

---

[1] Дар бораи ҳамлаи Камбуҷиё ба Миср ниг: *Дандамаев М.А.* Политическая экономическая и культурная история Ирана Ахеменидского периода. М., 1979 – С.55-63; *Гафуров Б.* Таджики. – С. 71; История древнего Востока. – С. 589-590.

сарнагун карда, қатл намуд ва ҳокимиятро ба даст гирифт.[1] Дар катибаи машҳури ин шоҳаншоҳ дар кӯҳи Беҳсутун таърихи муборизаҳои ӯ бар зидди Бардияи дурӯғин ва дигар ошӯбгарон мушаххас зикр шудааст. Ин маълумоти расмии давлатӣ буд.Вале дар бораи ҳодисаҳои он давра чи дар байни муаррихони қадим ва чи дар байни олимони муосир фарзияҳои гуногун вуҷуд доранд. Мазмуни асосии ин фарзияҳо дар он аст, ки маълумоти расмии дар катибаи Доро ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ сабтшуда дуруст нестанд ва асли воқеаро инъикос намекунанд. Ихтилофи назар асосан дар масъалаи Бардияи дурӯғии аст. Мувофиқи маълумоти расмӣ, Камбуҷиё пеш аз ба Миср ҳуҷум карданаш фармон дода буд, ки бародараш Бардияро ба қатл расонанд, то ки ӯ мабодо дар набудани шоҳ табаддулот гузаронда, тахтро соҳиб шавад.

Гӯё ин кор махфӣ иҷро карда шуд ва мардум аз он огоҳ набуданд. Мубад Гаумата, ки ба Бардия хеле монанд буд ва аз ин сир огоҳ буд, аз набудани Камбуҷиё истифода бурда, худро подшоҳ эълон кард. Аммо на ҳамаи муаррихони қадим ва олимони муосир ин маълумоти расмиро қабул доранд. Ба назари баъзеи онҳо, ин ҳикоят бофтаю сохта ва дурӯғ буда, бо мақсади муайян, аниқтараш барои ҳақ баровардани амалҳои Дорои I нигаронида шуда буд. Дар асл ҳеҷ гуна мубад Гаумата худро Бардия эълон накардааст. Шахсе, ки табадулот гузаронд, Бардияи ҳақиқӣ буд. Дорои I ва тарафдорони ӯ бар зидди Бардияи ҳақиқӣ мубориза бурда, ӯро сарнагун ва қатл намуданд. Марги ногаҳонии Камбуҷиё низ тасодуф набуд, ӯро ҷосусони Дорои I заҳр дода куштанд. Чунинанд андешаҳои як қисми муаррихони қадиму олимони муосир дар бораи Бардияи дурӯғин. Дар ҳақиқат ду нуктаи ин ҳодиса шубҳаовар ба назар мерасанд:1) хабар надоштани халқ аз кушта шудани Бардия; 2) бисёр монанд будани мубад Гаумата бо Бардия. Шубҳаҳое, ки доир ба ин масъала дар қадим вуҷуд доштанд. Имрӯз ҳам бартараф нашудаанд ва гумон аст, ки ин сир ягон вақт кушода шавад. Дар ҳар сурат воқеият он буд, ки Доро Бардияро сарнагун карда, ба тахти шоҳӣ нишаст. Агар дар бораи чӣ тавр соҳиби тахт шудани ӯ шубҳае вуҷуд дошта бошад, дар бораи фаъолияти самаранокаш ва саҳми калонаш дар таҳкими давлати Ҳахоманишиён шубҳае нест. Вақте ки ӯ ба сари

[1] Дар бораи ҳукмронии Дорои I ниг: *Дандамаев М.А.* Политическая экономическая и культурная история Ирана Ахеменидского периода. М., 1979. – С.85-124; *Геродот,* III, 67; История Ирана. – С. 50-64.

ҳокимият омад дар мамлакат ҳарачу марач ва шӯру ошӯб ҳукмфармо буд. Ӯ фаъолона ба ҷорӣ кардани тартибу низом шурӯъ намуд.

Аз вазъияти ноором ва кашмакашиҳои дарбор истифода бурда, як қатор кишварҳо бар зидди ҳокимияти марказӣ шӯриш бардоштанд ва Илом, Порс, Миср, Порт, Марғинон ва сакоиҳо аз итоати он баромаданд.

Доро лашкар гирд оварда, бар зидди хшатрапанаҳои саркаш ҷангид ва онҳоро шикаст дода, ба итоати худ даровард. Дар катибаи машҳури худ дар кӯҳи Беҳсутун ӯ чунин навиштааст: «… ман бо мадади Аҳуромаздо дар давоми як сол баъди ба тахт нишастанам чунин корҳоро иҷро кардам. Ман нуздаҳ бор муҳориба карда, ошӯбгаронро шикаст додам ва нуҳ шоҳро ба асирӣ гирифтам… Подшоҳони пеш аз ман буда кореро, ки манн бо ёриии Аҳуромаздо дар давоми як сол кардам, дар тамоми умрашон иҷро накардаанд».

Дар кашмакашҳои ин давра Бохтар Дороро на танҳо дастгирӣ кард, балки дар пахш кардани ошӯбҳо ба ӯ ёрии бевосита расонд. Бо фармони Доро хшатрапани Бохтар Дададиш бо лашкари худ ба Марғинон рафта, ошӯбгаронро шикаст дод.[1]

Дар катибаи Беҳсутун дар байни ошӯбгарон сакоиҳои тиграхауда (тоскулоҳдор) низ номбар карда шуданд. Соли 519 то мелод Доро бар зидди онҳо лашкар кашид. Ӯ аз дарё гузашта, ба сакоиҳо ҳамла кард ва онҳоро шикаст дода, шоҳашон Скунхаро ба асирӣ гирифт. Ин сакоиҳо дар Осиёи Миёна зиндагӣ мекарданд. Дар навиштаҷоти Доро аз Ҳамадон «Скифҳои он тарафи Суғд» зикр шудаанд.[2] Бо эҳтимоли зиёд Доро бо ҳамин скифҳое (сакоиҳое) ҷангида буд, ки дар он тарафи Сирдарё (Яксарт) зиндагӣ мекарданд. Тавре ки маълум аст, сакоиҳо халқи ориёӣ буданд ва табиист, ки забонашон низ ориёӣ буд. Дар зимн ҷолиб аст, ки калимаи «тиграхауда» дар забони тоҷикӣ (форсӣ) дар шакли «тир» (ба маънои аслиҳа ва тез, нӯгтез) ва худ (тоскулоҳ) боқӣ мондааст.

Ҳамчунин ҷолиби диққат аст, ки дар болои катибаи Беҳсутун Дорои ғолиб, Гауматаи сарнагуншуда ва дигар шоҳони ошӯбгари ба асирӣ гирифташуда, аз ҷумла Скунха тасвир шудаанд.

---

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С.72.

[2] *Дандамаев М.А.* Политическая экономическая и культурная история Ирана Ахеменидского периода. М., 1979. – С. 102; *Гафуров Б.* Таджики. – С. 72.

Соли 518 то мелод Доро ба Миср омада, ошӯбро хомӯш кард. Ӯ ибодатгоҳи худованд Птахаро таъмир карда, дар шаҳри Фив ибодатгоҳи калони изади Амонро сохт. Ба дину оин ва расму русуми мисриён эҳтиром гузошт. Доро,тавре ки аз катибаи ӯ бармеояд, пайрави дини ориёӣ, яъне маздопарастӣ (зардуштӣ) буд. Аммо ӯ хуб мефаҳмид, ки дин фишанги муассири сиёсӣ низ буда, ба воситаи он ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонида, онро ба мақрои лозима равон кардан мумкин аст. Ӯ ин фишангро дар мавриди мисриён хеле моҳирона истифода бурд. Аз ин ҷост, ки мисриён ӯро хеле эҳтиром мекарданд ва рӯҳониён ба ӯ мартабаи пайғамбарӣ дода буданд.

Барои барқарор кардани роҳи бевоситаи алоқа байни Эрон ва Миср ӯ фармон дод то аз Нил ба баҳри Сурх ҷӯй кананд, ки дарозии он 84 км буд.

Баъди пахш кардани ошӯбҳо ӯ ба васеъ кардани империя шурӯъ карда, соли 517 то мелод қисмати шимолу ғарби Ҳинд ва ҷазираи Самос, соли 516 то мелод сакоиҳои соҳили баҳри Сиёҳ шаҳрҳои юнониёни шимоли баҳри Эгейро забт кард. Дар байни соли 516-12 то мелод ӯ аз Дунай гузашта, ба даштҳои ҷанубии Россия баромад ва скифҳоро таъқибкунон ба даруни даштҳои беканор рафт. Аммо скифҳои тезгард ва серҳаракат хеле дур рафта буданд. Форсҳо, ки лашкарашон дар биёбони беоб хаста шуда буд, ба қафо баргаштанд. Доро ба Эрон бозгашт ва ба сарлашкари худ Мегабиз фармон дод, ки тасхири ин минтақаро давом диҳад. Мегабиз шаҳрҳои юнонии шимоли баҳри Эгейро ишғол кард. Баъди ин Фракия ва Македония ихтиёран ба форсҳо таслим шуданд.

Ҳамин тавр, Доро як порчаи қитъаи Аврупоро ба давлати Ҳахоманишиён ҳамроҳ кард. Куруш, Камбуҷиё ва Доро халқҳои се қитъа – Осиё, Африқо ва Аврупоро дар ҳайати як давлати бузурги ориёиҳо муттаҳид сохтанд. Дар натиҷаи ин се тамаддуни хос ва пешрафтаи ҷаҳони онрӯза имконият пайдо карданд, ки якдигарро шиносанд ва аз дастовардҳои фарҳангии якдигар эҷодкорона истифода баранд.

Тарзи давлатдорӣ ва усули муттаҳид кардани давлатҳои гуногун дар дохили империяи бузурги Ҳахоманишинӣ дар таърихи сиёсии ҷаҳонӣ диққати донишмандон ва сиёсатмадоронро ба худ ҷалб кардааст. Файласуфи бузурги олмонӣ Гегел, мардуми Эронро нахустин миллати таърихӣ

шуморида, подшоҳии Ҳахоманишиёнро нуқтаи шурӯъи таърихи ҷаҳонӣ донистааст.[1]

Бисёр шаҳр ва вилоятҳои юнониёни Осиёи Хурд (Лидия, Иония ва ғайра) ва соҳили баҳри Эгейро Куруши Кабир забт карда, ба давлати худ ҳамроҳ карда буд. Эрониён ба корҳои дохилии онҳо дахолат накарда, мухторият ва озодиҳои онҳоро нигоҳ доштанд. Дар маҷмӯъ, ин юнониён аз ҳукмронии эрониён розӣ буданд ва шаҳру вилоятҳои онҳо бомуваффақият инкишоф меёфтанд. Аммо барои ҳукмрони мутлақи минтақаи баҳри Миёназамин шудан Доро ният дошт, ки ба Афина ҳамла намояд. Оқибат баъди тайёриҳои ҳамаҷониба ӯ ба ин кор шурӯъ кард. Дар бораи ин ва дигар лашкаркашиҳои эрониён ба Юнон Ҳеродот маълумоти муфассал додааст.

Юнон яке аз давлатҳои пешқадами замон буд. Аз ин рӯ, забт кардани он барои давлати Ҳахоманишӣ аҳамияти калони сиёсӣ дошт. Бинобар ин бо истинод ба Ҳеродот (VI, 100-117) ва дигар сарчашмаҳо дар ин бора маълумоти зерро манзури хонандаи гиромӣ намуданиам.

Мувофиқи маълумоти Херодот эрониён соли 490 то мелод дар 600 киштӣ ҷанговарони худро савор карда, аз канори ҷазираҳои Самос ва Икария, ки дар итоаташон буданд, гузашта, ба тарафи Афина равон шуданд. Онҳо ҷазираҳои дар сари роҳашон ҷойгир бударо пайиҳам забт карда, ба ҷазираи Эвбей расиданд ва аввал шаҳри Кариста, сипас маркази он шаҳри Эретрияро ишғол карданд. Аз ин ҷо онҳо ба вилояти Аттикаи Юнон, ки марказаш шаҳри Афина буд, омада дар наздикии шаҳри Марафон ба хушкӣ фаромаданд. Ин мавзеъ васеъ ва барои амалиёти саворагон мувофиқ буд. Афинагиҳо, ки ба ёрдамашон илатейҳо омада буданд, бо сарварии Милтиад дар муқобили лашкари эрониён саф кашида, ба ҷанг омада шуданд. Дар мобайни сафи лашкари эрониён ҷанговарони форс ва сакоӣ ҷойгир буданд. Эрониён ба ҳуҷум гузашта, дар мобайни саф юнониҳоро танг карда, ба қафонишинӣ маҷбур карданд. Аммо дар қаноати чапу рости саф юнониҳо сахт муқобилият нишон доданд ва эрониён ақиб гаштанд. Аз ин ҳолат истифода бурда, юнониён тамоми неруи худро бар зидди маркази саф равон карда, форсҳо ва сакоиҳоро ба ақибнишинӣ маҷбур сохтанд. Эрониён то соҳил ақибнишинӣ карда, ба киштиҳои худ баргаштанд ва хостанд, ки ба Афина

[1] *Ҳазратқулов М.* Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006. – С. 128.

рафта, ба шаҳр ҳуҷум кунанд. Аммо юнониён бо киштиҳои худ пеш аз форсҳо ба Афина расиданд ва эрониён дигар ҷуръат накарданд, ки ба Афина ҳамла кунанд ва бо роҳи омадаашон ба Эрон баргаштанд.

Баъди шунидани хабари задухӯрди Марафон ва шикаст хӯрдани форсҳо Дорои I ба ғазаб омада, фармон дод, ки хшатрапанҳо ва ҳокимони вилояту шаҳрҳо барои лашкар кашидан ба Юнон ҷанговар, киштӣ ва озуқа фиристанд. Аммо дар ҳамин солҳо дар Миср ва баъзе вилоятҳои дигар шӯришҳо ба амал омаданд ва Доро бо пахш кардани онҳо машғул шуда, имконият наёфт, ки ба Юнон лашкар кашад. Ин корро писари ӯ Хишоёршоҳ (Ксеркс) амалӣ гардонид.[1]

Хишоёршоҳ баъди пахш кардани шӯриш дар Миср чор сол барои лашкар кашидан ба Юнон тайёрӣ дид. Ӯ ба ҳамаи хшатрапанҳо, ҳокимони шаҳру вилоятҳо фармон дод, ки барои ин лашкаркашӣ ҷанговар, киштӣ, озуқаворӣ ва дигар лавозимот тайёр кунанд. Аз маълумоти Ҳеродот бар меояд, ки дар шӯрои машваратӣ, ки аз наздикони шоҳ сарлашкарон ва хштрапанҳо иборат буд, як гурӯҳ бо сарварии Мардоний тарафдори лашкар кашидан ба Юнон ва гурӯҳи дигар бо сардории Артабон, амаки Хишоёршоҳ зидди ин кор буданд.

Дар аввал шоҳ гапи Артабонро пазируфта, тасмим гирифт, ки аз ин кор даст кашад. Аммо ба Мардоний муяссар шуд, ки шоҳро барои лашкар кашидан ба Юнон розӣ кунад.[2] Хишоёршоҳ лашкари азиме ҷамъ кард, ки ба қавли Ҳеродот, пеш ягон шоҳ чунин лашкари сершумор гирд наоварда буд. Теъдоди лашкар аз 1 миллиону 700 ҳазор ҷанговари пиёдагард, 80 ҳазор савора ва 1207 киштии ҷангӣ иборат буд. Шояд Ҳеродот, ки ин рақамҳоро оварда, муболиға карда бошад, аммо дар ҳар сурат лашкар хеле азим буд. Асоси ин лашкарро халқҳои эронинажод – форсҳо, модҳо, бохтариҳо, суғдиҳо, хоразмиҳо ва сакоиҳо ташкил мекарданд. Дар таркиби лашкар дастаҳои халқҳои дигари тобеи Ҳахоманишиён низ буданд. Лашкари эрониён соли 480 то мелод ба воситаи Осиёи Хурд ба тарафи Юнон равон шуд. Лашкар аз Шуш ба воситаи Фригия ба маркази Лидия – шаҳри Сард омад. Аз ин ҷо Хишоёршоҳ ба тамоми шаҳру вилоятҳои Юнон ба ғайр аз Афина қосид фиристода, аз онҳо обу замин, яъне итоат

[1] *Геродот,* VII, 1.
[2] *Геродот,* VII, 4-6.

карданро талаб кард. Аз Сард лашкари форсҳо ба гулӯгоҳи Геллеспонт омада, ба воситаи пулҳое, ки махсус барои ба қитъаи Аврупо гузаштани лашкар сохта шуда буданд, ба он тараф гузашт ва қад-қади соҳили баҳри Эгей аз Фракия ва Македония убур карда, ба тарафи Афина равон шуд. Тавре ки дар боло гуфтем, Фракия ва Македония ҳанӯз дар давраи Дорои I, ба итоати форсҳо даромада буданд. Вилояти юнонии Фессалия, ки дар шимоли вилояти Аттика воқеъ буд, бе ҷанг ба итоати форсҳо даромад. Юнониён аввал хостанд дар гузаргоҳи Фессалия пеши роҳи ҳаракати лашкари эрониёнро гиранд, аммо бо маслиҳати шоҳи Македония ин корро накарда, ба дарунтари Юнон рафтанд ва барои мудофиа гулӯгоҳи танги Фермопилро интихоб карданд.

Вақте ки киштиҳои форсҳо ба соҳили Магнесия расида, лангар партофтанд, тӯфони сахте шуд ва 400 киштӣ ғарқ ва несту нобуд гардид. Ин талафоти хеле калон буд ва неруи баҳрии форсҳоро, бо вуҷуди ҳанӯз ҳам хеле зиёд будани киштиҳояшон, суст гардонд.

Гузаргоҳи Фермопилро 300 ҷанговари яккачини спартавӣ бо сарварии шоҳи спарта Леонид ҳимоя мекарданд. Ин қисмҳои пешрави лашкари хушкигарди иттифоқи шаҳрҳои Юнон буд, ки шумораи умумиашон ба 5200 нафар мерасид. Эрониён ду бор дар гузаргоҳи Фермопил як бор дастаи модҳо ва бори дуюм дастаи форсҳо ба ҳуҷум гузаштанд, аммо бинобар танг будани гузаргоҳ натавонистанд онро ишғол кунанд. Яке аз сокинони маҳаллӣ ба умеди гирифтани инъоми калон ба форсҳо пайраҳаеро нишон дод, ки онҳо шабона ба воситаи он кӯҳро давр зада, аз пушти мудофеони Фермопил баромаданд ва дар задухӯрди кушод онҳоро несту нобуд карданд. Ҳамаи 300 спартагӣ бо сардории Леонид дар ин задухӯрд кушта шуданд. Баъди ин ғалаба роҳ ба Афина барои лашкари пиёдагарди эрониён кушода шуд.

Юнониён барои задухӯрди баҳри димоғаи Артемисро интихоб карда, 271 киштиро дар он ҷо ҷамъ карданд. Аммо аксари сардорони онҳо пешниҳод намуданд, ки дар ин мавзеъ задухӯрд накарда, ба обҳои дарунӣ раванд. Яке аз сардорони Юнониён, ки мехост задухӯрд дар димоғаи Артемис шавад, аз ин қарор форсҳоро огоҳ кард, то ки онҳо пеши роҳи қафонишинии киштиҳои юнониёнро гиранд. Форсҳо 200 киштии худро фиристоданд то ҷазираи Эвбеяро давр зада, аз пушти киштиҳои юнониён бароянд ва пеши роҳи онҳоро гиранд. Дар ин миён як

ҷанговари юнонӣ аз лашкари форсҳо гурехта, ба назди юнониён омад ва онҳоро аз ин кор хабардор кард. Як қисми киштиҳои юнонӣ ба пешвози киштиҳои эрониён, ки ҳеҷ гуна ҳуҷумро интизор набуданд, баромада дар задухӯрд 30 киштии онҳоро ишғол кард. Дар ҳамин вақт тӯфони сахт ба амал омад ва боқимонда 170 киштии форсҳо ғарқ ва несту нобуд шуданд. Ин дуюмин талафоти калони эрониён аз тӯфон буд. Баъди ин дар димоғаи Артемис задухӯрди баҳрӣ ба амал омад. Дар ин задухӯрд юнониҳо моҳиронатар ҷангиданд. Оқибат ҳеҷ кадом аз тарафҳо ғолиб наомада, талафоти зиёд доданд, аммо талафоти форсҳо бештар буд. Баъди ин муҳориба киштиҳои юнониён димоғаи Артемисро тарк карда, ба обҳои дарунии Юнон рафтанд.

Дар ин миён Хишоёршоҳ бо лашкари пиёдагард қисми марказии Юнон Беотия ва Аттикаро ишғол карда, бисёр шаҳрҳои онро хароб кард. Форсҳо Афинаро низ забт карда, қаср ба ибодатхонаи онро хароб намуданд.

Муҳорибаи дуюми баҳрӣ дар назди ҷазираи Саламин рух дод. Эрониён 380 киштии юнониёнро, ки мехостанд ба Истм рафта, дар он ҷо муҳориба кунанд, ба иҳота гирифтанд. Юнониёни ба муҳосира афтода, маҷбур шуданд киштиҳои худро саф кашида ба ҷанг дароянд. Онҳо киштиҳояшонро доирашакл ҷойгир карда, сари онҳоро ба тарафи киштиҳои эрониён ва пушташонро ба тарафи якдигар гардонданд. Бар хилофи юнониён форсҳо киштиҳои худро хеле бемаҳоратона ва бетартибона ҷойгир карданд. Ҳини задухӯрд киштиҳои онҳо ба якдигар бархӯрда ғарқ шуданд.

Дар ин задухӯрди баҳрӣ юнониён қисми зиёди киштиҳои форсҳоро нобуд ва ғарқ карда, ғалаба ба даст оварданд. Хишоёршоҳ ба тарс афтод, ки мабодо киштиҳои юнониён ба гулӯгоҳи Геллеспонт рафта, пулҳоро вайрон кунанд ва роҳи бозгашти эрониёнро ба ватан банданд. Барои ҳамин ӯ бо маслиҳату пешниҳоди Мардоний 300 ҳазор ҷанговари беҳтаринро барои давом додани забти Юнон бо Мардоний гузошта, худаш бо боқимондаи лашкар бо роҳи омадааш ба тарафи гулӯгоҳи Геллеспонт раҳсипор шуд ва баъди 45 рӯз ба он ҷо расид ва аз гулӯгоҳ гузошта ба шаҳри Сард омад.

Лашкари эрониён бо сардории Мардоний аз Афина ба Фессалия баргашта, зимистонро он ҷо гузаронд. Бо фаро расидани баҳори соли 479 то мелод Мардоний ба назди

афиниягиҳо қосид фиристода, сулҳ пешниҳод кард, аммо онҳо қабул накарданд. Мардоний мефаҳмид, ки агар афиниягиҳо ба тарафи форсҳо гузаранд, дигар юнониён қудрати муқобилияти ҷиддӣ нишон додан надошта ё бе ҷанг таслим ё мағлуб мешаванд. Баъди аз афиниягиҳо ҷавоби рад гирифтан Мардоний барои дуюмбора забт кардани Афина равон шуд. Вақте лашкари форсҳо ба Аттика расид ва ба Афина дохил шуд, дар шаҳр касе намонда буд, сокинони шаҳр бо киштиҳо ба ҷазираи Саламин рафта буданд. Форсҳо бинобар пешниҳоди сулҳро қабул накардани афиниягиҳо шаҳрро оташ зада, биноҳояшро хароб карда, ба қафо, ба Фива баргаштанд. Сабаби қафо баргаштани онҳо дар он буд, ки Аттика ҷойи танг буда, барои задухӯрд мувофиқ набуд ва дар сурати шикаст хӯрдани форсҳо афинагиҳо метавонистанд роҳи ақибнишинии лашкарро, ки аз дараи танг мегузашт, банданд. Дар сарҳади байни Беотия ва Аттика ду лашкар ба муқобили якдигар саф кашиданд.

Юнониён дар доманаи кӯҳи Киферон қарор гирифта, барои баргардондани ҳуҷуми форсҳо тайёр шуданд. Лашкари савораи форсҳо ба ҳуҷум гузашта, юнониёнро танг карда, ба қафонишинӣ маҷбур кард. Аммо вақте ки ба ёрии спартавиҳо ҷанговарони пиёдагард аз қувваҳои асосӣ омаданд, онҳо саворагони форсро танг карда, ба ақиб партофтанд. Ҳини ақибнишинӣ аспи сарлашкари эрониён Масистий тур хӯрда, ӯро ба замин партофт. Дар ҳамин лаҳза юнониён ӯро иҳота карданд. Масистий худаш танҳо ба муқобили юнониён мардонавор ҷангида, чандин нафарашонро ба ҳалокат расонд. Аммо қувваҳо аз ҳад зиёд нобаробар буданд, Масистий дар ҳалқаи ҷанговарони юнонӣ танҳо буд ва оқибат ҳалок гардид. Баъди ин муҳориба юнониён ба мавзеи Платея гузашта, мавқеъ гирифтанд. Дар ин ҷо байни лашкари эрониён ва юнониён муҳорибаи сахт ба амал омад, ки дар он юнониён дастболо шуданд. Дар ин ҷанг сарлашкари эрониён Мардоний кушта шуд. Яке аз сарлашкарони форсҳо бо номи Артабаз бо 40 ҳазор ҷанговар сари вақт ба ёрии Мардоний наомада, роҳи гурезро пеш гирифт ва ба воситаи гулӯгоҳи Геллеспонт ба Осиё баргашт.[1]

Ба қавли Ҳеродот, яке аз сабабҳои шикасти эрониён аслиҳаи вазнини ҷангӣ надоштани онҳо буд. Сабаби дигар бартарии ҷангии юнониён дар баҳр буд. Ҳамчунин ду тӯфони баамаломада

[1] *Геродот,* VII, VIII, IX.

қариб нисфи киштиҳои эрониёнро нобуд карда, ба ғалабаи юнониён хеле мусоидат намуданд. Аз ҷониби дигар юнониён шароити маҳалро хуб медонистанд ва барои задухӯрд мавзеъҳои ба худашон мувофиқро интихоб мекарданд. Ҳамчунин ба ёрии онҳо пайваста неруҳои нави ҷангӣ аз шаҳру ноҳияҳои гуногуни Юнон меомаданд. Баръакси ин эрониён, аз ақибгоҳи худ хеле дур ва аз чунин имконият маҳрум буданд. Бинобар сабабҳои номбаршуда ва бисёр сабабҳои дигари аёну ноаён ба эрониён муяссар нагардид, ки ғалабаҳои дар Юнон ба даст даровардаашонро мустаҳкам карда, ин мамлакатро ба муҳлати дароз тасарруф намоянд.

Баъд аз шикаст хӯрдан дар ҷанг бо юнониён Ҳахоманишиҳо Македония, Фракия ва шаҳрҳои соҳили шимоли баҳри Эгейро аз даст донанд. Юнониён сади роҳи васеъшавии империя шуданд, гарчанде ки он ҳоло ҳам пурқувват буд. На Хишоёршоҳ ва на дигар шоҳони баъдина барои васеъ кардани қаламрави империя кӯшиш накарданд. Барои ин шароити мусоид ҳам набуд. Бе ин ҳам нигоҳ доштани империяи хеле паҳновар рӯз то рӯз душвор мегардид. Табаддулотҳои давлатӣ тез-тез рух дода, аз сустшавии ҳокимияти марказӣ шаҳодат медоданд. Масалан, Хишоёршоҳ ва писари ӯро соли 465 то мелод суиқасдчиён куштанд. Аз ин бесарусомониҳо истифода бурда, хшатрапанҳо шӯриш бардоштанд. Дар давраи ҳукмронии Артахишоёршоҳ (солҳои 465-424 то мелод) дар Миср ва Сурия шӯриш сар зад. Афиниягиҳо ва дигар юнониён фаъол шуда, ба шӯришгарон бар зидди форсҳо ёрӣ мерасонданд.[1]

Баъди марги Артахишоёршоҳ ду вориси тахт аз ҷониби суиқасдчиён пайиҳам кушта шуданд ва баъди онҳо Дорои II (соли 423-404 то мелод) ба тахт нишаст. Дар давраи ҳукмронии ӯ дар Лидия, Осиёи Хурд, Мод Миср шӯришҳо ба амал омаданд. Соли 405 то мелод дар Миср шӯриш сар зад Ҳахоманишиён то соли 342 то мелод онро аз даст доданд. Ҳамаи ин ва дигар шӯришҳо ва табаддулотҳо аз сустшавии давлати Ҳахоманишиён гуноҳӣ медоданд. Артахишоёршоҳи II (солҳои 358-337то мелод) тавонист то андозае давлатро мустаҳкам кунад, аммо соли 337 то мелод ӯро табиби шахсиаш Багой заҳр дода кушт. Багой амалан ҳокимиятро ба даст гирифта, дастнигарони худро ба тахт менишонд, то вақте ки яке аз онҳо – Дорои III худи ӯро маҷбуран заҳр хӯронда кушт.

[1] История Ирана. – С. 66 ва баъди он.

Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда, давлати Ҳахоманишиён ҳамоно пурқувват буд ва қариб то охири мавҷудияташ сарҳадҳои пешинаи худро нигоҳ дошт.

Дар давраи ҳукмронии Дорои III ба арсаи сиёсӣ қувваи нав – Мақдуния баромад. Он рӯз ба рӯз қувват гирифта, тамоми Юнонро ба тасарруфи худ даровард ва соли 334 то мелод ба қаламрави давлати Ҳахоманишинҳо ҳуҷум кард. Дар се муҳориба, ки охирин ва ҳалкунандааш 1 октябри соли 331 то мелод дар мавзеи Гавгамел дар Сурия рух дод, эрониён шикаст хӯрданд ва империяи паҳновари онҳо амалан ба дасти Искандари Мақдунӣ гузашт. Дорои III то охири муҳориба дар майдони ҷанг наистода, буздилона онро тарк кард. Овозаи аз майдони ҷанг гурехтани шоҳ барқвор дар байни лашкариён паҳн шуда, боиси бесарусомонӣ ва навмедии сарбозон гардид ва онҳо бетартибона ба қафонишинӣ сар карданд. Ҳол он ки ба ақидаи баъзе муҳаққиқон дар ҳамин лаҳзаҳо дар бисёр қитъаҳои хатти муҳориба эрониён ба пешравӣ муваффақ шуда буданд. Шояд агар Дорои III ҷасорат ва истодагарӣ зоҳир мекард, ин муҳориба ба таври дигар анҷом меёфт. Дар ҳар сурат ӯ бояд то дами охирин ҳамроҳи ҷанговаронаш дар майдони ҳарб истода, онҳоро рӯҳбаланд мекард. Аммо афсӯс, ки ин тавр нашуд ва дар муҳориба эрониён шикаст хӯрданд.

Яке аз сабабҳои асосии ғалабаи мақдуниҳо бартарии яроқу аслиҳа, тактикаи ҷангӣ ва тартибу интизоми артиши онҳо буд. Ҳахоманишиён халқу миллатҳо ва кишварҳои зиёдро муттаҳид сохта, барои инкишоф ва таъсири мутақобилаи фарҳанги онҳо шароити мусоид фароҳам оварданд. Онҳо амнияти роҳҳоро таъмин карда, барои инкишофи савдои минтақаҳои байни Шарқу Ғарб шароити мусоид ба вуҷуд оварданд.

Ҳахоманишиён барои халқҳои ориёӣ хизмати шоён ва таърихӣ карданд. Онҳо муттаҳидсозии қавму миллатҳои ориёиро, ки модҳо сар карда буданд, идома дода, ба марҳилаи нав расониданд. Онҳо ориёиҳои Осиёи Миёна, Эрон ва Шарқи Наздикро дар ҳайати як давлат муттаҳид карда, барои ташаккул ёфтани мардум ва фарҳанги муштараки ориёӣ замина фароҳам оварданд. Маҳз ҳамин буд, ки минбаъд аксарияти кулли ориёиҳои минтақаҳои номбаршуда анъанаҳои ориёиҳои қадимро идома ва такмил доданд. Ва бесабаб нест, ки тоҷикону эрониёни имрӯза меросдорони асосии тамаддуни ориёиҳои бостон мебошанд.

Санадҳои мавҷуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки Бохтар дар ҳаёти сиёсии империяи Ҳахоманишӣ нақши калон мебозид. Дар бисёр маврид дар ин ҷо ворисони тахтро ҳоким таъйин мекарданд ва онҳо номзадҳои воқеӣ барои ишғол кардани тахти шоҳаншоҳӣ буданд. Ба ин қатор писари калонии Дориюши I Ариаман, бародари Артахишоёршоҳ Виштасп, хешованди Дорои III Бесс ва яке аз бародарони Хишоёршоҳ дохил мешуданд.[1] Аммо ба ин шоҳзодагон соҳиби тахт шудан муяссар нагардид. Мавқеи вилоятҳои ғарбии Ҳахоманишиён ҳанӯз мустаҳкам буд.

Ҳахоманишиён империяи бузургро ташкил дода буданд, ки он аз Мисру Ливия, соҳилҳои баҳри Эгей дар ғараб то Ҳинду сарҳади Хитойро дар шарқ дар бар мегирифт. Дар муқоиса ба он давлатҳои собиқи дар ин минтақа вуҷуддошта (Ошур, Бобулистон, Миср) хеле хурд буданд. Барои идора кардани чунин як империяи паҳновар сохтори наву мукаммали маъмурӣ зарур буд. Дар иҷрои ин кор форсҳо аз таҷрибаи ҳамсояҳои тараққикардаи худ эҷодкорона истифода бурда, амалан сохти нави маъмуриеро офариданд, ки ҷавобгӯйи тақозои империяи паҳновар буд.

Дар ҳайати давлати Ҳахоманишиён халқҳои зиёде муттаҳид карда шуда буданд, ки дар сатҳи гуногуни тараққиёт қарор доштанд. Табиист, ки умри идорӣ бояд бо назардошти ин вазъият сохта мешуд. Бо эътирофи умум Ҳахоманишиён аз уҳдаи иҷрои ин кор ба хубӣ баромада тавонистанд. Ба қавли М.А. Дандамаев[2] дар ташкил кардани идораи давлатӣ Ҳахоманишиён нисбат ба мисриҳо, ошуриҳо ва бобулиҳо муваффақиятҳои бузургтар ба даст даровардаанд.

Куруши Кабир дар сохти маъмурии кишварҳои забткардааш ягон тағйироти ҷиддӣ надароварда. Камбуҷиё низ дар ин соҳа дигаргунии амиқ дохил накард. Ин корро Дорои I иҷро намуд. Шӯришҳои дар оғози ҳукмронии ӯ сарзада номукаммал будани сохти идорию маъмуриро нишон доданд.

Сохти сиёсии давлати Ҳахоманишиён чунин буд: ҳокимияти олӣ дар дасти шоҳаншоҳ буд. Танҳо авлоди Ҳахоманишиён ҳуқуқ доштанд ба тахти шоҳӣ нишинанд. Ҳокимияти подшоҳӣ меросӣ буда, аз падар ба писар мегузашт. Дар сурати писар надоштани шоҳ тахтро метавонист намояндаи дигари авлоди Ҳахоманишиён

[1] Таърихи халқи тоҷик. Душанбе, 2003. – С. 82.
[2] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 108.

ишғол намояд. Бо вуҷуди меросӣ будани ҳокимият шоҳаншоҳро амалан ашрофу аъёни бонуфузи дарбор аз байни ворисон қаблан интихоб мекарданд. Баъд аз ин маросими расмии ба тахтнишинии шоҳаншоҳ мувофиқи қоидаҳои мавҷуда иҷро карда мешуд. Маросими ба тахти салтанатӣ нишастан дар ватани Ҳахоманишиён дар Посоргод мегузашт.

Ҳокимияти подшоҳӣ мутлақ ба шумор мерафт. Ҳукми охиринро доир ба ҳамаи масъалаҳои муҳими давлатӣ шоҳаншоҳ мебароварда он тағйирнопазир буд. Аммо дар амал дар дарбори шоҳ шӯрое вуҷуд дошт, ки аз хешу табор, назикони шоҳ ва ашрофу аъёни бонуфуз иборат буд. Шоҳаншоҳ пеш аз он, ки доир ба ин ва ё он масъалаи муҳими давлатӣ қарор барорад, бо ин шӯро машварат ва баъди ин бо назардошти хулосаи ин шӯро ҳукм мебароварда. Дар мисоли машварат доир ба ҳамла кардан ё накардан ба Юнон мушоҳида мешавад, ки ба тасмими шоҳ гурӯҳҳои гуногуни дарбориён таъсир расонда метавонистаанд. Хишоёршоҳ бо маслиҳати тағояш Артабон писари Виштасп аз ҳамла ба Юнон даст кашиданӣ буд, аммо Мардоний ӯро ба ҳамла розӣ кард ва шоҳаншоҳ дар ин хусус қарор бароварда.

Шоҳаншоҳ на танҳо доир ба масъалаҳои муҳими давлатӣ, балки доир ба ҳамаи масъалаҳои дигар низ метавонист ҳукм барорад. Яъне ҳокимияти ӯ дар ин маврид номаҳдуд ва мутлақ буд.

Баъди шоҳ мақоми аз ҳама баландро ҳазорпат дошт. Ӯ сардори ҳокимияти иҷроия буда, аз болои тамоми мансабдорони давлатӣ назорат мекард. Ҳазорпат вазифаи вазирро иҷро мекард. Ӯ ҳамчунин сардори навкарони яккачини шоҳ буд ва дар вақти ҷанг вазифаи сарлашкарро иҷро мекард.

Дар давраи Дорои I девони марказӣ ташкил карда шуд, ки аз се вазоратхона – хазина, артиш ва додгустарӣ иборат буд. Ҳар девон сардори худро дошт. Дар девонҳо дабирон, муҳосибон ва дигар маъмурон кор мекарданд. Хазинадор ба ҷамъоварии хироҷ, ҳисобу китоб ва сарфи он роҳбарӣ мекард.Дар дастгоҳи подшоҳӣ хадамоти амниятию иттилоотӣ низ ба роҳ монда шуда будааст ва нозирони махфӣ амал мекардаанд. Аз фаъолияти онҳо мансабдорони хурду бузурги давлат дар тарсу ҳарос будаанд.[1]

Ҳуҷҷатгузорӣ дар девони давлатӣ ба дараҷаи баланд ба роҳ монда шуда буд. Тамоми даромаду баромад, мукотиба ва дигар

[1] История Ирана. – С. 52-53.

санадҳои муҳим дар дафтарҳои махсус сабт карда мешуданд. Дар тамоми фармонҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳими давлати муҳри шоҳаншоҳ гузошта мешуд. Дар ин бора Ҳеродот ва дигар муаррихони Юнони қадим хабар додаанд. Муҳрҳои мудаввари найшакли шоҳони Ҳахоманишӣ ва дигар мансабдорони олӣ дар Тахти Ҷамшед ва дигар мавзеъҳо ба миқдори зиёд ёфт шудаанд. Масалан, дар Даскилея муҳре ёфт шуда, матни он чунин аст: «Ман подшоҳ Хишоёршоҳ (мебошам)». Дар тахти Ҷамшед муҳри – амакбачаи Дорои I мансабдори калон Багапат ёфт шудааст.

Тамоми ҳуҷҷатҳои давлатӣ ба забони оромӣ тартиб дода мешуданд. Ин забон дар Шарқи Наздик ҳамчун забони тиҷорат ва ҳуҷҷатнигорӣ интишор ёфта буд. Хати он алифбоӣ буда, нисбат ба хати мехӣ бартарии зиёд дошт. Барои идора кардани давлати хеле паҳновар ва сермиллат ҷорӣ кардани забони ягонаи ҳуҷҷатгузорӣ шарти муҳим буд. Дар вилоятҳо дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуҷҷатҳоеро, ки барои оммаи васеи аҳолии таҳҷойӣ таъйин шуда буданд, метавонистанд бо забони маҳаллӣ тартиб диҳанд. Дар дабирхонаи шоҳӣ тарҷумонҳои забонҳои гуногун кор карда, арзу шикоят ва дигар ҳуҷҷатҳои бо забони сокинони маҳаллии сатрапанҳо воридшударо тарҷума мекарданд.

Забони муошрати давлатӣ форсии қадим буд. Ба ин забон шоҳон ва аъёну ашроф гап мезаданд, машваратҳои давлатӣ гузаронда мешуданд. Навиштаҷоти расмӣ дар кӯҳпораҳо бо забонҳои форсии қадим, иломӣ ва аккадӣ бо хати мехӣ навишта мешуданд.

Дар идораи давлат форсҳо мақоми хос дошта, муҳимтарин мансабҳоро ишғол мекарданд. Вале дар муассисаҳои давлатӣ шумораи зиёди мутахассисон ва маъмурони ботаҷрибаи халқҳои дигар низ кор мекарданд ва соҳиби вазифаҳои баланд буданд. Ҳахоманишиҳо дар ин масъала таассуб зоҳир накарда, пеш аз ҳама манфиати давлатро ба назар мегирифтанд. Қаламрави Ҳахоманишиён ба беш аз 20 воҳиди бузурги идорӣ-маъмурӣ тақсим шуда буд, ки сатрапия (хшатрапана) ном доштанд. Дар китоби Ҳеродот феҳристи онҳо оварда шудааст.

Кишварҳои Осиёи Миёна хшатрапанҳои XII (Бохтар), XVI (Суғд, Хоразм ва Порт), XV (Сакоиҳо) ва XI (сакоиҳои соҳили баҳри Хазар)-ро ташкил мекарданд. Хштрапанаҳо воҳидҳои маъмурӣ андозсупорӣ буданд.

Сардори ин воҳидҳои маъмуриро хшатрапан (сатрап) меномиданд. Шакли ориёии ин калима «хшатрапан»[1] буд, ки маънояш «нигоҳбони ҳокимият» мебошад. Тавре ки мебинем, ин истилоҳи сиёсию маъмурӣ аз забони ориёӣ гирифта шудааст. Ин нукта барои муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши умури идораи давлатии Ҳахоманишиён аҳамияти хос дорад. Хшатрапанҳо ҳанӯз дар давлати Модҳо вуҷуд доштанд. Аммо дар натиҷаи ислоҳоти Доро онҳо ба худ шакли наву тоза гирифта, мукаммал гардиданд. Хшатрапанҳоро шоҳаншоҳ ба вазифа таъйин мекард ва ё аз он озод менамуд. Онҳо танҳо ба шоҳаншоҳ итоат мекарданд. Дар назди хшатрапан дабири шоҳӣ фаъолият мекард. Тамоми мукотибаи марказ бо хшатрапанҳо ба воситаи ӯ иҷро карда мешуд.

Хшатрапанаҳо низ девон доштанд ва он дар шакли хурд аз девони олӣ нусхабардорӣ шуда буд. Дар он низ хазинадор, дабирон, муҳосибон, додварон ва дигар маъмурон кор мекарданд. Хшатрапан (сатрап) дастаи ҷанговарони худро дошт. Дар ҳолатҳои зарурӣ, масалан, дифои сарҳад аз ҳамлаи душманони берунӣ дастаҳои масаллаҳ ташкил карда мешуданд.

Барои мустаҳкам кардани иртиботи сатрапҳо Ҳахоманишиҳо чораҳои иқтисодию молиявӣ низ медиданд. Чунончи, онҳо пули воҳидро ба номи «дарик» зарб карданд, ки дар тамоми қаламрави ҳокимияташон гардиш дошт. Ин пулҳо аз тилло ва нуқра зарб шуда, номи он, яъне «дарик» ишора ба зар мебошад.

Робитаҳои иқтисодию сиёсӣ ва маданӣ дар байни беш аз 20 сатрапи Ҳахоманишиён ба воситаи роҳҳои доимӣ барпо буда, аз ҷиҳати сиёсӣ нуфузи ҳокимияти марказиро бояд таъмин менамуданд. Дар фосилаҳои муайян корвонсаройҳо ё меҳмонхонаҳое ба унвони «манзили шоҳӣ» бунёд шуда буданд, ки аз ободӣ ва амнияти роҳҳои байни вилоятҳо гувоҳӣ медиҳанд. «Роҳи шоҳӣ»-и Ҳахоманишиҳо то фосилаи 2500 км. идома доштааст. Ин роҳҳо Сард, Мавсил, Бағдод, Шуш, минтақаҳои Форс, Марв, Бохтар ва Суғдро то сарҳади Чину Ҳинд пайваст мекарданд. Ва шояд аз аввалин роҳҳои эъмор кардаи аҷдодони мо будааст, ки дар вусъати тиҷорати байни давлатҳо нақши муҳим доштааст. Ва ин роҳ бо номи «Роҳи абрешим» баъдан маъруф гардид.

---

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 115.

Аз иқдомоти муҳими Доро ва шоҳони Ҳахоманишӣ сохтани шаҳрҳо низ буд. Харобаҳои имрӯзаи Тахти Ҷамшед дар наздикии Шероз (ки гувоҳи муҳташам будани ёдгории меъмории он сулола аст ва Искандар онро тақрибан пурра хароб карда буд) ва эъмори шаҳри Шуш гувоҳи он аст.

Роҷеъ ба падидаҳои зиёди фарҳангӣ, ки дар даврони Ҳахоманишиён ба вуҷуд омада буданд, ман дар навишатаҳои қаблии худам ба онҳо ишора карда будам ва аз ин зиёда таваққуф намекунам.

Доро барои маҳдуд кардани қудрати хшатрапанаҳо дастаҳои ҷанговарони онҳоро ба итоати сарлашкар гузаронд, ки он бевосита аз марказ таъйин карда мешуд ва ба шоҳаншоҳ итоат мекард. Бо ин роҳ мехост имконияти шӯриш бардоштани хшатрапанҳоро камтар кунад. Аммо тақсимоти ҳокимият ба мулкӣ ва ҳарбӣ на ҳамеша дақиқ риоя карда мешуд.

Доро аз рӯйи қоидаи «ғолиб ҳақ дорад» амал карда, хшатрапанҳоро дар аксар вақт аз ҳисоби форсҳо таъйин мекард. Аммо ҳодисаҳои минбаъда нишон доданд, ки хшатрапанҳои форс ҳам дар кашмакашиҳои дарборӣ иштирок карда, барои касби истиқлолият сари ҳар чанд вақт бар зидди ҳокимияти марказӣ шӯриш мебардоштаанд.

Ҳахоманишиён артиши доимоамалкунанда доштанд. Чун сохтори табақотӣ дар аҳди Ҳахоманишиён амал мекард, табақаи ҷанговарон яке аз панҷ табақаи иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Артиши Ҳахоманишӣ аз 10 ҳазор навкарони яккачини форс ташкил шуда буд. Аз онҳо ҳазор нафар посбонони шоҳ буданд. Сарвари ин артиши яккачин ҳазорпат буд.

Ҳахоманишиён аз давраи ҳукмронии Дорои I сар карда, ҳокимияти ҳарбӣ ва ҳокимияти маъмурро аз ҳам ҷудо карда буданд. Қаламрави империя ба чор минтақаи бузурги ҳарбӣ тақсим шуда буд. Ҳар минтақа сарфармондеҳи худро дошт ва ӯ бевосита ба шоҳаншоҳ итоат мекард. Кишварҳои Осиёи Миёна – Бохтар, Суғд, Хоразм ва сакоиҳо як минтақаи ҳарбиро ташкил мекарданд.

Ҳар хштрапана артиши худро дошт ва фармондеҳи он ба сарфармондеҳи минтақаи ҳарбӣ итоат мекард. Хшатрапан танҳо ба корҳои маъмурӣ ва амлокӣ роҳбарӣ менамуд. Ин сохтор бо мақсади пешгирӣ кардани шӯришҳои эҳтимолии сарлашкарон таъсис шуда буд.

Артиш аз воҳидҳои 10,100,1000 ва 10000 нафар ҷанговар дошта иборат буд. (Ҳеродот,VIII, 81) Асоси онро саворагон ва пиёдагардон ташкил мекарданд. Дар вақти муҳориба амалиётҳои бо навбати саворагон ва камонварони пиёдагард хеле самаранок буданд.

Дар вақти ҷангҳои калон шумораи артиш ба садҳо ҳазор мерасид. Масалан, аз рӯйи гуфтаи Ҳеродот дар вақти ҳамла ба Юнон шумораи лашкари хушкигарди форсҳо 1700000 нафар буд. Бешубҳа ин рақам муболиғаи маҳз аст, вале аз сабаби он ки худи давлати Ҳахоманишӣ ба зӯри қудрат ба сари кор омада буд, ба артиш аҳамияти махсус медод, ҷавонҳо аз синни 20-солагӣ ба хидмати сарбозӣ даъват мешуданд. Эътимоди шоҳ бештар ба гурӯҳи сарбозони форсҳо ва модҳо буд. Осиёи Миёна сипоҳи Ҳахоманишиёнро бо камонварони сакоӣ таъмин менамуд. Аз рӯйи маълумоти Ҳеродот дар ҷанг ба Юнон дастаҳои ҳарбии тамоми халқҳои империя – форсҳо, модҳо ошуриҳо, бохтариҳо, сакоиҳо, портҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо, дадикҳо, арабҳо, хабашҳо ва ғайра иштирок доштанд. Муаллифи номбаршуда, аслиҳаҳои халқҳои гуногунро тавсиф кардааст. Масалан, ӯ навиштааст, ки яроқи порсҳо ва модҳо як буд. Кулоҳи ҷангии бохтариҳо мисли модҳо буд, бохтариҳо камон ва найзаҳои кӯтоҳ доштанд. Сакоиҳо бо камон, ханҷар ва табарзин мусаллаҳ буданд. Сардори бохтариҳо ва сакоиҳо Виштасп писари Дорои I буд. Портҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо ва дадикҳо мисли бохтариҳо мусаллаҳ буданд.

Аз навиштаҳои Ҳеродот бармеояд, ки силоҳи асосии артиши Ҳахоманишиҳо камон ва найза буд. Ҷолиби диққат аст, ки шоҳони ин сулола дар сиккаҳои тиллоӣ бо ҳамин ду яроқ тасвир шудаанд. Аз навиштаҳои бобулӣ маълум мешавад, ки ҷанговарони форс дар сар тоскулоҳ ва дар тан ҷавшан доштанд. Ҳеродот лашкари халқҳоро аз рӯйи шумора ва нуфузашон пайдарҳам номбар карда, дар ҷойи якум форсҳо, дуюм модҳо, сеюм ошуриҳо ва чорум бохтариҳоро гузоштааст. Суғдиҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна дар ҷойи шашум номбар шудаанд. Аз ин бар меояд, ки асоси лашкари Ҳахоманишиҳоро халқҳои ориёӣ ташкил мекарданд.

Лашкар бо тартиби муайян ҳаракат мекард. Аз ҳама пеш мубадони зардуштӣ бо миҷмарони фурӯзон мерафтанд. Баъди онҳо 1000 савора ва 1000 пиёдагарди найзадор. Шоҳ дар мобайн буд ва аз пушти ӯ 1000 найзадор, 1000 савора ва 10000 пиёдагарди

форс ва аз қафои онҳо ҷанговарони халқҳо ҳаракат мекарданд. Пеш-пеши шоҳ гардунаи Аҳурмаздо равон буд.

Дар бораи навъи қӯшунҳо, тарзи таъминоти онҳо бо аслиҳаҳои гуногуни он замон, тарзи ҳаракат ва ҳуҷуми қанотҳои қӯшун, вазифаҳои пиёданизом ва саворанизом дар муҳориба ва вазифаи гурӯҳҳои ҷангӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба артиши Ҳахоманишиён ва лашкари Искандари Мақдунӣ Б.Ғ. Ғафуров ва Д.И. Тсибукидис таҳти унвони «Искандари Мақдунӣ ва Шарқ» асаре иншо намуданд, ки муроҷиат ба онро барои ҳамаи ҳаводорони таърихи сиёсӣ ва маънавӣ пешниҳод мекунам. Дар он нишон дода шудааст, ки қӯшуни форсҳо қобилияти баланди ҷангӣ дошт. Онҳо дар аксари муҳорибаҳо ғолиб меомаданд. Худи ташкил шудани империяи паҳновар далели возеҳи қудрати артиши онҳо мебошад.

Ҳахоманишиён ба таъминоти лашкар диққати ҷиддӣ медоданд. Ҷанговарон маоши пулӣ (бо нуқра) ва озуқа мегирифтанд. Ба ҷанговарони пойгоҳҳои ҳарбии сарҳадӣ ба ғайр аз маош барои таъмини рӯзгорашон қитъаҳои замин низ медоданд.

Яке аз ҷиҳатҳои заъфи артиши Ҳахоманишиён, ки онро муаррихони қадим зикр кардаанд, надоштани ҷанговарони вазниняроқи пиёдагард буд.[1] Диодор (XIX, 21, 3) навиштааст, ки форсҳо камонварони хуб буданд, аммо пиёдагардони онҳо ба ғайр аз сипари сабук дигар аслиҳаи мудофиавӣ надоштанд. Ба фикри онҳо агар онҳо аз таҷрибаи юнониён истифода бурда, чунин дастаҳоро ташкил мекарданд, қобилияти ҷангии артишашон боз ҳам баландтар мешуд. Аммо онҳо ба ҷойи ин корро кардан дар ҳолатҳои зарурӣ ҷанговарони зархариди вазниняроқи юнониро истифода мебурданд. Шояд яке аз сабабҳои дар ҷанг бо юнониён шикаст хӯрдани форсҳо ҳамин бошад.

Дар кишварҳои ишғол кардаи худ, масалан, дар Миср форсҳо пойгоҳҳои ҳарбӣ сохта, дастаҳои ҷанговарони худро нигоҳ медоштанд. Дар бораи мавҷудияти пойгоҳҳои ҳарбии форсҳо дар Осиёи Миёна мо ягон хел маълумот надорем. Эҳтимол бинобар ҳамқавм будани форсҳо бо бохтариҳо, суғдиҳо, хоразмиҳо ва сакоиҳо ба ташкил кардани пойгоҳҳои ҳарбӣ дар Осиёи Миёна ҳоҷат набуд.

---

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 231.

Мувофиқи маълумоти Ксенофонт аз аввали асри IV то мелод сар карда, дар артиши Ҳахоманишиҳо ҷанговарони зархариди юнонӣ зиёд мешаванд. Ва ин ба сарнавишти баъдии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён шояд бетаъсир намонда ва гувоҳе аз оғози инқирози низомии давлат бошад.

Чунонки баъдтар, дар давраи Сомониён низ ин иштибоҳ такрор шуда буд. Афзудани ғуломони зархарид дар артиши Сомониён боиси дар ниҳояти кор ба сари қудрат омадани Сабуктегин ва Маҳмуди Ғазнавӣ гардид.

Дар бораи ҳуқуқ ва додварӣ дар давлати Ҳахоманишӣ Ҳеродот, катибаҳои Беҳсутун, бобулӣ ва баъзе сарчашмаҳои дигар маълумот медиҳанд. Бо вуҷуди ночиз ва пароканда будани ин маълумот онҳо имконият медиҳанд, ки ҷиҳатҳои муҳими он муайян карда шаванд.

Мутаассифона, худи қонунҳои додварии Ҳахоманишиён боқӣ намондаанд. Аммо дар сарчашмаҳои номбаршуда дар қатори дигар маълумот ду истилоҳ вомехӯранд, ки дар ҳалли ин масъала аҳамияти калон доранд. Инҳо ибораҳои «мувофиқи доди (яъне қонуни) шоҳӣ» ва «додварони шоҳӣ» мебошанд.[1] Шакли қадимаи ориёии калимаи тоҷикии (форсӣ) дод-дата (қонун) мебошад. Истилоҳҳои зикршуда дар бораи дар давлати Ҳахоманишиён мавҷуд будани қонуни олӣ ва мақомоти олии додварӣ шаҳодат медиҳанд.

Аз рӯйи маълумоти мавҷуда соҳаи додварӣ дар давлати Ҳахоманишиён чунин сохт дошт: додвари олӣ шоҳаншоҳ ба шумор мерафт. Ӯ доир ба ҷиноятҳои вазнин ба мисли хиёнат ба шоҳ ва давлат ҳукм мебароварад. Ҳукми шоҳ тағйирнопазир буд. Аммо пеш аз ҳукм баровардани шоҳ додварони шоҳӣ масъаларо ҳамаҷониба тафтиш карда, натиҷаи тафтиш ва хулосаҳои худро ба шоҳ пешниҳод мекарданд. Шоҳ баъди ба ин ҳуҷҷатҳо шинос шудан бо додварон машварат ороста, баъд аз он ҳукм мебароварад.

Дар назди шоҳ шӯрои додварӣ иборат аз 5-7 нафар амал мекард. Пас аз шоҳ ин дуюмин мақомоти олии додварӣ буд. Ҳамчунин вазифаи додвари калони шоҳӣ вуҷуд дошт, ки дар сохтори додварӣ зинаи сеюмро ишғол мекард. Дар ҳамаи шаҳру вилоятҳо додварон фаъолият мекарданд. Дар хшатрапанҳо додвари олӣ хшатрапан ба шумор мерафт. Дар назди ӯ гурӯҳи

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 128.

додварон муфаттишон амал мекарданд. Дар деҳот вазифаи додвариро маҷлиси ҷамоат иҷро мекард.

Дар давраи Дорои I мураттабсозӣ ва сабти қонунҳои додварӣ гузаронда шуд. Маълумоти мушаххасе ҳаст, ки соли 519 то мелод Дорои I аз хшатрапани Миср талаб кардааст, ки ба шаҳри Шуш донандаи қонунҳои Мисрро фиристад.[1] Шояд ин ҷо сухан дар бораи мураттабсозии қонунҳои Миср ва ба қонуни шоҳӣ мутобиқ кардани онҳо меравад.

Ҳахоманишиён маҳз ҳамин роҳи дуруст ва имконпазирро интихоб карданд. Дар навиштани «қонуни шоҳӣ» гузаштагони мо анъанаҳои қадими мардумони ориёиро, ки дар Вандидоти Авесто инъикос ёфтаанд ва таҷрибаи халқҳои минтақаи Шарқи Наздик ва пеш аз ҳама бобулиҳоро истифода бурданд. Дар ин замон қонуни бобулии Ҳамураппи хеле маъруф буд ва бисёр нусхаҳои ба ин давра тааллуқдоштаи он ёфт шудаанд.

Фикри баъзе олимон[2] дар бораи он ки ориёиҳо аз ҷумла, форсҳо қонунҳои одӣ ва номукаммали урфиятӣ доштанд, асоси воқеӣ надоранд. Афкори ҳуқуқии онҳо хеле қадим буда, дар Авесто инъикос шуда буданд. Як боби ин китоби муқаддас бо номи Вандидоди ба масоили ҳуқуқӣ бахшида шуда буд. Яке аз худоҳои ориёӣ Меҳр (Митра) ҳомии аҳду паймон мебошад.

Аз ҷониби дигар истилоҳҳои асосии ҳуқуқии Ҳахоманишиён ба мисли қонун (дата-дод), додвар (судя) ориёӣ буданд. Агар онҳо мафҳум ва меъёрҳои ҳуқуқиро аз бобулиҳо қабул мекарданд, бояд истилоҳҳои ҳуқуқиашон бобулӣ мебуд. Аммо дар воқеият ин тавр нест. Яъне асоси қонун ва меъёрҳои ҳуқуқии онҳоро анъанаҳои миллӣ ташкил мекарданд. Дар баробари ин онҳо, бешубҳа, аз қонунҳои бобули эҷодкорона ва интихобан истифода бурдаанд. Зиёда аз ин, таъсири афкори ҳуқуқии форсҳо ба бобулиҳо ва дигар кишварҳои ғайриориёии минтақа хуб эҳсос мешавад. Дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии бобулӣ дар ин давра истилоҳҳои ориёӣ пайдо шудаанд.

Аз болои додварон назорати қатъӣ бурда мешуд ва додварони ришвахӯрро ҷазои сахт медоданд. Ҳеродот (V, 25) нақл мекунад, ки Сисамн ном шахс додвари шоҳӣ буд. Барои пора гирифта ҳукми ғайриодилона баровардан аш шоҳ Камбуҷиё

[1] История древного Востока. – С.634. Муфассал дар бораи додварии Ҳахоманишиён ниг. *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 127-140.
[2] Ҳамон ҷо. – С.128.

фармон дод, ки ӯро ба қатл расонда, пӯсташро канда гиранд. Баъди даббоғӣ кардан аз ин пӯст тасмаҳо сохта, бо он курсиеро, ки дар он Сисамн ҳини додварӣ менишаст, рӯкаш намуданд. Пас аз ин Камбуҷиё писари Сисамнро додвар таъйин карда, мегӯяд, ки ӯ ба чӣ гуна курсӣ нишаста ҳукм баровардан ашро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунад.

Ҳеродот (I, 137) ба додварии форсҳо баҳои баланд додааст. Ба қавли ӯ, форсҳо ва ҳатто шоҳи онҳо наметавонанд танҳо барои як гуноҳ шахсеро ба қатл ҳукм кунанд. Фақат дар сурати аз корҳои некаш зиёдтар будани ҷиноятҳояш ба ӯ ҷазо медоданд. Ҷазохо вобаста ба вазнинии ҷиноят гуногун буданд: буридани даст, гӯшу бинӣ, бо химча задан, товон, ҳабс ва ғайра.

Як намуди мурофиаи додварӣ «вара» ном дошт. Он хеле қадим буда, ба воситаи қасам ёд кардани гумонбаршудагон ё бо оташ ва ё бо дигар воситаҳо санҷидани онҳо иҷро карда мешуд. Ин мурофиаҳо ҷанбаи динӣ дошта, бо иштироки мубад (ё мубадон) гузаронда мешуданд.

Қонуни доди шоҳии Ҳахоманишиҳо нишон медиҳад, ки аҷдоди ориёии мо пойбанд будан ба қонунро асли зиндагӣ қарор дода будаанд ва ҳамин хислат дар табиати миллати мо то ҳанӯз боқӣ мондааст. Ҳангоми муқовимати шаҳрвандӣ барои ҳимояи сохти конститутсионӣ бархостани аксарияти мардуми мо ва аз сулҳу салоҳ дифоъ намудани халқи тоҷик шаҳодати равшани сиришти миллии мост, ки хостгори озодию адолат будааст.

Тавре ки маълум аст, тиҷорат бо муомилоти пулӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Ин ду соҳаи иқтисодиёт муҳаррики инкишофи якдигар мебошанд. Аз ин ҷост, ки дар сиёсати иқтисодии Ҳахоманишиён ин соҳаҳо мавқеи муҳимро ишғол мекарданд.

Инкишофи муомилоти пулӣ дар давлати Ҳахоманишиён бо номи Дорои I алоқаманд мебошад (Ҳеродот, IV, 166). Ӯ дар ин соҳа ислоҳот гузаронида, дар тамоми қаламрави империя низоми ягонаи пулиро ҷорӣ кард. Асоси онро мубодилаи сиккаҳои тиллоӣ ва нуқрагини нав ташкил мекард.

Сиккаҳои тиллоӣ 8,4 грамм вазн доштанд.[1] Дар рӯйи онҳо шоҳи дар сари як зону истода, тасвир шудааст. Ӯ дар пушташ тирдон, дар дасти чапаш камон ва дар дасти росташ найза дорад. Сурати шоҳ дар ҳамаи сиккаҳо якхела аст. Дар сиккаҳои тиллоӣ навиштаҷот нест. Бинобар ин муайян кардани мансубияти онҳо ба

[1] История древнего Востока. – С. 648-649.

ин ва ё он шоҳ амалан ғайриимкон аст. Ба фикри баъзе сиккашиносон, ин тасвири рамзии шоҳ мебошад. Ба ақидаи дигарон, дар онҳо асосгузори давлати Ҳахоманишиён Куруши Кабир тасвир шудааст. Ин фикр мантиқ ва асоси бештар дорад. Сиккаҳои тиллоӣ дар давоми зиёда аз 200 сол бо ҳамон як мусаввара бароварда мешуданд.

Чӣ ном доштани ин пулҳои тиллоӣ бо забони форсии қадим дақиқ маълум нест. Юнониён онҳоро дарик меномиданд. Ба қавли муаррихи Юнон қадим Полукс, ин ном аз номи шоҳ Дорои I гирифта шудааст. Аммо на ҳамаи олимони муосир ин фикрро қабул доранд. Масалан, ба андешаи Дандамаев М.А. ин ном аз калимаи форсии қадим дараня, ки маънои тиллоро дорад, гирифта шудааст.[1] Танҳо шоҳ ҳуқуқ дошт сиккаҳои тиллоиро барорад. Онҳо аз тиллои холис буда, танҳо 2-3% омехтаи филизоти дигар доштанд. Аз ин сабаб дар савдо, аз он ҷумла, савдои байналхалқӣ онҳо мавқеи асосиро ишғол мекарданд.

Сиккаҳои нуқрагин сикл ном дошта 5,6 грамм вазн доштанд. Мусаввараи рӯйи онҳо мисли сиккаҳои тиллоӣ буд. Сиклҳоро бештар дар хшатрапанаҳои Осиёи Хурд мебаровардаанд. Ҳокимони вилоятҳо метавонистанд аз номи шоҳ сиккаҳои нуқрагин ва мисин бароранд.[2] Баъзан онҳо бо розигии шоҳ дар сиккаҳо ном ва тасвири худро ҷой медоданд. Сиккаҳои нуқрагини як қатор хшатрапанҳои Осиёи Хурд аз қабили Фарнабаз, Датам, Тирибаз, Тиссаферн то ба мо омада расидаанд. Дар баъзеи ин сиккаҳо навиштаҷоти оромӣ ё юнонӣ ҷойгир буд.[3]

Дар тамоми қаламрави империя дар баробари дарикҳо ва сиклҳо драхма ва тетрадрахмаҳои юнонӣ низ дар муомилот буданд. Дар ин бора дафинаҳои Амударё, Кобул ва бозёфтҳои дигар шаҳодат медиҳанд.

Муомилоти пулӣ аз ҳама бештар дар Лидия тараққӣ карда буд. Чун ин минтақа анъанаҳои қадимаи муомилоти пулӣ дошт. Масалан, ба қавли Ҳеродот (VII, 28), яке аз сарватмандони ин ҷо бо номи Пифий 3 млн. 997 ҳазор дарик дошт ва онҳоро ба Хишоёршоҳ бахшид, то ки ӯ барои артиш сарф намояд.

Дар Шарқи Наздик муомилоти пулӣ ҳанӯз чандон тараққӣ накарда буд. Дар ин ҷо мубодилаи молӣ, мубодила ба воситаи

---

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 204.
[2] *Авидев В.И.* История древнего Востока. М. – С. 488.
[3] *Зеймаль Е.В.* Древние монеты Таджикистана. Душанбе, 1983. – С. 22-25.

нуқра ва тиллои вазнбайъ, сабикаҳо вуҷуд дошт. Ҳамаи ин намудҳои мубодила дар ҳуҷҷатҳо сабт шудаанд. Дар худи вилояти Порс муносибатҳои пулӣ нисбат ба Лидия камтар инкишоф ёфта буданд. Масалан, мувофиқи ҳуҷҷатҳо ба коргароне, ки дар сохтмонҳои шоҳӣ кор мекарданд, ба ҷойи маош озуқаворӣ медоданд. Порсҳо танҳо ба ҷанговарони зархариди юнонӣ бо сикка маош медоданд. Бо вуҷуди ин гардиши сиккаҳо дар ин ҷо низ тадриҷан боло мерафт. Дарикҳо чунон машҳур буданд, ки Искандари Мақдунӣ баъди эронро гирифтан зарб кардани онҳоро бо мусаввараҳои қадима идома медиҳад.[1]

Сиккаҳои ҳахоманишӣ бо қурби якхела ва устувор дар тамоми қаламрави империя роиҷ буданд. Онҳо то Осиёи Миёна низ омада расиданд. Сиккаҳои мазкур дар хазинаи машҳури Амударё, ки соли 1877 дар ноҳияи Қубодиён (резишгоҳи дарёҳои Панҷу Вахш) ёфт шуда буд, мавҷуданд. Як дарик дар Афросиёб ва дарики дигар дар назди Тирмиз пайдо шудааст. Чунин нуқтаро бояд ёдовар шуд, ки маҳз дар давраи Ҳахоманишиён сокинони Осиёи Миёна бори нахуст бо пули сиккашуда шинос шуданд ва онҳоро истифода бурданд. Аллакай дар асри IV то мелод дар Бохтар, дар пайравӣ ба сиккаҳои Афина, ки сурати бум доштанд, пулҳои маҳаллӣ мебаровардаанд.

Ниёгони ориёии мо дар инкишофи сикказарбкунӣ ва муомилоти пулӣ дар ҷаҳон саҳми арзанда гузоштаанд. Онҳо баъди юнониён дуюмин халқе будаанд, ки дар он давра сиккаҳои миллии худро баровардаанд.

Дар бораи дини давраи Ҳахоманишиён як қатор сарчашмаҳо маълумот додаанд, ки дар байни онҳо катибаҳои шоҳаншоҳони ин сулола Куруши Кабир, Дорои I, Хишоёршоҳ ва Артахишоёршоҳи II мавқеи муҳим доранд. Онҳо ҳамчун ҳуҷҷатҳои расмӣ мансубияти динӣ ва сиёсати шоҳонро дақиқ инъикос намудаанд. Маълумоти Ҳеродот низ дар бораи дини форсҳо дорои аҳамият мебошад. Гурӯҳи сеюми сарчашмаҳое, ки дар ин бора маълумот медиҳанд, маводи бостоншиносӣ мебошанд. Дар таҳқиқоти олимони муосир, ки ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд, ин сарчашмаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин дар ин бора байни олимон ҳанӯз фикри ягона ва аз тарафи умум эътирофшуда вуҷуд надорад.

---

[1] *Зеймаль Е.В.* Древние монеты Таджикистана. Душанбе, 1983. – С. 25, 34.

Агар аз ҷузъиёти ин масъала сарфи назар шавад, дар мавриди дини Ҳахоманишиён ду ақида вуҷуд дорад, ки мувофиқи ақидаи аввал, дини онҳо зардуштия буда, тибқи ақидаи дуюм, Ҳахоманишиён Аҳуромаздоро мепарастидаанд, аммо зардуштӣ набудаанд.

Ба андешаи ман, шиносоии дақиқ бо сарчашмаҳои номбаршуда, бештар ба фоидаи ақидаи якум гувоҳӣ медиҳанд. Чунин нуқтаро бояд ёдовар шуд, ки дар форсҳо қабл аз аҳди Ҳахоманишиён номҳои худоҳо ва изадони авестоӣ – Аҳуро, Мазда, Хшатра, Митра ва ғайра вомехӯранд. Ба назар чунин мерасад, ки ҳанӯз дар аҳди Модҳо ва шояд ҳам аз он пештар нишонаҳои дини зардуштӣ дар вилояти Форс мушоҳида мешуд.

Дар боби гузашта мо гуфта будем, ки дар давлати Мод дини зардуштӣ роиҷ буд ва шояд ба худ мақоми давлатӣ гирифта буд. Аз ин рӯ, имкон надошт, ки ин дин дар вилояти Форс, ки ба ҳайати он дохил мешуд, интишор наёфта бошад. Ин ақидаро баробари олимони тоҷику эронӣ аксари олимони аврупоӣ низ дастгирӣ намудаанд.[1]

Далелҳои мавҷуда дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки дини зардуштӣ ҳанӯз дар давраи Куруши Кабир мақоми давлатӣ дошт. Ӯ дар эъломияи худ, ки матни он бо забони аккадӣ боқӣ мондааст, чунин мегӯяд: «Ман Куруш акнун соҳиби тоҷ шудам ва то он даме, ки Маздои Бузург подшоҳиро ба ман арзонӣ дорад ва то он даме, ки зинда ҳастам, ман ба ягон халқ ҳокимияти худро зӯран бор намекунам».

Дорои Бузург дар катибаи худ, ки бо номи Нақши Рустам маъруф аст, чунин мегӯяд: «Худованди Бузург Аҳуромаздо, он ки замин, инсон ва хушбахтиро барои одамон офарид, он ки Дориюшро подшоҳ кард, подшоҳи ягонаи халқҳо ва шоҳони бисёр, ягонаи ҳокимони зиёд». Дар охири матн Доро мегӯяд: «Ҳар он кореро, ки ман кардам, бо мадади Аҳуромаздо кардам. Аҳуромаздо ба ман подшоҳ медиҳад. Эй инсон, фармудаҳои Аҳуромаздо набояд ба ту нофорам бошад. Аз роҳи рост берун нарав, ошӯбгар набош».[2]

Дар катибаи Беҳсутун Дорои I мегӯяд: Ин сакоиҳо зидди мо буданд. Аҳуромаздоро парастиш намекарданд. Ман Аҳуромаздоро парастиш мекардам. Бо мадади Аҳуромаздо чӣ

[1] История древнего Востока. – С. 2004. – С. 812.
[2] *Herzfeld E.* Zoroaster end his world. Vol. I-II.

хеле, ки мехостам, ҳамон хел бо онҳо рафтор кардам.[1] Дар навиштаҷоти Хишоёршоҳ низ Аҳуромаздо зикр шудааст. Ин шоҳ мегӯяд: «Бо фармони Аҳуромаздо ман ин дайраҳои девҳоро вайрон кардам ва фармон додам, ки дигар ба девҳо саҷда накунанд. Дар ҷое, ки пеш девҳоро мепарастиданд, ман дар он ҷо парастиши Аҳуромаздоро ҷорӣ кардам».[2]

Аз катибаҳои ёдшуда комилан аён аст, ки шоҳони Ҳахоманишӣ Аҳуромаздоро парастиш мекарданд. Аз Авесто дақиқ маълум аст, ки Аҳуромаздо дар дини зардуштӣ Худои олӣ ва офаридгори олами ҳастӣ мебошад. Аз ин нуқта чунин бар меояд, ки онҳо пайрави дини зардуштӣ буданд. Гузашта аз ин, онҳо барои мустаҳкам кардани ин дин ва интишори он дар байни ҳамқавмони худ, ки ҳанӯз онро қабул накарда, пайрави оинҳои қадимаи ориёӣ буданд, кӯшиш ба харҷ додаанд.

Зардушт парастиши худоҳои зиёди пешини ориёӣ, аз ҷумла дайва (дева, дев)-ро манъ карда, мардумро ба парастидани худои ягона – Аҳуромаздо даъват кард. Аммо девпарастону карапанҳо ба зудӣ дини ӯро қабул накарданд ва байни онҳо муборизаву бархӯрди шадид ба амал омад ва он то аҳди Ҳахоманишӣ идома дошт. Маълум аст, ки Ҳахоманишиён барои таҳкими пояҳои давлати худ ба дини ягона ва неруманд эҳтиёҷ доштанд. Аз ин рӯ, дини зардуштӣ қабул намуданд ва ба он мақоми дини расмии давлатӣ доданд.

Мувофиқи ақидаи дуюм, Ҳахоманишиҳо Аҳуромаздоро, ки пеш аз пайдоиши зардуштия дар байни ориёиҳо ҳамчун изади бузург вуҷуд дошт, парастиш мекарданд. Аммо худованди алоҳида ба номи Аҳуромаздо ва зиёда аз ин ҳамчун Худои ягона ва офарандаи олами ҳастӣ то зуҳури Зардушт вуҷуд надошт. Ҷонибдорони ақидаи дуюм дар катибаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ ёдрас нашудани Зардуштро чун далели пайрави дини ӯ набудани форсҳо мепиндоранд. Вале набудани номи Зардушт дар катибаҳо далели кофӣ барои роиҷ набудани оини зардуштӣ дар байни Порсҳо дар аҳди Ҳахоманишиён буда наметавонанд.

Дорои I дар катибаи худ одамонро ба ростқавлию мубориза бар зидди дурӯғ даъват мекунад ва ин суханон бо таълимоти Авесто созгор аст ва яке аз унсурҳои асосии дини зардуштӣ далели раднопазири роиҷ будани зардуштия дар аҳди Ҳахоманишиён

---

[1] История таджикского народа. Т.I. 1963. – С. 230.
[2] *Авидев В.И.* История Древнего Востока. – С. 500.

мебошад. Ҳамин мазмунро Ҳеродот (1,131) низ дар асараш зикр намудааст.

Рӯҳониёни зардуштӣ ё худ муғон дар дарбори Ҳахоманишиён мақоми хосса доштанд. Он ба дараҷае буд, ки вақте Камбуҷиё ба Миср лашкар кашиданӣ шуд, дар тахти Ҷамшед (Персепол) ҳамаи корҳои давлатиро ба муғ Патизиф вогузошт (Ҳеродот,III.63).

Соли 441 то мелод дар давлати Ҳахоманишӣ ба таври расмӣ тақвими (гоҳшумории) зардуштӣ ҷорӣ карда шуд.[1]

Дар воқеъ дар бораи дини Ҳахоманишиён мусаввараҳои Тахти Ҷамшед ва дигар шаҳрҳо ва бозёфтҳои бостоншиносӣ низ маълумоти муътамад медиҳанд. Дар назди мақбараи Куруши Кабир дар Посоргод бостоншиносон се меҳроби бузурги оташро кашф кардаанд. Дар мусаввараҳо шоҳони ҳахоманишӣ дар назди оташгоҳи муқаддаси зардуштӣ тасвир шудаанд. Дар деворaҳои Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам ва дар ашёҳои гуногуни аз зери хок беруномадаи мансуб ба аҳди Ҳахоманишиён Аҳуромаздо бо болҳои кушод дар ҳалқаи офтоб тасвир шудааст.[2]

Ҳеродот (I, 131) навиштааст, ки Порсҳо маъбад ва қурбонгоҳ намесозанд ва ба Зевс (Аҳуромаздо) ва худоҳои дигар дар сари кӯҳҳои баланд қурбонӣ мекунанд. Аммо бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки маълумоти Ҳеродот дар мавриди ибодатгоҳҳои форсҳо чандон саҳеҳ нест. Бостоншинос Э.Ҳерсфелд дар Тахти Ҷамшед маъбади оташро кашф кард. Дар навиштаҷоти ин замон калимаи «айадана» ба маънои ибодатгоҳ дучор мешавад.[3] Маъбади оташ дар Шуш низ ёфт шудааст. Дар ноҳияи Қубодиёни ҷанубии Тоҷикистон ҳам бостоншиносон маъбади бузурги оташро кушоданд, ки мувофиқи меъёрҳои анъанавии зардуштӣ сохта шудааст. Он аз толори калон иборат буда, ба маъбадҳои оташи дар Тахти Ҷамшед ва Шуш ёфташуда монанд аст.[4]

Дар масъалаи қурбонгоҳ насохтани Порсҳо эҳтимол Ҳеродот ҳақ бошад. зеро ӯ ин суханонро дар муқоиса ба юнониён гуфта ва онҳо барои қурбонии чорпоҳо дар ибодатгоҳҳо иншооти махсус месохтанд. Зардуштиён дар маъбад танҳо оташкада месохтанд.

---

[1] История таджикского народа. Т.I. – С. 233.

[2] *Довуди Д.* Этапы развития зороастризма в качестве государственной религии. Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. Душанбе, 2003. – С. 55.

[3] История таджикского народа. Т.I. – С. 522, сн.126

[4] История древнего Востока. – С. 806-89.

Ҳамин тавр, таҳлили сарчашмаҳои гуногун аз он шаҳодат медиҳанд, ки дини Порсҳо ва шоҳони Ҳахоманишӣ зардуштия буд. Ин дин мақоми давлатӣ дошт ва шоҳони Ҳахоманишӣ барои таҳкими пояҳои ғоявӣ ва сиёсии империя ба он манфиатдор буданд. Дар аҳди Ҳахоманишиён дар Осиёи Миёна беш аз ҳама дини зардуштӣ интишор ёфта буд ва дар байни олимон низ дар ин бора ихтилофи назар вуҷуд надорад.[1] Аксари кулли ориёиҳои муқимнишин, яъне сокинони Эрони ғарбӣ ва Осиёи Миёна дар ин давра пайрави зардуштия буданд. Аммо қабилаҳои ориёии кӯчманчӣ, алалхусус сакоиҳо ҳанӯз дини зардуштиро напазируфта буданд ва ба худоҳои қадимаи ориёӣ, аз ҷумла ба Офтоб саҷда мекарданд. Дар ин бора ҳам матни «Готҳо»-и Авесто ва ҳам муаррихони Юнони қадим хабар додаанд. Аз катибаи ёдшудаи Дорои I чунин бармеояд, ки ӯ ин сакоиҳоро ба худ тобеъ карда, дини зардуштиро дар байни онҳо ҷорӣ карданӣ буд.

Шояд байни аҳолии муқимнишини ориёӣ гурӯҳҳое низ буданд, ки дини зардуштиро ҳанӯз напазируфта буданд. Шояд ин гурӯҳҳо нуфузе пайдо карда, мухолифи ҳукумати марказӣ амал мекарданд. Аз ҳамин сабаб таблиғотчиёни оини зардуштӣ бар зидди ин девпарастон ва карапанҳо баромада, бутхонаҳои онҳоро вайрон карда, онҳоро барои гароидан ба дини зардуштӣ ташвиқ менамуданд. Ин амал ҳам ҷанбаи ғоявӣ ва ҳам сиёсӣ дошт.

Зеро такягоҳи асосии Ҳахоманишиён халқҳои ориёии Эрону Осиёи Миёна буданд. Барои муттаҳид нигоҳ доштани онҳо ягонагии оинӣ лозим буд. Бисёрмазҳабӣ дар байни мардум ихтилофу парокандагӣ ва оқибат сустиву заволро ба вуҷуд меовард.

Дар асоси катибаи Хишоёршоҳ баъзе олимон, ба хулосае омаданд, ки ӯ дини Аҳурамаздоро дар тамоми империя бо роҳи зӯрӣ паҳн карданӣ буд.[2] Аммо дар ин хусус ягон санади дақиқ вуҷуд надорад. Муборизаҳои оинии қавмҳои ориёӣ бо ҷорӣ шудани дини Зардушт пайдо шуда то аҳди Ҳахоманишиён ва дар баъзе маҳалҳо аз он ҳам дертар ба назар мерасид.

Бо кишварҳои ғайриориёии қаламрави Ҳахоманишиён сиёсати динӣ дигар хел буд ва озодии динҳои маҳаллӣ эълон шуда буд. Куруши Кабир ба бобулиён ва дигар халқҳои забт кардааш на танҳо озодии эътиқод бахшид, балки ибодатхонаҳои

---

[1] *Б. Гафуров.* Таджики. – С. 76.

[2] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 339.

харобшудаи онҳоро таъмир намуд. Шоҳони минбаъда низ ин сиёсати хайрхоҳона ва муросову мадоро бо динҳои кишварҳои ғайриориёиро идома доданд. Ҳуҷҷатҳои аз зери девори мудофиавии Тахти Ҷамшед ёфтшуда низ чунин фикрро тасдиқ мекунанд. Баробари рӯҳониёни зардуштӣ рӯҳониёни динҳои дигар низ барои гузаронидани маросимҳои динӣ ғалла ва дигар маҳсулот мегирифтанд. Шоҳони Ҳахоманишӣ дар ин соҳа таассуб нишон намедоданд.

Сарчашмаи асосии даромади давлат андоз буд. Иқтидори иқтисодӣ, ҳарбӣ, некуаҳволии аҳолӣ ва мавқеи сиёсии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба ҳамин соҳа вобаста мебошад. Ин нуктаро на танҳо иқтисодчиёни имрӯза, балки маъмурони давлатии давраи қадим низ хуб мефаҳмиданд ва барои инкишофи он саъй менамуданд.

Ҳар давлат низоми андозғундории худро дорад. Дар давлати Ҳахоманишиён низ низоми ба худ хоси андозғундорӣ амал мекард. Ба ҳайати ин империяи паҳновар даҳҳо мамлакатҳо дохил мешуданд ва ҳар кадоми онҳо усули андозғундории худро доштанд. Низоми ягонаи андозро Дорои I ҷорӣ намуда буд. Дар давраи Куруши Кабир ва Камбуҷиё низоми ягонаи андозгузорӣ вуҷуд надошт. Бино ба маълумоти Ҳеродот,(III, 89) ҳаҷми андоз барои ҳар кишвар ҳанӯз дақиқ муайян нашуда буд. Кишварҳои тобеъ мувофиқи иқтидори иқтисодияшон аз рӯйи салоҳдиди худ ба хазинаи Ҳахоманишиён молиёт месупориданд. Халқҳои тобеъ андоз насупорида, ба шоҳаншоҳ туҳфа пешкаш мекарданд. Набудани низоми устувор ва ягонаи андозгузорӣ ба даромади давлат таъсири манфӣ мерасонад.

Барои ҳамин Дорои I баъди ба тахт нишастан ва фурӯ нишондани оташи шӯришҳо даст ба ислоҳоти иқтисодӣ зад. Ӯ пеш аз ҳама дар соҳаи андоз низоми ягона ва мукаммалро ҷорӣ кард. Қаламрави империя ба беш аз 20 воҳиди маъмурӣ-андозпардозӣ тақсим шуда буд, барои ҳар як хшатрапана вобаста ба иқтидори иқтисодиаш андоз гузошта шуд. Ҳамин андоз аз рӯйи масоҳати заминҳои корам, навъи зироат ва ҳосилнокии миёнаи он муайян карда мешуд (Ҳеродот, VI, 42). Андозро бо нуқра месупориданд.

Аммо муҳаққиқон дар асоси маълумоти катибаҳо ва мусаввараҳо дуруст таъкид кардаанд, ки дар амал як қисми андозро мардум метавонистанд дар шакли маҳсулот (ғалла, чорво, ашёи ҳунармандӣ ва ғайра) супоранд. Дар вақти ҳисобу китоб қимати маҳсулоти ба сифати андоз супурдашуда мувофиқи

нархҳои ҷорӣ бо нуқра нишон дода мешуд. Дар бораи он ки аҳолӣ чӣ қадари андозро метавонист бо нуқра ва чӣ қадарашро бо пул супорад, ягон хел маълумот нест. Бо нуқра ифода ёфтани андоз бартариҳои зиёд дошта, устуворӣ ва дақиқии ҳисоби онро таъмин мекард. Нархи маҳсулот бо сабабҳои гуногун метавонист тағйир ёбад, аммо нуқра дар он замонҳо нархи нисбатан собиту устувор буд.

Ҳеродот (III, 90-95) ҳаҷми андози тамоми хшатрапанҳои ва халқҳои империяи Ҳахоманишиёнро номбар кардааст. Аз ҳама бештар Бобул (1000 талант нуқра) ва баъди он Миср (700 талант нуқра) андоз месупориданд. Кишварҳои Осиёи Миёна ба миқдори зер ба хазинаи марказӣ андоз месупориданд: бохтариҳо 360 талант нуқра, портҳо, хоразмиҳо ва суғдҳо 300 талант, сакоиҳо ва каспиҳо 250 талант. Аз рақамҳои боло маълум мешавад, ки Бохтар аз ҳама бештар андоз медодааст. Як талант ба ҳисоби миёна ба 32 кг баробар буд. Яъне 360 талант муодили 11520 кг ё 11 тоннаву 520 кг нуқра буд. Агар ин миқдор нуқраро ба пули ҳамон замон бар гардонем 2 миллиону. 56 ҳазор 320 сикл (пули нуқрагини ҳахоманишӣ, ки вазнаш 5,6 грамм буд) ё 102 ҳазор 816 дарики тиллоӣ (вазни як дарик= 8,4 грамм) мешавад. Барои он замон, ки маблағи кам набуд. Масалан, нархи як барра ба ҳисоби миёна 1-2 сикл буд. Ба андози Бохтар камаш 1миллиону. 28 ҳазору 160 барра харидан мумкин буд.

Ҳаҷми умумии андози яксола, ки ба хазинаи шоҳӣ ворид мешуд 12480 таланти бобулиро ташкил мекард. Он ба 400 тонна нуқра,[1] 71 миллиону 400 ҳазор сикл ва 3 миллиону 570 ҳазор дарики тиллоӣ баробар буд.

Ба ҷуз сатрапҳо аз бандарҳо, бозорҳо, рӯдҳои киштигард, пулҳо, молҳои воридотӣ ва ғайра боҷ ситонда мешуд.[2] Илова бар ин бисёр андозҳои сабтнашуда, аммо дар урфият қабулшуда, мавҷуд буданд. Масалан дар соли нав (Наврӯз) ва дигар идҳои муҳим ҳамаи вилоятҳо ба шоҳаншоҳ туҳфаҳои гуногун, аз ҷумла ашёҳои қиматбаҳо пешкаш мекарданд.

Дар вақти ба ин ва ё он шаҳр омадани шоҳ сокинон ӯро бо тухфа пешвоз мегирифтанд. Ҳини лашкаркашӣ сокинони шаҳру вилоятҳое, ки артиши шоҳ аз он ҷо мегузашт, онро бо хӯрок ва

---

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 188.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 199.

ему хошок таъмин мекарданд. Дар наққошиҳои Тахти Ҷамшед саҳнаҳои ба шоҳ пешкаш кардани туҳфаҳо ба назар мерасад.

Андоз бо калимаи форсии қадими «бажи» ифода шуда, ба маънои «боҷ»-и тоҷикию-форсӣ омадааст. Ин калима дар катибаи Беҳсутун ва катибаҳои дигар дучор мешавад. Барои андоз аз замин дар ҳуҷҷатҳои оромӣ калимаи «ҳалок» (хараги паҳлавӣ ва хироҷи арабӣ) истифода шудааст. Дар катибаҳо калимаи форсии қадим «бажикара» ба маънои боҷгундор мавҷуд аст.

Яке аз муҳимтарин муассисаҳои давлатӣ дафтари умури молӣ буд, ки онро хазонаи шоҳ низ меномиданд. Дар он сардори дафтари умури молӣ (хазинадор) ва шумораи зиёди дабирон, муҳосибон ва маъмурони дигар кор мекарданд. Хазина анборҳои зиёд дошт. Тамоми молиёте, ки ҳамчун боҷу хироҷ, туҳфа ва ғаниматҳои ҷангӣ ба хазинаи давлат ворид мегардиданд, дар анборҳои он нигоҳдорӣ мешуданд. Коргузорӣ ва таҳияи санад дар хазинаи шоҳ ба дараҷаи олӣ ба роҳ монда шуда буд. Тамоми ашё ва маҳсулоти воридшуда ба хазина дақиқан шумурда шуда, ба дафтарҳои воридот сабт мегардиданд. Ҳамчунин ашё ва махсулоти аз хазина додашуда ба қайд гирифта мешуданд. Ҳуҷҷатҳои зиёде то ба рӯзгори мо боқӣ мондаанд, ки дар бораи ворид шудани тилло, нуқра ва ашёҳои дигари қиматбаҳо ба хазинаи Тахти Ҷамшед маълумот медиҳанд.

Бостоншиносон хазинаи Тахти Ҷамшедро ҳафр карданд, ки хеле боҳашамат буда, масоҳаташ 11000 метри мураббаъро ташкил медод ва аз 110 ҳуҷра иборат буд. Хазинаҳои шоҳӣ дар Шуш, Ҳангматана, Бобул ва дигар шаҳрҳои бузурги Ҳахоманишӣ низ мавҷуд буданд. Дар онҳо ба ғайр аз маҳсулот миқдори зиёди тилло ва нуқра ҷамъ шуда буд. Мутаассифона, шоҳони Ҳахоманишӣ натавонистанд ин боигариро пурра ва самаранок барои ободии давлаташон истифода баранд ва он ба дасти ғосибон афтод. Мувофиқи маълумоти Диодор (XVII, 7) ва Курсий Руф (II, 16,9) Искандари Мақдунӣ аз хазинаи Тахти Ҷамшед 120000 талант = 3840 тонна тилло ва нуқраро ба ғанимат гирифт.[1]

Боҷгузорӣ ба дафтари умури молӣ тааллуқ дошт. Сардори он ҳамчун хазинадор масъули ҷамъоварӣ, воридкунӣ, сабт, ҳисобу китоб, сарф ва нигоҳдории ҳамаи пулу ашёҳое буд, ки ба хазинаи подшоҳӣ ворид мешуданд.

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 213-216.

Хазинаи шоҳиро ба забони форси қадим «ганза» мегуфтанд, ки шакли тоҷикӣ-форсиаш «ганҷ» то имрӯз боқӣ мондааст. Дар катибаҳо калимаи «ганзбара» дучор мешавад, ки мутахассисон онро чун «нигоҳбони хазина», яъне хазинадор тарҷума кардаанд.

Дар хшатрапанаҳо масъули андоз хшатрапан буд. Дар дарбори ӯ маъмурони андоз ва муҳосибону дабирон, ҷараёни андозгундориро ба роҳ монда, баъди сабти онҳо ба дафтарҳои воридот мувофиқи дархости дафтари умури молии марказӣ ба хазинаи шоҳ мефиристоданд. Дар шаҳру деҳаҳо низ ба ҳамин тариқ андоз меғундоштанд.

Андози ҷамъшуда дар хазона барои таъминоти дарбор, дастгоҳи идоравӣ, артиш, сохтмонҳои давлатӣ, иншоотҳои обёрӣ, роҳҳои тиҷоратӣ ва дигар корҳои давлатӣ сарф мешуданд. Низоми боҷгузорие, ки Дорои I ҷорӣ кард, хеле мукаммал ва самаранок буда, барои он замон дастоварди муҳими иқтисодӣ ба шумор мерафт. Ин тартибот на танҳо дар тамоми даврai мавҷудияти империяи Ҳахоманишӣ амал кард, балки дар даврai Искандари Мақдунӣ ва баъди ӯ низ боқӣ монд.

Дар давлати Ҳахоманишӣ барои инкишофи савдои дохилӣ ва байналхалқӣ шароити мусоид фароҳам гардида буд. Ба туфайли ҷорӣ кардани низоми устувори сиёсӣ дар мамлакат нисбатан оромӣ ҳукмфармо гардид. Халқҳо ва кишварҳо имконият пайдо карданд, ки озодона бо якдигар доду ситад намуда, иқтисодиёти худро пеш баранд.

Аз ҷониби дигар аз дохили империя роҳҳои асосие мегузаштанд, ки се қитъаи ҷаҳон – Осиё, Аврупо ва Африкаро бо якдигар пайваст мекарданд. Ҳамаи ин роҳҳо дар зери даст ва назорати форсҳо буданд. Ҳахоманишиҳо ҳавасманд буданд, ки ин роҳҳо обод бошанд ва мунтазам амал кунанд. Роҳҳо на танҳо аҳамияти тиҷоратӣ, балки ҳарбӣ ва маъмурию сиёсӣ низ доштанд. Онҳо имконият медоданд, ки тамоми гӯшаву канорҳои империяи паҳновар бо марказ алоқаи доимӣ дошта бошанд. Алоқаи доимӣ дар навбати худ имконият медод, ки ноҳияву вилоятҳо самаранок идора карда шаванд ва ҳамеша зери назорати марказ бошанд.

Бино ба сабабҳои гуфташуда, Ҳахоманишиён дар ободии роҳҳои корвонгард ҳамаҷониба ҳавасманд буданд ва барои ин маблағҳои зиёдро дареғ намедоштанд. Онҳо роҳҳои куҳнаро таъмир карда, роҳҳои нав месохтанд. Дар ҳолатҳои зарурӣ қитъаҳои муайяни роҳҳоро васеъ карда, ҷойҳои лозимаро

сангфарш мекарданд, ба бехатарӣ ва ободии роҳҳо диққати махсус медоданд. Дар 20 километри роҳ барои дамгирӣ ва истироҳати тоҷирон ва дигар мусофирон работҳо ва корвонсаройҳо сохта шуда буданд.[1] Дар работҳо барои мусофирон ҷойи хоб ва хӯрок муҳайё мекарданд.

Работҳо воситаи муҳими хабару номарасонӣ аз марказ ба вилоятҳо ва аз он ҷо ба марказ буданд. Дар онҳо барои номабарони (қосидони) шоҳӣ аспҳои эҳтиётӣ, тӯшаи роҳ ва дигар ашёҳои зарурӣ нигоҳ медоштанд. Муаррихони қадими юнонӣ, аз ҷумла Ҳеродот (асри VIII, 38) ба низоми номарасонии форсҳо баҳои баланд додаанд. Номабарони шоҳӣ беист ҳаракат карда, дар корвонсаройҳо аспҳои худро иваз карда, дар як муддати нисбатан кӯтоҳ масофаҳои тӯлониро тай мекарданд. Масалан, корвонҳо роҳи байни Бобул ва шаҳри Сарди пойтахти Лидияро дар 90 рӯз тай менамуданд. Аммо номабарони шоҳӣ ин масофаро ба усули дар боло зикршуда дар 9 рӯз тай мекарданд. Номарасонҳо (чипорҳо)- и форсҳо муосиронашонро то андозае мафтун карда буданд, чун онхо ба қавли юнониён, аз парандаҳои дурпарвоз ҳам тезтар ҳаракат мекарданд. Форсҳо хаткашонҳои шоҳиро «ҳангар» меномиданд. (Ҳеродот, VIII, 98).

Барои таъмини бехатари ҳаракат дар қитъаҳои муҳими роҳҳо дар даромаду баромади дашту биёбонҳо, дар гузаргоҳҳои дарёӣ ва ҷойҳои дигар пойгоҳҳои низомӣ сохта, дар онҳо ҷанговаронро ҷойгир мекарданд. Роҳзанонро ҷазои сахт медоданд. Онҳоро дар сари роҳҳо ба дор овехта, ҷасадашонро намегирифтанд, то барои дигар қонуншиканон дарси ибрат шавад. Бо ин ва дигар чораҳои қатъи онҳо тавонистанд ҳаракати бехавф ва муназзами тоҷирон, маъмурон, хаткашонҳои шоҳӣ ва дигар мусофиронро дар роҳҳои империяи паҳновар таъмин намоянд. Дар ташкил кардани шабакаи давлатии хаткашонӣ онҳо албатта, аз таҷрибаи давлатҳои тараққикарда, ба мисли Бобул истифода бурданд. Аммо онҳо ин таҷрибаро бо анъанаҳои миллии худ тақвият дода ва ғанӣ гардонда, дар шароити нав ва дар миқёси хеле калон татбиқ карданд. Яъне, онҳо амалан шабакаи нав ва мукаммали номарасониро барпо намуданд.

Дар давраи Ҳахоманишиён якчанд роҳҳои асосие вуҷуд доштанд, ки пойтахти он шаҳри Шуш ва Тахти Ҷамшедро бо тамоми нуқтаҳои империя пайваст мекарданд. Як роҳ аз соҳили

[1] *Авдиев В.И.* История древнего Востока. – С. 489.

баҳри Эгей аз шаҳри Эфеси Осиёи Хурд сар шуда, ба воситаи пойтахти Лидия шаҳри Сард, шимоли Каппадокия, Арманистон қад-қади дарёи Дақла то Бобул омада мерасид. Аз Бобул роҳи дигар сар шуда, то Шуш ва аз он ҷо то Тахти Ҷамшед мерафт. Ин роҳ Эронро бо Юнон ва Аврупо пайваст мекард ва онро «Роҳи шоҳӣ» меномиданд ва баъдтар бо номи «Роҳи абрешим» маълуму машҳур гардид.

Дуюмин шоҳроҳи бузург аз Бобул сар шуда, ба воситаи Ҳангматана ва аз он ҷо то Ҳинд мерафт. Ин роҳ мамолики Шаркро бо Эрон, Байнаннаҳрайн ва ба воситаи онҳо бо Ғарб ва Миср пайваст мекард.

Ба ғайр аз ин ду роҳи асосӣ якчанд роҳҳои дигар буданд, ки Эронро бо мамолики гуногун пайваст менамуданд. Яке аз ин роҳҳо ба воситаи канале, ки аз Нил то Суэтс омада, ба баҳри Сурх мерасид.[1] Эронро бо Миср, яъне бо қитъаи Африка пайваст мекард. Ба гуфтаи Ҳеродот, ин каналро Дорои Бузург канда буд. Аммо ба ақидаи олимони муосир, ин ҷӯй ҳанӯз 100 сол пеш аз ин дар давраи ҳукмронии фиръавн Нехо вуҷуд дошт. Дар давраи Доро он вайрон шуда буд ва киштиҳо дар он гашта наметавонистанд. Доро ин ҷӯйро аз нав канда киштигард кард.

Як роҳи дигар шаҳри Тахти Ҷамшедро ба воситаи ҷануби Эрон ва Мукрон бо Ҳинд пайваст мекард. Як роҳ аз ҷануби Осиёи Хурд, аз шаҳри Тарас ба воситаи гузаргоҳи Киликия ба шимол то баҳри Сиёҳ мерафт. Аз шимоли баҳри Сиёҳ як роҳ ба воситаи даштҳои ҷануби Рус ва Урал то Сибир тӯл мекашид. Бо ин роҳ аз Сибир ба Ғарб, аз он ҷумла ба Эрон тилло меоварданд.

Барои кушодани роҳи баҳрӣ бо Ҳиндустон Дорои I тақрибан соли 518 то мелод ба баҳрнавард Скилак фармон дод, ки аз дарёи Ҳинд ба воситаи резишгоҳи он ба баҳр баромада бо соҳили ҷанубии Эрон то баҳри Сурх бо киштиҳо шино кунад. Скилак ин роҳро дар муддати 30 моҳ тай карда, ба соҳили баҳри Сурх омад.[2]

Савдо дар қисмати ғарбии империяи Ҳахоманишӣ бештар тараққӣ карда буд. Саҳми Бобул дар ин савдо махсусан калон буд. Лидия ва Миср низ дар ин савдо фаъолона иштирок мекарданд. Дар бораи тиҷорати фаъолона дар байни ин кишварҳо ҳуҷҷатҳои зиёд маълумот медиҳанд. Дар Бобул хонаводаҳои тоҷирони маъруф, ки сарвати калон дошта, амалиётҳои гуногуни молию

---

[1] История древнего Востока. – С. 650.

[2] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 216-218.

пулӣ мегузарониданд, фаъолият доштанд. Савдои баҳрӣ дар дасти финикиҳо буд, баъдтар он ба дасти юнониён гузашт.

Мувофиқи маълумоти мавҷуда аз вилоятҳои гуногун ба шаҳри Тахти Ҷамшед ва дигар шаҳрҳои Эрон маҳсулоти гуногун ворид мешуд. Аз вилоятҳои Осиёи Миёна – аз Бохтар тилло, аз Суғд сангҳои қимматбаҳои ороишӣ (лоҷувард ва ақиқ) аз Хоразм фирӯза оварда мешуд.[1] Ҷолиби диққат аст, ки санги лоҷувардро бо забони ориёӣ (форсии қадим) каппаутака меномиданд. Ин калима дар шакли кабуд (лаҳҷавиаш кабут) то имрӯз дар забони тоҷикӣ (форсӣ) боқӣ мондааст. Номи ин санг аз рангаш гирифта шуда буд. Баъдтар ин сангро лоҷвард номиданд, ки он ҳам тоҷикӣ (форсӣ) аст. Калимаи лоҷвард ба воситаи забони арабӣ ба забонҳои аврупоӣ, алалхусус, русӣ гузашта, шакли лазуритро гирифтааст ва то имрӯз мавриди истифод қарор дорад.[2] Чунин ба назар мерасад, ки халқҳои ориёӣ дар коркарди сангҳои қимматбаҳо ба мисли лоҷвард ва фирӯза (дар забонҳои аврупоӣ бирюза) таҷрибаи қадима доштаанд ва маҳз онҳо бори аввал ин сангҳоро ба Шарқи Наздик ва ба Аврупо паҳн кардаанд.

Ба Тахти Ҷамшед ва дигар вилоятҳо низ маҳсулоти гуногун меоварданд. Масалан, аз Миср гандум, тилло,устухони фил, нуқра, биринҷӣ, аз Лубнон ва Яман чӯби дарахти ҷалғӯза, мармар ва рухом, аз Лидия тилло, аз Осиёи Хурд нуқра, аз Ҳабашистон устухони фил аз Ҳиндустон устухони фил ва тилло, аз Кипр мис, аз Юнон зарфҳои нафиси сафолӣ ворид мешуд[3]. Муҳаққиқон таъкид кардаанд, ки як қисми ин маҳсулот ба сифати боҷ ба Тахти Ҷамшед барои сохтмон ва ороиши қасри шоҳ ва қонеъ гардонидани дигар эҳтиёҷоти дарбор оварда мешуданд, қисме аз он молҳо барои хариду фурӯш низ фиристода мешуданд.

Бозёфтҳои бостоншиносӣ дар бораи алоқаҳои ориёиҳои Осиёи Миёна бо ориёиҳои ҷанубӣ Урал дар даврои Ҳахоманишиён шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла дар наздикии Орск дар қӯрғонҳои сарматҳо, ки ба асри V – аввали асри IV то мелод тааллуқ доранд, якчанд осори санъати амалии ҳахоманишӣ, аз ҷумла ҳайкалчаи нуқрагинӣ асп, гарданбанди тиллоӣ ва чандин зарф бо катибаи Атахишоёршоҳи I ёфт шуданд.

---

[1] История таджикского народа. Т.I. 1998. – С. 208, 262.
[2] Словарь иностранных слов. М., 1989. – С. 276, наг.калимаи «лазурит».
[3] История древнего Востока. – С. 650.

Дар бораи алоқаҳои тиҷоратии Миср ва Осиёи Миёна маҳсулоти ҳунармандие, ки аз ҷониби устоҳои номӣ дар водии Нил сохт шудаанд, шаҳодат медиҳанд. Чунин алоқа, байни Эрону Осиёи Миёна ва Олтой низ мавҷуд будааст, ки ашёи зимни ҳафриёти бостоншиносӣ бадастомада ба он ишора менамоянд. Ба ҳар ҳол, савдо ва тиҷорат ба дараҷаи муайян дар империяи Ҳахоманишӣ тараққӣ карда буд ва чунин давлати бузургро бе инкишофи тиҷорати хориҷию дохилӣ тасаввур кардан амри маҳол аст.

Дар робита ба ин масъала мо набояд фаромӯш кунем, ки доир ба Бобул ва дигар минтақаҳои ғарбии империяи Ҳахоманишиён ҳуҷҷатҳои хаттии бисёр боқӣ монда, то мо омада расидаанд. Аммо дар бораи Бохтар ва дигар вилоятҳои шарқӣ ҳуҷҷатҳои хаттӣ қариб, ки нестанд. Бинобар ин мо алҳол наметавонем дар бораи дараҷаи инкишоф ва ҷузъиёти тиҷорат дар ин минтақа аз ин беш ҳарф занем.

Ҳахоманишиён барои инкишофи фарҳанг ва санъат шароити мусоид фароҳам оварданд. Халқу кишварҳои гуногун ба туфайли боз шудани роҳҳои иртиботӣ имконият пайдо кардаанд, ки бемамониат ба якдигар алоқа карда, аз дастовардҳои мадании якдигар истифода баранд. Форсҳо, бохтариҳо ва ғайра ба қувваи ҳукмронии сиёсӣ дар минтақа табдил ёфта, барои инкишоф додани фарҳанги худ имконияти бештар пайдо карданд. Онҳо дар бисёр соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварда буданд. Дар бораи баъзе дастовардҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, низомӣ ва ғайра мо дар аввали ин боб ишора намуда будем. Ҳоло роҷеъ ба фарҳангу санъати давраи Ҳахоманишиён таваққуф хоҳем кард.

Шаҳр маркази муҳими маданӣ ба шумор меравад. Дар давлати Ҳахоманишиҳо даҳҳо шаҳрҳои калон, аз ҷумла Посоргод, Тахти Ҷамшед, Шуш, Ҳангматана, Бобул, Мемфис ва дар шарқи империя Бохтар, Марв, Самарқанд мавҷуд буданд. Аксарияти ин шаҳрҳо ҳанӯз пеш аз Ҳахоманишиён вуҷуд доштанд, аммо дар замони онҳо бештар тараққӣ карда, васеътар ва ободу зебо шуданд. Пойтахти империя шаҳри Тахти Ҷамшед (Персепол) буд, ки ба забони форсии қадим Порс номида мешуд. Аммо маркази маъмурии империя шаҳри Шуш буд. Тамоми девонҳо ва вазоратхонаҳо дар ҳамин шаҳр ҷойгир шуда буданд. Ҳахоманишиён ба ободонии ин шаҳр аҳамияти калон медоданд.

Бостоншиносон дар харобаҳои Шуш маҷмааи қасру биноҳои боҳашаматеро кашф карданд, ки бо фармони Дорои I сохта шуда буданд. Дар ин бора катибаҳои сохтмонӣ, ки аз зери таҳкурсии қаср ёфт шудаанд, шаҳодат медиҳанд. Дар онҳо номгӯйи масолеҳи сохтмонии истифодашуда дар бунёди қасрҳои Дориюш сабт гардидааст. Дар бораи ҳашамати қасрҳо толори маросимие гувоҳӣ медиҳад, ки зербинояш 10434 метр-ро дар бар гирифта, се қатор сутунҳои баландиашон қариб 20 метра дорад. Сарсутунҳо шакли сари барзаговро доранд. Ин гуна толорҳоро ба забони форсии қадим ападана меномиданд.[1]

Ҳахоманишиён на танҳо дар шаҳрҳои мавҷуда қасру биноҳои нав сохта, онҳоро тавсеа бахшиданд, балки якчанд шаҳрҳои нав низ бунёд намуданд, ки яке аз онҳо шаҳри Посоргод буд.

Ин шаҳр дар вилояти Форс, 80 км дуртар аз шаҳри Тахти Ҷамшед дар самти шимолу шарқии он ҷойгир шуда буд. Онро Куруши Кабир бунёд карда пойтахти Ҳахоманишиён эълон кард. Аз рӯйи бозёфтҳои бостоншиносӣ дар ин мавзеъ пеш аз Куруши Кабир низ ин шаҳр вуҷуд доштааст. Қасру толорҳое, ки харобаҳои онҳо то ба имрӯз боқӣ мондаанд, ба давраи Куруши Кабир ва шоҳони баъдинаи ин сулола тааллуқ доранд. Маънои Посоргод ҳанӯз дақиқ муайян нашудааст. Дар асари Курсий (V, 6, 10) ва Анаксимени Лампсаки он дар шакли Персагада ва Парсагада омадааст ва олимон аксаран онро чун «манзили форсҳо» ва «лашкаргоҳи форсҳо» тарҷума кардаанд. Ба ақидаи М. А. Дандамаев ин номи иломӣ мебошад.

Баръакси Тахти Ҷамшед шаҳри Посоргод масоҳати калонро ишғол мекард ва қасру биноҳои он аз ҳамдигар дур дар байни боғҳо сохта шуда буданд. Як хусусияти дигараш аз санг сохта шудани он буд. Шаҳрҳои дигар маъмулан аз хишти хом сохта шудаанд. Дар бунёди ин шаҳр устоҳои модӣ, иломӣ ва ошурӣ ширкат варзидаанд. Дар сохтмони он усулҳои меъмории бобулиҳо, модҳо, иломиҳо мисрҳо ва юнониҳо эҷодкорона истифода шудаанд. Қасру толор ва дигар биноҳои ташрифотӣ, истиқоматӣ ва хоҷагӣ бо зебоӣ ва ҳашаматӣ худ касро ба ҳайрат мегузоштанд. Ба қавли М.А. Дандамаев[2] усули сохтмони қасру маъбадҳои Ҳахоманишӣ маҳз дар рафти сохтмони Посоргод ташаккул ва минбаъд инкишоф ёфт.

---

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 255-258.
[2] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 246.

Посоргод ҳамчун пойтахти Ҳахоманишиён маҳалли ташрифоти тоҷгузорӣ ва ба тахт нишастани ҳамаи шоҳон буд. Он дар ҳаёти сиёсии ин сулола мақоми хос дошт. Дар он яке аз ёдгориҳои машҳури меъмории Ҳахоманишиён – мақбараи Куруши Кабир воқеъ аст. Он бинои начандон калон буда, пурра аз тахтасангҳои росту ҳамвор сохта шудааст. Мақбара дар болои таҳкурсии баланди аз тахтасангҳо сохташуда қарор дорад. Баландии умумиаш 11 метр буда, сабки меъмории эронию бобулӣ истифода шудааст. Мақбараи Куруш яке аз ёдгориҳои нодири меъмории ориёиҳо ба шумор меравад, ки то имрӯз ба он осебе нарасидааст.

Дуюмин шаҳри бузурги форсҳо Тахти Ҷамшед буд. Он 50 км дуртар аз шаҳри Шероз дар самти шимол дар ҳамворӣ воқеъ мебошад. Ин шаҳрро Дорои I бунёд карда буд ва сохтмони он то соли 450 то мелод давом кард. Харобаҳои шаҳр бо сутунҳои баланд, зинаҳои боҳашамат, ҳайкалҳои гуногуну деворҳои мусаввари сершумор дорад, ки бинандаро ба ҳайрат мегузоранд.

Шаҳр аз рӯйи лоиҳаи ягонаи пешакитаҳияшуда, сохта шуда буд. Дар лоиҳа тамоми шабакаҳои обу қубурҳои обраву обпарто пешбинӣ шуда буд. Масоҳати шаҳр 135000 метр буда, он дар болои таҳкурсии сангин, ки баландиаш 13 метр мебошад, сохта шудааст. Шаҳр девори мудофиавии дуқабата дошт, ки баландиаш 11,5-15 метр ва ғафсиаш 4,5-5,5 метр буд. Ба шаҳр ба воситаи силсилаи зинаҳои баланд медаромаданд.

Калонтарин бинои шаҳр Кохи Хишоёршоҳ буд, ки 72 сутун дошт ва масоҳаташ 60 Х 60метр буд. Дар болои сарсутунҳо ду пораи санг, ки ба сурати сару гардани ду гови нар тарошида шуда пушт ба пушт меистод, қарор гирифта буданд. Аз ду тарафи зинаҳо деворҳои сангини мусаввар ҷойгир буданд. Дар онҳо намояндагони халқҳои гуногуни империя қатор паси якдигар бо либосҳои хоси миллиашон дар ҳоли ба шоҳ туҳфа оварданашон ба шоҳ тасвир шудаанд.

Дар шаҳр қасрҳои боҳашамати Дорои I, Хишоёршоҳ, хазинаи марказии шоҳӣ, толор барои занҳо ва биноҳои дигари истиқоматию хоҷагӣ воқеъ гардида буданд. Девори биноҳо аз хишти хом ва ҷойи дару тирезаҳо аз санг сохта шудаанд. Сохтмони чунин қасру кушкҳои бузургу боҳашаммат бешубҳа

дониши амиқи санъати меъморӣ ва таҷрибаи калони сохтмониро тақозо мекард.[1]

Бештари олимон ақида доранд, ки шоҳони Ҳахоманишӣ дар Тахти Ҷамшед ба таври доимӣ зиндагӣ намекарданд. Ин шаҳри бузург қароргоҳи тобистонаи шоҳон ба шумор мерафт ва аксари ҷашни Наврӯз дар Тахти Ҷамшед бо шаҳомату шукӯҳи хос баргузор мегардид. Ин шаҳр бузургиву қудрати империяи Ҳахоманиширо нишон медод.

Искандари Мақдунӣ барои паст задании ҳашамати Ҳахоманишиён ва нишон додани иқтидор ва ғолибияти худ баъди ишғол кардани Персепол онро ғорат карда, оташ зад.

Шаҳрсозӣ дар қисмати шарқии империяи Ҳахоманишӣ, яъне дар Эрони шарқӣ ва Осиёи Миёна низ инкишоф ёфта буд. Мутаассифона, аз сабаби дур будани ин минтақа аз маркази империяи Ҳахоманишӣ сарчашмаҳои таърихӣ ва муаррихони Юнони қадим дар бораи шаҳрҳои он маълумоти кофӣ надодаанд. Ин камбудиро то андозае маълумоти бостоншиносӣ ҷуброн намудааст.

Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, калонтарин шаҳрҳои ин минтақа Бохтар, Самарқанд ва Марғинон (Марв) буданд. Шаҳри Бохтар қалъа ва девори мудофиавӣ дошта, аз рӯйи ҳафриёти бостоншиносӣ қариб 120 га заминро дар бар мегирифт. Самарқанд низ девори мудофиавӣ ва қалъаи мустаҳкам дошта, масоҳаташ аз 200 га зиёд буд.[2] Марви қадим ба қатори шаҳрҳои калон дохил мешуд. Харобаҳои он бо номи Гяурқалъа маълум аст. Дар қисмати шимолии димнаи он қалъа ҷойгир буд, ки дар болои таҳкурсии баланд сохта шудааст. Маъбад низ дар ҳамин ҷо воқеъ гардида буд. Атрофи шаҳр девори баланд дошт. Дар водии Марв димнаи Язтеппа низ ба ҳамин давра тааллуқ дорад.

Дар баробри шаҳрҳои калони ёдшуда як қатор шаҳрҳои нисбатан хурд низ вуҷуд доштанд. Ба ин шумор Кировпол (Курушката), Хуҷанд. Кӯлоб, Қубодиён, димнаҳои Ширин, Нуртеппа, Байтудашт ва шаҳрҳои дигар дохил мешуданд.

Дар ин ҷо чанд сухан дар бораи шаҳри Кировпол гуфтаниам. Баъд аз дар ҷумҳурии азизамон таъмин шудани сулҳу ваҳдати миллӣ корҳои муҳимеро дар самти боло бурдани худшиносии

---

[1] Дар бораи шаҳрҳои тавсифшуда ниг: *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 243-258; История древнего Востока.– С. 656-690.

[2] История таджикского народа. – С. 214.

миллӣ ва ифтихори ватандорӣ анҷом додем. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002 ҷашни 2500 -солагии шаҳр Истаравшан бо шукӯҳ таҷлил гардид ва меҳмонони зиёде аз дуру наздик ва кишварҳои хориҷа иштирок карданд. Ин шаҳри қадима дар натиҷаи омодагиҳо ба ҷашн симои худро хеле дигар карда, асарҳои зиёди олимон дар ин бора ба табъ расиданд.

Имсол мо барои таҷлили бошукӯҳи яке аз шаҳрҳои машҳури Бохтар ва имрӯзаи Тоҷикистон 2700-солагии Кӯлоб омодагӣ дорем ва ин ҷашн низ барои ободии ин шаҳри бостонӣ ва болоравии ифтихори миллию ватандорӣ нақши муҳим хоҳад бозид.

Ин ҷашнҳо меваи истиқлолияти давлатӣ, мустақилияти халқи моро дар таъйини сарнавишти таърихиаш нишон медиҳанд. Мувофиқи маълумоти муаррихони қадим, Кирополро Куруши Кабир бунёд карда буд. Калимаи юнонии Киропол маънои шаҳри Кир (ё худ Куруш)-ро дорад. Мувофиқи таҳқиқоти забоншиноси маъруф Э. Бенвинист шакли ориёии ин ном Курушката буд, ки маънои шаҳри Курушро дорад. Ба ақидаи аксари олимон, ин шаҳр дар ҳудуди шаҳри Истаравшан (собиқ Ӯротеппа) ҷойгир буд. Аммо вақтҳои охир баъзе олимон дурустии маълумоти муаррихони атиқаро зери шубҳа гузоштаанд. Онҳо муътақиданд, ки қисми якуми ин калима бо номи Кир (Куруш) ягон алоқаманди надошта, аз номи қабилаи маҳаллӣ – Куру гирифта шуда, муаррихони атиқа иштибоҳан ин номро ба Куруш нисбат додаанд. Онҳо таъкид намудаанд, ки Куруш ҳеҷ гоҳ ба ин минтақаи дурдасти Кирополнарафтааст. Чунин фикр чандон боварибахш ба назар намерасад. Мувофиқи маълумоти Ҳеродот, баъди Лидияро гирифтани Куруш дар сари роҳи ӯ якчанд кишварҳои сакоиҳо меистоданд. Яъне ӯ аз ибтидо нияти ба сакоиҳо ҳамла карданро дошт. Ктейсий ва Ксенофонт хабар додаанд, ки Куруш баъди Бохтарро гирифтан ба сакоиҳо ҳуҷум карда, онҳоро мағлуб ва шоҳи онҳо Аморгро асир мегирад. Катибаҳои Дорои I дар кӯҳи Беҳсутун ва Тахти Ҷамшед аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ нияти худро дар бораи тасарруф намудани баъзе кишварҳои сакоиҳо амалӣ карда буд. Дар катибаи Беҳсутун дар қатори кишварҳои тобеи Ҳахоманишиён Сака низ номбар шудааст. Сакоиҳо дар қисми шимолии Осиёи Миёна, дар он тарафи Сирдарё зиндагӣ мекарданд. Аз ин ҷо чунин бар меояд,

ки Сака (яъне Сакистон) гуфта ҳамин минтақаро дар назар доранд.

Доро бар зидди сакоиҳои он тарафи Суғд ҷангида, онҳоро мағлуб кардааст.[1] Маълумоти фавқ гуфтаҳои муаррихони атиқаро дар бораи аз ҷониби Куруш сохта шудани шаҳри Кирополь тасдиқ мекунанд. Ин шаҳр ҳамчун пойгоҳи низомӣ барои ҳимоя кардани сарҳадҳои шарқии империя сохта шуда буд.

Ба ҷуз Кирополь (Курушката) дар ин минтақа боз якчанд шаҳрҳои хурдтар низ вуҷуд доштанд. Яке аз онҳо димнаи Нуртеппа мебошад. Масоҳати он 18 га буда, қалъа ва девори мудофиавӣ дорад. Димнаи Ширин низ ба давраи Ҳахоманишиён мутаалиқ аст.

Шаҳри Хуҷанд низ дар ҳамин давра ба вуҷуд омадааст. Боқимондаҳои он дар зери девори қалъаи Хуҷанд ёфт шудаанд. Он шакли чоркунҷа дошта, 20 гектарро дар бар мегирифт.[2] Дар ноҳияи Панҷ шаҳре вуҷуд дошт, ки масоҳаташ 10 га буда, он девори мудофиавӣ, биноҳои зиёд ва оташгоҳҳои муқаддас доштааст.

Шаҳри дигар дар ноҳияи Қубодиён воқеъ буд, ки харобаҳои он бо номи Қалъаи Мир маъруфанд. Дар Кӯлоб низ асри VII то мелод дар ин замон шаҳр вуҷуд дошт ва нишони он хумдони боҳашамати сафолпазӣ буд. Дар ин бора сафолҳое шаҳодат медиҳанд, ки аз дарун ва атрофи хумдон ёфт шудаанд.

Қалъа ва шаҳрҳо дар дигар вилоятҳои Осиёи Миёна низ вуҷуд доштаанд. Дар Суғд ба ғайр аз Самарқанд (димнаи Афросиёб) димнаи Ёркурғон низ ба давраи Ҳахоманишиён тааллуқ дорад. Ин шаҳр дар водии Қашқадарё ҷойгир буда, қалъа надошт, аммо бо девори мудофиавӣ иҳота шуда буд, масоҳати он 35 га-ро ташкил мекард.

Бостоншиносон дар Хоразм низ якчанд ёдгории ин даврароро кашф намудаанд. Калонтарини онҳо димнаи Калалигир I мебошад. Қалъаи он боҳашамат буда, аз толори сутундор ва ибодатгоҳ иборат буд. Ба ақидаи ҳаффори ин ёдгорӣ Ю.А. Рапопорт, нақшаи он бо Посоргод ва Тахти Ҷамшед шабоҳат дорад. Сарсутунҳои ин ёдгориҳо дар шакли симурғи шохдор ба якдигар хеле монанд мебошанд. Дар Хоразм боз як шаҳри дигар (димнаи Кюзелигир) вуҷуд дошт, ки девори дуқабата ва дар байни он роҳрав дошт.

---

[1] *Довудӣ Д.* Куруши Кабир ва масъалаи бунёди шаҳри Кирополи Истаравшан // Мақоми Истаравшан дар таърих ва тамаддуни Осиёи Марказӣ. Душанбе, 2002. – С. 34-38.

[2] История таджикского народа, 1998. – С. 271-272.

Масоҳати он 1000х500метр буда, девори мудофиавиаш дорои бурҷ будааст. Бинои дигари серҳуҷраи истеҳкомдор дар Хоразм бо масоҳати 2100 метр аз тарафи бостоншиносон кашф гардидааст.

Қисмати шимолии Парфия шаҳре (димнаи Елкентеппа) вуҷуд дошт, ки дорои қалъаи боҳашамат ва девори мудофиавӣ будааст.

Зарфҳои сафолӣ ва дигар ашёву асбоби ёфтшуда дар маҳалҳои дар боло номбаршудаи Бохтар, Суғд, Марғинон ва Хоразм бо як услуб сохта шудаанд. Аз ин ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки дар аксари ин кишварҳои ориёӣ тамаддуни ягона интишор ёфтааст. Дар Чоч ва Фарғона низ як қатор деҳкада ва шаҳракҳои истеҳкомдор мавҷуд буданд. Ҳаҷман онҳо чандон калон набуда,хонаҳои лойин ва заминкан доштанд. Баъзеи онҳо бо девор иҳота шуда буданд. Дар ин ҷо бештар зарфҳои сафолини дастисохт ва қисман чархӣ ёфт шудаанд, ки аз зарфҳои Бохтару Суғд фарқ доранд. Ба қатори ин ёдгориҳо димнаҳои Шаштеппаи Чоч, Эйлатони Фарғона, Шӯрабашати Ош ва ғайра дохил мешаванд. Баробари ёдгориҳои номбаршуда дар Осиёи Миёна шаҳру шаҳрак, қалъа деҳкадаҳои истеҳкомдору беистеҳком зиёд буданд ва харобаҳои онҳо ҳанӯз мавриди таҳқиқи бостоншиносон қарор нагирифтаанд. Дар Помири шарқӣ як қатор гӯристонҳои ин замон аз ҷониби бостоншиносон кофта шуданд. Зарфҳо ва ашёҳои гуногуни дар онҳо ёфтшуда, дар бораи фарҳанги моддӣ ва расму оини аҳолии ин минтақа маълумоти ҷолиб медиҳанд.

Дар бораи санъати бошукӯҳи тасвири Ҳахоманишиён нигораҳои барҷастаи девори Тахти Ҷамшед, Посоргод, Шуш ва гӯристони кӯҳии шоҳаншоҳон маълумот медиҳанд. Ин тасвирҳо, пеш аз ҳама, бо миқдору ҳаҷму ҳашамат, услуби хосу такрорнашаванда ва дақиқии инъикоси воқеъият бинандаро ба ҳайрат мегузоранд. Дар онҳо асосан саҳнаҳои туҳфасупорӣ ба шоҳ, ҷанги шоҳ бо шер ва дигар ҳайвонҳои воқеиву асотирӣ, ҷанговарони форсу мод, гардунаҳои дучархаи ҷангӣ, маросимҳои гуногуни дарборӣ бо иштироки шоҳ ва ашрофону мансабдорон, ташрифи намояндагони халқҳои тобеъ ба дарбор ва мисли онҳо тасвир шудаанд. Тасвирҳои барҷастаи деворҳои паҳлуи толори ташрифотии шоҳ дар Тахти Ҷамшед боҳашамат, муассир ва диққати бинандаро ба худ ҷалб мекунанд. Дар он қатори дурударози ҷанговарони форс, сафирони сатрапҳои қаламрави шоҳ бо туҳфаҳо бо инъикоси тамоми ҷузъиёти сарулибос, яроқу аслиҳа, бо сабки ягона тасвир шудаанд. Суратҳо саҳнаҳои зиндаеро

мемонанд, ки як лаҳза аз ҳаракат бозмондаанд. Якрангӣ ва такроршавии суратҳо ҳашамати онҳоро боз ҳам афзудаанд.

Дар Тахти Ҷамшед сабки шоҳии санъати боҳашамати тасвирии Ҳахоманишиён ташаккул ёфта, ба меъёри умумӣ барои тамоми империя табдил ёфта, он дар тамоми гӯшаву канори империяи паҳновар мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар офаридани ин сабку услуб форсҳо аз таҷрибаи пешиниёнашон – модҳо ва дигар халқҳои ҳамсоя ба мисли Бобулу Ошур ба таври фаровон ва эҷодкорона истифода бурданд. Дар натиҷа ба онҳо муяссар шуд, ки як санъати тасвирии боҳашамати навро, яъне ҳахоманиширо ба вуҷуд оранд, ки ҳамто надошт. Ин сабк то дараҷае дар байни ориёиҳо ва дигар халқҳои ҳамҷавор интишор ёфт, ки намунаҳои он дар гӯрхонаҳои Пазирики ориёиҳои Олтой низ ёфт шудаанд.[1]

Дар нигораҳои рӯйи девори гӯрхонаҳои шоҳони ҳахоманишӣ саҳнаҳои пирӯзии онҳо дар ҷангҳо ва маросимҳои гуногуни дарборӣ бо иштироки шоҳ тасвир шудаанд. Суратҳо тасвири матни катибаҳое мебошанд, ки дар паҳлуи онҳо воқеъанд. Яке аз намунаҳои барҷастаи ин ёдгориҳо мусаввара ва катибаи Дорои I дар кӯҳи Беҳсутун мебошад. Баландии мусаввара 3 метр буда, одамон дар он дар ҳаҷми табииашон тасвир шудаанд. Аз ҳама боло пайкари Аҳуромаздо бо болҳои кушода дар халқаи офтоб тасвир шудааст. Дар зер Доро ва дигар иштирокчиёни саҳна наққошӣ шудаанд. Аҳуромаздо бо як дасташ тоҷи рамзӣ – халқаи ҳокимияти шоҳиро ба Доро дароз кардааст ва дасти дигарашро боло бардошта, ба ӯ дуои хайр додаст. Доро дасти росташро барои сачда ба Аҳуромаздо боло бардошта, дар дасти чапаш камон дорад. Дар қафои ӯ ду дарборӣ ва дар пеш дар зери пояш Гуаматаи сарнагуншуда ва баъди ӯ нуҳ шоҳи исёнгари мағлуб тасвир шудаанд. Асирон бо як занҷири дароз гарданбанд карда шудаанд.[2]

Пайкари одамон, сарулибос ва дигар нишонаҳои хоси онҳо чунон дақиқ тасвир шудаанд, ки муҳаққиқон шахсияти ду ашрофи дар пушти Доро истодаро муайян кардаанд. Яке аз онҳо найзабардор Гобрий ва дигараш камонвар Аспатин мебошад, ки сардори ин қисмҳои лашкари шоҳӣ буданд.

---

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С. 260.

[2] *Дандамаев М.А.* Политическая экономическая и культурная история Ирана Ахеменидского периода. М., 1979. – С. 99-100.

Санъати зарфсозӣ аз тилло ва нуқра хеле тараққӣ карда буд. Ин гуна зарфҳо зимни кофтуков аз Эрон ва Осиёи Миёна (Хазинаи Амударё) ёфт шудаанд. Махсусан ҷомҳои (ритон) тиллоӣ ва нуқрагини ҳахоманишӣ, ки дар Эрмитаж, Осорхонаи Метрополитени ИМА ва Музейи Британия маҳфузанд, ҷолиби диққат мебошанд. Қисми поёнии ин ҷомҳо бо суратҳои гуногун – сари шер, симурғи асотирӣ оро дода шудаанд. Ин ҷомҳо моҳирона сохта шуда, намунаи барҷастаи санъати тасвирии амалӣ мебошанд. Онҳо бо сабку услуби ягонаи хоси ҳахоманишӣ сохта шудаанд.[1]

Зарфҳои тиллоӣ ва нуқрагини ҳахоманишӣ дар таркиби хазинаи Амударё низ мавҷуданд. Яке аз онҳо кӯзаи тиллоӣ мебошад. Устои қадим нӯги дастаро бо лаби кӯза бо тахайюлоти хеле ҷолибу муассир пайваст кардааст. Нӯги даста дар шакли сари шер, ки лаби кӯзаро газидааст, сохта шудааст. [2]Дар хазинаи Амударё дастаи нуқрагини зарфе ҳаст, ки дар шакли бузи кӯҳӣ сохта шудааст. Дар Эрмитаж дастаи ба ҳамин шакли оҳуи холдор монанд мавҷуд аст.

Муҳрҳои найчашакли ҳахоманишӣ низ осори муҳими санъати тасвирии амалӣ мебошанд. Дар онҳо тасвирҳои анъанавӣ – шоҳ дар назди оташдони муқаддас, ҷанги шоҳ бо девон, муборизаи қувваҳои бадӣ ва некӣ дар шакли ҳайвонҳо кашида шудаанд. Дар хазинаи Амударё муҳр – ангуштаринҳое ҳастанд, ки дар онҳо Анаҳито, шербарзагови болдор, барзагови дусара, гавазн, шер ва мисли инхо тасвир шудаанд.

Дар хазинаи Амударё 200 ашёи тиллоӣ ва нуқрагин мавҷуд аст. Дар байни онҳо нусхаи хурди гардунаи тиллоии дучархаи чораспа, ки дар болояш ду нафар ашроф гардунасавор нишастааст, хеле ҷолиб ба назар мерасад.

Дар хазинаи Амударё ашёи гуногун, аз ҷумла ҳайкалчаҳои одамон, ҳайвонҳои муқаддас, косаҳои мунаққашу мусаввар, тугмачаҳои мусаввар, бо тасвири Аҳуромаздо, варақаҳои тиллоӣ бо тасвири мубадони зардуштӣ, муҳрангуштаринҳои мусаввар, дастмонаҳои нӯгашон шакли сари мор, шер ва дигар ҳайвонҳо мавҷуданд. Ҳамаи онҳо осори санъати тасвирии амалии ҳахоманишӣ буда, бо маҳорати баланд сохта шудаанд ва дар бораи ин соҳаи санъат ва умуман дар бораи таърих, фарҳанг, маънавиёти ориёиҳо маълумоти ҷолиб ва гуногун медиҳанд. Хазинаи мазкур

---

[1] *Дандамаев М.А., Луконин В.Г.* Культура и экономика древнего Ирана. – С.261, 412, 414.
[2] *Е.В. Зеймел.* Амударьинский клад. Каталог выставки. Л., 1979, №17.

соли 1877 дар Қубодиён ёфт шуда буд ва ба воситаи тоҷирони Бухоро ба Ҳиндустон ва аз он ҷо ба воситаи маъмурони англис ба Лондон интиқол дода шуд ва ҳоло дар Музейи Британия маҳфуз аст.

Ҳахоманишиҳо бо истинод ба фарҳангу тамаддуни қадимаи ориёии худ ва истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи тамаддунҳои ҳамсоя санъату фарҳанги сифатан наверо ба вуҷуд оварданд, ки зиёда аз 200 сол дар қисми калони қитъаи Осиё ҳамчун дастоварди муҳим роиҷ буд ва ин тамаддуни худро ба ворисони худ мерос гузоштанд.

4. ДАВЛАТИ ПАРФИЯ (ПОРТҲО) ВА ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Вилояти Парфия дар ҷанубу шарқии баҳри Каспий дар ҳавзаи дарёи Таҷан воқеъ буда, дар ғарб он бо вилояти Гиркония (Гургони асрҳои миёна) ва дар шарқ ба Марғиён (Марв) ҳамсарҳад буд. Пойтахташ шаҳри Нисо аст, ки харобаҳои он дар масофаи 18 км дуртар аз шаҳри Ашқобод ҷойгиранд.

Ҳамчун воҳиди алоҳидаи маъмурӣ Парфия ҳанӯз дар асрҳои VIII-VII то мелод вуҷуд дошта ва ба ҳайати давлати Мод дохил мешуд. Аҳолии он ориёӣ буданд.

Юнониён ин вилоятро Парфиёна ё Парфия меномиданд. Шакли ориёии номи ин вилоят Парса аз номи яке аз ноҳияҳои боқимонда гирифта шуда, бо номи вилояти Порс (Форс), ки дар ҷанубу ғарбии Эрон ҷойгир аст, якхела ва ҳамнаво мебошад. Мутаассифона, олимони машғули ин мавзӯъ оид ба як будани номи ин ду вилоят чизе нагуфтаанд. Маъмулан номҳои ҷуғрофӣ дар баъзе маврид такрор мешаванд ва ин ҳодиса ғайриодӣ ба назар намерасад. Гузашта аз ин, ҳам порсҳо (форсҳо) ва ҳам парфиён ориёӣ буданд ва яксонии номи маҳалҳои мазкур чандон тааҷҷубовар нест. Аз ҷониби дигар, шояд пайдоиши номи Парса (Парфия) дар ҷанубу ғарбии Осиёи Миёна бо масири ҳаракати халқҳои ориёӣ, аз ҷумла, форсҳо аз ин минтақа ба ғарби Эрон алоқаманд бошад. Яъне порсҳо (форсҳо) пеш аз ба Эрони ғарбӣ рафтан (тақрибан дар ҳудуди асрҳои X-IX то мелод ё аз ин ҳам барвақттар) як муддат (шояд тӯлонӣ) дар ин минтақа зиндагӣ кардаанд ва номи худро ба он додаанд. Ин ном дар ин ҷо баъди

рафтани порсҳо (форсҳо) низ боқӣ монд ва юнониён онро Парафия ё Парфиёна (аз калимаи Парса ва Порсиён) талаффуз мекарданд. Парфия дар давраи Ҳахоманишиён низ вуҷуд дошт ва дар қатори Суғду Хоразм ба ҳайати хшатрапанаи XVI дохил мешуд. Минбаъд ин вилоят ҷузъи империяи Искандари Мақдунӣ ва давлати Селевкиён шуд.

Дар бораи таърихи давлати Парфия, аз он ҷумла ташкилшавии он муаррихони қадими Юнону Рум–Помпей Трог Страбон, Юстиниан, Плутарх, Арриан ва дигарон маълумот додаанд. Мутаассифона, маълумоти онҳо хеле кӯтоҳ, пароканда, норавшан ва дар баъзе маврид хилофи якдигар мебошанд. Дар ин бора ҳамчунин дар сарчашмахои яҳудӣ (аз ҷумла Талмуд), шомӣ (суриягӣ), хитоӣ, арманӣ ва ғайра баъзе маълумотҳо омадаанд. Ҳуҷҷатҳои портии аз харобаҳои шаҳри Нисо ёфтшуда, сиккаҳо ва маводи бостоншиносӣ низ дар омӯзиши ин масъала аҳамияти хосса доранд.

Дар миёнаҳои асри III то мелод мавқеи Селевкиён, ки дар ғарби кишварашон ба якчанд мағлубият дучор шуда буданд, хеле суст гардид. Аз вазъияти ба амаломада вилоятҳои шарқӣ истифода бурда, аз ҳайати давлати Селевкиён баромада, худро мустақил эълон карданд. Ба қавли Помпей Трог, аввал шоҳи Парфия Андрагор ва баъд шоҳи Бохтар Диодот аз тобеияти Селевкиён баромаданд.[1] Дар ҳақиқат бостоншиносон ду намуд сиккаҳои нукрагине пайдо намуданд, ки дар онҳо номи Андрагор навишта шудааст. Маълум аст, ки аз номи худ баровардани сикка аломати муҳими истиқлолияти давлатӣ ба шумор мерафт. Агар Андрагори Помпей Трог ёдкарда ва Андрагори сиккаҳо як шахс бошанд, пас дар давраи ин ҳоким мустақил шудани Парфия собит мегардад. Дар бораи як шахс будани онҳо ва ба Парфия тааллуқ доштани сиккаҳои номбаршуда шубҳаи ҷиддие вуҷуд надорад. Бояд ёдовар шуд, ки якчанд сиккаи Андрагор дар таркиби хазинаи Амударё ҳузур дорад. Вале сиккашиносон қайд кардаанд, ки дар сиккаҳо номи Андрагор бе унвони «басилевс» (шоҳ) зарб шудааст. Шояд дар ин маврид фақат баровардани сикка бо номи худ ҳамчун аломати истиқлолияти давлатӣ муҳим буд ва Андрагор ба сабаби ҳанӯз қудрат наёфтанаш унвони «шоҳ»-ро дар сикка зарб накарда буд. Ин масъала таҳқиқи бештари мутахассисонро тақозо мекунад.

---

[1] *Колледж М.* Парфяне. М., 2004. – С. 11-15.

Агар ахбори Арриан дуруст бошад, Андрагор такаббури зиёд дошт, нисбат ба аҳолии маҳаллӣ ва пеш аз ҳама, ба ашрофон сиёсати золимонаро пеш гирифта буд. Ин амалҳои ӯ сабаби сар задании шӯриши халқӣ бар зидди мақдуниҳо гардид. Ба шӯриш пешвоёни қабилаи парнҳо Аршак ва бародари ӯ Тиридат роҳбарӣ мекарданд. Парнҳо дар сарҳади шимолии Парфия зиндагӣ карда, ба иттиҳоди се қабилаи начандон калони дахиҳо дохил мешуданд.

Эҳтимол шӯриш ногаҳонӣ набуда, пешакӣ ба нақша гирифта шуда буд. Ашрофону аҳолии маҳаллӣ аз ҳукмронии юнониён норозӣ буда, барои аз зулми онхо халос шудан фурсати муносиб меҷустанд. Чунин фурсат вақте фаро расид, ки Селевки II дар муҳориба бо галлҳо дар Осиёи Хурд шикаст хӯрд. Помпей Трог менависад, ки Аршак баъди шунидани ин хабар ба Парфия зада даромада, Андрагорро ба қатл расонд ва ҳокимиятро ба даст гирифт. Дар бораи дар кадом сол аз Селевкиён ҷудо шудани Парфия дар байни олимон фикрҳои гуногун вуҷуд доранд. Асосан се сана 256, 250, 247 то мелод.[1] номбар шуда, вале то имрӯз ҳеҷ кадом аз он тарафи умум эътироф нашудааст. Бо вуҷуди ин бештари олимон санаи 250 ё 247-ро дуруст мешуморанд. Ҳамчунин маълум нест, ки Андрагор баъди чанд соли Парфияро мустақил эълон карданаш аз ҷониби Аршак сарнагун карда шуд. Дар бисёр таҳқиқотҳо ин масъала сарфи назар карда шудааст. Муаррихони атиқа низ дар ин бора лаб фурӯ бастаанд. Чунин ба назар мерасад, ки дар байни ин ду ҳодиса вақти зиёд нагузашта буд. М.Колеҷ ин ҳодисаро аввал ба соли 247 то мелод, сипас ба соли 238 то мелод нисбат додааст[2].

Дар ҳар сурат дар натиҷаи шӯриши парфияиҳо ё худ портҳо ва парнҳо ба ҳукмронии 80-солаи юнониҳо ва мақдуниҳо дар ин минтақа хотима дода шуд ва аввалин сулолаи тоҷикӣ-эронӣ ё худ ориёӣ бад аз истилои Искандари Мақдунӣ ва давраи ҳеллинизм дар Осиёи Миёнаву Эрон ба сари қудрат омад.

Селевкиён солҳои 246-239 то мелод барои аз мисриён озод кардани кишварашон ҷанг мекарданд ва аз ин рӯ, имконият надоштанд, ки бар зидди Аршак ягон чораи қатъӣ бубинанд. Аз ин истифода бурда, Аршакиён ҳокимияти худро мустаҳкам карда, вилояти ҳамсоя – Гирконияро забт карда ба давлати худ ҳамроҳ намуданд. Ин вилоят нисбат ба Парфия хеле бойтар буд ва акнун

[1] История таджикского народа. – Т.I. – С. 291.
[2] *Колледж М.* Парфяне. – С.19.

Аршакиён метавонистанд боигарии онро барои мустаҳкам кардани артиши худ истифода баранд. Аз ҷониби дигар бо гирифтани ин вилоят роҳ ба самти Эрони ғарбӣ ва Байнаннаҳрайн кушода шуд.

Аршакиён 473 сол ҳукмронӣ карданд. Аз ин муддат беш аз 100 солашро дар мубориза бо Селевкиён барои ба даст даровардани Эрон гузаронданд. Баъди бастани сулҳ бо Птоломей ва анҷом ёфтани ҷанги чандинсола бо мисриён Селевки II солҳои 238-237 то мелод ба шарқ лашкар кашида, ба Парфия ҳамла кард. Рух додани ин ҳодисаро муаррихон ба солҳои дигар (230-227,227 то мелод) низ нисбат додаанд. Мақсади Селевки II барқарор кардани ҳокимияти Селевкиён дар ин минтақа буд. Дар ин вақт дар Парфия, бародари Аршак Тиридат ҳукмронӣ мекард. Ӯ бисёр кӯшиш кард, ки ҳамлаи Селевки II-ро гардонад, аммо ба ин муваффақ нашуд. Барои аз пурра торумор шудан нигоҳ доштани лашкари худ, ӯ ба шимоли Парфия ба сарзамини қабилаҳои апасиакҳо қафо нишаст. Вай дар он ҷо қувваи нав ҷамъ карда, лашкари худро мустаҳкам намуд. Ин имконият дод, ки ӯ дар муҳорибаҳои баъдӣ бар Селевки II ғалаба кунад. Дар ҳамин вақт дар Сурия шӯришҳо сар заданд ва Селевки II маҷбур шуд ҷангро бо Парфия қатъ карда, барои фурӯ нишондани шӯришҳо ба он ҷо баргардад. Дар бораи ҳамлаи Селевки II ба Парфия Юстин хабар додааст.[1]

Баъди ин ҳодиса маросими тантанавии ба тахт нишастани Тирадат баргузор шуд. Маросим дар оташкадаи шаҳри Асаак гузаронда шуд. Дар вақти ҳукмронии Тиридат пойтахт ба шаҳри Ҳекатомпил, ки дар ҷанубу шарқи баҳри Каспий ҷойгир буд, кӯчонда шуд. Баъди марги Тиридат (соли 211 то мелод) Артабони I (солҳои 211-196 то мелод) ба тахт нишаст. Дар вақти ҳукмронии ӯ портҳо ҳудуди давлати худро дар самти ғарб васеъ карда, пойтахти Мод шаҳри Ҳангматанаро ишғол намуданд. Аммо ҳукмронии Арбатони I дар ин ҷо дер давом накард. Соли 209 то мелод Антиохи III, ба шарқ лашкар кашида, Ҳангматанаро ишғол намуд. Арбатони I, ба пойтахташ қафо нишаст. Антиохи III ҳуҷуми худро идома дода, Гиркония ва шаҳри Ҳекатомпилро низ ишғол кард. Артабони I маҷбур шуд ҳокимияти олии Селевкиёнро ба расмият шиносад.

---

[1] История Ирана, 1977. – С. 90; История таджикского народа. Т.I. – С. 297-299.

Яке аз марҳилаҳои муҳими таърихи Парфия ба номи шоҳ Митридат (Меҳрдод – солҳои 173-138 то мелод) алоқаманд мебошад. Помпей Трог ӯро «шахси фавқулода ҷасур…» номидааст. Маҳз дар давраи ӯ ҳудуди давлати Парфия ба шарқ ва махсусан ба ғарб тавсеа пайдо кард.

Ӯ аввал ба Бохтар ҳуҷум карда, Марврро ишғол намуд. Баъд солҳои 148-147 то мелод ба ғарб лашкар кашида, Модро ба тассаруфи худ даровард. Тасхири Мод роҳро ба ҷанубу ғарби Эрон ва Байнаннаҳрайн кушод. Селевкиён ки пеш аз он дар ҷанг бо птоломейҳо ва дар Осиёи Хурд шикаст хӯрда буданд, хеле сусту заиф шуда, иқтидори бар зидди портҳо баромаданро надоштанд. Як қатор вилоятҳо – Илом, Порс, Харакена аз итоати онҳо баромада буданд.[1] Ин харачу марач ва парокандагӣ ба фоидаи портҳо буд. Онхо лашкари калон ҷамъоварӣ намуда, нисбат ба рақибони худ бартарии ҳарбӣ пайдо карданд. Селевкиён ва на вилоятҳои аз итоати онҳо баромада, қобилияти ба портҳо муқобилият нишон доданро надоштанд.

Баъди Модро ишғол кардан Меҳрдоди I унвони «Подшоҳи Бузург»-ро гирифт. Соли 141 то мелод ӯ ба Байнаннаҳрайн ҳуҷум карда, аввал калонтарин шаҳри ин минтақа Селевкияи соҳили Дақла, сипас шаҳри Шушро ишғол кард. Ин ғалабаи муҳими портҳо буд. Онҳо тамоми Эронро аз юнониёну – мақдуниҳо озод карда, як давлати пурқуввату паҳновари ориёиҳоро ташкил карданд. Парфия дар қатори Рум нерумандтарин давлати он давру замон ба шумор мерафт.

Селевкиён бо вуҷуди хеле заиф шуданашон ҳанӯз ҳам умед доштанд, ки вилоятҳои шарқиро баргардонда гиранд. Соли 140 то мелод бо дастгирии юнониёни маҳаллӣ шоҳи Селевкиён Деметрий II бар зидди парфиягиҳо ба ҷанг баромад. Ӯ аввал якчанд ғалаба ба даст даровард. Аммо, вақте ки Меҳрдоди I қувваҳои асосии артиши худро ба кор андохт, Деметрий II тоб наоварда, шикаст хӯрд ва портҳо ҳокимияти худро аз нав дар тамоми Эрони ғарбӣ ва Байнаннаҳрайн ҷорӣ намуданд.

Хизмати Меҳрдоди I дар назди портҳо ва умуман халқҳои ориёӣ хеле бузург буд. Ӯ Парфияро аз вилояти начандон калон ба як давлати паҳновару пурқувват, ки аз сарҳади Бохтар то Байнаннаҳрайнро дар бар мегирифт, табдил дод. Баъди истилои юнониёну мақдуниҳо ин муҳимтарин ғалабаи халқҳои ориёӣ буд.

[1] История Ирана, 1977. – С. 90-91.

Аршак портҳоро аз асорати юнониён озод кард ва Меҳрдоди I онҳоро ба ҳукмрони як минтақаи калон табдил дод.

Ба назар чунин мерасад, ки Селевкиён дигар қудрати баргардонда гирифтани вилоятҳои шарқии худро надоштанд. Чунки онҳо тамоми вилоятҳои худро аз даст дода, танҳо дар Сурия ҳукмронӣ мекарданд ва бо кашмакашиҳои дарборӣ машғул буданд. Аммо ба ин вазъияти мураккаб ва барои Селевкиён ногувор нигоҳ накарда, Антиохи VII лашкари калон ҷамъ намуда, соли 131 то мелод ба Парфия ҳуҷум намуд. Юнониёни ин минтақа ба умеди аз нав барқарор кардани ҳокимияти худ ӯро ҳамаҷониба дастгирӣ карданд ва ба лашкари ӯ ҳамроҳ шуданд. Подшоҳи Парфия дар ин солҳо Фарҳоди II (Фраати II солҳои 138-128 то мелод) буд. Дар се муҳорибаи пайдарпай Антиохи VII ғалаба ба даст овард. Ӯ аввал Бобул, баъд Модро ишғол карда, ба ҳудуди Парфия дохил шуд. Барои зимистонгузаронӣ Антиохи VII сарбозони худро дар вилояти Парфия ҷойгир кард. Портҳо мисли ҳамеша ба тарафи шимол ба назди қабилаҳои саҳронишини ориёӣ қафо нишастанд ва фурсати муносибро барои ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаштан интизор буданд. Чунин фурсат ба зудӣ фаро расид. Сарбозони дар вилояти Парфия гузошташуда, аҳолии маҳаллиро зулм ва талаву тороҷ мекарданд. Ин амалҳо норозигии мардумро ба вуҷуд оварда буд. Аз ин истифода бурда, Фарҳоди II ба воситаи гумоштагони худ аҳолиро барои шӯриш бардоштан бар зидди сарбозони Антиохи VII шӯронид.

Шӯриш сар зад ва пойгоҳҳои низомии юнониён муҳосира карда шуд. Антиохи VII бо дастаи худ ба ёрии низомиёни юнонӣ омад. Аммо дар муҳориба ба қувваҳои асосии портҳо шикасти сахт хӯрда, ҳалок шуд.

Лашкари Парфия аз нав Бобулро ишғол намуд. Роҳ ба сӯйи Сурия кушода шуда буд. Селевкиён дигар маҷоли муқобилият нишон додан надоштанд. Охирон умеди юнониён Бобул ва Байнаннаҳрайн, ки мехостанд ба воситаи лашкари Антиохи VII ҳокимияти аз даст рафтаи худро дар минтақа барқарор кунанд, барбод рафт.

Бо ҳамин ҷанге, ки 129 сол дар байни Селевкиён ва Парфия давом дошт, бо ғалабаи пурраи портҳо ба анҷом расид. Давлати Селевкиён, ки вориси империяи ҷаҳонии Искандари Мақдунӣ дар шарқ буда, тамоми Байнаннаҳрайн, Эрон ва Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт, аз арсаи таърих нопадид шуд. Соли 130 румиҳо

охирин мулки Селевкиён Сурияи шимолиро ишғол карданд. Қисми асосии давлати Селевкиён – Эрон ва Байнаннаҳрайн ба давлати Парфия ҳамроҳ карда шуданд. Боз дар ин минтақа мисли давраи Модҳо ва Ҳахоманишиён ориёиҳо дар симои портҳо ҳукмрон гаштанд.

Фарҳоди II ният дошт ба Сурия ҳамла намояд. Аммо вазъият дар шарқи мамлакат муташанниҷ гардид ва ӯ маҷбур шуд бо лашкараш ба он ҷо раҳсипор шавад. Дар ҳамин солҳо дар Осиёи Марказӣ ҳаракати бузурги қабилаҳои кӯчманчӣ ҷараён дошт. Дар натиҷаи ин ҳодиса мавҷҳои калони кӯчманчиён ба Осиёи Миёна рахт бастанд. Яке аз мавҷҳои ин ҳаракат дар шахси тохарҳо (юэҷҳо) давлати Юнонию Бохтариро аз байн бурд. Дар сарҳади шимолии Парфия сакоиҳо пайдо шуданд. Юстин (XII 1,1-3) нақлеро меорад, ки мувофиқи он Фарҳоди II барои мубориза бар зидди Антиохи VII сакоиҳоро ба ёрӣ даъват мекунад. Аммо онҳо вақте меоянд, ки муҳориба аллакай ба фоидаи портҳо ба анҷом расида буд. Сакоиҳо мувофиқи қарордоди пешакӣ ҳаққи худро талаб мекунанд. Вале портҳо онҳоро дар қасдан дер мондан айбдор карда, ҳақ намедиҳанд. Сакоиҳо ба ғазаб омада, якбора аз иттифоқчӣ ба душман табдил ёфтанд ва сарзаминҳои Парфияро ғорат карданд. Фарҳод барои пешгири кардани ин тороҷгариҳо ба сакоиҳо ҳамла кард. Дар ҳайати лашкари ӯ ҷанговарони зархариди юнонӣ буданд. Юстин онҳоро асирони дар ҷанги Антиохи VII ба дасти Фарход афтода медонад. Дар ҳар сурат юнониён вақте аз ғалабаи сакоиҳо пай бурданд, ба тарафи онҳо гузашта, бар зидди портҳо ба ҷанг шурӯъ намуданд.

Дар ин задухӯрд портҳо шикаст хӯрданд ва шоҳи онҳо Фарҳоди II ҳалок гардид. Агар гуфтаи Иоанни Антиохи дуруст бошад, баъди ин муҳориба дар давоми чандин сол то ба тахт нишастани Меҳрдоди II портҳо маҷбур буданд, ки ба сакоиҳо ҳар сол боҷ (ё товони ҷанг) супоранд. Мувофиқи маълумоти Юстин, «скифҳо» (ё худ сакоиҳо) баъди ин муҳориба шаҳру деҳоти Парфияро ғорат карда, ба ҷойи зисти худ баргаштанд.[1]

Аз маълумоти Юстин чунин бармеояд, ки ин ҳодисаҳо дар ҳудуди Парфия ва ноҳияҳои назди он рух додаанд. Аммо дақиқ маълум нест, ки сакоиҳои дар ин ҳодисаҳо иштирок карда дар он солҳо оё дар ноҳияҳои сарҳадии шимоли Парфия ё ҷануби он зиндагӣ мекардаанд? Ҳодисаҳое, ки баъдтар, дар давраи

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С.128-129.

Меҳрдоди II, байни ӯ ва сакоиҳо рух доданд аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо дар ноҳияҳои сарҳадии ҷануби Парфия зиндагӣ кардаанд ва аллакай дар ҳамон солҳо вилояти Дрангианаро ишғол карда буданд ва он минбаъд номи Сакистон (Сиистони асримиёнагӣ)-ро гирифт. Чӣ тавр ба ин вилоят омадани онҳо маълум нест.

Агар дар назар дошта бошем, ки Фарҳоди II онҳоро барои ёрӣ дар ҷанг бар зидди Антиохи VII даъват карда буд, пас онҳо иттифоқчӣ буданд. Аз ин ҷо фарз кардан мумкин аст, ки ин сакоиҳо аз ноҳияҳои шимоли Парфия бо розигии шоҳони он ба ноҳияҳои ҷануб сокин шуданд. Шояд онҳо дар ҷангҳои пеш аз ин бо Селевкиён рухдода, ба парфиягиҳо ёрӣ дода буданд ва ҳамчун подоши хизмат иҷозат гирифта буданд, ки дар ноҳияҳои номбаршудаи ҷануб сокин шаванд.

Баъди марги Фарҳоди II амакаш Артабони II (солҳои 128-123 то мелод) ба тахт нишаст. Тохарҳо, ки тақрибан дар солҳои 130-юм Бохтарро ишғол карда буданд, Марв ва Ареяро (Ҳироти асримиёнагӣ), ки дар дасти Парфия буданд, низ ба тасарруфи худ даровардаанд. Артабони II кӯшиш кард, ки сакоиҳоро саркӯб карда, вилоятҳои шарқиро аз дасти тохарҳо (юэҷҳо) кашида гирад. Аммо аз маълумоти кӯтоҳ ва парокандаи муаррихони қадим чунин бармеояд, ки ӯ пурра ба ин мақсади худ нарасид. Ба қавли Юстин (XL 11, 2,1), ӯ дар яке аз муҳорибаҳо бо қабилаи тохархо аз дасташ яродор шуд ва дере нагузашта вафот кард. Баъди ӯ писараш Меҳрдоди II солҳои 123-87 то мелод) подшоҳ шуд.[1]

Меҳрдоди II шахси болаёқат ва ҷасур буд. Дар давраи ҳукмронии ӯ давлати Парфия хеле пурзӯру тавоно гашт. Беҳуда нест, ки ҳамзамононаш ба ӯ лақаби «Бузург»-ро дода буданд. Ӯ ҳам дар шарқ ва ҳам дар ғарб мавзеъҳоеро, ки портҳо аз даст дода буданд, аз нав барқарор кард. Дар ғарб вилояти Харакена қувват гирифта, нуфузи худро ба шимоли Байнаннаҳрайн густариш дод ва нияти ишғол кардани онро дошт.

Ба Меҳрдод муяссар шуд, ки Харакенаро ба зери итоати худ дарорад. Ӯ Бобулро аз нав ишғол карда, шаҳри Дура Европосро низ гирифт. Ба Арманистон ҳуҷум карда, шоҳи он Артаваздро

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 129.

шикаст дод ва писари ӯро гаравгон гирифт.[1] Бо ин амалҳо ӯ нуфуз ва ҳокимияти Парфияро дар ин минтақа пурра барқарор кард.

Дар шарқи кишвар низ ӯ муваффақиятҳои назаррас ба даст даровард. Юстин (XL 11, 1,5) хабар додааст, ки «ӯ чанд бор бар зидди скифҳо (сакоиҳо) ҷангида ғолиб омад». Дар натиҷаи ин ҷангҳо сакоиҳо дар Арахозия ва Дрангиана (Сакистон – Сиистони минбаъда) қарор гирифта, тохтутозро ба ноҳияҳои Парфия қатъ карданд ва ҳокимити олии Меҳрдодро эътироф намуданд.

Ба ин шоҳ муяссар гашт, ки вилоятҳои Арея (Ҳирот), Парсу (дар ҷануби Парфия) ва Марврo аз нав ишғол намуда, ба давлати худ ҳамроҳ намояд. Ин дастовардҳо мавқеи Парфияро дар ин минтақа мустаҳкам карданд. Соли 94 то мелод шоҳи Арманистон вафот кард. Аз ин вазъият истифода бурда, Меҳрдоди II писари Артавазд Тиграни II-ро, ки чун гаравгон дар асорати ӯ буд, ба тахти Арманистон нишонд. Дар натиҷаи чунин амал нуфузи Парфия дар Қафқоз ва Осиёи Хурд баланд шуд.[2]

Дар омади сухан бояд гӯям, ки номи шоҳи Арманистон Артавазд номи Ориёӣ аст. Яъне ин сулола ориёӣ буд. Тавре ки дар бобҳои гузашта гуфта гузаштем, Арманистон ҳанӯз дар давраи модҳо ба ҳайати давлати онҳо бо номи шоҳии Урарту дохил мешуд ва дар он ҷо сулолаҳои ориёии модӣ ва баъди онҳо ориёии ҳахоманишӣ ҳукмронӣ мекарданд. Тавре ки поёнтар хоҳем дид, ҳукмронии ориёиҳо дар симои шаҳзодаҳои портӣ дар ин кишвар боз чандин садсолаҳо идома пайдо кард.

Мақому мартабаи баланди Меҳрдоди II дар унвони ӯ низ инъикос ёфта буд. Дар байни шоҳони Парфия ӯ якумин шуда, дар пайравӣ ба Ҳахоманишиён унвони «шоҳаншоҳ» («шоҳи шоҳон»)-ро гирифт ва бо ин унвон сикка зарб кард.

Аз соли 92 то мелод дар таърихи Парфия марҳилаи нав оғоз меёбад. Ин марҳила бо вусъат пайдо кардани нуфузи Рум ба Шарқ алоқаманд мебошад. Дар соли зикршуда бори нахуст Рум бо Парфия рӯ ба рӯ шуд. Сафорати портҳо дар соҳили Фурот бо сарлашкари машҳури румӣ Сулла гуфтушунид намуд. Натиҷаҳои ин гуфтушунид маълум нестанд, аммо аз рафти ҳодисаҳои баъдина ба хулосае омадан мумкин аст, ки Рум мехост пеши роҳи иттифоқ бастани шоҳи Понт ва Арманистонро бо Парфия гирад. Эҳтимол натиҷаи ҳамин гуфтушунид буд, ки Меҳрдоди II ба

[1] *Колледж М.* Парфяне. – С. 26.
[2] История таджикского народа. Т.I. 1963. – С. 362.

шоҳони Понт ва Арманистон дар муборизаашон бар зидди Рум дар Осиёи Хурд ёрӣ нарасонд. Шояд дар ин гуфтушунид дар бораи сарҳади байни ин ду давлат муқаррар намудани Фурот низ сухан рафта бошад.

Баъди марги Меҳрдоди II вазъияти дохилии Парфия ноустувор гардид. Дар дарбор мубориза барои тоҷутахти шоҳӣ дар байни гурӯҳҳои гуногун хеле тезутунд шуд. Дар як муддати начандон дароз шоҳон Готарзи I, Синатрук, Ороди I якдигарро иваз карданд. Дар давраи ҳукмронии онҳо ягон ҳодисаи муҳими сиёсӣ рух надода буд. Дар ҳар сурат дар ин бора ягон маълумот нест.

Рум ҳаракати истилогаронаи худро ба шарқ фаъолона идома медод. Он ҳанӯз соли 130 то мелод шимоли Сурияро гирифта буд ва дар ин ҷо охирин намояндагони сулолаи Селевкиён то соли 64 то мелод аз номи императори Рум ҳукмронӣ мекарданд. Румиҳо ба Осиёи Хурд зада даромада, ба забти он машғул буданд. Рафти ҳодисаҳо аз он шаҳодат медод, ки румиҳо нияти дар он тарафи Фурот ором истоданро надоранд. Мақсади интиҳоии онҳо забт кардани Осиё ва такрор кардани роҳи забткориҳои Искандари Мақдунӣ буд. Аммо онҳо барои амалӣ кардани ин нақшаи худ шитоб надоштанд ва фурсати муносибро интизор буданд.

Парфиягиҳо низ мехостанд бо Рум барин империяи пурқувват бархӯрд дошта бошанд. Соли 65 то мелод бори нахуст дар соҳили Фурот байни Рум ва Парфия муҳорибаи мусаллаҳона рух доданд, ки дар онҳо бартарӣ дар тарафи румиҳо буд.[1] Дар ин миён баъзе муноқишаҳои дигари сиёсӣ низ байни тарафҳо рух доданд, аммо онҳо бо роҳи гуфтушунид ҳал карда шуданд.

Вазъияти дохилии Парфия дар ин солҳо чандон устувор набуд. Дар натиҷаи муборизаҳои дохилисулолавӣ Фарҳоди III кушта шуд. Баъди кашмакашиҳо дар байни ду писари ӯ, яке аз онҳо – Ороди II (солҳои 57-38 то мелод) ҳокимиятро ба даст гирифт. Соли 54 то мелод Рум лашкари калонеро барои ҳамла кардан ба Парфия ба Байнаннаҳрайн оварда, аммо бо сабабҳои номаълум ҳуҷумро мавқуф гузошта, зимистонро дар Сурия гузаронд. Шоҳи Парфия Ороди II низ барои ҷанг бо лашкари Рум тайёрӣ дид.

Лашкари асосии портҳо бо сардории Ороди II ба Арманистон дохил шуданд. Дар Байнаннаҳрайн лашкари начандон калон бо

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С.139.

сарварии Сурон (Сурен) гузошта шуд. Ба ақидаи муҳаққиқон, Ороди II гумон дошт, ки Красс ба воситаи Арманистон ба ақиби Байнаннаҳрайн баромада, баъд ба маркази он ва Эрон ҳуҷум мекунад. Ин роҳ хеле дур, вале ба ақидаи муҳаққиқон, бехавфтар буд ва имконият намедод, ки саворагони парфиягӣ амалиёти самаранок гузаронанд.[1] Аммо ин фикр чандон боварибахш ба назар намерасад. Чун лашкари Красс дар Сурия ва дастаҳои ҷудогонааш дар шаҳрҳои шимолии Байнаннаҳрайн ҷойгузин шуда буданд. Барои роҳи тӯлонӣ ва душворро тай карда, аввал ба шимолу шарқ рафта, баъд ба ҷануб баргашта ба Байнаннаҳрайн даромадан ягон зарурат надошт. Аз ин рӯ, ба Арманистон рафтани қувваҳои асосии лашкари Парфия бояд ягон сабаби дигар дошта бошад. Эҳтимол ин кор бо мақсади ба иштибоҳ андохтани душман анҷом дода шуда, қувваҳои асосиро дар Байнаннаҳрайн гузошта буданд ва шояд ҳам Ород аз хавфи ҳуҷуми Арманистон ба ин ҷо бо лашкар омада буд. Дар ҳар сурат ин масъала таҳқиқоти иловагиро тақозо мекунад.

Красс роҳи кӯтоҳро ба воситаи саҳроҳои Байнаннаҳрайн интихоб кард. Муҳорибаи асосӣ дар байни ду лашкар 6 май соли 53 то мелод дар наздикии шаҳри Кара дар шимоли Байнаннаҳрайн ба вуқӯъ пайваст. Саворони тирандози лашкари Сурон румиҳоро иҳота намуда, тирборон карданд. Бинобар дар як ҷо тӯда шудани румиҳо онҳо талафоти калон доданд. Баъди ин писари Красс, ки номаш Публий Красс буд, бо 6 ҳазор ҷанговари савора ва пиёдагард ба ҳуҷум гузашт. Портҳо ба қафо гашта, вонамуд карданд, ки гурехта истодаанд. Ин усули дӯстдоштаи қабилаҳои кӯчманчӣ буд. Баъди дар биёбон сарсону саргардон ва хаста шудани душман, онҳо ногаҳон аз чор тараф ба ҳуҷум мегузаштанд. Ин дафъа низ онҳо ҳамин усули ҳарбро истифода бурда, лашкари Крассро иҳота ва торумор карданд. Аз 6 ҳазор ҷанговари румӣ дар ин муҳориба 5,5 ҳазори он кушта шуданд. Баъди ин портҳо ба қувваҳои асосии румиҳо бо сардории Красси калонӣ ҳамла карда, онҳоро низ торумор карданд. Красс 4 ҳазор яроддорро дар майдони ҷанг гузошта, дар қалъаи шаҳри Кара пинҳон шуд.

Аммо бинобар набудани ғизо румиҳо зуд шаҳрро тарк карданд. Аз 40 ҳазор ҷанговари Рум, ки дар ин муҳорибаи хунин

[1] История таджикского народа. Т.I . – С. 363.

иштирок карда буданд, фақат 10 ҳазор ба Сурия баргаштанд, 20 ҳазор кушта ва 10 ҳазор асир гирифта шуд.[1]

Ин муҳориба аҳамияти калони таърихӣ дошт. Торумор шудани лашкари то ин вақт мағлубнашавандаи румиҳо ба обрӯи ин давлати бузург зарбаи марговар зада, садди пешравии он ба Шарқ шуд. Он ҳамчунин мувозинаи қувваҳоро дар қисмати шарқии Баҳри Миёназамин ба вуҷуд овард, ки 276 сол бе тағйироти ҷиддӣ давом кард ва бақои беш аз дуасраи давлати Парфияро дар сарҳадҳои пешинааш таъмин намуд. Румиҳо орзуи такрор кардани роҳи лашкаркашии Искандари Мақдуниро ба қаъри Осиё аз сар дур карданд.

Онҳо ҳадди амалиёти худро бо Шарқи Наздик ва Осиёи Хурд маҳдуд намуданд. Ин мағлубияти гӯшношунид дар зеҳни румиҳо чунон таассуроти манфӣ гузошт, ки онро то охири мавҷудияти империя фаромӯш карда натавонистанд.

Баъди чунин ғалабаи муҳим обрӯ ва мавқеи портҳо дар шарқу ғарб боз ҳам мустаҳкамтар шуд.

То муҳорибаи назди Карра байни Рум ва Парфия алоқаҳои дипломатӣ ва сиёсӣ қариб, ки вуҷуд надоштанд. Рум, ки даврааи нашъунамои худро аз сар мегузаронд, дар бораи ҳамсояи шарқии худ тасаввуроти дуруст надошт ва онро чандон писанд намекард. Ин нописандӣ ҳангоми вохӯрӣ дар сафорати Парфия бо сарлашкари румӣ Сулла соли 92 то мелод зоҳир шуда буд ва муаррихони қадим ба ин нуқта ишора кардаанд. Портҳо низ дар бораи ҳамсояи тавонои ғарбии худ тасаввуроти дуруст надоштанд ва интизори чӣ тавр сурат гирифтани ҳодисаҳои минбаъда буданд.

Баъди муҳорибаи барои румиҳо фоҷиабори назди Карра дар муносибатҳои ин ду давлати абарқудрати замон тағйироти калон ба амал омад. Румиҳо бо чашми сар диданд ва бо ҷисми худ қудрати ҷангии ориёиҳоро дар симои портҳо эҳсос карданд. Онҳо фаҳмиданд, ки бо рақиби тавоное сару кор доранд. Портҳо бо вуҷуди ғалабаи муҳим ҷангро идома надоданд ва душмани даргурезро таъқиб накарданд ва ба сарзаминҳои дар зери тасарруфи Рум буда дохил нашуданд. Ин хатои ҳарбии онҳо буд ё сабабҳои воқеӣ дошт, ба мо маълум нест. Муҳаққиқон ба ин савол посухи мусбат надоданд. Ба назар чунин мерасад, ки Парфия сиёсати то андозае мудофиавиро пеш гирифта, вазифаи асосиро

[1] История Ирана. – С. 94; *Гафуров Б.* Таджики. – С. 139-140; История таджикского народа. Т.I. – С. 363.

дар ҳимоя кардани қаламрави давлати худ аз ҳуҷуми Рум медид. Румиҳо бошанд баъди аз зарбаи Карра ба худ омадан пайваста орзу мекарданд ба қаламрави давлати Парфия дохил шуда, ҳудуди империяи худро дар Шарқ вусъат диҳанд.

Баъди 11 соли ҳодисаи ёдшуда портҳо сиёсати ғарбии худро фаъол намуда, дар ҷанги дохилии Рум ҷумҳуриятхоҳонро дастгирӣ карда, дар муҳорибаи назди Филипп дар Македония (соли 42 то мелод) пуштибони онҳо шуданд. Маҳз ба туфайли ғалаба дар ин муҳориба Октавиан Август чанде пас императори Рум шуд.[1] Дар баробари алоқаҳои дипломатӣ муноқишаҳои мусаллаҳона низ дар байни ин ду давлат зуд-зуд рух медоданд. Саҳнаи ин муноқишаҳо асосан дар Шарқи Наздик ва Осиёи Хурд буд.

Соли 40 то мелод портҳо бо мақсади аз Шарқи Наздик ва Осиёи Хурд рондани румиҳо ба ҳуҷум гузаштанд. Онҳо Фаластин қисми зиёди Сурия ва Осиёи Хурдро ишғол карданд. Сокинони ин минтақаҳо, ки аз ҷабру зулми сарбозони румӣ азият мекашиданд, омадани портҳоро бо хушнудӣ пазируфтанд. Аммо портҳо натавонистанд мавқеи худро дар ин кишварҳо таҳким бахшанд. Даъвогарони тахти Рум ба муборизаҳои дохилӣ хотима дода, бо ҳам иттифоқ бастанд ва Антоний сарлашкар Вентидияро бо лашкар ба Осиёи Хурд фиристод. Дар чандин муҳориба бо ӯ портҳо шикаст хӯрданд ва маҷбур шуданд, ки Осиёи Хурдро тарк кунанд. Ба зудӣ румиҳо Сурияро низ ишғол карданд. Дар муҳорибаи хунин назди Гандара дар соли 38 то мелод портҳо шикасти сахт хӯрданд.[2]

Дар ин солҳо дар Парфия дар байни ду гурӯҳ дарбориён ва ашрофон – румигароён ва ватанхоҳон мубориза мерафт. Ғалабаи румиҳо дар Гандара ба фоидаи румигароён буд. Дар соли 37 то мелод Фарҳоди IV падари худ Ороди II-ро ба қатл расонда, тахту тоҷро ба даст даровард. Аз рӯйи маълумоти муаррихони қадим, Фарҳоди IV шахси хеле золим буд. Бо вуҷуди ин дар давраи ҳукмронии ӯ Парфия мавқеи мустаҳкам дошт. Ӯ дар ҷанг бо румиҳо низ муваффақияти калон ба даст даровард.

Антоний аз ғалабаи назди Гандара рӯҳбаланд шуда, соли 36 то мелод бо лашкари 100 ҳазорнафара ба Парфия ҳуҷум кард. Ӯ бо лашкараш дар бандари Зевгма дар шимоли Сурия фуруд омада,

[1] История таджикского народа. Т.I. – С. 364.
[2] История Ирана. – С. 95.

ба воситаи ҷануби Арманистон ба Мод, ба пойтахти Атропатена (Озорбойҷони асримиёнагӣ) шаҳри Фрааспа ҳуҷум карда, онро муҳосира намуд. Дар ин миён портҳо ба дастаи румҳо, ки манҷаниқ ва дигар яроқҳои вазнини деворшиканро мебурданд, ҳамла карда, онҳоро торумор намуданд. Бо вуҷуди ин ба муҳосираи тӯлонӣ гирифтани шаҳри Фрааспа ба румиҳо муяссар нашуд ва онҳо маҷбур шуданд муҳосираро қатъ карда, қафо нишинанд. Дар вақти муҳосира ва махсусан қафонишинӣ саворагони портӣ пайваста ба румиҳо ҳуҷумҳои ногаҳонӣ карда, ҷанговарони онҳоро нобуд месохтанд.

Румиҳо аз гуруснагӣ ва вазнинии роҳҳои душворгузари кӯҳӣ азият кашида, бо мушкилӣ ба Сурия баргаштанд. Онҳо дар ин муҳориба бештар аз 40 ҳазор сарбози худро талаф доданд. Баъди муҳорибаи назди Карра ин дуюмин шикасти шадиди румиҳо буд. Портҳо бори дигар ҷасорат ва маҳорати ҷангии худро намоиш доданд.

Баъди император шудани Октавиан Август дар муносибатҳои байни Рум ва Парфия тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Рум аз сиёсати ишғолгарона дар Шарқ даст кашида, роҳи мусолиҳа ва гуфташунидро пеш гирифт. Сабаби ин сиёсат ба шикаст рӯ ба рӯ шудани Рум дар ҷангҳо бо Парфия буд. Рум дигар қуввати бо Парфия ҷангиданро надошт. Бинобар ин соли 20 то мелод байни ин ду давлати абарқудрат сулҳнома имзо карда шуд. Ҳамчун изҳори хайрхоҳӣ Фарҳоди IV ба Рум нишонаи ҷанговарони он – уқобҳои нуқрагин ва асирони ҳарбиро баргардонд.

Фарҳоди IV ин сиёсати Румро бо хушнудӣ пазируфт. Ӯ канизаки румӣ Мусаро, ки Август ба ӯ туҳфа карда буд, ба занӣ гирифт. Ҳамчунин ӯ чор писарашро бо аҳли хонаводаашон ба Рум фиристод. Румипараст шудани Фарҳоди IV ҷанбаи сиёсӣ дошт. Рум давлати тавоно буд ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои нигоҳ доштани тоҷутахт ӯ метавонист ба он такя кунад. Баъди сулҳ Фарҳоди IV боз 18 сол ҳукмронӣ кард ва дар ин муддат байни Рум ва Парфия ягон ихтилоф ё муноқишаи ҷиддии мусаллаҳона рух надод.

Ҳодисаҳои баъди ин рухдода нишон доданд, ки сиёсати румигароии Фарҳоди IV мухолифони зиёд дошт, вале мавриди эътирофи рӯирост набуд. Ворисони ӯ Фарҳоди V (солҳои 2 то мелод – 4 мелод), Ороди III (солҳои 4-7) ва махсусан Ванони I (солҳои 8-12) низ сиёсати румигароиро идома доданд. Ванони I, ки

дар Рум зиндагӣ мекард, бо мадади императори он ба сари тахт омад. Дар ин солҳо мубориза байни гурӯҳҳои ватанпараст ва румигаро рӯз то рӯз авҷ мегирифт. Пайдарпай кушта шудани шоҳони румипараст ҳокӣ аз он буд, ки қисми зиёди ашрофон ва махсусан мардумони ориёӣ сиёсати бегонапарастии онҳоро дастгирӣ намекарданд.

Оқибат неруҳои меҳанпараст дар атрофи ҳокими Мод Артабон, ки домоди Фарҳоди IV буд, муттаҳид шуда, Ванони I-ро аз тахт сарнагун карданд. Ҳамин тавр, Артабони III (сроҳои 12-38) подшоҳи Парфия шуд. Ӯ ва тарафдоронаш ба бозичаи дасти румиҳо табдил ёфтани Парфия зид буданд. Дар мубориза бар зидди Рум ва тарафдорони он Артабани III ба сокинони Эрони шарқӣ ва Осиёи Миёна такя мекард. Ӯ тарафдори инкишофи фарҳанг ва анъанаҳои миллии ориёӣ буд. Ба ӯ то андозае муяссар шуд, ки давлатро мутамарказ карда, мухторияти шаҳрҳои юнонишини Бобул ва Байнаннаҳрайнро маҳдуд намояд. Рум чандин бор кӯшиш кард гумоштагони худро ба тахти Парфия шинонад, аммо муваффақ нашуд. Соли 35 румиҳо ба Парфия ҳамла карда Ктесифонро (Тайсафун) ишғол карданд.

Артабони III пойтахти худро ба Гиркония кӯчонда, муборизаро бар зидди румиҳо идома дод. Бо дастгирии қуввахои ватанхоҳ ва сокинони Эрони шарқӣ ва Осиёи Миёна ӯ румиҳо ва даъвогари тахт, дастнигари онҳо Тиридати III-ро аз Ктесифон ронд ва пойтахтро боз ба ин шаҳр овард.

Дар давраи ҳукмронии ӯ вазъият нисбатан муътадил ва барои инкишоф мусоид буд. Баъди марги Артабони III ба сари ҳокимият Готарзи II (солҳои 38-51) омад. Ӯ низ мисли Артабон аз оилаи Аршакиён набуда, хешованди наздики онҳо буд. Готарзи II аз Гиркония буд. Баъди ба тахт нишастани ӯ бародараш Вардон ошӯб бардошта, ӯро ба шарқи кишвар бадарға ва худаш дар Ктесифон қарор гирифт. Дар ин вақт дар Парфия амалан дуҳокимиятӣ ба вуҷуд омад. Дар ғарб Вардон ва дар шарқ Готарзи II ҳукмронӣ мекарданд. Қароргоҳи Готарзи II дар ватанаш Гиркония буд. Дар ин давра шаҳри Селевкияи соҳили Даҷла шӯриш бардошта аз итоат ба шоҳони Парфия даст кашида буд, муборизаро қатъ карда, ба Вардон таслим шуд. Дар муборизаи байни бародарон оқибат Готарзи II ғолиб омад. Вардон тақрибан соли 47 дар вақти шикор аз ҷониби суиқасдчиён кушта шуд. Баъди ин ҳодиса гурӯҳи ашрофон набераи Фарҳоди IV

Меҳрдодро аз Рум даъват карданд, то тахти подшоҳиро соҳиб шавад, аммо ӯ дар мубориза бо Готарзи II шикаст хӯрд.

Баъди Готарзи II ба сари ҳокимият Вологези I (Билоши 1) (солҳои 51-80) омад. Бо кӯшиши ӯ ҳокимияти Парфия дар Арманистон барқарор карда шуд. Тақрибан соли 54 ӯ бародараш Тиридатро ба тахти ин кишвар нишонд. Бародари дигараш Пакорро шоҳи Мод таъйин намуд. Румиҳо, ки даъвои Арманистон доштанд, аз ин кори Вологези I норозӣ шуда, ба ин кишвар ҳамла намуданд. Аммо кӯшишҳои онҳо натиҷаи барояшон дилхоҳ надоданд ва оқибат байни тарафҳо сулҳ баста шуд. Мувофиқи он тахти Арманистон дар дасти Тиридат монд, вале маросими тоҷгузорӣ ботантана дар Рум гузаронда шуд. Ҷолиби диққат аст, ки авлодони Тиридат, яъне ориёиҳо то соли 428 дар Арманистон ҳукмронӣ карданд.[1]

Дар давраи Вологези I инкишофи фарҳангу анъанаҳои миллии ориёӣ авҷ гирифт. Дар сиккаҳо ба ҷойи навиштаҷоти юнонӣ навиштаҷоти портӣ пайдо шуданд. Оҳангҳои миллӣ дар дигар осори фарҳангу санъат низ ба назар мерасанд. Дар давраи ҳукмронии Вологези I дар соҳаи фарҳанги маънавӣ баъзе корҳо ба сомон расиданд. Аз ҷумла матни расмии китоби муқаддаси зардуштиён Авесто тадвин шуд. Ба ақидаи баъзе олимон, ки ба маълумоти сиккаҳо такя мекунанд,[2] гӯё дар давраи ҳукмронии Вологези I Гиркония ва Марв аз ҳайати давлати Парфия баромадаанд. Аммо ин фарзия, нисбати Гиркония ба воқеият рост намеояд. Зеро Гиркония ва вилояти Парфия ватану такягоҳи муҳими Аршакиён буданд. Гузашта аз ин ашрофони Гиркония (Готарзи II ва Вардон) ҳатто соҳиби тахти шоҳӣ шуданд. Пеш аз ин Артабони III муваққатан пойтахтро аз Тайсафун ба ҳамин вилоят оварда буд. Дар мубориза бо Рум ва таҳкими ҳокимият дар ғарби Эрон, Бобул ва Байнаннаҳрайн маҳз ҳамин вилоятҳои шарқӣ такягоҳи асосии шоҳони Парфия буданд. Аз ҷониби дигар Гиркония, ки дар таркиби давлати Парфия мақоми хос дошт, ба ҷудо шудан манфиатдор набуд.

Гиркония аз ҳама ҷиҳат барои Аршакиён аҳамияти бузург дошт ва ҷудо шудани он аз давлати Парфия ғайриимкон буд. Дар ҳар сурат Аршакиён, ки иқтидори азим дошта, бо Рум барин империяи тавоно рақобат мекарданд, ҳамаи имкониятро доштанд,

---

[1] *Колледж М.* Парфяне. – С. 44-45.

[2] История таджикского народа. Т.I. – С. 365-366.

ки ба ин кор роҳ надиҳанд. Албатта Гиркония аз рӯйи аҳамияташ ҳамчун ватани дуюми Аршакиён метавонист имтиёз ва мухторияти муайян дошта бошад. Вале аз ҳайати давлати Парфия баромаданаш ғайривоқеӣ ба назар мерасид. Бисёр нуқтаҳои норавшани ин масъала бояд тавассути муҳаққиқон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гиранд.

Шоҳони минбаъдаи Парфия асосан ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба кашмакашиҳои дохилӣ ва мубориза бо Рум машғул буданд. Рум аз вазъияти нобасомонӣ дарбории Парфия истифода бурда, дар асри II борҳо (солҳои 114-116, 163, 195, 216) ба Байнаннаҳрайн ва Арманистон ҳуҷум карда, онҳоро ғорат кард, аммо ҳар дафъа портҳо онҳоро зада аз ин минтақаҳо дур меандохтанд. Дафъаи охирин дар муҳорибаи назди шаҳри Нисибийин дар шимоли Байнаннаҳрайн (217) портҳо румиҳоро сахт шикаст дода, шумораи зиёди сарбозонашонро ба асирӣ гирифтанд. Рум маҷбур шуд 200 миллион сестерсий (сиккаҳои биринҷӣ) товони ҷанг дода, асиронашро озод кунад. [1]

Дар ҳамин солҳо Ардашери Бобакон ҳокимияти худро дар Форс мустаҳкам карда, якчанд ноҳияҳои гирду атрофро забт намуда, баъд ба Парфия ҳуҷум кард ва шоҳи он Атрабони V-ро шикаст дода, ба ҳастии давлати Парфия ё худ Портҳо дар саҳнаи таърих хотима бахшид. Сарзамини онҳо ба тасарруфи Сосониён даромад.

Дар аввали ин боб ёдовар шуда будем, ки Парфия (Портҳо) ҳамчун воҳиди мустақили маъмурию ҳудудӣ аз давраҳои қадим вуҷуд дошт ва ба ҳайати он Парфия, Порс, Мод, Илом, Бобул, Байнаннаҳрайн, Фаластин Марву Ҳирот ва қисмате аз Осиёи Хурд дохил шуданд. Табиист, ки дар сарзамини Парфия анъанахои давлатдорӣ ба дараҷаи муайяни инкишоф расида буданд ва хусусиятҳои худро доштанд, асоси онро анъанаҳои моду ҳахоманишӣ ё худ анъанаҳои ориёӣ ташкил медоданд. Ин анъанаҳо моҳиятан дар давраи ҳукмронии юнониёну мақдуниҳо низ бо баъзе дигаргуниҳо ва унсурҳои юнонимаобӣ амал мекарданд. Моҳиятан сохтори давлатии Эрону Осиёи Миёна дар давраи ҳукмронии юнониён мисли давраи ҳахоманишиён боқӣ мемонад. Портҳо низ ин сохторро нигоҳ дошта, ба он баъзе унсурҳои идоравиеро, ки хоси қабилаи парнҳо буданд, илова

[1] Таърихи халқи тоҷик. – С. 133.

карданд. Аз ин рӯ, сохтори сиёсии Парфия дар се поя қарор дошт: моду ҳахоманишӣ, юнонӣ, парнию портӣ.

Подшоҳ таҷассумгари ҳокимияти олӣ буд. Ҳуқуқи подшоҳ шудан ба авлоди Аршакиён тааллуқ дошт. Дар он замон як қонуни нонавиштаи муносибати «ғолибу мағлуб» амал мекард. Мувофиқи он ҳар касе, ки ҳокимиятро гирифта давлатро ташкил кард, ӯ ва авлодонаш ба ин ҳокимият ҳаққи табиӣ доштанд ва ҳокимият моликиятӣ маҳсуб мешуд. Ин қонуни нонавишта баъзан истисно низ дорад. Масалан, Артабони III, Готарзи II, Вардон аз авлоди Аршак набуда хешовандони авлодони ӯ буданд.

Ҳокимияти шоҳӣ мутлақ ва ҳукмаш тағйирнопазир ва раво буд. Дар назди шоҳи Парфия ду шӯрои машваратӣ – шӯрои авлодӣ ва шӯрои мубадан амал мекард. Шӯрои авлодӣ ба анъанахои қабилаҳои парн тааллуқ дошт. Ба ин шӯро хешовандони наздики шоҳ дохил мешуданд ва дар он масъалаҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла, интихоби ворисони тахт, тақсимоти мансабҳои дарборию маъмурӣ муҳокима ва ҳаллу фасл карда мешуданд. Мартабаи шӯрои мубадон нисбат ба шӯрои авлодӣ нисбатан пасттар буд.

Мисли давраи ҳахоманишиён дар давлати Парфия низ баъдан шоҳ ҳазорпат аз ҳама мартабаи баланд дошт. Ӯ сардори навкарони хоси шоҳ буд.

Давлати Парфия аз хшатрапанаҳо (сатрапияҳо) ва вилоятҳои тобеи он иборат буд. Масоҳати хшатрапанахо нисбат ба давраи Ҳахоманишиён ва Селевкиён хурдтар буд. Мувофиқи маълумоти Плиний ва Исидори Хараксӣ Парфия 18 хшатрапанаро дар бар мегирифт, ки 11 ададашон болоӣ ва 7 ададашон поёнӣ номида мешуданд. Ба болоӣ хшатрапанаҳои вилоятҳои шарқии мамлакат – Парфия, Гиркония, Марв, Ҳирот ва ғайра дохил мешуданд. Хшатрапанаҳои поёнӣ шомили вилоятҳои ғарбӣ – Бобул, Байнаннаҳрайн, Мод ва ғайра буданд. Дар як ҳуҷҷати портӣ аз шаҳри Нисо (Нисай) хшатрапани Парфия Козефат номбар шудааст.[1]

Хшатрапанаҳо ба воҳидҳои хурдтари маъмурӣ – гепархия, статма ва диз тақсим мешуданд. Сардори дизро «дизпат» мегуфтанд. Ба ин воҳиди маъмурӣ як деҳаи истеҳкомдор ё худ қалъадор ва дигар деҳаҳои беистеҳкоми атрофи он дохил мешуданд. Калимаи диз (диж) ба маънои қалъа дар забони тоҷикӣ

[1] *Ҷаводӣ Ғ.* Маъмурият дар Ирони бостон. Теҳрон, 2001. – С. 259.

(форсӣ) бетағйир то имрӯз боқӣ мондааст. Ин истилоҳи муҳими маъмурӣ буда, дар қатори бисёр санадҳои дигар дар бораи ягонагии таърихии тоҷикону портҳо шаҳодат медиҳад.[1] Статма якчанд дизро дар бар мегирифт. Ин воҳидҳои маъмурӣ дар қадим пайдо шуда буданд, аммо дар давраи ҳукмронии Селевкиён ба худ номи юнонӣ гирифтанд.

Ба ҳайати давлати Парфия якчанд вилоятҳои тобеъ дохил мешуданд. Фарқи онҳо аз хшатрапанаҳо дар он буд, ки онҳо аз ҷониби намояндагони сулолаҳои маҳаллӣ идора карда мешуданд. Хшатрапанҳоро бошад шоҳ таъйин мекард ва онҳо маъмурони шоҳ маҳсуб мешуданд. Вилоятҳои тобеъ ба хазинаи марказӣ андоз месупориданд ва ҳангоми ҷанг барои артиши шоҳ дастаҳои ҷанговарони худро мефиристоданд ва пурра ба шоҳ итоат мекарданд. Дар масъалаҳои дохилӣ онҳо мустақил буданд. Ба қатори вилоятҳои тобеъ Порс (Форс), Илом, Атрапатена ва боз панҷ вилояти дигар дохил мешуданд. Бояд ёдовар шавем, ки дар китоби «Таърихи Эрон»[2] иштибоҳан ба қатори вилоятҳои тобеъ Гиркония, Марғинон ва Сакистон дохил шудаанд.

Дар феҳристи Плини ва Исидори Харакси ин вилоятҳо дар қатори 11 хшатрапанаҳои болоӣ номбар шудаанд.

Дар ҳуҷҷатҳои Нисо унвони «марзбон» дучор мешавад. Ин унвон дар давраи Сосониён низ вуҷуд дошт ва маъноияш нигаҳбони марз ё худ сарҳад мебошад. Мартабаи он аз хшатрапана баландтар буд. Аммо доираи фаъолияташ чандон равшан нест. Фақат фарз кардан мумкин аст, ки ба марзбон якчанд хшатрапанаҳои сарҳадӣ итоат мекарданд. Эҳтимол дар минтақаҳои гуногуни сарҳадӣ марзбонҳо таъйин карда мешуданд.

Дар сохтори идоравии Парфия шаҳрҳои юнонинишин ва маҳаллии мухтори Байнаннаҳрайн – Селевкияи соҳили Даҷла, Дура – Европос, Палмира ва ғайра мақоми хос доштанд. Аз рӯйи маълумоти Исидори Харакси дар қисмати ғарбии Парфия 20 шаҳр (полис)-и мухтор вуҷуд дошт.[3] Ин шаҳрҳо худидорашаванда ё худмухтор буда, мақомоти идоравии худро доштанд, ки он дар маҷлиси умумии шаҳрвандон интихоб карда мешуданд ва ба ин маҷлис дар бораи фаъолияташон ҳисобот медоданд. Ин тарзи идоравӣ хоси юнониён буда, дар Осиё баъди истилои Искандари

[1] *Дьяконов И.М., Лившиц В.А.* Документы из Нисы I в. до н.э. М.. 1960. – С. 22-23.
[2] История Ирана. – С. 101.
[3] *Ҷаводӣ Ғ.* Маъмурият дар Ирони бостон. – С. 263.

Мақдунӣ дар давраи Селевкиён ба вуҷуд омад. Шаҳрҳои мухтори юнонинишин қонунҳои худро доштанд ва дар асоси онҳо амал мекарданд.

Мухторияти ин шаҳрҳо бо ҳокимияти мутлақи шоҳӣ чандон созгор набуд. Аммо шоҳони Парфия ба хотири нигоҳ доштани анъанаҳои собиқ ва ба тарафи худ ҷалб кардани аҳолии ин шаҳрҳо мухторият ва озодиҳои онҳоро нигоҳ доштанд. Шаҳрҳои мухтор ба хазинаи давлат андозҳои калон месупориданд. Вале дар ҷараёни мубориза аввал бо Селевкиён ва баъд бо Рум шаҳрҳои юнонинишин ҳамеша бар хилофи шоҳони Парфия амал мекарданд. Ин мавқеи онҳо шоҳони Парфияро водор кард, ки батадриҷ мухторияи онҳоро маҳдуд кунанд. Аз дохил низ дар сохти идоравии ин шаҳрҳо тағйирот ба вуҷуд омаданд. Ба шӯрои шаҳр асосан ашрофон ва сарватмандон, аз ҷумла портҳо интихоб мешуданд ва шаҳрро ба манфиати худ идора мекарданд. Дар ҳар сурат шаҳрҳои мухтор дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Парфия нақши муҳим бозиданд. Онҳо пуле буданд, ки Осиёро бо Аврупо пайваст карда, барои муколамаи фарҳангӣ ва омезиши тамаддунҳо мусоидат мекарданд.

Шаҳрҳои Бобул ва Байнаннаҳрайн шӯрои ҷамъиятӣ доштанд. Аммо онҳо сохтори идоравии мисли шаҳрҳои юнонинишин надоштанд ва ба шоҳ тобеъ буда, тавассути гумоштагони ӯ идора карда мешуданд. Гурӯҳи сеюми шаҳрҳо дар Эрону Осиёи Миёна ҷойгир буданд. Ин шаҳрҳо мутобиқи анъанаҳои осиёӣ ҳеҷ гуна мухторият ва мақомоти интихоботии идоравӣ надоштанд. Онҳо аз ҷониби раисоне, ки мақомоти давлатӣ таъйин мекарданд, идора карда мешуданд.

Дар бораи сохтори боҷситонии давлати Парфия маълумоти кофӣ вуҷуд надорад. Дар сарчашмаҳои хаттӣ ду намуд андоз аз замин – узбари ва патибаж номбар шудаанд.[1] Андози якум ба фоидаи ҳокимони маҳаллӣ – хшатрапанҳо, сардорони гепархияҳо, статмаҳо, дизпатҳо ва андози дуюм барои хазинаи шоҳ ҷамъ карда мешуданд. Андоз аз савдо ва дигар амалиётҳои молӣ низ вуҷуд доштанд. чунонки дида мешавад, номи ҳарду намуди андоз портӣ мебошанд. Маънои номи якум равшан нест. Қисми дуюми калимаи «патибаж», чунонки қаблан гуфтем, то имрӯз дар забони тоҷикӣ (форсӣ) бетағйир дар шакли «боҷ» ба маънои андоз боқӣ мондааст. Калимаи «пат» дар забонҳои форсии қадим, паҳлавӣ ва

[1] История Ирана. – С. 101-102.

суғдӣ ба маънои сардор, калон, асосӣ (ҳазорпат, дизпат ва ғайра) маъмул буд. Шояд қисми аввали калимаи «патибаж» низ аз ҳамин калима буда, ба маънои «боҷи калон ё асосӣ» омада бошад. Дар ҳалли ин масъала сухани охиринро бояд забоншиносон иброз намоянд.

Мувофиқи маълумоти бостоншиносӣ, дар Парфия шумораи зиёди шаҳрҳо, шаҳракҳо ва дизу деҳаҳо мавҷуд буданд. Машғулияти асосии аҳолӣ кишоварзӣ ва чорводории муқимӣ буд. Бештар кишти обӣ инкишоф ёфта буд. Ғалладона, ангур, пахта, кунҷид ва растаниҳои дигарро парвариш мекарданд. Дар шаҳрҳо ҳунармандӣ тараққӣ карда буд. Матои аз нахи зағир таҳияшудан борсип, қолинҳои портӣ, асбобҳои оҳании Марғинон дар Бобул ва кишварҳои дигари ғарбӣ хеле машҳур буданд.

Дар бораи сохти иҷтимоии Парфия низ маълумот ночиз аст. Аз рӯйи хусусият ва дараҷаи инкишофи ин соҳа Парфияро ба минтақаи шарқӣ ва ғарбӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар минтақаи ғарбӣ дар Бобул ва Байнаннаҳрайн муносибатҳои иҷтимоӣ тараққӣ карда буданд. Дар ин ҷо ба табақаҳо ва синфҳо тақсимшавии аҳолӣ дар давраҳои хеле қадим рух дода буд.

Дар Эрон ва Осиёи Миёна низ ин ҳодиса дар аҳди қадим, аниқтараш дар аввалҳои ҳазораи якуми то мелод ба вуқӯъ пайваста буд ва он то андозае дар Авесто инъикос ёфтааст. Дар сарчашмаҳои хаттии замони Портӣ «озодагон» ё «саворагон» номбар шудаанд. Озодагон табақаи аз ҳама баланди ҷомеаро ташкил мекарданд. Ба он дарбориён, ашрофу аъён, сарлашкарон дохил мешуданд. Саворагон ишора ба ҷанговарони савора буда, аз таркиби табақаи озодагон мебаромаданд. Помпей Трог табақаи «вобастагон»-ро номбар кардааст. Маънои ин истилоҳ баръакси маънои истилоҳи озодагон аст ва ба ақидаи муаллифони китоби «Таърихи Эрон» тамоми аҳолии боқимонда ба ин табақа дохил мешуданд. Онҳо соҳиби моликият ва ҳаққу ҳуқуқ буда, шахсан озод ба шумор мерафтанд, ва вобастагии онҳо шояд ба давлат андоз супоридани онҳоро ифода мекард. Зеро ба ин табақа пеш аз ҳама кишоварзон ва ҳунармандон ё худ истеҳсолкунандагони неъматҳои моддӣ дохил мешуданд.[1]

Бино ба маълумоти ҳуҷҷатҳои Нисо, баробари ин ду табақаи асосӣ – ҳукмронон ва истеҳсолкунандагон гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ низ вуҷуд доштанд, ки табақаи алоҳидаро ташкил

[1] История Ирана. – С. 99.

намедоданд. Ба ин гурӯҳ маъмурон ва мансабдорони хурди давлатӣ ва дигар шахсони дур аз истеҳсолот дохил мешуданд. Як гурӯҳи алоҳидаи иҷтимоиро савдогарон ташкил мекарданд.[1] Табақаи рӯҳониён низ вуҷуд дошт. Дар ҳуҷҷатҳои портиёни Нисо муғон (мубадони зардуштӣ) ва мубад Спосак номбар шудаанд. Дар назди шоҳ шӯрои мубадони зардуштӣ амал мекардааст.

Парфия артиши калони доимомалкунанда надошт. Дар давраҳои осоишта дастаи навкарони шоҳӣ хидмат мекарданд, ки шумораашон чандон зиёд набуд. Дар вақтҳои ҷанг хшатрапанҳо ва шохони тобеъ ба дастаҳои ҳарбии худ омада, ба подшоҳ хизмат мекарданд. Вазифаи сарлашкар мансаби меросии хонаводаи бонуфузи Сурон (Сурен) буд. Сарбозони зархариди юноиро портҳо баъди дар ҷанги соли 130 то мелод хиёнат карда, ба тарафи сакоиҳо гузаштанашон, дигар истифода намебурданд.[2] Асоси артишро саворагони сабукяроқ ва вазниняроқи ҷавшанпӯш ташкил мекарданд. Аввалиҳоро аз ҳисоби заминдорони хурду миёна ва дуюмҳоро аз ҳисоби табақаи воломақоми озодагон интихоб мекарданд. Саворагон мутаносибан бо камонҳои сабук ва дигар яроқ мусаллаҳ буданд. Пиёдагардонро дар шароити кӯҳистон ва барои хизмат дар пойгоҳҳои низомӣ истифода мебурданд. [3]

Дастоварди муҳими ҳарбии портҳо саворагони вазниняроқи ҷавшанпӯш буданд. Ҳам савор ва ҳам аспи ӯ дар тан ҷавшан доштанд. Ҳамаи муҳаққиқон парнҳоро қабилаи кӯчманчӣ мешуморанд. Аммо саворагони вазниняроқ ба кӯчманчиён хос нестанд. Барои кӯчманчиён саворагони сабукяроқ хосанд ва онҳо қисми муҳими артиши Парфияро ташкил мекарданд.

Артиши портҳо қобилияти баланди ҷангӣ дошт ва дар чандин муҳорибахои муҳим онро намоиш дод. Махсусан дар муҳорибаи назди шаҳри Карра соли 53 то мелод артиши Парфия ғалабаи барҷаста ба даст овард. Саворагони сабукяроқ ва вазниняроқ дар ин муҳориба моҳирона амал карда, румиҳо ва ҳамватанонашонро моту мабҳут карданд. Саворагони сабукяроқ баъди бонги духул якбора аз чор тараф пиёдагардони найзабардори румиҳоро аз камонҳо тирборон карданд. Пиёдагардони румӣ, ки дар як ҷой ҷамъ шуда буданд, талафоти калон доданд. Баъди ин саворагони

---

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 119.
[2] *Колледж М.* Парфяне. – С. 58-60.
[3] История Ирана, 1977. – С. 99.

вазнинятар ба ҳуҷум гузашта, сафи пиёдагардони румиро шикастанд. Румиҳо аз бонги дуҳул, ҷилову садои ҷавшанҳои саворагони портҳо ба даҳшат афтоданд. Портҳо дар муҳорибаҳо усули дӯстдоштаи саҳронишинон – қафонишинии бардурӯғ ва ҳуҷуми ногаҳониро хеле моҳирона истифода мебурданд.[1] Дар ҷанг ва муҳосираи шаҳри Фрааспаи Атропатена (соли 36 то мелод) низ портҳо ба румиҳо санъати ҷангии худро намоиш доданд.

Артиши портҳо сершумор набуд, аммо серҳаракат ва қобилияти баланди ҷангӣ дошт. Дар ҳар сурат ин артиш юнониёну мақдуниҳоро аз Эрон ва Бобулу Байнаннаҳрайн ронда, қариб 300 сол нагузошт, ки легионҳои номдор Рум аз Фурот гузаша вориди Эрон шаванд.

Портҳо дар инкишофи санъати ҳарбии ориёиҳо ва халқҳои ҳамсоя саҳми босазо гузаштанд. Истифодаи мутаносиб ва бонавбату пайдарҳами саворагони бодпойи сабукяроқ ва саворагони вазнинятарои саропо ҷавшанпӯш дастоварди муҳими онҳо ва дигар халқҳои ориёӣ буд.

Дар бораи забони портӣ мо пеш аз ҳама дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки бостоншиносон ҳини ҳафриёти қасри Нисои Куҳна ёфтанд, маълумот пайдо кардем. Дар ин ҷо зиёда аз 200 ҳуҷҷат ёфт шуд, ки ба асри I то мелод таалуқ доранд.[2] Онҳо бо ранги сиёҳ дар сафолпораҳо навишта шудаанд. Дар онҳо санадҳои марбут ба воридот ва содироти шароб ба анборҳои давлатӣ сабт шудааст. онҳо ҳуҷҷатҳои расмӣ, дар бораи тарзи ҳуҷҷутгузорӣ, сохти иҷтимоӣ, ономастика (номшиносӣ) ва дигар соҳаҳо маълумоти қиматбаҳоро манзури хонандагон намудаанд. Алифбои забони портӣ дар асоси алифбои оромӣ сохта шуда буд. Забони оромӣ ҳанӯз дар давраи Ҳахоманишиён дар тамоми Эрон ва Осиёи Миёна чун забони расмии коргузорӣ интишор ёфта буд. Минбаъд халқҳои ориёӣ, аз ҷумла портҳо, суғдҳо, хоразмиҳо ва дигарон дар заминаи он алифбоҳои худро сохтанд.

Дуюмин сарчашмаи маълумот дар бораи забони портӣ сангкатибаҳои солҳои аввали ҳукмронии Сосониён мебошанд, ки бо ду (портӣ ва сосонӣ) ё се забон (портӣ, сосонӣ ва юнонӣ) навишта шудаанд. Онҳо ба шоҳони сосонӣ Ардашери I ва Шопури I ва Шопури I ва Нарсе тааллуқ доранд. Ҷолиби диққат аст, ки забонҳои портӣ ва сосонӣ дар ин навиштаҳо чунон ба ҳам

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 140.

монанданд, ки олимон дар аввал онҳоро ду тарзи навишти як забон гумон кардаанд. Танҳо баъдтар онҳо дарк карданд, ки яке аз ин забонҳо портӣ мебошад. Ин катибаҳо баъди ҳукмронии портҳо сабт шудаанд ва дар бораи маъруфу маъмул будани ин забон баъди аз сари қудрат рафтани Портҳо шаҳодат медиҳанд. [1]

Дар миёнаҳои асри I мелодӣ дар сиккахои портӣ ба ҷойи навиштаҷоти юнонӣ навиштаҷоти портӣ пайдо мешаванд, ки падидаи муҳими фарҳангӣ дар кори зинда кардани анъанаҳои миллии ориёӣ баъди истилои фарҳангии юнониён буд.

Дар бораи забони портӣ навиштаҷоти монавӣ, ки дар Туркистони шарқӣ ёфт ва бо ҳамин забон навишта шудаанд, маълумоти ҷолиб медиҳанд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои Нисо (Насай) ва катибаҳои ду-се забонаи солҳои аввали ҳукмронии Сосониён бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки забони портӣ дар Парфия мақоми давлатӣ дошт. Дар баробари он дар шаҳрҳои юнонинишини ғарби мамлакат забони юнонӣ низ истифода мешуд.

Дар мавриди забони портӣ як нуқтаро мехоҳам дар ин ҷо қайд кунам. Тибқи иттилое, ки ман дорам чандин сол боз дар байни забоншиносон дар бораи дар кадом макон пайдо шудани забони тоҷикӣ (форсӣ)-и нав – дар вилояти Форс ё Осиёи Миёна баҳс меравад. Дар ин робита муҳаққиқон хеле ба маврид унсурҳои муштараки забони тоҷикиро бо забони портӣ таъкид кардаанд. Забоншиносон бояд ин масъалаҳоро таҳқиқу баррасӣ намуда, натиҷаи онро манзури оммаи васеи халқу миллати азизамон гардонанд.

Дар бораи дини Парфия Авесто, муаррихони қадим, ҳуҷҷатҳои Нисо, сиккаҳо ва сарчашмаҳои дигар маълумот медиҳанд. Омӯзишу таҳлили ин сарчашмаҳо ба муҳаққиқон имконият дод, ки доир ба ин масъала хулосаҳои муайяни худро иброз намоянд. Аз ҷумла Б. Ғафуров доир ба ин масъала маълумоти муҳим овардааст. Ӯ таъкид кардааст, ки аз 200 номҳои шахсии дар ҳуҷҷатҳои Нисо ҳузур дошта, қисми зиёдаш ба дини зардуштия тааллуқ дорад.[2] Ба ин илова кардан мумкин аст, ки номҳои як қисм шоҳони Парфия бо худоҳои Авестоӣ алоқаманд мебошанд. Масалан, Митридат – Меҳрдод аз номи Митра – Меҳр – худои аҳду паймон ва офтоб; Артабон – аз номи Арта – худои ростӣ. Артабон ба ин маънӣ

[1] *Дьяконов И.М., Лившиц В.А.* Документы из Нисы I в до. Н.Э, М., 1960.
[2] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 122.

нигоҳбони ростӣ ё шахсе, ки ӯро худованд Арта нигоҳбонӣ мекунад; Ород (Ороз) – аз номи худои олии зардуштӣ Ормузд – Ҳурмузд – Аҳуромаздо; Атравазд, Тиридат ва ғайра.

Аз рӯйи маълумоти Б. Ғафуров дар ҳуҷҷатҳои Нисо мубад Спосак – нигоҳбони оташи муқаддас номида шудааст. Дар ин ҳуҷҷатҳо дигар муғон (мубадони зардуштӣ) ва маъбадҳо, аз ҷумла, маъбади Нанайа (Анаҳито) низ зикр шудаанд. Дар Парфия тақвими зардуштӣ истифода бурда мешуд. Дар асоси ин ва дигар санадҳо муаллифи зикршуда дини замони Портҳоро зардуштия медонад. Муаллифони китоби «Таърихи Эрон» ва дигар сарчашмаҳои диниву таҳқиқотӣ доир ба дин роҷеъ ба фармони Волегези I дар бораи дар асоси нусхаҳои пароканда ва гуногуни Авесто тасбиту тадвин (кодификатсия)-и Авесто иттилоъ додаанд.[1] Мо ба ин масъала баъдан таваққуф хоҳем кард.

Юстин тарзи гӯрондани портҳоро тавсиф кардааст, ки он мувофиқи оини зардуштӣ сурат мегирифт. Дар сарзаминҳои ғайриориёни давлати Парфия ба мисли Бобул ва Байнаннаҳрайн динҳои маҳаллӣ ва дар шаҳрҳои юнонинишин оинҳои юнонӣ амал мекарданд. Портҳо сиёсати Ҳахоманишиён ба динро идома дода, ба дину эътиқодоти халқҳои дигари қаламравашон эҳтиром мегузоштанд.

Бо дарки аҳамияти ғоявию сиёсӣ ва маърифатию фарҳангии дину оин шоҳони Парфия дар таҳким ва густариши дини зардуштия, ки дини миллии халқҳои ориёӣ буда, саҳми босазо гузошта, мақоми давлатии онро, ки ҳанӯз дар давлатҳои Мод ва Ҳахоманишиён касб карда буд, барқарор карданд ва тақвият доданд. Дар баробари ин онҳо бо назардошти ҳуқуқи табиии инсонҳо ва халқҳо барои озодии виҷдону эътиқодот амал карда, нисбат ба динҳои халқҳои ғайриориёӣ сиёсати хайрхоҳонаро пеш мебурданд.

Дар бораи савдо дар давлати Парфия сарчашмаҳои хаттӣ маълумоти ноҷиз ва пароканда додаанд. Дар онҳо асосан роҳҳои тиҷоратӣ ва номгӯйи молҳои савдои байналхалқӣ низ маълумоти муайян медиҳанд. Маълум аст, ки аз ҳудуди Парфия шоҳроҳи тиҷорат мегузашт, ки он мамлакатҳои Шарқи Дурро бо Шарқи Наздик ва Баҳри Миёназамин мепайваст. Онро роҳи абрешим низ меномиданд. Ин роҳ ҳанӯз дар давраи Ҳахоманишиён ҳамчун роҳи иртиботи байни сатрапҳо амал мекард. Яке аз чунин роҳҳо

[1] История Ирана. – С. 103.

аз Бобул сар шуда, ба воситаи Ҳангматана (Ҳамадон), Марв, Бохтар ба Ҳиндустон ва Хитой мерафт.

Дар давраи портҳо дар баъзе нуқтаҳои роҳҳои иртиботӣ тағйирот ба вуҷуд омад. Бобул аҳамияти пешинаи худро ҳамчун маркази савдо аз даст дода дар канор монд ва ин роҳ аз пойтахти Парфия Ктесифон (Тайсафун) сар шуда, ба самти шарқ ва ғарб мерафт. Дар самти шарқ шоҳроҳи тиҷорат аз Ҳангматана (Ҳамадон) Роғ, Гекатомпил (Саддарвоза) гузашта, то Марв меомад. Аз Мавр як шохаи ин роҳ ба воситаи Арейя, Дрангиана (Сакистон) ва Қандаҳор ба Ҳиндустон мерафт. Шохаи дигари он аз Марв то Бохтар ва аз он ҷо ба воситаи Багром то Ҳиндустон мерасид. Роҳи дигар аз Бохтар ба воситаи Помир ба Хитой мерафт.

Аз Ктесифон шоҳроҳи тиҷорат ба самти ғарб аз шаҳрҳои Селевкияи соҳили Даҷла ва Дура – Европос гузашта, ба Баҳри Миёназамин мебаромад. Шохаи дигараш аз Дура – Европос то Зевгма ва аз тариқи Антиохия ва Баҳри Миёназамин мерафт. Як роҳи дигар аз Ктесифон ба воситаи ҷануби Эрон, Кармания ва Арахозия то Ҳиндустон мерасид. Роҳи баҳрӣ низ вуҷуд дошт. Он аз халиҷи Форс, аз шаҳри Харакс сар шуда, ба воситаи баҳри Араб то Ҳиндустон мерафт. [1]

Қисми зиёди шоҳроҳи тиҷорат аз Сакистон то Марв ва аз он ҷо то Ктесифон, Селевкия ва Дура – Европос пурра дар зери назорати Парфия буд. Портҳо дар савдои байни Хитой ва Шарқи Наздику Ғарб вазифаи миёнаравро бозӣ мекарданд. Аз маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ чунин бармеояд, ки онҳо абрешимро аз тоҷирони Хитой харида, худашон ба мамолики Ғарб мебурданд. Дар ин бора солномаҳои хитоӣ хабар додаанд. Аз ҷумла дар солномаи Хан - шу гуфта шудааст: «(Императорони Рум) ҳамеша мехостанд ба Хитой сафорат фиристонанд, аммо Анши (яъне портҳо) мехостанд ба онҳо абрешими хитоӣ фурӯшанд ва барои ҳамин сафоратҳои онҳоро роҳ намедоданд. Ин ҳолат то соли 116 давом кард. Дар ин сол подшоҳи Та-син (Рум) Ан-Тун (Марк Аврелий Антонин) сафорати худро фиристод. Аз ҳамин вақт алоқаҳои бевосита бо ин мамлакат шурӯъ шудаанд».[2]

Аз миёнаравӣ дар савдои Шарқу Ғарб Парфия даромади калон мегирифт. Савдои дохилии байнишаҳрӣ низ инкишоф ёфта

---

[1] История Ирана. – С. 97-98.
[2] *Колледж М.* Парфяне. – С. 74.

буд. Дар ин бора, алалхусус, сиккаҳои боқимонда аз он давру замон шаҳодат медиҳанд. Дар шаҳри Шуш сиккаҳои дар Селевкия ва Харакс зарбшуда, ёфт шудаанд, ки ҳоқӣ аз инкишоф ёфтани савдову тиҷорат дар байни ин шаҳрҳо мебошад. Дар Кавказ сиккаҳои Парфия ба миқдори зиёд ёфт шудаанд, ки ин низ аз тиҷорати байни Парфия ва ин минтақа дарак медиҳад. Дар як ҳуҷҷати Палмирӣ молҳои воридотии зер номбар карда шудаанд: ғуломон, мевахои хушк, растаниҳои хушбӯй, равғани зайтун, пӯст, намак, ҳайкалчаҳои биринҷӣ ва ғайра. Портҳо аз Хитой абрешим, ҳан, растаниҳои хушбӯй ва дигар молҳои рӯзгор меоварданд.

Иртиботи тиҷоратии ҷазираҳои Юнон бо Шуш, Селевкия ва дигар шаҳрҳои Парфия низ вуҷуд доштааст. Бостоншиносон пораҳои зарфҳоеро бо муҳри ин ҷазираҳо дар ҳудуди Парфия пайдо кардаанд.[1] Дар давлати Парфия савдои дохилӣ ва байналхалқӣ ба дараҷаи кофӣ инкишоф ёфта буд. Портҳо манфиати тиҷоратро дарк намуда, барои инкишофи он шароити мусоид фароҳам меоварданд.

Шаҳрҳо дар ҳаёти давлати Парфия нақши намоён доштанд. Бисёрии ин шаҳрҳо аз қадим вуҷуд доштанд, аммо дар даврai портҳо онҳо тавсеа пайдо карданд. Ба он шаҳрҳои Марв, Ҳангматана (Ҳамадон), Бобул ва ғайра дохил мешуданд. Баъзе шаҳрҳои қадим ба мисли Бобул аҳамияти пештараи худро чун марказҳои муҳими маъмурию маданӣ ва тиҷоратӣ аз даст дода буданд ва ҷойи онҳоро шаҳрҳои навбунёд гирифтанд.

Аввалин пойтахти Аршакиён шаҳри Нисо буд. Шояд шакли дурусти талаффузи ин ном Нисай бошад. Чунки дар Авесто ин ном дар шакли Nisya омадааст. Ба ғайр аз ин дар вулусволии Дарвози Афғонистон деҳаи калоне бо номи Нсай (Насай) вуҷуд дорад. Нисо дар қисмати марказии ватани бобоии Аршакиён вилояти Парфия воқеъ гардида буд. Харобаҳои он 18 км дуртар аз шаҳри Ашқободи Туркманистон ҷойгиранд. Бостоншиносони собиқ шӯравӣ дар давоми чандин сол ин харобаҳоро ҳафриёт карда, тарҳ ва сохти меъмории онро муайян намудаанд.

Димнаи Нисо аз ду қисм-Нисои куҳна ва Нисои нав иборат аст. Нисои куҳна Арки хоси подшоҳони Парфия буд. Дар ин Арк ё Қалъа дарбори шоҳ, хазинаи давлатӣ, толорҳои бузург, ибодатгоҳ, истиқоматгоҳҳои сарбозон, биноҳои хоҷагӣ, анборҳои шароб ҷойгир шуда буданд. Қалъа девори 9 метраи мудофиавӣ ва

[1] *Колледж М.* Парфяне. – С. 74.

бурҷи боҳашамати паҳноияш 35 метра дошт. Дар маркази қалъа толори боҳашамате ҷойгир аст, ки масоҳаташ 400 метри мураббаъ мебошад. Маркази толор чор сутуни бузург дорад. Қад-қади деворҳо нимсутунҳо ва дар байни онҳо ҳайкалҳои калон ҷойгиранд. Боми толор чоркунҷа буда, дар марказаш равзана дошт. Бояд ёдовар шавем, ки ин намуди бом хоси ориёиҳои муқимнишин буда, нишонаҳои он дар Бадахшони Тоҷикистон то имрӯз боқӣ мондааст.

Аз рӯйи ҳуҷҷатҳои портии аз ин қалъа ёфтшуда он Меҳрдодкирт ном доштааст. Аз ҳашаматаш маълум аст, ки он ё толори ташрифотии подшоҳӣ ё маъбади бузурги оташ будааст. Хазинаи подшоҳӣ низ дар ҳамин қалъа ҷойгир буда, масоҳаташ 60х60 метр буд. Дар қалъа ашёҳои гуногуне пайдо намуданд, ки ҷолибтарини онҳо ҷомҳои мунаққашу мусаввари шохмонанд мебошанд. Дар онҳо саҳнаҳои гуногуни юнонӣ ва портӣ тасвир шудаанд. [1]

Дар Нисои нав бостоншиносон танҳо маъбад ва мақбараҳоро кушодаанд. Дар натиҷаи ҳафриёт маълум шуд, ки шаҳри Нисо хеле бузургу пуршукӯҳ будааст. Толори боҳашамати шоҳӣ бинандаро моту мабҳут карда, қудрату тавоноии Аршакиёнро намоиш медиҳад.

Дар сарзамини аҷдодиашон портҳо якчанд шаҳри нав сохтанд. Яке аз онҳо шаҳри Дара буд. Ба қавли муаррихони қадим, Аршаки II (?-211 то мелод) онро ҳамчун пойтахт сохта буд, аммо бинобар номувофиқ будани мавқеи ҷойгиршавиаш пойтахт аз он ҷо ба шаҳри Гекатомпил кӯчонда шуд. Муаррихони қадим онро пойтахти асосии Парфия номидаанд. Дар бораи он дигар ягон хел маълумот нест ва бостоншиносон низ ҳанӯз харобаҳои онро пайдо накардаанд. Гекатомпил дар наздикии баҳри Каспий, дар ҷанубу шарқи он ҷойгир буд. Ин шаҳр низ барои Аршакиён аҳамияти хос дошт. Ба қавли Исидори Ҳараксӣ тоҷгузории асосгузори давлати Парфия Аршак дар ҳамин шаҳр, дар маъбади оташ баргузор шуда буд. Дар сеяки охири асри I то мелод пойтахти Парфия ба ғарб кӯчид. Дар Бобул дар соҳили чапи Даҷла деҳае буд бо номи Ктесифон. Меҳрдод барои аз болои шаҳри Селевкия, ки дар он тарафи дарё ҷойгир буд, назорат кардан дар ин деҳа сарбозони портро ҷо кард. Ба қавли Аммиан

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 121-122.

Марселин, Пакор писари Ороди II (57-38 то мелод) ин деҳаро обод карда, ба пойтахти давлати Парфия табдил дод. [1]

Билоши I дар назди Селевкияи соҳили Дарёча шаҳре бо номи Вологезия сохт. Ӯ ин шаҳрро пойтахти давлати Парфия кард ва мақсад дошт дар муқобили Селевкия онро ба маркази калони тиҷоратӣ табдил диҳад. аммо ин орзуи ӯ амалӣ нашуд. Баъди марги ин шоҳ марказ боз ба Ктесифон кӯчид ва Вологезия ба як шаҳри қаторӣ табдил ёфт.

Аз ҳама шаҳри калони Парфия пойтахти он Ктесифон буд. Он қароргоҳи подшоҳон ва муҳимтарин маркази мадании замони худ маҳсуб мешуд. Баъди Ктесифон аз лиҳози шумораи аҳолӣ ва дараҷаи инкишоф дар ҷойи дуюм шаҳри Селевкия меистод. Ин шаҳри юнонинишин мухтор ва муҳимтарин маркази савдо ба шумор мерафт.

Пойтахти Парфия чандин бор иваз шуда, аз канори шарқии он ба канори ғарбӣ кӯчид. Шоҳони Парфия мисли шоҳони Ҳахоманишӣ бо навбат дар якчанд шаҳрҳои калону бонуфузи худ – Ктесифон (пойтахти асосии онҳо) Ҳангматана, Роғ ва Гекатомпил зиндагӣ мекарданд. Шаҳри Роғ, ки яке аз шаҳрҳои қадими Эрони шарқӣ буд ва дар Авесто ёд шудааст, дар даврai портҳо ба маркази муҳими маъмурӣ ва тиҷоратӣ табдил ёфт.

Шаҳрҳо маркази инкишофи фарҳанг ва санъат буданд. Санъатшиносон мафҳуми санъати Парфияро васеъ истифода мебаранд. Ба қавли онҳо дар ин давра дар тамоми қаламраи ин давлат новобаста аз мансубияти нажодии аҳолии минтақаҳо санъати ягонаи портӣ ба вуҷуд омада буд. Ин санъат дар заминаи тавъам бо якдигар пайваст шудани анъанаҳои ориёӣ, бобулӣ, ошурӣ ва юнонӣ ташаккул ёфт. Ҳатто дар шаҳрҳои сурияги Палмира ва Дура-Европос санъати Парфия паҳн шуда буд. Дар мусаввара ва деворнигораҳои қасру маъбадҳои ин шаҳрҳо сабки санъати портӣ баръало эҳсос карда мешавад. Ҷомҳои нафиси шоҳмонанди аз устухони фил сохташудаи Нисо мусаввараҳои юнонӣ (саҳнаҳои асотирӣ) ва ҳахоманишӣ (ҳайвони афсонавӣ – симурғ) доранд. Онҳо намунаҳои барҷастаи санъати тасвирии юнонию ориёӣ мебошанд.

Дар таърихи халқҳои ҳиндуориёӣ портҳо мақоми хос доранд. Онҳо аввалин шуда ҳокимияти юнониёнро сарнагун карданд ва озодиро ба даст даровардand. Онҳо барои истиқлоли дигар

[1] *Колледж М*. Парфяне. – С. 61.

халқҳои ориёӣ мусоидат намуда, тадриҷан Осиёи Миёна ва тамоми Эронро озод ва дар атрофи худ муттаҳид намуданд.

Дар давраи ҳукмронии юнониён фарҳанги ҳеллинистӣ дар Шарқи Миёна ва Наздик ба таври васеъ паҳн шуда буд. Ин падида махсусан дар санъати тасвирӣ, меъморӣ баръало мушоҳида мешуд. Гарчанде ки дар осори фарҳанг ва санъат унсурҳои маҳаллии ориёӣ низ ҳузур доштанд, аммо онҳо моҳиятан осори санъату фарҳанги юнонимаоб буданд. Портҳо унсурҳои фарҳанги ориёиро батадриҷ ва пайгирона аз нав зинда карда, фарҳанги хосе ба вуҷуд оварданд, ки дар он унсури эронӣ нақши муайянкунанда дошт. Онҳо батадриҷ ба ҷойи забони юнонӣ забони портиро, ки яке аз шохаҳои забони ҳиндуориёӣ буд, ба мақоми забони давлатӣ баровардand.

Дар соҳаи низомӣ низ онҳо муваффақияти калон ба даст оварданд. Саворагони вазниняроқи саропо якҷоя бо аспҳояшон ҷавшанпӯш навоварии муҳим дар соҳаи санъати ҳарб буд. Дар натиҷаи иқдомҳои шоҳи портӣ румиҳо натавонистанд, ки вориди сарзамини Эрон шаванд. Кореро, ки Ҳахоманишиён барин империяи неруманд нисбати юниониёну мақдуниҳо карда натавонист, шоҳони Парфия нисбати Рум анҷом доданд.

Парфия барои аз таъсири фарҳанги юнонӣ халос шудани ориёиҳо корҳои зиёдеро ба сомон расонд. Ин ҳадаф, ки заминаи онро портҳо гузошта буданд, дар давраи Сосониён ҷомаи амал пӯшид.

5. ДАВЛАТИ КӮШОНИЁН ВА ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Ташкилшавии давлати Кӯшониён бо ҳодисаҳое алоқаманд мебошад, ки дар ноҳияҳои дохилии шимолу шарқии Осиёи Марказӣ рух дода буданд. Дар бораи ин ҳодисаҳо солномаи хитойи Ши-сзи (боби 123) маълумот додааст.[1] Дар минтақаи номбаршуда байни қабилаҳои хуннҳо ва юэҷҳо ҷанги калон сар мешавад. Дар ин ҷанг хуннҳо ғалаба карданд ва юэҷҳо тақрибан соли 165 то мелод маҷбур шуданд, ки макони зисти худро тарк карда ба ғарб ва шимоли кӯҳҳои Тиёншон раванд. То омадани юэҷҳо дар ин ҷо қабилаҳои ориёии сакоиҳо зиндагӣ мекарданд. Дар ҷанге, ки байни ин қабилаҳо сар зада буд, сакоиҳо шикаст хӯрда, ба ғарб ва ҷануб ҳаракат мекунанд. Аммо дере нагузашта

[1] *Бичурин,* II. – С. 151-152.

қабилаҳои уссун ба юэҷҳо ҳуҷум карда, онҳоро аз ин минтақа берун меронанд. Як қисми хурди юэҷҳо ба ҷануби Туркистони шарқӣ рафта, дар он ҷо маскан гирифтанд. Қисми калони онҳо аз Фарғона гузашта, Бохтарро ишғол намуданд. [1]

Чунин аст таърихи мухтасари Бохтарро забт кардани юэҷҳо, ки дар солномаҳои хитоӣ нақл шудааст. Сарчашмаҳои юнонӣ низ дар ин бора хабар додаанд. Мувофиқи нақли Юстин ва Помпей, Трог Бохтарро аз дасти юнониён, қабилаҳои ассиан, пасиан, тохар ва сакараулҳо, ки аз он тарафи Яксарт (Сирдарё) омада буданд, кашида гирифтанд. Дар бораи мансубияти ин қабилаҳо фикрҳои гуногун вуҷуд доранд. Аксари олимон сакараулҳоро бо сакоиҳои ҳаумаварга, пасионҳоро бо апа-сака, яъне сакоиҳои назди об як мешуморанд. Юэҷҳоро бо тохарҳо як шумурда, онҳоро як шохаи қабилаҳои масагетӣ мепиндоранд. Тибқи хулосаи олимон Бохтарро қабилахои сакоӣ-масагетии шимоли Осиёи Миёна ва шимолу шарқии он забт карданд.

Ин ҳодиса байни солҳои 141-128 то мелод рух дода буд. Юстин охирин бор шоҳони юнонии Бохтарро соли 141 то мелод, вақте ки онҳо дар иттифоқ бо шаҳри Селевкиён бар зидди Парфия баромада буданд, ёдоварӣ кардааст. Соли 128 то мелод вақте сайёҳи хитои Чжан-Тсян ба Бохтар омад, дар ин ҷо аллакай қабилаҳои саҳронишини юэҷ ҳукмронӣ мекарданд.[2] Дар аввал қароргоҳи ин қабилаҳо дар соҳили рости Амударё буд. Мувофиқи маълумоти солномаи хитоӣ, Хоу Хан-шу, баъдтар ҳокими онҳо қароргоҳи худро ба соҳили чапи Амударё, ба шаҳри Ланши (яъне Бохтар) кӯчондааст.

Дар солномаи Хоу Хан-шу гуфта мешавад, ки баъди Бохтарро ишғол кардан қабилаҳои юэҷ онро ба панҷ мулк тақсим карданд, ки яке аз онҳо Гуйшуан (яъне Кӯшон) ном дошт. Баъди тақрибан аз 100 сол ҳокими Кӯшон Киосзюкю (Куҷула Кадфиз) чор мулки дигарро ба худ тобеъ карда, худро ҳокими (давлати) Кӯшонӣ эълон кард.[3]

Чунонки мушоҳида мешавад, солномаҳои хитоӣ дар бораи таърихи зиёда аз 100-солаи Кӯшониён баъди Бохтарро забт ва ба панҷ мулки алоҳида тақсим шудани он ҳеҷ гуна маълумоте надоданд. Дар ин бора дар ягон сарчашмаи дигари хаттӣ низ

[1] История таджикского народа. Т.I. – С. 342-343.
[2] *Юстин,* XXXVII, 4.
[3] *Бичурин, II.* – С. 151.

маълумот нест. Эҳтимол дар ин солҳо дар Бохтар ягон ҳодисаи муҳим ва қобили таваҷҷуҳ рух надода буд, ки диққати солномanависони хитоиро ба худ ҷалб намояд. Ин даврai парокандагии сиёсӣ дар Бохтар буд.

Дар робита ба ин даврai таърихи Кӯшониён сиккаҳои нуқрагини калонҳаҷми ба даст омада, ки 16-17 грамм вазн доранд, ҷолиби диққат мебошанд. Бори нахуст ин сиккаҳо дар водии Вахши Тоҷикистон ёфт шуданд. Дар рӯйи онҳо симои подшоҳ дар тарафи рост тасвир шудааст. Ӯ чеҳраи ориёӣ-аврупоӣ – рӯяш барҷаста, биниаш баланд ва чашмони калони бодомшакл дорад. Дар сараш пешонабанди подшоҳӣ – дайҳим мавҷуд аст. Дар пушти ин сиккаҳо ҳамон шоҳе, ки дар рӯйи сиккаҳо ҳаст, аспсавор тасвир шудааст. Дар пушти сари ӯ худои юнонии ғалаба – Ника истодааст. Дар гирди сикка матни юнонӣ ба мазмуни – «ҳоким Ҳерай Санаб, кӯшонӣ» навишта шудааст, ки калимаи кушонӣ дар он барои мо хеле муҳим аст. Аз рӯйи сохту хусусиятҳои тасвирӣ ин сиккаҳо ба асри I то мелод тааллуқ доранд ва подшоҳ кӯшонӣ будани худро дар матни зарбшудаи сиккаҳо таъкид кардааст.

Бо назардошти маълумоти солномаҳои хитоӣ олимон дуруст фарз кардаанд, ки Ҳерай – Санаб подшоҳи яке аз панҷ мулки Бохтар буд, ки Гуйшуан, яъне Кӯшон ном дошт. Ин шоҳ на танҳо сиккаҳои калон (тетрадрахма), балки сиккаҳои хурд (обол = 0, 6-0,7 грамм) низ мебаровард. Оболҳои Ҳерай – Санаб дар бисёр ноҳияҳои Тоҷикистон – Қубодиён, Шаҳритус, Ҳисор, Данғара, Фархор (димнаи Саксанохур) ва Ховалинг ёфт шудаанд.

Дар ин марҳила аз панҷ мулки ҷудогонаи Бохтар танҳо ҳокими мулки Кӯшон сикка мебароварад. Ин ҳодиса ҳокӣ бар он аст, ки ин мулк аз чор мулки дигар пурзӯртар будааст. Бо эҳтимоли зиёд пойтахти ин мулк дар шаҳри Бохтар ҷойгир буд. Беҳуда нест, ки дар солномаи хитоӣ танҳо номи ҳамин мулк зикр шудааст. Яъне дар атрофи мулки Кӯшон муттаҳид шудани чор мулки дигари Бохтар тасодуф набудааст.

Ҳамин тавр, тақрибан каме бештар аз як асри баъди Бохтарро забт кардани қабилаҳои сакоӣ – масагетӣ давлати ягонаи Кӯшониён ташкил шуд. Дақиқ муайян кардани санаи ин ҳодиса амри маҳол аст. Аммо муайян будани санаи Бохтарро забт кардани Кӯшониён (байни солҳои 141-128 то мелод) имконият медиҳад, ки ин ҳодисаро ба охири асри I то мелод, тахминан ба солҳои 20 то мелод нисбат диҳем. Ин сана то андозае шартист,

вале он барои муайян намудани санаи тақрибан ҳукмронии шоҳони кӯшонӣ зарур аст.

Дар бораи Куҷула Кадфиз (Киосзюкю) солномаи хитоӣ хабар медиҳад, ки ӯ бо Парфия (Анси) ҷангида, Гаофа (Кобул)-ро ишғол кард. Пуду (Арахосия ё Ғазнӣ) ва Гибин (Кашмир)-ро торумор намуд. Ӯ аз 80 сол зиёдтар умр дид. Муҳаққиқон дар асоси катибаҳо муайян карданд, ки Куҷула Кадфиз тақрибан 50-60 сол ҳукм рондааст. Аммо солҳои дақиқи салтанаташ маълум нест. Дар катибаҳое, ки номи ӯ зикр шудааст, солҳои 103-136 сабт шудаанд, аммо ин рақамҳо ба кадом солшуморӣ тааллуқ доранд, маълум нест.

Дар робита бо санаи ҳукмронии шоҳони кӯшонӣ чунин нуқтаро ёдовар шудан лозим аст, дар асоси сиккаҳо ва катибаҳо пайдарҳамӣ ва давомнокии тахминии ҳукмронии онҳо аз ҷониби олимони пешниҳод шуда буд. Ин пешниҳоди олимон дар бораи пайдарҳамии ҳукмронии шоҳони кӯшониро катибаи Работак (чор шоҳи аввали давлати Кӯшониёни Бузург аз Куҷула Кадфиз то Канишка) пурра тасдиқ кард. Шубҳае нест, ки ҳукмронии сисилаи шоҳони боқимонда низ дуруст муайян карда шудааст. Аммо дар мавриди оғози ҳукмронии аввалин шоҳи Кӯшониёни Бузург – Куҷула Кадфиз ва шоҳони баъдии он фикру ақидаҳои олимон гуногунанд. Масалан, оғози ҳукмронии яке аз бузургтарин шоҳони кӯшонӣ Канишкаро олимони гуногун ба солҳои 78, 128, 144 ва ҳатто 278 нисбат додаанд.

Дар санаҳое, ки то ин дам пешниҳод шуда буданд, номи Вима Такту набуд. Пайдо шудани номи ин шоҳ тақозо мекунад, ки ҳамаи ин санаҳо аз нав дида баромада шавад. Мушкилоти кор боз дар он зоҳир мешавад, ки идомати ҳукмронии шоҳони дигар дар асоси маълумоти катибаҳо бо солшумории номуайяни зикршуда ба таври тақрибӣ муайян карда шудааст, аммо солҳои ҳукмронии Вима Такту, ки номаш танҳо дар катибаи Работак зикр шудааст, маълумоте мавҷуд нест. Ин ҳолат тартиб додани шаҷараи тахминии ҳукмронии шоҳони кӯшониро боз ҳам душвортар мегардонад. Аз ҷузъиёти баёни ин масъалаи баҳснок ва аз бисёр ҷиҳат норавшан, ки таҳқиқоти иловагиро талаб мекунад, сарфи назар карда, танҳо як чизро таъкид карданием. Дар ҳалли ин масъала мо бояд ба маълумоти сарчашмаи хитоӣ дар бораи баъди беш аз 100 соли пас аз Бохтарро ишғол кардани Кӯшониён сар шудани ҳукмронии Кучула Кадфиз такя кунем. Аз рӯйи ин

маълумот ҳукмронии Куҷула Кадфиз ба охирҳои асри I то мелод рост меояд. Дар робита ба солҳои ҳукмронии шоҳони кӯшонӣ ақидаи олимоне, ки ба ин маълумот такя кардаанд, ба ҳақиқат наздиктар аст ва мо низ дар баёни минбаъдаи мавзӯъ ба онҳо пайравӣ хоҳем кард.

Аз рӯйи фикри Лохвизен - де - Леев, Куҷула Кадфиз тақрибан то соли 35 мелодӣ ҳукмронӣ кардааст. Ин санаи таърихӣ боэътимод ба назар мерасад. Агар фарз кунем, ки Куҷула Кадфиз тақрибан 55 сол салтанат кардааст, пас ҳукмронии ӯ ба солҳои 20 то мелод – 35 мелодӣ рост меояд. Дар давраи ҳукмронии ӯ давлати Кӯшониён васеъ шуда, то Кобулу Кашмир ва дар ҷануб то Арахосия расид.

Куҷула Кадфиз аз номи худ сиккаҳои мисин мебароварад. Ин сиккаҳо мусаввараҳои гуногун доштанд ва дар пайравӣ ба сиккаҳои Рум, Парфия, Бохтари замони ҳукмронии юнониён сохта шудаанд. Як намуди сиккаҳо бо номи ин шоҳ ҷолибанд. Дар рӯйи онҳо чеҳраи шоҳи юнонӣ-бохтарӣ Ҳермей ҳамроҳ бо номи ӯ ва дар пушташон сурати Ҳеракл ва номи Куҷула Кадфиз тасвир шудаанд. Дар бораи сабаби пайдоиши ин сиккаҳои дунома фарзияҳои зиёд вуҷуд доранд. Дар байни онҳо ақидаи дар пайравӣ ба сиккаҳои Ҳермей аз номи Куҷула Кадфиз бароварда шудани онҳо ба ҳақиқат наздиктар менамояд.

Дар ин давра сиккасозии Кӯшониён дар марҳилаи ташаккулёбӣ буд ва ҳанӯз шакли устувор ва ба худ хосро нагирифта буд. Дар робита ба Куҷула Кадфиз бояд зикр кунем, ки сиккаҳои ӯ дар Осиёи Миёна ёфт нашудаанд. Ҳол он ки дар Афғонистон онҳо ба миқдори кофӣ ба даст омадаанд. Аз ин ҷо фарз кардан мумкин аст, ки Бохтари шимолӣ ва умуман Осиёи Миёна ба ҳайати давлатӣ Куҷула Кадфиз дохил намешуданд ва ин минтақаҳо танҳо дар давраи ҳукмронии писари ӯ Вима Такту ба ҳайати давлати бузурги Кӯшониён дохил карда шуданд.

Баъди Куҷула Кадфиз писари ӯ Вима Такту ҳукмронӣ кардааст. Номи ин шоҳи кӯшонӣ то ба наздикӣ маълум набуд. Номи ӯ танҳо дар катибаи Работаки Афғонистон, ки соли 1993 ёфт шуда буд, сабт шудааст. Ин катиба бо хати юнониасоси кӯшонӣ ва забони бохтарӣ навишта шудааст ва ба шоҳ Канишка нисбат дорад. Дар он шоҳи номбаршуда, дар бораи сохтмони маъбади худоҳои зардуштӣ, модархудои ориёӣ Умма ва худоҳои ҳиндӣ фармон додааст. Ҳамчунин дар ин катиба Канишка

фармон додааст, ки дар маъбади сохташаванда муҷассамаҳои аҷдодони ӯ – падараш шоҳ Вима Кадфиз, бобояш шоҳ Вима Такту ва бобокалонаш, шоҳ Куҷула Кадфиз гузошта шаванд. [1]

Аз ин катиба дақиқ маълум мешавад, ки баъди Куҷула Кадфиз писараш Вима Такту ҳукмронӣ кардааст. Ин маълумоти нав талаб мекунад, ки дар шарҳи як хабари солномаҳои хитоӣ тағдиди назар карда шавад. Мувофиқи он, баъди Куҷула Кадфиз (Киосзюкю) писари ӯ Янгаочжен (шакли қадимаи хитоиаш Йем - кау - тиен) ба тахт нишаст. Муҳаққиқон дар асоси сиккаҳо ӯро Вима Кадфиз мешумурданд. Акнун мо Янгаочженро бояд Вима Такту ҳисоб кунем.

Аз рӯйи маълумоти солномаи хитоӣ Хоу хан-шу Янгаочжен (Вима Такту) баъди ба ҷойи падараш ба тахт нишастан Тянчжуро (Ҳиндустони марказӣ) забт карда, идора кардани онро ба яке аз сарлашкарони худ супорид. Аз ҳамин вақт давлати юэҷҳо неруманд ва сарватманд шуд. Ин хабари солномаи хитоиро то андозае сиккаҳо тасдиқ мекунанд ва дар ин бора мо поёнтар сухан хоҳем гуфт.

Катибаи Работак боз ба як муаммои таърихи Кӯшониён равшанӣ андохт. Дар байни сиккаҳои кӯшонӣ як намуд сиккаҳои сершумор ва васеъ паҳнгаштае ҳастанд, ки мансубияташон то бозёфти катибаи Работак маълум набуд. Сухан дар бораи он меравад, ки дар ин сиккаҳо номи шоҳ зикр нашуда, танҳо унвонҳои ифтихории ӯ – «Басилевс Басилеон Сотер Мегас» – «Шоҳаншоҳ Наҷотдиҳандаи Бузург» навишта шудаанд. Ин навиштаҷот мудаввар буда, дар пушти сиккахо ҷойгир аст. Дар дохили он шоҳи аспсавор бо кулоҳи нӯгтез, дайҳим ва табарзин дар дасти росташ тасвир шудааст. Дар рӯйи ин сиккахо чеҳраи шоҳи ҷавон бо нурҳои офтоб дар гирди сараш ва найзаи кӯтоҳ дар дасташ наққошӣ шудааст.[2]

Баъзе олимон дар асоси ин нурҳо, ки рамзи тақдиси илоҳӣ мебошанд, тасвири мазкурро ба худои Митра нисбат медиҳанд. Дар бораи дурустӣ ё нодурустии ин фарзия чизе гуфтан мушкил аст. Аммо дар як намуди дигари сиккаҳои Сотер Мегас ӯ бо тоскулоҳ тасвир шудааст ва дар болои сараш нур надорад. Шояд набудани нур ба тоскулоҳ вобаста бошад. Ба ҳар ҳол дар бораи тасвир шудани шоҳ дар ин сиккаҳо шубҳае вуҷуд надорад. Бояд

---

[1] *Симс-Вильямс Н.* Новые бактрийские документы ВДИ, 1997, №3. – С. 3-10.
[2] *Зеймаль Е.В.* Древние монеты Таджикистана. – С. 160-177.

таъкид намоем, ки сурати шоҳи тоскулоҳдор ва бекулоҳи гирди сараш нурдор бо ҳам монанд мебошанд, гарчанде ки аввалӣ калонсол вале дар назар миёнасол менамояд. Дар ин асос гуфтан мумкин аст, ки дар ҳарду намуди ин сиккаҳо подшоҳи кӯшонӣ Вима Такту тасвир шудааст.

Сотер Мегасро (худаш ё ҳамзамононаш) то андозае бузург мешумурданд, ки дар сиккаҳо сабти танҳо унвонҳои ифтихориашро барои шинохтани ӯ кофӣ ҳисоб мекарданд. Аз афти кор ин шоҳ бо унвони Сотер Мегас хеле маъруфу машҳур буд ва ҳамзамононаш аз рӯйи ин унвон ба ӯ мансуб будани ин сиккаҳоро мефаҳмиданд. Аммо барои олимон, махсусан сиккашиносон набудани номи шоҳ дар муайян кардани мансубияти ин сиккаҳо мушкилоти зиёде пеш овард. Сиккашиносон ва олимони дигар ин сиккаҳои беномро асосан ба ду шоҳи кӯшонӣ – Куҷула Кадфиз ва Вима Кадфиз нисбат медоданд.

Баъди бозёфти катибаи Работак, тавре ки дар боло гуфтем, аниқ маълум шуд, ки баъди Куҷула Кудфиз писари ӯ Вима Такту ҳукмронӣ кардааст. Аммо дар байни сиккаҳои кӯшонӣ сиккаҳои мансуб ба номи ин шоҳ вуҷуд надоранд. Аз ҷониби дигар ҳеҷ имкон надошт, ки ин шоҳ сикка набароварда бошад. Бо дарназардошти ин санадҳо муҳаққиқ ва тарҷумони катибаи Работак Симс-Вилямс пешниҳод кард, ки сиккаҳои кӯшонии беном бо унвони Сотер Сегас ба шоҳ Вима Такту нисбат дода шаванд.

Ин пешниҳод қобили қабул аст ва алҳол ягон олим дурустии онро зери шубҳа нагузоштааст. Аз рӯйи хусусияти мусаввараҳо низ сиккаҳои Сотер Мегас дар байни сиккаҳои Куҷула Кадфиз ва Вима Кадфиз меистанд ба туфайли бозёфти катибаи Работак боз як муаммои таърихи пурасрори Кӯшониён ошкор гардид. Сиккаҳои бенома Сотер Мегас баъди қариб ду ҳазор сол аз нав соҳиби худро пайдо карданд.

Бозёфти сиккаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки «Наҷотдиҳандаи Бузург» (Сотер Мегас) номидани шоҳ Вима Такту чандон беасос ҳам набудааст. Сиккаҳои ӯ дар масоҳати хеле паҳновар – аз шаҳри Таксилаи шимоли Ҳиндустон то сарҳадҳои Чоч дар Осиёи Миёна ба миқдори фаровон ёфт шудаанд. Дар Тоҷикистон низ сиккаҳои Сотер Мегас-Вима Такту ба миқдори хеле зиёд дар шакли алоҳида ва чун дафина ба даст омадаанд. Аз ҷумла дафинаҳои калони

сиккаҳои ин шоҳи кӯшонӣ дар Ҳисор, Данғара (деҳаи Булёни Поён) ва Қубодиён (димнаи Тахти Сангин) пайдо карда шудаанд.

Сиккаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар давраи ҳукмронии Сотер Мегас-Вима Такту давлати Кӯшониён хеле васеъ шуда, шимоли Ҳиндустон, Афғонистон ва тамоми Осиёи Миёнаро то сарҳади Чоч дар бар мегирифт.

Муайян кардани давомнокӣ ва солҳои ҳукмронии Вима Такту кори душвор ва амалан ғайриимкон аст. Чунки дар ин бора мо ягон хел маълумот надорем. Ягона санади тахминӣ, ки ба он метавонем такя кунем, ин ба соли 35 нисбат додани анҷоми ҳукмронии Куҷула Кадфиз мебошад, ки дар ин бора мо дар боло гуфта гузаштем. Дар мавриди давомнокии ҳукмронии Вима Такту ҳаминро гуфтан лозим аст, ки дар як намуд сиккаҳо, тавре пештар гуфтем, шоҳи ҷавон (агар он Меҳр (Митра) набошад) ва дар намуди дигари сиккаҳо шоҳи миёнасол тасвир шудааст. Дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки Вима Такту тӯлонӣ, эҳтимол на камтар аз 30-40 сол ҳукмронӣ кардааст. Ин рақамҳо албатта тахминӣ ҳастанд. Аммо набудани дигар санадҳо дар ин бора моро водор месозад, ки барои ақаллан ба таври умумӣ пайдарҳамии таърихи кӯшониёнро тасаввур кардан онро истифода барем.

Шояд дар оянда маълумоти наве пайдо шаванд, ки онро тасдиқ, ислоҳ ва ё тағйир дода, ҳалли ин муаммои таърихи норавшани Кӯшониёнро осонтар гардонанд. Ба ҳар ҳол агар фарз кунем, ки Вима Такту 30-40 сол (ба ҳисоби миёна 35 сол) ҳукмронӣ кардааст, пас подшоҳии ӯ ба солҳои 35-70 рост меояд.

Баъди Вима Такту писараш Вима Кадфиз подшоҳи давлати Кӯшониён шуд. Номи ӯ дар як катибаи аз Ладака (Табати Хурд) ёфт шуда, ки ба соли 187 солшумории номаълум тааллуқ дорад, зикр шудааст. Дар Матхураи Ҳиндустон ҳайкали сангини шоҳро ёфтанд, ки дар болояш номи Вима Кадфиз навишта шудааст. Шоҳ дар тахт нишастааст ва дасти чапаш дар камарбандаш мебошад, дар дасти росташ шашпар дорад. Ду пояи пеши тахт дар шакли сурати шер сохта шудаанд. Дар бораи ин шоҳ дар сарчашмаҳои хаттӣ дигар ҳеҷ гуна маълумот нест. Агар охири ҳукмронии Вима Тактуро шартан соли 70 ҳисоб кунем, пас ҳукмронии Вима Кадфиз мувофиқи тартиби санагузории дар боло пешниҳодшуда, ба солҳои 70-71 рост меояд.

Дар бораи давраи ҳукмронии Вима Кадфиз сиккаҳои ӯ маълумоти муайянро дар бар мегиранд. Сиккаҳо гувоҳӣ медиҳанд,

ки Вима Кадфиз ислоҳоти пулӣ гузаронда, бори нахуст ба муомилот сиккаҳои тиллоиро мебарорад. Пешгузаштагони ӯ Куҷула Кадфиз ва Вима Такту танҳо сиккаҳои мисин бароварда буданд. Эҳтимол дар замони онҳо сиккаҳои нуқрагини тақлидии Евкратид ва сиккаҳои нуқрагини Ҳерай – Санаб дар муомилот буданд. Сиккаҳои тиллоии Вима Кадфиз воҳиди асосии пулӣ буда, қариб 8 грамм вазн доранд.

Ба ақидаи баъзе олимон, Кӯшониён дар пайравӣ ба сиккаҳои тиллоии Рум барои сиккаҳои худ ин вазнро интихоб кардаанд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки ҳанӯз сиккаҳои тиллоии Ҳахоманишиён 8 грамм вазн доштанд. Ва аз эҳтимол дур нест, ки Кӯшониён ин вазнро на аз румиҳо гирифтаанд, балки дар асоси анъанаҳои маҳаллӣ интихоб намудаанд. Ба ақидаи олимон, Кӯшониён дар зери таъсири Рум, ки бо он алоқаҳои зичи савдоӣ доштанд, ба муомилот сиккаҳои тиллоиро баровардаанд.

Новобаста аз ин бояд зикр намоем, ки ҳанӯз дар даврaи юнонӣ – бохтарӣ гарчанде ки дар муомилот сиккаҳои нуқрагин мавқеи асосиро ишғол мекарданд, сиккаҳои тиллоӣ низ бароварда мешуданд. Яъне анъанаи муомилоти пулҳои тиллоӣ дар Бохтар пеш аз Кӯшониён низ вуҷуд дошт. Кӯшониён сиккаҳои тиллоиро ба воҳиди асосии пул табдил доданд. Ин сиккаҳоро, тавре ки аз адабиёти гуптӣ бармеояд, динор меномиданд, ки аз калимаи румии «денариус» гирифта шудааст.[1]

Дар рӯйи сиккаҳои Вима Кадфиз нимпайкараи шоҳ тасвир шудааст. Ӯ дар сараш кулоҳи баланди доирашакли каме дарозрӯя ва дар гирди сараш дайҳим дорад. Дар дасти росташ ҳалқа – тоҷи рамзии салтанат ҳаст ва аз китфи чапаш шуълаҳои оташ партавафшонӣ мекунанд. Чеҳраи шоҳ ориёӣ-аврупоӣ аст. Ӯ рӯйи калони барҷаста, бинии баланду калон, чашмони калони бодомшакл дорад. Дар пушти сари шоҳ нишони махсуси сулолавӣ – чоршохаи поядор тасвир шудааст. Дар пушти сиккаҳои тиллоии Вима Кадфиз суратҳои гуногун ҷойгиранд.

Дар баробари сиккаҳои тиллоӣ Кӯшониён барои муомилоти хурду миёнаи ҳамарӯза сиккаҳои калони мисин мебаровардаанд, ки 16-17 грамм вазн доштаанд. Баръакси сиккаҳои тиллоӣ дар сиккаҳои мисин суратҳои якхела ҷойгир буданд. Дар рӯйи онҳо шоҳ дар назди оташдони муқаддаси зардуштӣ дар ҳолати ниёиш тасвир шудааст. Ӯ дар тан кифтон (ҷома)-и дарози аз зону поёни

[1] *Зеймаль Е.В.* Древние монеты Таджикистана. – С. 178.

пешаш кушода, дар сараш кулоҳи баланди доирашакли дарозрӯя ва гирди сараш дайҳим дорад.

Дар тарафи чапи шоҳ гурз ва нишони сешоха ва дар пеш сешохаи дароздаста ҷойгиранд. Шоҳ рӯй, бинӣ ва риши калон дорад. Дар рӯйи сиккаҳо матни юнонӣ ва дар пушташон матни ҳиндии зерин зарб шудааст: Басилевс басилеон сотер мегас Вима Кадфиз (шоҳи шоҳон наҷотдиҳандаи бузург Вима Кадфиз). Матни ҳиндии ба ғайр аз ду калимаи иловагӣ айнан мисли матни юнонии рӯйи сиккаҳо мебошад: Маҳараҷаса раҷадираҷаса сарвалога исвараса маҳесвараса Вима Катфизаса тратараса (Шоҳи шоҳон наҷотдиҳандаи бузург, парастандаи шифо). Аз ин матн чунин бармеояд, ки шоҳ мисли падараш Вима Такту унвони Сотер Мегасро доштааст.

Сиккаҳои Вима Кадфиз дар бисёр ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон, аз ҷумла Қубодиён (димнаи Тахти Сангин) Шаҳритус (димнаи Теппаи Шоҳ), Колхозобод, Душанбе, Ёвон ва ғайра ёфт шудаанд. Яъне онҳо дар ин ҷо ба таври васеъ дар муомилот буданд. Сикка задан аз тилло нишони пешравии иқтисодиёт ва иштироки васеи Кӯшониён дар савдои байналхалқӣ буд. Ин амал обрӯи сиёсии онҳоро дар арсаи байналхалқӣ боз ҳам болотар бардошт. [1]

Давлати Кӯшониён дар давраи ҳукмронии шоҳ Канишка, ки писари Вима Кадфиз буд, ба авҷи тараққиёти худ мерасад. Дар асоси катибаҳо муайян карда шудааст, ки ӯ на камтар аз 23 сол ҳукмронӣ кардааст. Агар ин санаро шартан то 30 сол дароз кунем, пас Канишка мувофиқи тартиби санагузории мо пешниҳодкарда, тақрибан дар солҳои 110-140 ҳукмронӣ кардааст.

Ӯ дар Ҳиндустон қаламрави Кӯшониёнро дар самти шарқ то поёноби дарёи Ганга ва дар самти ҷануб то дарёи Нарбад васеъ намуд. Пойтахти ӯ дар шаҳри Пешовар ҷойгир буд.[2] Ақидае низ ҳаст, ки ӯ якчанд пойтахт дошт ва яке аз онҳо Пешовар буд. Дар асоси катибаҳои Сурхкӯтал ва Работак метавонем фарз кунем, ки шаҳри Бохтар низ яке аз пойтахтҳои муҳими Канишка буд.

Пеш муҳаққиқон чунин мешумориданд, ки Осиёи Миёна маҳз дар давраи Канишка ба ҳайати давлати Кӯшониён ҳамроҳ карда шуд. Яке аз далелҳои ин ҳодиса дар тамоми ин минтақа паҳн будани сиккаҳои ин шоҳ буд. Ҳамчунин тахмин мекарданд, ки

[1] Таърихи халқи тоҷик. – С. 146.
[2] История таджикского народа. Т.I. 1963. – С. 356-357; *Гафуров Б.* Таджики. – С. 151.

сиккаҳои Сотер Мегас низ маҳз дар давраи Канишка дар тамоми Осиёи Миёна паҳн шуда буданд. Аммо тавре ки дар боло қайд гардид, баъди бозёфти катибаи Работак сиккаҳои Сотер Мегасро ба Вима Такту нисбат медиҳанд. Аз он чунин бармеояд, ки Осиёи Миёна на дар давраи Канишка, балки дар давраи ҳукмронии бобои ӯ Вима Такту (тақрибан солҳои 35-70) ба давлати Кӯшониён ҳамроҳ карда шуда буд. Мувофиқи адабиёти буддоӣ Канишка дар паҳн кардани ин дин сахми калон дошт.

Каниша дар эҳё ва интишори забони бохтарӣ баъди истилои юнониён нақши намоён гузоштааст. Дар ин бора то вақтҳои охир сиккаҳои ӯ шаҳодат медоданд. Пешгузаштагони ӯ дар сиккаҳояшон матнҳои юнонӣ ва ҳиндӣ (кхарошти) (Куҷула Кадфиз ва Вима Кадфиз) ё танҳо юнонӣ (Сотер Мегас – Вима Такту) истифода мекарданд.

Ӯ дар ин соҳа ислоҳот гузаронда, ба ҷойи ин матн дар сиккаҳояш танҳо навиштаҷоти ориёиро ҷойгир намуд. Дурустии ин хулосаи олимонро катибаи Работак возеҳу равшан тасдиқ ва собит намуд. Дар ин катиба, ки ба соли якуми ҳукмронии Канишка тааллуқ дорад, ӯ фармон дод, ки аз ин пас ҳамаи катиба ва ҳуҷҷатҳо ба ҷойи забони юнонӣ бо забонӣ бохтарӣ навишта шаванд.[1] Ин амал аҳамияти калони сиёсӣ ва фарҳангӣ дошт. Баъди зиёда аз 400 соли ҳукмронии забони юнонӣ дар Бохтар ӯ дуюмбора ба забони бохтарӣ мартабаи баланди давлатӣ дод. Ин хизмати босазои ӯ дар назди халқҳои ориёӣ буд.

Ҷолиби диққат аст, ки дар ин катиба, ки тақрибан соли 111, яъне дар соли аввали ҳукмронии Канишка тартиб дода шудааст, мафҳуми забони ориёӣ истифода шудааст. Олимон муайян кардаанд, ки ин катиба бохтарӣ аст. Ин забон дар қатори забонҳои суғдӣ, хоразмӣ ва ғайра ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ дохил мешуд. Дар ҳамин вақт дар баробари ин забонҳои ғарбии эронӣ – паҳлавӣ, портӣ ва баъзеи дигар амал мекарданд.

Номҳои забонҳои бохтарӣ, суғдӣ ва ғайраро олимон аз рӯйи номхои ҷуғрофии минтақахои мазкур нисбат додаанд. Аз катибаи Работак бармеояд, ки ҳамаи ин забонҳо бо номи умумӣ ориёӣ ифода мешуданд. Мафҳуми забони ориёӣ то аввали аср II истифода мешуд. Шояд он дар асрҳои минбаъда то пайдоиши мафҳуми забони форсӣ ва дарӣ, тақрибан то истилои арабҳо боқӣ монда буд. Дар як ҳуҷҷати бо забони бохтарӣ иншошуда, ки ба

[1] *Симс-Вильямс Н.* Новые бактрийские документы. ВДИ, 1997, №3. – С. 3-10.

асри VII тааллуқ дорад ва дар Афғонистон ёфт шудааст, калимаи ориёӣ дучор мешавад. [1]

Канишка низ мисли падараш Вима Кадфиз аз тилло ва нуқра сикка мебароварад. Сиккаҳои тиллоии ӯ якдинора (8грамм) ва нимдинора (4 грамм) буданд. Сиккаҳои мисинаш 15-16 грамм вазн доштанд. Дар рӯйи сиккаҳо боз ҳамон саҳнаи ибодати шоҳ дар назди меҳроби оташи муқаддаси зардуштӣ бо кифтони дароз ва найза дар дасти чапаш тасвир шудааст. дар пушти аксари сиккаҳои ӯ изадони гуногуни зардуштӣ – Меҳр, Мао (Моҳ), Нана, Оташ, дар як намуди сиккахо Шива ва дар намуди дигараш Буддо тасвир шудаанд. [2]

Сиккаҳои Канишка дар тамоми қаламрави ин империя, аз ҷумла аз Осиёи Миёна то Чоч ба миқдори зиёд ёфт шудаанд. Дар Тоҷикистон ин сиккаҳо аз ноҳияҳои Кӯлоб, Колхозобод (тиллоӣ), Ҳисор, Шаҳритус, Қубодиён, Душанбе (мисин) ва ғайра ба даст омадаанд.

Солномаҳои хитоӣ дар бораи муносибати Кӯшониён бо Хитой дар охири асри I–аввали асри II маълумот додаанд. Аз маълумоти онҳо чунин бармеояд, ки Туркистони шарқӣ як муддат дар зери дасти Кӯшониён будааст.[3] Аммо соли 84 артиши Хитой бо сардории Бан Чао ба Кошғар ҳуҷум кард. Кошғариҳо муқобилият нишон доданд ва шоҳи Кангха артиши худро ба ёрии онҳо фиристод. Эҳтимол байни Хитой ва Кӯшониён доир ба тақсими доираи нуфуз ягон аҳднома баста шуда буд, чунки кӯшониҳо на танҳо ба пешравии артиши Хитой дар Туркманистони шарқӣ монеъ нашуданд, балки ба шоҳи Кангха фишор оварданд, то лашкари худро пас хонад. Дар натиҷа хитоиҳо Кошғарро ишғол карданд. Дере нагузашта онҳо Турфонро низ забт намуданд.

Баъди ду-се сол муносибатҳои байни Хитой ва Кӯшониён бад шуданд. Сабаби бадшавии муносибатҳо ҳабси сафирони кӯшонӣ буд, ки бо туҳфаҳои гаронбаҳо ба дарбори императори Хитой ба хостгории духтараш барои писари шоҳи Кӯшониён ё худи шоҳ рафта буданд. Дар ҷавоб шоҳи Кӯшонӣ ба муқобили хитоиҳо ба Туркистони шарқӣ лашкари 70 ҳазор нафарарро бо сардории ҳокими Сэ фиристод. Аммо кӯшониҳо барои ин ҳамла тайёрии

[1] Ҳамон ҷо. – С. 3-10.
[2] *Зеймаль Е.В.* Древние монеты Таджикистана. – С. 190-204.
[3] История таджикского народа. Т.I. – С. 357-359.

хуб надида буданд. Баъди ба Туркистони шарқӣ дохил шудан лашкари Кӯшониён бинобар нарасидани озуқаворӣ ба гуруснагӣ дучор шуданд. Кӯшиши дар Кучор ба даст овардани озуқаворӣ низ бенатиҷа анҷом ёфт. Аз ҳамин сабаб Сэ маҷбур шуд бо Бан Чао гуфтушунид карда, лашкаркашро аз Туркистони шарқӣ барорад. Аз ин вазъият истифода бурда Бан Чао соли 91 Кучорро низ ишғол кард.

Аммо баъди ин ҳам Кӯшониён муборизаро барои ба итоати худ даровардани Туркистони шарқӣ қатъ накарданд. Дар давраи ҳукмронии император Ан (солҳои 114-116) ҳокими Қошғар амакаш Чен Панро аз мамлакат ронд. Ӯ ба дарбори Кӯшониён рафт. Ӯро бо хушнудӣ қабул карданд. Баъди вафоти ҳокими Кошғар Кӯшониён ба Чен Пан ҷанговар доданд ва ӯ рафта Қошғарро ишғол карда, ҳокими он шуд. Солномаҳои хитоӣ дар ин бора хабар дода навиштаанд, ки кошғариҳо Чен Панро ба хушнудӣ пазируфтанд, чунки онҳо аз юэҷҳо (кӯшониён) метарсиданд. Аммо ҳокимияти Кӯшониён дар Кошғар дер напоид. Соли 125 ҳитоиҳо аз нав Қошгарро ишғол намуданд. Соли 132 Кӯшониён бори дигар кӯшиш карданд, ки Туркистони шарқиро тасарруф намоянд. Аммо натиҷа ва ҷузъиёти ин ҳодиса маълум нест. Солномаи хитоӣ дар хабарҳо доир ба сафорати Кӯшониён шоҳи онро ёд кардааст, аммо номашро зикр накардааст.

Агар тартиби санагузории пешниҳодшудаи Кӯшониёнро ба назар гирем, бархӯрдҳои Кӯшониён бо Хитой дар Туркистони шарқӣ дар нимаи дуюми ҳукмронии Вима Кадфиз ва ҳукмронии Канишка рух дода буданд. Эҳтимол ба Канишка муяссар шуд, ки гумоштаи худ Чен Панро ба тахти Кошғар шинонад. Ин фарзия бо маълумоти сарчашмаҳои хитоӣ дар бораи ҳавзаи Тарими Туркистони шарқиро ишғол кардани Канишка мувофиқат дорад.

Мувофиқи маълумоти навиштаҷоти ҳиндӣ баъди Канишка Васишка ва баъди ӯ Хувишка ҳукмронӣ кардаанд. Аммо дар байни сиккаҳои Кӯшониён нусхаҳое бо номи Васишка пайдо карда нашудаанд. Шояд мисли Вима Такту ягон намуд сиккаҳои бе ном ба ӯ тааллуқ дошта бошанд. Ба ақидаи Лохвизен-де-Леев, ӯ ҳамагӣ панҷ сол ҳукмронӣ кардааст.[1] Агар ин ақидаро қабул намоем, мувофиқи тартиби санагузории мо, Васишка тақрибан солҳои 141-146 ҳукмронӣ кардааст.

---

[1] История таджикского народа. Т.I. – С. 366.

Номи Хувишка дар 18 катибаҳои ҳиндӣ ёд карда шудааст. Матнҳои катиба бо солшумории Канишка аз соли 28 то 60 санагузорӣ шудаанд. Яъне ӯ тақрибан 32 сол ҳукмронӣ карда буд. Пас мувофиқи санагузории мо ҳукмронии Хувишка ба солҳои 147-179 рост меояд.

Хувишка баръакси Васишка аз худ шумораи зиёди сиккаҳои тиллоӣ ва мисинро боқӣ гузоштааст. Аз рӯйи хусусиёти суратҳо сиккаҳои ӯ аз сиккаҳои пешгузаштагонаш то андозае фарқ мекунанд. Дар рӯйи аксарияти сиккаҳои тиллоӣ нимпайкараи ӯ тасвир шудааст. Шоҳ дар дасти чапаш найзаи кӯтоҳ ва дар дасти росташ кавкаба (рамзи ҳокимият) дорад. Тоҷи шоҳ бо сангҳои қиматбаҳо оро дода шудааст. Гирдогирди сурати шоҳ чунин навишта шудааст: «Шоҳаншоҳ Хувишка, кушано». Дар як намуди сиккаҳои тиллоӣ ин шоҳ савори фил тасвир шудааст. Сурати фил маъмулан бо анъанаҳои ҳиндӣ алоқаманд мебошад. Дар як намуди дигар сиккаҳои тиллоӣ шоҳ чорзону дар болои курсӣ нишастааст.

Дар пушти аксарияти сиккаҳои тиллоии Хувишка изадони зардуштӣ – Меҳр (Митра), Мао (Моҳ), Фарро Ардохша ва ғайра наққошӣ шудаанд. Дар пушти ду намуд сиккаҳои тиллоии ӯ мутаносибан худоҳои ҳиндӣ Шиваи чордаста ва Сегал ҷойгиранд.

Дар рӯйи сиккаҳои мисини Хувишка шоҳи филсавор ва шоҳи дар курсӣ якпаҳлу нишаста тасвир шудаанд. Дар пушти сиккаҳо худоҳои гуногуни зардуштӣ ҷойгиранд. Мусаввараҳои сиккаҳои мисин дар пайравӣ ба сиккаҳои тиллоӣ сохта шудаанд.

Сиккаҳои тилоии Хувишка якдинора ва чорякдинора буданд. Бештари бозёфтҳоро сиккаҳои якдинора ташкил мекунанд. Мусаввараҳои сиккаҳои Хувишка ва дигар шоҳони кӯшонӣ асосан ба ду шохаи фарҳанги ориёӣ – осиёимиёнагӣ ва эронию ҳиндӣ тааллуқ доранд.

Бозёфтҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки сиккаҳои Хувишка дар тамоми Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон роиҷ буданд. Дар осорхонаҳои Тирмиз (9 дона), Самарқанд (15 дона) ва Тошканд (28 дона) як миқдор сиккаҳои мисини ин шоҳ маҳфузанд, ки бо эҳтимоли зиёд, бозёфти маҳаллӣ мебошанд. Дар Тоҷикистон ин сиккаҳо асосан дар ноҳияҳои ҷанубӣ – Қубодиён, Шаҳритус, Вахш, Хуросон, Ёвон, Регар ёфт шудаанд. Аз ноҳияҳои шимолӣ онҳо танҳо дар Панҷакент пайдо карда шудаанд.

Дар байни шоҳони кӯшонӣ сиккаҳои тиллоиро аз ҳама бештар Хувишка баровардааст. Дар ин бора бозёфтҳо шаҳодат медиҳанд. Аммо дар Осиёи Миёна то ба наздикӣ сиккаҳои тилоии Хувишка ёфт нашуда буданд. Ҳол он ки дар Бохтари соҳили чапи Амударё онҳо ба миқдори кофӣ пайдо шудаанд. Сиккашиносон ҳатто гумон доштанд, ки онҳо дар ин минтақа дар муомилот набуданд. Аммо як бозёфт дар ҷануби Тоҷикистон ба ин шубҳаҳо хотима гузошт. Дар димнаи Ҳалқаҷар, дар назди деҳаи Сарбанди ноҳияи Хуросон (собиқ ноҳияи Ғозималик) 29 феврали соли 1999 ҳини шудгори замин ду сокини маҳаллӣ – трактрчӣ ва бригадир як кӯза тангаи тиллоӣ ёфтанд.[1] Муттассифона, то хабардор шудани олимон ва мақомоти ҳукуматӣ тангаҳои тиллоӣ, аз даст ба даст гашта гум шуданд. Ҳоло фақат як сикка аз он дар Пажӯҳишгоҳи таърих нигаҳдорӣ мешавад. Олимони сиккашинос зимни омӯзиши он муайян карданд, ки он ба шоҳи кӯшонӣ Хувишка тааллуқ дорад. Як сиккаи дигар аз ин дафинаро Кумитаи амнияти миллӣ ба Пажӯҳишгоҳи таърихи АИ ҶТ тақдим кард, ки он ба Хувишка мансуб аст. Сиккашиносон дар дасти ашхоси гуногун зиёда аз 20 сиккаи ин дафинаро ташхис карданд, ки ҳамаи онҳо ба Хувишка тааллуқ доштанд. Аз рӯйи овозаҳо дар ин дафина аз 50 то 600 танга буд. Боиси таассуф аст, ки бо вуҷуди супоришҳои қатъӣ дар бораи ҷамъ карда ба Осорхонаи миллии бостонӣ супоридани тангаҳои ёфтшуда, ин кор ҳанӯз ҳам амалӣ нагардидааст. Агар гӯем, ки барои Тоҷикистон баъди бозёфти ҳуҷҷатҳои суғдӣ дар қалъаи кӯҳи Муғи ноҳияи Айнӣ (соли 1933) ин дуюмин бозёфти нодир ва машҳури асри XX буд, хато намекунем.

Аз рӯйи сиккаҳо баъди Хувишка шоҳ Васудева ҳукмронӣ кардааст. Дар асоси катибаҳои ҳиндӣ ӯ аз соли 64 то соли 98 (бо солшумории Канишка), яъне 34 сол подшоҳ буд.[2] Аммо мушкилот дар он аст, ки катибахо метавонистанд на ба як, балки ба ду ё се Васудева тааллуқ дошта бошанд. Дар ҳар сурат, агар мо 34 соли ҳукмронии Васудеваро ба тартиби санагузории пешниҳод кардаамон ҳамроҳ намоем, ҳукмронии ӯ ба солҳои 180-214 рост меояд.

Васудева ба мисли пешгузаштагони худ аз тилло ва мис сикка мебароварад. Дар рӯйи сиккаҳои тиллоии ӯ саҳнаи ибодати шоҳ

---

[1] *Довуди Д.* Тайна Газималикского клада. Мероси ниёгон, 2001, №5. – С. 91.
[2] *Зеймаль Е.В.* Древние монеты Таджикистана. – С. 215.

дар назди оташдони муқаддаси зардуштӣ тасвир шудааст. Навиштаҷоти ин сиккаҳо мисли сиккаҳои Канишка ва Хувишка бо забони ориёӣ (бохтарӣ) буда, чунин аст: Шоҳаншоҳ Васудева, кӯшонӣ. Дар пушти сиккаҳои ин шоҳ худои ҳиндӣ Шива дар назди гови муқаддас Зебу тасвир шудааст. Зеймал Е.В.[1] кӯшиш кардааст, ки сиккаҳои бо ин ном мавҷударо ба се Васудева нисбат диҳад. Аммо ин сиккаҳо аз якдигар ягон фарқи ҷиддӣ ва назаррас надоранд. Бинобар ин аз рӯйи аломатҳои тасвирӣ онҳоро ба шоҳҳои гуногун нисбат додан душвор аст. Аммо новобаста аз ин, онҳо метавонистанд ба шоҳони гуногуни ҳамном тааллуқ дошта бошанд. Яъне аз чунин фарзия низ набояд сарфи назар кард.

Таърихнависи қадими арманӣ Моисейи Ҳаронӣ шоҳи Кӯшониён Вахсадҷонро ёдоварӣ кардааст, ки дар иттиҳоди зидди сосонӣ дохил мешуд. Ҳамаи олимон якдилона Вахсадҷонро бо Васудева як шахс мешуморанд. Баҳс дар сари кадом Васудева – якум ё дуюм будани ӯ меравад. Р.Гиршман ӯро Васудеваи I ва Лохвизен-де-Леев Васудеваи II мешуморанд.[2] Кӯшониён дар иттиҳоди номбаршуда бо сардории Вахсадҷон (Васудева) солҳои 227-229 ба муқобили Сосониён ҷангида буданд. Аммо иттиҳод ягон муваффақият ба даст наоварда, пароканда шуд ва Сосониён дар ин ҷанг ғолиб баромаданд. Аз рӯйи тартиби санагузории мо ин ҳодиса ба солҳои ҳукмронии Васудеваи I (180-214) рост намеояд. Пас мо метавонем ба фикри Лохвизен-де-Леев ҳамроҳ шуда, Вахсадҷонро Васудеваи II шуморем. Ҳамин Васудева барои дар ҷанги дарпешистода бо Сосониён такягоҳи сиёсӣ ва шояд дастгирии ҳарбӣ низ доштан 5 январи соли 230 ба Хитой сафорати калон мефиристад. натиҷаҳои ин сафорат ва тайёриҳои минбаъдаи Кӯшониён барои ҷанг бо Сосониён маълум нестанд. Аммо солҳои 242-243 лашкари Шопури I ба Кӯшониён шикасти сахт дод. Дар вақти ин ҳодисаҳо кадом шоҳи Кӯшониён ҳукмронӣ мекард, маълум нест.

То ин ҷанг, мувофиқи навиштаҷоти Шопури I, дар Каъбаи Зардушт давлати Кӯшониён аз Пешовар то Кошғар, Суғд ва Чоч доман паҳн карда буд. Баъди дар ин ҷанг ғолиб баромадан Сосониён як қисми калони мулкҳои ғарбии Кӯшониёнро ишғол карданд. Онҳо дар ин ҷо ҳокимони худро таъйин карданд, ки унвони «шоҳи кӯшонӣ»-ро доштанд.

---

[1] *Зеймаль Е.В.* Древние монеты Таджикистана. – С. 219.

[2] История таджикского народа. Т.I. – С. 367.

Тақрибан дар байни солҳои 266-280 Кӯшониён як қисми сарзаминҳои худро дар Ҳиндустон аз даст доданд. Дар баробари Хитой, Рум ва Кӯшониён дар сарчашмаҳои хаттӣ ҳамчун давлати пуриқтидор Ҳинд низ номбар карда мешавад. Дар охири асри III Кӯшониён Хоразмро низ аз даст доданд. [1]

Таърихи сиёсии Кӯшониён баъди ҳукмронии Васудева дар давоми асри III ва асри IV норавшан аст. Аз сарчашмаҳои хаттӣ аниқ маълум аст, ки ин давлат бо вуҷуди аз даст додани бисёр мулкҳояш, ҳанӯз неруманд буд ва то асрҳои IV ё ҳатто V вуҷуд дошт. Аммо кадом шоҳон дар ин давра ҳукмронӣ кардаанд, маълум нест. Фарзияи олимон дар бораи дар давлати Кӯшониён ҳукмронӣ кардани якчанд Васудева ва Канишка дуруст аст ва фазои холиеро, ки баъди Васудеваи I пайдо шуда буд, пур мекунад. Аммо номи ин шоҳон ба ғайр аз Вахсадҷон – Васудеваи II номбар нашудааст ва сиккаҳое низ вуҷуд надоранд, ки бешак ба шоҳони нимаи дуюми асри III-IV мансуб бошанд.

Соҳаи асосии машғулияти аҳолии Осиёи Миёна дар даврaи Кӯшониён, мисли пештара, кишоварзӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ буд. Махсусан кишти обӣ инкишоф ёфта буд. Дар ин бора ҷӯйҳои калони тӯлонӣ, ки бостоншиносон дар водии Вахш, Зарафшон ва Хоразм ёфтаанд, шаҳодат медиҳанд. Кандани ҷӯйҳо имконият медод, ки масоҳати заминҳои корами обӣ зиёд шавад. Ин ҳолат дар навбати худ барои пайдо шудани шаклҳои наву пешқадами коркарди замин, парвариши зироатҳо ва растаниҳои нав, такмили олоту асбоби кишоварзӣ мусоидат мекард. Аз ҷумла, дар ин давра сипорҳои оҳанӣ ва осиёбҳои дастӣ васеъ паҳн мешаванд. Дар ин бора бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд. [2]

Дар доманакӯҳҳо зироаткории лалмӣ инкишоф ёфта буд. Мавҷудияти ёдгориҳои замони Кӯшониён дар минтақахои кӯҳистон шоҳиди инкишофи ин мавзеъҳо дар баробари водиҳо мебошад. Кишоварзӣ дар Осиёи Миёна то андозае пеш рафта буд, ки ҳатто хитоиҳо барин халқи зироатпеша парвариши юнучқа, чормағз ва баъзе растаниҳои дигарро аз сокинони ҳамин минтақа ёд гирифтанд.

Шаҳрҳо аломати муҳими инкишофи фарҳанги кишварҳо мебошанд. Дар бораи шаҳрҳои Кӯшониён сарчашмаҳои хаттӣ ва асосан бостоншиносӣ маълумот медиҳанд. Мувофиқи гуфтаҳои

---

[1] История таджикского народа. Т.I. – С. 367.
[2] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 159.

Птолемей, ки ба асри II тааллуқ доранд, дар кишвари Арея 35 шаҳр ва деҳа, дар Паропамисад (вилояти Кобул) 16 шаҳр, дар Дрангиана (Сакистон) 11 шаҳр, дар Арахосия 12 шаҳр ҷойгир буданд. Яке аз калонтарин шаҳрҳо Бохтар буд, ки унвони «модари шаҳрҳо»-ро дошт. Дар Бохтар мутобиқи маълумоти Птолемей, 18 шаҳр мавҷуд буд.[1] Ковишҳои бостоншиносӣ ин маълумоти ҷуғрофидонони атиқаро тасдиқ карда, бо санадҳои мушаххас такмил медиҳанд.

Аз ҳафриёти бостоншиносӣ бармеояд, ки бисёр шаҳрҳое, ки дар замони юнонӣ-бохтарӣ ва аз он ҳам пештар пайдо шуда буданд, дар замони Кӯшониён обод буданд. Ба ин қатор Бохтар, Самарқанд, Марв, димнаҳои Саксанохур, Тахти Сангин ва баъзе шаҳрҳои дигар дохил мешаванд. Дар баробари онҳо бисёр шаҳрҳои нав низ бунёд мешаванд. Бозёфтҳои бостоншиносӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ин давра, нисбат ба давраи юнонӣ-бохтарӣ дар Осиёи Миёна шумораи шаҳру шаҳракҳо хеле меафзояд. Дар ҳудуди Тоҷикистон ба замони Кӯшониён димнаҳои Кайқубодшоҳ дар ноҳияи Қубодиён, Теппаи Шоҳ дар ноҳияи Шаҳритус, Куҳна-қалъа дар ноҳияи Хуросон (собиқ Ғозималик), Гаравқалъа ва Тамошотеппа дар ноҳияи Ёвон, Саксанохур дар ноҳияи Фархор, Қалъаи Чармгарони Поён (Қалъаи Мир) дар шаҳри Кӯлоб, Шаҳринав, Душанбеи қадим дохил мешаванд. Аксарияти ин шаҳрҳо қалъа, девор ва бурҷҳои мудофиавӣ ва биноҳои истиқоматии гуногун доштанд. Аз рӯйи сохташон шаҳрҳои он замонро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи якум шаҳрҳое дохил мешуданд, ки нақшаи ягона надошта, аз гузарҳо ва маҳаллаҳои қисман пароканда ҷойгиршуда, иборат буданд. Инҳо, пеш аз ҳама, шаҳрҳое буданд, ки ҳанӯз то давраи Кӯшониён пайдо шуда буданд. Ба ин қатор Самарқанд (Афросиёб), Бохтар, димнаи Шаҳринави Тоҷикистон ва ғайра дохил мешуданд. Дарозии девори димнаи Шаҳринав 7 км буда, баъди ҳар 25 см бурҷ дошт. Ғафсии девор 3,5 метр ва баландиаш 6 метрро ташкил мекард. Шаҳр масоҳати 350 гектарро дар бар мегирифт. Девор на танҳо шаҳр, балки маҳаллаҳои наздишаҳриро низ фаро гирифта буд. [2]

Димнаи Ҳалқачар низ ба гурӯҳи якуми шаҳрҳо дохил мешавад. Он дар соҳили рости дарёи Вахш, дар назди деҳаи

[1] *Массон В.М., Ромодин В.А.* История Афганистана. Т.I. М., 1964. – С. 169.
[2] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 156.

Сарбанди Хуросон воқеъ гардидааст. Бостоншиносон дар ин ҷо хафриётҳои начандон калон гузаронда, якчанд хонаҳои хоҷагиро кушоданд. Дар ин ҷо сиккахои кӯшонӣ ва дигар ашёҳои қадим ёфт шуданд. Дар Ҳалқаҷар, тавре ки дар боло ишора карда будем, дафинаи сиккаҳои тиллоии Хувишка ёфт шуд. Мавқеи ҷойгиршавии димнаи Ҳалқаҷар ҷолиби диққат аст. Он дар наздикии дарёи Вахш воқеъ буда, эҳтимолан хусусияти бандарӣ дошт. Дар Амударё киштиҳои тиҷоратӣ мегаштанд ва ба Хоразм мол мебурданд. Ба гурӯҳи дуюм шаҳрҳое дохил мешуданд, ки мувофиқи анъанаҳои атиқа аз рӯйи лоиҳаи ягона сохта шудаанд. Аз ёдгориҳои Тоҷикистон ба ин гурӯҳ димнаҳои Кайқубодшоҳ, Теппаи Шоҳ ва баъзеи дигар дохил мешаванд. Димнаи Кайқубодшоҳ шакли росткунҷаро дорад, масоҳаташ 375-285 метр мебошад. Деворҳои он бо 32 бурҷ мустаҳкам карда шудаанд. [1]

Шаҳр-Қалъаи Теппаи Шоҳ чоркунҷа буда, масоҳаташ 80х80 мебошад. Маркази онро саҳни ҳавлӣ ташкил мекунад. Қалъа дорои девори мудофиавӣ бо бурҷҳо мебошад. Димнаи Саксанохур низ ба гурӯхи дуюми шаҳрҳо дохил мешавад. Он дар асри II то мелод пайдо шуда, то асри V мелодӣ вуҷуд дошт. Қалъа росткунҷа буда, аз қаср, гузари ҳунармандон, биноҳои хоҷагӣ ва истиқоматӣ иборат буд. Ҳини ҳафриёт аз ин ҷо шумораи зиёди бутакҳои гилин ва қолабҳо барои тайёр кардани онҳо, гӯшвор ва тугмаҳои тиллоӣ, мусаввараҳои девории ранга ва дигар ашёҳо ёфт шуданд. Аммо аз ҳама бозёфти нодир аз ин шаҳр сагаки тиллоии тасма мебошад, ки дар он саҳнаи шикор тасвир шудааст. Дар саҳна шахси аспсавор бо найза гурозро зада ғалтондааст.

Дар димнаи Саксанохур шумораи зиёди тагсутунҳои сангин, ки боқимондаҳои айвонҳо ва биноҳои боҳашамати сутундор мебошанд, ёфт шудаанд. Боқимонадаҳои шаҳр аз он шаҳодат медиҳанд, ки он яке аз марказҳои калони на танҳо минтақаи Кӯлоб, балки тамоми Бохтари шимолӣ будааст.[2]

Дар ҳудуди шаҳри Кӯлоб низ дар давраи Кӯшониён шаҳр вуҷуд дошт. Боқимондаҳои онро бостоншиносон дар мавзеи Қалъаи Чармгарони Поён пайдо кардаанд. Бостоншиносон дар ин ҷо як бинои хоҷагӣ бо якчанд хумҳои калон, қубури обрав, шумораи зиёди зарфпораҳои сафолӣ ва як миқдор зарфҳои бутун,

---

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 156.

[2] Древности Таджикистана. Душанбе, 1985. – С. 115.

ҳайкалчаи худои ишқ ва обҳои равон Анаҳито ва бисёр ашёи дигар ёфтанд. [1]

Дар водии Сурхандарё, Суғд, Фарғона, Чоч ва Хоразм низ дар ин давра як қатор шаҳрҳо ба вуҷуд омада буданд. Яке аз шаҳрҳои калон Тирмиз буд. Дар ин ҷо якчанд дайрҳои калони буддоӣ (димнаҳои Қаротеппа, Фаёзтеппа, Чингизтеппа) мавҷуд буданд, ки харобаҳои онҳо аз ҷониби бостоншиносон ҳафриёт шуданд. Шаҳр дар соҳили дарё ҷойгир буда, гузаргоҳи муҳими тиҷоратӣ ва бандари дарёӣ буд.

Дар қисми шимолии Сурхандарё ду шаҳри калон – димнаҳои Халчаён ва Дилварзин воқеъ гардида буданд. Халчаён девори мустаҳками мудофиавӣ, қалъа, қаср, толорҳо ва хонаҳои пуршукӯҳи истиқоматӣ бо муҷассамаҳо ва девормусаввараҳои ранга дошт.[2]

Дуюмин шаҳри калони Сурхандарё димнаи Дилварзин буд. Он 40 гектарро дар бар гирифта, девори мудофиавӣ, қасру маъбади муҳташам, толору хонаҳои истиқоматии мусаввару мунаққаш дошт. Дар Суғд ба ғайр аз Самарқанд деҳкадаи Тали Барзу, дар Фарғона Мунчактеппаи назди Бекобод, деҳкадаи назди Ашт, Каунчитеппа ва як силсилаи ёдгориҳои дигар ба ҳамин давра мансубанд.

Дар болооби Зарафшон афзудани шумораи кӯшку қалъа ва деҳкадаҳо дар замони Кӯшониён ба мушоҳида мерасад. Муҳаққиқон ин ҳодисаро бо рафтани як қисми аҳолӣ аз водиҳо ба кӯҳистон алоқаманд менамоянд. Шояд ин кор ҷой дошт. Аммо дар маънидод кардани ин ҳодиса омили дигар – афзоиши дохилии аҳолии кӯҳистонро дар натиҷаи беҳтар шудани некуаҳволии мардум, сарфи назар кардан мумкин нест. Гумони он, ки бори нахуст мардуми аз водиҳо рафта ноҳияҳои кӯҳистони болооби Зарафшонро дар давраи Кӯшониён обод карданд, дуруст нест. Масалан дар кӯҳистони минтақаи Кӯлоб 800 ҳазор сол пеш аз ин ва баъди он аллакай одамони ибтидоӣ зиндагӣ мекарданд (зистгоҳҳои асри санги Кулдара, Хонақо ва Лоҳутии Ховалинг).[3] Дар ин асос қиёс кардан мумкин аст, ки кӯҳистони дигар минтақаҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, болооби Зарафшон низ хеле пештар аз замони Кӯшониён обод буданд ва дар ин замон танҳо

---

[1] *Сафарзода Х.* Қалъаи Мир. Ҷумҳурият, 30 марти соли 2006.
[2] *Пугаченкова Г.А.* Скульптура Халчаяна. М., 1971. – С. 196-197.
[3] *Ранов В.А.* Каменный век. Глава II в кн.: История таджикского народа. Т I. 1998.

афзоиши аҳолӣ, васеъшавии масоҳати ободиҳо ва пайдо шудани қалъаву деҳкадаҳои нав дар ин минтақа ба амал меояд.

Дар Хоразм низ дар ин давра шаҳри калон (димнаи Тупроққалъа) вуҷуд дошт. Шаҳр девори мудофиавӣ, бурҷҳо, қалъа, гузарҳо ва кӯчаву растаниҳои калон дошт. Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон димнаи Тупроққалъа шаҳри Фир мебошад, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ зикр шудааст.[1]

Калонтарин шаҳри давлати Кӯшониён пойтахти он шаҳри Бохтар буд. Дар ин давра масоҳати шаҳр васеъ шуда, гузару маҳаллаҳои нав пайдо мешаванд, шаҳр бо девори нави мудофиавӣ иҳота карда мешавад. Махсусан мавзеи Теппаи Заргарон сераҳолӣ буд.[2] Берун аз девор низ гузару маҳаллахо мавҷуд буданд. Тавре ки дар боло гуфтем, дар давраи ҳукмронии Канишка пойтахт ба шаҳри Пешовар кӯчонида шуд. Аммо Бохтар низ мавқеи худро ҳамчун пойтахт нигоҳ доштааст. Чунки қисмати калони давлати Кӯшониён – Осиёи Миёна аз ҳамин марказ идора карда мешуд.

Яке аз шаҳрҳои калони Бохтар Каписа буд. Он пойтахти вилояти Паропамисад (вилояти Кобул) ба шумор мерафт. Харобаҳои он 60 км шимолтари Кобул дар назди шаҳри Багром воқеъ гардидаанд. Масоҳати шаҳр 25 гектар буда, девори мудофиавӣ дошт. Иншооти мудофиавии димнаи Багром ва Кайқуободшоҳ якхела мебошанд, ки ин дар бораи мавҷудияти анъана ва меъёрҳои ягонаи меъморӣ – сохтмонӣ шаҳодат медиҳад.

Аз байни шаҳри Каписа кӯчаи дароз мегузашт. Қасри подшоҳ дар маркази шаҳр воқеъ гардида буд. Ҳини ҳафриёт бостоншиносон дар ин ҷо шумораи зиёди ашёҳои нафис – қуттичаҳои сиёҳи ҷилодори хитоӣ, зарфҳои шишагини мунаққашу мусаввари румӣ, садафҳои гачӣ бо саҳнаҳои асотирии юнонӣ, ҷузвҳои мунаққаши аз усутхони фил сохташудаи курсиҳо ва ғайраро ёфтанд, ки ҷолиб ва мафтункунанда мебошанд.

Ин бозёфтҳо дар бораи алоқаҳои васеи фарҳангӣ ва тиҷоратии Бохтари замони Кӯшониён бо мамолики Ғарбу Шарқ шаҳодат медиҳанд.

Дар вилояти Бағлони Афғонистон дар назди деҳаи Работак шаҳраки замони кӯшониён ҷойгир аст. Дар бораи аҳамияти калон доштани он катибаи аз он мавзеъ ёфташудаи Канишка шаҳодат медиҳад. Дар Бохтари ҷанубӣ димнаҳои зиёди замони Кӯшониён

---

[1] *Яъқубов Ю.* Таърихи халқи тоҷик. Алмаато, 2000. – С. 196-197.
[2] *Массон В.М., Ромодин В.А.* История Афганистана. – С. 189.

мавҷуданд, аммо бисёрии онҳо ҳанӯз аз ҷониби бостоншиносон омӯхта нашудаанд.

Дар замони Кӯшониён дар шимол ва маркази Ҳиндустон низ шаҳрҳои зиёд вуҷуд доштанд. Калонтарини онҳо Пурушапура (Пешовар) буд. Аз рӯйи адабиёти буддоӣ-ҳиндӣ Канишка ин шаҳрро пойтахти худ интихоб карда буд. Дигар шаҳри калон ин минтақа Таксила ба шумор мерафт. Харобаҳои он дар наздикии шаҳри Равалпиндии имрӯза воқеъ гардидаанд. Хулоса, шаҳрсозӣ ва шаҳрнишинӣ, ки нишонаи тараққиёти баланди фарҳанги халқу миллатҳо мебошанд, дар давлати Кӯшониён инкишоф ёфта буданд.

Дар бораи тиҷорат сарчашмаҳои хаттӣ (румӣ ва чинӣ), сиккаҳо ва бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд. Роҷеъ ба савдои дохилӣ танҳо як сарчашмаи хитоии мансуб ба нимаи дуюми асри II то мелод мухтасар ишора кардааст. Дар он гуфта шуда, ки сокинони Бохтар савдогарони моҳиранд ва дар пойтахташон бозор доранд.[1] Дар ин бора мо бештар аз рӯйи сиккаҳо метавонем хулоса барорем. Ҳамаи шоҳони кӯшонӣ аввал танҳо аз мис (то ҳукмронии Вима Кадфиз) ва баъд аз тилло ва мис сикка мебаровардаанд. Дар ёдгориҳои замони Кӯшониён бостоншиносон ба миқдори зиёд сиккаҳои мисинро пайдо намуданд, ки нишонаи тараққиёти савдои чаканаи дохилӣ мебошад. Савдои яклухти дохилӣ низ тараққӣ карда, ки дар ин бора бозёфти сиккаҳои тиллоии кӯшонӣ дар шакли дафина аз димнаи Ҳалқаҷар шаҳодат медиҳанд.

Дар давраи Кӯшониён савдо махсусан бо минтақахои шарқии империяи Рум ва Миср хеле инкишоф меёбад. Кӯшониён қисмати калони «Шоҳроҳи тиҷоратӣ»-и байни Шарқ ва Ғарбро, ки аз ҳудуди давлати онҳо мегузашт, зери назорати худ доштанд.

Тиҷорат байни кӯшониён ва румиён хеле инкишоф ёфта буд. Омили муҳими густариши ин тиҷорат шоҳроҳе буд, ки аз соҳилҳои Баҳри Миёназамин ба воситаи Эрон то қаламрави давлати Кӯшониён мерасид. Аз Марв ин роҳ ба якчанд шоха тақсим шуда, ба самти шарқ мерафт. Як шохааш то Бохтар омада, ба ҷануб тоб хӯрда то Каписа (шимоли Кобул) ва аз он ҷо то Ҳиндустон мерасид.

---

[1] *Массон В.М., Ромодин В.А.* История Афганистана. – С. 176.

Аз Марв ба Ҳиндустон боз як роҳи дигар низ буд. Он аз Арея (Ҳирот), Дрангиана ва Арахосия мегузашт. Бояд дар назар дошт, ки қисмати ғарбии шоҳроҳи тиҷоратӣ зери назорати Парфия қарор дошт. Парфия қариб ҳамеша бо Рум дар ҳолати ҷанг буд ва кӯшиш мекард, ки барои барқарор шудани алоқаи мустақим байни он ва Кӯшониён ва ҳамчунин Хитой монеъ шавад. Аз ҷониби дигар Парфия дар тиҷорати Хитой бо Ғарб нақши миёнаравро иҷро мекард, яъне абрешимро аз хитоиҳо харида, бо фоидаи калон ба румиҳо мефурӯхт. Муносибати Парфия бо Кӯшониён низ чандон хуб набуд, байни онҳо барои вилоятҳои сарҳадии Арея ва Марв зуд-зуд бархӯрд ва муноқиша сар мезад. Эҳтимол аз ҳамин сабабҳо дар баробари роҳи тиҷоратии хушкӣ роҳи обӣ, ки аз баҳри Сурх сар шуда, ба воситаи баҳри Араб ба Ҳиндустон мерафт, аҳамияти калон пайдо карда буд. Ин роҳча танҳо Рум ва Мисрро бо Ҳиндустон, балки ба воситаи он бо Бохтару Суғду Хитой низ пайваст мекард.

Дар бораи алоқахои савдоии Бохтар ва Суғд бо Рум ва Миср бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд. Дар ин минтақаҳо бисёр осори санъати амалӣ ва ороишоти румӣ ёфт шуданд, ки сарватмандон ва ашрофони маҳаллӣ истифода мебурданд. Барои аёният якчанд мисол меорем. Дар Тирмиз зарфе ёфт шудааст, ки маҳсули дасти устоҳои ғарбӣ мебошад. Дар димнаи Багром зарфҳои шишагини мунаққашу мусаввар, ҳайкалҳои зебои биринҷии Ҳиппократ, Ҳеракл, садафҳои гачӣ бо тасвири саҳнаҳои асотирӣ ва асбобу ашёҳои дигари румӣ ёфт шудаанд.

Дар бисёр ноҳияҳои Осиёи Миёна аз ҷумла, Тоҷикистону ҷануби Ӯзбекистон сиккаҳои румӣ ба даст омадаанд. Масалан, дар деҳаи Муҷуни ноҳияи Ғончии Тоҷикистон қариб 300 дафинаи сиккаҳои нуқрагини румии мансуб ба асрҳои I-II мелод пайдо карда шудаанд.[1] Якчанд сиккаи нуқрагини румӣ чанд сол пеш дар ноҳияи Сари Осиёи вилояти Сурхандарё ёфт шуда буданд. Шубҳае нест, ки ашё ва сиккаҳои номбаршуда, ба воситаи тоҷирон ба Осиёи Миёна омадаанд. Дар навбати худ устухонҳои кандакоришудаи кӯшонӣ-ҳиндӣ дар Помпей ва сиккаҳои Канишка дар Скандинавия ёфт шудаанд. [2]

Дар китоби «Перепли баҳри Эритрей» дар бораи роҳи баҳрӣ аз Ғарб ва Шарқ ва бандарҳои он дар Ҳиндустон маълумоти

---

[1] *Зеймаль Е.В.* Древние монеты Таджикистана. – С. 63-68.

[2] История таджикского народа. Т. I. 1963. – С. 372.

муфассал дода шудааст. Дар Ҳиндустони ғарбӣ дар резишгоҳи дарёи Ҳинд бандари Арбарикон ва дар резишгоҳи дарёи Нарбада бандари Баригаз мавҷуд буданд.[1] Дар ин бандарҳо тоҷирони Рум, Ҳинд, Бохтару Суғд бо ҳам додугирифт мекарданд. Хабар дода мешавад, ки дар ин бандарҳо динорҳои румиро бо пулҳои маҳаллӣ иваз кардан мумкин буд. Абрешими хитоӣ ба воситаи тоҷирони Суғду Бохтар ба ин бандар оварда мешуд. Муаллифи «Перипли баҳри Эритрей» менависад, ки аз кишварҳои ҳамсоя ба бандари Баригаз махсусан пахта ва матоъҳои пахтагин ба миқдори зиёд оварда мешуданд. Ба ин кишварҳои ҳамсоя бешубҳа Бохтар низ дохил мешуд. Румиҳо аз тоҷирони ҳинду, бохтарӣ ва суғдӣ абрешим, матоъҳои пахтагин, сангҳои қиматбаҳо, устухони фил, рангҳои растанӣ, шакар ва дигар молҳоро харида ба Ғарб мебурданд.[2] Онҳо дар навбати худ ба Ҳинд матоъ ва пӯшок, зарфҳои шишагӣ, ҷавоҳирот ва шароб меоварданд. Мувофиқи гуфтаи Плиний ҳар сол аз Ҳинд ба Рум ба маблағи 55 миллион сестерский мол ворид мешуд. Як қисми калони ин молҳо аз ҳудуди давлати Кӯшониён, аз ҷумла, аз Бохтар ва Суғд бурда мешуданд.

Давлати Кӯшониён бо якчанд шохаҳои шоҳроҳи тиҷоратӣ, ки онро румиҳо «Роҳи абрешим» меномиданд, бо Хитой пайваст мешуд. Яке аз ин роҳҳо аз Бохтар ба воситаи Помир ба Хитой мерафт. Роҳи дигар аз Бохтар ба воситаи Тирмиз, Шумон, Вашгурд ва Рашт (Қаротегин) ва Олой ба Ош ва аз он ҷо то Туркистони шарқӣ ва Хитой мерасид. Як шохаи бузурги шоҳроҳ аз Осиёи Миёна, ки дар тасарруфи Кӯшониён буд, мегузашт. Он аз Марв ба воситаи Бухоро, Самарқанд, Фарғона то Хитой мерафт. Ин роҳ як шохаи дигар низ дошт, ки ба воситаи Чочу Ҳафтрӯд ба Хитой мебурд.

Мувофиқи маълумоти солномаҳои хитоӣ қариб ҳар сол аз ин кишвар ба Ғарб, аз ҷумла, Осиёи Миёна корвонҳои тиҷоратӣ фиристода мешуданд. Ҳамин солномаҳо дар бораи «сафоратҳо» аз кишварҳои Осиёи Миёна ба дарбори императорони Хитой хабар додаанд. Дар ҳайати ин сафоратҳо тоҷирон мавқеи муҳимро ишғол мекарданд. Дар яке аз хабарҳои маъмури чинӣ доир ба сафорати ҳокими Гибин (асри I то мелод) рӯирост гуфта шудааст, ки дар он ягон хеши шоҳ ё ашрофи дарборӣ нест ва ҳамааш

[1] *Массон В.М., Ромодин В.А.* История Афганистана. – С. 177.
[2] Таърихи халқи тоҷик, 2003. – С. 153-154.

тоҷирони қаторӣ мебошанд, ки ба мақсади савдо кардан омадаанд. [1]

Аз Хитой ба Осиёи Миёна пеш аз ҳама шоҳӣ (абрешим) ва ҳамчунин оинаҳои биринҷӣ, маҳсулоти рангмолӣ ва ғайра меоварданд. Дар савдо бо Хитой бохтариҳо ва суғдҳо мавқеи калонро ишғол мекарданд. Мувофиқи маълумоти номаҳои суғдии асри IV, ки дар Дунхуани Туркистони шарқӣ ёфтаанд, дар ин шаҳр 100 оилаи озодагони (ашрофони) суғдӣ зиндагӣ мекарданд. [2] Тахмин кардан мумкин аст, ки қисми зиёди ин суғдиҳо тоҷир буданд ва дар савдои байни Осиёи Миёна ва Хитой фаъолона иштирок мекарданд.

Дар Панҷакенти қадим сиккаҳои сулолаи хитоии Ван Ман (солҳои 7-22) ёфт шудаанд.[3] Ин гуна сиккаҳо дар ҷануби Тоҷикистон низ ба даст омадаанд ва шоҳиди мавҷудияти алоқаҳои тиҷоратӣ байни ин кишварҳо мебошанд. Дар бораи бозёфти қуттичаҳои ҷилодори хитоӣ дар димнаи Багром мо дар боло ишора кардем.

Мувофиқи маълумоти Мхабхарата, дар асри IV ба подшоҳи пандавҳои Ҳинд Юдхиштхира аз Бохтар ба сифати туҳфа кӯрпаҳои маҳини пашмӣ, матоъҳои қиматбаҳо бурда буданд. Тохарҳо ба ин шоҳ аспҳои тезгард ва дургардро туҳфа карданд.[4] Ин молҳо дар тиҷорат низ истифода мешуданд.

Алоқаҳои тиҷоратӣ дар самти шимол бо Урал ва ҳавзаи Кама низ вуҷуд доштанд. Дар ин бора бозёфти сиккаҳои кушонӣ ва зарфи нуқрагини хоразмӣ дар ин минтақаҳо шаҳодат медиҳанд.

Дар бораи хат ва забони Кӯшониён сангнавиштаҳо ва сиккаҳои шоҳони ин сулола маълумот медиҳанд. Воқеан ҳам, имрӯз ба забони модарӣ ва рушди он, дар коргузорӣ ва умури давлатӣ васеъ шудани онро як рукни сиёсати давлат қарор додем. Таҷрибаи Кӯшониён имрӯз низ ибратбахш аст.

Тавре ки дар бобҳои гузашта дида будем, ҳанӯз дар давраи Ҳахоманишиён (асрҳои V-IV то мелод) дар Осиёи Миёна хат ва забони оромӣ дар коргузории давлатӣ истифода бурда мешуданд. Дар ҳудуди Афғонистон ва шимоли Ҳиндустон навиштаҷоти оромии мутааллиқ ба асри IV то мелод ёфт шудаанд.

---

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 162-163.
[2] *Массон В.М., Ромодин В.А.* История Афганистана. – С. 180.
[3] *Смирнова О.И.* Каталог монет с городища Пенджикент. М., 1963. – С. 60.
[4] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 163.

Дар заминаи хати оромӣ ҳанӯз дар асрҳои IV-III то м. халқҳои ориёии Осиёи Миёна – бохтариҳо, парфиёниҳо, суғдҳо ва хоразмиҳо алифбоҳои худро сохтанд. Дар димнаи Ойхонум (асрҳои III-II то мелод) навиштаҷоти бохтарӣ бо хати оромӣ ёфт шудааст. Ин гуна навиштаҷот дар давраи Кӯшониён низ буданд. Онҳоро дар димнаҳои Ҷигатеппа (шимоли Афғонистон) ва Фаёзтеппаи назди Тирмиз пайдо кардаанд.[1] Аммо забткории юнониён-мақдуниҳо ин равандро халалдор намуд ва дар Эрону Осиёи Миёна дар давоми зиёда аз се аср забони юнонӣ ба сифати забони коргузории давлатӣ ҳукмрон шуд. Албатта ин ҳодиса маънои онро надошт, ки забонҳои маҳаллӣ, яъне ориёӣ аз байн рафтанд ё аз тараққиёт бозмонданд. Аксарияти мардуми маҳаллӣ ҳамоно бо забони модариашон гап мезаданд ва достону ривоятҳо меофариданд. Ҳатто аъёну ашроф, ки таъсири забону фарҳанги юнонӣ дар онҳо баръало эҳсос карда мешуд, забони модарии худро медонистанд ва онро дар муошират бо ҳамнажодони худ истифода мебурданд. Таъсири забони юнонӣ дар коргузории давлатӣ чунон сахт буд, ки ҳатто баъди ба дасти сулолахои маҳаллӣ гузаштани ҳокимият низ як муддат онро дар ҳуҷҷатгузорӣ истифода мебурданд. Бо вуҷуди ин раванди эҳёи забонҳои ориёӣ ва ҷойи забони юнониро гирифтани онҳо бебозгашт буд. Аллакай асри II-I то мелод дар Парфия забони парфиёниро истифода мебурданд (ҳуҷҷатҳои Нисо). Тақрибан дар ҳамин замон (асри I то мелод) дар Суғд ва Хоразм алифбоҳои маҳаллии оромиасос пайдо мешаванд. Дар Бохтар тӯл кашидани ҳукмронии юнониён раванди ташаккулёбии алифбои маҳаллӣ ва гузаришро ба забони бохтарӣ ба таъхир андохт. Танҳо дар давраи ҳукмронии Канишка (тақрибан солҳои 110-140) ин кор иҷро карда шуд.

Ҳолат ва мавқеи забонҳо дар давраи Кӯшониён дар сиккаҳои онҳо баръало инъикос ёфтааст. Сиккаҳои Ҳерай-Санаб ва Вима Такту навиштаҷоти танҳо юнонӣ доранд. Сиккаҳои Куҷула Кадфиз ва Вима Кадфиз дар рӯяшон навиштаҷоти юнонӣ ва дар пушташон навиштаҷоти ҳиндӣ доранд. Навиштаҷоти юнонии ин сиккаҳо вазъияти забонии Бохтарро инъикос карда, дар бораи дар коргузории давлатӣ нуфузи калон доштани анъанаҳои давраи ҳукмронии юнониён гувоҳӣ медиҳанд.

[1] История таджикского народа .Т.I. 1998. – С. 520.

Дар масъалаи забон дар давраи Канишка тағйироти куллӣ ба амал омад. Олимон дар асоси навиштаҷоти якзабонаи сиккаҳои ин шоҳ ба хулосае омада буданд, ки дар давраи ҳукмронии ӯ Кӯшониён дар коргузории давлатӣ аз забони юнонӣ ба забони маҳаллии бохтарӣ мегузаранд. Катибаи Работак ин фикри олимонро пурра тасдиқ кард. Он ба шоҳ Канишка тааллуқ дорад. Дар он Канишка возеҳу равшан гуфтааст, ки ин ҳуҷҷат аз забони юнонӣ ба забони ориёӣ баргардонда шавад.[1] Ин ҷумла маънои онро дорад, ки бо фармони Канишка дар коргузории давлатӣ ба ҷойи забони юнонӣ забони ориёӣ ҷорӣ карда шуд.

Тавре ки дар боло ишора кардем, забони катибаи Работакро Канишка ориёӣ номидааст. Ин нуқта ҷолиб аст, чун то ҷое, ки мо огоҳӣ дорем, ин мафҳум нисбат ба забон дар сарчашмаҳои қадим бори аввал вомехӯрад. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё танҳо забони бохтариҳоро ориёӣ меномиданд? Забони халқҳои дигари ориёӣ – суғдҳо, хоразмиҳо, парфияниҳо, модҳо, форсҳо, сакоиҳоро чӣ меномиданд? Гап дар сари он аст, ки номҳои зикршуда мафҳумҳои этникӣ-ҷуғрофӣ мебошанд. Катибаи Работак имконият медиҳад фарз намоем, ки забонҳои бо ҳам ва бо бохтарӣ хеши халқҳои номбаршударо низ ориёӣ меноманд. Яъне ин халқҳо ба қавми ориёӣ мансуб будани худро на танҳо дар даврaҳои хеле қадим, балки дар асри II мелодӣ низ медонистанд.

Катибаи Сурхкутали дар ҷанубтари Қундузи Афғонистон ёфтшуда низ бо забони катибаи Работак навишта шудааст. Навиштаҷоти сиккаҳои Канишка ва ворисони ӯ низ бо ҳамин забон сабт шудаанд. Алифбои ин катибаҳо юнониасос буда, танҳо як ҳарфи иловагии кӯшонӣ дорад. Ин алифбо, тавре ки поёнтар хоҳем дид, баъди Кӯшониён дигар истифода бурда намешавад.

Мувофиқи хулосаи олимон забони ориёии (бохтарии) катибаҳои Сурхкуталу Работак, аз як тараф, бо забонҳои пушту ва помирӣ ва аз тарафи дигар, бо суғдӣ, хоразмӣ ва парфиёнӣ хеши наздик аст. Ин забони модарии мардуми таҳҷойии Бохтар буд. Худи Кӯшониён, ки аз шимолу шарқи Осиёи Миёна омада буданд, ба ақидаи олимон бо забони ориёии сакоӣ гап мезаданд. Аммо аз ин забон ягон осори хаттӣ боқӣ намондааст. Аз сабаби хеш будани забонҳои ориёии бохтарӣ ва сакоӣ Кӯшониён аз шимолу шарқ омада, бо аҳолии таҳҷойи омехта шуда, забону урфу одати

[1] *Симс-Вильям Н.* Новые бактрйиские документы. ВДИ, №3. – С. 3-10.

онҳоро қабул карданд. Дар Суғд ва Хоразм забонҳои мутаносиб бо хати оромиасоси маҳаллӣ роиҷ буданд.

Дин як шакли шуури ҷамъиятӣ буда, дар ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва ҳатто ҳолати рӯҳии афрод ва аҳли ҷомеа нақши намоён дорад. Бо назардошти аҳамияти хоси ин соҳа ва вазъи динии мамлакат шоҳон сиёсати муайянро пеш мегирифтанд. Дар ин сиёсат онҳо бояд талаботи маънавии ҷомеа ва манфиатҳои сиёсии давлатро дар мадди назар қарор медоданд.

Дар робита бо дини Кӯшониён дар байни олимон ду ақидаи бо ҳам мухолиф вуҷуд дорад. Як қисми олимон ба адабиёти буддоӣ ва аз ҷониби бостоншиносон дар Осиёи Миёна кушода шудани як қатор дайрҳои буддоӣ такя карда, ба хулосае омадаанд, ки дар давлати Кӯшониён дини асосӣ ва давлатӣ дини буддоӣ буд. Гурӯҳи дигари олимон ин ақидаро нодуруст шуморида, дар асоси сиккаҳо, катибаҳо ва маводи дигар собит сохтаанд, ки дини асосии Кӯшониён дар Бохтар ва дигар қисмҳои Осиёи Миёна дини зардуштӣ буд.[1] Ин олимон дуруст таъкид кардаанд, ки дар ҳалли ин масъала нодида гирифтан ё аз будаш кам нишон додани маълумоти сиккаҳо ҷоиз нест. Кашфи катибаи Работак дурустии ин ақидаро тақвият бахшид.

Ба ақидаи мо, дар робита ба ин масъала мо бояд дар назар дошта бошем, ки давлати Кӯшониён аз лиҳози динӣ-этникӣ ба ду қисми асоси ҷудо мешуд: 1. Бохтар, Суғд ва дигар минтақахои Осиёи Миёна то Чочу сарҳади Ҳафтрӯд. Дар ин минтақаи калон аз қадим дини зардуштӣ ҳукмрон буд; 2. Ҳиндустон. Дар ин ҷо динҳои ҳиндуӣ ва пеш ҳама шивопарастӣ ва буддоӣ роиҷ буданд. Кӯшониён хоҳ нохоҳ маҷбур буданд сиёсати динии худро бо назардошти ин воқеияти этно-динӣ амалӣ намоянд. Сиккаҳо, ки дар тамоми қаламрави давлат дар муомилот буданд, сиёсати расмии диниро инъикос мекарданд. Таҳлили тасвирҳои сиккаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки шоҳони кӯшонӣ кӯшиш мекарданд ҳам эътиқоди динии бохтариҳо, суғдиҳо ва ҳам ҳиндуҳоро қаноатманд созанд. дар сиккаҳо худоҳои ҳамин халқҳо ҷойи асосиро ишғол мекунанд.

Аз лиҳози миқдор ва аҳамият дар сиккаҳо худоҳо ва дигар мусаввараҳои зардуштӣ ҷойи аввалро ишғол мекунанд. Масалан,

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 166. История таджикского народа. Т.I. 1963. – С. 375.

дар рӯйи аксари сиккаҳои шоҳони кӯшонӣ аз Вима Кадфиз то Васудева сурати шоҳ дар назди оташдони муқаддас тасвир карда шудааст. Олимони тоҷик дуруст исбот кардаанд, ки ин саҳна ба дини зардуштӣ тааллуқ дорад.[1] Дар рӯйи сиккаҳои Хувишка нимпайкари шоҳ тасвир шудааст, ки аз китфи росташ шуълаҳои оташ баромада истодаанд. Ин аломат низ ба дини зардуштӣ мансуб аст. Ҳамин тавр, суратҳои рӯйи аксарияти кулли сиккаҳои кӯшонӣ, ки аҳамияти аввалиндараҷа доранд, пурра бо дини зардуштӣ алоқаманд мебошанд.

Илова бар ин дар пушти сиккаҳои Канишка ва Хувишка аз ҳама бештар худоҳои зардуштӣ тасвир шудаанд. Масалан, аз 21 намуд сиккаҳои Канишка дар 16 намуд ва аз 51 намуд сиккаҳои Хувишка дар 45 намуд худоҳои авестоӣ – Миҳр, Моҳ, Оташ, Фарро, Веретрағна, Ардохша, Шаҳривар ва ғайра тасвир шудаанд. [2]

Дар ҷойи дуюм дар сиккаҳо суратҳои худоҳои шивопарастӣ меистоданд. Дар пушти ҳамаи сиккаҳои ду шоҳи кӯшонӣ – Вима Кадфиз ва Васудева як саҳна тасвир шудааст – Шиво дар назди гови муқаддас Нанди. Дар пушти якчанд намуд сиккаҳои Канишка ва Хувишка низ Шиво тасвир шудааст. Тасвирҳои буддоӣ дар сиккаҳои кушонӣ мавқеи назарногир доштанд. Танҳо дар пушти ду намуд сиккаҳои Канишка Буддо тасвир шудааст.

Дар як намуди аввалин сиккаҳои тиллоии Канишка худои юнонӣ Ҳелиос (Хуршед) тасвир шудааст. Шояд аз давраи юнонӣ-бохтарӣ гурӯҳҳои хурди этникӣ – юнониҳо боқӣ монда будаанд, ки ин худоро мепарастиданд.

Дар пушти як намуди дигари сиккаҳои кӯшонӣ худое тасвир шудааст, ки дар навиштаҷоти мудаввараш Охшо номида шудааст. И.М. Дяконов, Б. Ғафуров, Б.Я. Ставиский ва баъзе олимони дигар онро эзиди (фариштаи) дарёи Вахш мешуморанд, ки ба назар боварибахш менамояд. Дар ҳақиқат ин ду ном Охшо ва Вахш бо якдигар хеле монанд мебошанд. Ин фикрро як бозёфти нисбатан нав аз димнаи Тахти Сангин то андозае тасдиқ менамояд. Ин ҳайкалчаи биринҷие мебошад, ки дар пояи сангини он номи эзиди дарёи Вахш дар шакли юнонӣ – Окс навишта

---

[1] *Довутов Д.* Каким богам поклонялись кушанские цари? Мероси Ниёгон, 1995, №2. – С. 30-32.

[2] Таърихи халқи тоҷик. – С. 157.

шудааст. Ин ҳайкалчаро як ашрофи бохтарӣ бо номи Атросак ба Окс (Вахш) бахшидааст. [1]

Аммо сиккашинос Е.В.Зеймал мавҷудияти номи Охшо дар сиккаҳои кӯшонӣ бо тасвири Шиворо бо истинод ба адабиёти динӣ номи дарёи Вахш марбут намедонад.[2] Ба ақидаи ӯ, дар он сиккаҳо низ номи Охшо ба худои ҳиндӣ Шиво тааллуқ дорад. Алҳол муайян кардани ҳақиқати ин ҳол душвор аст.

Дар бораи мавқеи асосиро ишғол кардани дини зардуштӣ сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла катибаҳои шоҳони кӯшонӣ низ шаҳодат медиҳанд. Дар катибаи Работак чунин гуфта шудааст: «Подшоҳ Канишка ба Шофар фармон дод … маъбаде … барои худоён бисозад, ки дар миёни онҳо Уммаи машҳур дар ҷойи аввал (меистад), баъд Нана, Ҳурмуз, офарандаи хушиҳо, Суруш, Нарса, Меҳр …».[3] Дар ин навиштаҷот ҳамаи худоҳои номбаршуда, ғайр аз Умма, ба дини зардуштӣ тааллуқ доранд. Ба ақидаи Ю.Яъқубов, Умма модархудои сакоиҳо буд. Агар ба қабилаҳои сакоӣ-масагетӣ мансуб будани кӯшониёнро ба назар гирем, ин фарзия ба ҳақиқат наздик менамояд. Яъне Кӯшониён дар баробари худоҳои авестоӣ, модархудои қабилавии худро низ парастиш мекарданд. Эҳтимол Умма яке аз худоҳои қадимаи тозардуштии ориёиҳо буд.

Дар бораи густариши дини зардуштӣ дар Бохтар маъбади оташ, ки бостоншиносон дар димнаи Сурхкутал дар шимоли Афғонистон, ҷанубтари Қундуз кушоданд, низ шаҳодат медиҳад. Маъбад хеле боҳашамат буда, дар болои таҳкурсии баланд сохта шудааст. Ба маъбад ба воситаи се зинапояҳои баланду васеъ мебаромаданд. Дар маркази димна маъбади калони росткунҷа бо меҳроби муҳташами оташи муқаддас ҷойгир буд. Маъбад аз се тараф бо долонҳо иҳота гардида, дар ду паҳлуяш ду маъбади хурдтар дорад. Ба ақидаи баъзе олимон, ин маъбад вазифаи маъбади сулолавии шоҳони кӯшониро низ иҷро мекард.

Дар бораи дини суғдиён дар қатори дигар мавод мактубҳои суғдии аз Туркистони шарқӣ ёфташуда низ шаҳодат медиҳанд. Дар ин номаҳо, ки ба асри IV тааллуқ доранд, шумораи зиёди

---

[1] *Дьяконов И.М.* Археологические работы в нижнем течении реки Кафирниган (Кабадиан (1950-1951)) МИА СССР. №37 М.-Л., С. 290. *Гафуров Б.* Таджики. – С.167; История таджикского народа. Т.I. – 1963. – С. 375.

[2] *Пичкян И.Р.* Культура Бактрии. М. 1991. – С. 170.

[3] *Зеймаль Е.В.* Древние монеты Таджикистана. – С. 192.

номҳои шахсӣ вомехӯранд, ки дар таркибашон номҳои худоҳои авестоӣ мавҷуданд. Махсусан номҳои дар таркибашон исми Нана (Анаҳито) дошта зиёд буданд. Дар ин асос Б.Ғафуров ба хулосае омадааст, ки ин худои зардуштӣ дар байни суғдиён мартабаи калонро соҳиб буд.[1] Аз катибаи Работак маълум мешавад, ки ин эзад дар байни бохтариён низ мақоми хеле баланд дошт.

Дар катиба Канишка гуфтааст, ки ба ман ҳокимияти шоҳиро Нана ва худоҳои дигар додаанд. Поёнтар дар рӯйхати худоҳо Нана баъди Умма дар ҷойи дуюм гузошта шудааст. Ном ва сурати ин худо дар сиккаҳои Канишка ва Хувишка дучор мешаванд.

Дар забони суғдӣ маъбадро «вагн» мегуфтанд. Калимаи «ваг» бо эҳтимоли зиёд «баг»-худо мебошад ва пасоянди «ан», «он» маконро ифода мекунад – яъне «макони худоҳо». Дар Бохтар ибодатхонаро «багалагго» меноманд. Тавре ки мебинем, қисми якуми ин калима низ «бага» (худо) мебошад. Ин умумиятҳо то андозае тибиӣ мебошанд, чун бохтариҳо ва суғдҳо амалан як халқ буда, дину фарҳанги муштарак доштанд.

Дар адабиёти динии буддоӣ ба фаъолияти Канишка дар густариши ин дин баҳои баланд дода шудааст. Хизматҳои ӯро бо саҳми шоҳи ҳиндӣ Ашока, ки буддоиро дини давлатӣ эълон карда буд, баробар шумурдаанд. Ӯро ташаббускори даъвати анҷумани бузурги буддоиҳо тақрибан дар соли 109 ҳисоб мекунанд. Сохтмони дайри бузург ва ступҳаи боҳашамати назди Пешоварро низ ба ӯ нисбат медиҳанд. Дар адабиёти буддоӣ Канишкаро пайрави босуботи дини буддоӣ номидаанд.[2] Аммо тавре ки мо дар боло гуфтем, сиккаҳо ва катибаи Работак дар бораи пайрави дини зардуштӣ будани Канишка шаҳодат медиҳанд. Муҳаққиқон дуруст муболиғаомез будани маълумоти адабиёти буддоиро таъкид кардаанд. Албатта, Канишка чун подшоҳи кишвар метавонист буддоияро пуштибонӣ карда, дар инкишофу густариши он саҳм гирад. Барои муқоиса мо метавонем Куруши Кабирро мисол орем, ки динҳои бобулиён ва яҳудиёнро пуштибонӣ карда, маъбадҳои онҳоро барқарор намуд. Аммо дар Эъломияи машҳури худ мегӯяд, ки ба ӯ ҳокимиятро Аҳуромаздо додааст. Яъне пайрави дини зардуштӣ будани худро таъкид кардааст. Амалҳои Канишка барои густариши буддоия айнан мисли амалҳои Куруш буда, бештар моҳияти сиёсӣ доштанд. Ӯ

[1] *Симс-Вильям Н.* Новые бактрйиские документы. ВДИ, №3. – С. 3-10.
[2] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 166.

мехост бо ин васила рӯҳониён ва пайравони дини буддоиро ба худ ҷалб намояд.

Бозёфтҳои бостоншиносӣ дар бораи дар Бохтар ва баъзе вилоятҳои дигари Осиёи Миёна паҳн гаштани дини буддоӣ шаҳодат медиҳанд. Дар Тирмиз ва атрофи он дайрҳои буддоии Айртам, Қаротеппа, Фаёзтеппа кушода шуданд. Дар Тоҷикистон дайрҳои буддоии Аҷинатеппа дар ноҳияи Вахш ва Хиштеппа (Чепивол) дар ноҳияи Ховалинг ҳаффорӣ шудаанд. Дар сарчашмаҳои хаттӣ номи мубаллиғони маъруфи буддоия, ки марвӣ ва бохтарӣ буданд, зикр шудаанд. Суғдиҳо дар тарҷума кардани матнҳои буддоӣ ба забони хитоӣ саҳми калон гузоштанд. Бо вуҷуди ин бозёфтҳо мо набояд нақши буддоияро дар давлати Кӯшониён аз будаш зиёд нишон диҳем.

Дар Осиёи Миёна ҷамоаҳои алоҳидаи пайравони динҳои насронӣ ва монӣ низ буданд.

Дар бораи санъати тасвирии кӯшониён сиккаҳо, ҳайкалу муҷассамаҳо, девормусаввараҳои барҷаста, бутакҳои гилин, девормусавварҳои ранга ва ашёҳои дигар, ки бостоншиносон ҳини ҳафриёти ёдгориҳои ин давра пайдо кардаанд, шаҳодат медиҳанд. Сураткашӣ дар сикка барин ашёҳои хурдҳаҷм маҳорати баланд ва махсусро талаб мекард. Дар сиккаҳои шоҳони аввали кӯшонӣ (Ҳерай-Санаб, Куҷула Кадфиз, Вима Такту) таъсири санъати тасвирии юнонӣ-румӣ баръало эҳсос мешавад. Аммо дар ин сиккаҳо низ услуби маҳаллӣ, яъне бохтарӣ ҳузур дошт. Шоҳи аспсавор дар пушти сиккахои Ҳерай-Санаб ва Сотер Мегас – Вима Такту бо услуби то андозае шартӣ-ишоравӣ тасвир шудааст. Аммо аллакай дар суратҳои сиккаҳои Вима Кадфиз ва шоҳони баъди ӯ сабки бохтарӣ-ҳиндӣ бештар ба назар мерасад. Дар сиккаҳо наққошон шоҳонро бо сарулибоси миллиашон ва шукӯҳу шаҳодату аломатҳои хосашон тасвир кардаанд. Ин ҳолат дар назди наққошон вазифаҳои нави тасвириро мегузошт ва онҳо маҷбур буданд эҷодкорона амал карда, меъёрҳои замони юнонӣ-бохтариро тағйиру такмил дода, сабки сифати нави тасвирро ба вуҷуд оваранд. Тасвири шоҳ дар назди оташдони муқаддаси зардуштӣ ҳайкалмонанд аст ва ба ақидаи олимон, аз ҳамин санъати тасвирӣ гирифта шудааст. Масалан, агар сурати Канишкаро дар сиккаҳо бо ҳайкали дар Матхура ёфт шудаи ин шоҳ муқоиса намоем, онҳо хеле монанд буда, бо як услуб сохта шудаанд. Дар сиккаҳо аломатҳои хоси шоҳ – тамға, яроқ, чеҳраи хоси ӯ бо риши калони сермӯй,

бинии калону баланд бо маҳорат ва амиқ тасвир шудаанд. Дар тасвири худоҳо дар пушти сиккаҳо омезиши ботинии санъати нафиси юнонӣ ва бохтарӣ эҳсос карда мешавад.

Санъати боҳашамати тасвириро ҳайкалҳои сангин, гачӣ ва деворнаққошиҳои барҷаста намоиш медиҳанд. Ин намуди санъати тасвирӣ дар Гандхара (Покистон), дар ёдгориҳои сершумори буддоӣ пайдо карда шудааст ва аз ҳамин сабаб шартан санъати гендхарӣ ном гирифтааст. Дар девормусаввараҳои барҷастаи гандхарӣ Буддо ва ёрдамчиёну пайравони ӯ дар ҳолати орому осоишта ва фориғ аз васвасаҳои дунёи фонӣ тасвир карда шудаанд. Намунаҳои сабки гандхарӣ берун аз ин минтақа, аз ҷумла, дар Бохтар низ ёфт шуданд.[1]

Ҳайкалҳои аз димнаи Халчаёни водии Сурхандарё ёфтшуда намунаи барҷастаи санъати муҷассамасозии кӯшониён мебошанд. Дар ин ҷо бештар ҳайкалҳои шоҳон, шоҳзодагон, маликаҳо, ашрофон, сарбозон ва дигар ашхоси мулкӣ ёфт шуданд. Масалан, ҳайкали шоҳи дайҳим хеле ҷолиб ва ифоданок тасвир шудааст. Шоҳ чеҳраи хеле зебо, бинии росту баланд, чашмони калони бодомшакл дорад. Чеҳраи шоҳ пурра ориёӣ-аврупоӣ мебошад. Сурати ӯ бо сурати Ҳерай-Санаб дар сиккаҳо хеле монанд мебошад. Ба ақидан олимон, ҳайкал низ ба ҳамин шоҳи кӯшонӣ тааллуқ дорад.[2]

Дар Хадда, дар наздикии Ҷалолобод низ як силсила ҳайкалҳои гачии услуби гандхарӣ ёфт шудаанд. Дар давлати Кӯшониён анъанаи сохтани ҳайкалҳои шоҳон инкишоф ёфта буд. Канишка фармон додааст, ки дар маъбади сохташаванда ҳайкалҳои аҷдодаш гузошта шаванд. Дар Матхура муҷассамаи сангини шоҳ Вима Кадфиз дар болои тахт ва муҷассамаи ростистодаи шоҳ Канишка ёфт шуданд. Ин муҷассамаҳо бо сабки ботарӣ-ҳиндӣ сохта шудаанд.

Деворнигораҳои барҷаста аз Айртам (назди Тирмиз) ёфтшуда бо тасвири мусиқаннавозон намунаи олии санъати тасвирии замони Кӯшониён мебошанд. Дар баробари муҷассамасозӣ бутакҳои гилини пухташуда низ месохтанд. Тарҳи рӯй ва сарулибоси бутакҳо сатҳӣ ва шартӣ ифода шудааст. Онҳо аломатҳои хос дошта, худоҳои гуногун, асосан худоҳои дини

---

[1] *Массон В.М. Ромодин В.А.* История Афганистана. – С. 188.

[2] *Пугаченкова Г.А.* Скульптура Халчаяна. М., 1971. – С. 57; *Шлюмберже Д.* Эллинизированный Восток. М., 1985. – С. 52.

зардуштиро ифода мекунанд. бутакҳо дар Афросиёб, Багром ва дигар ёдгориҳо ёфт шудаанд.

Санъати тасвирии давраи Кӯшониён маҳсули тафаккури эҷодии муштараки бохтариён, суғдиён ва ҳиндуҳо мебошад. Онҳо дар ҷараёни офаридани ин осор табиист, ки аз таҷрибаи пешин, яъне давраи юнонӣ-бохтарӣ фаровон ва эҷодкорона истифода бурдаанд. Санъати кӯшониён дар се пояи бузург қарор дошт: бохтарӣ, ҳиндӣ ва юнонӣ-румӣ.

Ба хулосаи олимон, дар давлати Кӯшониён меъёрҳои ягонаи санъати тасвирӣ, ки хоси тамоми вилоятҳои тобеи он бошанд, ташаккул наёфта буданд. Бо вуҷуди ин, дар сохтани муҷассамаҳои расмӣ (ҳайкалҳои шоҳон, мусаввараҳои сиккаҳо) ва маъбаду қасрҳо сабки то андозае ягона пайдо шуда буд, ки намунаи барҷастаи он дар Ҳиндустони шимолӣ ва Бохтар ёфт шудаанд ва шартан аз ҷониби олимон санъати гандхарӣ номида шудаанд. Ин услубро метавонем бохтарӣ-ҳиндӣ номем. Тавре ки мебинем, дар қадим низ халқу миллатҳо дар ҳама соҳаҳо ҳамкорӣ карда, аз беҳтарин дастовардҳои якдигар истифода бурда, санъатро инкишоф медоданд ва шаклҳои сифатан ва мазмунан нави онро меофариданд.

Кӯшониён дар таърихи давлатдории халқҳои ориёӣ, аз ҷумла халқи тоҷик мақоми хос доранд. Он кореро, ки парфияиҳо дар барқарорсозии давлатдорӣ ва фарҳанги миллӣ-ориёӣ дар ғарби Эрон иҷро карданд, Кӯшониён ин корро дар шарқи Эрон, аз ҷумла Осиёи Миёна анҷом доданд. Онҳо, ки худ ориёнажод (сакоӣ-масагетӣ) буданд, ба ҳукмронии қариб 200-солаи юнониён дар Бохтар хотима бахшида, ҳокимияти сиёсии ориёиҳоро (сакоиҳо-масагетҳо ва бохтариҳоро) дар ин минтақа аз нав барқарор карданд. Ҳиндустонро ба давлати худ ҳамроҳ карда, таъсири Бохтарро дар ин кишвар афзуданд ва барои ҳамбастагӣ ва инкишофу ҳамкории ин ду халқи ориёӣ заминаи мустаҳкам гузоштанд.

6. ҲАЙТОЛИЁН ВА ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Тавре ки дар боби гузашта гуфтем, дар давраи ҳукмронии Шопури I (солҳои 240-272) ва Шопури II (солҳои 309-379) Сосониён як қатор вилоятҳои ғарбии давлати Кӯшониёнро забт карда, ба давлати худ ҳамроҳ намуданд. Дар натиҷаи ин ва дигар

ҳодисаҳои дар нимаи дуюми асрҳои IV-V рухдода, давлати бузурги Кӯшониён амалан барҳам хӯрда, ба мулкҳои сершумори начандон калони мустақил ва ниммустақил тақсим мешавад.

Яке аз охирин шоҳони кӯшониёни бузург Тсидоло (Кидара) буд.

Мувофиқи ахбори солномаи хитоӣ Бэйши, ӯ дар зери фишори қабилаҳои хун пойтахти худро аз Ланши ба Боло кӯчонида, дар шимоли Ҳиндустон панҷ вилоятро забт карда, аз номи худ дар он ҷо сиккаҳои тиллоӣ ва нуқрагин бароварда.[1] Санаи ин ҳодиса дақиқ маълум нест ва муҳаққиқон онро ба замонҳои гуногун – миёнаи асри IV ё нимаи аввали асри V нисбат медиҳанд.

Дар ҳамин солҳо ба саҳнаи таърихи Осиёи Миёна қабилаҳои нав – хиониҳо баромаданд. Табарӣ дар бораи ҷанг Баҳроми V (солҳои 420-439) бо хоқони турк (подшоҳи хиониҳо) дар ҳудуди Мовароуннаҳр хабар додааст. Дар аввали асрҳои IV – нимаи аввали асрҳои V дар Осиёи Миёна, аз ҷумла Бохтар хиониҳо ҳукмронӣ мекарданд. Аммо дар бораи чӣ гуна сохтори сиёсӣ ташкил кардани ин қабилаҳо дар минтақаҳои ишғол кардаашон ягон хел маълумот нест. Эҳтимол онҳо ин минтақаҳоро ишғол карда, иттиҳодияи ҳарбӣ-сиёсиро дар зери васояти худ ташкил карданд, ки аз вилоятҳои зиёди расман мутеъ ва аммо амалан мустақил иборат буд. Яъне хиониҳо давлати мутамарказ ташкил накарда буданд.

Хиониҳоро дар арсаи таърих ҳайтолиён иваз карданд. Муаррихони қадим кӯшониён, хиониҳо ва ҳайтолиёнро бисёр вақт бо ҳам омехта кардаанд ва баъзан бо ҳам хеш будани ҳайтолиёну кӯшониён ва ё хиониҳою кӯшониёнро таъкид кардаанд. Дар ин асос аксари олимон ба хулосае омадаанд, ки хиониҳо ва ҳайтолиён мисли кӯшониён ба гурӯҳи қабилаҳои сакоӣ-масагетии Осиёи Миёна дохил мешуданд ва онҳо, кӯшониён, хиониҳо ва ҳайтолиён ба ҳам хеш буданд. Бори нахуст ҳайтолиён (яфталиён, эфталитҳо) соли 450 номбар шудаанд. Муаррихи қадими арманӣ Егише Вардапет навиштааст: «Яздигурд лашкари калон ҷамъ карда, ҳаракат намуд ва ба сарзамини яфталиён (ҳайтолиён) расид. Шоҳи кӯшониён аз задухӯрд худдорӣ кард. Ӯ бо лашкараш ба қисматҳои дур ва дастнораси биёбон гурехт». Ин маълумот барои муайян кардани ватани ҳайтолиён низ аҳамияти калон

[1] История таджикского народа. Т.I . – 1963 – С. 405.

дорад. Гап дар сари он аст, ки доир ба ин масъала ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд, ки мо поёнтар дар бораи онҳо сухан хоҳем гуфт. Дар хабари Егише Вардапет номбар шудани шоҳи кӯшониён гувоҳи он аст, ки ин ҳодиса дар шарқи Эрон дар Бохтар (Тохаристон) рух дода буд. Чунки сосониён мулки кӯшониёнро гуфта, пеш аз ҳама Бохтарро дар назар доштанд. Аз ин бармеояд, ки сарзамини ҳайтолиён маҳз дар ҳамин минтақа, аниқтараш дар Бохтари шарқӣ воқеъ шуда буд. К.В.Тревер аз маълумоти Егише Вардапет ба чунин хулоса омадааст, ки дар он вақт ҳайтолиён ҳанӯз мустақил набуда тобеи кӯшониён буданд. Аммо Б.Ғафуров ин ақидаро рад намуда, дуруст фармудаанд, ки дар ин солҳо Бохтар аллакай дар дасти ҳайтолиён буд. Сосониён ба анъанаҳои пеш такя карда, шоҳи ҳайтолиёнро шоҳи кӯшонӣ номидаанд. Онҳо ҳанӯз аз ҳамдигар фарқ доштани ҳайтолиён ва кӯшониёнро дуруст дарк намекарданд. Чунки то ин вақт онҳо дар ин минтақа бо кӯшониён сару кор доштанд. Ин санад аз ҷониби дигар дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки ҳайтолиён аз дохили давлати Кӯшониён баромада буданд ва барои ҳамин дар ибтидо сосониён ба мисли пештара онҳоро кӯшонӣ гумон мекарданд. Дар ин ҷанг баъди қафонишинии шоҳи кӯшониён (шоҳи ҳайтолиён) Яздигурди II шаҳру қалъаҳои зиёди кӯшониёнро ишғол карда, бо ғанимати бисёр ба Эрон баргашт.

Егише Вардапет хабар додаст, ки солҳои 453-454 Яздигурди II боз ба шоҳи кӯшониён ҳамла кард, аммо сахт шикаст хӯрд. Муҳаққиқон дар ин робита ба ин задухӯрд дуруст фармудаанд, ки он байни сосониён ва ҳайтолиён сурат гирифта буд. Ҳайтолиён баъди ғалаба дар ин муҳориба ба хоки Эрон дохил шуда, қисматҳои шарқии онро талаву тороҷ намуданд.

Соли 456 ҳайтолиён, мувофиқи маълумоти солномаи хитоӣ Бэйши, ба Хитой сафорат фиристоданд. Соли 457 аз рӯйи гуфтаи Табарӣ шоҳи ҳайтолиён Хушнавоз (Ахшунвар), ки вилоятҳои Ғарчистон, Тахористон, Балх, Бадахшон ва ғайраро дар дасташ дошт, ба Фирӯз лашкар дод, то ӯ рафта тахтро аз дасти бародараш кашида гирад.[1]

Аз рӯии маълумоти овардашуда, мо дақиқ гуфта метавонем, ки давлати Ҳайтолиён дар соли 450 аллакай вуҷуд дошт. Асоси ин давлатро вилоятҳои навакак номбаршудаи Бохтар ташкил мекарданд. Нимаи дуюми асри V шоҳи сосониён Фирӯз, ки бо

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 198; История таджикского народа. – С. 407.

ёрии ҳайтолиён соҳиби тахт шуда буд, се бор ба сарзамини онҳо ҳуҷум кард ва ҳар се бор шикаст хӯрд. Ҳайтолиён боз ба вилоятҳои шарқии Эрон дохил шуда, онҳоро талаву тороҷ намуданд. Эрон ба муҳлати дурудароз боҷгузори ҳайтолиён гардид. Сабаби ин ҷангҳо дар он буд, ки ҳанӯз дар асри III сосониён қисматхои шарқии Бохтарро аз дасти кӯшониён кашида гирифта буданд. Аз маълумоти дар боло овардашудаи Табарӣ маълум мешавад, ки соли 457 ҳайтолиён аллакай Бохтари ғарбиро аз сосониён баргардонида гирифта буданд. Мақсади ҳамлаҳои Фирӯз бар зидди ҳайтолиён аз нав ишғол кардани ин минтақа ва беҳтар гардонидани сарҳадҳои шарқии Эрон аз ҳуҷуми онҳо буд.

Ҳанӯз пеш аз сар шудани ҷангҳо бо Фирӯз ҳайтолиён ба ҷануб лашкар кашида соли 460 дар Ҳиндустони шимолӣ вилояти Гандхараро ишғол намуданд[1].

Баъди мустаҳкам кардани сосониён ва шикаст додани мавқеи худ дар сарҳад бо Эрон, ҳайтолиён забткориҳои худро дар Ҳиндустон идома доданд. Шоҳи ҳайтолиён Тораман (солҳои 490-515) Синд, Рачастон ва водии Ҷамна-Гангро тасарруф намуд. Ҳайтолиён дар самти шимолӣ-шарқӣ низ ба муваффақиятҳои калон ноил шуданд. Дар байни солҳои 470-509 онҳо Турфон, Урумчи, Хутан, Қошғар ва дигар вилоятҳои Туркистони шарқиро забт намуданд.[2] Ҳайтолиён дар ин солҳо то андозае пурқувват шуда буданд, ки соли 522 яке аз ҳокимони вилояте дар Хара - Хото бар зидди Хитой шӯриш бардошта, ба назди ҳайтолиён гурехт ва аз онҳо ёрӣ хост. Ӯ се хоҳари худро ба шоҳи ҳайтолиён ба занӣ дод.

Дар байни солҳои 467-470 ва 480 ҳайтолиён Суғдро ишғол намуданд. Дар сарчашмаҳои хитоӣ ва мусулмонӣ кишварҳое, ки ба ҳайати давлати Ҳайтолиён дохил мешуданд, номбар карда шудаанд. Солномаи Ляншу хабар додааст, ки вилоятҳои Тошқурғон, Кашмир, Қарашаҳр, Куча, Қошғар, Хутан тобеи ҳайтолиён буданд. Дар ин бора Табарӣ, Диноварӣ, Мирхонд ва дигар муаррихони тоҷику форсу араб маълумоти муфассалтар додаанд. Мувофиқи маълумоти онҳо, ба ҳайати давлати Ҳайтолиён Тохаристон, Чағониён, Кобулистон, Зобулистон, Синд, Буст, Аррухаҷ ва ҳамчунин Самарқанд, Бухоро, Кеш, Насаф, Фарғона ва Чоч дохил мешуданд.

---

[1] *Marshall J.* Taxila Oxford, 1951, vol. I, p.75.
[2] *Enoki K.* The Origin of the White Huns or Hephthalites.//EW VI, 1955. - p. 235.

Ҳамин тавр то аввали асриVI давлати Ҳайтолиён хеле васеъ шуда, тамоми Бохтар, шимоли Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва Туркистони шарқиро дар бар мегирифт. Сосониён барин давлати пурзӯри он замон, ки империяи Румро чандин маротиба шикаст дода буд, маҷбур шуда ба ҳайтолиён боҷ месупорид.

Мувофиқи солномаи хитойӣ Тан пойтахти ҳайтолиён дар шаҳри Ланши воқеъ гардида буд. Аммо солномаи Бэйши шаҳри Бодиёнро пойтахти онҳо номидааст. Дар куҷо ҷойгир будани шаҳри Ланши маълум нест. Шаҳри Бодиёнро дар қисми ғарбии вилояти Бадахшон ҷой медиҳанд,[1] ки ин ба ҳақиқат наздик аст, чунки ин ду ном бо ҳам хеле монанд мебошанд. Эҳтимол дар ибтидо пойтахти ҳайтолиён шаҳри Бодиён (Бадахшон) буд ва баъди густариш ёфтани давлаташон онҳо пойтахтро ба шаҳри Ланши (Балх?) кӯчониданд. Шояд баъди ин ҳам Бадахшон ҳамчун пойтахти дуюм ба шумор мерафт.

Яке аз масъалаҳои мураккаби таърихи ҳайтолиён ин муайян кардани мансубияти миллии онҳо мебошад. Дар ин бора муаррихони қадим маълумоти гуногун ва дар бисёр маврид бо ҳам зид додаанд. Олимони муосир низ доир ба ин масъала фикрҳои мухталиф баён кардаанд.

Яке аз масъалаҳои баҳснок ин робитаи байни хиониҳо, ҳайтолиён ва кӯшониён мебошад. Дар бораи хиониҳо маълумот хеле кам аст. Аммиан Марселлин хабар медиҳад, ки дар шарқ ба давлати Сосониён «хиониҳо ва евсенҳо» таҳдид мекарданд ва Шопур II маҷбур шуд бо лашкар ба он ҷо равад. Дар ҷои дигар ин муаррих хабар додааст, ки соли 359 хиониҳо бо сардории шоҳаншоҳ Грумбат ҳамчун иттифоқчиёни сосониён дар ҳамла ба шаҳри Амидаи Сурия иштирок карданд. Егише Вардапет хабар додааст, ки Яздигурд ногаҳон ба сарзамини «хонҳо, ки кӯшонӣ низ номида мешаванд» ҳуҷум кард. Албатта дар асоси ин маълумот муайян кардани макони пайдоиши хиониҳо ва мансубияти миллии онҳо кори хеле душвор аст. Аммо дар асоси ба забонҳои шарқии эронӣ тааллуқ доштани номи шоҳи онҳо Грумбат ва баръакси гуннҳо сурати зебо доштани онҳо ва баъзе маълумоти дигар олимон ба хулосае омаданд, ки хиониҳо халқи ориёии маҳалии Осиёи Миёна буда, ба гурӯҳи қабилаҳои сакоию масагетӣ, ки кӯшониён низ ба онҳо тааллуқ доштаанд, дохил мешуданд.

[1] *Массон В.М., Ромодин В.А*. История Афганистана.Т.I. – С. 205.

Ба ақидаи аксари олимон, онҳо аз ҷанубу шарқи баҳри Каспий ҳаракат карда, Суғд ва Бохтарро ишғол намуданд.[1] Дар ҳар сурат хиониҳо, ки бори аввал номашон дар миёнаи асри IV пайдо мешавад, халқи маҳаллии Осиёи Миёна буда, бо эҳтимоли зиёд ориёинажод буданд. Дар бораи ба қавми ғайриориёӣ тааллуқ доштани онҳо ягон хел маълумот нест. Мо хиониҳоро барои он номбар кардем, ки мувофиқи сарчашмаҳо дар Осиёи Миёна, аз ҷумла, Бохтар пеш аз ҳайтолиён онҳо ҳукмронӣ кардаанд. Ба ғайр аз ин муаррихони қадим дар бисёр маврид хиониҳо ва ҳайтолиёнро як халқ шумурдаанд. Дар тавсифи як ҳодиса баъзеяшон ҳамчун иштирокчии асосӣ хиониҳоро ва баъзеи дигарашон ҳайтолиёнро номбар кардаанд. Дар ин асос баъзе олимон пешниҳод кардаанд, ки ин ду халқро аз ҳам амалан ҷудо карда намешавад ва барои ифодаи онҳо бояд ибораи хиониҳо - ҳайтолиён истифода бурда шавад.[2] Аммо бо вуҷуди ҷолиб ва моҳиятан дуруст будан, ин пешниҳод бо маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, ки баъди соли 450 бештар дар ҳодисаҳои Осиёи Миёна ҳайтолиёнро номбар мекунанд ва онҳо дар ин ҷо давлати паҳновари худро ташкил карда буданд, чандон мувофиқ нест.

Сарчашмаҳои мусулмонӣ дар ин давра ҳамчун ҳукмрони ин минтақа танҳо ҳайтолиёнро номбар кардаанд. Бо назардошти ин ҳолат ба андешаи мо беҳтар он аст, ки аз миёнаи асри IV то миёнаи асри V мо номи хиониҳоро истифода барем, чунки дар ин муддат маҳз онҳо дар Осиёи Миёна қувваи пешбаранда ва асосии ҳарбӣ-сиёсӣ буданд. Аз миёнаи асри V ва то солҳои 60-уми асри VI қувваи пешбаранда ҳайтолиён мешаванд ва онҳо давлати бузургеро ташкил мекунанд. Аз ин рӯ, ба ин муҳлати таърихӣ беҳтараш этнонимии ҳайтолиёнро (яфтолиёнро) истифода барем. Ин гуна истифодабарии номҳои этникии хиониҳо ва ҳайтолиён воқеияти таърихиро дурусттар инъикос менамояд. Дар зимн, албатта, мо умумияти нажодии ин ду халқи ориёиро бояд ҳамеша дар назар дошта бошем.

Прокопий Кесарийский ҳайтолиёнро аз тоифаи гуннҳо номидааст, аммо таъкид кардааст, ки онҳо аз гуннҳои боқимонда фарқ доранд, бо онҳо ҳамсарҳад нестанд, бар хилофи онҳо сафедпӯст ва зебоандом буда муқимнишинанд, подшоҳ ва давлату қонун доранд. Дар асоси ин маълумот тахмин кардан мумкин аст,

---

[1] *Гафуров Б.* Таджики – С. 195-196.

[2] *Ghirshman R.* Les Chionites-Hephtalites. // LeCaire, 1948 (MDAFA, t.XIII).

ки ҳайтолиён қавми муқимнишин ва ориёнажоди Осиёи Миёна (Бохтар) буданд.

Солномаҳои хитоӣ дар бораи мансубияти миллии ҳайтолиён маълумоти мухталиф дода, онҳоро ҷузъи кӯшониён (юэҷҳо), қабилаи туркӣ, турфонӣ (чешӣ), авлоди Канка номидаанд. К.Еноки маълумоти солномаҳои хитоиро ҳамаҷониба таҳлил карда ба хулосае омадааст, ки муаллифони онҳо дар бораи ҳайтолиён маълумоти дақиқ надоштанд.

Ин нуқтаро яке аз солномanависони қадими хитоӣ низ таъкид кардааст. Олимони аврупоӣ низ дар масъалаи мансубияти миллии ҳайтолиён ақидаҳои мухталиф пешниҳод кардаанд. Баъзе олимон (Ҷ.Клапорт, Ҷ. Маркварт ва дигарон) онҳоро турк ва ҳатто муғул номидаанд.[1] Аммо барои чунин хулоса баровардан далели боэътимод мавҷуд нест. Ҳузури калимаҳои туркии хоқон, тегин ва баъзе аломатҳои дигар туркӣ-муғулӣ дар сиккаҳои ҳайтолиён, агар онҳо дар ҳақиқат ба забони ҳайтолиён тааллуқ дошта бошанд, сабабҳои дигар доранд ва дар ин бора мо поёнтар сухан хоҳем гуфт. Аз ҷониби дигар ин аломатҳо барои ҳайтолиён ҷузъӣ буданд, на асосӣ ва муайянкунанда. Р.Гиршман, К.Еноки ва бисёр олимони дигар ҳайтолиёнро халқи ориёинажоду ориёизабон мешуморанд. Дар вақтҳои охир ориёизабон будани ҳайтолиёнро бештари олимон қабул доранд.

Барои муайян кардани мансубияти миллии ҳайтолиён сиккаҳо сарчашмаи муҳим мебошанд. Дар сиккаҳо сурати шоҳони ҳайтолӣ мавҷуданд ва ин имконият медиҳад, ки мо мансубияти нажодии онҳоро муайян кунем. Аммо маълумоти сиккаҳо масоҳатан маҳдуд аст, чунки онҳоро асосан дар шимоли Ҳиндустон, ҷанубӣ Афғонистон ва баъзе ноҳияҳои дигари ҳамҷавор ёфтаанд. Ҳатто дар Тохаристон, ки бешубҳа маркази давлатии Ҳайтолиён буд, ин сиккаҳо ба миқдори хеле кам ёфт шудаанд. Яъне дар асоси сиккаҳо мо наметавонем дар бораи тамоми қаламрави давлати Ҳайтолиён, алалхусус дар бораи маркази онҳо – Тахористон хулоса барорем. Дар ин кишвар ва дигар вилоятҳои тобеи ҳайтолиён сиккаҳои сосонӣ ва таклидии сосонӣ бароварда мешуданд ва дар муомилот буданд. Дар онҳо на сурати шоҳони ҳайтолӣ, балки сурати шоҳони сосонӣ тасвир шудаанд. Бо вуҷуди камбудиҳои номбаршуда, аз рӯйи сиккаҳо мо метавонем дар бораи сурат ва шаклу шамоили шоҳони ҳайтолӣ

[1] История таджикского народа. Т. I. 1963. – С. 415.

тасаввуроти муайян пайдо намоем. Дар аксарияти кулли сиккаҳо шоҳони ҳайтолӣ шакли ориёӣ-аврупоӣ доранд. Аммо дар баъзе сиккаҳо, махсусан дар онҳое, ки симои шоҳ на аз бар, балки аз пеш тасвир шудааст, чеҳраи шоҳ бо нишонаҳои туркӣ-муғулӣ инъикос шудааст.[1]

Ба ибораи дигар, дар симои ин шоҳон омезиши туркӣ-муғулӣ эҳсос карда мешавад. Ин ҳодиса метавонист дар натиҷаи никоҳҳои сулолавӣ байни шоҳони ҳайтолӣ ва пешвоёни қабоили туркӣ-муғулӣ, ки дар канораҳои шимолу шарқии давлати Ҳайтолиён ё берун аз он дар вилоятҳои ҳамҷавор зиндагӣ мекарданд, рух диҳад. Сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи ба шоҳи ҳайтолиён се хоҳари худро ба занӣ додани пешвои яке аз қабилаҳои жуан жуан соли 522 хабар додаанд. Ин гуна никоҳҳои сиёсӣ-сулолавӣ метавонистанд пеш аз ин ва баъди он низ ба вуҷуд оянд. Аз ҷониби дигар ин гуна сиккаҳо метавонистанд ба даврaи баъди ҳайтолиён низ тааллуқ дошта бошанд. Навиштаҷоти сиккаҳои ҳайтолӣ бо забони ориёӣ (бохтарӣ) ичро карда шудаанд.[2] Ҳуҷҷатҳои ҳайтолиён, ки дар Туркистони шарқӣ ёфт шудаанд, бо забони шарқии эронӣ навишта шудаанд. Муаллифи солномаи Бэйми возеҳу равшан гуфтааст, ки забони ҳайтолиён аз забони туркӣ ва муғулӣ комилан фарқ мекунад. Баъзе олимон иддао доранд, ки ҳайтолиён ин забонро аз аҳолии маҳалии ориёӣ қабул кардаанд, яъне ин забони модарии онҳо набуд. Аммо барои тасдиқи ин фикр онҳо ягон далели мушаххас пешниҳод накардаанд. Фарзияи онҳо пурра қиёсӣ аст ва сазовори қабул кардан нест.

Ба ақидаи С.П. Толстов, А. Стейн ва Ғ. Алтҳайм, аксари номҳои ҳайтолӣ туркӣ мебошанд.[3]Ба ин ақида розӣ шудан душвор аст. Масалан, номи ду шоҳи ҳайтолиён – Ахшунвар ва Готифар пурра ва бешубҳа ориёӣ мебошанд. Номҳои шоҳони дигари ҳайтолиён Тораман, Михиракула низ, бо эҳтимоли зиёд, ориёианд. Ин номҳо ориёнажод будани ҳайтолиёнро равшану возеҳ собит месозанд.

Ба фикри Ф. Андреас, номи шоҳи хиониҳо Грумбатро дар асоси забонҳои эронӣ ҳамчун «Пуштибонаш Баҳром» маънидод

---

[1] Дар бораи сиккаҳои ҳайтолиён муфассал ниг: *GobIe R.* Dokumente zur Geschichte dcr Iranishen Hunen in Baktrian und Indien. Wiesbaden, 1967.

[2] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 200.

[3] История таджиксого народа,1960. – С. 418.

кардан мумкин аст.[1] Дар масъалаи ватани ҳайтолиён низ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Ин ақидаҳо дар ҷилди якуми «Таърихи халқи тоҷик» бо забони русӣ ва китоби «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров муфассал таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Аз байни онҳо се ақидаи асосиро ҷудо кардан мумкин аст, ки мувофиқи онҳо ватани ҳайтолиён дар минтақаҳои зерин ҷойгир буд: шарқи баҳри Каспий (С.П.Толстов ва дигарон); Туркистони шарқӣ (Р. Гиршман); Бадахшон (К. Еноки).

Тарафдорони ҳар се ақида барои исботи фикрашон далелҳои гуногун пешниҳод кардаанд. Ба назари мо далелҳои мавҷуда ва маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ба фоидаи фикри сеюм, яъне дар Бадахшон будани ватани ҳайтолиён шаҳодат медиҳанд.

Тавре ки зикр шуда, Егише Вардапет дар бораи бар зидди шоҳи кӯшониён ҳамла кардани Яздигурд ва бар сарзамини ҳайтолиён расидани ӯ хабар додаст. Номбар шудани шоҳи кӯшонӣ шоҳиди боэътимодест, ки ин ҳодисаҳо дар шарқи Эрон, дар Бохтар рух додаанд ва сарзамини ҳайтолиён дар шарқтар, дар Бадахшон ҷойгир буд. Ин фарзияро солномаи Бэйши тасдиқ мекунад. Мувофиқи он пойтахти ҳайтолиён дар Бодиён (Бадахшон) воқеъ гардида буд.

Маълумоти Табарӣ низ ин фарзияро то андозае тасдиқ менамояд. Ба қавли ӯ, асоси давлати Ҳайтолиёнро дар ибтидои ташкилшавиаш Ғарчистон, Тахористон, Балх ва Бадахшон ташкил мекарданд. Ба ин маълумот як санади ба назари мо, хеле муҳим ва ҷолибро илова кардан лозим аст. Дар Бадахшони Афғонистон то имрӯз ноҳияи калоне ба номи Яфтал вуҷуд дорад ва сокинони онро мардуми атроф яфталӣ мегӯянд. Шубҳае нест, ки ҳамин ном аз ҳамон даврaҳои қадим боқӣ мондааст. Дар Бадахшони Тоҷикистон калимаи «яфтил» ҳамчун номи шахсӣ низ дучор мешавад. Ин аснод фарзияи ватани ҳайтолиён будани Бадахшонро тақвият медиҳанд.

Дар робита бо мансубияти миллии ҳайтолиён олимон дуруст таъкид кардаанд, ки ба ҳайати иттиҳодияи онҳо халқҳо ва қабилаҳои гуногун дохил мешуданд. Ба андешаи мо як сабаби маълумоти мухталиф додани муаррихони қадим дар бораи ҳайтолиён дар ҳамин аст. Худи ҳайтолиён бо эҳтимоли зиёд ориёнажод ва аз Бадахшон буданд. Баъди Осиёи Миёна, Туркистони шарқӣ ва Ҳиндустони шимолиро ишғол кардани онҳо

[1] Ниг: *Ghirshman R.* Les Chionites-Hephtalites. // LeCaire, 1948 (MDAFA, t.XIII. p.117).

ба ҳайати давлаташон халқу қабилаҳои гуногун дохил шуданд. Аксарияти кулли ин халқҳо мисли худи ҳайтолиён ориёнажод ва ориёизабон буданд. Дар байни онҳо ориёнажоди кӯчманчӣ низ буданд. Аз эҳтимол дур нест, ки ба ин иттиҳодия дар қисматҳои шимолу шарқии Осиёи Миёна ва Туркистони шарқӣ баъзе қабилаҳои туркӣ ва муғулӣ низ дохил шуда буданд. Аз сабаби он, ки ин қабилаҳо ҷузъи давлати Ҳайтолиён дониста мешуданд, муаррихони қадим ва пеш аз ҳама, хитоӣ дар бораи ҳайтолиён маълумоти мухталиф дода, баъзан онҳоро турку муғул номидаанд.

Дар бораи сохти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳанги ҳайтолиён маълумот хеле кам аст. Аз сарчашмаҳои хаттии қадим дар бораи тарзи зиндагонии ҳайтолиён Прокопий Кесарӣ маълумоти нисбатан муфассал додааст. Ӯ навиштааст: «гарчанде, ки яфталиён аз тоифаи гуннҳоянд ва чунин номида мешаванд аммо онҳо бо он гуннҳое, мо ки онҳоро медонем омехта намешаванд ва алоқа надоранд чунки ки бо онҳо ҳамсарҳад нестанд ва аз онҳо дур зиндагӣ мекунанд… онҳо мисли дигар халқҳо кӯчманчӣ нестанд ва аз қадим дар сарзамини серҳосил зиндагӣ мекунанд… Аз байни гуннҳо танҳо онҳо бадани сафед доранд ва безеб нестанд ва мисли онҳо ваҳшиёна зиндагӣ намекунанд, онҳо як подшоҳ ва давлати қонунӣ доранд ва дар муносибат байни якдигар ва ҳамсояҳо адолатро на камтар аз румиҳо ва форсҳо риоя мекунанд.[1] Аз ин маълумот бармеоянд, ки ҳайтолиён халқи муқимнишин буда, давлат ва қонун доштанд. Ба ибораи дигар гӯем, онҳо халқи мутамаддин буданд. Муаррихи дигари қадим Менандр онҳоро «қабилаи шаҳрнишин» номидааст. Ин гуфтаҳо бо ақидаи аз Бадахшон будани ҳайтолиён то андозае мувофиқ аст. Бадахшон яке аз минтақаҳои муқимнишини Бохтар буда, аз қадим шаҳру деҳаҳои зиёд дошт. Танҳо сарчашмаҳои хитоӣ ҳайтолиёнро кӯчманчӣ номидаанд. Аммо онҳо таъкид кардаанд, ки дар гузашта онҳо шаҳру деҳкадаҳои истеҳкомдори зиёдро забт карда, онҳоро идора мекунанд. Шояд дар байни ҳайтолиён қабилаҳои кӯчманчӣ низ буданд ё сарчашмаҳои хитоӣ саҳван қабилаҳои кӯчманчии ба ҳайати ин давлат дохил кардашударо ҳайтолӣ гӯён тасвир кардаанд.

Давлати Ҳайтолиён ба маънои томаш мутамарказ ва дорои дастгоҳи ягонаи идоравӣ набуд. Маълумоти мавҷуда дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки танҳо дар Тахористон, Ҳиндустони шимолӣ

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 205.

ва эҳтимол баъзе вилоятҳои дигар сулолаҳои маҳалӣ бо намояндагони сулолаи ҳайтолиён иваз карда шуданд. Дар Самарқанд, Бухоро ва дигар вилоятҳои ба ҳайати давлати Ҳайтолиён дохил кардашуда сулолаҳои маҳаллӣ боқӣ монданд. Ҳамаи қариб 40 вилоятҳои ба ҳайтолиён тобеъбуда, ба онҳо хироҷ месупориданд, ҳокимияти сиёсии онҳоро эътироф мекарданд ва эҳтимол дар ҳолатҳои ҷанг дастаҳои худро ба ёрии шоҳи ҳайтолиён мефиристоданд.

Ҳайтолиён лашкари тавоно доштанд, дар он саворагон мақоми асосиро ишғол мекарданд. Яроқи асосиашон гурз ва шамшер буд, баъзе қабилаҳояшон камонварони моҳир буданд.[1]

Сохти иҷтимоияшон ба дараҷаи кофӣ инкишоф ёфта буд, ҷомеа ба бойҳо ва камбағалҳо тақсим мешуд. Бойҳо либосҳои қиматбаҳои зарбоф ва симдор мепӯшиданд. Аз рӯйи маълумоти солномаи Бэйши, дар болои қабри бойҳо сағонаҳои сангин месохтанд ва камбағалонаро дар замин гӯр канда дафн мекарданд. Сохтани сағонаҳои сангӣ ва дар дохили онҳо гузоштани ҷасади фавтидагон дар деҳаҳои баландкӯҳи Дарвозу Мастчоҳ то имрӯз боқӣ мондааст. Эҳтимол сағонаҳои сангин, ки бостоншиносон дар ноҳияи Ашти Тоҷикистон ёфтанд ва муғхона номида мешаванд, бо тарзи гӯрондани ҳайтолиён алоқамандӣ дошта бошад. Солномаи Ляншу хабар медиҳад, ки ҳайтолиёнро дар тобут гӯр мекарданд. Ин одат дар байни сарматҳо вуҷуд дошт.[2]

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ҳайтолиён фариштаҳои оташ ва мазҳари он – Офтобро мепарастиданд.[3] Оташпарастӣ дар байни халқҳои ориёӣ аз қадим паҳн шуда буд ва бо дини зардуштӣ алоқамандӣ дошт. Дар пушти сиккаҳои ҳайтолиён оташдони муқаддаси зардуштӣ ва мубадон тасвир шудаанд. Ин тасвир аз сиккаҳои сосонӣ, ки ҳайтолиён ба онҳо пайравӣ мекарданд, ба сиккаҳои онҳо гузаштааст. Бо вуҷуди ин агар санадро якҷоя бо сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи оташпараст будани ҳайтолиён ба назар гирем, пас мисли дигар халқҳои ориёии Осиёи Миёна, аз ҷумла, Бохтару Суғд пайрави дини зардуштӣ будани онҳо аз эҳтимол дур нест.

---

[1] *Altheim F.* Geschichte der Hunnen, Bd. II, 1960.- s.269.

[2] История таджикского народа. Т.I . 1963. – С. 417.

[3] Дар бораи дини ҳайтолиён ниг: Specht E. Etudes sur l'Asie Centrale d'apres les historiens chinois. // JA, 1883, p/338/Enoki K. On the nationality of the Ephthalites. // MDTB, №18. Tokyo. 1959. – С. 45-49.

Оташпарастӣ дар байни қабилаҳои ориёӣ, аз ҷумла, сакоӣ-масагетӣ низ ба таври васеъ роиҷ буд. Дар Авесто эзиди Меҳр (Митро-Офтоб) мавҷуд аст ва ба он суруди махсус бахшида шудааст. Дар робита бо дини ҳайтолиён бояд қайд кард, ки дар аксари сарзаминҳои ба ҳайати давлати онҳо дохилшуда, яъне Осиёи Миёна, аз ҷумла Бохтар, аз даврaҳои хеле қадим то даврaи ҳайтолиён дини зардуштӣ ҳукмрон буд.

То миёнаҳои асри VI вазъияти хориҷии давлати Ҳайтолиён муътадил буд. Дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Эрон онҳо таъсири калон доштанд. Шоҳаншоҳи Эрон Қубод (солҳои 488-531) бо ёрии ҳайтолиён соҳиби тахт шуд. Ҳайтолиён дар муҳосираи Эдесса ҳамчун иттифоқчиёни сосониён иштирок карданд. Қубод мунтазам ба ҳайтолиён боҷ месупорид. Дар давраи ҳукмронии Хусрави Іниз Эрон мисли пештара ба ҳайтолиён боҷ месупорид. Аммо Эрон тадриҷан пурзӯр шуда, тақрибан соли 545 супоридани боҷи ҳарсоларо ба ҳайтолиён бас кард.[1] Ин маънои онро дошт, ки Эрон аз пуштибонии ҳайтолиён даст кашида, нисбати онҳо сиёсати душманонаро пеш гирифтанӣ аст. Хусрави I барои аз ҳайтолиён қасоси шикастҳои пешинаро гирифтан фурсати муносибро меҷуст. Дере нагузашта чунин фурсат фаро расид. Дар шимоли Осиёи Миёна ба ҳайтолиён душмани нав – Ҳоқони турк таҳдид мекард. Дар солҳои 550-ум туркҳо дар шимолтари Чоч якчанд вилоятҳоро ишғол намуданд. Шоҳи ҳайтолиён ба таҳлука афтода, хост, ки ба туркҳо ҳуҷум кунад, аммо яке аз надимонаш бо номи Катулф ба ӯ маслиҳат дод, ки агар душманро дар ин ҷо мунтазир шавад, беҳтар аст.

Сосониён аз вазъяти ба амаломада ба манфиати худ истифода бурданд. Онҳо бо Хоқони турк шартномаи дӯстӣ ва ҳамкории сиёсиву ҳарбӣ бастанд. Мувофиқи ин шартнома Хусрави I бояд духтари Хоқони туркро ба занӣ мегирифт. Ин шартнома рӯирост бар зидди ҳайтолиён равона шуда буд. Онҳо дар байни ду оташ монданд.

Дар бораи ин ду моҷарои туркү ҳайтол сарчашмаҳои аҳди ислом, аз ҷумла Фирдавсӣ, маълумот додаанд. Задухӯрд байни онҳо ногузир буд ва ҳарду ҷониб ба он тайёрӣ медиданд. Дере нагузашта ин ҳодиса, ки ҳамаи се ҷониби иштирокчӣ мунтазир буданд, рух дод.

---

[1] *Массон В.М., Ромодин В.А.* История Афганистана. – С. 207-208.

Хоқони турк барои мустаҳкам кардани дӯстӣ бо шоҳи Эрон сафорате ороста, бо туҳфаҳои гаронбаҳо ба Хусрави I Анушервон фиристод. Сафорат бояд аз сарзамини ҳайтолиён (Осиёи Миёна) гузашта, ба Эрон мерафт. Ба қавли Фирдавсӣ:

Гузар мардро сӯйи ҳайтол буд,
Ҳама роҳ пуртиру кӯпол буд.
Зи Суғд андарун ба Ҷайҳун сипоҳ,
Кашида рада пеши ҳайтолшоҳ.

Шоҳи ҳайтолиён аз ин кор огоҳ шуда, ба изтироб афтод:

Агар шоҳи Эрону Хоқони Чин,
Бисозанду аз дил кунанд офарин.
Ҳарос аст аз ин дӯстӣ байни мо,
Ба ду рӯй вайрон шавад шаҳри мо.[1]

Бо фармони Готифар сафирони Хоқони туркро дастгир карда, ба қатл мерасонанд. Танҳо як нафари онҳо ҷон ба саломат бурда, хабарро ба Хоқон мерасонд. Хоқон ба хашм омада, бо лашкари азим ба Чоч зада медарояд ва онро талаву тороҷ карда, мардумони зиёдеро ба ҳалокат мерасонад. Готифар аз ин кор огоҳ шуда:

Зи Балху Шукнону Омую Зам,
Силоҳу сипаҳ хост, ганҷу дирам.
Зин Хатлон аз Тирмизу Висагирд,
Зи ҳар сӯ сипоҳ андароварда гирд.

Ҳайтолиён дар Бухоро лашкари сершуморе ҷамъ оварданд.

Бухоро пур аз гурзу кӯпол буд,
Ки лашкаргаҳи шоҳи Ҳайтол буд.[2]

Дар ин миён туркҳо вилоятҳои сари роҳро забт карда, то Маймурғи вилояти Самарқанд расиданд. Муҳорибаи асосӣ дар сарҳади воҳаи Бухоро ба амал омад. Он ҳашт рӯз давом кард ва яке аз тӯлонтарин ва хунинтарин муҳорибаи қадим буд. Дар ин

[1] *Фирдавсӣ.* Шоҳнома. Ҷ. 8. Душанбе, 1990. – С. 220.
[2] *Фирдавсӣ.* Шоҳнома. Ҷ. 8. Душанбе, 1990. – С . 221-222.

муҳориба ҳайтолиён мардонавор ҷангиданд, аммо ғалаба насиби туркон шуд. Боқимондаи лашкари ҳайтолиён ба ҷануб фирор карданд ва ҳокими Чағониён Фағонишро, ки ҳайтолӣ буд, подшоҳи нави худ интихоб намуданд. Эҳтимол дар ҷанги назди Бухоро Готифар ҳалок гардида бошад. Фағониш барои нигоҳ доштани ҳокимияти ҳайтолиён ба Хусрави I изҳори итоат кард. Мувофиқи «Шоҳнома» Хусрави I баъди ба ӯ расонидани хабари шикаст хӯрдани ҳайтолиён лашкар ҷамъ карда, ба Тахористон ҳамла намуд ва онро ишғол кард.[1] Аз рӯйи маълумоти Табарӣ ва Диновари ин ҳодиса пеш аз муҳорибаи Бухоро ба вуқӯъ пайваста буд. Шояд маълумоти Фирдавсӣ, ки аз ин ҳодиса огоҳии бештар дошт, дурустар бошад. Як қатор вилоятҳои ҷануб то Синд ҳокимияти Сосониёнро эътироф карданд. Ҳамин тавр давлати паҳновари Ҳайтолиён аз саҳнаи таърих нопадид шуд. Сарзаминҳои он дар байни сосониён ва туркон таксим карда шуданд. Сарзаминҳои соҳили рости Амударё (яъне Осиёи Миёна) ба итоати туркҳо ва сарзаминҳои соҳили чапи Амударё (Тахористон) ба сосониён гузаштанд.

Дар сарчашмаҳо санаи рух додани ин муҳорибаи зикр нашудааст. Муҳаққиқ Э. Шаван дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои гуногун ба хулосае омадааст, ки муҳориба дар байни солҳои 563-567 ба вуқӯъ пайваста[2] ва ба фикри А.М. Маделштам муҳориба соли 563 рух додаст.[3]

Аз маълумоти Фирдавсӣ дар бораи шоҳи нави ҳайтолиён интихоб шудани Фағониш ва маълумоти баъзе сарчашмаҳои дигар бармеояд, ки давлати Ҳайтолиён қисман баъди муҳорибаи Бухоро низ боқӣ монд. Аз ҷумла, Менандр навиштааст, ки туркҳо ҳайтолиёнро маҷбур карданд, ки ба онҳо хироҷ супоранд. Дар ин сарчашма ҳамчунин гуфта шудааст, ки соли 581 бар зидди туркҳо Хутан, Форс ва ҳайтолиён шӯриш бардоштанд.

То кадом вақт боқӣ мондани ин подшоҳии ҳайтолиён, ки дар байни қаламрави туркҳо ва сосониён ҷойгир буд, маълум нест. Ҳамчунин дақиқ маълум нест, ки ба ҳайати он ба ғайр аз Чағониён боз кадом вилоятҳои ҷанубу шарқии Осиёи Миёна дохил мешуданд. Эҳтимолан ба ин шоҳии сарҳардии ҳайтолиён метавонистанд Хуталон, Вашгирд ва Бадахшон низ дохил шавад,

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 225-242.
[2] *Chavanes E.* Dokuments sur les Ton-Kien (Turcs) occidentaux. St. Petersbourgs 1903.
[3] История таджикского народа. Т.II. 1964. – С .43.

аммо барои тасдиқи ин фарзия мо дар даст далелҳои мушаххас надорем.

Давлати Ҳайтолиён каме бештар аз 100 сол (солҳои 450/55-563) арзи вуҷуд дошт. Як хизмати таърихии онҳо дар он буд, ки баъди барҳам хӯрдани давлати Кӯшониён ва дар даврони парокандагии сиёсӣ ҳайтолиён аз нав Бохтар (Тахористон) ва қисматҳои дигари Осиёи Миёнаро дар ҳайати як давлат муттаҳид карданд. Ин имконият дод, ки алоқаҳои анъанавии байни бохтариён ва суғдиён дар тамоми соҳаҳо идома ёфта, боз ҳам мустаҳкамтар гарданд. Ҳузури ҳайтолиён дар Осиёи Миёна ва Туркистони шарқӣ то як муддат роҳи туронро ба ин минтақа баста буд. Дар давраи ҳайтолиён ҷангҳои дохилӣ камтар шуда, барои рушду такомули иқтисодиёту фарҳанг шароити нисбатан муносиб фароҳам шуда буд.

7. ДАВЛАТИ СОСОНИЁН ВА ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Таърихи Сосониён мисли таърихи Ҳахоманишиён аз вилояти Форс оғоз меёбад. Дар бораи ташкилшавии ин давлат ва таърихи минбаъдаи он Табарӣ маълумоти муфассал додааст. Маълумоти ӯро сарчашмаҳои дигар – сангнавиштаҳои шоҳони сосонӣ, адабиёти паҳлавӣ, гуфтаҳои муаррихони форсу тоҷик, араб, визонтиёӣ ва арманӣ асосан тасдиқ намуда, онро пурратар гардонидаанд.

Мувофиқи маълумоти Табарӣ[1] саравлоди ин сулола Сосон ҳокими мулки начандон калон дар наздикии Истахр ва мубади оташкадаи ин шаҳр буд. Дар он замон дар вилояти Форс намояндагони сулолаи Барзангиён ҳукмронӣ мекарданд ва онҳо тобеи ашкониён (Аршакониён – шоҳони Парфия) буданд. Ба қавли Табарӣ, ҳамсари Сосон аз авлоди Барзангиён буд. Аммо В.Г. Луконин ақида дорад, ки ҳамсари Бобак аз ин авлод буд ва номи ӯ Хваранзем дар катибаи Каъбаи Зардушт сабт гардидааст.[2] Сосонро марди далеру мубориз тасвир кардаанд. Писари ӯ Бобак тақрибан лар соли 208 табаддулоти давлатӣ гузаронда, ҳоким вилояти Форс Гочиҳрро сарнагун намуда, ба қатл мерасонад ва

[1] *Таърихи Табарӣ.* Ҷ.1. Теҳрон, 2001. – С. 481-485.
[2] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 33.

ҳокимиятро ба дасти худ мегирад.[1] Ба фикри В.Г. Луконин ҳокимият ба дасти Бобак ба таври осоишта гузашта буд.[2]

Бобак ҳанӯз дар вақти зинда буданаш писари калониаш Шопурро ба тахт шинонд. Ба ғайр аз маълумоти Табарӣ дар ин бора мусавварае аз Тахти Ҷамшед ва сиккаҳо шаҳодат медиҳанд. Дар мусаввара саҳнаи тоҷгузории Шопур писари Бобак акс ёфтааст. Маъмулан дар ин гуна суратҳо тоҷро ба ҳокимони мулкҳои тобеъ шоҳаншоҳи Эрон аз авлоди ашкониён (аршакиён) месупорид. Масалан, дар суратҳои аз Шуш ва Барди Нишанд ёфташуда, шоҳи парфиёнӣ Артабони V ба ҳокими Шуш Хвасак ва ҳокими Илом тоҷ месупорад. Дар сурати воқеъ дар Тахти Ҷамшед тоҷро ба Шопур падараш Бобак супоридааст. В.Г.Луконин дар ин асос ба хулосае омадааст, ки аллакай Бобак худро мустақил эълон карда, ҳокимияти Ашкониёнро эътироф намекард.[3]

Вориси тахт шудани Шопур дар сиккаҳо низ инъикос ёфтааст.Дар як тарафи сиккаҳои вилояти Форс сурати Бобак ва дар тарафи дигараш ном ва сурати писари ӯ Шопур сабт гардидаанд. Бобак якчанд писар дошт ва яке аз онҳо Ардашер буд. Ба қавли Табарӣ ҳанӯз ҳокими Форс Гочиҳр ӯро аввал ҷонишини ҳокими шаҳри Доробгирд ва баъд ҳокими ин шаҳр таъйин карда буд. Ин санад аз он лиҳоз низ муҳим аст, ки хешу табор шудани сосониёнро бо барзангиён тасдиқ мекунад.

Ардашер марди далеру мубориз буд. Ӯ дар аввал якчанд шаҳру вилоятҳои ҳамсояро тасхир карда, қаламрави мулки худро васеъ намуд. Аз ҷумла, ӯ шаҳрҳои Ҷубонон, Манушаҳр ва Ларверро ишғол намуд.[4] Аз ин муваффақиятҳои Ардашер бародараш Шопур ба ҳарос афтода, талаб кард, ки ба назди ӯ ҳозир шавад ва изҳори итоат намояд, аммо ҷавоби рад гирифт. Шопур бо сардории дигар бародаронаш бар зидди Ардашер лашкар фиристод. Вале бародарон забон як карда, бар зидди худи Шопур баромаданд ва ӯро банд карда, Ардашерро ба Истахр даъват намуданд. Ӯ тақрибан соли 220 ба ин шаҳр омада, ба тахт нишаст. Баъди ин ӯ Абрасом Рӯҳфарро вазир ва Фохир ном марди олиму ҳакимро мубади мубадон таъйин кард ва ба дигар тарафдорони худ мансабҳои муносиб дод. Бояд ёдовар шавем, ки

---

[1] История Ирана. – С. 107.
[2] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 34.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 30.
[4] Таърихи Табарӣ. Ҷ. 1. – С. 482-483.

барои ба сари ҳокимият омадани сулолаи Сосониён рӯҳониёни зардуштӣ нақши намоён доштанд ва тавре ки дар боло гуфтем, саравлоди онҳо низ рӯҳонии дини зардуштӣ буд. Маҳз барои ҳамин дар давлати Сосониён рӯҳониёни зардуштӣ мақоми баландро ишғол кардаанд.

Баъди ба тахти Форс нишастани Ардашер дере нагузашта бародарони иттифоқчиаш ва шаҳри Доробгирд бар зидди ӯ исён бардоштанд. Ӯ ба ошубгарон ҳамла карда, ҳамаашонро шикаст дод. Пас аз ин Ардашер Кирмон, Хузистон (Исфаҳон) ва якчанд вилояти гирду атрофи Форсро низ забт намуда, ба итоати худ даровард. Баъди ин ишғолгариҳо мулки ӯ васеъ гашта, иқтидори ҳарбиаш хеле афзуд.

Подшоҳи Парфия Артабони V аз ин дастовардҳои Ардашер ба хавотир афтода, ба ӯ нома навишт ва даъват кард, ки ба ӯ итоат кунад ва ба наздаш ҳозир шавад. Баъди ҷавоби рад гирифтан ӯ лашкар ҷамъ карда, ба ҷанги Ардашер рафт. Муҳориба дар назди дашти Ҳурмузгон ба амал омад. Ба лашкари сосониён писари Ардашер Шопур ва ба лашкари парфиёниҳо вазири Артабони V бо номи Дорбиндод сарварӣ мекарданд. Дар ин задухӯрд лашкари парфиёниҳо шикаст хӯрда, Дорбиндод кушта шуд. Ин ҳодиса тақрибан соли 224 рух дод. Соли 226 ё 227 Ардашер ба тахти Эрон нишаста, унвони шоҳаншоҳиро гирифт.

Бисёр вилоятҳое, ки тобеи Ашкониён (Аршакиён) буданд, аз итоат кардан ба Ардашер сарпечӣ карданд ва ӯ маҷбур шуд бар зидди онҳо лашкар кашад. Дар натиҷаи ин лашкаркашиҳо ӯ Ҳамадон, Озорбойҷон, Армания, Мавсил ва Ктесифонро (Табарӣ ин шаҳрро Тайсафун ва Мадоин номидааст) тасарруф кард. Пас аз ин ба Сиистон ва аз он ҷо ба Хуросон ҳамла намуда, Марв, Балх, Хоразмро ишғол кард. Баъд ӯ мулки Баҳрайнро низ бигирифт.[1] Дар тамоми ин кишварҳо ӯ ҳокимони маҳаллиро сарнагун карда, гумоштагони худро гузошт.

В.Г. Луконин дар асоси сангнавиштаҳои шоҳони сосонӣ дурустии маълумоти Табариро зери шубҳа гузошта, чунин мешуморад, ки дар давраи Ардашери I Армания, Гиберия (Гурҷистон) ва Адиабена ҳанӯз ба ҳайати давлати Сосониён дохил намешудаанд.[2] Дар ҳар сурат Ардашер (солҳои 227-241) аксари

[1] Таърихи Табарӣ. Ҷ.I. – С. 485.
[2] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 51.

кишварҳое, ки ба Парфия тобеъ буданд, ба зери даст гирифта, ба давлати худ ҳамроҳ кард.

Рум, ки дар давраи парфиёниҳо рақиби асосии Эрон дар Ғарб буд, дар давраи Сосониён низ дар ҳамин мавқеъ меистод. Аз ин рӯ, бархӯрди Сосониён бо Рум ногузир буд. Соли 230 сарбозони сосонӣ ба Байнаннаҳрайн ва соли 231 ба Сурия ва Каппадокия тохтутоз намуда, ғанимати зиёд ба даст даровардand. Дар ҷангҳои солҳои 238-240 бо Рум лашкари сосониён бо сарварии вориси тахт Шопури II қалъаи мустаҳками Хатраро ишғол намуданд. Дар ҷангҳои ин солҳо бо Рум сосониён бартарӣ доштанд. Румиҳо ба таҳлука афтода, барои ҳамла кардан ба сосониён ҳамаҷониба тайёрӣ диданд. Дар ин бора мо поёнтар нақл хоҳем кард.

Ба қавли Табарӣ «Ардашер чаҳордаҳ сол малик буд». Аз ин гуфта бармеояд, ки ҳукмронии шоҳонро аз рӯзи баргузории маросими расмии ба тахт нишастанашон ҳисоб мекардаанд.

Ардашер дар ободонии Эрон низ саҳм гузоштааст. Аз рӯйи маълумоти Табарӣ ӯ ҳашт шаҳри нав сохт: Ардашер – Ҳурра, Ром Ардашер, Будо Ардашер, Ҳурмуз Ардашер, Устобод Ардашер, Рев Ардашер. Номи ду шаҳри боқимондаро Табарӣ зикр накардааст.[1]

Дар навиштаҷоти Каъбаи Зардушт се шаҳри нави Ардашер бунёдкарда Ардашер Хшнум, Вех Ардашер, Ардашер Фарр номбар шудаанд.[2] Ин ду хабар пурра бо якдигар мувофиқ набошанд ҳам, дар маҷмӯъ фаъолияти шаҳрсозии Ардашери I-ро тасдиқ мекунанд.

Тоҷгузорӣ ва ба тахтнишинии шоҳон барои сосониён маросими муҳими сиёсӣ буд ва дар маъбади оташ, дар ҳузури ашроф ва мубади мубадон дар вазъияти ботантана гузаронида мешуд. Шоҳаншоҳ шудани худро онҳо барои ҳамзамонон ва наслҳои оянда дар сангмусаввараҳои кӯҳӣ ва дар сиккаҳо сабт мекарданд. Ардашери I тоҷгузории худро дар сангмусаввараҳои Нақши Рачаб, Фирӯзобод ва Нақши Рустам инъикос намудааст. Дар Нақши Рачаб аз чап Ардашер ва дар рӯ ба рӯйи ӯ аз рост Аҳуромаздо бо тоҷи шоҳӣ тасвир шудаанд. Худо ба Ардашер тоҷи рамзии ҳокимият – ҳалқаи овезадорро супорида истодааст. Дар пушти Ардашер ашроф аз хонаводаи Каренҳо ва вориси тахт Шопури I ва дар пушти Аҳуромаздо ду зани ашрофзода (эҳтимол

[1] Таърихи Табарӣ. – С. 485.
[2] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 64.

модар ва завҷаи калонии шоҳ) тасвир шудаанд. Дар ду нақши дигар низ ҳамин саҳна бо иловаи баъзе суратҳои нав тасвир шудааст.

Масалан, дар Нақши Рустам дар зери пойи аспи Аҳуромаздо Аҳриман хобидааст. Дар синаи аспи Ардашер навиштаҷоти зайл ҷойгир аст: «Ин сурати пайрави Аҳуромаздо, баги (худованд) Ардашер, шоҳи шоҳони Эрон, авлоди худоҳо, писари баги, малик Бобак мебошад».

Ба тахт нишастани худро Ардашер бо баровардани сиккаҳои тиллоӣ ва нуқрагин бо тасвири худ низ эълон кард. Дар рӯйи сиккаҳо айнан ҳамон навиштаҷоте ҷойгир аст, ки дар сангмусаввараи Нақши Рачаб буд. Дар пушти сиккаҳои оташдони зардуштӣ бо оташи фурӯзон тасвир шудааст. Бо ин амал Ардашер мақоми давлатӣ доштани дини зардуштиро таъкид кардааст. Ногуфта намонад, ки баъди Ардашер ҳамаи шоҳони сосонӣ низ аз номи худ сикка баровардаанд.

Дар аввал вақти ҳокими вилояти Форс шуданашон Сосониён кӯшиш мекарданд мустақилияти худро нисбат ба шоҳони Парфия таъкид намоянд. Инро мо дар сурати аз Персепол ёфтшуда ва сиккаҳо мушоҳида менамоем. Аммо баъди тамоми Эрон, Байнаннаҳрайн, Армания ва Озорбойҷонро ба тасарруфи худ даровардан, Сосониён кӯшиш карданд, ки қонунӣ будан ҳокимияти худро ба воситаи хешиашон, аз як тараф, бо шоҳони сулолаи Ҳахоманишиён ва аз тарафи дигар, бо Ашкониён собит созанд. Ба қавли Табарӣ Ардашер аз авлоди Баҳман ибни Исфандиёри ҳахоманишӣ буд.[1] Аммо ин муҳаққиқон ин шаҷараро бофта мешуморанд.[2] Ба ин фикр розӣ шудан мумкин аст, зеро ин гуна шаҷараҳои бофта чи дар таърихи қадим ва чи дар асрҳои миёна зиёд ба чашм мерасанд. Масалан, ҳатто Искандари Мақдуниро писари ғайриникоҳии Дорои I бароварда буданд. Ё мисоли дигар: Маҳмуди Ғазнавии турк, ки ғуломи зархариди Сомониён буд, баъди подшоҳи Ғазна ва Хуросон шуданаш шаҷарае сохта ба Сосониён расонд.

Аз тарафи дигар Сосониён кӯшиш карданд, ки бо шоҳони сулолаи пешгузаштаи худ дар Эрон, яъне бо шоҳони Парфия робитаи хешу таборӣ пайдо кунанд ё дар ин бора шаҷара бофта бароранд. Табарӣ ривоятеро овардааст, ки мувофиқи он писари

[1] Таърихи Табарӣ. – С. 481.
[2] *Луконин. В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 27.

Ардашер Шопур аз канизе таваллуд шуда, ки аз авлоди Ашкониён буд,[1] вале баъзе олимон дурустии ин гуфтаро зери шубҳа гузошта, онро маҳсули тахайюлоти баъдина мешуморанд.[2]

Дар аҳди қадим ва асрҳои миёна ба ин масъала, яъне мансубияти авлодӣ ва табақавӣ диққати ҷиддӣ медоданд. Зеро дар тасаввуроти одамони он замон ҳокимиятро ба шоҳон Худо медод ва танҳо фарзандони шоҳ ҳуқуқ доштанд шоҳ шаванд. Ва ҳар подшоҳе, ки шоҳзода намебуд, ғосиби ҳокимият шуморида мешуд. Бо назардошти афкори ҷамъиятӣ сулолаҳои навбунёд шаҷараҳо сохта ё аз авлоди шоҳони пешина зан гирифта ва ҳокимияти худро дар назари мардум қонунӣ мегардониданд.

Барҳам хӯрдан ва аз байн рафтани сулолаҳо дар аксар маврид дар натиҷаи задухӯрди мусаллаҳона ва шикаст хӯрдани яке аз ҷонибҳои муқобил ба амал меояд. Аммо то муҳорибаи ҳалкунанда омилҳои зиёде ҳастанд, ки ба натиҷаи он таъсир мерасонанд.

Дар арафаи аз байн рафтан давлати Парфия дар ҳолати вазнин қарор дошт. Яке аз сабабҳои асосии шикасти онро донишмандон дар суст шудани ҳокимияти марказӣ мебинанд. Артабони V бародари худ Валарши V-ро сарнагун карда ҳокимиятро ба даст гирифт, аммо баъди ин низ Валарши V Селевкия ва Байнаннаҳрайни поёнро дар даст дошта, аз номи худ дар ин ҷо сикка мебароварда ва амалан ба ҳокимияти марказӣ итоат намекард.[3] Охирин ҷанг бо Рум, ки якчанд сол давом карда, соли 218 бо сулҳномаи тарафайн ба анҷом расид, Парфияро хеле заиф гардонд. Як зарбаи сахт ба давлати Парфия кофӣ буд, ки аз он соли 209 амалан вилояти Форс ҷудо шавад ва он мустақил гардидани ҳокимияти Сосониёнро ифода мекард. Зиёда аз ин, дар байни солҳои 209-224 Ардашери I сосонӣ якчанд вилоятҳои ҷануби Эронро, ки дар ҳайати давлати Парфия буданд, ба итоати худ даровард.

Ба ғайр аз Форс дар ин солҳо чандин вилоятҳои дигар низ аз сустии ҳокимияти марказии Парфия истифода бурда, амалан мустақил шуда буданд. Сабабҳои номбаршуда барои барҳам хӯрдани давлати Парфия замина тайёр карданд.

Сосониён дар симои рӯҳониёни зардуштӣ ва қувваҳои миллатгарои Эрон такягоҳи қавии ғоявӣ доштанд. Яъне сиёсати

---

[1] Таърихи Табарӣ. – С. 468-488.
[2] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 33.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 34.

эҳёи фарҳангу давлатдории миллӣ, ки онҳо пеш гирифта шиори сиёсии худ намуда буданд, дар Эрон ҷонибдорони зиёд дошт. Дуруст аст, ки дар ин ҷода парфиёниҳо низ корҳои зиёдеро анҷом доданд. Аммо бинобар сабабҳои воқеӣ онҳо имконият надоштанд ин равандро ба анҷоми мантиқӣ ва интиҳоии он расонанд. Дар даврае, ки Сосониён ба сари қудрат омаданд, барои анҷоми ин кор тақвияту густариши омили миллӣ дар давлатдорӣ ва фарҳанг шароити мусоид фароҳам шуда буд ва Сосониён ин шароитро барои манфиятҳои сиёсии худ, ки бо ормонҳои миллии мардуми ориёӣ мувофиқ буд, самаранок истифода бурданд.

Ҳамаи сабабҳои номбаршуда ба заиф гардидани Парфия ва нерумандшавии Сосониён оварда расониданд. Муҳорибаи дашти Ҳурмузгон зинаи баландтарини ин ҷараёни таърихӣ буд. Ғалабаи Сосониён бар Ашкониён ба барҳӯрди ду қувваи сиёсии куҳна ва нав нуқтаи таммат гузошт. Интиҳои ҳукмронии Ашкониён оғози ҳукмронии Сосониён гардид. Вале Ашкониён бо вуҷуди хеле суст шудани ҳокимияташон ба осонӣ аз арсаи таърих берун шуданӣ набуданд. Ардашери I баъди ғалабаашон дар Ҳурмузгон боз се сол бо Ашкониён барои барқарор кардани ҳокимияташ дар Эрон ва кишварҳои ҳамсоя мубориза бурд.

Ҳамин тавр, Бобак ҳокимияти Сосониёнро дар вилояти Форс барқарор кард. Писари ӯ Ардашер ҳокимияти ин сулоларо дар тамоми Эрон, Байнаннаҳрайн ва Арманистону Озорбойҷон ҷорӣ намуд. Бинобар ин Ардашери I-ро метавонем ба маънои том асосгузори давлати Сосониён шуморем. Як дастоварди муҳими ин шоҳ дар он буд, ки ӯ як қисмҳои мулкҳои мутеъро, ки дар давраи портҳо аз ҷониби сулолаҳои маҳаллӣ идора карда мешуданд, барҳам дода, ҳокимиятро дар ин мулкҳо ба намояндагони сулолаи Сосониён дод. Бо ин восита ӯ давлатро мутамарказ намуд. Шоҳони баъдина ин амалро идома доданд.

Дар мустаҳкам кардани давлати Сосониён саҳми писари Ардашер Шопур (солҳои 241-272) низ хеле калон аст. Ӯ ҳанӯз дар вақти вориси тахт буданаш дар якчанд задухӯрд бо румиҳо ғолиб баромада буд. Баъди ин муваффақиятҳои Сосониён, тавре ки дар боло гуфтем, румиҳо ба ташвиш афтода, барои ҳамла кардан ба Эрон тайёрӣ медиданд.

Соли 242 империятори Рум Гордион бо лашкари калон ба Сурия омад. Дар бораи ин ҷанг сарчашмаҳои румӣ ва сангкатибаи Шопури II дар Бишопур хабар додаанд.Дар сангкатибаи Шопур,

аз ҷумла гуфта шудааст: дар сарҳади Асурестон, дар назди шаҳри Месиха задухӯрди калон ба амал омад. Қайсар Гордион кушта шуд. Лашкари Рум шикаст хӯрд. Румиҳо Филиппро қайсар карданд. Ва қайсар Филипп ба назди мо омад, сулҳ хост ва ба мо 500 ҳазор динор барои ҷони рафиқонаш (яъне барои озод кардани асирон) дод ва боҷгузори мо шуд. Ва мо Месиҳаро Пирӯз – Шопур номидем.[1]

Тавре ки мебинем, навиштаҷоти Шопури II чунон фаҳмост, ки ба шарҳу эзоҳ ҳоҷат надорад. Сосониён ин пирӯзии худро дар санг абадӣ гардониданд. Дар назди катиба саҳнаи ғалабаи Шопур аз болои Гордион тасвир шудааст. Дар он сурати қайсари Рум дар зери пойҳои аспи Шопур ҷой дода шудааст.

Ин ҳодиса ба румиҳо таъсири калон расонд ва муддати дароз дар хотираашон боқӣ монд. Барои Сосониён ин аввалин ғалабаи қатъӣ аз болои чунин душмани пурзӯр буд. Баъди ин ғалаба Шопур вилоятҳои Месена, Армания, Гелон, Сакистон, Туркистон ва Ҳиндро то соҳили баҳр, Марв, Абаршаҳр ва баъзе кишварҳои дигарро дар шарқ забт карда, чор писари худ – Шопур, Ҳурмуз, Вараҳран (Баҳром) ва Нарсиро дар ин мулкҳо ҳоким таъйин кард.

Солҳои 251-253 румиҳо бо 60 ҳазор сарбоз ба Сосониён ҳамла карданд. Муҳорибаи асосӣ дар назди қалъаи Барбарис ба вуқӯъ пайваст. Дар он Сосониён пурра ғолиб баромаданд. Мувофиқи катибаи Каъбаи Зардушт баъди ин муҳориба Сосониён 37 шаҳр ва қалъа, аз ҷумла Селевкия, Антиохия, Дура - Европос дар Сурия ва якчанд шаҳри Каппадокияро ишғол намуданд.

Ғалабаи Сосониён дар назди шаҳри Барбалис дар сангмусаввараи Нақши Рустам абадӣ гардонида шудааст. Дар он қайсари Рум Валериан дар назди Шопури аспсавор ба зону истода, сулҳро илтиҷо карда истодааст.[2] Тақрибан соли 256 байни тарафҳо сулҳ баста шуд. Шарту шароити он маълум нестанд.

Сеюмин муҳорибаи калони байни Сосониён ва румиҳо тақрибан дар байни солҳои 258-262 рух дод. Шопур ба шаҳрҳои Кара ва Эдесса ҳамла кард. Аз ин ҳодиса огоҳ шуда, қайсари Рум Валериан бо лашкараши 70 ҳазорнафара ба муқобили Сосониён баромад. Муҳорибаи ҳалкунанда дар назди шаҳри Эдесса дар Байнаннаҳрайни шимолӣ рух дод. Дар он румиҳо пурра мағлуб шуданд. Қайсари Рум Валериан ва аъёну ашрофи ӯ асир афтоданд.

---

[1] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С 53.
[2] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 57.

Сосониён 36 шаҳру қалъаро дар Сурия, Киликия ва Каппадокия ишғол карда, ғорат намуданд ва ба доми оташ кашиданд. Ин ғалаба бори дигар ба румиҳо қудрати Сосониёнро нишон дод. Румиҳо ҳаргиз ба ин гуна мағлубияти сахт дучор нашуда буданд.

Дар бораи ҷангҳои Шопури I Табарӣ низ андак ва мухтасар маълумот додааст. Мувофиқи он Шопур соли 252 ба шаҳри Нисибин ҳамла карда, онро гирифта, баъд ба Шом (Сурия) ҳамла оварда, шаҳрҳои зиёд, аз ҷумла Антиохияро гирифт, баъд бо малики Рум ҷанг карда, ӯро асир кард. Пас аз ин Мавсилро ишғол карда ба Ҳазр, ки дар ҳади Шом буд ва маликаш арабе бо номи Зайзан буд ҳамла карда, онро ба муҳосира гирифта, баъди чор сол ишғол намуд. Шаҳри Гунди Шопурро дар Аҳвоз сохт. Сию як сол дар мулк бимонд[1]

Дар натиҷаи ғалабаҳои Шопур дар ҷангҳо қаламрави давлати Сосониён хеле васеъ шуда буд. Мувофиқи катибаи Каъбаи Зардушт дар ин солҳо ба ҳайати Эроншаҳр, яъне давлати Сосониён кишварҳои зерин дохил мешуданд: Форс, Партав, Хузистон, Мешан, Асурестон, Адиабена, Арабистон, Атурпатакан (Озорбойҷон), Армания, Баласакан, Мидия, Гургон, Марв, Ҳирот, Абаршаҳр, Кирмон, Сакистон, Туркистон, Мекрон, Пардон, Ҳинд, Кӯшоншаҳр то Пешовар ва ба боло то Кеш, Суғд ва то ҳудуди Чоч. Дар катиба Шопур мегуяд, ки ҳокимони ҳамаи ин кишварҳо ба мо боҷ медоданд ё тобеи мо буданд.[2]

Ибораи «тобеъ буданд» маънои онро дорад, ки ин кишварҳо пурра ба ҳайати давлати Сосониён дохил мешуданд ва аксари онҳо аз ҷониби шоҳзодагон ё намояндагони дигари ин сулола идора карда мешуданд. Кишварҳои боҷгузор мустақил буда, танҳо аз лиҳози сиёсӣ ба Сосониён итоат мекарданд. Ба ин гурӯҳ як қатор кишварҳои сарҳадӣ дохил мешуданд, аммо шумора ва номгӯйи онҳоро мо дақиқ муайян карда наметавонем. Дар сарчашмаҳои дигар низ дар ин бора маълумоти муфассал вуҷуд надорад. Дар ҳар сурат аён аст, ки аксарияти кишварҳои дар катиба зикршуда ба ҳайати давлати Сосониён дохил мешуданд ва қисми камтараш боҷгузор буданд.

Дар катиба 28 кишвар номбар шудааст, ки масоҳати хеле калонро аз Байнаннаҳрайну Сурия, Кавказу Арабистон то Ҳинду

---

[1] Таърихи Табарӣ. – С. 488-490.

[2] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 62.

Чоч дар бар мегирифтанд ва аз қудрату тавоноӣ ва вусъати ин давлати ориёӣ шаҳодат медоданд.

Дар давраи ҳукмронии Шопури I шаҳрсозӣ низ хеле густариш ёфта буд. Мувофиқи катибаи Каъбаи Зардушт дар замони ӯ 15 шаҳри шоҳӣ мавҷуд буд, аз ҷумла Гунди Шопур, Навшопур, Шопур-хушнум, Ҳурмуз- Ардашер ва ғайра. Аммо бунёди шаҳри Хурмуз-Ардашерро Табарӣ ба Ардашери I нисбат медиҳад.

Баъди Шопури I дар давраи ҳукмронии Ҳурмуз-Ардашер (солҳои 272-274), Баҳроми I (солҳои 274-277), Баҳроми II (солҳои 277-294) ва Нарсӣ (солҳои 294-302) вазъияти дохилӣ ва хориҷии Эрон ташвишовар ва ноором буд. Дар дарбори Сосониён дар байни шоҳон, шоҳзодагон ва гурӯҳҳои гуногуни ашрофон муборизаи сахт ҷараён дошт. Шоҳон дар тахт тез-тез иваз мешуданд. Ин боиси он гардид, ки бисёр вилоятҳои канорӣ ба майдони тохтутозҳои ғоратгаронаи давлатҳо ва қабилаҳои ҳамсоя табдил ёфта буданд. Дар дохили кишвар, масалан, дар Хуросон соли 283 шӯриш сар зад. Гарчанде ки Вараҳран (Баҳром)-и II ин шӯришро пахш кард, аммо сар задани он нишонаи сустии ҳокимияти марказӣ буд.

Дар сиёсати хориҷӣ, махсусан дар самти ғарб Сосониён дар ин солҳо ба нокомӣ дучор гардиданд. Дар байни ду давлати пурзӯри он замон – Эрон ва Рум арсаи муборизаи Сурия, шимоли Байнаннаҳрайн ва Арманистон буд. Дар давраи Ардашер ва махсусан Шопури I Рум пайваста фурсат мечуст, ки ба ин минтақаҳои муҳими стратегӣ ҳамла карда, онҳоро ба даст дарорад. Дар давраи ҳукмронии Ҳурмуз-Ардашер румиҳо ба ин минтақаҳо ҳуҷум карданд, аммо ба эрониён муяссар шуд, ки садди роҳи пешравии онҳо шаванд.

Дар давраи ҳукмронии Вараҳрани I (солҳои 274-277) румиҳо аз нав ба ин минтақа ҳуҷум карданд. Қайсари Рум Аврелиан қариб бе мамониат ба пойтахти Сосониён Ктесифон наздик шуд. Аммо бо сабабҳои ба мо номаълум дар лашкари румиҳо исён сар зад ва сарбозон қайсари худро ба қатл расонида, ҳуҷумро қатъ карданд ва ба қафо баргаштанд. Дақиқ маълум нест, ки дар ин кор эрониён даст доштанд ё ин ихтилофи сирф дохилии худи румиҳо буд. Ба ҳар сурат натиҷаи ин ҳодисаи ғайричашмдошт Ктесифон аз ҳуҷум эмин монд.

Дар замони ҳукмронии Вараҳрани II (солҳои 277-294) румиҳо боз ба Эрон ҳуҷум карданд. Соли 282 қайсари Рум Кар шаҳрҳои

дар сари роҳ бударо ғорат карда, ба Ктесифон наздик шуд. Вале марги ногаҳонии ӯ сабаби қатъ гаштани ин ҳамла ва қафо баргаштани румиҳо гардид.[1] Ин дафъа низ, румиҳо ба нокомӣ дучор шуданд. Агар вазъияти душвори Сосониёнро дар ин давра ва оқибати ҳуҷуми минбаъдаи румиҳоро дар назар гирем, ин дафъа низ бахти Сосониён баландӣ кард ва онҳо бе ҷанг аз ин муноқиша раҳоӣ ёфтанд.

Нарсӣ писари Шопури I, ки дар давраи зинда будани падараш дар байни шоҳзодагон мартабаи баланд дошт, дар натиҷаи муборизаҳои дохилии сулолавӣ натавонист соҳиби тахт гардад. Оқибат соли 294 вақте ки баъди марги Вараҳрани II дарбониёни бонуфуз бо сардории фармондор Вахунам ва мубади мубадон Картир писари ӯ Вараҳрани III-ро шоҳаншоҳ эълон карданд, Нарсӣ исён бардошт. Ӯ, ки шоҳи Арманистон буд, бо лашкараш ба Ктесифон ҳамла карда, бе ҷанг онро тасарруф намуд ва ба тахти шоҳӣ нишаст. Дере нагузашта ӯ дастаҳои Вахунамро шикаст дод, худи ӯро ба асирӣ гирифт.

Дар давраи ҳукмронии Нарсӣ вазъияти душвори Эрон беҳтар нашуд. Баръакс вазъияти хориҷии он боз ҳам бадтар гардид. Дар аввал ба Нарсӣ муяяссар шуд, ки гумоштаи румиҳо Тиридоти IV – ро аз тахт сарнагун намояд. Аммо дере нагузашта, румиҳо бо сарварии бевоситаи қайсар Галерий форсҳоро шикаст доданд. Ин ҳодиса соли 298 рух дод. Баъди ин ҳодиса дар шаҳри Нисибийин сулҳнома баста шуд, ки мувофиқи он Сосониён як қисми Байнаннаҳрайни шимолӣ, панҷ вилояти болооби Даҷла ва Арманистонро аз даст доданд.[2] Вазъияти дохилии Эрон пас аз Нарсӣ низ беҳтар нашуд. Дар давраи ҳукмронии Ҳурмузи II (солҳои 302-309) муноқишаҳои дохилии сулолавӣ боз ҳам тезутундтар шуданд. Яке аз писарони ӯ – Озарнарсӣ баъди андаке ҳукмронӣ карданаш кушта шуд. Писари дуюмашро кӯр карданд ва писари сеюмаш маҷбур шуд, ки ба Руми шарқӣ фирор намояд. Ашрофи бонуфуз писари аз ҳама хурди Ҳурмузи II Шопурро, ки тифли ширмак буд, шоҳаншоҳи Эрон эълон карданд. Ин тифл – Шопури II бо амри тақдир хеле дуру дароз – 70 сол (солҳои 309-379) ҳукмронӣ кард.

---

[1] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 116.

[2] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. М., 1961 – С. 264; История Ирана – С.112.

Аз ахбори Табарӣ бармеояд, ки дар солҳои аввали ҳукмронии Шопури 11 вазъият дар Эрон мисли пештара душвор буд. Аммо баъди ба балоғат расидан ба Шопур муяссар гардид, ки вазъиятро беҳтар намояд ва соли 338 Эрон аз нав пурқувват гашта, барои баргардондани минтақаҳои мувофиқи сулҳномаи Нисибийин аз даст додааш ба Рум ҷангро оғоз намояд.[1]

Дар ин миён дар шимолу шарқ қабилаҳои хионӣ ва сакоӣ ба Эрон ҳуҷум намуданд. Шопури II маҷбур шуд амалиётро дар ғарб муваққатан қатъ карда, ба шарқ лашкар кашад. Ин ҳодиса тақрибан соли 358 рух дода буд. Шопури II ҳуҷуми ин қабилаҳоро баргардонида, бо онҳо шартномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ баст. Ба ӯ муяссар шуд, ки душманони дирӯзаро ба иттифоқчиёни худ дар мубориза бар зидди Рум табдил диҳад. Мувофиқи ахбори Аммиан Марселин, дар ҷанги Шопур бо қайсари Рум Констанс хиониҳо чун иттифоқчиёни Сосониён иштирок намуданд. Онҳо махсусан дар гирифтани шаҳри Амида саҳми арзанда гузоштанд.[2]

Дар ғарб форсҳо ба ҳуҷум гузашта, соли 359 қалъаи Амида ва соли 360 Сингар ва Байт-Зубдаро ишғол намуданд. Аз ин муваффақиятҳои Сосониён румиҳо ба таҳлука афтоданд. Қайсар Юлиан баъди тайёрии ҳамаҷониба соли 363 аз дарёи Фурот гузашта, то шаҳри Карра расид ва аз он ҷо ба ҷануб гашта, ба тарафи Ктесифон равон шуд. Дар ин ҷо пеши роҳи румиҳоро лашкари калони Сосониён гирифт. Дар бораи ин ҷанг ва оқибатҳои он Аммиан Марселин муфассал нақл кардааст. Лашкари румиҳо хаста шуда, аз озуқаворӣ танқисӣ мекашид ва пайваста ба ҳуҷуми эрониён дучор мешуд ва талафоти калон медод. Юлиан дудила шуда буд ва намедонист чӣ кор кунад – ҳуҷумро идома диҳад ё онро қатъ карда қафо гардад. Дар ин миён 20 июни соли 363 дар як задухӯрди начандон калон қайсар Юлиан ярадор шуда, ҳалок гардид.[3] Ба қавли Табарӣ «Тире аз лашкари Шопур ба дили Лилёнус омад ва аз асп биафтод ва бимурд».[4] Лашкар ба ҷойи ӯ Иовианро қайсар интихоб мекунад ва ӯ маҷбур мешавад бо Сосониён сулҳ баста, бо боқимондаи лашкараш қафо баргардад.

---

[1] История Ирана. – С. 112.
[2] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 266.
[3] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 498.
[4] Таърихи Табарӣ. – С. 498.

Мувофиқи ин шартнома шаҳри Нисибийин, Армения ва дигар вилоятҳое, ки мувофиқи аҳдномаи соли 298 ба румиҳо гузашта буданд, аз нав ба Сосониён баргардонда шуданд. Ғалаба бар Рум ва дар шарқ бар хиониҳо ва сакоиҳо дастовардҳои муҳими Шопури II дар арсаи сиёсати хориҷӣ буданд.

Шопури II якчанд шаҳр сохта буд, аз ҷумла, Эран Хвара Шопур дар харобаҳои Шуш ва Фирӯз-Шопур 40 км дуртар аз шаҳри Байт-Зубда. Баъди Шопури II бародараш (ё амакаш) Ардашер II (солҳои 379-383) ва писаронаш Шопури III (солҳои 383-199) ва Вараҳрани VI (солҳои 388-399) ҳукмронӣ карданд. Яке аз ҳодисаҳои муҳиме, ки дар ин давра рух дод, дар байни Рум ва Эрон тақсим карда шудани кишварҳои Кавказ буд. Мувофиқи шартномае, ки соли 387 байни ин ду давлат баста шуд, Арманистони ғарбӣ ва Лазика (дар ғарби Гурҷистон) ба Рум қисми зиёди Арманистон, Картлия (Гурҷистони шарқӣ) ва Албания ба Эрон гузаштанд. Дар аввал дар ин кишварҳо ҳокимони маҳаллӣ дар зери васияти Эрон ҳукмронӣ мекарданд. Бо мурури замон Сосониён онҳоро бартараф карда, дар ин ҷо намояндагони худро ҳоким таъйин намуданд ва ин мулкҳо пурра ба ҳайати давлати онҳо дохил карда шуданд.[1] Ҳамин тавр, мавқеи сосониён дар Кавказ мустаҳкам шуд.

Дар давраи ҳукмронии Яздигурди I (солҳои 399-420) дар идораи давлат нуфузи рӯҳониёни зардуштӣ боз ҳам баландтар шуд. Дар робита ба ин масъала бояд ёдовар шуд, ки таъсири онҳо дар корҳои давлатӣ аз ибтидо калон буд. Баъзе шоҳон бо ин муросо карда, бо мубадон ҳамкорӣ мекарданд ва аз обрӯ ва нуфузи онҳо барои таҳкими давлат истифода мебурданд. Аммо ҳолатҳое мешуд, ки нуфузи мубадон аз ҳад гузашта, шоҳон ба бозичаи дасти онҳо табдил меёфтанд. Дар чунин ҳолатҳо шоҳон таъбир мечустанд то таъсири мубадонро камтар карда, ҳокимияти шоҳро мустаҳкам намояд. Ҳар шоҳ ин масъулиятро ба таври худ ҳал мекард. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ Яздигурди I барои раҳоӣ ёфтан аз таъсири мубадони зардуштӣ аз насроният пуштибонӣ мекард. Дар шароити Эрон он замон чунин мавқеъро ишғол кардан хавфи зиёд дошт. Яздигурд шахси кавиирода буд ва барои чунин сиёсатро пеш гирифтан асос ва такягоҳ низ дошт.

Дар адабиёти насронӣ ӯро подшоҳи одил номида, таърифу тавсиф кардаанд. Дар адабиёти форсӣ, баръакс, ӯро золиму

[1] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 266.

хилофи дин (ал-асим) номидаанд.[1] Аз гуфтаи Табарӣ бармеояд, ки ашрофи олимақоми эронӣ аз сиёсати ӯ норизо буданд. Ӯ ба маслиҳатҳои онҳо гӯш надода, худсарона (ё бо маслиҳати мушовирони насрониаш) амал мекард. Бо вуҷуди ҳамаи ин ӯ 21 сол ҳукмронӣ кард, мубадони зардуштӣ ва ашрофони олимақоми эронӣ дар ин муддат натавонистанд ӯро барканор созанд.

Чӣ тавр ӯ ба ин кор муваффақ шуд, ба мо маълум нест ва сарчашмаҳои хаттӣ низ дар ин бора маълумот надодаанд. Дар ҳар сурат ӯ тавонист вазъиятро идора карда, ҳокимияти шоҳиро мустаҳкам созад. Аммо дар охири ҳукмрониаш Яздугурди I сиёсати худро тағйир дода, ба таъқиби насроният пардохт. Ба андешаи И.М. Дяконов эҳтимол ӯ эҳсос кард, ки аз ҳад зиёд афзудани нуфузи насроният ба фоидаи душмани деринаи Эрон Рум – Византия ҳаст. Аз ҷониби дигар, шояд ӯ пай бурд, ки муқовимати мубадони зардуштӣ ва ашрофи баландмартабаи ватанпараст хусусияти хатарнок касб кардааст ва метавонад барои ӯ оқибатҳои нохуш дошта бошад. Ин биму ҳароси ӯ рост баромаданд. Соли 420 ҳини сафар дар вилояти Гургон ӯ асроромез ба ҳалокат мерасад. Ба ақидаи Т. Нелдеке, ин корро ашрофи мухолифи ӯ ташкил кардаанд ва барои рӯпӯш намудани ин амал худ ривоятеро бофта баровардаанд, ки мувофиқи он аспи зебое аз чашма баромада, бо ду пойи кафояш лагаде бар синаи Яздигурд зад ва ӯ ҳалок шуд. Ҳамин тавр, ҳукмронии пурихтилофи ин шоҳи худсар ва қавиирода фоҷиавор ба фарҷом расид.

Бар хилофи хоҳиши атрофиён, ки Хусравро шоҳаншоҳ эълон карда, вориси тахт писари Яздигурди I Шопурро куштаанд, писари дуюми ӯ Баҳром (Вараҳран) бо ёрии лашкари аъроб душманони худро мағлуб карда, ба тахти падар нишаст.

Баҳроми V (солҳои 421-439), ки дар адабиётӣ форсӣ-тоҷикӣ бо номи Баҳроми Гӯр маъруф аст, сиёсати дохилии худро ба таври дигар сохт. Ӯ дар идора кардани давлат ба аъёну ашрофи эронӣ ва мубадони зардуштӣ такя намуда, идораи давлатро пурра ба дасти онҳо супорид. Махсусан ба фармондори бузург Меҳр Нарсӣ, ки ҳанӯз дар давраи Яздигурди I ин вазифаро иҷро мекард, ваколатҳои хеле васеъ дода шуд. Ӯ чун пайрави босуботи дини зардуштӣ ва созандаи ибодатхонаҳо маъруф буд. Дар асоси сиёсати нав насроният Эрон, ки ба таъқиб дучор шуданд, маҷлис

[1] Таърихи Табарӣ. – С. 502.

ороста, калисои худро мустақил ва ҷудо аз калисои Византия эълон карданд.

Яке аз дастовардҳои муҳими Баҳрои Гӯр ғалаба аз болои хиониҳо буд. Дар ин бора Табарӣ, Диноварӣ ва дигар муарриҳони форсу тоҷик ва араб маълумот додаанд. Мувофиқи маълумоти Табарӣ дар соли ҳафтуми ҳукмронии Баҳроми V, яъне соли 427 подшоҳи хиониҳо, ки ӯро Табарӣ ва дигар муаррихони форсу араб иштибоҳан Ҳоқони турк номидаанд, бо 250 ҳазор саворанизом ба Хуросон тохтутоз карда, кишварро ғорат ва хароб намуд. Хабари ин ҳодиса ба Баҳром расид. Дарбориён ба воҳима афтода, аз шоҳ хоҳиш карданд, ки чора андешанд. Ӯ ҳилаи ҳарбиро истифода бурда, чунин вонамуд кард, ки ба тарафи Озорбойҷон раҳсипор аст. Шоҳи хиониҳо дар ғафлат монд. Баъди ин Баҳроми V бо суръат ба ҷониби Хуросон ҳаракат карда, дар Марв ногаҳон ба хиониҳо ҳамла намуда, онҳоро шикаст дод ва Ҳоқонро дастгир карда кушт ва ғанимати зиёд ба даст даровард. Ӯ бо лашкари худ аз рӯди Ҷайҳун гузашт ва дар Мовароуннаҳр бо хиониҳо ҷангида, онҳоро мағлуб намуд. Ҳамаи онҳо ба итоати Баҳром даромаданд ва дар сарҳад миёни хиониҳо ва Эрон маноре бино карданд. Баъди ин Баҳром бародари худ Нарсиро ҳокими Балх таъйин кард ва фармуд то сарҳадро посбонӣ кунад.[1]

Пас аз ин ғалабаи Баҳроми V қисми зиёди Мовароуннаҳр ба итоати ӯ даромад. Эҳтимол як хабари Фирдавсӣ дар бораи он ки баъди шикаст хӯрдани туркҳо (дурусташ хиониҳо) Чағониён, Хутталон, Балх ва Бухоро боҷгузори Эрон шуданд, ба ҳамин ҳодисаҳо алокаманд бошад. Табарӣ, Фирдавсӣ ва муаллифони дигари форсу тоҷик ва араб дар ин ҳодисаҳо туркҳоро номбар кардаанд. Аммо Ҷ. Маркварт ва олимони дигар исбот намудаанд, ки ин иштибоҳи маҳз аст ва дар ин ҳодисаҳо хиониҳои эронажод иштирок карда буданд.[2] Аз маълумоти Табарӣ (агар онҳо воқеӣ бошанд) бармеояд, ки Баҳроми Гӯр як қатор ноҳияҳои сарҳадии Ҳиндустонро низ ба итоати худ дароварда буд.[3]

Дар робита бо ҳодисаҳои дар ғарби мамлакат рухдода Табарӣ овардааст, ки сипоҳи Эрон бо сарварии фармондори бузург Меҳр Нарсӣ бар зидди Рум ҷангида ғолиб омад. Мутаассифона, ҷузъиёти ин ҷанг маълум нест. Рух додани ин

[1] Таърихи Табарӣ – С. 512-513.
[2] *Гафуров Б.* Таджики. – С.197.
[3] Таърихи Табарӣ – С. 515-516.

ҷангро бе тафсилот сарчашмаҳои дигар низ тасдиқ мекунанд. Аммо ба натиҷаи он баҳои дигартар дода шудааст. Масалан, мувофиқи маълумоти М.М. Дяконов ин ҷанг дар маҷмӯъ ба фоидаи византиягиҳо (румиҳо) анҷом ёфт. Чунки баъди он эрониён ваъда доданд, ки насрониёнро таъқиб наҳоҳанд кард.[1] Эҳтимол тарафҳои муқобил ба мувофиқа омада, ба якдигар гузаштаҳои муайян карда бошанд.

Тавре ки муҳаққиқон ишора кардаанд, дар адабиёти форсу тоҷик дар бораи корномаҳои Баҳроми Гӯр, аз ҷумла, саргузаштҳои ишқӣ ва маишии ӯ ривоятҳои хеле зиёд оварда шудааст. Сабаби ин шуҳрати ӯ дақиқан маълум нест. Ӯ шахси дилкушод буда, шикор ва айшу ишратро дӯст медошт, аммо сиёсатшинос ва сарлашкари хуб низ буд ва дар ин ҷода дастовардҳои назаррас дошт. Шояд дар як шахс ҷой гирифтани сифатҳои гуногуни ихтилофомез, аммо дар маҷмӯъ мусбат сабаби шуҳрати ӯ гардида буданд. Ӯ шахсияти ғайриодӣ буда, амалҳояш пешгӯйинашаванда буданд. Марги ӯ низ асроромез буд. Ривоят мекунанд, ки дар вақти шикор ӯ бо аспаш ба чоҳе фурӯ рафта, нопадид шуд. Шояд ӯ дар вақти шикор ба таври фоҷиавӣ ҳалок шуда бошад. Ба қавли Табарӣ «Баҳром ба мулк андар сӣ сол бибуд».[2]

Баъди марги Баҳроми Гӯр писараш Яздигурд ба тахт нишаст. Дар давраи ҳукмронии ӯ вазъияти дохилии кишвар муътадил буд. Дар сиёсатӣ хориҷӣ ду минтақаи ҳассос – яке дар шарқ дар сарҳади Балху Тахористон ва дигаре дар ғарб дар Арманистон, Кавказ ва Осиёи Хурд буд. Дар ғарб вазъият нисбатан ором буд ва дар нуқтаи муҳими ин минтақа Арманистон гумоштаи Сосониён ҳукмронӣ мекард. Аммо дар Арманистон дини давлатӣ эълон шудани насрония Сосониёнро ба ташвиш овард ва онҳо аъёну ашрофи ин мамлакатро даъват карданд, ки дини зардуштиро қабул намоянд. Фишори Сосониён дар робита бо ин масъала боиси дар соли 451 сар задани шӯриш шуд. Сосониён шӯришро пахш карданд, аммо дини насрониро дар Арманистон аз байн бурда натавонистанд. Арманистон дар дасти Сосониён боқӣ монд ва Византия, ки бо ҷанг бо гуннҳо машғул буд, ба корҳои Арманистон мудохила карда натавонист.[3]

---

[1] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 273-274.
[2] Таърихи Табарӣ – С. 517.
[3] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 274-275.

Табарӣ хабар додааст, ки малики Рум аз хироҷ додан саркашӣ кард ва Яздигурд Нарсиро бо сипоҳ фиристод, малики Рум масъаларо бе ҷанг ба воситаи гуфтушунид ҳал кард.[1]

Дар бораи ҷангҳои Яздигурди II дар шарқ таърихнависи арманӣ, шоҳиди воқеаҳои он замон Егише Вардапет хабар додааст. Ӯ навиштааст, ки шоҳи Сосониён «ногаҳон ба сарзамини хонҳо (хиониҳо), ки онҳоро кӯшонӣ низ меномиданд, ҳуҷум карда, ду сол бо онҳо ҷангид, аммо онҳоро тобеъ карда натавонист. Соли 450 Яздигурди II лашкари калон ҷамъ карда, то сарзамини яфталиҳо расид. Шоҳи кӯшониён аз муҳориба худдорӣ карда, ба гӯшаҳои дурдаст ва дастнораси кишвараш рафт. Яздигурди II сарзамини кӯшониёнро талаву тороҷ кард карда, кӯшку шаҳрро хароб кард ва асирони зиёду ғанимати бисёр гирифт. Аз мазмуни ин матн аён аст, ки дар зери номи кӯшониён яфталиҳо дар назар дошта шудаанд. Ин сарзаминҳо пештар дар назди кӯшониён буданд ва барои ҳамин муаллиф онҳоро мисли пештара ба кӯшониён нисбат додааст. Аммо дар аввали матн сарзамини яфталиҳо номида шудани ин кишвар шоҳиди он аст, ки дар ин ҷо аллакай яфталиён ҳукмронӣ мекарданд.

Бори сеюм, мувофиқи хабари Егише Вардапет Яздигурди II солҳои 453-454 хост ба шоҳи кӯшониён ҳамла намояд. Аммо ӯ аз ин кор бохабар шуд, пештар ҳуҷум кард ва Сосониёнро шикаст дода, як қатор вилоятҳои Эронро талаву тороҷ намуд. Фикри Е.Е. Неразик дар бораи он, ки дар ин ҷо дар зери номи кӯшониён яфталиҳо дар назар дошта шудаанд, дуруст ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, дар Шарқ дар симои яфталиён (эфталиҳо ё худ ҳайтолиён) Сосониён бо рақиби нав ва неруманд рӯ ба рӯ мешаванд. Яфталиён низ чунонки зикр шуд, мисли хиониҳо, кӯшониҳо, кидориҳо ва худи Сосониён ориёнажод буданд. Онҳо дар нимаи дуюми асрҳоиV-VI дар ҳаёти сиёсии Сосониён нақши намоён гузоштаанд. Махсусан писари Яздигурди II Фирӯз (солҳои 459-484), ки бо дастгирии яфталиён соҳиби тахт шуда буд, қисми зиёди ҳукмронии худро дар мубориза ба онҳо гузаронд.

Дар ин солҳо дар самти ғарб дар Арманистон ва Кавказ вазеъияти Сосониён нисбатан хуб буд. Дар Эрон онҳо мазҳаби настуриро, ки мухолифи калисои расмии насронии Византия буд, дастгирӣ мекарданд. Дар Кавказ сосониҳо ҳокимияти худро мустаҳкам намуда, ба ҷойи ҳокимони маҳаллӣ форсҳоро ҳоким

[1] Таърихи Табарӣ. – С. 518.

таъйин карданд. Дар вақти хушксолӣ, ки 7 сол давом кард, Фирӯз бо як қатор чораҳои қатъӣ кӯшиш намуд, ки ба мардумони гурусна ёрӣ расонад. Ӯ анборҳои давлатиро кушода, ғалларо ба мардуми гурусна тақсим кард ва бойҳо ва заминдорони калонро низ фармуд, ки ҳамин корро кунанд.

Вазъиятро дар шимоли ғарби кишвар ҳуҷуми қабилаҳои саҳронавард аз шимоли Кавказ мураккаб кард.[1]

Тавре ки дар боло дидем, дар замони Баҳроми V Балх дар дасти Сосониён буд ва дар он ҷо намояндаи онҳо ҳукмронӣ мекард. Эҳтимол баъди дар ҷанги солҳои 453-454 шикаст хӯрдани Яздигурди II Балх ба дасти яфтолиён афтод. Сабабҳои асосии ҷангҳои Фирӯз бо яфталиён (ҳайтолиён), ба эҳтимоли зиёд, сарзамини Балху Тахористон буд, ки Сосониён мехостанд онҳоро пас гардонда гиранд.

Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо Фирӯз се маротиба бо ҳайтолиён ҷанг кард. Табарӣ танҳо дар бораи ду ҷанги охири Фирӯз хабар додааст. Дар бораи ҷанги якум сарчашмаҳои дигар маълумот додаанд. Дар ҷанги якум, ки ҷузъиёти он маълум нест, Фирӯз асир афтод ва ӯро қайсари Рум (Византия) харида озод кард. Санаи баргузории ин ҷанг маълум нест. Дафъаи дуюм Фирӯз ба сарзамини ҳайтолиён дохил шуда, шоҳи онро бо лашкараш таъқиб мекунад ва ба биёбон кашида шуда, ба камин меафтад ва боз асири шоҳи ҳайтолиён Хушнавоз мегардад. Табарӣ дар бораи ин ҷанг ривоятеро овардааст, ки қисми зиёди он бештар ба афсона монанд аст. Ин дафъа шоҳи ҳайтолиён ба ивази маблағи калон – 30 хачир сикка Фирӯзро озод менамояд. Фирӯз писарашро дар назди шоҳи Ҳайтолиён гаравгон гузошта, қасам ёд мекунад, ки дигар сарҳади сарзамини онҳоро вайрон нахоҳад кард. Аз рӯйи маълумоти Табарӣ ин ҷанг чор сол пеш аз ҷанги охирини Фирӯз бо Ҳайтолиён, яъне соли 480 ба вуқӯъ пайваста буд.

Аз нокомиҳои Фирӯз дар ҷанг бо ҳайтолиён истифода бурда, ҳокимони ашрофи маҳаллии Кавказ – Иберия Арманистон ва Албания солҳои 483-484 бар зидди Сосониён шӯриш бардоштанд. Сарвари он шоҳи Иберия Вахтанг Горгасар буд. Шӯришгарон намояндагони Сосониёнро пеш карда, пойтахти Арманистон шаҳри Двинро ишғол намуданд. Дар якчанд задухӯрд бо сарбозони сосонӣ исёнгарон ғолиб баромаданд. Аммо дар муҳориба бо қувваҳои асосии Сосониён онҳо шикаст хӯрданд.

[1] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 276-277.

Баъди ин ҳодиса сосониён ҳуқуқ ва имтиёзҳои ашрофи маҳаллиро барқарор карда, ҳокимонро аз ҳисоби онҳо таъйин мекарданд.

Ҳуҷуми сеюми Фирӯз бар зидди ҳайтолиён ҳуҷуми охирони ӯ буд ва ба таври фоҷиавӣ ба анҷом расид. Ҳайтолиён аз сершуморӣ ва нерумандии лашкар сосониён огоҳ буданд ва медонистанд, ки дар муҳорибаи кушод ба муқобили он тоб оварда наметавонанд. Барои ҳамин ин дафъа ҳам онҳо ҳилаи ҳарбиро ба кор бурданд. Онҳо хандаки чуқур ва дароз канда болояшро бо чӯбҳои борику тунук хаспӯш карданд. Вақте ки лашкари форсҳо ба хандақ наздик шуд, яфталиҳо вонамуд карданд, ки ба ҳарос афтодаанд ва рӯ ба гурез ниҳоданд. Лашкари сосониён онҳоро таъқиб карда, ба хандақ афтоданд ва қисми зиёдашон ҳамроҳи шоҳон ҳалок гардиданд.[1] Лашкаргоҳи Фирӯз бо хазинаи шоҳӣ, духтари шоҳ ва тамоми ҳарам мубади мубадон ба дасти ҳайтолиён афтоданд.

Ин шикаст ба эрониён таассуроти сахти манфӣ расонд. Ба қавли як сарчашма эрониён ҳатто дар замонҳои осоишта танҳо аз шунидани номи ҳайтолиён ба ҳарос меафтоданд. Мувофиқи маълумоти Табарӣ яке аз ашрофи воломақоми сосониён – Суфрой бо сипоҳи калон барои қасоси Фирӯзро гирифтан ба ҷанги Хушнавоз равон шуд. Аммо кор то ҷанг нарасида бо гуфтушунид ҳал шуд. Хушнавоз ҳамаи чизҳоеро, ки аз лашкаргоҳи Фирӯз ғанимат гирифта буд, ба Суфрой баргардонд.[2] Вале Эрон барин давлати абарқудрат маҷбур шуд, ки чандин сол ба ҳайтолиён боҷ диҳад.

Пас аз марги фоҷиавии Фирӯз писари ӯ (ё аз рӯйи баъзе ақидаҳо бародари ӯ) Балош (солҳои 484-488) ва баъди ӯ Қубод (солҳои 488-531) подшоҳӣ кардаанд. Дар давраи ҳукмронии Қубод шӯрише сар зад, ки ба он Маздак роҳбарӣ мекард. Асоси ғоявии шӯришро таълимоти динӣ-иҷтимоие ташкил мекард, ки дар миёнаи асри III пайдо шуда буд ва пайравони онро зардуштакон меномиданд. Моҳияти таълимоти динии онҳоро муборизаи қувваи некӣ – рушноӣ ва қувваи бадӣ – торикӣ ташкил мекард ва он аз зардуштия сарчашма мегирифт. Таълимоти иҷтимоии онҳо ҷорӣ кардани умумияти моликият, ба роҳ мондани адолат ва барҳам додани нобарбарии иҷтимоӣ буд. Ҳадафи онҳо моликияти бойҳоро ба зӯрӣ кашида гирифтан ва онро дар байни камбағалон баробар тақсим кардан буд. Талаби онҳо аслан маънои бозгашт

[1] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 199-200.
[2] Таърихи Табарӣ. – С. 527.

ба ҷамоаҳои қадими авлодиро дошт ва амалан дар ин шакл иҷронашаванда буд. Чун ҷомеаи Эрон хеле пеш рафта, муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва моликияти хусусӣ ниҳоят инкишоф ёфта буданд, шикастани ин сохти иҷтимоӣ аз имкон берун буд. Аммо барои маздакиён, ки аксарияти онҳоро кишоварзон ва дигар табақаҳои камбағал ташкил мекарданд, оқибатҳои дури ин падида чандон муҳим набуд, онҳо дар ҳамон лаҳза баробариро талаб мекарданд ва онро барқароршавии адолати иҷтимоӣ мешумориданд. Дар ин бора муфассалтар дар бахши ба Маздак бахшида баъдтар сухан меронем.

Дар қисмати ғарбии Эрон минтақаи ноором мисли пештара Арманистон ва дар маҷмӯъ Кавказ буд. Сосониён кӯшиш мекарданд ба воситаи чорабиниҳои осоишта ва дипломатӣ мавқеи худро дар ин минтақа мустаҳкам кунанд. Ба ин мақсад Қубод дар бораи мустақилияти калисои монофизитии Арманистон қарор бароварда. Бо ин роҳ ӯ мехост онҳоро ҳам аз насрониёни Византия (диофизатӣ) ва ҳам аз насрониёни Эрон (настуриҳо) ҷудо намояд.

Соли 502 байни Эрон ва Византия ҷанг сар шуд. Сабаби ҷанг барои супоридани боҷи ҳарсола ба ҳайтолиён ва ба Эрон қарз надодани Византия буд. Сосониён қалъаи Амидаро гирифта, бомуваффақият пеш мерафтанд, аммо ҳуҷуми қабилаҳои кӯчманчӣ аз Кавказ ба Эрон онҳоро маҷбур сохт, ки бо Византия сулҳ бандад. Соли 515 ба Кавказ қабилаҳои савир, ки бо ҳазарҳо хеш буданд, дохил шуданд. Византиягиҳо кӯшиш мекарданд онҳоро бар зидди сосониён истифода баранд.[1]

Дар давраи ҳукмронии Хусрави IАнушервон (солҳои 531-579) давлати Сосониён боз неруманд гардид. Хусрави I дар соҳаи хироҷ ва артиш ислоҳоти муҳим гузаронд. Пеш хироҷ аз замин дар шакли маҳсулот дар ҳаҷми 1/10 ё 1/3 гирифта мешуд. Акнун хироҷи доимии пулӣ ҷорӣ карда шуд – аз 1 ҷориб (оринҷ – ченак масоҳат) 1 дирҳам ситонида мешуд. Аз боғҳо низ хироҷ мегирифтанд – аз 1 ҷориб токзор 8 дирҳам, аз 10 дарахти мева – 1 дирҳам ва ғайра.

Хусрави I вазифаи сипаҳбуд – сарфармондеҳи артиши Эронро барҳам дода, кишварро ба чор минтақаи ҳарбӣ- шимолӣ, ҷанубӣ, ғарбӣ ва шарқӣ тақсим намуда ва дар ҳар минтақа сарлашкар таъйин кард, ки бевосита ба шоҳ итоат мекарданд. Ин имконият медод, ки шоҳ аз болои сарлашкарон назорати бевосита бурда,

[1] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 306-307.

эҳтимолияти сар задани исёни ҳарбиёнро пешгирӣ кунад. Хусрави I дар идораи давлат низ ислоҳот гузаронида, мақоми аввалро ба фармондори бузург (сарвазир) ва боқимона чор мақоми авваларо ба чор сарлашкари чор минтақа дод. Мубади мубадан, ки пеш дар дарбор баъди шоҳ ҷойи дуюмро ишғол мекард, акнун ба мақоми шашум гузашт.

Ҳамаи ин ислоҳот барои пур кардани хазинаи давлат ва таъмини бехатарии он равона шуда буданд. Дар ғарб Хусрави I соли 540 Антиохияро ишғол карда, сокинони онро асир гирифт. Сосониён Гурҷистони ғарбиро низ ишғол карданд. Соли 562 бо Византия сулҳ баста шуд. Соли 570 Сосониён Яманро ишғол карданд.

Соли 591 Баҳроми Чӯбин ошӯб бардошта, Ктесифонро ишғол кард ва худро шоҳ эълон намуд. Дар аввали асриVII арабҳои бодиянишин дар ҷангҳои Византия ва Эрон фаъолона иштирок карданд. Аз ҷумла, дар байни солҳои 604-611 арабҳо ба қаламрави Эрон дохил шуда, лашкари онро шикаст доданд.

Баъди зуҳури ислом ва ташкил шудани Хилофати араб Сосониён дар симои арабҳо рақиби наву хавфнокро пайдо карданд, ки оқибат сабаби барҳам хӯрдани давлати онҳо гардид.

Тавре ки дар бобҳои гузашта гуфтем, халқҳои ориёӣ, аз ҷумла сокинони Эрону Осиёи Миёна, анъанаҳои хеле қадима ва ба дараҷаи кофӣ инкишофёфтаи сиёсию фарҳангӣ доштанд. Сосониён идомадиҳандагони ин анъана дар яке аз марҳилаҳои таърихӣ буданд. Фарҳанги Сосониён дар заминаи фарҳанги пешинаи Осиёи Миёнаю Эрони бостон ба вуҷуд омад. Сосониён ин анъанаро идома дода, дар бисёр соҳаҳо онро ба дараҷаи баландтарини тараққиёт расониданд. Дар фаъолияти худ онҳо пеш аз ҳама, ба анъанаҳои миллӣ-ориёӣ такя намуданд. Дар баробари ин онҳо аз дастовардҳои маданиӣ халқҳои дигар низ истифода бурда, онҳоро ба фарҳанги асили худ мутобиқ сохта, барои такмил ва инкишофи он истифода бурданд.

Дар давлати Сосониён мисли давлатҳои Ҳахоманишиён, Ашкониён ва Кӯшониён ҳокими олӣ шоҳаншоҳ буд. Дар баробари ӯ шоҳони дигар вуҷуд доштанд, ки ҳокимони вилоятҳои алоҳида буданд. Масалан, дар катибаи Каъбаи Зардушт Марвшоҳ, Кирмоншоҳ ва Саганшоҳ (шоҳи Сакистон) номбар шудаанд.[1] Унвони шоҳаншоҳ дар сиккаҳо ва

[1] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 288.

сангкатибаҳои сосонӣ сабт гардидааст. Ардашер унвони шоҳаншоҳи Эронро дошт. Шоҳпури I ва шоҳони баъдина унвони шоҳаншоҳони Эрон ва ғайриэрон ё худ Неронро доштанд.[1] Ин унвон ба ҳайати давлати Сосониён дохил шудани кишварҳои ғайриэронро таъкид ва инъикос мекард.

Шоҳаншоҳ мисли дигарон одами муқаррарӣ набуд, шаҷараи ӯ ба Худои зардуштӣ Аҳуромаздо мерасид. Ин нуқта дар сангнавиштаҳо ва сиккаҳо сабт гардидааст. Масалан, дар сиккаҳои Ардашер чунин навиштаҷот сабт шуда: «Маздаясн баги Арташтар малкан малка Эрон, ману чатри мин яздан» – «парастандаи Худованд Маздо Ардашер шоҳаншоҳи Эрон, аз авлоди худоҳо». Насаби шоҳони сулолавиро ба Худо бурда расонидан дар он замон дар мамолики Шарқ маълум буд ва бузургию абарқудрат ва мутлақияти ӯро дар назди мардум меафзуд.

Ҳокимияти шоҳ мутлақ ва дахлнопазир ба шумор мерафт. Ба анъанаҳои пешина пайравӣ карда, Сосониён дар зеҳни мардум тасаввуротеро ҷо мекарданд, ки мувофиқи он ҳокимиятро ба Сосониён Худои бузург Аҳуромаздо додааст. Ин маънои онро дошт, ки ҳокимияти шоҳро ҳеҷ кас набояд ғасб намояд, чун онро ба ӯ Худо додааст.

Батахтнишинии шоҳон маросими муҳими сиёсӣ буда, бо тантана ва бо иштироки дарбориёни олимақом ва мубади мубадон баргузор мегардид. Ҳар шоҳ ин маросимро дар оташкадае, ки махсус барои ин чорабинӣ сохта мешуд, анҷом медод. Масалан, дар сангкатибаҳо ибораи атури (яъне оташи) Ардашер, Шопур, Нарсӣ ва ғайра зикр шудааст. Дар маъбади оташ баргузор шудани ин маросим рамзӣ буд ва тақдиси ҳокимияти ӯро намоиш медод.

Шоҳаншоҳ баъди ба тахт нишастан дар ҳузури шӯрои ашроф ва мубадон вориси худро эълон мекард ва шӯро бояд онро тасдиқ ё рад менамуд. Ин анъана ба хотири он пайдо шуда буд, ки дар сурати марги ногаҳонии шоҳаншоҳ мамлакат як лаҳза ҳам бе подшоҳ намонад ва аз тарафи дигар, дар байни фарзандони ӯ барои тахт ҷангу ҷидол нашавад. Бовуҷуди ин, тавре ки дар боло гуфтем, дар байни ворисони шоҳ қариб ҳамеша барои соҳиби тахт шудан мубориза мерафт ва дар ин муборизаҳо гурӯҳҳои гуногуни дарбориён фаъолона иштирок мекарданд.

---

[1] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 163-168.

Дар дарбор баъди шоҳ вориси тахт мақоми дуюмро ишғол мекард, баъди ӯ малика ва дигар мансабдорони олимақом меистоданд. Мартаба ва ҷойи ҳар як мансабдори давлатӣ дақиқ муайян карда шуда буд ва дар ҳамаи маросимҳои расмӣ ва сангмусаввараҳо риоя карда мешуд.

Дастгоҳи марказии идоравӣ аз якчанд муассисаҳои соҳавӣ иборат буд, ки онҳоро девон меномиданд. Девонҳо ба вазоратҳои имрӯза шабоҳат доштанд. Сардори ҳамаи девонҳоро фармондори бузург меномиданд. Ваколатҳои ӯ тақрибан ба ваколатҳои вазирони давраи исломӣ тақрибан мушобеҳ буд. Қобили зикр аст, ки мансаби вазир дар хилофати араб дар зери таъсири Сосониён пайдо шуда буд. Дар ибтидо дар давлати Сосониён ин унвон вуҷуд надошт ва ба ҷои он унвони ҳазорпат, яъне сардори ҳазор сарбози яккачини шоҳӣ мавҷуд буд. Ин унвон дар ҳахоманишиёну ашкониён низ роиҷ буд. Ҳазорпат ҳам вазифаи сарлашкарӣ ва ҳам идоракунии дастгоҳи давлатиро ба уҳда дошт. Дар давраи сосониён ин мақомоти идоравӣ такмил ёфта, ҳокимияти идоравии мулкӣ аз ҳарбӣ ҷудо шуд. Фармондори бузург вазифаи сарвариро иҷро мекард ва тамоми дастгоҳи идоравии давлатӣ ба ӯ итоат менамуд. Ба ин вазифа одатан намояндагони хонаводаи бузургу бонуфуз таъйин карда мешуданд. Масалан, дар давраи ҳукмронии Яздигурди I ва Баҳроми V ин вазифаро намояндаи хонаводаи олимақом Меҳр Нарсӣ ишғол мекард.

Фармондорони бузург дар идораи давлат нақши намоён доштанд. Баъзан нуфузи онҳо хеле афзуда, амалан тақдири шоҳ ва тахт ба дасти онҳо меафтод. Дар чунин ҳолатҳо ҳар шоҳ ба таври худ амал мекард. Баъзе шоҳон (масалан Баҳроми V) бо чунин ҳолат муросо карда, идораи давлатро қариб пурра ба онҳо месупориданд ва худашон бо маслиҳати онҳо амал мекарданд. Баъзе шоҳони дигар (масалан Яздигурди I) бо чунин вазъият муросо накарда, кӯшиш мекарданд ҳокимиятро ба дасти худ гирифта, доираи фаъолияти фармондори бузургро маҳдуд намоянд.

Дар ҳар сурат шоҳон, бо вуҷуди ҳокимияти мутлақ доштан, маҷбур буданд, ки ба ин ё он гурӯҳи ашрофу дарбориён такя намоянд ва дар симои онҳо пуштибон дошта бошанд. Дар бисёр маврид дарбориён тақдири тахтро ҳал мекарданд ва номзади дилхоҳашонро ба он мешинонданд. Таърихи Сосониён пур аз иғвогариҳо ва табаддулоти дарборӣ буд.

Яке аз муассисаҳои муҳими мулкӣ девони дабирони шоҳӣ ё дабирхонаи шоҳӣ буд. Дар сангкатибаҳо, адабиёти паҳлавӣ ва исломӣ сардори ин муассиса – дабирпат ё дапирпат ва дабири дабирон омадааст. Тамоми мукотибаҳои дохилӣ, хориҷӣ ва ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ дар дабирхона тартиб дода мешуданд. Нуфузи дабирон то андозае баланд шуд, ки онҳо табақаи мустақилро ташкил карданд. Дабирон шахсони босавод буда, бештари олимон аз байни онҳо мебаромаданд. Дар дабирхонаи шоҳӣ шумораи зиёди муҳосибон кор мекарданд, ки онҳоро хмаркорон меномиданд. Муҳосибон сардори худро доштанд, ки Эронхмаркор номида мешуд. Онҳо тамоми даромаду баромади пулӣ ва молии хазинаи давлатиро ба ҳисоб гирифта, дар дафтарҳои соҳавӣ ворид мекарданд. Сардори дабирхонаҳои шоҳӣ ёвари фармондори бузург ба шумор мерафт.[1]

Муассисаи дигари хеле муҳими давлатӣ девони боҷу хироҷ ва молия буд. Сардори онро вастриошансолор ё вастриошанпат меномиданд. Ӯ бояд тарзи андозгундориро назорат карда, саривақт ва ба ҳаҷми муқарраршуда ҷамъ шудани онро таъйин менамуд. Андозгундорон дар ҳамаи воҳидҳои маъмурӣ – вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо ва деҳаҳо вуҷуд доштанд. Дар бораи кори девони боҷу хироҷ ва умури молӣ Балозурӣ маълумоти ҷолиб овардааст. Мувофиқи он дар ҳузури шоҳ бо овози баланд миқдори пулу моли ба хазинаи марказӣ воридшударо эълон мекарданд. Сардори ин девон ҳар сол дар бораи даромаду баромади молиёт аз хазинаи давлатӣ ба шоҳ ҳисобот медод. Шоҳ ин ҳисоботро муҳр зада, маҳкам мекард ва онро ба бойгонии давлатӣ месупорид.

Дар сарчашмаҳо сардорони хазинаи шоҳӣ (ганзавара – хазинадор) ва котибони ин хазина номбар шудаанд. Хазина ҷузъи девони боҷу хироҷ ва молиётро ташкил мекард.

Дар бораи тартиби нигоҳдории хазинаи шоҳӣ Табарӣ маълумоти ҷолиб овардааст. Тавре ки мо дар боло гуфтем, баъди ҳалокати фоҷиавии Фирӯз дар ҷанги сеюмаш бо ҳайтолиён ҷасади ӯ ба дасти онҳо афтод. Бо талаби сарлашкари Сосониён Суфрой шоҳи Ҳайтолиён Хушнавоз (Ахшунавар), хазина ва ҷасади Фирӯзро бо эрониён баргардонд. Давоми ин ҳодисаро Табарӣ чунин нақл мекунад. «Чун тани Фирӯз боздоданд, Суфрой гуфт: бар бозуи Фирӯз таъвизе баста буд ба зар андар гирифта ва он

[1] *Ҷаводӣ Г.* Маъмурият дар Ирони бостон. – С. 317.

девоннома буд мар хосаи (хазинаи) вайро ҳарчи будаш аз зару ҷомаю гавҳару фаршу сутуру силоҳ, он ки бо хештан дошт, чун лашкар омад. Ва он зикри ганҷҳост ва мо имрӯз ганҷномаи вай надонем, то он девоннома наёбем ва боз нагардем, то он ба мо надиҳӣ. Хушнавоз он девонномаро боз фиристод ва сулҳ кард».[1] Ин нақл ба он шаҳодат медиҳад, ки ба ҳисобгирӣ ва нигаҳдории амволи давлатӣ хеле бо низом ба роҳ монда шуда буд. Ҳуҷҷатнигории инкишофёфта нишонаи фарҳанги баланди коргузории он давру замон мебошад.

Дар хазинаи шоҳӣ дар қатори дигар ашёҳои қиматбаҳо ва молиёт сиккаҳои тиллоӣ, нуқрагин ва мисин низ нигоҳ дошта мешуданд. Ҷолиби диққат аст, ки сиккаҳо нигаҳбони махсус доштанд ва ӯро гоҳбад меномиданд. Ин сиккаҳое буданд, ки дар зарробхонаҳои давлатӣ бароварда мешуданд. Онҳоро мувофиқи зарурат ба муомилот мебаровардаанд. Сиккаҳое, ки аз аҳолӣ ба сифати боҷу хироҷ ҷамъ карда мешуниданд баъди ҳисобу китоб дар ганҷина (хазина) нигаҳдорӣ мешуданд.

Дастгоҳи идоравии давлати Сосониён серсоҳа ва ба дараҷаи кофӣ мукаммал буд. Тамоми соҳаҳо маъмурон ва хидматчиёни худро доштанд. Дар сарчашмаҳо ба ғайр аз мансабдорони дар боло номбаршуда, боз даҳҳо мансабдорон зикр гардидаанд, аз ҷумла, датбаран датбар (додвари додварон, яъне додвари олӣ), аҳурпат (охурсолор, яъне сардори аспбонон), нахчирпат (сардори шикор ва шикоргоҳ), муҳрдори дарбор (сардори дарбор) , сардори ташрифот, дарбон сардор, пуштигбон солор (сардори посбонони шоҳ), сардори анборҳо, сардори бозорҳо, сардори маҳбас ва ғайра.[2] Ҷолиби диққат аст, ки бисёри ин истилоҳҳо дар забони тоҷикӣ то имрӯз боқӣ мондаанд – додвар (довар), охур, нахчир (бузи кӯҳӣ), муҳр, пуштигбон (пуштибон) ва ғайра. Ин санадҳо дар баробари даҳҳо маълумоти дигар дар бораи умумияти ориёиҳои Осиёи Миёна ва Эрон шаҳодат медиҳанд.

Ба ҳайати давлати Сосониён як қатор кишварҳо дохил мешуданд. Онҳо воҳидҳои асосии маъмурию ҳудудӣ ба шумор мерафтанд ва сарҳадҳои асосии онҳо таърихан ташаккулёфта буданд. Ба он Мидия, Форс, Кирмон, Сакистон ва ғайра дохил мешуданд. Дар катибаи Шопур дар Каъбаи Зардушт ин кишварҳо

[1] Таърихи Табарӣ. – С. 527-528.
[2] *Ҷаводӣ Г.* Маъмурият дар Ирони бостон. – С. 324.

«шаҳр» (хшатра) номида шудаанд.[1] Ин калима дар он замон маънои кишвар, мамлакат ва вилоятро дошт. Сардори онро шаҳрдор ё шаҳрбон (хшатрапан) меномиданд. Шаҳрҳо ба патикусҳо – вилоятҳо тақсим мешуданд, сардори онро патикуспан мегуфтанд.[2] Аммо ба ақидаи М.М.Дяконов патикус воҳиди аз шаҳр калонтари маъмурӣ буд ва тамоми Эрон ба чор патикус – шимолӣ, ҷанубӣ, ғарбӣ ва шарқӣ тақсим шуда буд.[3] Аммо маълумотҳои дақиқе, ки ин фикрро тасдиқ кунанд дар сарчашмаҳо мавҷуд нестанд.

Шаҳрҳоро дар он замон бо забони паҳлавӣ «шаҳристон» меномиданд. Сардори он унвони «шаҳриг»-ро дошт. Шаҳристонҳо марказҳои маъмурии патикусҳо буданд.

Сарчашмаҳои арабӣ барои замони Сосониён воҳидҳои маъмурии «остон» ва «рустак»-ро номбар кардаанд.[4] Аммо таносуби онҳо бо истилоҳи паҳлавӣ маълум нест. Рустак ҷузъи кишвар ва вилоят буд. Масалан, дар асри X ба ҳайати Хатлон рустаки Бик дохил мешуд. Шояд рустак бо патикуси паҳлавӣ ё рустои форсӣ баробар бошад. Мавҷудияти воҳидҳои аз патикус ва рустак хурдтар маълум нест. Хурдтарин воҳиди маъмурӣ деҳ маҳсуб мешуд. Сардори онро деҳиг меномиданд. Дар забони тоҷикӣ (форсӣ) ин мансабдорро деҳхудо ё кадхудои деҳ мегуфтанд.

Тақсимоти дурусти ҳудуди давлат ба воҳидҳои маъмурӣ самаранокии умури идорӣ ва ҷамъоварии андозро таъмин мекард.

Табақаҳои асосии ориёиҳои Осиёи Миёна ва Эрон дар аҳди қадим, дар давраи пайдоиши Авесто ба вуҷуд омада буданд. Дар давраҳои минбаъда, аз ҷумла дар замони Сосониён, ин табақаҳо боқӣ ва аз ҷиҳати сохторӣ такмил ёфтанд.

Дар давлати Сосониён чор табақаи асосӣ вуҷуд дошт: рӯҳониён-атраван (мубадон ва муғони зардуштӣ); артишторон (ҳарбиён); дабирон; кишоварзон ва ҳунармандону тоҷирон (востриошан, хутухшан, хвакаран).[5]

Се табақаи аввал олимақом ва имтиёздор буданд. Дар дохил табақаҳо боз ба гурӯҳҳо ва мартабаҳои гуногун тақсим

---

[1] *Кристенсен А*. Эрон дар замони Сосониён. Теҳрон. 2000. – С.128.
[2] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С.92.
[3] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 289.
[4] *Ҷаводӣ Г.* Маъмурият дар Ирони бостон. – С. 326.
[5] *Дьяконов И.М*. Очерки истории древнего Ирана.– С. 290-292.

мешуданд. Сардори табақаи якум магупатан магупат (мубадони мубад) буд. Баъди ӯ мақоми дуюмро ҳирбад ишғол мекард. Ӯ масъули гузаронидани маросимҳои динӣ буд. Сардори рӯҳониёни вилоятҳоро магупат меномиданд. Рӯҳониёни боқимондаро муғ мегуфтанд. Муғҳо низ вобаста ба мансаб ва вазифаҳояшон ба якчанд гурӯҳ тақсим мешуданд. Рӯҳониёни зардуштӣ дар бораи давлат ва ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа нақши намоён доштанд. Мубадони мубад дар дарбори шоҳ мақоми дуюмро (баъди шоҳ) ишғол мекард. Дар дарбор шӯрои мубадон вуҷуд дошт, ки дар корҳои давлатӣ фаъолона иштирок мекард.

Мақоми баланди мубадон дар ҷомеаи ориёиҳои Эрону Осиёи Миёна то андозае анъанавӣ ва решаҳои қадима дошт. Аз ҷониби сулолаи шоҳони сосонӣ бо табақаи рӯҳониён алоқаи ногусастанӣ доштанд, чунки баромади худи онҳо аз ҳамин табақа буд. Тавре ки дар боло гуфтем, саравлоди онҳо Сосон вазифаи мубади оташкадаи Анаҳито дар Истахрро ба уҳда дошт. Дар давраи Хусрави Анӯшервон байни ӯ ва мубадон ихтилоф ба вуҷуд омад ва ӯ мартабаи онҳоро паст намуд. Бо вуҷуди ин мубадон мақоми баланди худро дар ҷомеа нигоҳ доштанд.

Мартаба ва нуфузи баланди мубадон асоси таърихӣ ва иҷтимоӣ дошт. Дин дар ҷомеаи сосониён ва ҳаёти рӯзмарраи мардум таъсири бузургро молик буд. Зиндагии ҳар фарди ҷомеа ба маросимҳои сершумор алоқаманд буд, ки онҳо аз таваллуди тифл то ба таҳт нишастани шоҳ бо иштирок ва роҳбарии мубадон гузаронида мешуданд. Мубадон ҳамарӯза бо мардум буданд. Онҳо ифодагари маънавиёти ҷомеа ва нигаҳбони анъанаҳои миллӣ ва суннатӣ ба шумор мерафтанд. Шоҳон ин ҳолатро хуб дарк мекарданд ва саъй менамуданд, ки бо рӯҳониён муносибатҳои хуб дошта бошанд.

Номи табақаи дуюм – артиштарон аз замони Авестоӣ боқӣ монда буд. Дар асл ба ин табақа на танҳо ҷанговарон, балки тамоми мансабдорони олӣ аз шоҳ ва фармондори бузург сар карда, то сарлашкарону сарбозони қаторӣ дохил мешуданд. Расман артиштар сардори сипоҳиёни Эрон буд. Дар дохил ин табақа ба чандин гурӯҳ – авлоду хонаводаи шоҳ, ашрофони олимақом (виспурҳҳо), бузургон, озодагон тақсим мешуд. Қишри аз ҳама поён ва сершумори ин табақа – озодагон асоси лашкари савораро ташкил мекарданд. Онҳо заминдорони хурду миёна буданд.

Дабирон дар асрҳои IV-V ба табақаи мустақил табдил ёфтанд. Ин ҳодиса дар натиҷаи инкишофи сохтори умури идораи давлатӣ, афзун кардани соҳаҳои гуногуни идорӣ ба вуқӯъ пайваст. Сардори онҳоро дабирпат ё дабирони дабир (дабири дабирон) меномиданд. Ба ин табақа тамоми хидматчиёни девонҳои давлатӣ, олимон, шоирон ва гурӯҳҳои дигари маърифатнок дохил мешуданд. Ин табақа яке аз сарчашмаҳои асосии неруи ақлонии ҷомеа ба шумор мерафт.

Табақаи чорумро истеҳсолкунандагони неъматҳои моддӣ – кишоварзон, ҳунармандон, савдогарон ва аҳли меҳнати ҷисмонӣ ташкил мекарданд. Ин табақа аз ҳама табақаҳои дигар сершумортар буд. Некуаҳволии аҳолӣ, аз ҷумла се табақаи болоӣ пурра аз фаъолияти ин табақаи чорум вобаста буд. Се табақаи болоӣ аз супоридани андоз озод буданд. Танҳо табақаи чорум андоз месупорид ва даромади давлат асосан аз ҳамин ҳисоб буд.[1]

Табақаҳо аз ҳам ҷудо буданд ва гузаштан аз як табақа ба табақаи дигар манъ буд. Аммо ин қоида асосан ба табақаҳои поёнӣ тааллуқ дошт. Яъне онҳо ҳақ надоштанд ба табақаи болоӣ гузаранд. Табақаҳои болоӣ дар амал метавонистанд ба табақаҳои дигар гузаранд. Таърихи худи Сосониён, ки саравлодашон аз табақаи мубадон буд, инро тасдиқ менамояд. Дар ин бора мисолҳои дигар низ ҳастанд. Аммо ин гуна ҳодисаҳо хеле кам рух медоданд, чунки монеаҳои зиёд мавҷуд буданд ва қоидаҳои сохти табақотӣ чунин имкониятҳоро то ҳадди нестӣ маҳдуд мекарданд.

Агар ба сохти табақотӣ чун падидаи иҷтимоӣ баҳо диҳем ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки табақаҳо дар ҷараёни инкишофи ҷомеа пайдо шуда, махсусгардонии соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷомеаро инъикос менамуданд. Аз ин лиҳоз он падидаи мусбат буда, имконияти инкишофу такомули соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро таъмин мекард. Вақте ки як гурӯҳи иҷтимоӣ дар як соҳаи муайян кору фаъолият мекунад, ин имконият медиҳад, ки калонсолон тамоми нозукиҳои касби худро аз бар карда, таҷриба ва малакаи худро ба насл омӯзонанд. Аммо инҳисори ин ва ё он соҳа аз ҷониби яке аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ доираи фаъолияти онро маҳдуд карда, имконият намедод, ки неруҳои ҷомеа барои инкишофи ин соҳа васеъ истифода бурда шаванд. Яъне сохти табақотӣ дар ибтидо падидаи мусбат буда, ба пешрафти ҷомеа мусоидат намуд. Вале бо гузашти айёми ин сохт барои пешравии

[1] История Ирана.– С. 109.

минбаъдаи ҷомеа то андозае монеъ гашта, ба падидаи манфӣ табдил меёфт.

Артиши доимамалкунандаи сосониёнро навкарони яккачини шоҳӣ ташкил мекарданд. Дар ибтидо сарлашкари сосониёнро ҳазорпат (сардори ҳазор сипоҳ) меномиданд. Аз ин ҷо олимон ба хулосае омаданд, ки ин артиши шоҳӣ аз ҳазор сарбоз иборат буд.[1]

Ба назари мо, ҳазорпат ин номи анъанавии сардори навкарони шоҳӣ буд. Дар амал шумораи навкарони шоҳӣ метавонистанд якчанд ҳазорро ташкил кунад, чунки барои як давлати бузург доштани ҳамагӣ 1000 сарбоз хеле кам ба назар мерасад.

Сардори артишро дар аввал ҳазорпат ва дар асрҳои IV-VII Эронспаҳпат (яъне сардори сипоҳи Эрон) меномиданд. Ӯ баъди шоҳ, мубади мубадон ва фармондори бузург дар дарбор дар ҷойи чорум меистод. Эронспаҳпат танҳо ба подшоҳ итоат мекард.

Асоси артиши Сосониёнро, мисли артиши Парфия, саворагони вазниняроқи ҷавшанпӯш ва сабукяроқи тирандоз ташкил мекарданд. Сардори қисми аввалиро аспипат ва қисми дуюмро тирбад меномиданд. Саворагони ҷавшанпӯш бо шамшер, сипар, найза ва саворагони сабукяроқ бо тиру камон ва сипари сабук мусаллаҳ буданд. Қисмҳои савора аз ҳисоби табақаи озодагон ташкил карда мешуданд.

Баъди саворагон қисмҳои пиёдагард меистоданд, онҳоро пойгон ва сардори онҳоро пойгонсолор меномиданд. Дар қисмҳои пиёдагард кишоварзон хизмат мекарданд. Дастаи махсуси сарбозон мавҷуд буд, ки онҳоро ҷонсупорон мегуфтанд. Вазифаи онҳо то охир муҳофизат кардани шоҳ ва байрақи давлатӣ буд.[2] Ба ғайр аз ин дастаи посбонони шахсии шоҳ – «пуштигбонон» мавҷуд буданд. Сардори онҳо пуштигбон солор ном дошт. Пуштигбонон, яъне пуштибонҳо ҳамеша ҳамроҳи шоҳ буданд.

Артиш аз қисмҳои таркибии зерин иборат буд: ганд – ҷузъи аз ҳама калон, дирафш – ҷузъи нисбатан хурд ва вишта – ҷузъи аз ҳама хурд.

Ҳар як қисм сардори худро дошт, ки солор номида мешуд: ганд-солор, дирафш-солор ва вишта-солор. Мутаассифона

---

[1] История Ирана. – С. 109.

[2] *Ҷаводӣ Г.* Маъмурият дар Ирони бостон. – С. 347.

шумораи сарбозони ин қисмҳо ба мо маълум нест. Маълумоте ҳаст, ки мувофиқи он артиши сосониён аз воҳидҳои 10, 100 1000 ва 10 000 нафар иборат буд. Агар чунин бошад пас вишта аз 10 сарбоз, дирафш 100 сарбоз ва ганд аз 1000 сарбоз иборат буданд.

Сосониён байрақи давлатӣ доштанд, ки бо ҷавоҳирот оро ёфта буд. Дар ҷангу лашкаркашӣ артиш байрақро ҳамроҳаш мегирифт. Мувофиқи маълумоти муаррихони исломӣ дар ҷанги назди Қудсия (Қодисия) байрақи Сосониён ба дасти арабҳо афтод. Онҳо барои ҷавоҳироти парчамро гирифтан байрақро пора-пора карда, байни худ тақсим карданд.

Дар давраи ҳукмронии Хусрави Анӯшервон ислоҳоти ҳарбӣ гузаронида шуд. Ин шоҳ мансаби Эронспаҳпатро барҳам дода, қаламрави Эронро ба чор минтақаи ҳарбӣ тақсим кард ва дар ҳар минтақа як сарлашкар (спаҳпат) таъйин намуд. Сарлашкарони минтақаҳо бевосита ба шоҳ итоат мекарданд. Ин кор бо мақсади мустаҳкам намудани ҳокимияти шоҳӣ ва маҳдуд кардани ҳокимияти Эрон иҷро шуда буд. Хусрав мефаҳмид, ки дар дасти як мансабдори олӣ ҷамъ шудани ҳокимияти калон барои амнияти тахти шоҳӣ то андозае хавф дорад.

Аз давраи Хусрави I сар карда, ба ҳайати артиши Сосониён дастаҳои сарбозони зархариди яфталӣ ва арманӣ дохил карда шуданд.[1]

Дар вақтҳои ҷанг шоҳ дастаҳои ихтиёриёни савораро аз ҳисоби табақаҳои озодагон ташкил мекард. Ба артиши давлатӣ қисмҳои ҳарбии ҳокимони вилоятҳо ва мулкҳои тобеъ илова мешуданд. Ба лашкар худи шоҳ ё яке аз сарлашкарон сардорӣ мекарданд. Аксаран дар лашкаркашиҳо ба артиш худи шоҳ роҳбарӣ мекард. Ин амал ҳам ҷанбаи сиёсӣ ва ҳам амалӣ дошт. Қувваи ҳарбӣ ҳамеша бояд дар зери итоат ва назорати шоҳ мебуд. Дар акси ҳол душманонаш метавонистанд онро барои сарнагун кардани шоҳ истифода баранд. Аз тарафи дигар, шоҳ бояд худро дар назди артиш ва раъият ҳамчун ҷанговари ҷасур ва сарлашкари моҳир нишон медод. Лашкар кашидан яке аз вазифаҳои бевоситаи шоҳ ба шумор мерафт.

Артиши Сосониён қобилияти баланди ҷангӣ дошт. Бо баъзе истисно он дар аксарияти муҳорибаҳо, махсусан бо легионҳои машҳури румиҳо ғолиб омада буд.

---

[1] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 290.

Дар баробари амалия назарияи санъати ҷанг низ дар давлати Сосониён хеле инкишоф ёфта буд. Ба ин мавзӯъ рисолаҳои махсус ба мисли «Оинномак» бахшида шуданд. Дар рисолаи динии «Динкард» низ дар ин бора маълумот оварда шудааст. Дар ин ва дигар рисолаҳои паҳлавӣ дар бораи сафбандии ҷанговарон, усулҳои гуногуни ҷанг ва фатҳи қалъаҳо маълумот дода шудааст.[1]

Тавре ки дар бобҳои гузашта гуфтем, дар Эрони ғарбӣ ҳанӯз дар давлати Модҳо дини зардуштӣ мақоми давлатӣ дошт. Ҳахоманишиён ва баъди онҳо Портҳо ва Кӯшониён ин анъанаро идома дода, барои тақвияти ин дин як қатор чорабиниҳо андешиданд. Сосониён низ ин сиёсатро давом дода, дини зардуштиро ба дараҷаи сифатан нав ва баланди тараққиёт расонданд.

Сосониён аз ибтидо ҳамчун пайравони босуботи дини зардуштӣ амал карда, барои тақвияти мақоми давлатии он саъю кӯшиш намуданд. Дар ин бора дар қатори дигар санадҳо сиккаҳо, аз ҷумла сиккаҳои асосгузори давлати Сосониён Ардашер I шаҳодат медиҳанд. Ӯ дар навиштаҷоти сиккаҳои худ пайрави дини зардуштӣ буданашро таъкид намудааст. Дар аввалин сиккаҳои ин шоҳ чунин навишта шудааст: «парастандаи Маздо, ҳукмрон Ардашер, шоҳи шоҳони Эрон». Ҳамин навиштаҷот дар сангмусаввараҳои барҷастаи шоҳони сосонӣ низ ҷой дода шудааст.[2]

Дар пушти сиккаҳои сосонӣ оташкадаи муқаддаси зардуштӣ тасвир шудааст. Дар сангмусаввараҳо тасвири ба шоҳони сосонӣ супоридани тоҷи шоҳӣ тавассути Худованди олии зардуштиён Аҳуромаздо инъикос гардидааст ва саҳнаи тоҷгузорӣ бо иштироки худоҳои зардуштӣ дар сиккаҳо низ тасвир шудааст.

Сосониён хуб мефаҳмиданд, ки барои мустаҳкам кардани давлат дини ягона ва мукаммалу муташаккил зарур аст. Бинобар ин онҳо кӯшиш карданд, ки ба густариши оини зардуштӣ мусоидат намояд. Дар ин ҷода махсусан хизмати мубади мубадон Картир калон аст.[3] Ӯ дар давраи ҳукумронии се шоҳ – Шоҳпури I (солҳои 240-272), Баҳроми I (солҳои 273-276) ва Баҳроми II

---

[1] Дар ин бора муфассал нигаред: *К.А. Иностранцев.* Сасанидские этюды, II (Сасанидская военная теория). СПб., 1909. – С. 41-81.

[2] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С. 163-195.

[3] История Ирана. – С. 110.

(солҳои276-293) зиндагӣ карда, дар мустаҳкам кардани дини зардуштӣ саҳми арзанда гузоштааст. Се сангкатибаи ин мубад то рӯзгори мо боқӣ мондааст.[1] Маъмулан сангкатибаҳоро аз номи шоҳон менавиштанд. Сангкатиба доштани Картир нишони шуҳрату мартабаи баланди ӯ мебошад. Аз рӯйи катибаҳояш бармоеяд, ки ӯ ҳам бар зидди динҳои ғайриэронӣ, – насронӣ, буддоӣ ва ҳам равияҳои илҳодомези зардуштия ба мисли монавия мубориза бурда, мақому мартабаи дини зардуштиро баланд бардошт ва то ба дараҷаи дини давлатӣ иртиқо бахшид. Бо фармони Картир оташкадаҳои зиёд дар Эрон ва берун аз он – дар Антиохия, Сурия, Арманистон, Иберия (Гурҷистон) сохта шуданд.

Фаъолияти динии Картир як ҳодисаи одӣ набуда, маҳсули давру замони бархӯрди ғояҳо, таълимоту динҳо буд. Ин бархӯрдҳо дар асри III бо сабабҳои муайяни сиёсӣ шиддат гирифта буданд. Дар ин аср дини насронӣ на танҳо дар Руми шарқӣ, балки дар Сурия, Байнаннаҳрайн, Арманистон, Гурҷистон ва худи Эрон паҳн мешуд. Сурия ва дигар минтақаҳои номбурдашуда зери тасарруфи Сосониён буданд ва дар он ҷойҳо паҳн шудани дини насронӣ метавонист пояи ҳокимияти онҳоро суст гардонида, нуфузи Рум (Византия)-ро зиёд намояд.

Нуфуз пайдо кардани оини насронӣ дар қаламрави давлати Сосониён мубадони зардуштро водор месозад, ки барои тақвият додани дини зардуштӣ ва баланд бардоштани мақоми давлатии он чора андешанд ва як қатор тадбирҳоро амалӣ созанд. Шоҳони сосонӣ ки корро ба мубадони зардуштӣ супориданд. Фаъолияти Картир, Ардвиров, Озарподмеҳрсипандон ва дигар мубадони зардуштӣ барои таҳкими ғояҳои оини зардуштӣ, тақвияти усули оинӣ ва аҳкоми динӣ равона шуда буданд. Ба ҷуз сохтани оташкадаҳо дар қаламрави давлати Сосониён, мубориза бо оинҳои илҳодомез ва равияҳои ифротӣ мубадон тавонистанд, ки матни Авесторо тасбиту тадвин кунанд, ба ташрифоту маросимҳои динӣ ҷанбаи расмӣ бахшанд, ташкилоти муназзаму мукаммали диниро созмон диҳанд.

Ман дар бахши дини зардуштӣ ва таҳаввулу инкишофи он ба бисёр масъалаҳои марбут ба адёни тозардуштӣ ва нақши онҳо дар оини зардуштӣ, китоби муқаддаси Авесто ва ғайра таваққуф хоҳам кард. Дар ин ҷо фақат чунин нуқтаро қайд карданиам, ки

[1] *Луконин В.Г.* Культура Сасанидского Ирана. – С.84-89.

Сосониён дар давоми 425 соли мавҷудияти худ як тамаддуни гуногунсоҳа, инкишофёфта ва хосса офариданд. Ин тамаддун идомаи мантиқии тамаддунҳои қадимаи халқҳои ориёӣ, алалхусус Ҳахоманишиён ва Портиён буд. Тамаддуни Сосониён дар ҳамбастагӣ ва ҳамкории зич бо тамаддунҳои халқҳои ҳамсоя инкишоф меёфт. Эрониён аз дастовардҳои ҳамсоягони худ эҷодкорона истифода бурда, дастовардҳои фарҳангии худро пешкаши онҳо мегардониданд. Таъсиру нуфузи тамаддуни Сосониён берун аз Эрону Осиёи Миёна то Хитой, Россия ва Аврупои марказӣ густариш ёфта буд. Дар ин кишварҳо зарфҳои нуқрагини мунаққашу мусаввари сосонӣ ёфт шудаанд. Зиёда аз ин, устоҳои аврупоӣ ба сабки ҳунармандони сосониён пайравӣ карда, ҷому кӯзачаҳои тиллоӣ ва дигар зарфҳои маишӣ сохтаанд ва дар онҳо саҳнаҳо ва тасвирҳои сосонию маҳалли худро омезиш додаанд.

Тамаддуни халқҳои ориёии Осиёи Миёнаю Эрони бостон баъди истилои юнониён ва омезиш ёфтан бо фарҳанги эллинистӣ дар давраи сосониён аз нав симои миллӣ пайдо кард. Он минбаъд низ дар тамоми Эрону Осиёи Миёна ривоҷ ёфта, ба тамаддуни аҳди хилофати араб, хусусан дар замони ҳукмронии сулолаҳои эронӣ дар аҳди ислом баръало эҳсос мешавад.

Яке аз соҳаҳои тараққикардаи фарҳанги ин замон адабиёти паҳлавӣ буд. Бо забони паҳлавӣ (форсии миёна), ки ба забони форсии нав хеле наздик аст, рисолаҳои динӣ, андарзномаҳо, рисолаҳои бадеию таърихӣ, фалсафӣ, ҳуқуқӣ, ҷуғрофӣ, ҳарбӣ ва ғайра иншо гардиданд. Асарҳои динӣ ба таълимот, таърих, расму русуми оини зардуштӣ бахшида шудаанд. Ба ин қатор рисолаҳои «Динкард», «Бундаҳишн», «Ардвирофнома» ва андарзномаҳо дохил мешаванд,[1] ки на танҳо аҳамияти динӣ, балки бадеӣ, таърихӣ, тарбиявӣ низ доштанд. Шарҳи онҳо дар қисми «Авесто ва бахшҳои он» хоҳад омад.

[1] *Дьяконов И.М.* Очерки истории древнего Ирана. – С. 324-325.

БОБИ СЕЮМ

ОИНҲОИ ТОЗАРДУШТӢ

1. ЭЪТИҚОД ВА БОВАРҲОИ ҲИНДУОРИЁИҲО[1]

Ориёиҳо мисли соири халқҳои ҷаҳон дар ибтидо ба ҳодисаҳо, падидаҳо ва унсурҳои табиӣ, аҷсоми самовӣ эътиқод доштанд.[2] Аз назари инсоне, ки ба ҷаҳони атроф назорат мекард, дур наменомонд, ки табиат дар ҳаракати доимӣ қарор дошта, зуд-зуд дигаргун мешавад ва дар ҷараёни он зиддиятҳои гуногун ба мушоҳида мерасанд. Этнографи франсавӣ Л.Леви-Брюл дар китоби худ «Тафаккури ибтидоӣ» ҷараёни андешаи инсониро мавриди таҳлил қарор дода, зикр кардааст, ки дар тафаккури одамони аввал ҳаракати умумӣ, ашёҳои ҷудогона ва лаҳзаҳои зуҳури онҳо воҳид ва аз ҳам ҷудоинопазир зуҳур карда, айнияти ҷузъу кулл, сабабу натиҷа, амалу амалкунанда ба мушоҳида мерасад.[3]

Тавре ки осори боқимондаи хаттӣ, бозёфтҳои бостоншиносӣ ва гӯйишҳои халқӣ гувоҳӣ медиҳанд, ориёиҳо, аз як сӯ, одамони ҳушёру кунҷков, зиндадилу кӯшо ва фаъолу серҳаракат буда, аз ҷониби дигар, ташаббускор ва соҳиби андешаҳои хаёлии босамар ва дурпарвоз будаанд. Онҳо ашёи ҷаҳонро муқобилгузорӣ карда, чунин мепиндоштанд, ки тамоми ҷаҳон ва аносиру падидаҳои он дорои рӯҳу ҷон буда, ҳар ашё соҳиби олами ботинии худ мебошад.

---

[1] Дар ин бора ақидаҳои зиёд иброз шудаанд. Баъзеҳо муътақиданд, ки чун забони Авесто ба забони Ведаҳо, бахусус Ригведа наздик буда, расму суннатҳо, асотир, сохтори динҳои куҳан ва бисёр қаҳрамонони онҳо бо ҳам шабоҳат доранд, ориёиҳо (ҳиндуҳо ва эрониҳо) замоне бо ҳам зиндагӣ карда, эътиқодоту боварҳои муштарак доштанд. Ҳиндуориёиҳо шохаи хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ буда, чунин буду боши собиту содае доштаанд, ки ба онҳо имкон дод, то суннати мустаҳками мазҳабие ба вуҷуд ованд. Нишонаҳои умумии онҳо дар наслҳои имрӯзаашон – ҳиндуҳо ва зардуштиён нигоҳдорӣ шудаанд (Ниг. *Бойс М.*Зороастрийцы. СП. 2003. с. 18: *Бонгард-Левин Г.М. Грантовский Э.А.* От Скифии до Индии. М., 1974. – с.16).

[2] *Кристенсен А.* Эрон дар замони Сосониён. – С. 48.

[3] *Брагинский И.С.* Из истории таджикской и персидской литератур. – С. 110.

Табиист, ки рӯҳи ин ашёву падидаҳо, мувофиқи суду манфиате, ки меоварданд ва ё заррае, ки мерасонданд ба арвоҳи хубу бад тақсим карда шуда, бо истилоҳи маиню зикр мегардид.[1] Дар тасаввури онҳо ҳар чизе дорои маиню буд. Онҳо ҳар чизеро, ки медиданд ё дида наметавонистанд, ба маиню нисбат медоданд. Масалан, маинюи себ, маинюи хок, маинюи фикр, маинюи Хуршед, маинюи кӯл ва ғайра. Ашё ва падидаҳои зараррасони хилофи табиати инсон ва ба зиндагии онон таҳдидкунанда ва тахрибгар низ соҳиби маиню пиндошта мешуданд. Тӯфон, бахилӣ, ҷанг, ғазаб, қаҳтӣ ва ғайра маинюҳое буданд, ки зиндагии одамонро аз роҳи муътадил берун карда, боиси харобиҳо мегардиданд.

Ба ақидаи онҳо, ин падидаҳо ҷузъи таркибии ин ё он ашё ва ё ҳодисаҳо набуда, дорои неруи ҷудогона ва мустақил мебошад. Онҳо бовар мекарданд, ки ҳамаи маинюҳои хуб ва бадро ба воситаи қурбонӣ, дуо, саҷда, ниёиш нарм карда, ба онҳо таъсир расонидан мумкин аст. Бахусус ба таъсири қурбонӣ ва намоз эътиқод мекарданд. Худоён ва маинюҳои нек роҳнамои корҳо, амалҳо, равишу шеваҳои шоистаю нек ва судрасон буда, шаётин ва аҳриманон амалу падидаҳои зараровар ва носудманд дар зиндагии инсонро роҳбарӣ мекарданд. Мардум дар он давра таҳти таъсири бештари табиат қарор доштанд. Дар миёни қувваҳои сершумори бадӣ, дар дашту ҷангалҳои Осиёи Марказӣ, ки ҷони инсонро дар азоб ва ба таҳлука меандохт, бахусус хушкӣ ва торикӣ бисёр зиёновар буданд. Онҳо дарёфта буданд, ки бар зидди неруҳои номбаршудаи бадӣ, озар ё оташ ва раъду барқ муассир мебошад. Бар зидди торикӣ бошад, Хуршед, чун унсури тавоно муқаддас дониста мешуд.

Ҳамин аст, ки Хуршед дар миёни нажоду қавмҳои зиёди олами бостон ситоиш ва парастиш шудааст. Дар ин бобат Ҳеродот чунин маълумот медиҳад; «Масагетҳо аз миёни худоён ба Хуршед эътиқод доранд ва ба он аспҳо қурбонӣ мекунанд. Мафҳуми қурбонӣ иборат аз он аст, ки ба худои тездав (босуръат) ҳайвони тездав бояд қурбонӣ карда шавад».[2] Бояд гуфт, ки маълумоти ӯ бо муҳтавои Авесто комилан мувофиқат мекунад. Дар Авесто, ба хусус Хуршедяшт номи Хуршед, Офтоб даҳҳо

[1] *Бойс М.* Зороастрийцы. – С. 24.
[2] Древние авторы о Средней Азии. Ташкент, 1940. – С. 143.

маротиба зикр карда шуда, ҳамеша он бо унвон ё лақаби Аурват-аспа, яъне тезасп босуръат, тездав ёд мешавад.

Чун дашту саҳроҳо ба воситаи боришоти барфу борон обёрӣ мегардид, ориёиҳои куҳан эътиқод доштанд, ки оби зиндагии онҳо дар осмонҳо ҷорӣ буда, барояшон аз осмонҳо сарозер мешавад. Дар тасаввури онҳо Аредвисура Анаҳито[1] – фариштае мебошад, ки обҳои осмонӣ ва минуиро нигоҳбонӣ карда, болои замин ҷамъ мекунад. Онҳо медонистанд, ки дар рехтани об ба замин абрҳо нақши ҳалкунанда доранд. Аз ин ҷиҳат абрҳоро низ ба абрҳои судрасони боронзо ва абрҳое тақсим карда буданд, ки обро дар батни худ ҳабс карда, пеши боридани онро мебанданд.

Дар тасаввури онон абрҳое, ки бар фарози замини хушк истода, бо душманӣ, бархилофи хоҳиши одамон ба замин борон намерезанд, дар осмон ба воситаи риштахои дурахшону оташбори барқ, яъне писари Осмон шикофта шуда, дар ин мубориза аксаран шикаст мехӯранд ва маҷбур мегарданд, ки обҳои ҳабскардаи худро ба замин фурӯ резанд. Дар тасаввури онҳо Тиштрйа – фариштаи раъду барқ, борон, фаровонҳосилӣ ва ризқу рӯзӣ дар пайи ҷустуҷӯйи нозу неъмати одамон бо деви Апауша, ки душмани инсон, фаровонӣ ва ҳабскунандаи борон мебошад, ҳамеша дар набард ва мубориза мебошад.

Ин мубориза яке аз саҳифаҳои дурахшони асотири бостонии ориёӣ мебошад, ки андешаҳои жарф, амалӣ ва дурпарвози ниёгони моро нишон медиҳанд. Моҷарои набарду пирӯзии Тиштрйа бар Апауша – деви хушкӣ тамсили тобистон, хушкию камобии даштҳои беканори Осиёи Марказӣ ва кӯшишҳои асотирие, ки омехта бо эътиқодҳои оммавӣ ҷиҳати тавлиди борон мебошад. Ориёиён чунин мепиндоштанд, ки Тиштрйа[2] ситораи падидоварандаи боронҳои судманд дар тобистон ва бавуҷудоварандаи обҳои зинда мебошад. Мувофиқи ин устура, Апауша – деви палиди хушкӣ обҳоро зиндонӣ сохта, ба замин намедод ва аз уҳдаи раҳоию кушодани обҳо ғайр аз Тиштрйа каси дигар намебаромад.

Аз ин ҷиҳат мардум ӯро дӯст медоранд, ӯро ситоиш мекунанд ва намоз мегузоранд. Дар Яшти ҳаштум (Тиштаряшт) ориёиён ба

---

[1] Яшти ҳаштум (Тиштаряшт) ба ин фариштa бахшида шудааст.

[2] Пурдовуд Тиштрйаро ситораи Сириус донистааст (Яштҳо. Ҷ.I. Теҳрон, 1377. – С.325).

вай чунин муроҷиат мекунанд:[1] «Тиштрйа – ситораи роюманду фараҳмандро меситоем, ки нутфаи об дар бар дорад. Он тавонои бузурги неруманди дурбинандаи баландмартабаи забардастро. Касеро, ки чорпоёни хурду бузург ва мардумон интизоранд. Чӣ вақт барои мо Тиштрйаи роюманди фараҳманд тулӯъ хоҳад кард? Чӣ вақт сарчашмаҳои об ба қуввати аспе аз нав равон хоҳад шуд?» (Банди 5).

Чунин муноҷоту намозҳои мардум мавриди қабул ва хушнудии Тиштрйа воқеъ мешавад. Ҳангоме, ки вай аз қурбонӣ ва намозу ниёишҳои муъминон хушнуд ва масрур мегардад ба шакли аспи сап-сафеди зебое бо гӯшҳои заррин ва зину лаҷомҳои зарнишон ба баҳри Вуурукаша фуруд меояд. Вале дар ин байн хушкӣ Апауша низ дар канор наистода, бо ёлу думи сип-сиёҳи ваҳмангез дар дарёи Вуурукаша[2] фуруд меояд. Деви хушкӣ ва фариштаи борон се шабонарӯз ба набарди шадиду саҳмгин мепардозанд. Вале нисбати ин ки одамон ба Тиштрйа дар ин муддат кам муроҷиат карда, ба ӯ кам қурбонӣ ва намоз бурдаанд, мубориза бо шикасти фариштаи борон ва ғалабаи деви хушкӣ анҷом мепазирад.

Тиштрйа маҷбур мешавад ҳазор қадам ақибнишинӣ кунад. Он гоҳ вай бо хурӯш нола карда ба Аҳуромаздо муроҷиат мекунад: Агар мардум дар намоз аз ман ном бурда, ситоиш кунанд, ҳамчунон ки аз эзидони дигар ном бурда меситоянд, ман қуввати даҳ асп, неруи даҳ шутур, неруи даҳ гов, неруи даҳ кӯҳ ва даҳ оби қобили киштиронӣ хоҳам гирифт. (Банди 24).

Хурӯши Тиштрйа порсоён ва муъминонро водор мекунад, ки вайро ситоиш ва ниёиш кунанд ва қурбониҳо анҷом диҳанд. Дар натиҷаи чунин рӯйдодҳо Тиштрйа фариштаи роюманди фараҳманд бори дигар ба сурати аспи сафедгун, бо гӯши тиллоӣ ва зину лаҷоми зарнишон даромада, аз нав ба баҳри Вуурукаша фуруд меояд. Деви сиёҳи хушкӣ низ ба шаклу намуди ваҳмангези худ барои ҷангу мубориза ба майдони набард ҳозир мешавад. Ҷанги дигаре бо шиддату неруи бештаре дар миёни онҳо дармегирад, то саранҷом, дар нимарӯз деви хушкӣ шикасти шадид хӯрда, аз баҳри Вуурукаша ҳазор гом ақибнишинӣ мекунад. Эзиди борон ва фаровонҳосилӣ бонги шодмонӣ мебароварад:

---

[1]Аз тарҷумаҳои Пурдовуд истифода ба амал омадааст.

[2] Вуурукаша (дорои ҳаҷмҳои дур) – уқёнус ё баҳри афсонавиест, ки авестошиносон онро ба кӯли Арал нисбат медиҳанд.

«Тиштрйаи роюманди фараҳманд хурӯши шодкомӣ ва растагорӣ баровард: хушо ба ман, ай Аҳуромаздо, хушо ба шумо, ай обҳо ва гиёҳҳо, хушо ба дини маздаясно, ба шумо мамолики (ориёӣ), (хушо ба) рӯду ҷӯйҳои шумо (ки) бидуни монеае ба тарафи маҳсул, бо донаҳои дурушт ва чарогоҳ бо донаҳои рез ва сӯйи ҷаҳони моддӣ равон гардад». (Банди 29).

Сипас Тиштрйа пирӯзмандона ба дарёи Вуурукаша фурӯ меравад, дарё ба ҷунбишу талотум даромада, бухорҳои боронзо аз дарё баланд мешаванд. Абру бухор падид омада, пахш мешаванд ва ҳамчун борону жола ба мазрааю киштзорҳои атроф фурӯ мерезанд. Зиндагӣ бо суботу таҳким идома пайдо мекунад.

Устураи зебое, ки дар боло оварда шуд, яке аз устураҳои Авесто буда, аз як сӯ, инъикоскунандаи тарзу усули тафаккури ниёгони дури мо, аз сӯйи дигар, жарфу умқи хаёлоти дурпарвози онҳо мебошад. Ин устура намунаи беҳтарини диалектикаи ибтидоӣ ва рамзи ҷидду ҷаҳд, ҷаҳонкушоӣ ва зиндагидӯстии мардуми ориёӣ аст. Он мақоми пурарҷи обро ҳамчун яке аз унсурҳои умдаи чоргонаи табиат, ки гузаштагони мо онро муқаддас медонистанд, ба вазоҳат нишон медиҳад.

Яке аз унсурҳои муқаддас, ки барои сокинони кӯҳистону даштҳо сарчашмаи ҳаёт ба шумор мерафт, оташ буд. Дар замони бостон тавлиди оташ заҳмати фаровон тақозо мекард. Аз ин ҷиҳат одамон кӯшиш менамуданд, онро ҳифз кунанд ва дар муддати тӯлонӣ нигоҳ доранд. Чунин ақида мавҷуд буд, ки дар миёни шаклу намудҳои эъҷозу эҳтироми худоён ва эзидон ва нармдилу мулоим кардани онҳо, қурбонӣ мавриди писанди бештари онҳо воқеъ мегардад. Онҳо боварӣ доштанд, ки бо иҷрои маросими қурбонӣ байни худоён ва қурбонидиҳандагон аҳде баста хоҳад шуд ва худоён маҷбур ба иҷрои он мегардиданд. Дар Авесто нишонаи эъҷоз, ниёз, бо эҳтиром нисор кардан бо калимаи заосра ифода шуда, баъдан мафҳуми қурбонӣ ва пешкаш карданро гирифтааст. Тавре ки Мэри Бойс зикр кардааст, қурбониҳои гуногуни ориёиҳои бостон аксаран аз се унсур иборат будааст. Масалан, унсурҳои қурбонӣ ба об аз шир, нӯшоба ва баргҳои ду хел растанӣ иборат буд. Аслан рақами се ва ҳафт дар миёни ориёиён мафҳуми созандиҳанда ва ҷаҳонофарин дошта, ба онҳо эҳтироми махсус мегузоштанд. Қурбонӣ ба оташ низ иборат аз се унсур будааст: кунда ва ҳезумҳои хушки дарахтони муқаддас, хушбӯйиҳо (алафҳо ва баргҳои дарахтони хушбӯй) ва пораи

равған. Қурбонӣ ба оташ ва об аз рукнҳои умдаи ҳар намоз ҳисоб мешуд. Барои онҳо ҳайвонро ҳам қурбонӣ мекарданд. Вале яке аз хусусиятҳои мушаххаси ориёиҳо иборат аз ин буд, ки ҳеҷ гоҳ беҳуда ҳайвонотро намекуштанд. Онҳо чунин ҳисоб мекарданд, ки маиню (рӯҳ)-и ҳайвони кушташуда ба зиндагии худ идома медиҳад. Аз ин рӯ, пеш аз он ки ҳайвонеро қурбонӣ кунанд, аввал онро бо дуову аврод тақдис ва татҳир мекарданд.[1]

Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки бо мурури замон вусъати шинохти ҷаҳон ва пешрафти зиндагии моддӣ, табиати маънавии мардуми ориёи низ дигаргун гардида, боварӣ ва эътиқодоти онҳо мураккабтар ва амиқтар мегардид. Чунин тағйироту дигаргуниҳо дар Ведаҳо, бахусус китоби нахустини он Ригведа ва ҳамчунин Авесто инъикос ёфтааст. Тавре ки муҳаққиқон овардаанд, дар замони пеш аз ҳазрати Зардушт ориёиён ба шумори худоён, эзидон ва фариштагон эътиқод доштаанд.[2] Дар баробари худоёну эзидони зикршуда, парастиши чунин эзидоне мисли Атар (оташ), Вота (фариштаи бод), Ҳаума,[3] Геуша-Урвана (рӯҳи Гови нахустин)[4] низ интишор пайдо карда буд. Илова ба онҳо худоён ва эзидоне парастиш мешуданд, ки унсурҳои мухталифи ҳодисаҳо ва падидаҳои табиатро муаррифӣ мекарданд. Онҳо худоёни нигоҳдорандаи осмон ва замин, моҳу хуршед, боду ҳаво буданд. Имрӯз низ дар забони тоҷикӣ калимаҳое аз он даврони бостон боқӣ мондаанд, ки ҳамарӯза истифода мешаванд ва мазмуни одӣ доранд, вале дар он аҳди бостон маънои муқаддас дошта, мавриди парастиш қарор мегирифтанд. Масалан, Осмон – номи худои чарх, Зам ё замин – номи худои хок, Моҳ – номи худои моҳ, Хвар – номи худои Хуршед, Вота – номи Худои бод ва Ваю номи худои ҳаво буданд.

Ваю – худои ҳаво ҳам дар Ригведа ва ҳам дар Авесто сутуда шудааст. Вота худоест, ки абрҳоро дар пеши худ ҳаракат дода, болои «ҳаптакаршвара» – ҳафт кишвар мебарад ва ба кумаки Тиштрйи оби онҳоро болои онҳо мерезонад. Ориёиён ҷаҳони замони худро иборат аз ҳафт иқлим, қитъа ё мамлакат

---

[1] *Бойс М.* Зороастрийцы. – С. 20-21.

[2] Ҳамон ҷо. – С.19; *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С.16: *Брагинский И.С.* Из истории таджикской и персидской литератур. – С. 111.

[3] Дар Авесто – ҳаума ва Ригведа сома – растание, ки аз ҷавҳари он нӯшобаи масткунанда ба даст меояд. Яке аз навъҳои эфедра.

[4] Мувофиқи асотири зардуштӣ аз ҷисми Гови нахустин, ки аз ҷониби Аҳриман кушта шуд, тамоми анвои ҳайвонот ва наботот падид омаданд.

медонистанд. Ному мавқеи ҳар яке аз онҳо дар Меҳряшт ва Вандидод оварда шудааст.

Мувофиқи бовардошти ориёиёни бостон, дар табиат қонуне мавҷуд аст, ки дар асоси он Офтоб дар мадори муътадили худ ба гардиш пардохта, фаслҳои сол падидор мешаванд, шабу рӯз ба вуҷуд меояд ва ба василаи ин дар мавҷудияту зиндагии тамоми ҳастӣ назму тартиби муайяне таъмин карда мешавад. Ин қонун дар Ригведа дар шакли рта ва дар Авесто дар шакли аша омадааст.[1]

Вақте ки порсоён ва муъминон ба худоёни мухталифи худ муроҷиат мекарданд ва барои ҳифзу нигоҳдории ҷаҳон ва файзу фазояндагии зиндагии худ дуою ситоиш мекарданд, чунин ақида доштанд, ки бо ин амали худ қонуни ҳамагониро неру ва тақвият мебахшанд. Аз ҷониби дигар, чунин ақида мавҷуд буд, ки аша (рта) раҳнамои инсони воқеӣ буда, рафтору ахлоқи ӯро идора мекунад. Ҳақиқат, ростӣ, адолат, ҷавонмардӣ ва сидқу вафо – хусусиятҳои инсони воқеӣ ҳастанд. Дар миёни хусусиятҳои боло ба ҳақиқату ростӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода мешуд. Ориёиёни бостон ростӣ, ҳақиқат ва дурустиро ба дараҷаи қудсият бардошта, ҳар чизе, ки бо он мувофиқат намекард, дурӯғ (авестоӣ-друг, санскрит-друх) ҳисоб мекарданд. Аз ин рӯ, одамонро ҳам сарфи назар аз тамоми мансубиятҳо ба ду гурӯҳи калон тақсим карда буданд: ашаван – пайрави ростӣ, ҳақиқат, воқеият ва другвин – пайрави дурӯғ. Ростӣ – баландтарин ва арзишмандтарин хусусиятҳои инсонӣ ҳисоб карда мешуд. Сухан, лафз-арзиши баландтарин дошта, иҷрои амали он ҳатмӣ буд. Аҳду паймон зинаи боз ҳам баландтари он ҳисоб мегардид. Дар забони авестоӣ он бо калимаи мисра ё Меҳр (зоҳиран аз решаи ҳиндуаврупоии мен – мубодила, таъвиз)[2] ифода карда шуда, бо мурури замон он ба худои неруманде мубаддал гардид, ки баъдан мавриди парастиши на танҳо халқҳои Осиё, балки саросари Аврупо гардид.

Ин ҳикмати ниёгонамонро, ки воқеан ҳам маънои амиқ ва фалсафаи бузурги ахлоқӣ дорад, махсусан дар даврањои душвори ҳаёти сиёсии кишварамон бештар дарк намудам. Шахсонеро медидам, ки бо суханони зебо ва фиребанда, вале аслан аз ҳақиқат дур мардумро фиреб медоданд, аз содагӣ ва дилсофии ӯ

---

[1] *Муминджанов Х.Х.* Философские проблемы зороастризма. Душанбе, 2000. – С. 231.
[2] *Бойс М.* Зороастрийцы. – С. 27.

суистифода менамуданд ва ба ин восита мақсадҳои ғаразолуди хешро амалӣ кардан мехостанд.

Имрӯз низ таҷрибаи чандинсолаи худ ба ҳайси сарвари давлат қувваи ҳақиқат ва ростиро борҳо эҳсос карда, ҳикмати арзишмандтарини ниёгонамон – пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори некро сармашқи амали хеш қарор додаам. Ва бисёр мехоҳам, ки падарону модарон, муаллимону мураббиён, зиёиёни эҷодкори мо насли ҷавонро дар рӯҳи ростию покӣ ва адолату ватанпарастӣ ва худогоҳии таърихӣ бо истифода аз мероси маънавии ахлоқии миллатамон ва гузаштагони ориёиамон тарбият намоянд.

Ориёиҳо мисли имрӯз гузаштагони худро эҳтиром мекарданд. Онҳо оташ ва оташдони хонаводагиро низ муҳтарам мешумориданд. Одатан оташу оташдони хонавода дар ихтиёри писари калонӣ гузошта шуда, вай давомдиҳандаи кори бобоҳои пештара ва ё авлод ба ҳисоб мерафт. Бо мурури замон, бисёре аз маинюҳо, ки дар ибтидо мафҳуме беш набуданд, шахсият ёфта, ба худоёни бузурге мубаддал гардиданд. Масалан, худои оташ дар байни қавмҳои ведоӣ ба номи Агни ва қавмҳои авестоӣ Атар номида шуда, аз худоёни маҳбуб ва мавриди алоқаи онҳо ба шумор мерафт. Бисёре аз донишмандон муътақид ҳастанд, ки дар ибтидо Индра муҳимтарин худои ориёиҳо будааст. Ба ақидаи донишманди аврупоӣ Смит, Индра аввалин ва бузургтарин худои ориёиҳои нахустин буда, худои ҷанг ҳисоб мешудааст. Тавре ки дар Ригведа омадааст, вай дар нӯшидани сайма (ав. ҳайма) ҳамто надошта, дорои қудрати азими ҷанговарӣ ва соҳиби нерую тавони беканор мегардидааст.[1] Ориёиҳо ғайр аз Индра, Митра, Варуна ва Агни дорои худоёни дигар низ буданд. Яке аз хусусиятҳои худоёни ориёӣ иборат аз ин буд, ки дар ибтидо мазҳари унсури мушаххасе буда, баъдан ба ӯ хосиятҳои ҷадид илова мекарданд. Масалан, Индра дар ибтидо ҳамчун худои ҷанг зуҳур карда, баъдан ба он худовандии хушунат, раъду барқ, тӯфон, борон изофа карда шудааст. Митра бошад, дар аввал худои нигоҳбони аҳду паймон буда, баъдан ҳамчу худои ҷанг, пирӯзӣ, фурӯғ, рӯшноӣ, ҳофизи хонавода маъруф гардид.[2]

Ориёиҳои ғарбӣ, ки миёни юнониён бо номи скиф ё сак маъруф буданд, дар ҳазораи охирини қабл аз мелод дар қаламрави

[1] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 16.
[2] *Куман Ф.* Оини пурразму рози митроӣ. – С. 24-25.

васеъ зиндагӣ карда, то дарёҳои Днепр ва Днестр густариш ёфта буданд.[1] Муаррихону нависандагони юнонӣ ва румӣ дар бораи скифҳои шимоли баҳри Хазар ва Сиёҳ, ки ба онҳо наздик буданд, бештар маълумот додаанд. Ҳеродот бошад, як боби «Таърих»-и худро ба онҳо бахшидааст. Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки юнониҳо тамоми халқҳои ғайриюнониро барбар гуфта, нисбат ба скифҳо низ муносибати хайрхоҳона надоштанд. Вале сарфи назар аз ин, аз асарҳои муаррихон ва нависандагони Юнону Рум, ки дар бораи скифҳо ё сакҳо навиштаанд, муълумотҳои нодир ва пуразиши таърихӣ ёфтан мумкин аст. Масалан, Ҳеродот дар бораи эътиқодоти скифҳои ин минтақа менависад: «Онҳо фақат худоёни зеринро тақдис мекунанд. Пеш аз ҳама Гестияро баъд Зевс ва Геяро (онҳо Геяро ҳамсари Зевс ҳисоб мекунанд). Пас аз онҳо Аполлон ва Афродитаи осмониро, Геракл ва Аресро. Ин худоёнро ҳамаи скифҳо намоз мегузоранд, скифҳои шоҳӣ бошанд ба илова ба Посейдон ҳам қурбонӣ нисор мекунанд. Дар забони скифӣ Гестия – Табити номида шуда, Зевс (ва ба назари ман, комилан дуруст аст) – Папей номида мешавад. Гея-Апи, Аполлон Гейтасир, Афродитаи осмонӣ – Аргимпаса, Посейдон – Фагимасад».[2]

Дар ин ҷо мушоҳида мешавад, ки сохтори зиндагии худоёни скифҳои шимоли баҳрҳои Хазар ва Сиёҳ бо сохтори динҳои куҳани ориёӣ комилан мувофиқат мекунад. Фақат номҳои зинаҳои мухталиф аз номи худоёне, ки дар Ригведа ва Авесто зикр шудаанд, мутафовит аст. Яке аз муҳаққиқони навини рус, ки мавзӯъро мавриди пажӯҳиш қарор додааст, дар бораи матни боло менависад. «Агар фикр кунем, матни мазкури Ҳеродот аз ҳама нофаҳмо ва мармуз ба чашм мехӯрад, ҳатто ҷолибтар аз ҳикояҳо дар бораи гипербориягиҳо ва амазонкаҳо. Аввалан, худи дастаи худоёни скифҳо бисёр ҷолиб ҳастанд. Пеш аз ҳама дар миёни худоёни аз ҳама дӯстдоштаю муҳтарами кӯманчиҳои ашаддӣ ногаҳон дидани Гестия – худованди учоқи хонаводагӣ тааҷҷубовар аст. Гея – худованди кишоварзист ва тамоман нофаҳмо аст, ки сокинони хушкигарде, ки аз ким-кадом даштҳои Осиёи Миён ба Аврупо омадаанд, Посейдон – ҳокими баҳру уқёнусҳоро ситоиш мекунанд. Сониян, ба суханони худ идома медиҳад И. Коломийтсев, маълум мешавад, худоёни скифҳо ба

[1] *Тамара Т. Райс.* Скифы. М. 2004. – С. 11.
[2] *Геродот.* История. М. 2006. – С. 253.

сокинони Олимп[1] чандон шабоҳат доранд, ки Ҳеродот бидуни хиҷолат номи юнонии онҳоро зикр мекунад. Аз ин чунин хулоса мешавад, ки асотири эллинҳо бо дини сокинони даштҳои шимоли баҳри Сиёҳ амалан якхела аст, ба истиснои ҷузъҳои алоҳида, масалан, Гея ба сифати зани Зевс.[2] Албатта тавре ки баъзеҳо ақида доранд, чунин пешбинӣ кардан мумкин аст, ки скифҳо бовардоштҳои мазҳабии худашонро аз мусофирони юнонӣ, ки дар асрҳои VI-V то мелод Понти Евксинро маскани худ ихтиёр намуданд, ба орият гирифта бошанд. Вале худи Ҳеродот дар бораи хусусиятҳои скифҳо чунин менависад; «Скифҳо мисли соири халқҳои дигар аз расму суннатҳои бегона шадидан гурезон ҳастанд. Онҳо на танҳо аз расму анъанаҳои халқҳои дигар, балки бахусус, юнонӣ канорагирӣ мекунанд».[3] И.Коломийтсев мулоҳизаронии худро чунин ҷамъбаст мекунад. «Аз ҳама ҷолиб он аст, ки Ҳеродот номи худоёни скифҳоро зикр карда, дар бораи лақаби скифии Зевс, ки дар миёни кӯчманчиён ҳамчун Папей маъруф аст, ногаҳон ёдовар мешавад ва мегӯяд, ки ба назари ӯ ин ном нисбат ба истеъмоли он дар миёни юнониён комилан дуруст аст. Тасаввур кунед, ки юнонии ориф, намояндаи миллат, ки нисбат ба ҳамаи ҳамсояҳо бидуни истисно бо такаббуру ҳавобаландӣ муносибат мекунад, ногаҳон эътироф менамояд, ки номи худои бузурги пантеони эллинӣ, падари тамоми худоён, дар забони кӯчманчиён нисбат ба забони худаш дурусттар ифода гардидааст. Папей: беҳтараш «папай», бе шакку шубҳа аз калимаи ориёни падар, бобо гирифта шудааст… Зоҳиран, худои бузурги эллинҳо замони пеш чунин ном дошта, ҳанӯз хотираи он дар даврони Ҳеродот аз хотирҳо маҳв нашуда будааст.[4]

Донишманди даниягӣ Артур Кристенсен муътақид аст, ки бовардоштҳои ориёиёни эронӣ ва ориёиёни ҳиндӣ дар ибтидо муштарак буда, вале он бо гузашти замон ва бахусус пас аз ҷудоӣ ва раҳсипор шудани онҳо ба сарзаминҳои таърихии худ аз ҳам тафовут пайдо кардааст. Бо вуҷуди он ки аксари худоёни онҳо муштарак будаанд, вале тафовуте миёни гурӯҳҳои худоёни калонтарини онҳо мавҷуд будааст. Дар ҷомеаи ориёӣ ду гурӯҳи

[1] Олимп баландтарин қаторкӯҳ дар Юнон буда, мутобиқи мифологияи онҳо маҳалли зиндагӣ ва буду боши худоёни юнонӣ бо сардории Зевс мебошад.
[2] *Коломийцев И.* Тайны великой Скифии. М. 2005. – С. 49.
[3] *Геродот.* – С. 259.
[4] *Коломийцев И.* Тайны великой Скифии. – С. 51.

худоён вуҷуд доштаанд, ки як дастаро девҳо мехонданд ва дар сари онҳо худои ҷангҷӯ бо номи Индра қарор дошт ва дастаи дигарро асураҳо (ба эронӣ аҳураҳо) мегуфтанд ва сардастаи онҳо Варуна ва Митра буданд. Бисёре аз донишмандон бар онанд, ки Маздои эрониён, ки бо маънои доно ва бузургтарин аст, ҳамон Варунаи қадим аст, фақат ин ном бо мурури замон аз хотири ориёиёни эронӣ фаромӯш шудааст. Ба ақидаи А.Кристенсен «аз лаҳзаи вуруди эрониён ба арсаи таърих мо ба ду шакли мухталифи мазҳаби ибтидоии онҳо бархӯрд мекунем: як даста бо парастиши Митра машғуланд, ки дар ин ҳангом дар раъси девҳо (ба маънии изадон) қарор дорад ва дастаи дигар, ки худои бузурги онҳо Аҳуромаздо мебошад».[1]

Дар ин давра дар атрофи Митра чунин худоёне мисли Рашну (худои ростӣ ва озмоиши динӣ), Срауша (худои итоат ва уммат), Аши (олиҳаи борварӣ ва заношӯӣ), Веретрағна – худои ҷанг ва пирӯзӣ, Хварена ё Фарр – худои ҷалолу иқболи шаҳриёрӣ гирд омада буданд. А.Кристенсен ва муҳаққиқи шведӣ Г.Нюберг чунин мешуморанд, ки Зардушт маҳз дар ҳамин давра ба арсаи таърих омада, ба зидди бисёрхудоӣ ва политеизм қиём кард ва оини яктопарастии зардуштияро бунёд намуда, онро бар пояи мустаҳками тавҳидӣ устувор намуд.[2]

2. МЕҲРПАРАСТӢ

Меҳр яке аз худовандони бузурги то замони Зардушт буда, дар атрофи худ гурӯҳи худоёни дигарро низ муттаҳид кардааст. Калимаи меҳр аз решаи ҳиндуориёии Mith буда, ба маънии асос, реша ва бун аст. Аз ҳамин реша дар Авесто калимаи маесаня (maethanya), ки зиёд истеъмол шуда, мафҳуми хона, бум, маконро доро аст, имрӯз дар забони тоҷикӣ ба меҳан мубаддал гардидааст. Меҳмони имрӯзаи мо ҳам аз ҳамин реша буда, маесман (maethman)-и авестоист. Юсти Меҳрро ба маънии зикршуда баён карда, онро воситае миёни олами моддӣ ва нури азалӣ медонад. Маънии он робита миёни парвардигор ва офаридагон аст.

Эътиқод ба ин худованд дар замонҳои ниҳоят куҳан падид омада, решаи амиқи табиӣ ва таърихӣ дорад. Боварӣ ба ин илоҳӣ

---

[1] *Кристенсен А.* Эрон дар замони Сосониён. – С. 48-49.
[2] *Нюберг С.* Динҳои Эрони бостон. – С. 65-66.

марбут ба замоне мебошад, ки ҳанӯз ҳиндуҳо ба сарзамини имрӯзаи худ – Ҳиндустон ва эрониён ба ватани муосирашон – Эрон кӯч набаста буданд. Осори бостонитарин бо номи ин худованд, лавҳаҳои гилие мебошанд, ки дар соли 1907 мелодӣ дар Каппатука, дар ҷое бо номи Бағозкӯй, воқеъ дар Туркияи имрӯза кашф ва ба асри XIV то мелод нисбат дода шудааст.[1]

Ин эътиқод дар ҳазораи 2 то мелод дар дили Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омада,[2] оҳиста-оҳиста тамоми Осиё ва баъдан Аврупоро фаро гирифт ва дар асрҳои нахустини мелодӣ бо дини насронӣ ба ба мубориза бархост. Чун ин дин эътиқоди политеистӣ ва бисёрхудоӣ буда, дар тайи ҳазораҳо ба он дар Осиё ва Аврупо шоху баргҳои наве илова карда буданд, дар садаи Ivмелодӣ ба муқовимати дини ҷадиди насронӣ тоб наоварда, ҷойи худро ба он дод. Оини меҳрпарастиро барои он дини пуррамзу роз хондаанд, ки дар худи ҳамон замонҳои қадим барои пайравони он низ дар атрофи оин ҳиҷоби сирру асрор ба вуҷуд овард, маросим ва расму суннатҳои намозу ситоиш дар ғорҳо ва зерзаминҳои махсус, ки муносиби қонунҳо ва дастури дини меҳрпарастӣ канда мешуд, пӯшида ва сиррӣ анҷом мегирифтанд. Авестошиноси шведӣ Г. Нюберг ва шогирдони ӯ оини меҳрпарастиро яке аз оинҳои қадимтарини пеш аз Зардушт ҳисоб мекунанд.[3]

Дини яктопарастии зардуштия минбаъд ҷойи оини Меҳрро гирифт ва мақому мартабаи Меҳрро ҳамчун худованд бикост, вале чун ба вай эътиқоди фаровон доштанд, ақидаю тасаввуроти мардумро дар бораи меҳрпарастӣ дигар накарда, онро ҳамчун ёвари Аҳуромаздо дар Авесто дохил кард.

Аз ин рӯ, дини ҷадиди яктопарастии маздаясно дар Авесто симо ва вазифаҳои пештараи Меҳрро нигоҳ дошт. Дар Авесто Аҳуромаздо худованди яккаю ягона эълон карда шуда, дар асоси бандҳои 1 ва 82 Меҳряшт Меҳр ба офарида ва ёвари Аҳуромаздо мубаддал гардид. Вале агар ба Авесто амиқ назар афканем, мушоҳида хоҳем кард, ки бо вуҷуди он ки Меҳр дар он бузургии пештараи худро аз даст додааст, вале дар Меҳряшт эътибор ва мақому манзалати баланди худро ҳифз кардааст. Дар банди

---

[1] *Мейе А.* Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков М. -Л., 1938. – С.88.

[2] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 15; *Разӣ Ҳ.* Оини меҳр. Ҷ.I.– С. 55-56. *Ризоӣ А.* Таърихи тамаддун ва фарҳанги Эрон. Теҳрон, 1381. – С. 704.

[3] *Нюберг С.* Динҳои Эрони бостон. – С. 79.

аввали ин яшт Аҳуромаздо дар суҳбат бо паёмбари худ Зардушт мегӯяд, ки фариштаи Меҳрро дар эҳтиром, намоз ва ситоиш баробари худ офаридааст. Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки Аҳуромаздо дар Авесто фақат ду фариштаро, ки худоёни бозмондаи то давраи Зардушт ҳастанд, ҳамтирозу ҳамвазни худ медонад: Апам Напот ва Меҳр. Маҳалли пайдоиш ва ватани оини меҳрпарастӣ дар Меҳряшт чунин баён карда шудааст: «нахустин эзиди минавӣ, ки пеш аз дамидани хуршеди ҷовидонаи тезасп бар фарози кӯҳи Ҳара барояд. Нахустин касе, ки ороста бо зеварҳои заррин, аз фарози он кӯҳи зебо сар бароварад. Аз он ҷост, ки Меҳри бисёр тавоно бар ҳамаи хонумҳои ориёӣ бингарад (банди 13); он ҷо, ки шаҳриёрони далер, размоварони бисёр иҷтимоъ кунанд (саф ороянд), он ҷо ки чорпоёнро кӯҳсорони баланд ва чарогоҳҳои фаровон аст; он ҷо ки дарёҳои жарфу паҳновар аст, он ҷо ки рӯдҳои паҳновар ва Новтог ба анбӯҳи ҳезобҳои хурӯшон ба Ишката, Парута бархӯрда ва ба сӯйи Марв, Ҳирот ва Суғду Хоразм мешитобад (бандҳои 13, 14).[1]

Меҳрро фариштае медонанд, ки пеш аз баромадани Офтоб бо ҳолаи дурахшон аз болои кӯҳи Ҳара Березайти сар бароварда, ба ободгоҳҳои ориёӣ назар мекунад. Дар банди 14 аввалин номи чуғрофие, ки зикр гардидааст, Новтог мебошад. Бино ба маълумоти Бундаҳишн боби 20, банди 24 (чопи Вэст ва Анклессария), Минӯи хирад, боби 27, банди 44 Новтог рӯде аст, ки Афросиёб подшоҳи Тӯрон хатти сайри онро тағйир дода, ба кӯли муқаддаси Чаечест пайваст кард. Ин далелро муҳаққиқони аврупоӣ низ таъйид кардаанд.[2] Ҳамаи сарчашмаҳо аз ҷумла муаррихони тоҷик мавқеи Тӯронро дар Осиёи Марказӣ муайян кардаанд.[3] Ҳ. Муъминҷонов кӯли Иссиқ ва гирду атрофи онро ватани Афросиёб медонад.[4]

Аксари аъзами номҳои чуғрофии дигаре, ки дар банди 14 Меҳряшт зикр шудаанд, ҳамчунин дар Осиёи Марказӣ воқеъ мебошанд. Яке аз муҳаққиқони франсавӣ Франс Куман, ки дар ин замина дар охири асри XIX ва аввали асри XX таҳқиқоти ҷолибе анҷом додааст, ватани дини Меҳрро Осиё медонад.[5]

---

[1] Авесто. Тарҷумаи Ҷ.Дӯстхоҳ. Ҷ.I. – С. 356.
[2] *Кристенсен А.* Каёниён. Теҳрон. 1381. – С.129.
[3] *Яъқубов Ю.* Религия древнего Согда. – С.31.
[4] *Муъминҷонов Ҳ.* Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. – С. 206.
[5] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 15.

Зеҳнер Р.С. Бошад ба Осиёи Миёна ҳамчун хостгоҳи оини меҳрпарастӣ ишора кардааст.[1] Нисбати ин ки оини меҳрпарастӣ аз ҳисоби сарватҳои маънавии динҳои маҳаллӣ дар Байнаннаҳрайн ва Осиёи Хурд ташаккул ёфта, ба Арупо рахна кард, дар мавзӯи ватани ин оин ақидаҳои дигар низ мавҷуд аст. Масалан, Плутарх – муаррихи юнонӣ, ки дар садаи аввали мелодӣ зиндагӣ кардааст, хостгоҳи оини меҳрпарастиро Анатолия (Осиёи Хурд) медонад. Муҳаққиқи муосир Викандер С. бошад, нимҷазираи Балканро ҳамчун ватани аслии дини меҳрпарастӣ пешниҳод мекунад.[2]

Устурашиноси маъруфи эронӣ Меҳрдоди Баҳор зуҳури дини Меҳрро ба марҳилаи муайяни инкишофи ҷамъият пайваста, чунин менависад: «аз ин рӯ, бояд таҳаввули шахсияти Меҳрро дар Меҳряшт натиҷаи вазъи хос ва тозаи ориёиён дар Осиёи Миёна донист. Дар ин давра дар Осиёи Миёна шаҳракҳо ва қабилаҳо бо якдигар муттаҳид мешаванд ва даврони падид омадани шоҳаншоҳӣ дар миёни қавмҳои ориёӣ оғоз мешавад».[3] Ҳошим Разӣ донишманди дигари эронӣ, ки дар меҳрпарастӣ таҳқиқоти фаровон анҷом додааст, Варорӯд – сарзамини миёни дарёҳои Сиру Ому, дақиқтараш Суғдиёна – ҳудуди Самарқандро сарзамини хостгоҳи дини меҳрпарастӣ медонад. Нисбати ин ки маросими асосии дини меҳрпарастӣ марбут ба Гов, кушта шудани он ва аз ҷисми ӯ падид омадани ашёи мухталифи ҷаҳони моддӣ аст, дар Авесто Суғд ё Суғдиёна бо исми Гава ё Гава шаена омадааст. Ҳошим Разӣ барои исботи ақидаи худ чунин менависад: «Гава исми ҷинс аст ва бо маънои чорпоён чун гову гӯсфанд ва ба эҳтимол гов, ки дар мавридҳои гуногун шоҳидҳое ҳам барои он ҳаст, дар таркиби Гава шаена ва Гава шити, ки бештар барои сарзамини Суғд корбурд дорад, мафҳуми сарзаминеро ифода мекунад, ки чарогоҳ аст ё сарзамине, ки дар он чарогоҳи фаровон дорад. Дар ин ҷо низ ҳамчун низоми зиндагӣ ва маишатии мардуми даврони госоии зардуштӣ бо мардуми чӯпон ва галадор рӯ ба рӯ ҳастем, ҳарчанд соҳаи кишоварзӣ низ дар канори чӯпонӣ гоҳ-гоҳ ба назар мерасид ва истилоҳоте далел бар он аст, ки дар Авесто ҳаст».[4]

---

[1] *R.S. Zaeher.* Zurvan. A Zoroastrian Dilemma. 1972. - p. 18.
[2] *Стеблин-Каменский И.М.* Авеста. М. 1993. – С. 6-7.
[3] *Баҳор М.* Аз устура то таърих. Теҳрон, 1381. – С. 30.
[4] *Разӣ Ҳ.* Оини Меҳр. Ҷ.І. – Теҳрон, 1381. – С. 55-56.

Мувофиқи ақидаи аксари донишмандони авестошинос, тамоми матнҳои Авесто арзиши якранг надошта, бахшҳои мухталифи он ба замонҳои гуногун мансуб мебошанд.[1] Онҳо танҳо таронаҳои шахсии Зардушт, Ҳафтҳот, Яштҳои 5.10,13,14, ва 19-ро аз қисматҳои куҳани Авесто ҳисоб мекунанд.[2] Яшти даҳум, ки мавсум ба номи фариштаи Меҳр аст. аз ҷумлаи онҳо мебошад. Дар ин яшт, ки ба замони пеш аз ҳазрати Зардушт мансуб аст, симо ва вазифаҳои асосии худои Меҳр инъикоси худро пайдо кардааст. «Меҳряшт» яке аз яштҳои зеботарин, ҷолибтарин ва дилкаштарини Авесто буда, дар он пиромуни гузаштагони дури мо, тарзу усули зиндагии сода, вале сарбаландонаи онҳо маълумоти гуногун нуҳуфта аст. Яшти мазкур аз ҷиҳати ҳаҷм низ калон буда, дорои 146 банд мебошад.

Зикр кардан зарур аст, ки мақоми худои Меҳр дар Ведоҳо низ баланд мебошад. Бо вуҷуди он ки ду оини ҳиндуориёиёҳо аз ҳамдигар тафовутҳои куллӣ доранд, вале дар мавриди худованди Меҳр аксаран дорои нуктаҳои муштарак мебошанд. Меҳр (Митра) дар ҳарду оин худовандгори рӯшноӣ, нур ва осмон аст. Аз дидгоҳи симо ва вазифа вайро пуштибони ростӣ ва душмани сарсахти дурӯғ ва роҳи каҷ муаррифӣ кардаанд.

Дар Меҳряшти Авесто Меҳр ҳамчун худои нуру равшаноӣ пеш аз баромадани Офтоб аз фарози қуллаҳои кӯҳ медурахшад. Дар бисёр мавридҳо дар адабиёти классикӣ ва имрӯзаи тоҷик Меҳр муодили Офтоб ва Хуршед омадааст. Дар Меҳряшт Меҳр равшаноӣ ва фурӯғест, ки пеш аз баромадани Офтоб зуҳур карда, файз, баракат, фазояндагӣ ва болидагии ҷаҳони моддиро таъмин мекунад (банди 5).

Дар саросари Меҳряшт вай хушёру бедор дар фарози осмон бо гардунаи чаҳораспаи худ метозад ва зиндагии муътадили мардумро посбонӣ мекунад (банди 7). Вай тамоми рӯз рӯйи тезаспи худ осмони паҳноварро гардиш карда, шабҳангом низ бо анвори хеш ба ҷаҳон равшаноӣ мебахшад (банди 7).

Дар Авесто фариштаи Меҳр бо ду унвони бузург ва ифтихорӣ хитоб шудааст: дорандаи даштҳои васеъ ва соҳиби ҳазор гӯшу ҳазор чашм (банди 35) На хуршед, на моҳ, на ситора, балки Меҳр бо ҳазор гӯшу ҳазор чашм ҷаҳонро назорат мекунад, ҳама чизро

---

[1] *Стеблин-Каменский И.М.* Авесто. М. 1993. – С. 6-7.

[2] *Кристенсен А.* Каёниён. Теҳрон, 1381. – С. 14; Маздопарастӣ дар Эрони қадим. Теҳрон, 1376. – С. 77.

мешунавад, ҳама чизро мебинад ва ҳеҷ кас вайро фиреб дода наметавонад. (банди 24) Аз ин рӯ, вай худовандгори бузург буда, тамоми аъмолу кирдори мардумро мушоҳида мекунад. Вай душмани сарсахти дурӯғ ва паймоншиканон аст.

Ҳамон худованди бузурге, ки мардум ҳангоми паймон бастан, қарор гузоштан, ваъда кардан вайро ҳамчун шоҳид дар миён меоваранд (банди 26) Вай пуштибон ва ҷонибдори касест, ки ба аҳд вафо кунад, қарори гузоштаро иҷро намояд, ваъдаро анҷом диҳад. Вай душмани сарсахти паймоншиканон аст (банди 23). Вай хуршед нест, вале нуру равшане аст, ки торикиро пароканда месозад. Ба замин зиндагӣ ва шодмонӣ ҳадя мекунад. Бо ҳаракати нури худ табиатро афзоянда ва файзбор мегардонад (банди 16). Чун Меҳр фармонравои даштҳо ва майдонҳои васеъ аст, рушду боландагӣ ва неъмату баракати гала, ҳайвонот ва фарзандонро таъмин мекунад (банди 65). Обро аз осмон ба замин ҷорӣ карда, сабаби сабзиши гиёҳ мешавад ва ба пайравон ва ситояндагони худ тандурустӣ, сарват, фарзанд ва гала мебахшад (банди 61), дороӣ ва сарватро дар сари роҳи зиндагии муъминон пароканда, ба онҳо баракати маънавӣ эҳдо мекунад (банди 66).

Худованди Меҳр сарват, фарзанд ва хонаводаи некро бо оромии равонӣ, хирадмандӣ, некномӣ, беҳрӯзӣ пайваст намуда, сабаби ҳамбастагӣ, якдилии муъминон ва ситоишгарони худ мешавад (бандҳои 73,74).

Меҳр девҳоеро, ки дар торикӣ ба сар мебаранд ва сабаби интишори гуноҳу нофармонӣ, нопокӣ, хушкӣ ва бебаракатии замин мешаванд, дур меронад (банди 99). Вай бо бедорӣ ва ҳушёрии ҳамешагӣ офариниши Аҳуромаздоро нигоҳбонӣ мекунад. Ҳамеша бо амалу бадкинагии Аҳриман ва ҳамкорони гуноҳпешаи ӯ дар мубориза аст (банди 97). Фариштаи Меҳр бо аслиҳа ва ҷангафзорҳои беҳтарин оростаю мусаллаҳ буда, аз фарози Осмон душманонро мепояд (банди 96). Ба каҷраҳон ва душманон якбора чун тӯфон ҳамла намуда, онҳоро шикаст медиҳад ва нобуд месозад. Ҳангоми ҷанг чун лашкари душман саф ороят, тиру хадангҳои онҳоро ба ҷониби дигар баргардонида, пайравони худро муҳофизат мекунад (банди 91). Вай ба касоне навиди ғалаба ва пирӯзиро мерасонад, ки неккирдору покдин буда, вайро бо ситоишу маросим ибодат намоянд, бо эҳтиром барояш қурбонӣ кунанд (бандҳои 119-120).

Агар аз як сӯ мушаххасоти табиат ва хислату вазифаҳои Меҳр, ки боло зикр гардид ва дар Авесто сабт шудаанд, заминаи мустаҳкаме барои интишори минбаъдаи он дар Осиёи ғарбӣ, шимоли Африқо ва Аврупо гардида бошад, сиёсати мазҳабии подшоҳони ҳаҳоманишӣ заминаи хуби дигари он гардид.[1] Дини зардуштӣ, ки бо қабилаҳои эронӣ аз Балх ба сарзамини муосири Эрон интиқол дода шуд, мазҳаби нахустин подшоҳони ҳахоманишӣ гардид. Дорои I дар сангнавиштаҳои худ дар кӯҳи Беҳсутун Аҳуромаздо беш аз 20 маротиба зикр карда, вайро худованди бузург меномад. Зоҳиран қабилаи эронӣ ба ватани ҷадиди худ на танҳо дини Зардушт, балки эътиқодҳои қадимаи ориёиро низ бо худ оварда буданд. Дар Бобул, Калда, ки яке аз марказҳои мазҳабии ҷаҳони бостон буда, ҳанӯз бовариҳои қадима, ки бо расму суннатҳои меҳрпарастӣ наздик ва ҳамранг буданд, вуҷуд доштанд. Баъд аз Дорои I миёни подшоҳони ҳахоманишӣ эътиқодот ба Меҳр ва Аредвисура Анаҳито торафт бештар шуда, онҳо оҳиста-оҳиста мавқею манзалати пештараи худро ба даст меоварданд.[2]

Дяконов И.М. дар садаҳои VI-IV то мелод дар қаламрави Мод истеъмоли васеи номҳо бо таркиби Митраро хотирнишон карда, хулоса баровардааст, ки аз рӯйи далелҳои мавҷуд дар асрҳои IX-VI то мелод номҳое, ки эътиқод ба Аҳуромаздоро нишон медиҳад, бештар истеъмол мешудааст.[3] Дар Бобул, Калда ва баъдан дар Осиёи Хурд бошад пайравон аз Меҳр худои бузург ба вуҷуд оварда, дар атрофи ӯ суннатҳои дини алоҳидаро танзим намуданд ва маросимҳои фаровони қурбонӣ мураттаб карда, вазифаҳои Аҳуромаздоро низ ба ӯ вогузор намуданд.[4]

Дар сарзамини ориёиҳо, бахусус дар асри авестоӣ сол ба ду фасл тақсим мешуд: тобистон (ната) ва зимистон (заяна). Ҷашни Наврӯз ҷашни оғози тобистон ва Меҳргон ҷашни оғози зимистон буд. Ба ифодаи Абӯрайҳони Берунӣ аз замонҳои қадим шонздаҳуми моҳи меҳр (2 октябр) ҷашни бузурги Меҳргон доир мегардид, ки дар Эрони бостон онро митракана (ҷойи Меҳр, ҷони Меҳр) мехонданд.[5] Ин ҷашн дар саросари Осиё, бахусус дар Бобул

---

[1] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.IV. – С. 2020 –2021.
[2] *Дандамаев М.А.* Политическая история Ахеменидской державы. М., 1985. – С. 73.
[3] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 373.
[4] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 31.
[5] *Берунӣ А.* Осор-ул-боқия. Чопи Захау. Теҳрон. 1331.– С. 222-225.

ва Осиёи Хурд васеъ ҷашн гирифта мешуд. Дар чунин ҷашнҳо рӯҳониёни оини меҳрпарастӣ пеш-пеши ҷамъият ҳаракат мекарданд.

Ктесий – муаррихи юнонӣ, ки дар дарбори подшоҳони ҳахоманишӣ зиндагӣ кардааст, навиштааст, ки ҷашни рӯзи Меҳрро подшоҳон бо фарру шукӯҳи хоссае баргузор мекарданд. Шоҳон ҳеҷ гоҳ дар бодахорӣ ифрот намекарданд ва маст намешуданд, ба истиснои рӯзи ҷашни Меҳр. Дар чунин рӯз онҳо ҷомаи арғувонӣ бар тан карда, бода менӯшиданд ва дар ҷамъомадҳои шодию сурури умумӣ ширкат меҷустанд. Дар ин маросим қурбонӣ фаровон анҷом мегирифт.[1] Бино ба навиштаи Ҳеродот ҳатто Хишоёршоҳ пас аз забти Юнон ба Афинаи Троя 1000 гов қурбонӣ карда буд.[2]

Аммо ба ақидаи донишманди франсавӣ Франс Куман дар Аврупо ҷашни Митра 25 декабр, ки рӯзи таваллуди ӯ буд,[3] доир мегардид. Маросими маъруфи куштани Гови нахустин, ки дар садҳо ҳайкал, муҷассама ва тасвирҳои Митра, ки аз саросари меҳробаҳои Аврупо пайдо шудааст, дар ин рӯз баргузор мегардид.[4]

Дар давлати Мод (асрҳои VII-VI то мелод) низ ба ифодаи олими рус Дяконов И.М., дар миёни эзидони дигари маздоӣ ба Меҳр бартарӣ дода мешуд.[5] Донишманди дигари рус Иванов М.С. чунин мешуморад, ки интишори дини Зардушт дар сарзамини имрӯзаи Эрон дар садаҳои VI-V то мелод оғоз гардида, қабл аз он мардум ба худоёни дигаре, ки аз Осиёи Миёна бо худ бурда буданд, яъне Аредвисура Анаҳито ва бахусус Митра эътиқоду боварии хосса доштанд.[6]

Баъд аз Бобул ва Калда маҳалли пешрафти оини меҳрпарастӣ Осиёи Хурд гардид. Дар сарзамини Лидия, ки ҳанӯз аз ҷониби подшоҳи нахустини империяи ҳахоманишӣ Куруш тасарруф шуда буд,[7] ачром ва аносури самовиро парастиш мекарданд. Аз ин ҷиҳат дар ин ҷо ба зудӣ Меҳр ҳамчун худованди асосӣ пазируфта

---

[1] Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.4. Теҳрон, 1381. – С. 2020-2021.
[2] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 396.
[3] Баъдан бо зуҳури дини насронӣ, рӯзи таваллуди эзиди Митра ба рӯзи сууди ҳазрати Исо ва рӯзи аввали солшумории мелодӣ баргардонида шуд.
[4] *Куман Ф.* Оини пурразму рози митроӣ. – С. 31-171.
[5] *Дьяконов И.М.* История Мидии. – С. 402.
[6] *Иванов М.С.* Очерк истории Ирана. М., 1952. – С. 16.
[7] *Дандамаев М.А.* Политическая история Ахеменидской державы. – С. 23.

шуд. Дар ин ҷо худованди дигари бостонӣ Аредвисура Анаҳито низ амиқан раҳна карда ва мавриди ситоиш қарор гирифта буд.[1]

Страбон – ҷуғрофиядони юнонӣ, ки дар охири ҳазораи аввали пеш аз мелод дар Каппадокия зиндагӣ кардааст, ҳамчунин ин ҷашнро митракана номида, зикр намудааст, ки подшоҳи Арманистон ҳар соле дар рӯзи ин ҷашн ба шоҳаншоҳи ҳахоманишӣ 20 ҳазор той ё кураасп туҳфа мефиристод.[2] Чун ин донишманди бостонӣ солҳои тӯлонии зиндагии худро дар Эроншаҳр гузаронида, ба омӯзиши таърих ва расму оинҳои халқҳои гуногун, бахусус ориёиҳо вақф карда буд, дар ҷойи дигари асараш дар бораи анъанаҳои мардуми форс чунин менигорад: «расму суннатҳои форсӣ дар миёни ин халқҳо (ориёӣ), модҳо ва бисёр халқҳои дигар якранг аст … Онҳо Гелиосро, ситоиш карда ӯро Мифра (Митра) меноманд, ҳамчунин Селена ва Афродитаро (Анаҳито). Аз он баъд оташ. Замин, бодҳо ва обро (ситоиш мекунанд)». Вай анъанаҳои муғонро дар замони худ дар Каппадокия (Осиёи Хурд) батафсил баён карда, қайд мекунад, ки ҳамаи ин расму оинҳоро бо чашми худ дидааст.[3]

Аз гузориши ҷуғрофиянависи юнонӣ маълум мешавад, ки дар эътиқоду бовариҳои ин минтақа дар охири ҳазораи аввали пеш аз мелод худованди Митра дар мақоми муҳиме қарор доштааст. Ба ақидаи муҳаққиқи асри XIX-и рус Максутов В.П., Меҳр дар Рум тамоми салоҳиятҳои Аҳуромаздоро ба дӯши худ гирифта буд. Меҳрро дар он ҷо ҳамчун офарандаи ҷаҳон, Офтоб, сарчашмаи зиндагӣ ва поку беолоиш парастиш мекарданд.[4]Муҳаққиқи меҳрпарастӣ Ф.Куман чунин менависад: «Сабабу омили ин ки чаро то ин таърих оини меҳрпарастӣ дар мағрибзамин интишор наёфта буд, бегумон бояд сабабе дошта бошад». Ва ба суханони худ давом медиҳад: «Гап дар сари ин аст, ки соли 204 пеш аз мелод ситоиши Бузургмодар (MagnaMater) дар Рум ба сурати расмӣ даромад».[5] Дар ин ҷо саволе пеш меояд: империяи бузурге, ки бахшҳои се қитъаи бузурги ҷаҳонро дар зери тасарруфи худ дошт, ба кӣ эътиқод доштааст? Олиҳаи Бузургмодар ё Магна Матер кист? Муаллифи боло дар саҳифаи 186-и асар ба саволи худ чунин

---

[1] *Гиршман Р.* Эрон аз оғоз то ислом. Теҳрон, 1383. – С. 312.
[2] *Страбон.* География. М. 1994. – С. 499.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 680.
[4] *Куман Ф.* Оини пурразму рози митроӣ. – С.186.
[5] Ҳамон ҷо. – С. 186.

ҷавоб медиҳад: «Куҳантарин меҳробае (маъбаде), ки шинохта шуда, меҳробаест дар муҷовирати Митрон (маъбади Митра) маъбади Сибила (Анаҳито), ки дар Остия дорад. Ҳамин тавр шуд, ки парастиши Митра дар канори ин эзидбонуи фриягӣ дар саросари империя бо майлу рағбат густариш ёфт ва бо ҳамкориҳои шавқангезе идора ва роҳбарӣ мешуд… Пайравони Митра тавонистанд бо равиши муносиб ҷалби таваҷҷуҳи коҳинони Бузургмодарро ҷониби худ ҷалб намоянд. Ба ҳамин ҷиҳат тавонистанд аз ҳимояту пуштибонии ҳукумат ва аз дӯстии ҷомеаи оинии Бузургмодар баҳраманд шаванд. Дар низоми оини митроӣ фақат мардон ҳаққи ширкат ва узвият дар маросими розомези Митраро доро буданд. Ба ҳамин ҷиҳат андешаи интишор ва вусъати бештар талаб мекард, ки занон низ ба оини Меҳр ҷалб шаванд. Дар ин оини ориёӣ, ки дар канори оини Меҳр ба шукуфоӣ расид. (Аредвисур) Анаҳито то пойгоҳи Бузургмодар (MagnaMater) ҷойгоҳ ёфта ва шинохта шуд».[1] Сарфи назар аз он ки Зардушт парастиши худоёни пеш аз худро манъ карда буд, имону эътиқод нисбат ба баъзе аз онҳо дар дили мардум пойдор монда буд. Аз ҷониби дигар тағйири самти эътиқодоти подшоҳони ҳахоманишӣ ба интишори дини меҳрпарастӣ шароити мусоид фароҳам овард. Масалан, подшоҳони ҳахоманишӣ Ардашери II (солҳои 405-359) ва Ардашери III (солҳои 359-338) кушоду равшан дар катибахои худ ба Аредвисура Анаҳито рӯ оварда буданд.[2]

Бостоншинос ва авестошиноси франсавӣ Роман Гирман дар ин мавзӯъ менависад, ки худои Дорои I ва ду ҷонишини ӯ аз рӯйи сангнавиштаҳо Аҳуромаздо будааст. Баъдан ба суханони худ чунин идома медиҳад: «Аз замони Ардашери дуюм оини расмӣ бо бағоне, ки дар радифи Аҳуромаздо дар китобҳо ёд шудаанд, васеъ шуда меравад. Онҳо иборатанд аз Меҳр худои Хуршер, худои адолат ва қурбонӣ, ки худои бисёр куҳани ориёист ва Аноҳид (Аредвисура Анаҳито)-и худои обҳо, ҳосилхезӣ ва тавлид, ки таъсири ақоиди ғайриэрониро нишон медиҳад».[3] Гиршман Аредвисураро Артемиси юнонӣ мегӯяд, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунад.

---

[1] *Куман Ф.* Оини пурразму рози митроӣ. – С. 186.
[2] *Разӣ Ҳ.* Оини Меҳр. Ҷ.I. – Теҳрон 1381. – С. 227.
[3] *Гиршман Р.* Эрон аз оғоз то ислом. Теҳрон. 1383. – С. 183.

Хусусиятҳои дар боло зикршудаи Меҳр сабаб шуд, ки ситоиши ӯ на танҳо дар миёни табақаҳои иҷтимоии Эрон, балки дар миёни ҳамаи табақаҳои иҷтимоии Осиёи Ғарбӣ ва империяи Рим низ густариш ёфта, деҳқонон, сарбозон, ҳунармандон ва ҳатто подшоҳонро пайрави худ намояд ва ҳар як мувофиқи мавқеияти иҷтимоияш ба ин ё он хусусияти худои Меҳр такя кунад.[1] Ин оини нав дар Эрон бештар тобиши зурвонпарастӣ пайдо карда, дар Аврупо, ки ҷанбаҳои нав гирифта буд, бо номи меҳрпарастӣ ё митраизм маъруф гардид.[2]

Дар оини Меҳр Зурвон (дар Авесто, Зрвана акарена-замони бекарон) худои бузург буд. Пайравони худои Меҳр Аҳуромаздо низ ситоиш ва барои дур кардани шарри Аҳриман қурбонӣ мекарданд. Дар ин дин Меҳр, ки мазҳари равшаноӣ буд, дар миёни биҳишти Аҳуромаздо ва дӯзахи Аҳриман қарор дошт. Бинобар ин ба ӯ бо номи Меҳри миёнарав, Меҳри восита ва Меҳри миёнҷӣ муроҷиат мекарданд. Вай дар Авесто низ дорои чунин хосият буда, вайро неруи воситае миёни Худои Бузурги диданашаванда ва мардум медонистанд.

Меҳрпарастон ба худованди Меҳр афсонаҳои зиёдеро нисбат дода буданд. Яке аз ривоятҳои маъруфе, ки ба ӯ нисбат медоданд, иборат аз он буд, ки Меҳр аз сахрасанге таваллуд шуда, ҳангоми зода шудан бараҳна буд ва дар дасти рости худ ханҷаре дошт. Ривояти дигар ин буд, ки вай пас аз таваллуд шудан тасмим гирифт, ки қуввату неруи худро озмоиш кунад. Аз ин рӯ, вай бо Офтоб зӯрозмоӣ кард. Офтоб ба неруи вай тоб наоварда, ба замин афтод. Баъдан Меҳр ба вай ёрӣ дода, аз ҷой бархезонд ва ба ӯ дасти рости хешро дароз кард. Ду эзид дасти ҳамдигар гирифтанд. Ин амал мазҳари иттиҳоду иттифоқи Офтоб ва Меҳр буд.

Устураи дигари Меҳр, ки дар дини меҳрпарастӣ мақому мартабаи хоссае дорад, муборизаи эзиди Меҳр бо Гов мебошад. Мо ба ин масъала баъдан таваққуф хоҳем кард. Дар ин ҷо фақат чунин нуқтаро хотирнишон мекунем, ки дар оини меҳрпарастӣ мисли дини маздаясно кушта шудани гови нахустин сароғози офариниш ҳисоб мешавад.

Пайравони оини Меҳр дар рӯҳияи диловарӣ, нотарсӣ ва ҷанговарӣ тарбия мешуданд, зеро чунин гумон мекарданд, ки танҳо бо муборизаи оштинопазир бо неруҳои аҳриманӣ метавон

---

[1] История древнего мира. М. 1981. – С. 285-286.

[2] *Баҳор М.* Пажӯҳише дар асотири Эрон. Теҳрон, 1362. – С. 15-56.

ба пирӯзии охирин расид. Нисбати ҳамин хосияти худ, оини меҳрпарастӣ миёни сарбозон ва ҷанговарони империяи Рим таъсири васеъ пайдо карда буд.[1] Дар маросимҳои ин оин фақат мардоне иштирок карда метавонистанд, ки ба синни балоғат расида бошанд. Дар маросимҳои меҳрпарастӣ ба занон ҳаққи ширкат намедоданд. Дар миёни пайравони Меҳр, мақоми иҷтимоӣ ва сарвату бойгарӣ аҳамият надошт ва ҳамаи онҳо якдигарро «бародар» мехонданд. Вале дар баробари ин сарварон ва роҳбарони дин аз эҳтиром ва ситоиши фаровон бархӯрдор буданд.

Маросимҳои эзиди Меҳр маъмулан дар ғорҳои табиӣ анҷом мегирифт. Ин ғорҳо мазҳари осмони зебо буд. Сақфҳои маъбадро бо ситораҳо ва манзараҳои гуногуни осмонӣ ороиш медоданд. Чун покии ҷисму рӯҳ яке аз шартҳои асоси пайравони Меҳр буд, дар дохил ё наздики маъбад мебоист оби равон мегузашт. Аммо чун дар минтақаҳои ҳамвор ва шаҳрҳо, аксаран ғорҳои табиӣ вуҷуд надоштанд, ба шабоҳати ғорҳо дар зерзаминҳо бино месохтанд. Пайравон бо ёрии зинаҳои тӯлонӣ ба маъбад ворид мешуданд. Гоҳ зинаҳо то хонае мерасид, ки дар он ҷо пайравонро ба маросими динӣ тайёр мекарданд. Аз ин ҷо ба толори асосии маъбад ворид мешуданд. Сақфи маъбадро мисли осмони шабонгоҳ меоростанд.[2]

Аввалин маҳалҳои муносибе, ки дини меҳрпарастӣ дар онҳо интишор ёфт, Калда, Бобул ва Арманистон буд. Дар ин ҷо вай ҷойи Баал – худои Осмон ва Шамаш худои Хуршедро гирифт. Дар харобаҳои як маъбади зардуштӣ воқеъ дар наздикии шаҳри Порса, катибаҳое ба забони юнонӣ ёфтанд, ки дар он Аҳуромаздо, Меҳр ва Анаҳито бо номи юнонии Зевс, Аполлон ва Афина зикр шуда буданд.[3] Худоёни бобулӣ ва юнониро бо худоёни ориёӣ иваз карда буданд. Масалан, Аҳуромаздо бо Баал, Меҳр бо Шамаш, Анаҳито бо Иштар яке дониста шуда буданд.[4] Худои Шамаши бобулӣ мисли фариштаи Меҳр эзиди аҳду паймон ва адлу дод буд, мисли Меҳр дар фарози кӯҳсорон падидор мешуд ва мисли Меҳр масири ҳаррӯзаи худро бо гардунаи дурахшонаш дар Осмон мепаймуд. Чун подшоҳони ҷудогона дини Зардуштро мунҳариф

[1] *Махсутов В.П.* История древнего Востока. – С. 391-392.
[2] *Баҳор М.* Аз асотир то таърих. – С. 32-33.
[3] *Хартсфелд.* Таърихи бостон. – С. 44.
[4] *Кристенсен А.* Эрон дар замони Сосониён. – С. 56.

сохта, фариштагони ҷудогонаи ин оинро ситоиш мекарданд, заминаи муносиби инкишофи меҳрпарастиро ба вуҷуд оварданд. Онҳо мубадони гумошта доштанд, ки муғ ё маҷус номида мешуданд.[1] Мақоми ин муғҳо нисбат ба рӯҳониёни маҳаллӣ баландтар буда, имтиёзҳое доштанд, ки метавонистанд қудрату нуфузи муғҳои маҳаллиро маҳдуд кунанд. Аз ин рӯ, Бобул, Калда ва Арманистон ҷойгоҳе гардид, ки дини меҳрпарастӣ аз ин ҷо ба суръат густариш пайдо кард. Дере нагузашта он Байнаннаҳрайнро зери таъсири худ оварда, ба зудӣ дар Фригия, Галатия ва саросари Осиёи Хурд паҳн гардид.

Аз миён рафтани империяи Ҳахоманишӣ сабаби дигари босуръат паҳн шудани ин дин гардид. Искандар Эронро забт карда, бо дини неруманди маздаясно рӯ ба рӯ шуд. Вай китобҳои муқаддаси онро сӯхта, ба он мубориза оғоз кард. Сиёсати ӯро сарлашкарони юнонӣ, ки қариб 200 сол дар Осиё ҳукмронӣ карданд идома дода, дар Шарқ пуштибон ва тарафдори неруманди оини буддоӣ ва дар Ғарб оини меҳрпарастӣ буданд.[2]

Хонадонҳои подшоҳони юнонӣ, ки дар Понт, Каппадокия, Арманистон, Коммаген ва ғайра боқӣ монда буданд, гузаштаи худро бо Ҳахоманишиён пайваста, аз лиҳози фарҳанг, ахлоқ, маросим ва одоб бо ориёимаобӣ ифтихор мекарданд.

Бинобар ин онҳо аз парастиш ва эҳтироми эзидону худоёни куҳани ориёӣ як навъ эҳсосу ғурури ашрофӣ карда, ба ин васила худро ба нажоди ориёӣ мепайвастанд.[3] Мувофиқи одати меҳрпарастӣ, ки ростию покӣ пойдоркунандаи тоҷу тахти подшоҳӣ ва комёбию муваффақиятҳои он аст, ин тамоюл дар як сангнавиштаи Антиохи I Эпифан (солҳои 69-34 то мелод), ки дар Коммаген ҳукмронӣ мекард, боқӣ мондааст. Вай ба ҷойи Антиох номи Митридасро интихоб карда, рӯзи 16 меҳрро, ки рӯзи ҷашни Меҳргон буд, рӯзи таваллуди худ эълон кард. Вай дар ин лавҳа навишта буд, ки аз ситоиши эзидони мавриди парастиши ниёгони худ, ки дорои анъанаҳои ориёӣ ва юнонӣ аст, бисёр хушнуд мебошад. Вай барои Митра маъбадҳои ҷадид бунёд кард, аз муғон тақозо карда, ки дар маросимҳои мазҳабӣ бо либосҳои махсуси

---

[1] *Куман Ф.* Оини паррамзу рози митроӣ. – С. 32.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 33.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 34.

мубадони ориёӣ ҳозир шаванд ва маросими расму одоби он низ ба ҳамон шакл анҷом дода шавад.[1]

Тавре ки зикр гардид, қадимтарин далели ошкоре, ки дар бораи ин дини ориёӣ мавҷуд аст, пайнномае аз соли 1380 то мелод мебошад, ки дар Осиёи Хурд пайдо шуда, миёни подшоҳи Хетҳо – Суппилулиум ва подшоҳи сарзамини Митонӣ Маттиваза баста шудааст. Дар ин паймон бори нахуст номи худовандони Митра ва Варуна, Индра ва Насатя оварда шуда, пайванди муштараки ин ду ҳанӯз ба даврони ҳиндуориёӣ ишора мекунад.[2] Чун Митра дар эътиқоду бовариҳои ҳиндуориёиҳои бостон мазҳари ростӣ ва аҳду паймон буда, зоҳиран номи ӯ ба хотири нигоҳбонӣ ва назорат болои иҷрои паймон оварда шудааст. Дар бораи сарнавишти минбаъдаи оини меҳрпарастӣ дар ин сарзамин то даврони забти он аз ҷониби империяи Ҳахоманишӣ, ки дар миёнаҳои садаи VI то мелод сурат гирифт, маълумоти дақиқ надорем. Вале маълум аст, ки забти ин сарзамин омили густариши фарҳанги ориёӣ гардид.

Тавре ки дар боло зикр шуд, сиёсати мазҳабии подшоҳони ҷудогонаи ҳахоманишӣ ва бахусус суқути ин силсила шароити маънавии навине падид овард. Агар дар давраи Ҳахоманишиён сарзамини Бобул, Калда (Мод) ва Арманистон ба марказҳои меҳрпарастӣ мубаддал гардида бошанд,[3] дар охири салтанати онон, бахусус дар давраи ҳукмронии сарлашкарони юнонӣ чунин марказ ба Осиёи Хурд интиқол ёфт.

Франс Куман дар бораи мақоми меҳрпарастӣ дар Осиёи Хурд дар миёни шоҳон ва аҳолии ин минтақа менависад: «аммо Митра дар миёни эзидони ориёӣ мақоми бартару арҷмандтар пайдо карда ва ӯро ба навъе бузург донистанд, ки ба зудӣ мушаххас шуд, ки монанди такрору эътибори номи Митрадас дар ҳамаи савгандҳо, паймонҳо ва ҳузури вай дар ҳамаи зиндагии хонаводаҳои фармонравоёну ашроф, ончунонки дар назди шоҳони ҳахоманишӣ чун Доро, Ардашер, бахшандаи пирӯзӣ, комёбӣ, фарр ва пуштибони устуворе барои онон маҳсуб мешуд».[4] Маҳз чунин шароити мусоид боис гардид, ки бисёре аз муғони

---

[1] *Куман Ф.* Оини паррамзу рози митроӣ. – С. 35-45.
[2] *Нюберг С.* Динҳои Эрони бостон. – С.97 ба баъд: *Гиршман Р.* Эрон аз оғоз то ислом. Т.1383. – С. 71.
[3] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 33.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 33.

Арманистон, Фригия ва Лидия аз равишу суннатҳои гузаштаи худ бе ҳеҷ таассуб дар падид овардани оинҳои таркибӣ ва тоза иқдом кунанд ва муваффақ шуданд, дар атрофи худ барои омӯхтани шумораи зиёди навомӯзон мадрасахо ташкил намоянд. Ба ақидаи муҳаққиқи фаронсавӣ, чун муғон аз эътиқодоту бовариҳои ҳамсояҳои аврупоии худ иттилои комил доштанд, бо назардошти он одоб, усул, маросиму ниёишҳои дини меҳрпарастиро пеш аз интишори он дар Рум тадвин ва муқаррар карда буданд.[1]

Артур Кристенсен дар бораи омезиши боварию эътиқодҳои гуногуни ин минтақа чунин менависад: «асотири ориёӣ, бобулӣ ва юнонӣ бо ҳам даромехта, ашхоси афсонахои шарқӣ дар либоси худоёни юнонӣ пинҳон гашт. Эътиқод ба ду олами ҷудо аз якдигар, яке олами некӣ ва дигар бадӣ ё олами нуру зулмат ва эътиқод ба биҳишту дӯзах, рӯзи ҳисоби растохези ҷаҳон, эътиқод ба робитаи тому пайванди ом мобайни афроди инсон ва қуввахои малакутӣ, ҳамаи ин муътақидот, ки махсуси дини маздоии ориёиён буд, дохили афкори динии Осиёи сағир шуд».[2]

Дини маздоӣ ва меҳрпарастии муғон дар ин сарзамин бо эътиқоду бовариҳои маҳаллии қавмҳои гуногун, ақидахои бостонии сомӣ ва суриёнӣ ва худоёни онҳо омехта гардида, дигаргуниҳоеро ба вуҷуд овард. Тавре ки ишора шуд, яке аз марказҳои ғановати дини меҳрпарастӣ Бобул ва Калда буд. Артур Кристенсен дар ин хусус менависад: «яке аз фирқаҳои маздаясно, ки нуҷуми калдонӣ дар он нуфузи куллӣ карда ба назди маҷусҳои Осиёи сағир такомул ёфта буд, маншаи оини меҳрпарастӣ аст, ки дар империяи Рум вусъат ёфт. Дар ин оин Меҳрро худои Офтоб медонистанд».[3] Натиҷаи ҳамин омезишҳо ва таъсири мутақобилаи бовариҳои гуногун буд, ки дар бораи Митра ривоятҳои фаровон, афсонаҳо, устураҳо падид омаданд.

Аз ин ҷиҳат, вақте ки меҳрпарастӣ дар Аврупо интишор ёфт, баъзеҳо Митраро ҳамчун гавҳари оташ, гурӯҳи дигар ҳамчун хуршед, гурӯҳи сеюм хамчун худованди ростию дурустӣ қабул карданд.[4] Бо вуҷуди он, ки оини Митра дар тӯли беш аз се садаи мелодӣ бисёр кишварҳои Аврупоро тасхир карда буд, дар бораи сарогози нуфузи он ба ин минтақа маълумоти дақиқе вуҷуд

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 34-35.
[2] *Кристенсен А.* Эрон дар замони Сосониён. – С. 59.
[3] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ – С. 55.
[4] *Разӣ Ҳ.* Оини меҳр. Ҷ.І. – С. 62-63.

надорад. Дар асоси маълумоти яке аз фарҳангҳои муътабари Россия, ки дар аввали асри XX ба чоп расидааст, оини Меҳр, ки маркази ситоиши он Офтоб аст, бо маросимҳои сиррӣ ва пӯшидаи худ, дар садаҳои III-I то мелод дар тамоми империяи Рум интишор пайдо кард.[1] Плутарх менависад, ки нуфузи меҳрпарастӣ ба Аврупо ба василаи раҳзанони дарёӣ сурат гирифт. Донишманди диншиноси рус Л.С. Василев чунин ақида дорад, ки дини меҳрпарастӣ ба Аврупо дар асрҳои охирини ҳазораи I то мелод нуфуз пайдо кард.[2]

Мувофиқи таҳқиқоти донишмандон, агар давраи ҳукумати сулолаи Ҳахоманиширо замони интишори дини Меҳр дар Осиёи Наздик ва Ғарбӣ бигирем, пуштибонии Искандари Макдунӣ ва давлатҳои юнонии пас аз ӯ ба вуҷудомада аз дини меҳрпарастӣ, оғози нуфузи митраизм ба Аврупо шуда метавонад. Мувофиқи маълумоти Ф. Куман дар садаи II то мелод дар ин ҷо мактаби пайкартарошии Пергамон бори нахуст нақши Митраро дар ҳолати куштани гов ба вуҷуд овард, ки ин нақш баъдан ба расму суннат мубаддал гардида, он дар тамоми толорҳои меҳробаҳо аз боло, дар ҷойи шоҳнишини меҳроба гузошта мешуд.[3]

Дар асоси навиштаи устурашиноси дигари аврупоӣ Ҷон Ҳиннелз, худои Меҳр ба василаи бузургони эронӣ дар Осиёи Хурд, Арманистон, Киликия ва Понт ба сарзаминҳои Ғарб густариш пайдо кард. Вай мисол меоварад, ки соли 66 то мелод Тирдод – подшоҳи Арманистон барои дарёфти тоҷи подшоҳӣ аз дасти Нерон ба Рум рафт ва дар вақти боздид бо Нерон, ба вай бо чунин суханон мурочиат кард; «Ман ба пешгоҳи шумо, мисли ин ки ба пешгоҳи худои хеш омадаам, то ки ниёиш кунам, ҳамон тавре, ки Меҳрро ниёиш мекунам …»[4]

Яке аз омилҳои дигари густариши оини Меҳр дар Аврупо ҷангҳои доимии империяи Ашконӣ ва Византия бо Рум ва фатҳи иёлоти шарқӣ аз ҷониби Рум мебошад. Масалан, дар давраи подшоҳии Тибериус (14-38) вилояти Катпатука ба Рум даромад. Дар давраи қайсарии Нерон (54-68) қисматҳои ғарбии Понт то соҳили баҳри Сиёҳ ба қаламравии Рум ворид гардид.

---

[1] Малый энциклопедический словарь. Санкт-Петербург, 1906. – С. 584.
[2] *Василев Л.С.* История религии Востока. М. 1983. – С. 64.
[3] *Куман Ф.* Оини пурразму рози митроӣ. – С. 41.
[4] *Ҳиннелз Ҷ.* Шинохти асотири Эрон. Теҳрон, 1383. – С. 221-222.

Дар давраи Виспасиан (69-79) бахше аз Арманистон ва Коммаген фатҳ карда шуд. Дар ин набардҳо аксаран аз ҳарду ҷониб аскарони кироя, ки бештарашон аз мамлакатҳои Аврупо, бахусус аз Италия буданд, ҷанг мекарданд. Франс Куман интишори босуръати ин мазҳабро дар Аврупо пас аз шикасти ҳукумати Меҳрдоди Евпатор (соли 66 то мелод) медонад.[1] Аз номаш маълум мешавад, ки мазҳаби душмани сарсахти империяи Рим меҳрпарастӣ мебошад.

Меҳрпарастӣ, ки дар Ғарб бо номи митраизм ва номҳои дигар маъруф гардид, дар охири ҳазораи I то мелод кушоду равшан ба таблиғи ақидаҳои худ оғоз кард. Чун ин оин ормонҳои дӯстӣ, баробарӣ, бародарӣ, ростӣ ва дурустиро тавсия мекард, дар минтақаҳои Аврупо бо суръати тез интишор пайдо кард. Аллакай дар соли 68 мелодӣ он ба Аврупои марказӣ рахна карда, дар соли 107 мамлакатҳои шимоли нимҷазираи Балканро фаро гирифт.[2] Дере нагузашта он ба Олмон, Австрия, Франсия ва Англия роҳ ёфт. Плутарх чунин мешуморад, ки яке аз шохаҳои дини маздаясно (мақсадаш оини меҳрпарастӣ аст) дар миёнаҳои садаи аввали мелодӣ дар Аврупо дорои мақоми баланде мебошад.[3]

Нисбати густариш ва нуфузи васеи дини Меҳр дар ин давра дар Осиё, Аврупо ва шимоли Африқо, муаррихи маъруфи асри XIX Франсия Э. Ренен (солҳои 1823-1892) навишта буд, ки агар сабабу ҳодисае рӯй дода, исавиятро боз медошт, дар ҳар ҳолат ҷаҳон аз оини Меҳр буд.[4] Оғози равнақу инкишоф ва шукуфоии дини меҳрпарастӣ дар Румро бояд асри I мелодӣ донист.[5] Муҳаққиқи рус Редер Д.Г. чунин ҳисоб мекунад, ки дини меҳрпарастӣ дар аввалҳои солшумории мелодӣ империяи Рум ва тамоми Аврупои бостонро таҳти шуои комили худ қарор дода, динҳои куҳанро танг карда бароварда. Дар ин дин салоҳияту вазифаҳои Аҳуромаздо – худованди якто пурра ба ихтиёри Меҳр гузашт. Дар ин дин Меҳр офарандаи ҷаҳон, наҷотдиҳанда ва неруи асосии мубориза ба муқобили Аҳриман муаррифӣ мегардад. Меҳрпарастӣ дар сари роҳи худ то ба Аврупо ақидаҳои нуҷумӣ ва ситорашиносии Калда ва Бобулро ба худ ҷалб намуда буд.[6]

---

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 48.
[2] *Қадиёнӣ А.* Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон. Теҳрон, 1352. С.97.
[3] *Пурдовуд.* Яштҳо. Ҷ.I. Теҳрон, 1377. – С. 406.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 10.
[5] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 244-245.
[6] *Разӣ Ҳ.* Оини Меҳр. Ҷ.I. – С. 274.

Муҳаққиқи оини Меҳр барои густариши васеи меҳрпарастӣ дар Аврупо се омили муҳимро номбар мекунад: сиёсати императорони Рум ба хотири забти заминҳои нав дар Шарқ ва дар тобеият нигоҳ доштани халқҳои гуногуни қаламрави васеи империя, муҷоҳиратҳои мухталиф, дар миқёси васеъ ба роҳ мондани тиҷорат ва муносибатҳои молию пулӣ ва истифодаи васеи артиш дар саросари минтақаи густурдаи давлат, ки дар ҳудуди қитъаҳои Осиё ва Аврупо қарор дошт.[1]

Дар оғози интишори дини Меҳр дар садаҳои охирини ҳазораи I то мелод қайсарони Рум ба динҳои ориёӣ муносибати гуногун ва аксаран хайрхоҳона доштанд. Аз даврони ҳукмронии Коммодос (солҳои 180-192) сар карда ҳимоя ва пуштибонии шадиде аз дин оғоз гардид. Ин қайсар расман ба анҷумани меҳрпарастӣ ворид гардида, дар маросимҳои пинҳонии онҳо ширкат намуд. Аз замони ӯ бисёр катиба ва сангнавиштаҳои меҳрпарастӣ боқӣ мондаанд. Аврелиан (солҳои 270-275) бошад оини парастиши хуршеди шикастнопазирро ба мартабаи расмӣ даровард. Дар садаи III чанд қайсари Рум кӯшиданд, то сарнавишти тоҷу тахтро бо меҳроби дини Меҳр бо ҳам бипайванданд. Аврелиан ҳам дар тӯли зимомдории кӯтоҳи худ кӯшиш кард, ки дар тамоми сарзаминҳои таҳти фармони империя як дини расмиро бунёд гузошта, ҳамаи динҳои мавҷударо бо ҳам муттаҳид намояд. Меҳрпарастӣ бо вуҷуди он, ки дар Аврупо шаклу намудҳои ҷадид ба худ гирифт, аммо муҳтавои осиёгии худро комилан ҳифз намуда буд. Франс Куман дар ин бора менависад: «бо дар назар гирифтани асароти юнонӣ, мушоҳида мекунем, ки оини ориёӣ ҳеҷ гоҳ ба пазириши ормонҳои юнонӣ тан дарнадода ва фарҳанги ориёӣ юнонимаоб нашуд, балки то андозаи маҳдуде дар мавқеияти муайяне аз замон Юнон буд, ки ба ориёимаобӣ таслим шуд»[2]…

Сарфи назар аз он, ки дар атрофи Меҳр худовандони мухталифи маҳалҳои гуногуни Аврупо ҷамъ шуда, дар баробари ӯ қарор гирифта буданд, хусусиятҳои беҳтарини шарқии ин худованд таваҷҷуҳи пайравонро бештар ҷалб менамуд. Оини Меҳр дар тӯли асрҳо дар Шарқ, бахусус дар Осиёи Хурд сохтор, маросим, ташрифот ва назму тартиби мушаххасе ба вуҷуд оварда, вориди Аврупо гардида буд. Бо вуҷуди он ки маросимҳои он

[1] Ҳамон ҷо. – С. 40.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 274.

пинҳонӣ гузашта, бисёр расму анъанаҳои он дорои рамзу киноя̆ҳои шарқӣ буд, онҳо бо табиат ва ниҳодҳои ғарбӣ баробар омада, кӯшиш, ҷидду ҷаҳд, талош ва моҳияти зиндагии ҳамон давраи мардуми Аврупоро ифода мекарданд.

Франс Куман оини меҳрпарастиро оини густурдаи бидъат, навоварӣ, рӯҳбахш, ҷунбиши фикрӣ ва бисёр пуртавон номида, ба суханони худ чунин идома медиҳад: «ҳамчунин аз ҷиҳати дигар, дар империяи Рум, аксари худоёни маздоӣ ночор бо рахт ва шимоилу пӯшоки худоёни Олимп намоиш дода мешуданд, дар ҳоле ки табори асили ориёӣ доштанд». Дар бораи таъсирнопазирӣ ва тағьирнопазирии тамаддуни ворида ба Аврупо мегӯяд: «ҳар гоҳ барои ин худоён ва муқаддасони тоза қолибҳои навфикрӣ, баёни ҳунарии мувофиқ ва ҷадиде тарроҳӣ мешуд, ҷиҳати арзи муҳтавои ҳама чиз фароҳам буд. Аммо ду сабаб садде ҷиҳати ин шукуфоиро фароҳам овард. Яке рифоҳу сарвати фаровоне, ки аз ниёгони бостонӣ мерос бурда буданд ва он худ бидуни ниёз ва навҷӯйӣ роҳи тақлидро ҳамвор мекард, дигар он ки ҳунар ҳамчун моле арза мешуд, ки харидорон онро аз фурӯшгоҳҳо ба таври омода таҳия мекарданд ва ин роҳи ҳар нав талошу кӯшишеро дар навоварии ҳунарӣ масдуд мекард».[1]

Меҳроб ё маъбад маҳалли ҷамъомади пайравони дини меҳрпарастӣ ва ҷойи баргузории маросиму ташрифотҳои мухталифи мазҳабӣ буда, ҷой, асбобу анҷом ва мавқеи он дорои рамз ва киноя̆и махсус мебошад. Порфирий дар китоби худ аз шахсе бо номи Обулус нақл кардааст, ки маросими ибодат барои Митраро дар ғорҳои табиӣ анҷом медодааст. Чунин ғор-меҳробаҳо дар бисёре аз минтақаҳои Аврупо дар Фаронса, Олмон, Югославия, Италия, Руминия, Англия, Байнаннаҳрайн, Эрон ва ғайра кашф шудааст.

Дар дохил ё наздики ғор бояд оби равони рӯд ё чашмае мавҷуд бошад. Нисбати ин ки дар ҳама ҷой ғори табиӣ пайдо намешуд, пайравон бо назардошти мавҷудияти оби равон, зерзаминҳо бунёд карда буданд. Кӯшиш мекарданд, ки ғорҳои зерзамини дар шакли ғорҳои табиӣ бунёд кунанд. Кашфиётҳо ва маъхазҳои боқимонда нишон медиҳанд, ки шахсони баландмартаба чунин меҳробаҳоро дар зерзамини хонаҳои истиқоматии худ месохтанд.

---

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 40.

Дари даромадгоҳ ва зинаҳои фаромад тавре сохта мешуд, ки ба он нур ва рӯшноӣ дохил нагардад. Яке аз шартҳои меҳроба торикию зулмати он буда, ба толори асосии он дару тирезае гузошта намешуд. Аз ҳамин ҷиҳат Тартулиан дар китоби худ бо номи «Тоҷ» тааҷҷуб карда, буд, ки худованди нурро дар маъбаде парастиш мекунанд, ки воқеъ дар зерзамини торик аст.[1] даҳонаи дари вурудиро ҳилолишаклу хурд ба тақлиди ғорҳои табиӣ месохтанд. Пеш аз толори асосӣ, ки дар он ҷо маросиму ҷамъомадҳо доир мегардид, хонае қарор дошт, ки барои нигоҳдории асбобу олоти намозу парастиш муайян шуда буд. Пайравони дин пеш аз даромадан ба толор дар ҳамин хона либоси худро иваз карда, либосу пӯшоки махсуси худро мепӯшиданд. Дар ду тарафи толор хонаҳои гуногуне мавҷуд буд. Таҳқиқи меҳробаҳои кашфшуда нишон доданд, ки тартибу танзими чунин хонаҳо дар тамоми меҳробаҳо яксон аст.[2] барои толор дароз буда, дар ду ҷониби он аз санг нишастгоҳҳои пурнақшу нигор гузошта мешуд. Дар меҳробаи Остия дар Италия зери толор дорои нақшу нигорҳои рамзӣ буд ва рӯйи нишастгоҳҳои сангӣ сангҳои дароз, зерсарӣ ё зердастӣ ва такягоҳҳо гузошта шуда буд, ки аксаран ба он такя карда, хӯроки муқаддас тановул мекарданд. Дар охири толор меҳробаи махсус қарор дошта, дар девори рӯ ба рӯйи он тасвири аз тарафи Меҳр анҷом гардидани қурбонии гов наққошӣ гардида буд. Аз мушоҳидаи меҳробаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мақсади асосии бинои меҳроба ба воситаи наққошӣ ё ҳаҷҷорӣ ба вуҷуд овардани саҳнаи қурбонии гов тавассути Митра аст. Аксари нақши худои Митра аз санги мармар ва бо рангҳои гуногун зиннат дода мешуд. Ҳунару санъати зебои меҳрпарастӣ дар ҳамин ҳаҷҷориҳо, наққошиҳо ва мозаика боқӣ мондааст.

Дар ду сӯйи меҳроб ду оташдон қарор дошта, дорои оташи муқаддаси фурӯзон будааст. Пас аз дари даромад дар поён сангтахтаи мутавассите ҷой дода мешуд, ки шакли рамзӣ дошта, дорои шакли садаф ё гули нилуфар буд ва дар он маросимҳои махсусе анҷом мегирифт. Сақфи меҳроба аз тасвирҳои гуногуни Меҳр пӯшида мешуд, ки аксаран аз ҷониби муҷассамасозон ва наққошҳои меҳрпараст анҷом мегирифт. Назди меҳроба пояҳое мегузоштанд, ки рӯйи онҳо муҷассамаҳои эзидони ёвари Меҳр, ки

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 244-245.
[2] *Разӣ Ҳ.* Оини Меҳр. Ҷ.I. – С. 274.

дар даст машъалаи фурӯзон доранд, ниҳода мешуд. Дар пеши меҳроба устадон мегузоштанд ё чуқурие ҳафр мекарданд, ки дар он ҷо устухони чорпоёни қурбонишударо мерехтанд. Меҳробаҳои машҳур, ки тасвирҳои фаровон доранд, калонтар буда, бештар дар қаламрави Рум боқӣ мондаанд.[1] Аксаран ҳудуду андозаи меҳроба чандон васеъ набуда, то сад нафар ғунҷоиш доранд. Ба назар чунин мерасад, ки ҳангоми зиёд шудани миқдори пайравон онҳо аз пайи сохтани меҳробаҳои ҷадид мешуданд.

Муҳаққиқони муосир Виндишман ва Гейгер дар асари худ «Асри Авесто» дар бораи одоб, розу ниёз ва ибодати оини меҳрпарастӣ ҳикоятеро аз китобе таҳти унвони «Саёҳатномаи Пифагор», ки пас аз файласуфи маъруф аз ҷониби пайравони ӯ дар асрҳои баъдӣ навишта шудааст, мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Дар ин китоб Пифагор, ки дар асрҳои VI-V то мелод зиндагӣ кардааст, бо роҳбаладии Забратос[2] ба маъбади зерзаминии Митра меравад.[3] Бо вуҷуди он, ки ин китоб ва ҳикояте, ки оварда мешавад, ҷаълу сохта аст, вале барои дарки ҳаматарафаи расму одоби меҳрпарастӣ дар Аврупо ва таҳқиқу муқоиса ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Дар ҳикоят аз забони Пифагор чунин оварда шудааст: «Дар беруни шаҳр ба дохили ғори торик ҳозир шудам. Аз ғаробати таъйини ин маҳал барои барпо доштани ҷашни дурахшандатарини ситорагон (Хуршед, Меҳр) мутааҷҷиб будам. Бо чанд нафар тамошобинон ба дарун рафтам. Аз пеши чашмам он қадар амал, шиор ва маротиби ситоиш гузашт, ки хотираи дурусткори ман тавони баёни онро надорад. Воқифони асрорро дидам, ки дар атрофи чашмаи оби равон баданро мешустанд ва покизагии равону хирадро аз яздон дархост мекарданд (Меҳряшт банди 122). Зардушт[4] вазифаи пешвои мазҳабиро ба ҷо меовард ва аломати заволнопазир бар синаи ҳозирин мегузошт.[5] Зимни ба даст омадани ин мартаба дар чеҳраи онҳо ғуруре ба вуҷуд меомад. Ҳар яке ноне хӯрда, обе ошомиданд. Ин нишонаи вуруд ё рамзи мурур ба ҳаёти ҷадид буд, тавре ки Хуршед соли навро ба ҷаҳониён ва дуоҳо хонда тасвир мекарданд. Як нафар рӯҳонӣ, ки

---

[1] *Разӣ Ҳ.* Оини Меҳр. Ҷ.I. – С. 275.

[2] Бисёре аз муҳаққиқон Забратосро ҳамчун Зардушт муаррифӣ кардаанд.

[3] Саёҳатномаи Пифагор. Тарҷумаи Ю. Эътисомӣ. Теҳрон, 1364. – С. 66.

[4] Дар асл Забратос аст.

[5] Муҳри меҳр.

зердасти ӯро зоғи муқаддас меномиданд, дар нӯги теғ тоҷе овехта, ба онҳо тақдим кард, қабул накарданд ва бо лаҳни махсус гуфтанд: «Меҳр тоҷи ман аст». Дар дохили дахмаи мармуз ба ташхиси намояндаи Меҳр муваффақ шудам. Он муҷассама набуд, балки ҷавоне буд далеру зебо, ки болои гов нишаста, шамшери Ариес ба даст гирифта ва он ишорати махсусе буд ба офариниш. Шоҳро ба сурати шере дидам,[1] ки занбӯре дар даҳон дошт. Гурӯҳи дарбориён дар сурати уқоб, шоҳин саг ва каргас аз пушти вай ҳаракат мекарданд.[2] Маҳбубаҳои шоҳ ворид шуданд, ҳама ниқоби кафтор бар чеҳра ва ба ҳамин исм ном бурда мешуданд. Ҳама аз озмоишу имтиҳон гузаштанд. Роҳи торику пурпечу хамро ба мушкилот паймуданд. Рӯйи пораҳои барфу яхи сохта пойи бараҳна роҳ рафтанд. Ба дӯши лучашон понздаҳ чӯб зада шуд, ки номаш тозиёнаи Меҳр ё Офтоб буд.

Ба кумаки ҷомаи пашмини хеш, ки монанди ҷомаи ҳозирон буд, тавонистам ба пайкари муқаддас Митра наздик шавам, то ки чигунагии кори ӯро дарёбам. Худои ҷавон, ки номаш Ягонаи Ҷовид аст, мекӯшад то гови нари зӯрмандеро таслим кунад ва бикушад. Тоҷи ориёӣ мисли афсари шоҳон дар сар, нимтанаи кӯтоҳ ва зери он ҷомаи фарохи ориёӣ дар тан ва ба сози ҷангии ориёӣ мусаллаҳ. Гӯё болопӯше дар тани вай мушоҳида кардам. Ду пайкари дигар ҳамроҳи ӯ, агарчи ҳамон ҷомаро доштанд, аммо аз ҷомаи рӯин маҳрум буданд. Яке аз ин ду ёварон машъали афрошта ба самти боло ва дуюмӣ машъали вожгун (дар поён) ба даст гирифта буданд. Ҷинсияти онҳо маълум набуд. Гуфтанд, ки он ишорае ба силсилаи наслҳост. Аз гулуи гови маҷрӯҳ чанд қатра хун ҷорист. Атрофиён онро барои ман чунин маънӣ карданд: жолаи осмон.[3] Некутару ҷозибтар аз ҳама, расму қоидаи савгандест, ки ҳар марду зан онро азёд мехонанд ва Меҳрро мухотаб қарор дода чунин мегӯянд: «Барои афзоиши шумораи офаридагони хирадманд, ки заминро маъмуру маскун медоранд, савганд ёд мекунам. Барои куштани ҳар ҳайвони зиёнкор[4] савганд ёд мекунам. Барои шудгор кардан, зироати замин, рӯёндани дарахти мева савганд ёд мекунам.

---

[1] Дар поён унвону мақомоти рӯҳонии меҳрпарастӣ оварда шудааст.

[2] Ишора ба марҳилаи фатгонаи пайравон аст, ки ҳар яке ниқоби ҷонвареро мепӯшид.

[3] Киноя аз тулуъ ва ғуруби офтоб.

[4] Аз хуни Гови муқаддас, ки бар замин ҷорӣ мешавад, гиёҳон ва тамоми мавҷудот падид меоянд.

Барои ҷорӣ кардани оби хунук дар замини хушк ва сохтани як роҳ савганд ёд мекунам. Агар дар аснои зиндагӣ ин фарзҳои муқаддасро анҷом надиҳам, розӣ ҳастам, ки пас аз марг аз ҷойгоҳи некбахтон ронда шавам. Донистам, ки Зардушт (Забратос дар назар дошта шудааст) аз рӯйи хоҳишу мувофиқат бо майли шоҳ ва атбои вай озмоишҳои ҳақиқатан бузургро дар ҳаққи онон раво надоштааст. Дарбориён ва занони нозпарвардаро[1] чиҳил рӯз аз таомҳои лазиз боздоштан, муддати ду рӯз тозиёна задан, бист рӯз рӯйи тӯдаҳои барф роҳ рафтан, ногаҳон дар миёни чанд оташи шуълавар қарор гирифтан кори бас душвор буд.[2]

Аз ҷумлагон ҳеҷ кас ба дараҷоти ҳафтгонаи сайёраҳо ноил нагардид ва ба мартабаи охирини камол нарасид. Барои хатми маросим мувофиқат карданд. Шоҳ ва муқаррабони ҳазрат пас аз огоҳон андаке бодаи омехта бо об дар қадаҳи заррини тухмшакл ошомиданд. Маро иҷозат доданд, наздик рафта, ин соғари зарифро тамошо кунам. Дар миёни нақшҳои мухталифаи он барзгари нимурён ва ба иборати беҳтар, худое чун Приап[3] мушоҳида кардам, ки мисли марди неруманду қавиҷусса дар замин базрафшонӣ мекард.

Бо низому тартибе, ки аз рӯйи эҳтирому эҳтишоми мазҳаб аст, аз дахма хориҷ шуданд. Мардум бо порае булӯр (шишае) дар даст дар берун мунтазир буданд. Ҷавони зебочеҳрае савори аспи сафед, бодбизани пардор дар даст роҳро боз кард. Ҷамъият ба дунболи ӯ рафтанд ва пораҳои булурро ба сӯйи ӯ андохтанд. Ин расми дерине будааст, ки маънои он ҷуз ба орифони рамузу ҳақоиқ ба дигарон пӯшида аст. Дар мавсиме будем, ки зимистон ба поён расида буд, аммо дар чанд ноҳия сипоҳи дай бар муқаддами зеботари фаслҳо ҳамла мекард. Эрониён дар намозу муноҷот ба Митраи сегона таваҷҷуҳ доштанд. Ҳамин тавр, гоҳ рӯшноию ҳарорат ва замонро, ки диҳишҳои Офтоб аст, ирода мекунанд ва гоҳ дониш, тавоноӣ ва некукориро, ки аз хислатҳои арҷманди табиат аст, меситоянд. Рақсҳое, ҳикояткунанда аз ҳаракатҳои солона ва рӯзонаи Офтоб буд, ҷашни муқаддас ба интиҳо расид, аммо на мисли Ҳелиополис, ки ман дар соҳили Нил

[1] Дар оини меҳрпарастӣ занон ширкат намеҷустанд.
[2] Озмоишҳое, ки барои пайравон муайян шуда буд.
[3] Худои киштзорҳои Юнони қадим.

дида будам ва дар он ҷо соатҳо ва фаслҳоро муҷассам карда буданд.[1]

Пеш аз ин ҳикоят, ҳангоме ки Забратос Пифагорро ба ҷашни Митра даъват мекунад, суханоне мегӯяд, ки барои фаҳмидани ҷанбаҳои дигари меҳрпарастӣ кумак мекунанд. Забратос мегӯяд: «Пифагор гӯш кун, агарчӣ ман ба ту баъзе суханонро гуфта наметавонам,[2] аммо аз даъвати ту ба ҷашни бошукӯҳ дареғ намекунам. Агар бегона дар айни муқоисаи ин ҷашн бо ҷашнҳои хеш бихоҳанд ҷараёни онро ба сурати дигар тасвир кунанд, ту гувоҳи мо хоҳӣ буд. То се рӯз барои дидани оини муқаддаси Митра муҳайё бош. Ин ҷашн туро хурсанд хоҳад кард. Ман дар он ҷо баргашти ояндаи Офтоб ва баландии гузаштани онро аз бурҷи ҳамал ба бурҷи савр, ки нишони тозагии табиат аст, тақдис мекунам. Дахмаи Митра намояндаи ҷаҳон аст. Ашёс, ки дар он ҷо дар фаслҳои собит аз якдигар ниҳода шуда, рамузи иқлимҳо ва унсурҳоро ба ту муаррифӣ мекунанд…»

Бо вуҷуди он, ки ин китоб пас аз чанд сада баъд аз марги Пифагор навишта шудааст, бозгӯйи тафсилоти нуктаҳои муҳими маросими намозу қурбонӣ дар меҳробаи оини меҳрпарастӣ мебошад. Чун аз дини меҳрпарастӣ дар Аврупо ғайр аз садҳо меҳроба, муҷассама, тасвир, ҳайкал, нақшу нигор ва манзара дигар сарчашмаи хаттӣ боқӣ намондааст, баъзе нукоти тасвирҳои Пифагор то ба ҳол норавшананд.

Оини Митра оини асроромез буда, ҳар амали расму оинҳои он дорои муҳтаво ва рамзҳои гуногун мебошад. Ҷолиб аст, ки пайравони он низ сирру асрори ин дини куҳанро пайгирона ва бо исрор ҳифз мекарданд ва асрори умдаи он фақат барои ононе, ки то ба дараҷаи олӣ пешрафт мекарданд, маълум мегардид. Агар аз як сӯ, бо аз байн рафтан ва нобуд гардидани осори хаттии меҳрпарастӣ дар Аврупо муносибати ошкоро душманонаи рӯҳониёни дини масеҳӣ сабаб шуда бошад, аз ҷониби дигар худи назми пӯшида ва сиррии аслҳои меҳрпарастӣ боис шудааст, ки маълумоти муфассале дар бораи бисёр ҷанбаҳои ин оини куҳан боқӣ намонад. Танҳо чизе, ки дар бораи ҷараёни меҳрпарастӣ дар ин минтақа ба мо маълумот

[1] Саёҳатномаи Пифагор. Тарҷумаи Ю.Эътисомӣ. – С. 66-76.

[2] Пайравон худро ифшо намекарданд, ҷашну маросимҳои меҳрпарастӣ пӯшида ва сиррӣ мегузаштанд.

медиҳад, садҳо асари наққошӣ, муҷассамаҳо, ҳайкалҳо, тасвирҳо ва манзараҳои гуногуни воқеъ дар меҳробаҳост.[1]

Аз рӯйи нақшҳо ва тасвирҳое, ки имрӯз куштани гов дар музейҳои мамлакатҳои Аврупо ҳифозат ва нигаҳдорӣ мешаванд, тафсилоти моҷарои гов ва кушта шудани он чунин аст: гов дар чарогоҳе бо осудагӣ мечарид. Эзиди Меҳр вайро ғофилгир карда, шоҳҳои вайро гирифт ва ба пушташ савор шуд. Ҳайвон аз ин амал хашмгин шуда, ба давидан шурӯъ мекунад. Меҳр бо далерӣ аз шоҳҳои устувори ӯ гирифта, вайро хаста кард ва гови хастаро, ки пойи пешашро ба шона гирифта буд, ба ғоре буд. Гов пас аз муддате фурсати муносиб ёфта ба чарогоҳи аввалини худ гурехт. Хуршед ба ёрии Меҳр шитофта, Зоғпайки худро ба назди вай равон кард ва маҳалли чарогоҳи говро нишон дода, зарурати қурбонии говро таъкид кард. Меҳр дастури қурбонӣ кардани говро пазируфта, бо сагаш Силванус говро дунбол карда, ба ғор бурд ва бо як даст бинии ҳайвонро боло кашида, бо дасти дигар кордро дар паҳлуи поёнии гардани вай фурӯ бурд.[2] Дар ҳамин ҷо моҷарои ҷолибтарини Меҳр оғоз гардида, саҳнаи пурбори офариниши оғоз мешавад. Аз қатраҳои хуни гов растанию гиёҳон сабзида, рӯйи заминро пӯшонид. Аз қатраҳои хуни гов гандум, аз ҷисми ӯ офаринишҳои дигар падид омад. Аҳриман ёварони худро фармон дод, ки ҷисми ӯро заҳролуд карда, сарчашмаи зояндаи зиндагиро ифлос намоянд. Вале онҳо натавонистанд пеши ҷараёни муъҷизаи офаринишро бигиранд. Гутфаи гов ба василаи Моҳ ҷамъоварӣ ва поку татҳир шуда, ба ҳайвоноту ҷонварон мубаддал гардида, дар сатҳи замин паҳн шуданд. Хулосаи ин ривоят иборат аз он аст, ки амали қурбонии гов, ҳаёти судманду зояндагӣ ва физояндагиро дар рӯйи замин интишор додааст.[3]

Дар асоси устураи меҳрпарастӣ Митра пас аз куштани гов маросими динӣ ва зиёфат гузаронида, бо гардунаи Хуршед ба фарози Осмон сууд мекунад. Мувофиқи ривоят, вай ҳангоми растохез ба унвони наҷотдиҳандаи[4] инсон ба замин хоҳад баргашт. Митра дар осмон раҳнамо ва ҳидояткунандаи муъминон

---

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 11.

[2] Дар Авесто гови нахустинро Аҳриман ба қатл мерасонад. (Бундаҳишн, т. 1378. С.65). Вале идомаи масъала бо дини меҳрпарастӣ ҳамгун буда, аз бадани гов ҷумлаи офариниш пайдо мешавад.

[3] *Разӣ Ҳ.* Оини Меҳр. Ҷ.І. – С. 305-306.

[4] Дар Авесто Сушиёнс аст. Аммо ин ҷо ба ҳазрати Исо – пайғамбари масеҳӣ шабоҳати комил дорад.

буда, арвоҳи пайравони худро аз ҳафт сипеҳр ё фалак мегузаронад. Дар ҳар фалаке онҳо яке аз аносири фониро аз худ дур карда, ба фалаки ҳаштум, ки рӯшноии бепоён ва маҳаллу ҷойгоҳи Аҳуромаздост, ворид мешаванд.

Маротибаи сайру сулуки муридон ва пайравони дини меҳрпарастӣ низ аз ҳафт зина иборат буда, дар ҳар зина онҳо аз озмоишҳо, ки дорои сахтиҳо, мушкилот ва шиканҷаҳо буд, мегузаштанд. Ин ҳафт зинаи мақом ё мансаб ва шароите, ки ҳар меҳрпараст аз мақоми аввал ба мақоми баъдӣ чи гуна иртиқо меёфт ва дар ҳар марҳилае чӣ вазифаҳо ва амалро анҷом медод ва чӣ тавр дар ҳар яке аз онҳо рӯҳу равонашро поку тасфия мекард ва аз сирру асрори дин бохабар мегардид, барои мо дар ин бора маълумоти бисёр ночизе мавҷуд аст.

Бояд зикр кард, ки он чи то ба рӯзгори мо дар бораи оини меҳрпарастӣ, расида, ба забони юнонӣ будааст.[1] Дар номгузории ин мақомҳо низ забони юнонӣ истифода шудааст.

Мақоми ҳафтгонаи меҳрпарастӣ аз зинаҳои зерин иборат аст: мақоми аввал зоғи ало[2] ё калоғ аст. Онро пайк ҳам мегӯянд, зеро ӯ пайк миёни Меҳр ва Офтоб аст. Дар асоси маълумоти Порфирий ин мақоми хизматгузорони меҳроба ё маъбад будааст. Касоне, ки мехостанд дар зумраи пайравони оини меҳрпарастӣ дароянд, пас аз иҷрои маросими «Корвина» таҳти назари падари муқаддас ба ҷумлаи муъминон пазируфта шуд, номи калоғи муқаддасро дарёфт мекарданд. Аз ин ҳангом онҳо дар меҳроба либоси махсуси ин зинаро пӯшида, ниқоби калоғро ба сар мекарданд ва дар ҷараёни маросиму ташрифот ба садову ҳаракатҳои ин паранда тақлид менамуданд. Зинаи калоғ зинаи поёнтарини оини меҳрпарастӣ буда, аз рӯйи тасвирҳои боқимонда ҳангоми ҷамъомадҳо зимни хӯрдани таоми муқаддас ба меҳмонон ва пайравон хизмат мекарданд.

Мақоми дуюм каргас буд. Ин зинаро хоси мастурон ва пӯшидагон медонанд. Онҳо ҳанӯз ҳаққи иштирок дар маросимҳои мазҳабиро надошта, дар марҳилаи таълиму тарбия мебошанд. Дар ин зина истилоҳи нимф (Nymphe)васеъ истифода гардида, вазифаи онҳо норавшан аст. Нақшу тасвирҳое, ки аз ин гурӯҳ пайдошуда,

---

[1] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ. IV. – С. 2056.

[2] Ин паранда ду хел аст. Он ки парҳои сиёҳи сафед ва манқори сиёҳ дорад, калоғ, шӯрнӯл ё зоғе ало аст, ки гӯшташ ҳаром аст. Он ки комилан сиёҳ аст ва тобистон ба минтақаҳои хунук меравад, гӯшташ ҳалол ва зоғ мебошад.

фақат дар зери ниқобу чеҳраи пӯшида ҳастанд. Ҷинсияти онҳо низ ташхис намешавад. Вале аломатҳои алоҳида аз ҷинси музаккар будани онҳо гувоҳӣ медиҳад. Ин истилоҳ мафҳуми ҳамсар ё завҷаро медиҳад. Вале тавре ки маълум аст, дар дини Меҳр ва маросими мазҳабии меҳрпарастӣ занон ширкат намеҷустанд. Баъзе донишмандон чунин ақида доранд, ки ҳамсарон касоне ҳастанд, ки аз асрори дин ва рамузи он огоҳ гардида, ба василаи падарони муқаддас бо Меҳр паймон мебастанд ва ин аҳду паймон киноя ирфонӣ аз худованд ва бандаи муқаррибаш мебошад.[1] Ин марҳилаи сулуки меҳрпарастӣ бо яке аз дараҷаҳои сулук дар тасаввуф шабоҳат дорад, ки бо иттиҳоди холиқу махлуқ таъбир мешавад. Дар ин зина пайравон худро вақфи Меҳр мекардаанд. Онҳо аксари вақти худро дар меҳроба гузаронда, ҳамаи корҳо ба василаи онҳо идора мегардид. Ҳангоме, ки дар меҳробаҳо сурудҳои динӣ хонда мешуд, зоҳиран гурӯҳи сарояндагон ва навозандагон аз ҳамин нимфҳо буданд. Дар поёни суруд занг ва садои ноқус баланд мешуд. Асли навохтани зангу ноқус аз анъанаҳои зардуштӣ буда, яке аз маросимҳои мазҳабӣ, ки ҳанӯз ҳам дар оташкадаҳо анҷом мегирад, навохтани занг мебошад. Ба гуфтаи Тартулиан авҷи маросим ҳангоми сарфи таом ва шароби муқаддас сурат гирифта, барои нишон додани авҷи ташрифот занг менавохтанд.[2] Сарфи таом ва шароби муқаддас дар Авесто низ омада, ки дар он нони муқаддас-драуна ва шароб-ҳаума номида мешавад.

Мақоми сеюм сарбоз ном дорад. Дар Меҳряшти Авесто Меҳр фариштаи шикастнопазири ҷанг аст. Сарбозону далерон дар майдони ҷанг аз ӯ ёрӣ меҷӯянд (бандҳои 76-78). Пайравони оини меҳрпарастӣ низ ба пирӯзию ғалабаи худ муътақид буданд ва боварӣ доштанд, ки Меҳр ва ёронаш ҳамеша дар канори онҳо меҷанганд ва онҳоро ба ғалаба ноил мегардонанд. Рақибони онҳо бошанд, аз тарсу ҳайбати ин худо ба ваҳму ҳарос меафтиданд.

Тавре ки Ф.Куман зикр мекунад, чун аслу бунёди оини маздаясно рӯйи таҳкурсии ахлоқ бино шудааст, асоси дини меҳрпарастӣ низ мубтанӣ бар ахлоқ мебошад.[3] Аз ин рӯ, сарбозони Меҳр низ дар ду ҷабҳаи ахлоқӣ меразмиданд: барои ҳифзи ватану кишвар ва зидди неруҳои бадгуҳари аҳриманӣ.

---

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. С. 11.
[2] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ. IV. – С. 2058.
[3] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. С. 145.

Расман ворид гардидан ба табақаи сарбозӣ дорои ташрифоту озмоишҳои зиёде буд. Дар ҳамаи меҳробаҳое, ки кашф шудааст, чуқурие дар шакли тобут дида мешавад. Довталабонро лозим буд, ки ба гуруснагӣ, зулмат ва ҳавлу ҳаросе, ки падид меомад, сабру таҳаммул ва бебокию нотарсӣ нишон диҳанд. Сарбоз дар ин ҷо бояд муддате беҳаракат мехобид ва вақте ки ба ӯ дар нӯги шамшери хунолуд тоҷеро медоданд, мепазируфт, вале онро ба сар нагузошта, рӯйи сина қарор медод ва мегуфт: «Меҳр тоҷи ман аст».

Ғайр аз ин онҳо дар шароити сахте мебоист бо гург бичанганд, вақте ки дастҳояшонро бо рӯдаи чӯча баста, ба об мепартофтанд, лозим буд, то бо дасти баста коре кунанд, ки худро наҷот диҳанд, муддате бо пойи бараҳна рӯйи барфу ях қадам зананд, гуруснагӣ ва ташнагии тӯлониро таҳаммул намоянд. Вақте ки онон аз чунин озмоишҳои шадид мегузаштанд, воқеан гузаштаи худро фаромӯш карда, ба сарбози сарсупурдаи худованди Меҳр мубаддал мегардиданд. Онҳо аз тамоми озмоишҳо гузашта дар пешониашон муҳри Меҳр доғ карда мешуд. Пас аз доғи пешонӣ маросими савганд анҷом мегирифт, ки онро сакраментум мегуфтанд.[1] Пайравоне, ки аз тамоми озмоишҳо мегузаштанд, соҳиби масъулият ва вазифа дониста мешуданд.

Мақоми чорум мақоми шер аст. Дар бораи мақому вазифаҳои шер маълумот ночиз аст. Чизе, ки маълум аст, иборат аз он аст, ки шер бо оташ робитае дорад. Манзараи нақшҳо ва муҷассамаҳои боқимонда аз он ҳикоят мекунанд, ки шер бо Меҳр наздик аст. Дар ин манзараҳо шерҳо дар ҳоли хизмат кардан, ҳадя, туҳфаҳо ва ғайра тарсим шудаанд. Зинаи шер ё шермардӣ низ дорои як силсила озмоишҳо ва имтиҳонҳо буд, вале дар он акнун мушкилиҳо ва шиканҷаҳои баданӣ вуҷуд надоштанд. Дар ин марҳила пайравон бояд неру ва варзидагиҳои маънавӣ, шоистагиҳои ахлоқӣ, вусъати фикр, ваҳдати зеҳнӣ, фаҳми асрор ва дигар хислатҳои беҳтарини маънавиро нишон медоданд. Чун шер бо оташ робита дорад, мутобиқи ривояти меҳрпарастӣ, ки бо устураи зардуштӣ комилан мувофиқ аст, дар поёни ҷаҳон сӯхтор ё оташсӯзии бузурге барпо мешавад. Дар ин оташсӯзӣ нопокон сӯхта нопадид мешаванд, вале покон бошанд, гӯё дар оби зулоле шустушӯ мекунанд. Зоҳиран шер дар ин маросим нақши муайянеро иҷро мекунад.

[1] *Разӣ Ҳ.* Оини Меҳр. Ҷ.I. – С. 569.

Дараҷаи панҷум порсоӣ номида мешавад. Ин мартаба мафҳуми рамзӣ дошта, киноя аз табиат, сабзиши гиёҳҳо, нишони озодию озодагӣ будааст. Касоне, ки ба ин мақом мерасиданд, дар ҷараёни маросиме дастонашонро бо асал пок мекарданд ва ба сарашон кулоҳи фригиягӣ, ки худи худованди Меҳр бар сар дошт ва киноя аз озодию озодагӣ буд, мепӯшиданд. Нишони махсуси дигари мартабаи порсоӣ моҳи ҳилол ва дос буд, ки ҳарду ба дараву даравгарӣ муносибат дорад. Чун бо қурбонии гов, гиёҳҳову наботот сарсабз мешаванд, порсоӣ бо дос растаниҳои хӯрданибобро дарав карда, барои таъмини зиндагӣ анбор мекунад. Бо асал пок кардани даст киноя аз вуҷуди хайру баракат ва сарвату неъмат дар вуҷуди ориёиён буд. Моҳ бошад, тавре ки дар Авесто ва сарчашмаҳои паҳлавӣ ишора шудааст, нигоҳдоранда ва парокандакунандаи гиёҳҳо ва чорпоён аст. Дар миёни деҳқонони тоҷик то ҳанӯз ақидаи куҳна побарҷост, ки нури моҳ дар рӯёндан ва ҳосилбандии киштзорҳо ва меваҳо таъсир мерасонад.

Мақоми шашум Хуршед номида мешавад. Дар Авесто, бахусус Меҳряшт, Меҳр ва Офтоб ё Хуршед бо ҳам алоқаи бисёр наздик дошта, муттаҳиди ҳамдигар ҳастанд ва нисбати қаробати онҳо Меҳр зуҳури партав ва нури Хуршед муаррифӣ шудааст. Хуршед ба Рум ва Юнон рафта, хусусиятҳои худро ба худоӣ Сул ва Ҳелиос супорид.

Мувофиқи ривояте, ки гузашт, Меҳр пас аз таваллуд ҳамаи мавҷудот ва унсурҳоро ром кард. Баъдан бо Хуршед зӯрозмоӣ карда, вайро низ ба зери фармони худ овард. Мувофиқи ин устура пас аз кушта шудани гов дар маҷлиси зиёфати таоми муқаддас, Меҳр ва Сул (Ҳелиос) ҳамроҳи гурӯҳи пайравон таоми муқаддас аз хуни говро тановул карда, баъдан бо меҳвари Хуршед ба Осмон уруҷ карданд.

Мақому мансаби ҳафтум мартабаи олитарини пайравони оини меҳрпарастӣ ҳисоб мегардад. Ин мақом ба номи падар (Pater) ё падари падарон зикр мегардад. Бузургтарин мансаби дини исавӣ папа (падари падарон) номида шуда, рӯҳониёни мазҳабӣ низ бо ин ном хитоб мешаванд. Дар ин ҷо бояд гуфт, ки мақоми пири тасаввуф ҳам мисли падари меҳрпарастӣ бо мафҳуми «Уқоб» шинохта мешуд. «Уқоб» олитарин мартабаи меҳрпарастӣ

буд. Дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Ф. Аттор Симурғ ё Уқоб ҳамчунин баландтарин мартабаи сӯфия мебошанд.[1]

Ҳангоми бузургтарин маросими ташрифотӣ падар либоси ҳамгуни Меҳр ба бар мекард ва кулоҳи шикастаи меҳрӣ ба сар мениҳод ва нишонахои муайянкунандаи мартабаи олии оинро, ки аз асо ва ҳалқа иборат буд, ба даст мегирифт. Вай донандаи асрор, муршиди аъзам ва рӯҳонии бузург ба шумор мерафт. Ҳамаи корҳои меҳроба дар зери назорати ӯ ҷараён пайдо мекард, одамони нав ва пайравони ҷадид бо розигии вай пазируфта мешуданд. Болоравии рутба зери назорати ҷиддии ӯ қарор дошт. Чун намояндаи Меҳр ҳисоб мешуд, маросимҳои олии диниро шахсан иҷро мекард. Сарфи назар аз ин дар меҳроба баробарию бародарӣ барқарор буд. Дар меҳроба рутбаи давлатию мақоми иҷтимоӣ вуҷуд надошта, ҳама якдигарро «бародар» хитоб мекарданд.

Тавре ки дар пардаҳои наққошӣ ва тасвирҳо мушоҳида мешавад, падар низ дар миёни пайравон мегашт ва ба вай низ бо унвони «бародар» муроҷиат мекардаанд. Асою ҳалқаи падари меҳроба низ решаи амиқи ориёӣ дорад. Дар фаргарди дуюми Вандидод (банди 6) Аҳуромаздо ба Ҷамшед нахустин подшоҳи ориёиҳо ду ашё тақдим мекунад, ки сувра ва аштра номида шуда, ҳамон асо ва ҳалқа мебошад. Асо нишони салтанат ва фармонравоӣ ва ҳалқа нишони ҳикмат, рӯҳоният ва меҳрубонӣ аст. Ба ибораи дигар, асо аломати ҳокимияти дунявӣ ва ҳалқа аломати ҳокимияти рӯҳонӣ. Дар дини меҳрпарастӣ ҳалқа нишони меҳру вафо, аҳду паймон, дӯстӣ ва бародарӣ аст. Дар Меҳряшт низ фариштаи Меҳр нигаҳбони унсурҳои зикршуда мебошад. Мутобиқи он дар аснои бастани ҳар аҳду паймон вайро ба шоҳидӣ даъват мекарданд (банди 44-45). Касоне, ки онро мешикастанд, аз ҷониби Меҳр шадидан ҷазо дода мешуданд. Аҳду паймон сарфи назар аз он, ки бо дӯст баста мешавад ё душман, сухани муқаддаси худованд аст (банди 2). Касе, ки онро вайрон мекунад, ба ғазаби сахти Меҳр рӯ ба рӯ мегардад (банди 19). Воқеан дар Рум пайравони меҳрпарастӣ ҳангоме, ки паймоне мебастанд, ба нишони аҳду вафо ба якдигар ҳалқае мубодила мекарданд.[2]

---

[1] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ. IV. – С. 2062.

[2] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С 155; *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон Ҷ.IV. – С. 2056.

Дар Рум Меҳр таҷаллии Хуршед буд. Хуршедпарастӣ дар он замон бо андешаҳои фалсафӣ мувофиқат карда, аз ҷониби дигар талаботи сиёсии аср низ онро барои вусъату густариши қудрати империя василаи судманд ҳисоб мекард. Хуршед аз дидгоҳи ҳаракати худ дар қаламрави осмонӣ, фармонраво ва сарвари ҳамаи аҷроми фалакӣ буд. Подшоҳони Рум, ҳангоме ки дар асри III мелодӣ иддао карданд, ки намояндагони худованд дар замин ҳастанд, маҳз мавқеи Хуршедро дар назар доштанд.[1] Аз ин ҷиҳат онҳо ба хотири дарёфти хотири худованди Меҳр ба ӯ маъбадҳо ва меҳробаҳои муҳташам бунёд мекарданд. Яке аз чунин қайсарон Макробий ё Макробиус (соли 400) мақоми Меҳр – Хуршеди шикастнопазирро чунин муайян карда буд: худоён дар марҳилаи вопасин ба мавҷуди ягона, аммо вазифаҳои гуногун хулоса мешаванд ва ҳамаи номҳо ва вазоифашон дар Ҳелиос (Хуршед) ҷамъ аст.[2] Чун дар мамлакат динҳои мухталиф амал карда, нобасомонии муайяне эҷод мекарданд, онҳо ба ин васила талош доштанд, ки дар қаламрави империяи бузурги Рум ҳукмронии дини воҳидеро татбиқ намоянд.

Дар аввали асри IV дар Рум муҳити мусоиде фароҳам гардид, ки оини Митра ё Хуршеди шикастнопазир ба мартабаи худои ягона пазируфта шавад. Вале дар соли 306 ба сари қудрат омадани Константин (солҳои 285-337) ва аз ҷониби ӯ қабул гардидани дини насронӣ мавқеи оини Меҳрро дигаргун сохт. Зиддият ва муқобилгароии шадиди дини меҳрпарастӣ ва насронӣ дар ҳамин давра оғоз гардид. Бо вуҷуди он, ки қайсари мазкур нисбат ба ҳамаи динҳо ва эътиқодҳо муносибати бетарафӣ ишғол карда буд, пешрафти рӯзафзуни оини меҳрпарастӣ мутаваққиф гардид. Юлиан Апостат (солҳои 331-363) бародарзодаи Константин, ки аз ҷавонӣ шефтаи Ҳелиос – худованди Офтоб буд ва худро расулу пайки он медонист мегуфт, ки худованд вайро ба ин вазифа мансуб карда, рисолати осмониро ба унвони намояндаи вай дар рӯйи замин ба ӯ супоридааст. Вай оини меҳрпарастиро оини ягона ва расмии Константинопол эълон кард. Дар солҳои баъдӣ бо вуҷуди он ки подшоҳони империяи Рум гоҳ меҳрпараст ва гоҳ насронипараст буданд, тазоду муқобилгароии ду дин шадидтар ва оштинопазиртар гардид.

---

[1] *Қуман Ф.* Китоби мазкур. – С. 155. *Разӣ Ҳ.* Китоби мазкур. – С. 2056.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 155. Ҳамон ҷо. – С. 2056.

Бо ба тахт нишастани подшоҳи меҳрпараст ҷонибдорони оини насронӣ мавриди қатли ом ва таъқиб қарор гирифта, бо омадани қайсари насронӣ меҳрпарастон ба чунин ҳолат рӯ ба рӯ мегардиданд. Яке аз нависандагони румии ҳамон давра навишта буд, ки дар замони ҳукумати Константин ва ба хусус ҷонишинони ӯ ҳеҷ кас ҷуръати онро надошт, ки ба осмон нигоҳ кунад, тулӯъ ва ғуруби Офтобро бубинад. Ҳатто деҳқонон ва дарёнавардон, ки киштукор ва роҳи худро аз рӯйи ҳаракати сайёраҳо ва обу ҳавои осмон идора мекунанд, бо тарсу ҳарос ба замин менигаристанд.[1] Дар охири асри IV калисои насронӣ, бар рақибони меҳрпарасти худ дастболо гардида, ба таъқиби шадид ва несту нобуд кардани на танҳо меҳрпарастӣ, балки маъбад, меҳроба ва осори мадании Хуршеди шикастнопазир гузашт. Ҳар чизе, ки ёдовари дини меҳрпарастӣ буд, шикаста, ғорат карда ва аз байн бурда мешуд. Бо ифодаи Франс Куман, калисо ва таассуби масеҳиён чандон хушунатбору бераҳмона буд, ки баъзан ба он бовар кардан душвор буд.[2]

Пайравони Митра барои муҳофизати меҳробаҳо аз оташ, нобудӣ ва вайронӣ дару дарвозаҳои даромадгоҳҳоро баста, маъбадҳои аксаран дар ғорҳо ва зерзаминҳо қарордоштаро бо сангу хок мепӯшониданд ва тавре нишон медоданд, ки аз чашм нопадид бошад. Чун онҳо медонистанд, ки дурушти, инҳидом, вайронсозӣ ва қатлу куштор вусъат пайдо мекунад, осори гаронбаҳо ва ҳунарии меҳробаҳоро ба ҷойҳои дигар интиқол медоданд. Аммо ҳангоме ки он осори пурқимат, муқаддас ва нафисро пинҳон мекарданд, эътиқод доштанд, ки оқибат чунин даврони пуразобу ранҷ поён ёфта, худовандашон аз нав растохез хоҳад кард. Масеҳиён медонистанд, ки дар оини маздаясно ва Меҳр барои онҳо яке аз бузургтарин ва хатарноктарин девҳо ба шумор мераванд, ба хотири олуда кардани маконҳои муқаддаси меҳробаҳо, пайравонро нобуд карда,ҷасадашонро дар он ҷо боқӣ мегузоштанд.[3]Бисёре аз меҳробаҳо комилан вайрон карда шуда, қисме аз онон ба калисо мубаддал гардиданд.

Чун дар замони бостон аксари мардумон ба табиат пайванди бештар доштанд, дини маздаясно ва аз ҷумла худои Меҳрро ба

---

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 218; *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.IV. – С. 2056.

[2] Ҳамон ҷо – С. 220.

[3] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 220.

худ наздик қабул мекарданд. Зоҳиран худои Офтоби онон мисли Меҳр мазмуну ифодаи васеъ надошта, орзую омоли онҳоро пурра ифода карда наметавонист. Меҳр ва муҳтавои маънавии он ба ҳар минтақае, ки раҳна мекард, аз ҳисоби фазилатҳои худоёни маҳаллӣ ғанитар шуда, нерумандтар ва тавонотар мегардид ва дар паҳлуи онҳо ҷой гирифта ва ё онҳоро барканор мекард. Аз ҳамин ҷиҳат буд, ки мактабҳои мазҳабии калдониҳо ва бобулиҳо бо андешаҳои аввалияи маздопарастӣ ҳамоҳангӣ пайдо кард.

Ҳамин тавр Аҳуромаздо бо Баал, ки худои Осмон буд, яке шуд. Аредвисура Анаҳито бо Иштар, ки сайёраи Зӯҳра ва фариштаи муваккили ишқ буд, пайваст. Митра бошад ба Шамаш-худои Офтоб мубаддал гашт.[1]Вале Митра дар Авесто фариштаи Хуршед нест, вай фариштаи фурӯғ аст, ки пеш аз офтоб мебарояд. Ба илова Митраи ориёӣ фариштаи нигоҳбони додгарӣ ва паймон буда, аз сӯйи Шарқ дар болои кӯҳсорон падидор мегардид. Дар Понт (Туркияи муосир) Митраро мисли инсон аспсавор тачассум карда, ба унвони эзид ё фариштаи муваккили Моҳ ситоиш мекарданд. Дар маҳалҳои дигари Осиёи Хурд вайро дар ҳоле, ки шалвори васеъ ва почабаста дорад, нишон дода, ба худованди Аттис баробар карда буданд. Дар Лидия Митра-Анаҳито бо Сабазиус – Анаито мубаддал шуд. Ҳамин тариқ, худоёни дигари маҳаллии ин сарзаминҳо дар хизмат ва перомуни Митра қарор гирифтанд.[2]

Вакте фариштагон ва эзидони дини маздаясно, бахусус худованди Митра ба Аврупо, аз ҷумла ба Юнон сироят кард, дар кӯҳи маъруфи Олимп, ки бошишгоҳи муқаддаси худоёни юнонӣ буд, дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар он ҷо Аҳуромаздо бо Зевс, Баҳром (авестои Веретрағна) бо Геракл, Аредвисура Анаҳито бо Артемис пайваст шуданд. Митра бошад, дар он ҷо бо Гелиос – худои хуршеди юнонӣ якҷо шуд.[3] Аммо чун Митра, дорои хусусиятҳое, ки ифодагари ормонҳои тӯдаҳои бештари мардум буд, дере нагузашта мақоми бартар ва арҷмандтаре пайдо карда, бо номи Митридат (Меҳрдод) маъруф гардид. Ҳолате ҳукмрон гардид, ки дар ҳамаи савгандҳо ва паймонҳо, ки дар ҳамаи зинаҳои иҷтимоӣ, дар хонаводаҳои фармонравоён ва ашроф доир мегардид, номи Митра ба забон оварда шуда, ҳузури

---

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 32.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 38.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 40-41.

вайро дархост мекарданд. Шоҳону фармонравоён ва сарлашкарон вайро бахшандаи пирӯзӣ ва комёбию муваффақият медонистанд.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи худоёни шарқӣ аз ғарбӣ иборат аз он буд, ки онҳо бо чеҳраҳои инсонӣ тасвир карда намешуданд. Митраи ориёӣ дар ғарб мисли худоёни юнонӣ заминаи ҳунарӣ пайдо карда, дар образҳои гуногун ба шакли муҷассама, ҳайкал, нақшҳои барҷастаи сангӣ ва меъморӣ даромад. Тавре ки зикр гардид, ин замина замоне падидор шуд, ки дар садаи дуюми пеш аз мелод пайкартароше аз мактаби Пергамон нақши Митраро дар ҳолати куштани гов ба вуҷуд овард ва аз он пас ин суннат чандон ривоҷ пайдо кард, ки дар бахши болоӣ ё садри ҳар меҳроба ин нақш кашида мешуд.[1] Ба ифодаи Ф. Куман интишори дин фарҳанг ва фалсафаро низ маҷбур сохт, ки таълимоти худро бо омӯзишҳои оини митраӣ ҳамоҳанг кунанд. Дар маъбад ва меҳробаҳои митраӣ дар Рум маросим, одоб ва намозеро, ки оини маздаясно дар замонҳои қадим иҷро мекард, ситоиши Митраро нигоҳ дошта буд. Навоварии асосие, ки дар ин ҷо сурат гирифт,иборат аз он буд, ки ба ҷойи забони авестоӣ ва паҳлавӣ, забонҳои лотинӣ ва юнонӣ ба унвони забони динӣ хизмат мекарданд.[2] Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки дар мавридҳои алоҳида забонҳои авестоӣ ва паҳлавӣ истифода мегардиданд. Ҳамин масъала сабаб шуд, ки миқдоре аз матнҳои куҳани эронӣ дар Аврупо ҳифз гарданд.

Вале асли дини Меҳр дар замони пеш аз ҳазрати Зардушт дар дашту сарзаминҳои васеи Осиёи Марказӣ ва Миёна ташккул ёфта, густариш пайдо карда буд. Зардушт дар Готҳо (ҳоти 29) кушоду равшан бар зидди қурбонии гов баромад карда, онро барбоди неъмат ва файзу баракати ҷамъиятӣ эълон кард. Дар ин ҳот рӯҳи гови нахустини қурбоншуда, ба Аҳуромаздо – худованди бузург муроҷиат карда, аз муносибати бади одамиён дар замин нисбат ба ҳайвонот шикоят мекунад ва мегӯяд; «Маро барои чӣ офаридӣ? Кӣ маро сохт? Хашм, ғоратгарӣ, хислати тунду тез, густохӣ, дастдарозӣ маро яксара иҳота кардааст».

Ин нуқта нишондиҳандаи он аст, ки пеш аз зуҳури дини маздаясно гузаштагони мо пайравони дини политестии меҳрпарастӣ буда, маросими он қурбон кардани гов будааст. Дар

[1] *Разӣ Ҳ.* Оини Меҳр. Ҷ.I. – С. 229.
[2] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 46.

матнҳои куҳани Авесто, ки марбут ба замони пеш аз паёмбари ориёист, дида мешавад, ки подшоҳон, паҳлавонон, номварон ба пешгоҳи худоён ва фариштагони гуногун ҳазорҳо сар ҳайвонотро қурбон мекарданд. Зардушт на танҳо бар зидди дини бисёрхудоии меҳрпарастӣ, балки бар зидди маросимҳои манфию зарароварии он бо тамоми ҷиддият баромад карда, иҷрокунандагони онро дев ва шайтон меномад ва чунин мешуморад, ки онҳо ба мардум табоҳӣ, вайронӣ ва хонабардӯшӣ меоваранд (ҳоти 24 банди 8,9).

Франс Куман инъикоси расму оинҳои меҳрпарастиро дар шароити ҳамонвақтаи Аврупо ҷамъбаст карда, чунин менависад: «аксари маросиму маносики бунёдӣ, ки мушаххасаи оини митрои маҳаллӣ буд, ба навъе, ки шинохти решаҳои осиёии он қобили ташхис аст. Пӯшокҳои намоишӣ, ниқобҳои ҳайвонӣ, ки дар маросим аз онҳо истифода мешуданд, ба суннатҳои бисёр куҳан бармегашт. Маросиме, ки дар меҳробаҳо (маъбадҳо) иҷро мешуд, бегумон бозмондаи мероси бисёр дур аст. Озмунҳои бисёр душвор ва пурхушунате, ки манзури ташарруф ва аҳлияти пайравон барқарор буд, ёдовари маросими хунин аст, ки пайравон бо буридану чок задани аъзои бадан анҷом медоданд. Ва ҳамин тавр метавон ба ин натиҷа расид, ки розу рамзҳо ва афсонаҳое, ки Митра қаҳрамони онҳост, аз давраи рӯзгори кӯчӣ сарчашма гирифтааст. Чунин маросиму одоби рӯзгори деринае, ки аз сохтори зиндагии ҷомеаи ибтидоӣ истимрор ёфта буд, зери ҳимояту иқтибоси сомонёфтаи яздоншиносӣ ва низ низоми пардохтаи як равиши ирфонӣ ва ахлоқӣ, ки оини митроӣ буд, боқӣ монд».[1]

Нуқтаи муҳиме, ки ҷалби таваҷҷуҳ мекард, иборат аз ин буд, ки сабабҳои шиддати муносибати дини насронӣ ва меҳрпарастӣ маҳз шабоҳату монандии боварҳо ва маросимҳои онҳо буд.[2] Пайравони ҳарду оин фаъолият, таблиғ, маросим ва анҷуманҳои худро пинҳонӣ анҷом медоданд. Қобили зикр аст, ки пайравони ҳарду оин ҳамдигарро бародар хитоб мекарданд. Маросими ғусл, шустушӯ ва таҳорат комилан ҳамгун буд. Муборизаи онон бо деву ҷин ва арвоҳи хабис, бо зуҳуроти мухталифи аҳриманӣ шабоҳат дошта, рӯзи якшанбе рӯзи Хуршед ё Офтоб барои ҳарду

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 198.

[2] 25 декабр шаби дарозтарин дошта, Офтоб ба бурҷи ҷадид ворид мешавад ва соли навинро оғоз мекунад.

рӯзи муқаддас ва қобили эҳтиром буд. Қонунҳои созмондиҳандаи онҳо дар ҷиҳати идора ва ҳамбастагии пайравон, ахлоқу одоб, тарғиби покӣ, парҳезкорӣ, мубориза бо ҳавову ҳавас ҳамсон буд.

Чун Меҳр дар Аврупо тамоми вазифаҳои Аҳуромаздо ва сарватҳои маънавии дини маздаясноро дар худ таҷассум мекард, принсипҳои умдаи онро ба дини масеҳӣ интиқол дод. Рукнҳои офариниши ҷаҳон, сарнавишти инсон, биҳишту дӯзах, подошу азоби ухравӣ,табақоти зерину забарини осмон – макони Аҳриман, мабдаи ҷаҳон, тӯфони сангин, поёни ҷаҳон, оташсӯзии ҳавлнок, растохез, доварӣ, навшавии ҷаҳон, ақидаи миёнравии (восита) байни инсон ва худованд, ки яке аз номҳои Меҳр дар Авестост, мақоми паёмбар ва расул, рӯшноӣ ё ҳолаи атрофи сари Исои Масеҳ, ҳаммонандиҳои меҳроба ва калисо ва ғайра аз ҷумлаи онҳост, ки оини навпардози насронӣ аз дини меҳрпарастӣ ба орият гирифтааст.[1] Таъсири бечунучарои меҳрпарастиро ба дини масеҳӣ бо мисолҳои гуногун тамоми сарчашмахо хотирнишон кардаанд.[2] Муҳаққиқи рус Редер Д.Г. шомхӯришҳои муштараки меҳрпарастонро, ки бо нон ва шароб сурат мегирифт, рӯза ва шаллоқзаниҳоро ёдоварӣ карда, навиштааст, ки ҳатто нишонаи муқаддаси Митра бо салиби ҳаштгӯшаи дини насронӣ шабоҳати комил дорад. Ба ақидаи ӯ митраизм ҳатто таълимот дар бораи «обастании муқаддас»-ро низ доро буд, ки баъдан ба дини масеҳӣ интиқол ёфт.[3]

Дини меҳрпарастӣ то асри V дар гӯшаю канорҳои Аврупо боқӣ монда, дар асари муборизаи шадид ва оштинопазири калисои насронӣ оҳиста-оҳиста нопадид гардид.[4] Муаллифи «Донишномаи Эрони бостон» 20 нишонаҳои умдаи дини меҳрпарастиро, ки дини насронӣ ба орият гирифтааст, баршумурдааст.[5]

Франс Куман роҷеъ ба таъсири оини меҳрпарастӣ ба масеҳият чунин навиштааст: «Дини Масеҳ ҳатто шахсиятҳои мустаор ва тамсилии доираи кайҳониро, ки меҳрпарастон танзим ва мураттаб карда буданд (ба муносибати он, ки тамоми ҳастию табиат аз дидгоҳи эътиқодашон, эзидӣ ва худовандӣ буд), аз худ

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 198-202.
[2] *Василев Л.С.* История религий древнего Востока. – С. 64.
[3] Краткий научно-атеистический словарь. – С. 439.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 439.
[5] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.IV. Теҳрон, 1381. – С. 2072.

карда, мавриди баҳрабардорӣ қарор дод, ҳарчанд ки ба чорчӯби дини масеҳӣ ин маҷмӯа ҷойгир намешуд ва ба таълимоти динӣ номувофиқ буд. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки суннати меҳрпарастӣ пас аз инқирози оин дар динӣ масеҳӣ зинда монд ва такрор шуд».[1]

3. ЗУРВОНИЯ

Зурвония яке аз ҷараёнҳои динию фалсафии аҳди бостони тоҷику форс буда, дар густариши тамаддуни ориёӣ мақому манзалати хоссае дорад. Зурвон дар тӯли таърихи афкори маънавӣ ва мазҳабӣ дар даврони мухталиф мақому манзалати гуногун дошта, гоҳе ҳамчун мазҳаби мустақил, гоҳе дар таркиби динҳои меҳрпарастӣ ва монигарӣ арзи вуҷуд кардааст ва дар замони ҳукмронии силсилаи сосонӣ ва аҳди ислом ба ҷараёнҳои мухталифи ғоявию фалсафӣ мубаддал гардидааст.

Дар готҳо, ки бахши куҳантарини Авестост, аз ӯ ёде нашудааст. Аз мутолиаи бахшҳои дигари он чунин бармеояд, ки Зурвон дар дини маздаясно эзиде беш набуда, мақоми дуюмдараҷа дорад. Дар Зотспарам, фасли аввали банди 24 ӯ офаридаи Аҳуромаздо шумурда шудааст. Вай эзиди замон аст. Дар Авесто бо ду унвон ба ӯ хитоб карда шудааст: Зрванаакарана – яъне замони бекарон ва зурвона дареғухвазота – замони каронманди худофарида. Дар яснои 24 банди 10 Зурвон бо ҳарду унвон зикр шудааст. Аз ӯ дар Авесто бо унвони хос, номи худои замони бекарон ва ба ҷойи калимаю луғати замон, вақт ба унвони бахше аз замон борҳо истеъмол шудааст. Масалан, дар яснои 9 банди 11, яснои 63 банди 3, яснои 8 банди 28, яшти 19 банди 26, дар Вандидод ва ғайра борҳо ба маънии замон барои таъйини вақти муайян истифода шудааст. Дар яснои 72 дар баробари Зурвон ҳамроҳони доимии ӯ зикр карда шудаанд:[2] Ром[3] – бахшандаи чарогоҳи хуб, Андарвои[4] забардаст, дидбони дигар офаридагонро ва он чиро, ки аз ту ай Андарвой аз Спентамайню аст (меситоем).

---

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 247-248.

[2] Аз тарҷумаҳои Пурдовуд истифода шудааст.

[3] Ром – фариштаи фаровонӣ.

[4] Андарвой ё Ваю – фариштаи ҳаво. Дар Авестои ҷадид, нисбати ин ки ӯ дар миёни Спентамайню ва Анграмайню қарор дорад, дорои табиати дугона мебошад. Дар Вандидод (фаргарди 5) вай ҳамчун ситонандаи ҷони одамӣ ёд шудааст.

Своши ҷовидона, Зурвони бекарона ва замонаи ҷовидонаро (меситоем).

Дар Виштоспяшт банди 24 низ аз Свошаи худофарида, Зурвони бекарона, Ваюи амалкунанда дар боло ва Вотаи неруманди Маздо офарида ёд шуда, дар он Зардушт ба Виштосп – подшоҳи охирини каёнӣ дастур медиҳад, ки фариштагони зикршударо эҳтиром кунад ва ситоиши онҳоро ба ҷо биёварад. Дар забони ведоӣ Зрвана исми хунсо (дуҷинса) омада, дорои сифати беканор, абадӣ ва ҷовидонӣ мебошад. Он аз решаи зар (имрӯз дар забони тоҷикӣ калимаи зард ва муштақоти он боқӣ мондааст) буда, маънои пир, куҳан, қадим, абадӣ азалӣ, беоғозу беанҷом, дурахшон, азоб додан, озор расонидан ва ғайраро медиҳад.

Дар Виштоспяшт (банди 27) Зурвои на танҳо бо хосияти худои замони беканор, балки ҳачун худои сарнавишту тақдир ва маргу нестӣ низ муаррифӣ шудааст. Аз ӯ дарАвестои хурд (фасли 1 банди 8, фасли 21 банди 3), дар Вандидод (фаргарди 19 бандҳои 12,29, фаргарди 2 бандҳои 25, 6:1, 7:4) ва бахусус дар сарчашмаҳои паҳлавӣ зиёд ёдоварӣ шудааст. Зурвон дар Авесто худои замон буда, яке аз эзидони қадимтарини мардуми ориёӣ ба шумор меравад. Чун ҳар ашёи ҷаҳони моддӣ дар оғӯши ӯст, ба ӯ нерую тавоноии беандоза нисбат дода шудааст. Ҳамаи офариниш дар ӯ буда, қоим ба зот аст. Вай сарчашмаи ҳастӣ, модда ва ҳастии куллӣ мебошад. Вай гавҳар ва буну мояи ҳар ашёву ҳодиса аст. Ҳеҷ неруе вуҷуд надорад, ки зидди ӯ ошӯб ва ба ӯ фармонфармоӣ кунад. Хирад ва қудрату тавоноии номаҳдуд дорад. Ин ном дар сарчашмаҳои куҳан, шакл, маънӣ ва талаффузи гуногун дошта, рӯҳониёни бостонӣ онро саросари кайҳон, ачроми самовӣ, ҳамаи осмону замин, ҳақиқати вуҷуди якто, замони азалӣ ва макони лоятаноҳӣ (бепоён) тасаввур кардаанд.

Бисёре аз муҳаққиқон Зурвонро худованди қабл аз Зардушт медонад.[1] Масалан, Абдулазим Ризоӣ чунин мешуморад, ки оини даврони пешдодӣ аввал зурвонпарастӣ буда, сипас то зуҳури дини Зардушт худованди Меҳрро ситоиш мекарданд.[2] Воқеан аз мутолиаи яздонишиносии бахшҳои гуногуни Авесто, бахусус Яштҳо, чунин бармеояд, ки гурӯҳе аз эзидону фариштагони дини

[1] *Ҳиннелз Ҷ.* Шинохти асотири Эрон, Теҳрон, 1383. – С. 207; Дӯстхоҳ Ҷ. Авесто. Ҷ.II. – Теҳрон, 1375. – С. 995.

[2] *Ризоӣ А.* Ганҷинаи таърихи Эрон. Теҳрон, 1378. – С. 224-225.

маздаясно ба замони пайдоиши динҳои ибтидоӣ марбут мебошанд ва Зардушт ҳамчун муассиси оини ҷадид, бо назардошти эътиқоду боварҳои мардуми замони худ бо тақозои шароит номи бисёре аз онҳо, ки пеш аз ӯ худовандон бузургу мустақил буданд, ба зери фармони Аҳуромаздо дароварда, вориди дини худ намояд. Меҳр, Зурвон, Аредвисура Анаҳио аз ҷумлаи онҳоанд. Роҷеъ ба зурвония ақидаҳои олимон гуногунанд. Масалан, донишманди тоҷик Х.Додихудоев чунин фикр мекунад, ки зурвония яке аз равияҳои илмӣ-фалсафӣ буда, дар натиҷаи инқирози дини зардуштия падид омадааст.[1] Файласуфи дигари тоҷик М.Диноршоев, чунин мешуморад, ки зурвония моҳияти динӣ-мазҳабӣ дошта, дар садаҳои V-IV то мелод ҳамчун яке аз шаклҳои мушаххаси ҷаҳонбинӣ ба вуҷуд омадааст.[2] Баъзе муаррихони асри миёна низ зурвонияро фирқае аз дини зардуштӣ медонанд. Масалан, Абдулқоҳири Бағдодӣ дар «Ал-фарқ байн-ал-фирақ» чунин зикр карда: «Ва дар бораи маҷус[3] гуфтанд, ки онон чор фирқаанд; зурвониён, масхиён (масхия), хуррамдинон ва афридиён».[4]

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки маҳалли зуҳур ва ташаккули худои Зурвон Осиёи Марказӣ мебошад. Вай дар ин маҳал ба вуҷуд омада, мавриди эътиқоду боварии мардуми ин сарзамин будааст ва Зардушт чорае ҷуз аз он надоштааст, ки ӯро чун эзиде вориди диёнати худ намояд. Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки эътиқод ба замон, шинохти мардум аз замон ба унвони худои ҷаббору каҳҳор дар миёни ақвоми ориёӣ бисёр қадим будааст. Аз ҷониби дигар мавҷудияти ду асл, ақидаи ҷавҳари дугона дар ҷаҳони ҳастӣ яке аз масъалаҳои пурмоҷаро ва ҳукмрон дар ҳикмати ориёии пеш аз Зардушт буда, худованди бузурги он Зурвон будааст. Дар марҳилаи аввал, Зурдушт ҷилави мутлақияти комили бисёре аз худоёни пеш аз замони худро гирифта, ваҳдонияти Аҳуромаздоро эълон намуд ва онҳоро ба шакли эзиде ё фариштае вориди дини худ кард. Гурӯҳи дигари мардуми ориёӣ, ки дере нагузашта аз Осиёи Марказӣ вориди Эрони муосир шуданд, эътиқодоту бовариҳои куҳани ориёиро бо

---

[1] Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ.II. – С. 465.

[2] *Диноршоев М.Д.* Аз таърихи фалсафаи тоҷик. Душанбе, 1988. – С. 29.

[3] Замоне, ки дини Зардушт ба Эрон рафт, тавассути муғон интишор ёфт, онҳоро маҷус меномидагӣ шуданд.

[4] *Бағдодӣ А.* «Ал-фарқ байн-ал-фирақ». Қоҳира, 1948. – С. 368.

худ оварда, дар ватани ҷадиди худ густариш доданд. Боварӣ ба ду асл ва ду ҷавҳар бо ақидаи рӯҳониёни маҳаллии ин минтақа, бахусус муғони модӣ наздик ва ҳамоҳанг буд.

Маҳз дар ин давра дини яктопарастии Зардушт аз ҷодаи ваҳдатгароӣ бароварда шуд, ба он ақидаҳои эътиқод ба ду асл, ду ҷавҳар ворид гардид. Нейберг муътақид аст, ки муғони модӣ пеш аз пазируфтани дини Зардушт зурвонпараст будаанд.[1]

Дар рисолаи паҳлавии «Рисолаи уламои ислом», ки зоҳиран аз ҷониби пайрави оини зурвонӣ навишта шудааст, чунин омадааст: «дигар бидонанд, дар офариниши ҷаҳон, ахтарон, гардиши афлок, рӯшноию торикӣ ва некию бадӣ, ки дар ҷаҳон падид аст, вале дар китоби паҳлавӣ ҷаҳонро офарида гӯянд ва пайдост, ки ҷуз аз «замон» дигар ҳама офарида аст ва офаридгори замонро ҳам гӯянд замона, замонаро карона падид нест ва бун падид нест, ҳамеша будааст ва ҳамеша бошад. Ҳар ки хираде дорад, нагӯяд, ки замона аз куҷо омад. Дар идомаи рисола муаллифи китоб ривояти падид омадани неруи хайр – Ҳурмузд ва неруи шарр – аҳриманро овардааст».[2]

Куҳантарин санаде, ки дар он номи Зурвон ёд шуда ва В. Виденгрен онро зикр кардааст, лавҳҳои ёфтшуда дар маҳалле бо номи Нузи воқеъ дар Байнаннаҳрайн мебошад. Дар ин лавҳҳо, ки марбут ба асри XII то мелод мебошад, номи ӯ дар шакли «ArZaar. wa», «it. hi. za. ar.wa» ва «Zaar-waan» омадааст.[3] Мардуми Шарқи Миёна ва ғарби Эрон дар замонҳои қадим ба ин худованд эътиқод доштаанд. Чун далели дигари собиткунандаи ин ақида то ҳоло ба даст наомадааст, донишмандҳои бештару гӯётаре заруранд.[4] Аз сӯйи дигар, тавре ки М. Шварс зикр кардааст, номи Зурвон дар лавҳаҳои тоза ба даст омадаи Тахти Ҷамшед низ дар шакли «zru (va) taukhtam ва Jzrutuhma», яъне писари Зурвон ё Зурвондод дида мешавад.

Аз ин далел маълум мешавад, ки эътиқод ба Зурвон дар замони Ҳахоманишиён ва эҳтимол пеш аз онҳо низ вуҷуд доштааст.[5] Аз муаррихон бори нахуст номи Зурвонро Дамаский аз номи Теопомп – муаррихи Юнони қадим, ки садаи IV то мелод

---

[1] *Нюберг С.* Динҳои Эрони бостон. – С. 388.
[2] Ривояти Дороби Ҳурмуздёр. Ҷ.II. – С. 76-80.
[3] *Widengren V.* Jn the Second end of his Religionens world. 1952. – p. 58,71.
[4] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.II. Теҳрон, 1381. – С. 1182.
[5] *Shwarz M.* The Cambridge History of Iran, vol. 2. – p. 687.

зиндагӣ кардааст, овардааст. Вай мегӯяд, ки гурӯҳе аз муғон ба худои замон Зурвон ё макон Своша эътиқод доранд ва мегӯянд, ки аз яке аз ин ду худои зикршуда ду худои дигар ба вуҷуд омаданд, ки худои хайр Ҳурмузд ва худои шарр Аҳриман буд ва ҳар кадоме аз ду болои қисмате аз ҷаҳон фармон меронанд.[1]

Дар бораи парастиши худои Зурвон дар Осиёи Марказӣ дар замони қабл аз Зардушт маълумоти дақиқе мавҷуд нест. Осоре, ки асри гузашта дар Турфон ба даст омада ва марбут ба асрҳои VII-VIII аст, Зуровонро дар мартабаи худои равшаноӣ нишон медиҳад. Ин асар аз ҷониби мутахассисон осори хаттии дини монавӣ дониста шудааст.[2]

Авестошиноси англис Мэри Бойс зуҳури кеши Зурвонро дар сарзамини Эрон марбут ба охири давраи ҳукмронии Ҳахоманишиён медонад.[3] Дар бораи ин ки дар давраи ҳукмронии силсилаи ашконӣ ва сосонӣ дар дохили дини зардуштӣ фирқаҳои гуногуне вуҷуд доштанд ва оини зурвония низ дар қатори онҳо ҳамчун шохаи ҷудогонае фаъолият мекардааст, ба иллати камбуди ёдгориҳо ва маълумотҳои муътамад кори басо мушкил аст. Вале се далел шаҳодат медиҳанд, ки дар давраи сосониён оини зурвонӣ ривоҷ доштааст. Далели аввал иборат аз он аст, ки дар миёни номҳои ин давра бо номҳои зиёде бархӯрд мекунем, ки бо Зурвон оғоз мегардад.

Масалан, Меҳр Нарсӣ вазири Баҳроми Гӯр номи фарзандони худро Зурвондод ва Зурвондухт гузошта буд. Омили дигар бо интишори дини буддоӣ аз Шарқ, масеҳӣ аз Ғарб ва бахусус густариши дини насронӣ дар қаламрави империяи Сосонӣ мубоҳисаҳои динӣ ба авҷи камолоти худ расида, мавқеи дини расмии кишвар, дини маздаясно суст гардида буд. Акидаи муаррихони аврупоӣ ва осори хаттии боқимонда аз ин мубоҳисаҳои мазҳабӣ нишон медиҳанд, ки дар арсаи эътиқод дар мамлакат харачу марачи комил ҳукмфармо буда, нуқтаҳои заифи дини зардуштӣ мавриди ҳамлаи динҳо қарор мегирифтааст.

Далели сеюм иборат аз он аст, ки баъзе подшоҳои сосонӣ ба фирқаи зурвонӣ гаравида, омили иғтишоши мазҳабӣ гардида буданд.[4] Маҳз дар ҳамин давра як силсила осори паҳлавӣ, аз

---

[1] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.II. – С. 1154-1155.
[2] *Jackson A.V.* Resiarches Manichaeism. New York. 1965. P. 179,194.
[3] *Бойс М.* Таърихи кеши Зардушт. Техрон. 1377. – С.223
[4] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.II. – С. 1139.

ҷумлаи «Минӯи хирад», «Бундаҳишн», «Гузидаҳои Зодспарам», «Ривоёти Дороби Ҳурмуздёр» ва ғайра мураттаб гардида буданд, ки дар зери нуфузи ақидаҳои зурвония навишта шудаанд. Масалан, чун Зурвон танҳо ба маънии замон набуд, балки мафҳуми сарнавишт, бахт ва қазою қадарро низ дошт, «Минӯи хирад» (фасли 23 бандҳои 4-7) менависад: «Ҳеҷ неруеро дар кори тақдир ва сарнавишт наметавон муассир донист, қазою қадар ҳатмӣ аст. Чун қадар фаро расад, доною тавоно дар кори худ дармонда мешавад ва чӣ басо нодон ва нотавон, ки кори худро ба хубӣ пеш барад, чун қазою сарнавишт фаро расад, ақлу андешаро дар он тадбире нест».

Ба ақидаи зурвониҳо, ки дар «Ҳикмати хусравонӣ» ва «Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Сӯҳравардӣ низ омадааст, ҳама чиз вобаста ба бахту тақдир аст. Таваллуду марги одамон бо хости табиат афлок ва ситорагон сурат мегирад. Вақте ки касе таваллуд мешавад, замони марги ӯро аз рӯйи ҳаракати ситорагон муайян мекунанд. Бинобар хости онҳо маргу таваллуди касе пасу пеш намешавад. Ситорагон сарчашмаи комёбӣ ва нокомӣ мебошанд. Замоне, ки ситорагон дар бурҷи хосе дар замонҳои муайян қарор гиранд, сабаби ҳодисаҳои мухталиф мешаванд. Онҳо бовар мекунанд, ки агар мусул ҳар гоҳ дар Ҳафтдодарон бошад, касе ба подшоҳӣ мерасад, ҳангоме ки дар бурҷи Савр бошад, ба молу давлат мерасад ва ғайра.[1]

Масъалаи таквини ҷаҳон дар оини зурвонӣ аз оини маздоӣ сарчашма мегирад. Мутобиқи ривояти зурвониён умри ҷаҳон мисли дини маздаясно гоҳ 12 ҳазор сол ва гоҳ 9 ҳазор сол дода мешавад.[2] Аз рӯйи матнҳои зурвония, ки оварда шуда, маълум мегардад, ки барои муборизаи неруҳои рӯшноӣ ва торикӣ 9 ҳазор сол муқаррар карда шудааст. Аз рӯйи ривояте, ки Плутарх аз номи Теопомп муаррихи садаи IV то мелод овардааст, гардиши кайҳонӣ мутобиқи таълимоти зурвония 9 ҳазор сол аст. Ва низ мисли космогонияи зардуштӣ ба давраҳои сеҳазорсола тақсим мешавад. Сеҳазорсолаи аввал давраи фармонравоии Ҳурмузд, сеҳазорсолаи дуюм давраи фармонравоии Аҳриман ва сеҳазорсолаи сеюм давраи ҳукмронии муштарак ва пайдоиши сушиёнсҳоест, ки пас аз онҳо неруҳои бадӣ ва Аҳриман шикаст

[1] *Зеҳнер.* Зурвон – муаммои зартуштигарӣ – Теҳрон. 1375. – С. 419.

[2] Космологияи маздаясно умри ҷаҳонро 12 ҳазор сол дониста, онро ба чор бахши баробар тақсим мекунад.

мехӯранд.[1] Дар «Минӯи хирад» омадааст: «андар замони бекарона, паймон миёни Ҳурмузд ва Аҳриман баста шуд ба муддати нуҳ ҳазор сол, ки ҳеҷ кадомро дар он тӯли замон болои якдигар пирӯзӣ набошад ва чун ин муддат сипарӣ шавад, Аҳриман барафтад, нотавон шавад ва дигарбора дар ҷаҳон сулҳу созиш барқарор гардад».

Бо мурури муддати мазкур қувваҳои бадӣ нобуд гардида, Ҳурмузд ҳукмрони комили ҷаҳон мегардад. Чун дар космогонияи зурвонӣ рақами дигаре оварда нашудааст, агар ба 9 ҳазори набард ҳазор соли қурбонию ибодати зурвонро ба хотири таваллуди Ҳурмузд илова кунем, тақвими ҷаҳони зурвонӣ 10 ҳазор солро дарбар мегирад.

Аслу решаи ҳамаи фирқаҳои бовуҷудомада, аз ҷумла зурвония устураҳои дорои хусусияти ҷаҳоншиносӣ буданд, ки адёни маъмули тозардуштӣ такмил меёфтанд. Дар ин ҷо ду ривоят, ки моҳияти аслии дини зурвониро нишон медиҳад, оварда мешавад. Ин ду ривоят яке дигареро такмил намуда манзараи умумии фирқаи зурвонияро таҷассум мекунад. Ривояти аввал марбут ба нависандаи арманӣ Езник Колби аст, ки дар садаи панҷум ва аввали шашуми мелодӣ зиндагӣ кардааст. Вай чунин овардааст; Гӯянд пеш аз он ки офариниш шавад, қабл аз он ки осмону замин ва ҳеҷ офаридае мавҷуд бошад, касе буд, ки Зурвон[2] ном дошт ва онро фарр (фурӯғ, равшаноӣ) ё бахт тарҷума мекунанд. Вай муддати ҳазор сол ибодат кард ва қурбонӣ дод, ки фарзанде бо номи Урмузд (авестоӣ Аҳуромаздо) зода шавад. То замину осмон ва он чӣ ки онҳост, биофаринад. Чун ҳазор сол ҳамин тавр сипарӣ шуд, дар дилаш андешаи шакку шубҳа падид омад, ки оё ин қурбонӣ ва ибодату риёзати ман ба натиҷа хоҳад расид ё на ва ман дорои фарзанде бо номи Урмузд хоҳам шуд? Ҳангоме, ки ин андешаи шубҳаангез дар дили ӯ мегузашт,[3] Урмузд Аҳриманро обастан буд ва вуҷудашонро дар худ эҳсос мекард. Чун аз мавҷудияти онҳо огоҳӣ ёфт, ба худ гуфт: ҳар яке ки зудтар бурун ояд, шоҳии ҷаҳонро ба ӯ хоҳам дод.

---

[1] *Разӣ Ҳ.* Таърихи мутолиоти динҳои эронӣ. Теҳрон. 1371. – С. 169.

[2] Зурвон – дар асоси ривояти Зурвония худои дуҷинса аст.

[3] Дар гузориши Теодор Бархони муаррихи суриягӣ, ки ҳамин қиссаро овардааст, дигаргунии нозуке ба чашм мехӯрад: ҳангоме, ки Зурвон чунин андеша мекунад, бо Ҳурмузд ҳомила буд, вале замоне, ки дар дилаш ба шакку шубҳа роҳ дод, дар батнаш Аҳриман падид омад (Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.II. – С. 1155).

Ҳурмузд аз ин андешаи падар огоҳӣ ёфт ва онро барои бародараш Аҳриман фош кард. Он гоҳ Аҳриман ба зудӣ шиками падарро шикофт ва худро дар баробари ӯ намоён сохт. Зурвон аз ӯ пурсид: ту кистӣ? Аҳриман посух дод: ман фарзанди ту ҳастам, Зурвон гуфт: писари ман бояд дурахшанда ва хушбӯй бошад, дар ҳоле ки ту торику бадбӯ ҳастӣ. Дар ҳамин ҳангом Урмузд низ аз шиками падар бурун омад ва дар пеши ӯ намоён гардид. Зурвон ӯро дурахшон ва хушбӯй дид ва донист, ки он Урмузде, ки барои таваллудаш он ҳама қурбонӣ дода буд, дар бараш истодааст.

Пас шоҳаҳое (авестоӣ баресман)-ро, ки дар даст дошт ва ба он ибодат карда буд, ба ӯ дод ва гуфт: то кунун ман барои зодани ту намозу қурбонӣ мекардам, аз ин пас ту бояд барои ман қурбонию ситоиш кунӣ. Дар ин ҳангом Аҳриман назди Зурвон омад ва гуфт: ту паймон карда будӣ, ки ҳар яке аз мо пештар берун омада, дар назди ту намоён шавем, шоҳии ҷаҳонро ба ӯ медиҳӣ. Аз рӯйи он паймон бояд подшоҳиро ба ман диҳӣ. Зурвон барои он ки паймоншикан набошад ба ӯ гуфт: ай друванди[1] палид, нуҳ ҳазор соли фармонравоии ҷаҳонро ба ту медиҳам. Аммо пас аз он фармонравоӣ аз они Ҳурмузд аст. Он гоҳ Ҳурмузд ва Аҳриман ба офариниш оғоз карданд. Ҳар чизе, ки Ҳурмузд меофарид хубу судманд ва ҳар чизе, ки Аҳриман меофарид, зишту зараровар буд.[2]

Ҷолиб аст, ки дар авохири ҳазораи аввали пеш аз мелод ва аввалҳои мелодӣ аҳолии Осиёи Марказӣ, ки аз қабилаҳои гуногуни сакоҳои шаҳрию деҳнишин ва чорводор таркиб ёфта буданд,[3] ба худоёни мухталиф эътиқод доштанд. Ричард Фрай дар аввалҳои асрҳои миёна эътиқодоти мардуми Суғдро тасвир карда, дар сафи худоёни бузурги оини зардуштӣ Зурвонро низ номбар кардааст.[4] Бозёфтҳои хаттии Турфон, ки эътиқодоти мазҳабии мардуми Осиёи Марказиро ифода карда, дар аввали асри XX кашф шудааст, аксаран марбут ба дини монавия мебошад. Тавре ки дар боло ишора шуд, миёни оини зурвонӣ ва монавӣ ҳамгуниҳои зиёде вуҷуд дорад. Осори мутазаккира аз ҷониби Коммон ва Зеҳнер мавриди мутолиаю омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд.

---

[1] Дар Авесто мардум ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд: атаван-ростгӯ ва ҳақиқатҷӯ; древан-дуруғгӯ ва фиребкор.

[2] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон – Ҷ.II. – С. 1203.

[3] *Григорев В.В.* О скифском народе саках. Санкт Петербург, 1871. – С. 135 .

[4] *Фрай Р.* Наследие Центральной Азии. Душанбе. 2000. – С. 281.

Зурвония ҳамчун фирқаи дини маздаясно дугонапарастиро ба вуҷуд оварда, ба динҳои монавия ва маздакия, ки дар даврaи сосонӣ падид омаданд, таъсири амиқ гузошт. Агар зурвония аз ишораҳои ҷудогонаи дугонапарастии зардуштия истифода намуда, асоси таълимоти дугонапарастиро гузошта бошад, динҳои монавия ва маздакия ин ақидаро мавриди таҳлилу таҷзияи ҳамаҷониба қарор дода, аз ақидаи ду гавҳару ду ҷинс таълимоти бузурге ба вуҷуд оварданд. Дуализми зардуштия аз таълимоти ин се дин неру гирифта, маъруф гардид. Мақому мартабаи Зурвон дар дини монавия бисёр бузург аст. Вай худои бузургтарини Монӣ аст. Таълимоти дугонапарастӣ дар динҳои мутазаккира дар шакли олӣ таҷассум пайдо кард.

Ривояти дуюм, ки дар ин ҷо барои муқоиса оварда мешавад, марбут ба космогонияи дини монавӣ буда, мақому манзалати баланди Зурвонро инъикос мекунад: Дар оғоз ҷаҳони мо набуд. Танҳо ду гавҳар буд: гавҳари равшаноӣ ва гавҳари торикӣ. Гавҳари рӯшноӣ зебо, некукор ва доно буд, гавҳари торикӣ зишт, бадкор ва нодон. Қаламрави рӯшноӣ дар шимол[1] буд ва поён надошт. Қаламрави торикӣ дар ҷануб буд ва бо қаламрави рӯшноӣ мепайваст. Шаҳриёри ҷаҳони рӯшноӣ Зурвон буд ва бар ҷаҳони пур аз фурӯғу сафо ва оромиш ҳукм меронд. Дар ин ҷаҳон марг, беморӣ, тирагӣ ва ситеза набуд. Ҳама некӣ ва равшан буд. Дар ҷаҳони торикӣ Оз (Ҳирсу тамаъ)[2]- деви бадхӯю бадниҳод фармонравоӣ мекард. Қаламрави Оз пур аз девони палид, бадкор ва ситезаҷӯ буд. Ин ду унсур ҷудо аз ҳамдигар мезистанд ва ҷаҳони рӯшноӣ аз осеби девони торикӣ дар амон буд.

То он гоҳ, ки ҳодисае рӯй дод: рӯзе Оз дар зимни ҳаракати девосои худ бо ҷаҳони рӯшноӣ бархӯрд. Ҷаҳоне дид равшану зебо, оростаю пероста. Бо диққат нигарист ва ба он нур дил баст ва тасмим гирифт, ки ҷаҳони рӯшноиро тасхир кунад ва гавҳари нурро аз они худ намояд. Вай бо гурӯҳе аз девон ба ҷаҳони равшаноӣ ҳамла бурд. Зурвон – шаҳриёри ҷаҳони равшаноӣ омодаи ҷанг набуд. Барои набард бо девони торикӣ ва боздоштани онон, ду худои дигар аз худ падид овард. Аз он ду, Ҳурмуздро, ки худованди ҷангозмо буд, барои рондани девон фиристод. Ҳурмузд панҷ унсури муқаддас – об, бод, оташ, насим ва нурро силоҳи ҷанг кард. Об, бод, ва нуру насимро ба худ пӯшид

---

[1] Дар оини маздаясно неруҳои торикӣ ва дӯзах дар шимол қарор доранд.
[2] Оз рамзи Аҳриман аст.

ва оташро чун шамшер ба даст гирифт ва ба набарди девон равон гардид. Аммо Ози бадкор бисёр неруманд буд ва ёрони фаровон дошт. Оз дар ҷанг ғалаба кард ва Ҳурмузд шикаст хӯрд. Оз ва девон панҷ унсури муқаддасро, ки ба ҷойи фарзандони Ҳурмузд ва мисли силоҳи ӯ буданд, фурӯ бурданд ва Ҳурмузд шикастаю беёр дар қаъри ҷаҳони торикӣ мадҳуш гардид.

Пас аз замоне вай ба худ омад ва худро мағлуб ва бекасу беёр ёфт. Аз қаъри ҷаҳони торикӣ хурӯш бароварда ва аз модари худ, ки яке аз худоёни офаридаи Зурвон буд, ёрӣ хост. Хурӯши Ҳурмузд сад баробар гашт ва аз пойгоҳи девон то боргоҳи худоёнро дар андак замоне паймуд ва паёми Ҳурмуздро ба модари вай расонид.

Модари Ҳурмузд назди Зурвон рафт, сар фуруд овард ва гуфт: ай шаҳриёри ҷаҳони равшаноӣ, фарзандам Ҳурмуздро ёрӣ кун, ки шикаставу беёвар дар дасти девон асир аст. Он гоҳ Зурвон барои раҳоии Ҳурмузд, худоёни дигар падид овард. Эзиди Меҳр нерумандтарини ин худоён буд. Эзиди Меҳр барои наҷоти Ҳурмузд ба марзи ҷаҳони торикӣ равон шуд ва вайро нидо дод. Чун аз Ҳурмузд посух расид, барои пайкор бо девон панҷ фарзанд аз худ падид овард, ки муборизтарини онон Висбуд буд. Вай силоҳ пӯшида, бо фармони эзиди Меҳр барои ҷанг бо девон рафт ва ба зудӣ ҳамаи онҳоро дарҳам шикаст. Онҳоро зери по карда пӯст аз танашон ҷудо сохт. Бисёре аз ононро дар осмонҳо ба занҷир кашид. Он гоҳ эзиди Меҳр ба бино кардани ҷаҳони мо пардохт: ёздаҳ осмонро аз пӯсти девон сохт, аз гӯшти онон ҳашт табақаи замин ва аз устухони онҳо кӯҳҳоро падид овард. Яке аз фарзандони худ Поҳрагбудро фармон дод, ки бар сари осмонҳо биншинад ва ришгаи онҳоро дар даст бигирад, то фурӯ наафтанд. Дигаре аз фарзандони худ Монбудро вазифадор кард, ки табақаҳои заминро дар китфи худ нигоҳ дорад, то фурӯ наоянд.

Ҳангоме ки девон бар Ҳурмузд ғалаба карда, фарзандони ӯ – об, бод, оташ, нур ва насимро, ки аз гавҳари рӯшноӣ буданд, фурӯ бурданд, бештари ин унсурҳои муқаддас вақте девон тавассути эзиди Меҳр шикаст хӯрданд, аз ҷанги онҳо раҳо шуда, озод гардиданд. Эзиди Меҳр аз ин унсурҳои дурахшону муқаддас ситорагони осмонро падид овард. Офтобро аз оташ, гардунаи моҳро аз боду об, ситорагони дигарро аз нуре, ки аз офати девон осеб дида буданд, ба вуҷуд овард.

Аммо ҳамаи нуре, ки девон фурӯ бурда буданд, озод нашуд ва бо вуҷуди он ки аксари он нур раҳоӣ ёфт, қисмате аз он дар банди

девон боқӣ монд. Раво набуд, ки пораҳои нур дар дили девон боқӣ монад. Онҳоро озод кардан лозим буд. Ҳурмузд, эзиди Меҳр ва дигар худоёни ҷаҳони равшаноӣ ҷамъ омад, ба Зурвон – шаҳриёри олами равшаноӣ равон шуданд. Ҳама пеши тахти ӯ сар фуруд оварда гуфтанд: ай шаҳриёри олами равшаноӣ, ай он ки моро бо нури тавонои худ офаридӣ ва Оз, девон ва париёнро ба василаи мо дарҳам шикастӣ ва дар банд кашидӣ, ҳанӯз бахше аз гавҳари нур дар зиндони девон бо ранҷ мондааст. Чорае соз то гавҳари нур аз банди девон раҳо шавад ва ба ҷаҳони рӯшноӣ бозгардад. Он гоҳ Зурвон бори сеюм худоёни дигарро падид овард ва эзиди Равшаншаҳрро, ки аз ин худоён буд ба идораи ҷаҳони мо вазифадор намуд то тавре, ки Зурвон – шаҳриёри олами боло аст, Равшаншаҳр низ дар замину осмон ва ин ҷаҳон худованду подшоҳ бошад, ҷаҳонро равшан нигоҳ дорад, рӯзу шабро падид орад, чарххои Офтоб, Моҳ ва ситорагонро ба гардиш дароварад ва гавҳари нурро, ки батадриҷ аз чанги девон раҳо мешавад, ба сӯйи биҳишти Зурвон раҳнамоӣ кунад.

Эзиди Равшаншаҳр ин ҷаҳонро, ки эзиди Меҳр сохта буд, ба гардиш дароварад, чарххои Офтоб, Моҳ ва ситорагонро ба кор андохт ва ҳамин тавр, ҷаҳоне ки мо дар онем ба ҳаракат омад ва зиндагӣ оғоз гардид. Дар ин ҷаҳон он зарраҳои нуре, ки аз зиндони зулмат раҳоӣ меёбад, дар сутуни нуронӣ гирд меояд ва аз он ҷо рӯз ба рӯз ба гардунаи моҳ меравад ва дар он ҷо ҷамъ мешавад. Аз ҳамин сабаб моҳ дар аввал ба шакли ҳилол аст ва пас аз он рӯз ба рӯз нуронитар мешавад. Пас аз понздаҳ рӯз паймонаи Моҳ пур мешавад ва моҳ ба сурати доираи комил медарояд. Он гоҳ нуре, ки дар Моҳ гирд омада буд, ба гардунаи Хуршед меравад. Аз ин ҷост, ки моҳ пас аз пур шудан рӯз ба рӯз коста мешавад, то ба куллӣ аз нур холӣ мегардад ва дигар ба чашм наметобад.

Зарраҳои нур, ки дар Офтоб ҷамъ мешавад, дар охир аз он ҷо ба «биҳишти равшаноӣ», ки маскани Зурвон аст, мераванд ва ба манзилгоҳи нахустини хеш пайваст мешаванд. Девону париёне, ки Висбуд – фарзанди эзиди Меҳр мағлуб карда, дар осмон ба занҷир кашид, ҳанӯз порае аз унсурҳои равшаноиро дар дили худ пинҳон нигоҳ доштаанд. Эзиди Равшаншаҳр барои он ки зарраҳои нурро аз вуҷуди онҳо берун кашад, тадбире андешид. Чунон кард, ки аз ин девон мавҷудоти дигар ба вуҷуд оянд. Аз тухмаи девони нар дар замин панҷ дарахт рӯид. Дарахтону гиёҳони дигар ҳама аз ин

панҷ дарахт падид омаданд. Аз тухмаи девони мода панҷ ҷонвар падид омад. Ҷонварони ин олам дупо, чорпо, паранда, хазанда ва обӣ аз онҳо ба вуҷуд омаданд.

Дар ҳар як аз гиёҳу ҳайвон заррае аз гавҳари нур ниҳон аст. Ин ҳамон нурест, ки девон пас аз мағлуб шудани Ҳурмузд фурӯ бурда буданд ва инак аз вуҷуди онон ба гиёҳу ҳайвон интиқол ёфтааст. Ин нур батадриҷ раҳоӣ ёфта, дар сурати сутуни нур гирд меояд ва ба Моҳ меравад. Гардиши олам барои он аст, ки зарраҳои равшаноиро аз дили гиёҳон ва дигар мавҷудот бурун кашад ва ба сарманзили нахустин бозгардонад.

Чун кори ҷаҳон муназзам шуд ва чарххо ба гардиш даромаданд, эзиди Равшаншаҳр ба яке аз худоён, ки Созандаи Бузург ном дорад, фармон дод, то зиндоне дар хориҷ аз табақоти осмону замин барои девон бино кунад. Ин зиндон барои он аст, ки чун поёни кори олам фаро расад ва гавҳари нур аз вуҷуди девон комилан берун равад, девон дар он зиндон маҳбус шавад ва аз дастрасӣ ба ҷаҳони нур то абад маҳрум бимонанд. Дар чунин рӯзе Поҳрагбуд, ки риштаи осмонҳоро дар даст дорад, риштаро аз даст раҳо мекунад ва осмонҳо фурӯ мерезанд. Монбуд, ки табақаҳои заминро ба дӯш дорад, онҳоро аз китфи худ дур мекунад ва оташи ҳавлноке дармегирад ва ҳамаи ҷахони мо дар ин оташ месӯзад ва аз он ҷуз теппаи хокистаре боқӣ намемонад. Девон ҳама дар банд меафтанд ва гавҳари рӯшноӣ аз чанголи зулмат раҳоӣ меёбад.[1]

Дар дини маздаясно муъмини зардуштӣ дар вақти дуою намоз, пеш аз ҳама, аз номи Аҳуромаздо оғоз карда, ситоиши Озар (оташ)-ро ба забон меронад ва сипас ба фариштаи мавриди ниёзи худ муроҷиат менамояд.

Ба ақидаи Плутарх, осмони ориёиён пур аз фариштa аст.[2] Воқеан, дар Авесто ғайр аз шаш амшоспанд – ёварони наздиктарини Аҳуромаздо дар идораи умури ҷаҳон ва фариштагони моҳ, фариштагони гоҳҳои рӯз боз даҳҳо фариштагони дигар зикр шудаанд, ки зиндагии осуда ва ороми пайравони динро на танҳо дар тӯли ҳар соати рӯз, ҳар рӯзи моҳ, балки дар тӯли тамоми сол таъмин мекарданд.[3] Чун дар Авесто озодии комили имон, эътиқод ва ирода тазмин карда шудааст, муъмини зардуштӣ ихтиёри комил дошт, ки дар намози ҳаррӯзаи

[1] Фарҳанги номҳои Авесто. Ҷ.II. Теҳрон, 1379. – С. 650-654.
[2] *Алавӣ А.* Таърихи комили адён. Теҳрон, 1342. – С. 371.
[3] *Муъминджонов Х.Х.* Философские проблемы зороастризма. 2000. – С. 94.

панҷгонаи худ ба фариштаи дилхоҳи худ муроҷиат намояд. Дар дини маздаясно ҳар фариштае дар ҷаҳони моддӣ ва маънавӣ нигоҳбони унсур, аша ва хусусиятҳои гуногун буда, мазҳар ва яке аз хусусиятҳои Аҳуромаздо ҳисоб мешуданд. Вале бо вуҷуди он, ки Зардушт ба пайравони худ ситоиши худованди якто – Аҳуромаздо – офаридгори тамоми ҷаҳони моддӣ ва маънавиро тавсия карда буд, мардум то охир ваҳдониятро тасаввур карда наметавонистанд. Аз ҷиҳати дигар, фариштагони дини маздаясно, ки хислатҳои беҳтарини ахлоқӣ доштанд, дар миёни мардумоне густариш пайдо карданд, ки ҳанӯз дар зинаи политеизм қарор дошта, дорои худоёни мушобеҳ бо дини зардуштӣ буданд. Аксари хислатҳои ормонии фариштагони дини ориёӣ бар хислатҳои худоёни маҳаллӣ бартарӣ пайдо карда, онҳоро танг карда мебаровардand ва ё тавъамон ситоиш мешуданд.

Ҳамин тавр гурӯҳи калони фариштагони оини зардуштӣ, бо сардории Аҳуромаздо (Меҳр, Зурвон, Аредвисура Анаҳито) аввал дар Шарқи Миёна ва Наздик ва сипас дар Осиёи Хурд таъсиру нуфузи фаровон пайдо карданд.

Ф.Куман менависад: «оини митроӣ дар Италия ва ҳар сарзамини дигаре, ки роҳ меёфт, бо гурӯхи эзидони маздаясно ҳамроҳ буд».[1] Оини Зардушт, ки ба ин фариштагон фақат нақшҳои бойи ахлоқӣ ва ғоявӣ бахшида буд, дар сарзаминҳои дигар аз ҳисоби худоёни маҳаллӣ боз ҳам ғанитар гардида, дар атрофи онҳо сохторҳо, суннатҳои мазҳабӣ ва асотири ғанӣ ба вуҷуд меовард. Баъзе аз ин фариштаҳо (Меҳр, Зурвон) вориди Аврупо гардида, саросари ин қитъаро фаро гирифта буд.

Мақоми Зурвон дар дини Меҳр низ калон буд. Франс Куман дар бораи ин фариштаи зардуштӣ, ки дар Аврупо мақому мартабаи баланде дошт, чунин менависад: «Зрвана акарана ё замони бекарона дар ин оин (оини Митра) дар раъси ҳамаи худоёни осмонӣ мабдаи мавҷудият қарор дорад, ки ӯро Саекулум, Кронос ё Сатурн меномиданд. Ин худо дар ҳолати ибҳом ва розу рамз қарор дорад. Номи вай пӯшида, бидуни вазифаи мушаххас ва бечинс буда, дорои ҳеҷ навъи эҳсосе намебошад».

Аввалин нақш ва ҳайкалҳои Зурвон аввал дар Осиёи Хурд пайдо шуда, сипас дар Аврупо инкишофи бештар пайдо кард. Нақшу ҳайкалҳои ӯро ҳамчун худованди замон бо воҳимаи бисёр тарсим мекарданд. Ф.Куман ба суханони худ чунин идома

[1] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 110.

медиҳад: дар асоси як суннати номушаххас ва хосияти номаълум, нахустин нақши шарқӣ аз ӯ намоишест бо пайкараи инсонӣ, ҷисми бадвоҳимае бо сари шер ва бадане, ки як мор ба давраш шаш маротиба печидааст. Наққошҳои гуногун ва аксҳои мутафовит ва гуногуне бар бадану пайконҳо фармонравоии осмонро ба худ дорад. Дар даст калиде дорад, ки рамзи фармонравии ӯ бар осмон ва кушояндаи дарҳои он ва бахшидани бахту сарнавишт аст. Болҳояш баёнгари тезпарвозии ӯст. Море, ки гирдогири баданашро печидааст, намоишгари масири хуршед ва хусуфу кусуф аст. Нуқуши дувоздаҳ бурҷ ва низ манзараи фаслҳо, ки дар баданаш дида мешавад, нишондиҳандаи ҳодисаҳои заминӣ ва осмонӣ аст, ки гузари босуръати замону солҳоро инъикос мекунад. Ӯ ҳам офаринанда ва ҳам нобудкунанда аст. Чаҳор унсури аслӣ, ки мабдаи офариниш аст, зери фармони ӯ мебошад. Гоҳ бо равшаноӣ яке шумурда шуда, гоҳ сарнавишту тақдир ва гоҳе оташи нахустин аст. Ин ду ҳолати офаринандагӣ ва нобудгарии ӯро равоқиҳо яке дониста, муқоиса кардаанд. Ӯ ҳаррорате аст, ки дар ҳамаи мавҷудот ҳулул карда, ба ҳамаи ашё тағйири шакл медиҳад ва дар ниҳоят ҳалолкунанда аст.[1]

Бозёфтҳои бостоншиносӣ дар даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки дар Осиёи Марказӣ ҳам парастиши Зурвон ҷой доштааст. Донишманди тоҷик Юсуфшоҳ Ёқубов дар ин бора менависад: «мо дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ ва маводи бостоншиносии Тӯрон ба чунин хулоса омадем, ки дар замони пеш аз ислом дини ин минтақа зардуштияи тариқати зурвония бо унсурҳои бутпарастӣ будааст».[2] Дар ин бобат бо пуштибонӣ аз муҳаққиқ бояд гуфт, ки ҳар дине, ки пазируфта мешавад, софу беолоиш қабул карда нашуда, болои он суннатҳои писандидае, ки хусусияти мардум, сатҳи маънавӣ ва ҳатто шароити ҷуғрофии онро инъикос мекард, пазируфта мешуд. Вале масъалаҳое, ки донишманд ҷиҳати ҳалли ин нуқта ба миён мегузорад, саволҳои баҳсталабро ба миён овардааст. Вале муҳаққиқ муътақид аст, ки зурвония на танҳо дар Эрон, балки дар Суғд, Бохтар, Фарғона, Чоч ва Туркистони шарқӣ пайравон дошта, инкишофи васеъ пайдо карда будааст.

Дар атрофи Зурвон – ҳокими даҳру замони беканор аз даврони қадим на танҳо устураю ривоятҳои гуногунмавзӯъ ва

[1] *Қуман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. – С. 111.
[2] *Яқубов Ю.* Религия древнего Согда. – С. 139-160.

гуногунранг ба вуҷуд омадаанд, балки андеша ва ақидаҳои фалсафӣ низ иброз шудаанд. Донишманди англис Ҷон Нос дар китоби худ «Таърихи ҷомеи адён» хусусиятҳои ирфонии ин мазҳабро ҷамъбаст карда, менависад: гурӯҳи зиёди муғон ва пешвоёни мазҳабӣ дар қарни пеш аз мелод мабдаи ҷовиду асли нав вазъ карданд, ки шабеҳ аст ба назарияи ҷисмонии ҷадиде, ки дар фалсафа ба вуҷуд омад. Вале аксарияти зардуштиён онро напазируфта, мардуд донистанд. Дар асоси ақидаи ин фирқа, ҳарду неру, яъне сарчашмаи хайр ва сарчашмаи шарр – Аҳуромаздо ва Анграмайню, аз як манбаи азалии воҳиде, ки мабдаи ҷаҳон аст ва бо номи Зурвон маъруф мебошад, таровиш карда ва он ҳамон макон ва замон аст. Он таврест, ки яздону дев дар тӯли замон баробар ва ҳамтироз гардиданд, вале оқибат фатҳу ғалаба насиби Аҳуромаздо хоҳад шуд. Мутобиқи он мухолифату душманӣ бо шарру бадӣ муҳимтарин вазифаи ҳар одами некукирдор ва некупиндор хоҳад буд.[1]

Дар бораи афкори фалсафии зурвонӣ, ки бештар дар миёни рӯҳониён ва табақаи ашрофи замонҳои бостон маъмул буд, осори хаттие боқӣ намондааст. Вале тавре ки аз тарҳи масъала дар боло бармеояд, ҷараёни фалсафии зурвония вақт, замонро ҷавҳари ягонаи олам медонист ва чунин мешуморид, ки он моҳияти илоҳӣ дорад.

Агар ҷамъбаст кунем, тафовути куллии дини Зардушт аз зурвония иборат аз он аст, ки охирӣ аз ҷониби пайравони он ҳамчун худованди неруманди тавоно унвони замону макони бекарон шинохта шуда, Ҳурмузд офаридгори некиҳо ва Аҳриман офаридгори бадиҳоро гавҳари дугонаи азалӣ ва фарзандони Зурвон медонистанд. Эътиқод ба сарнавишту тақдир ва фармонравоии 9-ҳазорсолаи Аҳриман низ бо муҳтаво ва мундариҷоти Авесто, бахусус бахшҳои куҳани он мувофиқат намекунад. Пеш аз зуҳури ислом ақидаҳои зурвония дар Арабистон паҳн шуда, баъд аз зуҳури он густариш ёфт. Муаллифи «Ҳафтоду се миллат» ё «Эътиқодоти мазоҳиб» дар ин замина ҳикояте овардааст, ки бисёр омӯзанда аст: дар хибр аст, ки ҷамъе дар замони ҳазрати Расул (с) аз парешонии вақт шикоят мекарданд ва аз шиддати замона ва машаққати айём гила менамуданд ва дар аснои шикваю гила замонро бад мегуфтанд ва

[1] *Нос Ҷ.* Таърихи ҷомеи адён. – Теҳрон, 1344. – С. 316.

дашном медоданд. Ҳазрати Расул (с) эшонро манъ фармуд ва сарзаниш кард: *Даҳрро бад нагӯед, зеро ки даҳр худост.*

Дар асрҳои миёна зурвония ба бисёр андешаҳои ирфонӣ таъсир расонида ба ду ҷараёни фалсафӣ – даҳрия, қадрия ва ҷабрия тақсим гардид. Бино ба маълумоти фарҳанги Деҳхудо, пайравони ҷараёни даҳрия ба қадимии даҳр эътиқод доранд ва тамоми ҳаводиси ҷаҳонро ба таври куллӣ ба замон мансуб медонанд. Онҳо бовар доранд, ки замон қадим ва воҷиб-ул-вуҷуд аст ва он инсонро ба ҳар сурате, ки бихоҳад, месозад. Онҳо худовандро ҳамчун холиқи даҳр ва табиат инкор мекунанд.[1] Ба ибораи дигар, онҳо ҳастии моддии оламро эътироф карда, ба вуҷуди рӯҳоният эътиқод надоранд. Аз рӯйи таълимоти онҳо олам абадӣ, бесонеъ ҳамеша буд ва ҳамеша хоҳад монд. Офарандаи ашёи ҷаҳон, ҳайвоноту табиат ва инсон фалаки абадӣ аст. Тавре ки донишманди тоҷик, академик М. Диноршоев зикр кардааст, ин нуқтаи назар ба таълимоти файласуфи маъруфи ҳолландии асри XVIII Б.Спиноза дар бораи «natura naturans» шабоҳат дошта, аз назари раванди инкишофи олам дорои мафҳуми амиқ мебошад.[2]

Ҷонибдорону пайравони ҷараёни қадрия ё ҷабрия, ки дар миёнаҳои ҳукумати уммавиён неруманд шуда, густариш пайдо кард, муътақид буданд, ки иродаи одамӣ танҳо дар сухану лафз арзиш пайдо мекунад, дар ҳоле ки дар асл одамӣ ба таври куллӣ дар амал аз иродаю хоҳиш маҳрум мебошад. Инсон ҳамчун унсуре аз мақсаду хоҳиши муайян маҳрум буда, дар иҳотаи иродаи Худост ва Худованд аст, ки ҳар амалу корро, ки мехоҳад, болои инсон анҷом медиҳад. Донишмандон ҷабрия ё қадрияро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд: ҷабрияи холис, ки тибқи ақидаи онҳо инсон ҳеҷ гуна феълу қудрате надорад ва ҷабрияи мутавассит, ки дар инсон мавҷуд будани қудрати муайянеро қабул доранд.[3]

[1] Фарҳанги Деҳхудо. Ҷ.22. – С. 454.
[2] ЭСТ. Ҷ.II. – С. 246.
[3] *Алавӣ А.* Таърихи комили адён. – С. 457-458.

БОБИ ЧАҲОРУМ

ОИНИ ЗАРДУШТӢ

1. ЗАМОН ВА МАКОНИ ЗАРДУШТ

Шахсияти Зардушт дар таърихи инкишофи афкори маънавии инсоният чандон бузургу ҷозибанок аст, ки бисёр халқҳои бостонӣ вайро аз нобиғагони ҷаҳони куҳан донистаанд. Ҳатто чунин халқе мисли юнониҳо, ки Ғарби муосир фарҳанги онҳоро сарчашмаи тамаддуни имрӯзаи худ медонад, аз айёми куҳан бо номи ӯ ошно буда, дар бораи дини ӯ маълумоти муайян доштаанд.[1] Онҳо мувофиқи расму оини бостонии худ, бо хатми ҳар садсола аз миёни доноёни он замон ҳафт нафар хирадманд интихоб мекарданд, ки дар пешрафту комёбии моддӣ ва маънавии халқи Юнон саҳми бештар гузошта бошанд. Ҷолиб аст, ки дар китоби «Строматӣ»-и Клименти Александронӣ дар миёни ҳафт нафар хирадмандони юнонӣ ду нафар ориё, яъне Зардушт ва Абарис зикр карда шудаанд.[2]

Вале дар ҳамон давра ҳам юнониёни қадим дар бораи замони зиндагии Зардушт маълумоти дақиқ надоштанд. Масалан, қадимтарин муаррихи онҳо Ксанф, ки дар асри V то мелод зиста, аз Зардушт ёдоварӣ кардааст, замони зиндагии паёмбари дини нахустини яктопарастиро 6000 сол пеш аз лашкаркаши Хишоёршоҳ ба Юнон муайян кардааст. Вале муаррихони дигари Юнони қадим Николаи Дамански ва Диогени Лаэрти, ки аз осори Ксанф истифода кардаанд, ин санаро 600 сол пеш аз лашкаркашии номбаршуда зикр намудаанд. Тавре ки маълум аст, Хишоёршоҳ –

---

[1] *Муминджанов Х.* Древнетаджикская и древнегреческая философии, тождество различия и различие тождества. В. сб. Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. Душанбе 2003. – С. 29.

[2] Фрагменты ранних греческих философов. М., 1989. – С. 94.

писари Дорои 1 ба Юнони қадим дар ҳудуди соли 480 то мелод ҳамла карда буд.[1]

Агар рақами аввалро афсонавӣ пиндорем, рақами дуюм то андозае ба ҳақиқат наздик аст (600+480 =1080) ва ба асри XI то мелод рост меояд. Ктезиас (солҳои 404-358 то мелод) табиби дарбори ҳахоманишӣ замони зиндагии Зардуштро асри XIII то мелод, Свид асриХ то мелод ва Плутарх 5000 сол пеш аз ҷанги Троя[2] донистаанд.[3]

Дар рисолае, ки ба Ориген нисбат дода шудааст ва дар бораи фирқаҳои мазҳабӣ ва ҷараёнҳои фалсафии замони бостон ҳикоят мекунад, Пифагор (солҳои 582-497) – файласуф ва риёзидони маъруфи юнонӣ шогирди Зардушт номида шудааст.[4] Аз рӯйи маълумоти ин китоб Зардушт ҳамасри Пифагор аст.

Эудокс ва Арасту – муаррих ва файласуфи маъруфи Юнон замони зиндагии Зардушт – созмондиҳандаи ойини муғро, ки дорои афкори фалсафию ахлоқист, 6000 сол пеш аз Афлотун донистаанд.

Таърихи суннатии зуҳури Зардушт дар ду рисолаи мазҳабӣ – «Бундаҳишн» ва «Ардовирофнома», ки дар асрҳои IX-X мураттаб шуда, меъёрҳои динӣ ва ахлоқии ин оинро мавриди баҳс қарор додаанд, баён гардида, дар онҳо космологияи зардуштӣ инъикос ёфта, мувофиқи он умри ҷаҳон аз 12 ҳазор сол иборат аст. Дар се ҳазор соли нахуст Худованд тамоми мавҷудоти оламро дар шакли ҷаҳони мусул[5] (олами идеяҳо),[6] ки ҳамон ҷаҳони фравашиҳо аст, халқ кардааст ва дар ин сеҳазорсола аносири ҷаҳон беҳаракат буда, ҳамаи онҳо поку беолоиш будаанд. Ин давра дар Бундаҳишн бо номи «менӯг» зикр шудааст. Дар сеҳазораи дуюм, ки Аҳриман ба вуҷуд омад, тамоми ашёи ҷаҳон омехта гардида, давраи гумезишн оғоз шуд, ки ҳолати кунунии ҷаҳон аст.[7] Дар ин марҳила фурӯҳарҳо ба худ қолиби моддӣ гирифта, якҷо бо изадон ба ҳаракат ва мубориза мепардозанд. Сурати фалакӣ ё фурӯҳари Зардушт дар охири сеҳазорсолаи аввал ва ибтидои сеҳазорсолаи

---

[1] *Муъминҷонов Ҳ.* Зардушт ва ойини ӯ. Душанбе, 1993. – С.28.
[2] Ҷанги Троя дар ҳудуди асри XII то мелод сурат гирифтааст.
[3] *Пурдовуд.* Ясно. Ҷ I. Теҳрон, 2536. – С. 75 ба баъд.
[4] *Кузнецов Б.И.* Древний Иран и Тибет. Санкт-Петербург, 1998. – С. 232.
[5] Ҷаҳони фравашии Авесто бо ҷаҳони мусули Афлотун баробар аст.
[6] *Моле М.* Эрони бостон. Теҳрон, 1377. – С. 121; *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. Мюнхен, 1980. – С. 60.
[7] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 60.

дуюм офарида шудааст. Ҳамин тариқ, ӯ 258 сол пеш аз инқирози салтанати ҳахоманишӣ ба пайғамбарӣ мерасад. Ба ибораи дигар, фравашии вай дар ҳудуди соли 630 то мелод. ба шакли қолиби моддӣ даромадааст.

Дар «Ардувирофнома» бошад, замони пайғамбарии Зардушт 300 сол пеш аз ҳамлаи Искандар ба империяи Ҳахоманишӣ зикр шудааст. Чун ҳамлаи Искандари Мақдунӣ ба Эроншаҳр дар соли 330 қабл аз мелод сурат гирифтааст, таърихи таваллуди Зардушт дар ҳудуди соли 660 то мелод муқаррар шудааст.[1]

Дар суннати мазҳабии маздаясно омадааст, ки Зардушт аз таблиғи дини худ дар ватани хеш ноком гардида, ба дарбори подшоҳи каёнӣ Виштосп раҳсипор гардид ва дар он ҷо динаш пазируфта шуд. Дар асоси ин ривоят, баъзе муҳаққиқон сулолаи Каёниро бо сулолаи Ҳахоманишӣ ва подшоҳони сулолаи Мод яке дониста, Кай Гуштосп – подшоҳи каёниро бо Виштосп – падари Дорои 1 монанд кардаанд. Зардушт дар Готҳо аз Кай Гуштосп тавре сухан меронад, ки гӯё ӯ шоҳи афсонавӣ набуда, шоҳи зиндаи қодиру тавоност ва ҷалолу ҷабарути вай мояи тарсу ҳароси подшоҳони дигар аст. Ҳертсфелд ва Ҳертел тасаввур кардаанд, ки Кай Гуштоспи Авесто ҳамон Виштоспи падари Дорои 1 (солҳои 522-486 то мелод.) аст, ки аз номи писараш дар вилояти Порт ё Парсава фармонраво буд. Худи Доро дар катибаи Беҳсутун аз падари худ ҳамчун яке аз шаҳрбонҳои маъмулӣ ном мебарад. Доро дар ин сангнавишта чунин овардааст: «Парсава (бахше аз Эрон, Туркманистон ва Ӯзбекистони кунунӣ) ва Варкона (Гургон) зидди ман шӯриш бардоштанд ва худро ҷонибдори Фравартиш эълон карданд. Мардуми он ҷо аз падарам Виштосп, ки дар Порт буд, итоат накарданд. Он гоҳ лашкар, ки ба Ваштосп вафодор монда буд, берун рафт ва дар як шаҳри Порт ба номи Виспа Узатиш ба мубориза пардохт. Аҳуромаздо ӯро ёрӣ намуд, ба хости Аҳуромаздо Виштосп лашкари шӯришчиёнро саркӯб кард. Ин ҳодиса дар 22 моҳи вияжна (5.11.521 то мелод,) рӯй дод». Доро дар охири ин катиба мегӯяд: «Ман аз Рай лашкаре ба ёрии Виштосп фиристодам ва дар як шаҳри Порт бо номи Патиграбона дубора дар аввали моҳи гармапада (мутобиқ бо 3. IV. 520 то мелод) ҷанге воқеъ шуд ва Виштосп қувваи шӯришиёнро дарҳам шикаст ва кишвари Порт дигарбора зери фармони ман даромад».[2] Аз ин

[1] *Муин М.* Маздаясно ва адаби порсӣ. Теҳрон, 1338. – С. 97-99.
[2] Хрестоматия древнего Востока. М., 1978. – С. 492.

далелҳо чунин бармеояд, ки аввалан, Ваштосп – падари Доро соҳиби унвони шоҳӣ намебошад. Сониян, суннати зардуштӣ Балхро ба унвони марказ ва пойтахти ин шоҳ зикр менамояд. Дар асоси далели боло Ҳертел ва Ҳертсфелд Зардуштро ҳамасри Доро ва падари вай медонанд

Омӯзиши илмии дини маздаясно, Авесто ва паёмбари он дар асри XVIII шурӯъ шуда, то ба имрӯз идома дорад. Дар ин давра дар баробари таҳқиқоти васеи осори хаттӣ, забоншиносии муқоисавӣ падид омада, ковишҳои нисбатан васеи бостоншиносӣ сурат гирифтанд. Риштаҳои мутазаккираи илм, ба иловаи топография, топономика, ономастика барои равшан кардани таърихи бостон ҳаҷми зиёд ва рангоранги маълумотҳоро дар ихтиёри олимон гузошт. Партав ва муҳтавои ин маълумот донишмандонро ба кашфи бисёр мушкилот, аз он ҷумла ба таъйини замони зиндагии Зардушт наздик кард, вале сарфи назар аз он як гурӯҳ муҳаққиқони муосир, аз ҷумлаи Ҳеннинг, Алтхайм, Мейе ва дигарон таърихи суннатии ба паёмбарӣ баргузида шудани Зардуштро пазируфтаанд.

Ҳеннинг дар натиҷаи таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи суннатӣ, се давраро ҳамчун замони зиндагии Зардушт пешниҳод кардааст: солҳои 553-650: 551-628: 541-618.[1] Бобоҷон Ғафуров низ дар «Тоҷикон» таърихи суннатиро ҷонибдорӣ карда, замони зиндагии Зардуштро охири асри VII аввали VI то мелод ҳисоб мекунад, вале эҳтимол медонад, ки он чанд сада пештар бошад.[2]

Ҳиндушиноси маъруфи ҳолландӣ Ф. Кёйпер чунин мешуморад, ки забони Зардушт, ки аз унсурҳои умдаи лаҳҷаҳои гуногун мураттаб гардида, забони адабии он замон мебошад, аз бисёр ҷиҳат нисбат ба забони Ригведа бостонитар аст. Вай аз рӯйи муқоиса ва меъёрҳои забоншиносӣ замони зиндагии Зардуштро пеш аз соли 800 то мелод медонад.[3]

Гурӯҳи дигар ба замони қадимтар ишора менамоянд. Масалан, Ломмел назарияи Ҳертелро дар бораи он ки Гуштоспи Авесто падари Дорои I аст, ба куллӣ беасос медонад. Вай ба катибаи Саргон – подшоҳи Ошур, ки дар соли 714 то мелод тартиб дода шуда, дар он номи Маздо ба чашм мехӯрад, ишора кардааст. Дар асоси ин катиба вай зуҳури Зардуштро хеле пеш аз соли 714

[1] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 41-42.
[2] *Гафуров Б.* Таджики. – С. 64.
[3] *Кёйпер Ф.Б.* Труды по ведийской мифологии. М., 1986. – С. 9.

то мелод ва пеш аз салтанати Ҳахоманишиҳо ва Модҳо медонад. Эдуард Мейер ҳам ба катибаи подшоҳони Ошур ишора менамояд. Дар онҳо номи баъзе аз ашрофони модӣ Маздаҳу номида шудааст. Вай ин номҳоро нишонае аз маздопарастии қабилаҳои Мод дониста, даврони зиндагии вахшури ориёиро пеш аз садаи 1000 то мелод намешуморад.[1]

Ҳарлез ба ривоятҳои юнонӣ дар бораи замони ҳаёту фаъолияти Зардушт аҳамияти нисбӣ дода, ба ҳуҷҷату катибаҳое, ки марбут ба садаи XIVто мелод дар наздикии Анқара ба даст омадааст, таваҷҷуҳ намудааст. Вай забони Готҳо ва санскритро муқоиса карда, ба чунин хулоса омадааст, ки ин замон набояд аз садаи XIV то мелод поёнтар бошад. Бартоломе даврони зиндагии паёмбари ориёиро дар асри IX то мелод ва Везендонг дар миёни садаҳои 1000 ва 900 то мелод донистаанд. Видишман, Гейгер, Тил, Олденберг ривояти суннатии зиндагии Зардуштро комилан нодуруст дониста, онро бо далелҳои муътабар рад мекунанд ва даврони ҳаёту фаъолияти ӯро дар ҳудуди солҳои 1200 то 800 то мелод медонанд.[2]

Авестошиноси немис Мултон бар зидди онҳое, ки Зардуштро шахсияти афсонавӣ ҳисоб мекунанд (Гусинг, Дармстетер) баромада, ибрози эътимод мекунад, ки таронаҳои Зардушт дар давраи бисёр қадим падид омадааст. Готҳо, образҳои ба вуҷуд овардаи он, эҳсосоти Зардушт, одамон ва муносибатҳои онҳо бо паёмбар аз он ҳикоят мекунанд, ки гӯяндаи ин сурудҳо шахси таърихӣ буда, нобиғаест, ки асари бузургеро ба вуҷуд овардааст. Мултон ба воситаи назарияҳои нуҷумӣ аз истилоҳоти Готҳо чунин хулоса мекунад, ки зуҳури Зардушт байни солҳои 1800 то 900 то мелод аст.[3]

Авестошиноси маъруфи англис Мэри Бойс дар китоби худ «Зардуштиён» замони зиндагии паймбари ориёиро байни солҳои 1500 ва 1200 то мелод дониста, дар таҷдиди ин асар дар асоси таҳқиқи лаҳҷа ва истилоҳоти Готҳо ба чунин хулоса омадааст, ки Зардушт дар ҳудуди солҳои 1200 то мелод. умр ба сар бурдааст.[4] Ин мутахассиси номдори Авесто дар китоби наваш «Чакидаи

---

[1] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 62.
[2] Кристенсен А. Каёниён. – С. 26.
[3] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 63.
[4] Куруш – поягузори сулолаи Ҳахоманишиён дар моҳи августи соли 530 аз ҷониби массагетҳо яке аз қабилаҳои ориёии Миёна кушта шуд. (Таджики. Душанбе. 1989. С.88).

таърихи кеши Зардушт» ақидаҳои худро чунин баён месозад: Ба фикри ӯ, сулолаи Ҳахоманишӣ ҳадди ақал аз замони Куруш,[1] яъне дар миёнаҳои садаи VI то мелод дини зардуштиро пазируфта буданд.[2] Онҳоро низ мисли соири қабилаҳои Порс муғҳои Мод ба ин дин ташвиқ карда буданд. Ба фикри ӯ, худи муғони Мод низ пеш аз соли 700 то мелод ин динро пазируфта наметавонистанд. Аз ин чунин хулоса мегирад, ки матнҳои Авестои навшуда бояд пеш аз ин таърих ба шакли қатъии худ даромада бошанд. Сипас барои ёфтани далел ба Авесто мурочиат мекунад. Дар Фарвардиняшт (банди 97) ба ному фравашии Саена[3] ном шахсе дуруд фиристода шудааст. Пас аз гузашти замоне дар банди 126 ҳамин яшт ба ному фравашии касоне дуруд фиристода мешавад, ки наберагони ҳамин Саена мебошанд. Яъне Тиру Накасва, Утаюти ва Фруҳакафра. Ба фикри ӯ, агар ба ҳар насле 30 сол чудо кунем, аввал ин ки ҳамин бандҳои Фарвардиняшт пас аз 90-соли банди 97 ба ин яшт ҳамроҳ карда шудааст. Сониян, барои тартибу тадвини комили он 100-150 сол зарур аст. Аз инҳо ва далелҳои дигар чунин натичагирӣ мекунад, ки яштҳои куҳани Авесто дар садаҳои XI-VIII то мелод таҳаввулу такомул пайдо кардаанд. Аз тарафи дигар Саена писари Аҳумстут, ки аз ӯ дар банди 97 сухан рафтааст, нахустин рӯҳонии ориёӣ буд, ки мувофиқи Авесто ба беш аз 100 талаба тадрис мекард. Аз ин муҳаққиқ ба чунин хулосаҳо мерасад, ки дар он давра мактабҳои доимӣ ва босуботи мазҳабӣ амал мекарданд ва дини зардуштӣ чунон вусъату интишор пайдо карда будааст, ки дар пеши як нафар устод беш аз 100 шогирд тарбия шуда, ҳамаи онҳо ба чомеа ирсол мешудаанд. Ба ақидаи донишманд, барои он ки дини чадид ба чунин зинаи пешрафт ноил ояд, тахминан 150-200 соли дигар лозим аст. Ва аз чамъбасти ҳамаи инҳо ба чунин хулоса меояд, ки наздиктарин замони бунёдгузории дини зардуштӣ садаи XI то мелод мебошад.[4]

Ричард Фрай нисбат ба солшумории суннатӣ, ки ҳудуди соли 600 то мелодро даврони зиндагии вахшури ориёӣ мешуморад, асри X то мелодро санаи воқеитар медонад.[5] Артур Кристенсен дар бораи ин масъалаи чунин менависад: «кеши зардуштӣ пеш аз

---

[1] *Бойс М.* Чакидаи таърихи кеши Зардушт. Теҳрон, 1377. – С. 40-41.
[2] Дар Авесто Саена ба маънии Симурғ аст.
[3] *Оштиёнӣ Ч.* Зардушт. – С. 33-34.
[4] *Бойс М.* Чакидаи таърихи кеши Зардушт. – С. 43.
[5] *Фрай Р.* Наследие Ирана. М. 2002. – С. 52.

муҳоҷирати бузурги қабоили ориёӣ дар миёни қабоили эронӣ мунташир шуда буд ва модҳову порсиён ҳангоме, ки дар нимаи аввали қарни нуҳуми қабл аз мелод ё дертар шурӯъ ба ҳаракат ба тарафи мамолики ғарбӣ карданд, ин кешро бо худ оварда буданд. Лекин баъдҳо дар натиҷаи ҷудо гардидани ақвоми шарқӣ ва ғарбии ориёӣ, оини зардуштӣ ба суратҳои мухталифе дар ин минтақа такомул ёфт. Агар ҳақиқати амр ҳамин бошад, бисёр душвор аст, ки аҳди Зардуштро замони муаххир аз ҳазор соли пеш аз мелоди Масеҳ донист».[1] Чун овардани ҳамаи фикру мулоҳизаҳо, аз имкони мо берун аст, ба асарҳое, ки фақат дар солҳои охир ба чоп расидаанд, иктифо мекунем. Масалан, авестошиноси маъруфи рус С.Н. Соколов дар муқаддимаи китоби «Авесто дар тарҷумаҳои русӣ (солҳои 1861-1996)», ақидаҳои гуногунро ҷамъбаст карда, ҷонибдори он аст, ки Зардушт дар давраи пеш аз империяи Хахоманишӣ (солҳои 551-330 то мелод) зиндагӣ кардааст.[2] Кляшторний С.Г. ва Султонов Т.И. даврони зиндагӣ ва фаъолияти паёмбари ориёиро охири ҳазораи 2 ва ибтидои ҳазораи 1 то мелод ҳисоб мекунанд.[3] Донишманди дигари рус И.М. Стеблин-Каменский низ андешаи баъзе муҳаққиқони Ғарбро дар бораи афсонавӣ будани шахсияти Зардушт комилан рад карда, даврони зиндагии ӯро ҳудуди охири ҳазораи 2 ва аввали ҳазораи 1 то мелод зикр мекунад.[4]

Крюкова В.Ю. санаи И.М. Стеблин-Каменскийро тарафдорӣ карда, маҳалли хуруҷи Зардуштро доманакӯҳҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷануби Урал то кӯҳҳои Саяну Олтой, ба шумули доманаи кӯҳҳои Тиёншон, Помир, Олтой ва Ҳиндукуш муайян мекунад.[5]

Дар ин бобат ибтикору ташаббуси донишмандони эронӣ низ қобили ёдоварӣ аст. Устод Иброҳими Пурдовуд ақидаи ҳамаи муаррихон ва файласуфони Юнони қадим ва Румро, ки дар ин мавзӯъ ибрози назар кардаанд, ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, дар охир аз ақидаи муаррихи юнонӣ, ки даврони зиндагии Паёмбари ориёиро садаи XI то мелод медонад, ҷонибдорӣ кардааст.[6]

---

[1] *Кристенсен А.* Каёниён. Теҳрон, 1381. – С. 9.
[2] Авеста в русских переводах. Санкт-Петербург, 1997. – С. 9.
[3] *Кляшторный С.Г., Султонов Т.И.* Государства и народы Евразийских Степей. Санкт-Петербург, 2004. – С. 24.
[4] *Стеблин-Каменский И.М.* Авеста. М., 1993. – С. 3.
[5] *Крюкова В.Ю.* Зороастризм. С.П. 2005. – С. 18.
[6] *Пурдовуд.* Ясно. Ҷ I. Теҳрон, 2536. – С. 110.

Муҳаққиқи дигари эронӣ Забеҳи Беҳрӯз менависад: «Зардушт дар соле, ки Кай Гуштосп ба тахт нишаста буд, мутаваллид шудааст. Дақиқӣ дар «Шоҳнома» таърихи ҷулуси Гуштоспро бо ин байт додааст:

Ҳаметофт бар ҷаҳон яксара,
З-урдибиҳишт офтоб аз бара.

Бинобар ин байт ду таърих барои мелоди Зардушт ба даст меояд. Яке соли 260 то мелод ва дигаре соли 1767 то мелод. Маълум аст, ки соли 260 то мелод ба аҳди Зардушт тавофуқ надорад.[1]

Забеҳи Беҳрӯз дар натиҷаи таҳлили солшумориҳои бостонии Эроншаҳр (форсии қадими динӣ, яздигурдӣ, пешдодӣ ва баҳизакӣ) аз се тариқ соли таваллуди Зардуштро соли 1767 то мелод хулоса кардааст, ки ба овардани яке аз онҳо иктифо намудем.[2] Муҳаққиқони дигари эронӣ Жолаи Омӯзгор ва Аҳмади Тафаззулӣ даврони ҳаёт ва фаъолияти вахшури бостониро миёни садаҳои 1200 то 1000 то мелод ҳисоб мекунанд.[3]

Ҷалолиддини Оштиёнӣ пас аз таҷзияву таҳлилу муқоисаи сарчашмаҳои ведоӣ ва Авесто ба чунин натиҷа расидааст, ки Готҳо ва Ригведа ҳамзамон тадвин гардида, таърихи зуҳури Зардушт дар асрҳо XVIII ва XIV то мелод сурат гирифтааст.[4]

Ақидаҳо дар бораи зодгоҳи Зардушт гуногун аст, ки овардани ҳамаи онҳо аз ҳудуди имкони мо хориҷ аст. Ба сабаби жарфияти замон, даврони бисёр дури зиндагии Зардушт, мавҷуд набудани далелҳои муътамаду боварибахш дар Авесто ва санадҳои катбии дигар муҳаққиқон маҷбур буданд, аксаран аз ишораҳои алоҳида, нишонаҳои ҷудогона ва далелҳои ночизу номуътамад хулосаҳои бузург дарёфт намоянд. Дар баробари ин норасоии дигаре низ вуҷуд дорад, ки он хулосабарориҳои ҷиддӣ танҳо дар асоси бозёфтҳои бостоншиносӣ мебошад.

Муаррих ва бостоншиноси маъруфи рус Массон В.М., ки асарҳои илмӣ ва бозёфтҳои бостоншиносии ӯ дар бораи таърихи Осиёи Марказӣ қобили қабули тамоми донишмандони ҷаҳон қарор гирифтааст, дар ин бора менависад: «воқеан бояд дар назар

[1] *Беҳрӯз Б.* Замони Зардушт. Теҳрон, 1346. – С. 5.
[2] *Муъминзода Ҳ.* Зардушт ва оини ӯ. Бахши аввал. – Душанбе, 1993. – С. 29.
[3] *Омӯзгор Ж.* Тафаззулӣ А. Устураи зиндагии Зардушт. Теҳрон, 1380. – С. 22.
[4] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 110.

дошт, ки баҳсҳои бостоншиносӣ дар муқоиса бо ҳуҷҷатҳои катбӣ, одатан, ба хотири нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумот ихтисос дода намешуданд. Онҳо фақат натиҷа ё ҳамсафари ин ё он ҷараёнҳое буданд, ки дар ҷомеаҳои бостонӣ ба вуҷуд омада, пеш аз ҳама, ҷараёнҳои культурогенезро инъикос мекарданд. Аз ин рӯ, истифодаи маводи бостоншиносӣ дар азнавсозии манзараи таърихӣ эҳтиёти фаровонро тақозо мекунад».[1]

Чунин муносибатҳои якҷониба боис гардидааст, ки ҳудуди ватаниЗардушт аз соҳили баҳри Миёназамин қариб тамоми Осиёро фаро гирифта, то ҳудуди Евразия муайян шавад. Бахусус муаррихони асри миёна, ки таҳти таъсири таҳрифоти даврони Сосонӣ қарор гирифта буданд, маълумоти гуногун додаанд. Масалан, Табарӣ, Ибн-ал Асир, Мирхонд чунин навиштаанд, ки ӯ аз аҳли Фаластин буда, фаъолияти мазҳабии ӯ дар қаламравии Озорбойҷони муосир сипарӣ шудааст. Муҳаммади Шаҳристонӣ дар асараш «Ал-милал ва -н-ниҳал» падари Зардушт Пурушасбро аз аҳолии Озорбойҷон ва модараш Дуғдуяро аз мардуми Рай медонад.[2] Муаллифони «Низом-ут-таворих» ва «Нафоис-ул-фунун» вайро аз Хуросон ҳисоб карда, чунин мешуморанд, ки Гуштосп дар ин ҷо ба ӯ гаравидааст.

Ибни Хурдодбеҳ, Балозурӣ, Ибн-ал Фақеҳ, Масъудӣ, Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Ёқут ва Қазвинӣ махалли валодати ӯро Урмияи Озорбойҷон гуфтаанд.[3] Китоби паҳлавии «Шаҳристонҳои Эрон» ӯро аз Рай гуфтааст.[4] Зоҳиран муаллифони он ба яснои 19, банди 18 такя кардаанд, зеро ки дар он шаҳри Рай бо истилоҳи «Рагаи Зардушт» ёд шудааст.

Дар даврони омӯзиши илмии Авесто дар Аврупо, ки аз асри XVIII оғоз гардидааст, ҳамон мушкилот боқӣ монда, ба хотири равшан кардани даврони зиндагии Зардушт имрӯз ду риштаи нисбатан наве ба фаъолият оғоз карданд, ки пажӯҳишҳои бостоншиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ мебошанд. Ба илова, имрӯз таваҷҷуҳи инсонҳои бохирад, сарфи назар аз вобастагиҳои гуногуни онҳо ба гузаштаи худ, бахусус таърихи бостонӣ хеле афзуда, сафи донишмандон ва муҳаққиқонро бештар кардааст ва

---

[1] *Массон В.М.* Историография древней истории Средней Азии В. сб. «Историография история древнего Востока». Санкт-Петербург, 2002. – С. 50.
[2] Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.II. Теҳрон, 1381. – С. 1078.
[3] *Муин М.* Маздаясно ва адаби порсӣ. – С. 60-65.
[4] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 31.

ба неруи пажӯҳишии онҳо вусъат бахшидааст. Бозёфтҳои бостоншиносии собиқ Шӯравӣ дар солҳои 50-80-уми асри гузашта дар ҷануби Россия, Қазоқистон, дар Хоразму Бохтар ва бахусус кашфи Аркаим таваҷҷуҳи донишмандони ҷаҳонро ба ин минтақа ҷалб намуд.

Профессор Артур Кристенсен дар асари маъруфи худ «Каёниён» мубоҳисони маҳалли валодати Зардуштро ба се гурӯҳ тақсим карда ба гурӯҳи аввал онҳоеро мансуб намуда, ки Зардуштро аз навоҳии ғарбии Эрон медонанд, ба гурӯҳи дуюм онҳоеро ҷой дода, ки маҳалли валодати ӯро машриқи Эроншаҳри бостон мепиндоранд ва ба гурӯҳи сеюм назари онҳоеро номбар кардааст, ки ба фикри онҳо, Зардушт дар мағриби Эрон таъқиб шуда, барои интишори оини хеш ба машриқи ин кишвар рафтааст.

Ин донишманди даниягӣ нисбати он, ки эрониён дар даврaҳои мухталифи таърихӣ мувофиқи манфиати сиёсии худ маҳалли «Айиряна Ваеҷа» ватани Зардуштро тағйир медоданд, чунин менависад: «дар оғози давраи Ашкониён «Айиряна Ваеҷа»-ро ба ноҳияи Хоразм интиқол дода буданд ва ҳол он ки баъдҳо, ки маркази шоҳаншоҳӣ муҷаддадан ба мағриби Эрон интиқол ёфт, саъй шуд, ки «Айиряна Ваеҷа»-ро дар ҳудуди Озорбойҷон ҷустуҷӯ кунанд».[1]

Бо вуҷуди ин ки имрӯз ба бисёр масъалаҳои таърихи дури гузаштаи ин минтақа равшанӣ андохта шуда, дар масъалаҳои гуногун дидҳои ҷадид ва мулоҳизоти наве падид омадаанд, аммо маҳалли сукунату зиндагии Зардушт то ҳанӯз ба таври дақиқ мушаххас нагардидааст. Масалан, Бартоломе зодгоҳи Зардуштро шимолу ғарбии Эрон медонад. Ба фикри ӯ, паёмбар мактаби худро дар Озорбойҷон поягузорӣ карда, баъдан маҷбур гардид ба минтақаҳои шарқи Хуросон ва Афғонистони кунунӣ муҳоҷират намояд. Чун вай дар қалamрави давлати Каёнӣ қарор дошт, Гуштосп-подшоҳи мамлакат ба вай имон оварда, пайрави ӯ гардид.[2] Ба ақидаи ин донишманд густариши дини маздаясно дар атрофи кӯли Ҳомун, воқеъ дар ҷануби Афғонистон оғоз гардида, ба сӯйи шимол интишор пайдо кардааст. Чун растохез дар атрофи кӯли Чаечести авестоӣ оғоз хоҳад шуд ва Ҳертсфелд онро кӯли Ҳомун медонад, ба ақидаи ӯ маҳалли зуҳури вахшури ориёӣ

[1] *Кристенсен А.* Каёниён. Теҳрон. – С. 4.
[2] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С.31.

инҷост.[1] Профессори дигари немис Гелднер хостгоҳи паёмбарро, бино ба таҳлили забони Готҳо ба минтақаи байни Парфия ва дарёи Ҳинд нисбат медиҳад. Вай маҳалли пайдоиши Ведаҳо – китобҳои муқаддаси ҳиндуёни қадимро дар Ҳинди муосир ҳисоб карда, нисбати шабоҳати забонӣ маҳалли пайдоиши Авесторо дар ҳамсоягии он, яъне Сиистони имрӯза медонад. Аз ин хулоса мебароранд, ки зуҳури Зардушт дар ин сарзамин сурат гирифтааст.[2] Ричард Фрай ҳам забони ду лаҳҷа – Готҳо ва Хурда Авесторо муқоиса карда, мутмаин аст, ки ин забонҳо бо забони вилоятҳое, ки дар байни биёбонҳои марказӣ ва кӯҳҳои Афғонистон қарор доранд, бештар мувофиқат мекунанд.[3]

Чун падари Дорои I (солҳои 522-486 то мелод). Гуштосп ном дошта, ҳокими яке аз сатрапҳои шарқии империяи Ҳахоманишӣ будааст, Хертел падари Дороро ҳамон Гуштоспи Готҳо дониста, муътақид аст, ки Зардушт дар ғарби Эрон ба камол расида, баъд ба хотири густариш дини худ ба шарқ муҳоҷират намудааст. Ба фикри ӯ, Зардушт дар дарбори Гуштоспи ҳахоманишӣ-ҳокими Парсава пазируфта шуда, дар шахси ӯ пуштибон ва ҳимоятгари худро пайдо кардааст. Ҷексон низ боварӣ дорад, ки Зардушт аҳли Озорбойҷон ва ватани модари ӯ ҳамин минтақа аст. Баъдан вай ба сӯйи шарқ равон шуда, Готҳоро дар он ҷо танзим кардааст. Сабаби ин ки баъзеҳо маҳалли валодати ӯро бахшҳои ғарбии Эрон ташхис додаанд, иборат аз он аст, ки Рай ва Озорбойҷон дар давраи Ашкониён ва Сосониён марказҳои дини зардуштӣ буда, оташкадаҳои маъруфи бостонӣ ба он ҷо интиқол дода шуда буданд.[4]

Чизи муҳими дигаре, ки дар ин ҷо бояд зикр кард ва он ба таъйини маҳалли валодати Зардушт халал мерасонад, иборат аз он аст, ки сарнавишти дини маздаясно пас аз интиқоли он аз шарқ ба ғарб дар ихтиёри муғони модӣ қарор гирифт[5] ва онҳо на танҳо дар ҷуғрофия, балки дар муҳтавои Авесто тағйироти фаровон ворид намуданд. Аз ин рӯ, дар бораи ҳаёту фаъолияти Зардушт ривоятҳои гуногуни суннатии мазҳабӣ мавҷуд аст, ки маҳалли зиндагии ӯро дар минтақаҳои мухталиф нишон медиҳад.[6]

---

[1] *Кристенсен А.* Каёниён. Теҳрон, 1381. – С. 4.
[2] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 21-24.
[3] *Фрай Р.* Наследие Ирана. М., 2002. – С. 55.
[4] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 21-24.
[5] Авеста в русских переводах. – С. 13.
[6] *Муъминҷонов Ҳ.* Тӯрон гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. – С. 39-42.

Мувофиқи яке аз онҳо, Зардушт дар хонаводаи подшоҳони Мод ба дунё омадааст. Зодгоҳи ӯ дар Озорбойҷон, дар соҳили кӯли Урумия мебошад. Исми хонаводагии ӯ Спитама, номи падараш Пурушасп ва модараш Дуғдуя будааст. Падари ӯ марди донишманду фозил буда, модараш духтари яке аз ашрофони эронӣ мебошад. Пас аз таваллуд номи Спитама, ки номи бобои Зардушт будааст, ба ӯ гузоштанд. Яке аз муъҷизаҳое, ки Зардушт ҳангоми таваллуд нишон додаст, гӯё ин аст, ки вай бо садои ханда қадам ба ин ҷаҳон ниҳодааст. Пас аз таваллуд вай муъҷизаҳо ва каромоти зиёде нишон додааст. Вай дар 15-солагӣ аз ҳамсолон канорагирӣ карда, аксаран дар олами фикру андеша будааст. Дар 30-солагӣ Зардушт ба нубувват мабъус гардида, дар чеҳрааш нури илоҳӣ дурахшидааст. Готҳо тавассути ваҳйи худовандӣ ба ӯ дар кӯҳи Сиблони воқеъ дар Озорбойҷон мерасад. Вай дар ғарби Эрон 12 сол дини худро таблиғ кард, вале дар ин минтақа гӯши шунавое пайдо накард ва мавриди таъқиби рӯҳониёни динҳои политеистӣ ва табақаи ҳокимаи замонааш қарор гирифт, маҷбур ба тарки зодгоҳи худ шуд. Ӯ аз ғарби мамлакат ба шарқи он, яъне навоҳии Балху Хоразм раҳсипор шуда, дар он ҷо ба таблиғи дини худ пардохт.

Дар Бохтар Гуштосп – подшоҳи он сарзамин бо мушкилоти зиёде ба дини вай имон овард. Интишори дини Зардушт аз Бохтар оғоз гардида, ба сарзаминҳои дигар интишор ёфт. Дар густариши дин ба ӯ Гуштосп – подшоҳи охирини каёнӣ, Фрашуштра ва Ҷомосп–вазири вай ҳомӣ ва пуштибон гардиданд. Арҷосп-подшоҳи Тӯрон душмани асосии интишори дини Зардушт буд. Пас аз 35 соли зуҳур ва инкишофи дини маздаясно, Зардушт дар яке аз ҷангҳои охирине, ки байни Гуштосп ва Арҷосп сурат гирифт, дар синни 77-солагӣ кушта шуд. Номи қотили ӯро тӯроние бо исми Бротрукраш овардаанд.[1]

Донишманди эронӣ Ҷалолиддини Оштиёнӣ ақидаҳоеро, ки тибқи он шимол ва шимол-ғарбии Эрони муосир ва Озорбойҷон ватани Зурдушт аст, ҷамбаст намуда, чунин навиштааст: «тақрибан тамоми донишмандоне, ки маҳалли валодати Зардуштро дар ғарби Эрон донистаанд, таҳти таъсири ривояти суннатӣ ва устураи мазҳабӣ қарор гирифта, ҳеҷ гуна далеле ғайри ин ривоятҳо пешниҳод накардаанд. Дар ҳоле, ки имрӯз мусаллам

[1] *Баҳор М.* Пажӯҳише дар асотири Эрон. – С. 190-213; *Омӯзгор Ж., Тафаззулӣ А.* Устураи зиндагии Зардушт. Теҳрон, 1380. – С. 29-46.

шудааст, ки ин сарчашмаҳо ба ҳеҷ ваҷҳ асолат надоранд. Ҷолиб аст, ки худи ҳамин муҳаққиқон ин ҳақиқатро таъйид мекунанд. Дар баррасии шарҳи ҳоли Зардушт мантиқ ҳукм мекунад, ки бо равиши систематикӣ ба кашфи ҳақиқат пардозем ва чун ривоятҳои суннатӣ дар рӯйи устураҳои афсонагун устувор аст, аз такя ба онҳо парҳез намоем».[1]

Дар илми авестошиносӣ, мисли соири илмҳо, ҳар таҳқиқоти ҷиддӣ, ки аз ҷониби пажӯҳишгарон сурат мегирад, ба гӯшае аз мубҳамот ва норавшаниҳои мавзӯъ равшанӣ меандозад. Чун имрӯз заминаи амалии таҳқиқот васеъ гаштааст, аксари донишмандон дар натиҷаи таҳлили амиқи матнҳои Авесто, муқоисаи он бо Ведаҳо, сарчашмаҳои Паҳлавӣ, осори муаррихони асрҳои миёна ва бахусус истифодаи васеи бозёфтҳои бостоншиносӣ, топография, томонимика, забоншиносии муқоисавӣ ба чунин хулоса омадаанд, ки зодгоҳи вахшури ориёӣ дар шарқ ва шимол-шарқии Эроншаҳри бостон воқеъ будааст.

Рукниддин Ҳумоюн Фаррух, яке аз донишмандони Эрони муосир дар ин бора навишта аст. «ба тавре ки медонем, он 16 кишвар[2] ҳама дар шарқи Эрон ҳастанд, бинобар ин дар Авесто ному нишони як шаҳр ё як кишвари воқеъ дар ғарби Эрон наомада ва метавон гуфт, ки ин маврид беҳтарин далелу гувоҳи содиқ аст ба ин ки Зардушт ҳеҷ гоҳ дар ғарби Эрон ва ё Озорбойҷон назистааст, чӣ агар ҷуз ин буд, имкон надошт, аз зодгоҳи худ мутлақан ёде накунад ва номи кишвар ё шаҳрро набарад».[3] Зултсер – шарқшиноси олмонӣ дар баррасие, ки дар соли 1979 ба амал оварда буд, навиштааст, ки то садаи охирин назарияе, ки дар замони Сосониён аз тарафи теологҳои зардуштӣ баён мешуд ва мутобиқи он Зардушт аз шимол-ғарбии Эрон, сарзамини Модҳо ё Озорбойҷон реша гирифта буд, мавриди қабул қарор гирифтааст. Ахиран собит шудааст, ки ин тасаввур фақат пояи сиёсӣ дошта ва фақат афсонае будааст. Аз ин фикр Дюшен-Гийемен ҷонибдорӣ кардааст.[4] Омили муҳими дигаре, ки донишмандон манотиқи ғарби Эронро мардуд медонанд омили забонист. Забони авестоӣ дар муқоиса бо дигар забонҳои эронӣ

---

[1] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 26.

[2] Донишманд 16 кишвареро дар назар дорад, ки дар фаргарди аввали Вандидод зикр шудаанд.

[3] Маҷаллаи «Баррасиҳои таърихӣ». 1347, № 5 – С. 299.

[4] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 33-34.

забонест, ки мутааллиқ ба шарқи Эроншаҳри бостон аст ва дар ин китоб ҳеҷ нишоне аз вожаҳое, ки асли модӣ ё форсии бостон дошта бошанд, дида намешавад.[1]

Аз ин рӯ, дар охири нимаи аввал ва дуюми асри гузашта пажӯҳишгарон ҷиҳати таъйини зодгоҳи паёмбари дини нахустини яктопарастӣ ба шарқ ва шимолу шарқии эроншаҳри бостон рӯ оварданд. Дар ин давра ҳам, чун таъйини ҳудуди мушаххаси зодгоҳи Зардушт минтақаи васеъро дарбар мегирифт, мушкилоти зиёде ба вуҷуд овард. Дар суннати зардуштӣ Балх (Бохтар) маркази мазҳабии ин дин ба шумор мерафт. Аз ин ҷиҳат аксари донишмандони муосир ин маҳалро зодгоҳи паёмбар шинохтаанд. Масалан, Винденгрен ватани Зардуштро дар ҳудуди Хоразм, Бохтар, Суғд ва атрофи кӯли Арал нишон медиҳад. Зеҳнер бахшҳои шимоли Афғонистонро чунин минтақа медонад.[2]Неолӣ бар он аст, ки зодгоҳи Зардушт дар ноҳияе миёни Ҳиндукуш ва Ҳомун дар Афғонистон аст. Ба назари вай шимолтарин ноҳияе, ки ҳудуди фаъолияти Зардушт будааст, Балх Ҳирот ва ҷанубтарин ноҳия Заранг ва Рахҷ аст.[3] Маркварт маълумоти Ҳеродотро ба эътибор гирифта, ба чунин натиҷа расидааст, ки он водиҳои дарёи Таҷан мебошад.[4]

Имрӯз муҳаққиқон минтақаи Бохтарро, ки аз рӯйи ривояти суннатии дини зардуштӣ маркази мазҳабии дини маздаясно ба шумор меравад, бо дастовардҳои имрӯзаи авестошиносӣ муқоиса карда, ҳоло ин маҳалро иқоматгоҳи муваққатии қабилаҳои эронӣ дар сари роҳи онҳо ба ватани таърихии онҳо медонанд. Гузашта аз ин, далелҳои забоншиносӣ, ки дар исботи масъала мақоми муҳим доранд, номувофиқатии забонҳои авестоӣ ва забони бохтарии қадимро ифшо намудааст. Дар пешгуфтори «Авесто дар тарҷумаҳои русӣ (солҳои 1861-1996)» дар ин бора чунин навишта шудааст: «масъалаи нақши Бохтар дар ташаккул ва марҳилаи ибтидоии инкишофи Зардуштия бисёр муҳим аст. Замоне як гурӯҳ олимон дар лаҳҷаи бохтарӣ забони авестоӣ пиндошта, ин мамлакатро маҳди ватани Зардушт ва зардуштия дидан мехостанд. Ҳоло, зоҳиран, аз кӯшишҳои тавъам донистани забони Авесто ва забони бохтарӣ бояд сарфи назар карда шавад. Осори

[1] *Омӯзгор Ж., Тафаззулӣ А.* Устураи зиндагии Зардушт. Теҳрон, 1382. – С. 23.
[2] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 33-34.
[3] *Омӯзгор Ж., Тафаззулӣ А.* Устураи зиндагии Зардушт. Теҳрон, 1382. – С. 24.
[4] *Маркварт И.* Веҳруд ва Аранг. Теҳрон, 1367, – С. 14.

забони бохтарии тоза ба дастомада, сарфи назар аз он ки ба замони дуртаре (асри II мелодӣ)) марбут аст, нишон медиҳад, ки забони бохтарии куҳан ҳанӯз дар ҷараёни ташаккули худ, нисбат ба авестоӣ ва забони умумии эронӣ бо роҳи дигаре рушд мекардааст».[1]

Аз ин рӯ, донишмандони бостонӣ Шаедер маншаи Зардуштро дар шимолу шарқии Эроншаҳри бостон, яъне Туркистони шарқӣ ва минтақаи атрофи кӯли Арал медонад. Вай муътақид аст, ки Зардушт ҳеҷ гоҳе ба сарзамини кунунии Эрон, сарзамини Озорбойҷон ва ҳатто дар Афғонистон қадам нагузошта, ҳамаи ривоятҳо мазҳабӣ мебошанд, ки баъдан мураттаб гардидаанд.[2] Ба назари Нюберг – донишманди шведӣ, Зардушт дар ибтидо дар соҳили рӯди Сайҳун (Сир) зиндагӣ кардааст. Чун дини ӯро дар ватанаш напазируфтанд, вай аз он ҷо гурехти, ҷониби дарёи Ҷайҳун (Ому) муҳоҷират кардааст. Оҳиста-оҳиста дини ӯ то ба шаҳри Рай расида, он ба яке аз марказҳои мазҳабии Зардушт мубаддал гардидааст. Ба фикри ӯ, дар он замон, дар тамоми Эроншаҳри бостон панҷ раҳбар ё сарвар вуҷуд доштанд: нманапаити – сарвари хона, виспаити – сарвари авлод, зантупаити – сарвари қабила, даҳюпаити – сарвари вилоят ё мамлакат ва манупаити – сарвари рӯҳонӣ ё мазҳабӣ.[3]

Алтҳейм, Ҳумбах, Миллз, профессор Лентс, зодгоҳи Зардуштро дар бахшҳои шимоли шарқии Эроншаҳри бостон, ба хусус Бохтар, Суғд ва Туркистони шарқӣ ҳисоб кардаанд. Артур Кристенсен, ки Готҳо – таронаҳои шахсии Зардуштро мавриди мутолиаи амиқ қарор дода, бо таҳқиқоти замонааш мутобик гардондааст, дар ин бобат чунин навиштааст: «аз ҷиҳати иқтисодӣ зоҳиран миллати Готҳо кӯчнишини зореъ буд. Дар он ҷо як ҳолати мутағайири иқтисодӣ мушоҳида мешавад, ки хоси Осиёи дохилӣ ва ҳамчунин сарзаминҳои мухталифи эрониёни даврони баъд аст. Дар ин ҷо қабила дорои масокини зимистонӣ ва муайяне буд, ки ба наҳви ибтидоӣ дар он ба зироат иштиғол дошта ва аз селобҳо ё рӯдхонаҳо барои обёрии арзии худ истифода мекард. Тобистонҳо ин қабила шурӯъ ба муҳоҷират ба чарогоҳҳо менамуд, ки маъмулан дар навоҳии муртафеъ ва дар кӯҳистонҳо

---

[1] Авеста в русских переводах (1861-1996). – С. 9-13.
[2] *Пурдовуд.* Ясно. Ҷ.І. – С. 34-36; *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 31-33.
[3] *Нюберг С.* Динҳои Эрони бостон. – С. 64.

қарор дошт».[1] Донишманд соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардуми Готҳоро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, дар охир чунин менависад: «бо таваҷҷуҳ ба ин муқаддамот, нисбати набудани ягон нишонаи осори тамаддуни Осиёи Улё (Осиёи ғарбӣ) дар Готҳо, моро бар он медорад, ки сарзамини аслии кеши зардуштиро тақрибан дар шимол ё дар машриқи заминҳое тасаввур кунем, ки дар аҳли солифа маскани қабоили ориёӣ буда ва осори кӯчнишинии мақрун ба зироат дар он мушоҳида мешудааст. Қабоили зореъ, хусусан дар доманаҳои ҷибол ё дар шуаби арозии кӯҳистонӣ зиндагӣ мекарданд ва метавон қабоили вобаста ба тамаддуни Готҳоро сокини Суғд ё Фароғона ё Балх ва ба заҳмат Хоразм тасаввур кард».[2]

Мэри Бойс дар китоби ҷадиди худ «Чакидаи таърихи кеши Зардушт» бисёр масоили мавҷударо аз диди нав мавриди мутолиа қарор дода, дар натиҷаи таҳлили Готҳо дар бораи Зардушт чунин андеша иброз медорад: «матнҳои авестоии куҳан, яъне Готҳо ва ду мантраи[3] (тарона – Э.Р.) муваҷҷаз ва яснои ҳафтҳот[4] дорои ишораҳо ва далелҳои гаронбаҳо ва боаҳамият дар бораи ҷомеаест, ки Зардуштро дар домани хеш парваронда буд. Ҷомеае, ки худро аз назари нажодӣ ва қавмӣ ошкоро якдасту якпорча медид ва ба ақвоми бегона ва ноором ба он ишора мешавад …

Он тасвире, ки аз мутолиаи матнҳо, аз ҷомеаи бостонии авесто ба чашм мехӯрад, ба он чӣ, ки аз чӣ гунагии зиндагии иҷтимоии қавмҳое, ки дар охири ҳазораи 2 то мелод дар шимоли рӯди Сайҳун (Сир) мезистаанд, мутобиқат дорад. Сарзамини паҳновари пӯшида аз саҳрою дашт ва ҷангалҳои кон ва рӯдсор ва кӯҳсоре, ки имрӯз бар он номи Қазоқистонро итлоқ мекунанд ва аз назари вусъат тақрибан баробар аст бо ниме аз масоҳати Аврупои ғарбӣ».[5]

Забоншиноси забардасти рус Абаев В.И. Зардуштро намояндаи қабилаи тӯр дониста, маҳалли ӯро соҳилҳои дарёи Сир муайян мекунад. Ба фикри ӯ, Зардушт дар миёни ҳамқавмони худ ба тарғиби оини ҷадид шурӯъ карда, онҳоро ба пайравӣ аз оини маздаясно даъват намуд. Вале пайравони оинҳои мухталиф,

---

[1] *Кристенсен А.* Маздопарастӣ дар Эрони қадим. Теҳрон, 1376. – С. 22.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 23.
[3] Ҳар готи 17-гонаи Зардушт бо номи матра (тарона) ёд мешаванд.
[4] Яснои 35 то 42 аз ҷиҳати қадимат ба Готҳо наздик буда, аз ҷониби шогирдони паёмбари ориёӣ навишта шудаанд.
[5] *Бойс М.* Чакидаи таърихи Кеши Зардушт. Теҳрон, 1377. – С. 44-49.

бахусус пешвоёни динии онҳо ба ӯ зиддият карда, ба таҳдиду таъқиб пардохтанд ва ӯ маҷбур гардид маҳалли сукунати худро тарк карда, мусофиратҳои дурудароз анҷом диҳад.[1]

Ба вуҷуди он ки дар миёни ҷомеаи Готҳо ва қабилаҳои сакҳо (скифҳо) донишмандон гоҳе фосилаи ночиз ва гоҳе нисбатан тӯлонӣ қарор медиҳанд, бозёфтҳои бостоншиносӣ силсила ва пайдарҳамии фарҳангҳои авестоӣ ва сакоиро собит менамояд. Бостоншиноси маъруфи рус Бернштам А.Н., ки дар тӯли беш аз даҳ соли миёнаҳои асри XX масоҳати бузурги Осиёи Марказиро мавриди таҳқиқу ковишҳо қарор додааст, Рангҳаро номи бостонии дарёи Сир дониста, маҳалли пайдоиши зардуштияи ибтидоиро дар ноҳияи Ҳафтрӯд (домонаи кӯҳҳои Тиёншон ва Помир) медонад: «мушоҳидаи умумии ин сарзамин ба мо имкон медиҳад, навоҳии марказиро аз маҳалҳои атроф ҷудо кунем. Ҷойи шубҳа нест, ки маркази асосии тамаддуни сакоӣ моварои дарёҳои Или ва Чу ва бахусус водии дарёи Чу аст. Доманаҳои кӯҳҳои Тиёншон, бахусус Помир теппаҳои начандон калон дорад. Дар ин минтақа, дар водии дарёи Или, бахусус Турген, Иссиқ, Талгар ва шарқтар то водии Иртиш, шоҳқабилаҳои сакоиҳо зиндагӣ мекарданд».[2]

Дар Тоҷикистон низ солҳои охир дар заминаи пайдо кардани ватани мушаххаси Зардушт таҳқиқоти муайяне анҷом дода шудааст. Масалан, бостоншиноси донишманди тоҷик Юсуфшоҳ Ёқубов паёмбари ориёиро аз Бохтар, аз деҳкадае ба номи Дорич – Дуродж воқеъ дар Бадахшони Афғонистон ҳисоб мекунад. Вай дар мубоҳиса бо Пянков И.В. чунин далел меорад, ки мутобиқи фаргарди XX Вандидод, деҳе ки Зардушт таваллуд шудааст, Дорич номида мешавад.[3] Бояд зикр кард, ки на танҳо дар Вандидод, балки дар тамоми адабиёти динии зардуштӣ чунин рустое вуҷуд надорад. Мувофиқи Вандидод (фаргарди 19 бандҳои 4, 11) Бандаҳишн (боби X) ва сарчашмаҳои дигари паҳлавӣ Дреҷо ё Дареҷа рӯди бороиест, ки шохоби дарёи неки Даитя аст ва хонаи падари Зардушт дар соҳили он қарор дорад. Донишманди дигари Тоҷикистон Пянков И.В. рӯди Даргамро, ки дар боби 9

---

[1] *Абаев В.И.* Скифский быт и реформы Зороастра. АО, т. 24, 1956. – С. 23-56. *Муъминзода Ҳ.* Зардушт ва оини ӯ. Душанбе, 1993. – С. 36.

[2] *Бернштам А.Н.* Материалы и исследования по археологии СССР №26. Историко-археологические очерки Центрального Тяньшаня и Памиро-Алая. М., 1952. – С. 214.

[3] *Яқубов Ю.* К проблеме времени и места рождения Зардуштры. В. Сб. Авеста в истории и культуры Центральной Азии. Душанбе., 2001. – С. 39.

Бундаҳишн омадааст, бо рӯди Дарғом дар Суғд мувофиқат дода, он маҳалро зодгоҳи паёмбари ориёӣ медонад.[1] Муҳаққиқи дигар Муъминҷонов Ҳ., дар асоси муқоиса ва мутобиққунонии матнҳои Авесто ва адабиёти зардуштӣ топография ва топонимикаи он бо дастовардҳои илми авестошиносии имрӯз ба чунин хулоса омадааст, ки зодгоҳи паёмбари ориёӣ дар гирду атрофи Иссиққӯл ва вилояти куҳани Ҳафтрӯд воқеъ дар Қирғизистон ва Қазоқистони муосир қарор дорад.[2]

Зардушт дар Готҳо дар бораи худ маълумоти мустақиме намедиҳад. Вале ҷолиб аст, ки тамоми фаъолияти Аҳуромаздо ва паёмбари ӯ дар «Айиряна Ваеҷа» (Ориёвиҷ) сипарӣ мешавад. Фаргарди аввали Вандидод ин сарзаминро сарзамини аввалини офаридаи Аҳуромаздо муаррифӣ мекунад ва он дар тамоми бахшҳои Авесто муқаддас дониста шуда, сутуда мешавад. Кӯли муқаддаси Чаечест, дарёи неки Даитя, шаҳр ё зистгоҳи бунёдкардаи Ҷамшед бо номи Варачамкард, канал ё рӯди сохтаи Афросиёб – Новтог зодгоҳи Зардушт тахмин мешаванд. Мувофиқи гузидаҳои Зотспарам (фасли 2) мулоқоти нахустини Зардушт бо Аҳуромаздо – Худованди бузург дар «Айиряна Ваеҷа» ба амал омад. Ҳамин сарчашма (боби 22) маълумот медиҳад, ки муколимаи Зардушт бо ҳафт амшоспанд дар ҳамин сарзамин сурат гирифт. Дар асоси Бундаҳишн (фасли 32 банди 3) Зардушт бори нахуст дар ин сарзамин ба Аҳуромаздо маросими ситоиш ба ҷо овард ва Мадюмоҳ – писари Оростӣ, амакбачаи паёмбар пайрави нахустини ӯ гардид.

Дар бандҳои 104-105 яшти 5 (Обоняшт) Зардушт пас аз ба ҷо овардани маросими ситоиш дар Ориёвиҷ, дар соҳили дарёи Даитяи нек, аз Аредвисура Анаҳито дархост кард, ки барои ба дин рӯ овардани Кай Гуштосп вайро комёб гардонад. Дар бандҳои 25-26 яшти 9 (Гушяшт) Зардушт пас аз тақдими назр ва анҷоми намоз дар Айиряна Ваеҷаҳ, дар соҳили дарёи Даитя аз фариштаи муваккили чорпоён – Друвосп дархост намуд, ки Хутаосаи неку озод – ҳамсари Кай Гуштосп ба дини ӯ дарояд. Гузашта аз ин мувофиқи маълумоти Бундаҳишн (боби 20 банди 32) рӯди Дареҷа (Дреҷо) монанди дарёи Дайтя дар «Айиряна Ваеҷа» аст ва дар канори он хонаи Пурушасп – падари Зардушт қарор дошт. Дар

---

[1] Авеста в истории и культуре Центральной Азии. Матер. Межд. Конф. Душанбе, 2001. – С. 39.

[2] *Муъминҷонов Ҳ.* Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2004. – С. 86.

ҳамин сарчашмаи паҳлавӣ (боби 24, банди 15) чунин омадааст: «рӯди Дареҷа сарвари рӯди боронӣ аст, зеро ки хонумони падари Зардушт дар соҳили он буд ва Зардушт дар он ҷо зода шуд». Фаргарди 19 Вандидод (бандҳои 4, 11) менависад, ки Дреҷо рӯдест, ки дар пушт ва баландии он хонаи Пурушасп падари Зардушт қарор дошт.

Аз матнҳои боло чунин бармеояд, ки Зардушт маркази «Айиряна Ваеҷа», дақиқтар дар соҳили дарёи неки Даитя ва боз ҳам дақиқтар дар пуштае дар канори рӯди боронии Дареҷа, ки шохоби Даитя буда, дар он баландӣ хонаи падараш будааст, чашм ба ҷаҳон кушодааст. Чунин рӯдҳои боронӣ одатан дар даштҳо ва доманаи кӯҳҳо ба вуҷуд меомаданд.

Дар Авесто, Афросиёб – писари Пашанг ва подшоҳи Тӯрон ду бародар дорад: Ағрирас ва Гарсиваз. Ҳар яке аз бародарони Афросиёб дар минтақае аз Тӯрон ҳукмронӣ мекарданд. Гупат яке аз минтақаҳои Тӯрон будааст, ки дар он ҷо Ағрирас ҳукмронӣ мекардааст ва бо номи Гупатшоҳ маъруф будааст. Минӯи хирад (боби 62 банди 3) менависад: «Гупатшоҳ дар Айиряна Ваеҷаҳ андар кишвари Хванирас[1] аст». Дар Дотистон диник (боби 90 банди 4) омадааст; «Салтанати Гупатшоҳ дар мамлакати Гупат муҷовири Айиряна Ваеҷаҳ дар канори оби Даитя мебошад». Дар Бундаҳишн бошад (боби 29 банди 5) сарзамини Ағрирас Сакавастан (зоҳиран Сакистон) номида шуда, лақаби худи ӯ ва писараш Гупатшоҳ омадааст.

Аз ин матнҳои сарчашмаҳои паҳлавӣ чунин ба назар мерасад, ки сарзамини Афросиёб, яъне Тӯрон ё бахше аз он ҳудуди Айиряна Ваеҷаҳ қарор доштааст. Бундаҳишн дар сари роҳи Туркистон ба тарафи Чин воқеъ аст».[2]Сарчашмаҳои паҳлавии

---

[1] Ориёиёни бостон ба ҳафт бахш тақсим буданд. Кишвари марказӣ, ки худи онҳо мезистанд ва аз ҷиҳати бо шаш бахши баробар буд, Хванираса (дорои фойтунҳои зебо) ном дошт.

[2] Ба вуҷуди он, ки донишмандон дар бораи хостгоҳи ориёиён ибрози ақида кардаанд, дар бораи таъйини мушаххаси сарзамини Айиряна Ваеҷаҳ камтар ибрози назар намудаанд. Кипперт онро ба ҷанубу шарқии Фарғона, Гейгер ба Фарғона ва Кӯҳистони ҳозира нисбат дода, Даитяро дарёи Зарафшон медонад. Баъзе донишмандон дар зери таъсири ислоҳоти даврони сосонӣ Арон – воқеъ дар шимоли Эрони муосирро Айиряна Ваеҷа донистаанд. Гейгер пас аз 14 соли таҳқиқ, дар ақидаи худ собит монда, чунин навиштааст: «Айиряна Ваеҷаҳ ҳатман дар бахшҳои болоии шимолу шарқии Эроншаҳр қарор дорад ва мумкин нест, ки Арон бошад». (Пурдовуд И. Ясно Ҷ.I. С.41) Тил низ ин сарзаминро дар шимолу шарқи Эроншаҳри бостон медонад. Фрай дар шарқи Эрон ба шумули сарзаминҳои имрӯзаи

«Динкарт» (китоби ҳафтум, бандҳои 16-19), Динкарт (китоби 7, бандҳои 2-14), гузидаҳои Зотспарам (боби 9-10), Виҷаркард динӣ (бандҳои 10-14) Заротуштнома дар бораи ӯ ривоятҳои суннатии мазҳабӣ оварда, Зардуштро дар иҳотаи душманонаи тӯрониён, соҳирон ва ҷодугарони тӯронӣ нишон додаанд.

Аз маълумоти бахшҳои гуногуни Авесто дар бораи зодгоҳи Зардушт ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ватани ӯ «Айриёна Ваеҷа» – сарзамини зебою дурахшони ориёиҳо буда, зоҳиран, дар яке аз хонаводаи сокин дар маҳали наздикӯҳӣ ва ё дараи кӯҳистонии шарқи Бохтари қадим ба дунё омадааст. Ин ақидаҳоро далелҳои дигар низ собит мекунанд.

Зардушт дар ҳоти 32 Ясно ҷуғрофияи маскунии замони куҳанро истифода намуда, аз истилоҳи «ҳафт бум» баҳра бурдааст, ки он баъдан дар бахшҳои дигари Авесто, ба хусус Яштҳо, дар шакли каршвар (кишвар, сарзамин, мамлакат) зикр гардидааст. Шумораи ҳафт дар назди ориёиёни бостон рақами муқаддас будааст. Дар Ведаҳо ҳиндувони бостон ба ҳафт Адитя ё ҳафт худо дуою намоз мебурданд. Дар Авесто низ ҳафт амшоспанд рамз ё мазҳари худованд буда, ёдоварони муқаддасу наздиктарини Аҳуромаздо дар идораи ҷаҳон мебошанд. Ҳафт буми Авесто дар китоби динии бараҳманон низ шакли Септа двипа (Septa dvipa) дошта, маънии ҳафт бум, ҳафт сарзаминро медиҳад. Дар тақсимбандии ведоӣ сарзамини нахустин – Ҷамбу, дуюм – Палакша, сеюм – Шалмолӣ, чорум – Куша, панҷум – Краунч, шашум – Шака ва ҳафтум – Пушкара омадааст.Дар ривояти ҳиндӣ ҳам мисли эрониҳо ҳар кишвареро аз кишвари дигар об, дурустараш як дарё ҷудо мекардааст.[1]

Дар китоби Виспарад (кардаи 10 банди 1) номи ҳамаи ҳафт бум ё кишвар оварда шуда, ҳар яки онҳо мадҳу ситоиш шудаанд. Исми онҳо чунин аст: Аризаҳӣ, Саваҳӣ, Фрадазафшу, Видазафшу,

---

Афғонистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳисоб мекунад. (Фрай Р. Наследие Центральной азии. Душанбе, 2000. – С. 80) Донишманди шаҳири эронӣ Иброҳими Пурдовуд Ориёвич (Эронивич)-ро дар Туркистони Россия тасаввур кардааст (Пурдовуд И. Ясно. Ҷ.I. – С. 47) Муаррих ва бостоншиноси тоҷик Неъматов Н., даштҳои Олтой то дарёи Волга ва соҳили баҳри Хазарро чунин минтақа медонад (Неъматов Н.Н. Прародина ариев. Душанбе, 2005. – С. 28) Муҳаққиқи тоҷик Муъминҷонов Ҳ.Ҳ. домани кӯҳҳои Олтой, Тяншон ва Помир, Қазоқистони муосир, баҳри Хазар, дарёи Урал ва водиҳои Фарғонаю Зарафшонро Айриёна Ваеҷаҳ муайян кардааст. (Муъминҷонов Ҳ.Ҳ. Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2004. – С. 28).

[1] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.IV. – С. 2420-2421.

Вууруберешти, Вууруҷарештӣ ва Хванирас. Аз ҳафт бум ё кишвар дар Готҳо (яснои 32 банди 3), дар Ясно (готи 57 банди 13, ҳоти 65 банди 5), Тиряшт (бандҳои 9, 40), Меҳряшт (бандҳои 15, 67, 133), Ришнуяшт (бандҳои 9-15), Вандидод (фаргарди 19 банди 39), Ҳодухт (фаргарди 1 банди 14), Баҳманяшт (фасли 3 банди 47), Обоняшт (банди 5) ва ғайра ёдоварӣ шудааст.

Бундаҳишн маълумоти ҳамаи бахшҳоро ҷамъбаст карда, дар бораи ҳафт кишвари мутазаккира ва ривоятҳои атрофи он гузориши муфассале медиҳад: Андар дин гӯяд, ки замин сию се гуна аст. Он гоҳ, ки Тиштрйа[1] борон фурӯ борид, аз он баҳр падид омад, замин дар ҳама ҷо нам гирифт ва ҳафт пора гардид, он пора, ки дар миён ҷой дода шуд, дар бузургӣ ба андозаи шаш пораи дигар, ки гирдогирди онро фаро гирифта, он шаш пора бо ҳам ба андозаи як пораи марказист, ки Хванирас аст. Ба он пораҳо «кишвар» ном ниҳоданд, зеро ҳар якеро марзе ҳаст. Порае, ки ҷониби Хуросон (шарқ) аст, сарзамини Аризаҳӣ аст, порае, ки ҷониби Ҳурварон (мағриб) аст, сарзамини Саваҳн, ду порае, ки дар тарафи Нимрӯз (ҷануб) аст, Фрадазафшу ва Видазафшу ва ду пораи дигар, ки дар тарафи Бохтар (шимол) аст, Вууруберештӣ ва Вууруҷарештӣ ва он ки миёни онҳост, Хванирас аст. Гуфта шудааст, ки дар миёни Аризаҳӣ ва Саваҳӣ ва Хванирас дарёест, ки аз баҳри Вуурукаша пиромуни он аст. Дар миёни Фрадазафшу бешаест. Дар миёни Вууруберештӣ ва Вууруҷарештӣ кӯҳи баланде бархоста, он чунон аст, ки кишвареро, бо кишвари дигар мепайвандад, аммо аз ин ҷо ба кишвари дигар гузашта намешавад.[2]

Дар Авесто дар миёни сарзаминҳои номбаршуда, аз кишвари Хванирас мадҳу ситоиши фаровон ба амал омадааст. Ин сарзамини ориёиҳо аст. Он аз ҷиҳати масоҳат баробари шаш кишвари дигар буда, нисбат ба Айиряна Ваеҷа – ки ҳостгоҳи аввалини ориёиҳост, бамаротиб бузургтар ва васеътар аст ва зоҳиран, кишварҳоеро ба худ шомил месозад, ки бо мурури замон дини зардуштиро пазируфта буданд. Хванирас дар тамоми Авесто бо унвони «дурахшон» ёдоварӣ шудааст.

Дар Меҳряшт бо чунин сатрҳо бармехӯрем: (Меҳр) Нахустин эзиди минавӣ, ки пеш аз Хуршеди фанонопазири тезасп дар болои

---

[1] Тиштрйа – фариштаи раъду барқ, борон ва фаровонҳосилӣ.
[2] Бундаҳишн. Теҳрон, 1378. – С. 75; *Пурдовуд И.* Виспарад. – С. 112-113.

кӯҳи Ҳаро[1]барояд, нахустин касе, ки бо зинатҳои заррин ороста аз фарози (кӯҳи) зебо сар ба дар оварад, аз он ҷо (он Меҳри) бисёр тавоно тамоми манзилгоҳҳои ориёиро бингарад (банди 13); Он ҷо, ки шаҳриёрони далер қуввaҳои бисёр мураттаб созанд, он ҷое, ки кӯҳҳои баланд ва чарогоҳҳои бисёр барои чорпоён … мавҷуд аст, он ҷое, ки дарёҳои амиқу васеъ воқеъ аст, он ҷое, ки рӯдҳои паҳну қобили киштиронӣ бо амвоҷи хурӯшон ба санги хоро ва кӯҳ бархӯрда, ба сӯйи Ишката, Парута, Марв, Ҳирот, Суғд ва Хоразм ҷорӣ мешаванд (банди 14); Ба (кишвари) Аризаҳи ва Саваҳӣ, ба Фридазафшу ва Видазафшу, ба Вууруберештӣ ва Вууруҷарештӣ ва ба кишвари Хванираси дурахшон. Он ҷое, ки сутурон (ҳайвонот) ором доранд ва паноҳгоҳи боварибахши сутурон аст, Меҳри тавоно нигарон аст (банди 15).

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои паҳлавӣ, чун ин сарзамин аз ҳама беҳтару зеботар буда, файзу баракати фаровон дошт. Аҳриман низ дар он ҷо осебу газанди фаровон падид овард. Аҳриман мушоҳида кард, ки дар ин ҷо ростию дурустӣ, покию порсоӣ бештар буда, сарзамини далерону паҳлавонон, мамлакати пешдодиёну каёниён ва сарзаминест, ки дар ин ҷо дини маздаясно зуҳур карда, ба мамлакатҳои дигар интишор пайдо кард ва дар ин ҷо Сушиёнтҳо – расулони охирини Аҳуромаздо пайдо шуда, рӯзи растохез (охиратро)-ро созмон медиҳанд ва ӯро нотавону мағлуб хоҳанд кард.[2]

Дар боби 29 Бундаҳишн аз ҳафт кишвар ёдоварӣ шуда, зикр гардидааст, ки ҳар яке аз онҳо раде (сарваре) доранд ва номҳои ин сарварон оварда шудааст. Дар он ҷо Зардушт сарвари Хванирас ва ҳамаи кишварҳои дигар хонда шудааст. Дар «Додистони дениг» чунин омадааст: ҳангоми зуҳур кардани Сушиёнтҳо – паёмбарони охирини Аҳуромаздо, аз ҳар яке аз ин кишварҳо яке аз покон (номи онҳо оварда шудааст), ба ёрӣ хоҳанд омад ва аз ёварони ҷовидонии Сушиёнт хоҳанд буд. Дар «Минӯи хирад» омадааст: «Хӯроки мардуме, ки дар Аризаҳӣ, Саваҳӣ, Фрадазафшу, Видазафшу, Вууруберештӣ ва Вууруҷарештӣ зиндагӣ мекунанд, шири гӯсфандон ва говон аст ва ғизои дигаре нахӯранд ва мардуми ширхор тандурусттар ва зӯрмандтаранд ва

[1] Ҳар (ав. Ҳара Березайти) кӯҳест, ки нимаафсонавӣ буда, баъзе муҳаққиқон онро бо силсилаҳҳои Тибет ва баъзеи дигар бо кӯҳи нимасотирии Албурз яке медонанд.
[2] *Баҳор М.* Аз устура то таърих. Теҳрон, 1381. – С. 13-20.

низ таваллуди фарзандонашон бегазандтар бошанд».[1] Ҳамин сарчашма ба мавқеияти ду кишвари аввалӣ низ ишора карда менависад: «резиши ҳамаи обҳо дар ҷаҳон аз кишвари Аризаҳӣ аст, он ҷо ки Хуршед барояд ва ҳаракати он ба сӯйи кишвари Сава аст, он ҷо ки хуршед фурӯ равад».[2]Бундаҳишни ҳиндӣ мавзӯъро идома медиҳад; «Аз он ҷо, ки хуршед ба баландтарин рӯз барояд, то ба кӯтоҳтарин рӯз дарояд, дар Хуросон (машриқ) кишвари Сава аст. Аз он ҷо ки кӯтоҳтарин рӯз барояд, то ба рӯзи кӯтоҳ биравад, ноҳияи Нимрӯз (ҷануб) – кишвари Фрадазафш ва Видазафш аст. Аз он ҷо, ки ба рӯзи кӯтоҳ андар шавад, то ба рӯзи баланд андар шавад, кишвари Аризаҳӣ аст. Аз он ҷо, ки ба рӯзи баланд андар ояд, то он ҷо ки ба рӯзи кӯтоҳ андар шавад, Апохтар (шимол), кишвари Вуруберешт ва Вуруҷарешт аст. Чун Хуршед барояд, (ба) кишвари Сава, Фрадазафш ва Видазафш ба ниме аз Хванирас тобад, ҳангоме ки ба он сӯйи (кӯҳи) Тирак андар шавад, ба кишвари Аризаҳӣ, Вуруберешт ва Вуруҷарештва ниме аз Хванирас тобад. Ҳангоме ки ин ҷо рӯз аст, он ҷо шаб аст».[3]

Бо вуҷуди он ки донишмандон дар асоси маълумотҳои боло пиромуни кишвару сарзаминҳои мутазаккира тахмину мулоҳизарониҳои фаровон анҷом додаанд, вале то ҳоло дар бораи маҳалли дақиқи воқеияти онҳо далелҳои эътимодбахши таърихӣ вуҷуд надорад. Аммо дар бахшҳои гуногуни Авесто пиромуни Хванирас ва мавқеияти он маълумоте пароканда нуҳуфта аст. Масалан, Бундаҳишн дар боби чордаҳуми худ чунин менависад: «Дар кишвари Хванирас бас ҷойҳои дигар аст, ки… паноҳгоҳҳои Хванирас хонда мешавад, ба монанди Кангдеж, замини Сакавастан (ё Саукавастан), дашти Пешонсӣ, рӯдхонаи Новтог, Эронвиҷ (авестоӣ Айиряна Ваеҷа), Варачамкард ва Кашмири андарунӣ». Агар номҳои ҷуғрофии сарчашмаи паҳлавиро мавриди таҳлил қарор диҳем маълум мешавад, ки аксари аъзами онҳо дар қаламрави Осиёи Марказӣ ва ё Тӯрони бостон қарор доранд. Масалан, дар Бундаҳишн (боби 29 банди 10) омадааст, ки Канг дар тарафи машриқ воқеъ аст. «Минӯи хирад» (боби 62 бандҳои 13, 14) навиштааст, ки Кангдеж дар машриқ дар сарҳади Эронвиҷ аст.

Тавре ки маълум аст, Афросиёб, Ағрирас ва Гарсеваз– писарони Пашанг, подшоҳони Тӯрон буданд. Бундаҳишн (боби 29

[1] Минӯи хирад. Теҳрон. 1379. – С. 37.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 57.
[3] Бундаҳишн (ҳиндӣ). Теҳрон, 1368 – С. 82-83.

банди 5) маълумот медиҳад, ки Ағрирас – писари Пашанг подшоҳи Мамлакати Сакавастан аст ва ӯро Гупатшоҳ мегӯянд. «Минӯи хирад» (боби 62 банди 31) чунин навиштааст: «Гупат дар Ориёвич андар кишвари Хванирас аст. «Донистони деник (боби 90 банди 4) мавқеияти ин маҳалро боз ҳам дақиқтар месозад: «Салтанати Гупатшоҳ дар мамлакати Гупат, муҷовири Ориёвич, дар канори оби Даития мебошад». Артур Кристенсен дар асари маъруфи худ «Каёниён» чунин менависад: «…Метавон ин сарзамин (Сакавастан)-ро дар самти шимол, дар сари роҳи Туркистон ба сӯйи Чин донист, яъне ҳамон тараф, ки Кангдижро бояд ҷустуҷӯ кард».[1] Юсти – донишманди аврупоӣ, ки дар ин бобат таҳқиқот анҷом додааст, чунин менависад: «Ба назар мерасад ин маҳал, ки чиниҳо низ онро таҳти исми Канг мешинохтанд ва як қисм биҳишти рӯйи замин ориёиён маҳсуб мешудааст, ба воситаи як даста аз ориёиён дар васати хоки Тӯрон, дар тарафи шимоли Сирдарё барпо шуда буд».[2] Самюэл Нюберг – авестошиноси шведӣ исмҳои ҷуғрофии зикргардидаро мавриди таҳлил қарор дода, онҳоро муқаддасоти ибтидоии дини зардуштия медонад ва онҳоро дар гирду атрофи дарёи Сир ва бахусус саргаҳи он қарор медиҳад.[3] Дар Фарвардиняшт (банди 120) ба фурӯҳари (рӯҳи) Явишта-яке аз писарони Фриёна, ки тӯронӣ буда, аз дӯстони наздики Зардушт шумурда шудааст, дуруд фиристода шудааст. Дар «Додистони деник» (боби 90 бандҳои 1-3) ҳамин Явишта аз ҷовидонҳои мазҳабии дини маздаясно ва яке аз подшоҳони Хванирас сабт гардидааст. Муҳаққиқи тоҷик Ҳ.Муъминҷонов номҳои ҷуғрофии зикргардида ва теъдоди зиёди дигари номҳои мундариҷ дар Авесторо мавриди таҳлилу тафзияи ҳамаҷониба қарор дода, аксари онҳоро марбут ба Осиёи Марказӣ медонад ва чунин мешуморад, ки шаҳру навоҳӣ ва маҳалҳои муқаддаси дини маздаясно дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Миёна қарор доранд.[4] Донишманди дигари тоҷик, профессор Ю.Ёқубов, ки дар мавзӯи Тӯрон тадқиқотҳое анҷом додаст, ҳудуди Осиёи Миёна ва гирду атрофи онро сарзамини Тӯрон ҳисоб мекунад.[5]

---

[1] *Кристенсен А.* Каёниён. – С. 82.
[2] *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.I. – С. 220.
[3] *Нюберг С.* Динҳои Эрони бостон. – С. 257.
[4] *Муъминҷонов Ҳ.* Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. – С.65 ба баъд.
[5] *Яқубов Ю.* Религия древнего Согда. Душанбе, 1996. – С. 31, 121.

Аз фикру мулоҳиза ва санаду далелҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст: ҳамвориҳои Тӯрон, ки дар шарқи баҳри Арал ва ду ҷониби соҳили дарёи Сир қарор дорад, маҳалли исботшудаи зиндагонии қабилаҳои ориёӣ шуморида мешавад. Самти шарқ моро ба доманаҳои кӯҳҳои Помир, Тиёншон то ба Хутан мерасонад. Ориёвиҷ низ дар ҳамин ҳудуд қарор дошта, ишораҳои норавшани матнҳои Авесто ва сарчашмаҳои паҳлавӣ минтақахои мутазаккираро яке аз бахшҳои марказии Хванирас муаррифӣ мекунад.

Дар бораи фаргарди аввали Вандидод, ки дар он 16 сарзамини аввалину беҳтарини офаридаи Аҳуромаздо зикр шудааст, солҳои тӯлонист, ки дар атрофи он донишмандон мубоҳиса мекунанд. Нисбати ин ки муносибатҳо дар баробари Авесто гуногун аст, мавқею ҷобаҷогузории ин сарзаминҳо дар харитаи ҷуғрофӣ низ мухталиф мебошад.

Дар Вандидод кишварҳо бо азму тартиби зерин оварда шудаанд: «Нахустин сарзамин ва кишвари неке, ки ман Аҳуромаздо офаридам, Айиряна Ваеҷа (Ориёвиҷ) буда, бар каронаи дарёи неки Даития. Он гоҳ Аҳримани маргофарин омада, осеби аждаҳоро биофарид ва зимистони девофаридаро ба ҷаҳон ҳастӣ бахшид. Дар он ҷо даҳ моҳ зимистон аст ва ду моҳ тобистон ва дар он ду моҳ ҳам ҳаво барои об, хок ва дарахтон сард аст. Зимистон бадтарин осебҳоро дар он ҷо фуруд меоварад: дуюмин сарзамини неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, сарзамини Суғд буд. Пас Аҳримани маргофарин омада, осеби хашароти «скаитя»[1]-ро офарид, ки марг дар галаи говон ба вуҷуд овард: сеюмин сарзамин ва кишвари некӣ, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, Марви неруманду пок буд. Пас Аҳримани маргофарин омада, осеби «хоҳишҳои гуноҳолуд»-ро биофарид: сарзамини чорум ва кишвари неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, Балхи зебои парчамафрошта буд. Пас Аҳримани маргофарин омада, балои «бровара»-ро падид овард; панҷумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман Аҳуромаздо офаридам, Нисояи миёни Балх ва Марв буд. Пас он гоҳ Аҳримани маргофарин омада, гуноҳи «сустбоварӣ»-ро офарид; шашумин сарзамин ва кишовари неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, Ҳирот ва кӯли он буд. Он гоҳ Аҳримани маргофарин омада, гуноҳи «Сиришку нолаю фиғон»-ро падид овард; ҳафтумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман –

[1] Ин калима возеҳ тарҷума нашудааст.

Аҳуромаздо офаридам, Ваекеретаи бадсоя буд. Он гоҳ Аҳримани маргофарин омада, парии «Хненсаити»-ро офарид, ки ба Гаршосп пайваст; ҳаштумин сарзамини неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, Урваи дорои чарогоҳи фаровон буд. Он гоҳ Аҳримани маргофарин омада гуноҳи «ҳукмронии ситамгарона»-ро ба вуҷуд овард; нуҳумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, Хнента дар сарзамини Веҳркона (Гургон) аст, он гоҳ Аҳримани маргофарин омада, гуноҳи набахшудании «Наруваепа»-ро офарид; даҳумин сарзамин ва кишвари неке, ман – Аҳуромаздо офаридам Харахвайтии зебо буд. Он гоҳ Аҳримани маргофарин омада, гуноҳи набахшидании «Ба хоксупории мурдагон»-ро падид овард; ёздаҳумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, Ҳаэтумант (Ҳилманд)-и роюманду фараҳманд буд. Он гоҳ Аҳримани маргофарин омада, ҷодугарии зиёноварро офарид; дувоздаҳумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, Рай буд, ки сарвар дар он фармонравоянд. Он гоҳ Аҳримани маргофарин омада, гуноҳи «бедор кардани сустбоварӣ»-ро офарид; сенздаҳумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, Чеҳраи неруманду пок буд. Он гоҳ Аҳримани маргофарин омода, гуноҳи набахшудании «Мурдасӯзон»-ро офарид; чордаҳумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, Варенаи чоргӯша буд, ки Фаридун – дарҳамкӯбандаи Ажидаҳока (Заҳҳок) дар он зода шуд. Он гоҳ Аҳримани маргофарин омада, моҳонаи ноҳинҷори занон ва бедодгарии фармонравоёни бегонаро падид овард; понздаҳумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, Ҳафтрӯд буд. Он гоҳ Аҳримани маргофарин омада, дар он ҷо осеби «Дахшча» ва гармои сахтро офарид; шонздаҳумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман – Аҳуромаздо офаридам, сарзамини атрофи рӯди Рангҳа буд, ҷое, ки мардумон бе сарвар зиндагӣ мекунанд. Аҳримани маргофарин омада, ба ҷаҳон зимистони девофарида овард».

Аз як сӯ, аз худи матн маълум мешавад, ки то ҳанӯз баъзе калимаҳои он номаълум боқӣ мондааст. Аз ҷониби дигар бо вуҷуди он, ки чанд номи чуғрофии аввали он маълум ва мавқеияти ҷуғрофии онҳо муайян аст, мубоҳиса дар атрофи ҷобаҷогузории

номҳои дигар дар харитаи ҷуғрофӣ идома дорад.[1]Махсусан ин мушкилот пас аз сарзамини шашум оғоз мешавад. Осебу балои офаридаи Аҳриман, ки мушаххасоти сарзаминҳоро ташкил медиҳад, зидду нақиз буда, ҳамчунин мушкилоти мавҷударо ҳал карда наметавонад. Сарфи назар аз инҳо илми муосир дар бораи сарзаминҳои номбаршуда маълумоти муайян ҷамъоварӣ намудааст.

Сарзамини аввалини офаридаи Аҳуромаздо Айиряна Ваеҷаҳ (Ориёвиҷ) аст. Нисбати ин, ки ин сарзамин ватани аввалини ориёиҳо будааст, дар тамоми бахшҳои Авесто бисёр тавсиф шудааст. Он дар матнҳои Авесто дар шакли Айиряна Ваеҷа воқеъ дар соҳили дарёи Даитя омадааст. Ҷолиб аст, ки тамоми тафсилоти ҷараёни офариниши Аҳуромаздо дар ҳамин сарзамин сурат гирифта, дар ҳамин ҷо зиндагиро ба сурати гиёҳӣ ба вуҷуд овард, дар ин ҷо гови якто ва Инсони Нахустин – Каюмарсро офарид. Говро дар соҳили рости дарёи Даитя, инсони нахустинро дар соҳили чапи он. Дар ҳамин ҷо ҷамъомади Аҳуромаздо бо эзидон ва фариштагон, дар ҳамин ҷо маҷлиси Ҷамшед бо инсонҳои беҳтарини ҷаҳон сурат гирифт. Дар ҳамин ҷо Аҳуромаздо Ҷамшедро дар бораи тӯфони шадид[2] огоҳ кард ва ба ӯ дастур дод, ки ҷиҳати ҳифзу нигоҳдории намунаҳои беҳтарини одам, ҳайвон ва растанӣ Вара (ҷой, ғор, шаҳр) бисозад. Ин Вара, ки бо номи Вараҷамкард маъруф аст, дар ҳамин ҷост. Волидайни инсонҳои муосир, тамоми намунаҳои ҳайвоноти судманд дар ин ҷо падидор гардиданд.[3] Тавре ки дар боло зикр гардид ва тамоми сарчашмаҳои паҳлавӣ таъкид мекунанд, хонаи падари Зардушт дар теппае дар сохили дарёи Дорича – шохоби дарёи неки Даитя дар Ориёвич қарор дошт. Муколамаҳои паёмбари ориёӣ бо Худованди бузург Аҳуромаздо ва амшоспандон дар ин ҷо ба амал омада, Зардушт дар ин ҷо ба паёмбарӣ баргузида шуд.

Чунин сарзамини зебо ва пурфайз, ки ориёиҳо дар он ҷо бори нахуст бори иқомат афганда, ном бароваранд, маҳорату истеъдоди фавқулодаи худро истифода намуда, барои худ ватани ормонӣ ва афсонагун ба вуҷуд оварданд, дар он ҷо тамаддуни зебою нотакрор падид оварда, барои саросари ҷаҳони куҳан

---

[1] *Брагинский И.С.* Из истории таджикской и персидской литературы. – С. 50.

[2] Ин тӯфон дар ривояти исломӣ номи тӯфони Нӯҳро гирифтааст.

[3] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.I. – С. 155-168; *Ушидарӣ Ҷ.* Донишномаи маздаясно. Теҳрон, 1371. – С. 46.

намунаи ибрат гардиданд ва теъдодашон зиёд гардида, гурӯҳе ба ғарб, гурӯҳе ба шарқ ва гурӯҳе ба ҷануб раҳсипор гардиданд, дар куҷо аст? Оё мавқеияти Ориёвич (авестоӣ Айиряна Ваеҷа)-ро муайян кардан мумкин аст?

«Минӯи хирад» (боби 44, бандҳои 17-20) менависад: Ва деви зимистон дар Ориёвиҷ тавоно аст ва дар дин пайдост, ки дар он ҷо даҳ моҳ зимистон ва ду моҳ тобистон аст ва ин ду моҳи тобистон ҳам сард аст барои об, замин ва гиёҳ. Ҳамин сарчашма (боби 62 бандҳои 12-14) менависад: «Кангдиж дар сарҳади Ориёвиҷ аст». Канг шаҳрест, ки аз тарафи Сиёвуш – писари Кайковус дар сарзамини Тӯрон, ҳангоми подшоҳии Афросиёб сохта шудааст. Дар маъхази мутазаккира (боби 62 банди 31) чунин омадааст; «Гупатшоҳ дар Ориёвиҷ андар кишвари Хванирас аст». Маълум аст, ки Гупатшоҳ лақаби Ағрирас – бародари Афросиёб буда, сарзамини ҳукмронии ӯ дар ҳудуди Тӯрон мавқеият дошт. «Додистони деник» (боби 90 банди 4) низ маълумоти мушобеҳе медиҳад: «Салтанати Гупатшоҳ дар мамлакати Гупат, муҷовири Ориёвиҷ дар канори оби Даитя мебошад». Чун дар он замон сарзамини подшоҳии Эрон аз Тӯрон ҷудо буд, дар китоби Динкард (китоби 9 боби 16 сатри 14) чунин омадааст; «Гупат дар мамлакати хориҷа аст». Зоҳиран, ин сарчашма зери мафҳуми мамлакати хориҷа мамлакати Тӯронро дар назар дорад. Бундаҳишн (боби 29 банди 5) дар ин мавзӯъ далелхои нав оварда, маълумоти моро пурратар мегардонад: «Ағрирас писари Пашанг дар мамлакати Сакавастан (ё Саукавастан)[1] аст ва ӯро Гупатшоҳ номанд». Ин сарчашма дар боби 29 банди 13 мавқеияти Тӯрон боз ҳам дақиқтар мекунад: «Мамлакати Сакавастан дар сари роҳи Туркистон ба сӯйи Чин воқеъ аст».

Аз далелҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки Тӯрон яке аз бахшҳои муҳими Ориёвиҷ буда, дар сари роҳи Туркистон ба сӯйи Чин қарор дорад. Пурдовуд дар бораи сарзамини ориёиҳои бостон чунин ақида дорад; «Ин мамлакат (Ориёвиҷ) ва рӯдаш (Даияи нек)-ро дар ҳамон ҳудуде, ки сарзамини достони миллӣ ва дини маздаясно аст, бояд тасаввур кард. Мамолике, ки имрӯза Туркистони Россия[2] номида мешавад ва тамоми мамолики шимоли шарқӣ ва шарқии Эрон ва дар ҷузви он қисмате аз хоки

[1] *Кристенсен А.* Тарзи қироати Саукавастанро машкук медонад. Тарзи қироати Сакавастан ба ҳақиқат наздик буда, маънои сарзамин ё кишвари сакоиҳоро медиҳад.
[2] Дар давраи Шӯравӣ ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро мустаъмираи русҳо медонистанд.

Афғонистон сарзамини нашъунамои дини зардуштӣ аст ва ҳамин мамлакатҳо низ сарзамини достони миллии мо ва майдони корзори ялону номварон аст».[1]

Сарфи назар аз ин донишмандони ғарбӣ дар бораи ватани ибтидоии ориёиҳо ақидаҳои мухталиф иброз доштаанд. Ҷолиб аст, ки ҳазор сол муқаддам муҳаққиқони исломӣ бо истифода аз маълумоти Авесто ва бидуни таваҷҷуҳ ба далелҳои «Таврот» ва «Қуръон»-и шариф, Хоразмро хостгоҳи ориёиҳо таъйин карда буданд. Берунӣ ва Хоразмӣ аз ҷумлаи чунин донишмандон мебошанд. Эдуард Мейер – муҳаққиқ ва муаррихи олмонӣ бахшҳои шимолии баҳри Сиёҳ ва Хазарро ватани аввалини ин қабилаҳо дониста, чунин мешуморад, ки баъдан онҳо то ба кӯли Арал интишор пайдо карданд. Донишманди дигари олмонӣ профессор Ҳирт дар асри XX Аврупои Марказиро ватани ибтидоии ориёиён муайян карда буд.[2]

Дар солҳои охир бо рушди чашмгири забоншиносии муқоисавӣ, антропология ва бахусус вусъати ковишҳои бостоншиносӣ масоҳати дид ва пешгӯйии донишмандон васеъ шуда, таваҷҷуҳи аксари онҳо ба масоҳати муайяни ҷуғрофӣ нигаронида шуд. Аз Макс Мюллер – ведашиноси маъруфи олмонии охири асри XIX сар карда то аксари донишмандони асри XX аврупоӣ Осиёи Марказӣ ва минтаҳои гирду атрофи онро ҳамчун хостгоҳи ориёиҳо интихоб карданд. Ба фикри Дарибу Жубенвил – донишманди франсавӣ чунин минтақа ҳавзаҳои дарёҳои Сайҳуну Ҷайҳун, Отто Шредер – донишманди олмонӣ ва Чайлд Гордон – олими англис – ҷануби Россия, профессор Мултон ҷанубу шарқии Россия мебошад. Ҳ. Ломмел – шарқшиноси олмонӣ ва мутахассиси тамаддуни ҳиндуэронӣ аз истилоҳоти ведаӣ ва адабиёти қадими ҳиндуолмонҳо натиҷа мегирад, ки маҳалли аввалини зиндагии ориёиҳо дар замони тадвини таронаҳо аввалини Ведаҳо бояд дар минтақаи сард буда, нуру ҳарорати оташ таъсири лаззатбахше барои ин мардум дошта бошад. Вай аз пажӯҳишҳои худ ба ин натиҷа мерасад, ки имкони ҷануби Россия беш аз ҳар нуқтаи дигар аст.[3]

Ҳ. Кипперт Ориёвичро дар машриқи шимолӣ дар ҳудуди Фарғона ва кӯҳистони муосир дониста, менависад, ки дарёи

---

[1] *Пурдовуд И.* Ясно. Ҷ.I. Теҳрон. 2536. – С. 47.
[2] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 4.
[3] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 5.

Даитя, ки дар Авесто дарёи Ориёвиҷ аст, рӯди Зарафшон мебошад. Тил низ Ориёвиҷро дар шимолу шарқ дониста, чунин менигорад: Ориёвиҷ бино ба тартибе, ки дар фаргарди аввали Вандидод омадааст, нахустин иқоматгоҳи ориёиён аст. Онҳо баъдан аз он ҷо рафта ба Суғд, Марв, Балх, Нисо, Ҳирот, Кобул, Ҳилманд дастандозӣ карданд ва пас аз он ба мамолики Эрон рӯй оварданд.[1] Профессор Олмстед, Смит – донишмандони англис, Нюберг-донишманди шведӣ, профессор Винклер-донишманди олмонӣ минтақаҳои ҷануби Россия ва бахшҳои шимолии Осиёи Марказӣ ва навоҳии кӯли Аралро хостгоҳи ибтидоии ориёиён медонанд.[2] Донишманди шведӣ Нюберг дар ин бобат чунин меғӯяд, ки сарзамини Ориёвиҷ дар шимоли Суғдиёна ва Маргиёна мавқеият дорад.[3]

Мэри Бойс менависад: «матнҳои Авестои куҳан, яъне Готҳо ва ду мантра (тарона)-и муваҷҷаз ва Яснои ҳафтҳот дорои ишораҳо ва маълумоти гаронбаҳо ва боаҳамият дар бораи ҷомеаест, ки Зардуштро дар домани худ парваронда буд. Ҷомеае, ки худро аз назари нажодию қавмӣ ошкоро яккадасту якпорча медид. Ба қавмҳои бегона ва ғайриориёӣ ишорае надорад. Чанд исми хос, ки дар он омадааст, ҳама оҳанги ориёӣ доранд. Бар хилофи порае аз дугонагиҳои боварӣ ва ақидатӣ ба назар меояд, ки ибодат ва дин бунёди муштарак доштааст. Тавре ки мушоҳида мегардад, ҷамъият назми устувор дорад, ки муқаррар ба он ишора мешавад. Воҳидҳои он ба тартиб иборатанд аз хонавода (хваету, ободӣ (варазана), тоифа (аиряман) ва сарзамине, ки онро тоифа аз худ медонад – даҳю. Намедонем, оё Айипяна Ваеҷаро як даҳю медонистанд ва ё сарзамине мураккаб аз чанд даҳю иборат буд». Ба ҷиҳати иқтисодии зиндагии қавмҳои ориёӣ дахл карда, ба суханони худ чунин идома медиҳад: «чаҳорпоёне, ки зикр шуд (гов, асп), ба иловаи гӯсфанду буз, ки аҳамияти иқтисодӣ доштанд, муддатҳои дароз буд, ки дар саҳроҳои Осиёи Марказӣ аҳлӣ шуда буданд. Аз ҳазораи 3 то мелод истифода аз гову шутур барои кашондани аробаҳое, ки чарҳҳои гирд доштанд, дар Осиёи Марказӣ расм шуда буд. Аммо дар ҳаволии соли 1800 то мелод буд, ки гардуна (фойтун) таҳаввул ёфт ва ихтироъ шуд. Василаи

[1] *Пурдовуд И.* Ясно. Ҷ.I. – С. 41.
[2] *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С. 3-6.
[3] *Нюберг С.* Динҳои Эрони бостон. – С. 326.

нақлиёти босуръаттар, ки чархҳояш миладор буд ва асп онро мекашонд ва дар шикор, мусобиқа ва ҷанг истифода мегардид».[1]

Ю. Яқубов менависад, ки ватани ибтидоии ориёиҳо ба ғайр аз Осиёи Марказӣ, бахшҳои шимолии баҳри Сиёҳ, болооби дарёи Волга, Сибири ғарбӣ ва кӯҳҳои Олтойро дар бар мегирифт. «Осиёи Марказӣ яке аз қисмҳои он ба шумор мерафт. Бесабаб нест, ки номи Ориён Вейҷ ба тариқи хеле кӯтоҳшуда – Айвақ – дар ноҳияи Қубодиёни Тоҷикистон то имрӯз вуҷуд дорад. Забоншиносон ақидае доранд, ки калимаи Айвақ ҳамон Ориён Вейҷи авастоӣ аст».[2]

Муҳаққиқи дигари тоҷик Ҳ.Муъминҷонов дар асоси истифодаи матнҳои Авесто, Ведаҳо, сарчашмаҳои паҳлавӣ, таҳқиқотҳои гуногун ва муқоисаи онҳо бо флора ва фауна, топография ва топонимикаи имрӯз ба чунин ақида омадааст, ки Ориёвиҷи ибтидоӣ масоҳати нисбатан маҳдудеро дарбар мегирад; «Агар Айиряна Ваеҷаҳ – хостгоҳи ориёиҳо дар ибтидо фақат ҳудуди доманаҳои кӯҳҳои Тяншон то ба Хутан ва кӯҳҳои Олтойро дар бар гирад, баъдан он то ба дарёҳои Урал, Қазоқистони муосир ва водиҳои Фарғонаю Зарафшон имтидод пайдо кардааст».[3] Ба андешаи ӯ, бо мурури замон, вақте ки онҳо пешрафт карда, афзоиш ёфтанд, зина ба зина интишор пайдо карда, ба саросари Хванираса (Эроншаҳри бостон) густариш ёфтанд. Академик Н.Неъматов «Айрана Ваеҷа»-ро минтақаи бузурги Евразӣ медонад, ки шомили манотиқи ҷангалу саҳроии байни Олтой ва Карпат дар шимол, навори бузурги сиёҳ аз доманаи ғарбии Ҳимолой то Загрос дар ҷануб ва дар байни онҳо: ҳамаи Тиёншон, Помиру Олтой ва Ҳиндукуш, фалоти Эрон, ҳамвории Омую Сирдарё ва Туркистон буд.[4]

Сарзамини дуюме, ки дар фаргарди аввали Вандидод номбар шудааст, Сугда аст. Сугда ҳамон калимаи муосири Суғд аст. Номи ин сарзамин дар Авесто дар ду шакл оварда шудааст: Суғд ва Гава. Тавре ки дар Бундаҳишн (боби 20 банди 8) омадааст, номи сеюми он дар паҳлавӣ Сурок аст. Дар он ҷо чунин омадааст: «Ман боз мегӯям, ки Аранг рӯде аст ва дар хусуси он гуфта шудааст, ки он аз Албурз меояд ва ба мамлакати Сурок меравад ва дар он ҷо

---

[1] *Бойс М.* Чакидаи таърихи кеши Зардушт. – С. 46.
[2] *Яқубшоҳ Ю.* Тоҷикшинос. Душанбе, 1989. – С. 15-16.
[3] *Муъминҷонов Ҳ.* Тӯрон –гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. – С. 28.
[4] *Негматов Н.* Таджикский феномен: теория и история. Душанбе, 1997. – С. 21.

онро (Оми) меноманд». Чун ин сарчашма дар боби 15 банди 29 Суғд ва Сурокро яке донистааст, аз матни боло чунин бармеояд, ки сухан дар бораи фаргарди аввали Вандидод дар шакли Суғд ва дар банди 14 Меҳряшт дар ҳарду шакл, яъне Суғд ва Гава омадааст. Нисбати ин ки калимаи Гава дар забони авестоӣ мафҳуми фаровон дорад, донишманди франсавӣ де Ҳарле муътақид аст, ки Гава бояд пойтахт ва маркази ҳукумати суғдиён бошад. Суғд бештар дар шакли Суғза-шаяна истифода шудааст, ки маънии сарзамини будубоши суғдиёнро медиҳад. Ин ном дар катибаҳои подшоҳони ҳахоманишӣ дар Беҳсутун дар шакли Сугуда омадааст.[1]«Донишномаи Эрони бостон» дар бораи ин сарзамин чунин маълумот медиҳад: «Суғд дар асри бостон аз сӯйи шарқ ва шимол ба саҳрои Сибир ва Муғулистон ва аз ғарб ба Хоразм ва аз ҷануб ба Балх (Бохтар, Бактрия) ҳаммарз буд. Куҳантарин сарзамини шинохташудаи ориёиён, ки дар он ҷо бинои тамаддун ва шаҳрҳои ободеро ниҳоданд, ки овозаи ҷаҳонӣ пайдо кард ва ҳатто то садаҳои панҷуму чоруми ҳичрӣ низ ончунон шуҳрате дошт, ки гавҳари дурахшони Шарқ номида мешуд. Мардонаш далеру ҷанговар буданд. Ҳангоме ки Искандар Дорои III-ро шикаст дод ва ба сӯйи Ховар равона шуд, суғдиҳо буданд, ки дар баробараш мардона истодагӣ карданд. Чун суғдиҳо мағлуб шуданд, бо саркашиҳо ва муқовимати мусбат корро бар Мақдуниён ва муздурони юнонии онҳо чунон танг сохтанд, ки Искандар дастур ба қатли оми ваҳшатноке дод. Сардороне, чун Спитабатес ва Оксиартес муқовимат ва рашодаташон дар таърих машҳур аст».[2] Мувофиқи маълумоти ин китоб дар миёни садаҳои VI то IV то мелод Суғд дар авҷи аҳамият ва қудрату эътибор буда, бо фарҳанги махсуси ориёии худ ҳамчун машъали тобандае будааст. Мувофиқи маълумоти ин сарчашма, дар он давр Суғд яке аз самтҳои чоргонаи дунё ҳисоб мешуд. Авҷи шукӯҳи ҷалоли он дар нимаи дуюми қарни сеюми ҳичрӣ, дар замони фармонравоии подшоҳони Сомонӣ ҳамчунон пойдор монда буд.[3]

Китоби паҳлавии «Шаҳристонҳои Эрон» (боби 2 банди 5) дар бораи ин сарзамини бостонӣ чунин маълумот медиҳад: Самарқанд – пойтахти Суғдиёнро Кайковус (авестоӣ Кави Усан)

---

[1] *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.I. – С. 431.
[2] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.II. – С. 1431.
[3] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.II. – С. 1431.

ва Сиёвуш (авестоӣ Кави Сиёваршан) пай афганданд ва Оташи Баҳромро Сиёвуш барпо кард. Дар Самарқанд буд. ки Зардушт ба дарбори Кай Гуштосп омад ва он ҷо бо хоҳиши шоҳ Авесторо лавҳаҳои заррин нақш кард ва дар хазонаи маъбад ба амонат гузошта шуд ва саранҷом Искандари малъун онҳоро ёфт ва нобуд сохт.[1]

Сарзамини сеюме, ки Аҳуромаздо барои ориёиён офаридааст, дар Вандидод дар шакли Мӯру омадааст, ки ҳамон Марв аст. Дар он мардони неруманду тавоно зиндагӣ мекарданд, аммо Аҳримани маргофарин дар ин ҷо чунин хоҳишҳои гуноҳолуд мисли тамоюли хунрезӣ, бетамкинӣ ва рафторҳои нописанд падид овард. Дар катибаҳои Хахоманишӣ дар шакли Маргу омада, яке аз сатрапияҳои империяи Хахоманишӣ будааст.[2]

Ҳамчунон ки Марв дар давраи авестоӣ шаҳри бузургу мутамаддин ва сернуфузу пурҷамъият буд, дар даврањои исломӣ низ пойтахти минтақаи васеи ҳукумати Хуросон ба шумор мерафт. «Ҳудуд-ул-олам», ки яке аз аввалин асарҳои ҷуғрофӣ ба забони тоҷикӣ буда, дар асри Х таълиф шудааст, дар бораи Марв менависад; «Шаҳри бузург аст ва андар қадим нишасти мири Хуросон он ҷо буд ва акнун ба Бухоро нишинад, ҷойи бо неъмату хуррам ва дорои қалъаест, ки онро Таҳмурас бунёд кардааст. Андар вай кӯшкҳои бисёр ва ҷойи хусравон будааст. Андар ҳамаи Хуросон шаҳре нест, ки чунин бозори неку дошта бошад».[3] Муаллифони фарҳангҳои асри миёна ин шаҳрро хостгоҳи маъруфтарин хирадмандони Шарқ донистаанд. Бино ба маълумоти онҳо ватани Барзавейҳи табиб, Бузургмеҳр, Борбади мутриб шаҳри бостонии Марв аст.[4]

Сарзамини чорум ва кишвари неке, ки Аҳуромаздо офарид, дар Авесто Бохзи номида шуда, имрӯз ҳамон Балх аст. Он ҳамчун Балхи зебо ва дорандаи парчамҳои афрошта тавсиф шудааст. Аммо Аҳриман бар зидди он мӯрчаҳои фаровон ва гиёҳҳои заҳролуд падид овард. Ин ном дар катибаҳои подшоҳони ҳахоманишӣ дар шакли Бахтрӣ омадааст.[5] Юнониён бошанд онро дар шакли Бактриана мешинохтанд. Аломати парчамҳои

---

[1] *Бойс М.* Чакидаи таърихи кеши Зардушт. – С. 25.
[2] *Ушидарӣ Ҷ.* Донишномаи маздаясно. – С. 432.
[3] Ҳудуд-ул-олам мин-ал-машриқ ил-ал-мағриб. Теҳрон, 1383. – С. 301-302.
[4] Фарҳанги Деҳхудо. Ҷ.40. Теҳрон, 1352. – С. 22.
[5] Фарҳанги Деҳхудо. Ҷ. 9. – С. 1432.

афрошта, зоҳиран, ишора ба шаҳри низомӣ ё маркази низомӣ будани он аст. Чун аз давронҳои қадим тахтгоҳ ё маҳалли ҳокимнишин будааст, парчамҳояшро дар ҳолати афрошта нигоҳ медоштанд ва медонистанд, ки киноя аз ҷанговарии мардум ва ҳамеша омода будани онҳо ба ҷангу пайкор аст. Балх аз қадим «Умм-ул-билод» модари шаҳрҳо хонда мешудааст.[1] Саид Нафисӣ дар китоби «Аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ» (ҷ 1 с. 152-163) дар бораи мавқеияти ин шахр ва аҳамияти он дар даврони бостон менависад: «Ба ҳамин ҷиҳат ин ноҳия аҳамияти бисёр дар робитаи давлатҳо дошт, зеро ягона роҳи хушкӣ дар миёни Осиёи ғарбӣ ва Ҳиндустон, аз як сӯ, ва Тотористону Чин, аз сӯйи дигар, буд. Дар ҳамон ноҳия буд, ки нахуст миллати сарзамини кӯҳистонии шимолу шарқӣ ба Эрон омад ва нажоди эронии имрӯзро ташкил дод ва низ ҳамон ноҳия сарчашмаи бисёре аз ақидаҳои айнии Зардушт буд. Шаҳри Бактрия, ба қавли муаррихони қадим, пойтахти ин иёлат буд ва онро қадимтарин шаҳрҳои ҷаҳон медонистанд ва онро модари шаҳрҳо лақаб дода буданд. Маъмулан дар ҳар чиз иёлати Бохтар бо иёлати Суғд, ки дар миёни Ҷайҳуну Сайҳун буд, дӯш ба дӯш роҳ мерафт ва дар ҳар коре ҳамостон ва ҳамёр буд ва ҳарду ноҳияро Куруши Кабир ва Искандари Мақдунӣ бо ранҷу заҳмати фаровон фатҳ карданд.[2] Муаллифи «Донишномаи Маздаясно» менависад: Чанде аз муаррихон созандаи Балхро Лӯҳросп ва гурӯҳи дигар Искандар донистаанд. Балх сарзамине будааст, ки Зардушт дини худро ба Кай Гуштосп арза кард. Мирхонд дар «Равзат-ус-сафо» менависад, ки оромгоҳи Тахмураси девбанд дар Балх аст. Масъудӣ маълумот медиҳад, ки Кайковус пойтахти худро аз Ироқ ба Балх интиқол дод. Аз Лӯҳросп ба баъд суҳбат аз пойтахт – Истахр нашуда, балки Балх пойтахти Эрон аст. Дини буддо низ аз Ҳинд ба он ҷо омад ва теъдоди зиёди маъбадҳои буддоӣ бунёд гардиданд, ки маъруфтарини онҳо маъбади Навбаҳор мебошад. Вале маъбади буддоии Навбаҳорро набояд ба оташкадаи маъруфи Балх яке донист.[3] Балх дар замони Сосониён, тавре ки Масъудӣ зикр намудааст, оташкадае дошт, ки аз бузургтарин оташкадаҳои зардуштиён будааст. Раиси мубадони онро Бармак мегуфтанд ва бармакиҳо аз насли ӯ буданд ва ин мақомро аз замонҳои бостон

[1] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ. III. – С. 1432.
[2] Фарҳанги Деҳхудо. Ҷ.9. – С. 186.
[3] *Ушидарӣ Ҷ.* Донишномаи маздаясно. – С. 168-169.

ба дӯш доштанд. Деворҳои оташкадаи Навбаҳорро бо ҷавоҳири гаронбаҳо ороста ва пардахои зарбофта ба рӯйи деворҳои он кашида буданд. Аксаран, бахусус дар мавсими баҳор, гулҳои бисёр бар он мениҳоданд ва ба ҳамин ҷиҳат Навбаҳор хонда мешуд.

Дар ҳамин давра буд, ки аз ҳар сӯ ба ин ҷо зоирон мешитофтанд. Бар фарози оташкада гунбади бузуре афрошта буданд, ки атрофи он 360 ҳуҷра дошт, ба андозаи хизматгузорони оташкада, ки ҳар кадом як рӯз дар хизмати маъбад қарор мегирифт ва боқимондаи сол осуда буданд. Болои гунбад парчамҳое, аз порчаҳои абрешимӣ афрошта буданд, ки ҳангоми вазиши бод ба ҳар сӯ ба алвонҷ медаромад. Чандин бут ва аз он ҷумла бути Аъзам он ҷо вуҷуд дошт ва аз Кобул, Ҳинд ва Чин мардуми бисёр ба зиёрат шитофта, пас аз он ки дар баробари бут саҷда мекарданд, дасти Бармак, нигоҳбони бузургро мебӯсиданд. Заминҳои атрофи Навбаҳор ба масоҳати ҳафт фарсах вақфи ин оташкада буд ва хароҷоти калони оташкада аз даромади ҳамин заминҳо таъмин мешуд. Дар замони Усмон Ибни Аффон, ки Аҳнаф бинни Қайс Хуросонро фатҳ кард, оташкадаи Навбаҳор хароб гардид ва аҳолии он марзу бум ба дини ислом даромаданд.[1] Бино ба маълумоти ҳамин маъхаз, дар китоби «Фазоили Балх», ки соли 1350 ҳичрӣ тавассути Абулҳай Ҳабибӣ нашр гардидааст, омада, ки дар ин ҷо то садаи VIIҳичрӣ оромгоҳи Зардушт мавҷуд будааст.

Сарзамини панҷуми Маздоофарида Нисоя мебошад, ки миёни Марв ва Балх воқеъ шудааст ва Аҳриман бар зидди он балою гуноҳи шакку тардидро ба вуҷуд овард. Мутобиқи ҳафриётҳои бостоншиносие, ки гузаронида шудааст, шаҳри Нисоя яке аз ғарби Ашқобод – пойтахти Туркманистони муосир қарор дорад. Ричард Фрай ин шаҳрро на танҳо яке аз шаҳрҳои бузургтарини Осиёи Марказии даврони бостон, балки зодгоҳи яке аз қабилаҳои бузурги саккоӣ-парнҳо ҳисоб мекунад.[2] Тоҷгузарии поягузори силсилаи подшоҳони империяи Ашконӣ Аршак маҳз дар ин ҷо сурат гирифтааст. Империяи Ашкониҳо (солҳои 252 то мелод – 222 мелодӣ) тавре ки зикр шуд, яке аз давлатҳои бузурги ҷаҳони бостон буда, бо империяи Рими қадим муқобилати шадид

[1] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.III. – С. 1433.
[2] *Фрай Р.* Наследие Ирана. М., 2002. – С. 245-246, 265, 271.

дошт. Нисо аз давраи подшоҳи дуюми силсилаи Ашконӣ – Тиридот (солҳои 248-214 то мелод) пойтахти мамлакат будааст.[1]

Сарзамини шашуми Мазодоофарида Ҳаруя номида шуда, ки ба иттифоқи орои донишмандон Ҳирот шинохта шудааст. Чун Аҳуромаздо онро офарид, Аҳриман низ дар он ҷо болои жолаи шадид ва фақр падид овард. Балои овардаи Аҳриманро донишмандон ба таври гуногун тарҷума кардаанд: сиришк ва нолаю фиғон, офати пашша ва ғайра. Дар катибаҳои подшоҳони ҳахоманишӣ дар шакли Ҳарайва омадааст.[2] Имрӯз ин сарзамин дар ҷониби шимоли ғарбии Афғонистон мавқеият дорад. Муаллифи «Донишномаи Эрони бостон» дар бораи ин шаҳр менависад: «Дар замони бостон Ҳирот мисли Балх, Марв, Нисоя, Хоразм, Суғд, Кобул ва Гургон аз кишварҳои бузург ба шумор намерафт, балки аҳамияти он дар даврони исломӣ мебошад ва аз шаҳрҳои маъдудест, ки ҳатто дар замони муғулон шуҳрату эътибори фаровоне дошт».[3]

Тавре ки Ибн Ҳавқал ва Муқаддасӣ – ҷуғрофиёшиносони бузурги асри миёна навиштаанд, Ҳирот шаҳри бузург буда, қалъа ва девори баланде дошт. Дар шимоли шаҳр кӯҳистоне буд, ки аз шаҳр ду фарсах фосила дошт. Хоки он қобили зироат набуд. Аз он ҷо сангҳои осиёб ба сангҳои махсус барои сангфарш ба даст меомад. Дар қуллаи яке аз баландиҳои он оташкадаи куҳнае дида мешуд ба номи оташкадаи Сиришк, ки дар қарни IV ҳичрӣ ҳанӯз зардуштиҳо ба зиёрати он мешитофтанд. Ободию равнақи Ҳирот то замоне, ки муғулҳо онро истило карданд, боқӣ монда буд.[4]

Сарзамини ҳафтум, ки дар банди 10 Вандидод зикр гардидааст, Ваекерета ном дорад. Агар дар таъйини ҳамаи сарзаминҳои дар боло номбаршуда, аксари донишмандон ҳамфикру ҳамақида бошанд, дар муайян кардани аксари сарзаминҳои боқимонда ақидаҳои мухолифи ҳамдигар баён шудаанд. Атрофи кӯли Ҳомун дар Афғонистон ва ё кӯли Урумия дар шимоли Эрон Мэри Бойс чунин ақидаҳоро беасос ва ғайриилмӣ медонад. Гурӯҳе аз авестошиносон, ки пайрави равияи суннатии маздаясно ҳастанд, Ваекеретаро Кобул ва гирду атрофи он медонанд.

---

[1] Фарҳанги Деҳхудо. Ҷ.43. – С. 466.
[2] *Ушидарӣ Ҷ.* Донишномаи маздаясно. – С. 488.
[3] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.III. – С. 1435.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 1436.

Вале яке аз донишмандони маъруфи фарҳанги ориёӣ, олими шведӣ Ҳенрих Самюэл Нюберг менависад: ҳафтумин бахш аз сарзаминҳое, ки Аҳуромаздо офарид, Ваекерета буд, ки хорпушт лона дорад. Офати ин сарзамин, ки Анграмайню офарид, зани ҷоду (паирика, ба ҷо тоҷикӣ парӣ) Хненсаити аст, ки ба Кирисоспа[1] пайваста буд. Ин сарзамин бо Кирисоспа бастагӣ пайдо мекунад ва чунонки дидем, ӯ касест, ки худованди Ваю[2] дар Гуза (Яшти 15, банди 28), шохае аз рӯдхонаи Рангҳа, яъне дар бахшҳои пиромуну миёна ва ё болоии рӯдхонаи Сайҳун қурбонӣ карда буд. Аз ин рӯ, ман Ваекерета ва суратҳои дигари монанди онро гунае навишта аз вожаи Ваю-Керета – сарзамини офаридаи Ваю, ҷое, ки Ваю ба бартарини худоён буд, медонам ва онро бо сарзамини Гуза яке медонам. Тарҷумаҳои паҳлавӣ ин сарзаминро дар Кобул ва пиромуни он ҷустуҷӯ мекунанд, вале ин танҳо тахмин аст. Сабаби он ин аст, ки ин вожа пушти сари Ҳоруя меояд. Зани ҷодуи Хненсаити танҳо дар ҳамин ҷо ёд мешавад. Паирикоҳо аз бовардоштҳои Тӯрони бостон буд. Пайванди Кирисоспа бо чунин мавҷуде бояд аз як даста афсонаҳои тӯронии пеш аз Зардушт ва дар гирди шахсияти ӯ бархоста бошанд».[3] Ба ақидаи донишманди шведӣ, ки барои исботи андешаҳои худ далелҳои боварибахш меорад, Ваекерета бо номи паҳлавони маъруфи ривоятҳои тоҷикии замони бостон – Соми Гаршосп ё Соми Наримон вобастагии том дошта, ин сарзамин бояд дар гирду атрофи дарёи Сайҳун ҷустуҷӯ карда шавад. Ҳ. Муъминҷонов низ Ваекеретаро дар ҳамин минтақа пиндошта, онро бо шаҳри Боткен, ки дар 40 километрии шимолу шарқии Исфара, дар қаламрави ҷумҳурии Қирғизистон қарор дорад, вобаста мекунад.[4]

Ҳаштумин сарзамине, ки Аҳуромаздо барои ориёиён офарид, Урва мебошад. Ин сарзамин саршор аз сабзаҳои фаровон ва чарогоҳҳо дониста шудааст. Дар бораи мавқеияти ин сарзамин донишмандон фикру мулоҳизаҳои гуногун иброз доштаанд. Масалан, Дармстетер Ч., дар асоси ишорати Ҳеродот ба шароити хуби кишту кор ва сарсабзии заминҳо дар Бобул, ҳамин минтақа,

---

[1] Крисоспа – дар Шоҳнома Горшосп омадааст. Паҳлавони ривоятҳои бостонии тоҷикӣ, ки мисли Геракли юнонӣ аст.

[2] Ваю – фариштаи муваккали ҳаво. Дар Авесто ду Ваю аст: Ваюи нек ва Ваюи бад.

[3] *Нюберг С.* Динҳои Эрони бостон. Теҳрон, 1359. – С. 317-318.

[4] *Муъминҷонов Ҳ.* Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. – С. 214.

яъне соҳилҳои дарёи Фуротро сарзамини Урва донистааст. Де Ҳарле муътақид аст, ки ин сарзамин бояд бахшҳои шарқии Эрони бостон қарор дошта бошад.[1]

Сарзамини нуҳуми офаридаи Аҳуромаздо Хнента дар Вехркона (Гургон) мебошад. Дар катибаҳои ҳахоманишӣ дар шакли кишвари Варкона ёд шудааст. юнониён онро Гаркания мегуфтанд. Дар ин минтақа таҳти номи Хнента ё наздик ба он маҳаллае пайдо намешавад

Замоне, ки Дорои I ба тахти ҳахоманишӣ соҳиб гардид. Парсав (Парфия) ҳудуди заминҳои вилояти ҳозираи Хуросон ва Гарканияро, ки дар соҳилҳои ҷанубу шарқии баҳри Хазар қарор дошт, дарбар мегирифт.[2] Шаҳрҳои маъруфи он Қумис аст, ки дар даврони ислом машҳур шуд. Ғайр аз он шаҳри Саддарвозаи Гекатомпил ва Задаракарта аз аҳди қадим маъруф аст. Ҳангоми ҳамлаи Искандар ба Эрон (соли 331 то мелод.) ин кишвар зери фармони сардори эронӣ бо номи Фратафарн қарор дошт.[3] Бо фатҳи ин шаҳр дар ин ҷо ҳокими мақдунӣ бо номи Филиппро интихоб карданд. Ин ҳоким дар соли 318 то мелод аз тарафи яке аз фармондеҳони Эрон, ки волии Ироқ буд, кушта шуд. Пас аз парокандагии империяи Искандар чанд шахр иттиҳод карда, вориди давлати Селевкӣ шуданд.[4]

Кишвари даҳуми офаридаи Аҳуромаздо Ҳарахваитии зебо буд. Аҳримани маргофарин дар он ҷо гуноҳи дафни мурдагонро ба вуҷуд овард. Дар катибаҳои даврони подшоҳони ҳахоманишӣ ин ном дар шакли Ҳараувати (дорандаи рӯдҳои фаровон) омада, баъдан шакли Рухҷро гирифтааст. Чун ҳудуди он дар соҳилҳои Арғандоб дар Афғонистон қарор дорад, ин маҳалро Арғандоб низ мегӯянд. Чун ин минтақа бештар ба Ҳинд наздик буд, дини Зардушт дар миёни мардум камтар маъмул буда, нуфузи динҳои ҳиндӣ бештар буд. Чун заминҳои ин кишвар аз қадим ҳосилхез буд, теъдоди зиёди одамонро бо ғизо таъмин карда метавонист. Ба ифодаи Ҳеродот, дар замони ӯ дар ин сарзамини ғанӣ таманайҳо зиндагӣ мекарданд (китоби сеюм, 93 117). Дар асрҳои II-I пеш аз мелод қабилаҳои саккоӣ дар баробари Заранг, Бохтар ва

[1] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.III. – С. 1437-1438.
[2] *Фрай Р.* Наследие Ирана. – С. 79.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 180.
[4] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.I. – С. 180.

Гандҳара ин заминро тасарруф намуда, маскани худ ихтиёр намуданд.[1]

Сарзамини ёздаҳуми офаридаи Аҳуромаздо Ҳирманд (авестоӣ Ҳаетумант)-и роюманди фараҳманд аст. Аҳримани маргофарин дар он ҷо гуноҳи бузурги сеҳру ҷодуро ба вуҷуд овард. Ин калима дар санскрит Ҳетуманд, дар юнони Емимандра ва дар катибахои ҳахоманишӣ дар шакли Заранка (Заранҷ) омадааст. Нисбат ба ин, ки суннати мазҳабии зардуштӣ кӯли Саечест ё кӯли Ҳомунро дар ин минтақа ҷой медиҳад, авестошиносон ба он таваҷҷуҳи махсусе зоҳир карда, чанде аз онҳо ин сарзаминро хостгоҳи Зардушт медонанд. Вақте, ки сакоиҳо асрҳои II-I то мелод ин сарзаминро тасарруф намуданд, номи худро ба ин сарзамин доданд ва он ба Сакистон ё Сиистон мубадал гардид.[2] Сарзамини Ҳилманд ё Ҳирманди бостон заминҳои атрофи дарёи Ҳилманд ва кӯли Ҳомунро дар бар мегирифт, ки имрӯз шомили қаламрави Эрон, Афғонистон ва Балуҷистон аст. Мутобиқи суннати мазҳаби Сиистон зодгоҳи Рустам ва Сом – паҳлавонони номдори ориёӣ буда, дар даврони Каёниён аҳамияти фавқулодае дошт. Дар даврони ислом Сиистон аз ин ҷиҳат шуҳрат пайдо кард, ки подшоҳони силсилаи Саффорӣ – аввалин муборизони зидди салтанати араб аз ин сарзамин буданд.[3]

Сарзамини дувоздаҳуми зебои хубе, ки Аҳуромаздо барои ориёиҳо офарид, кишвари Рага аст, ки имрӯз Рай ном дошта, дар кишвари Эрон қарор дорад. Дар катибаҳои Ҳахоманишиён дар шакли Раго омадааст. Дар аҳди бостон ин шаҳр бахше аз кишвари Мод будааст. Дар катибаҳои Ҳахоманишиён маҳз истилоҳи Рага дар Мод омадааст. Дар ҳоти 19 банди 18 Ясно Рай ҳамчун ватани Зардушт муаррифӣ шудааст. Ин шаҳр аз қадим яке аз шаҳрҳои обод буда, дар замони ислом низ мавқеияти худро аз даст надода буд. Ибн Ҳавқал менависад, ки баъд аз Бағдод ободтар аз Рай шаҳре дар Шарқ набуд.[4] Мэри Бойс, аввалин, чунин мешуморад, ки ду шаҳри Рага мавҷуд буда, он шаҳри дар Вандидод номбаршуда нест. Сониян, дар бораи яснои 19 банди 18, ки ин шаҳрро ватани Зардушт мешуморад, чунин менигорад; «Медонем, ки ҳатто дар давраи Сосонӣ низ гоҳе матолиби ҷузъиро дар

[1] *Фрай Р.* Наследие Ирана. – С. 31, 231.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 78-79.
[3] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.III. – С. 1440.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 1441.

шароити хос бо ҳадафҳои муайян ба Авесто илова мекарданд. Барои ворид кардани матлабҳои нав дар Авесто мебоист аз тариқи иқтибос ё ба таркиби вожаҳои ошно ва истилоҳоти авестоӣ амал кунанд. Бинобар ин вуҷуди вожаи тақрибан ҳамрешаи Рага ба муғони модӣ имкон дод, ҷумлаи кӯтоҳеро таълиф ва вориди Авесто созанд, то муқаддастарин шаҳр, Рагаи худашонро тасбит кунанд ва онро вориди дуоҳои Ясно намоянд.[1]

Кишвари сездаҳуми офаридаи Аҳуромаздо, ки дар банди 17 фаргарди аввали Вандидод зикр шудааст, Чахраи неруманду тавоно ва поку беолоиш буд. Аммо Аҳриман дар ин ҷо гуноҳи сӯзондани мурдагонро падид овард. Муҳаққиқони ин мавзӯъ то ҳоло нативонистанд мавқеият ва маҳалли ин шаҳрро таъйин намуда, бо ҷуғрофияи бостонӣ татбиқ диҳанд. Масалан, Дармстетер ин мамлакатро яке аз шаҳрҳои Хуросон, Шпигел шаҳри Чаҳрам ва ғайра тахмин кардаанд. Чахра ба маънии чарх аст.[2] Ба назари ман аз эҳтимол дур нест, ки Чахра номи таърихии Пули Чархӣ бошад, ки воқеъ дар Афғонистон аст. Аз ин рӯ, ин ноҳияро зодгоҳи мутафаккир ва намояндаи тасаввуфи бузурги асри XIV тоҷик Мавлоно Яъқуби Чархӣ медонанд, ки оромгоҳи ӯ дар канори ҷанубии шаҳри Душанбе воқеъ гардидааст ва мақбараву боғи он ҳоло хеле обод шуда, зиёратгоҳи мардум мебошад.

Сарзамини чордаҳуми Маздоофарида, кишвари чорғушаи Варена мебошад, ки дар он ҷо Фаридун (авестоӣ Траетауна) – нобудкунандаи Заҳҳок (авестоӣ Ажи Даҳака) таваллуд гардид. Аммо Аҳриман барқасди офаридаи нек дар ин ҷо як силсила гуноҳҳои нобахшидаништро ба вуҷуд овард. Дар Яшти 5 (Обоняшт, банди 22) ва Яшти 9 (Гӯшяшт, банди 4) Яшти 15 (Ромяшт, банди 7-8) Ҳушанг ба Аредвисура Анаҳито фаришtаи муваккили дарёи Рангҳа қурбонӣ карда, аз ӯ хоҳиш намуд, ки ба ӯ дар ғалаба болои девони мазандарӣ ва друвандони Варфна кумак намояд. Дар бораи мавқеияти ин сарзамин низ тахмин ва фикру мулоҳизаҳои гуногун баён шудаанд. Баъзе аз донишмандон ин мавзеъро Дайлам ва Гелон дар шимоли Эрони муосир медонанд.

Аммо дар ин бобат Нюберг андешаи дигар иброз медорад. Мувофиқи маълумоти Авесто, Заҳҳок дар ибтидо подшоҳи

[1] *Бойс М.* Чакидаи таърихи Кеши Зардушт. – С. 9.
[2] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.III. – С. 1442.

сарзамини Бабар[1] буд. Донишманд ин аломатро роҳнамое дониста чунин менависад: «Ҷойи он дар сарзамини Бабар, яъне он ҷо ки сарзамини Ажидаҳака буд. Пас он пиромуни рудхонаи Сайҳун (Сирдарё) аст, зеро ки бабар ҳайвони муқаддаси Аредвисура Анаҳито буд. Донишманди мазкур ёдовар мешавад, ки мардуми ин сарзамин ҳамеша якҷоя бо сакоиҳо зикр мешаванд. Аз ин рӯ, вай ин мамлакатро дар шимоли Суғдиёна ва Бактриёна ҷой медиҳад.[2]

Сарзамини понздаҳум, ки Аҳуромаздо барои ориёиён офаридааст, Ҳапта Ҳенду мебошад. Аҳримани маргофарин дар ин ҷо гармои шадид падид овард. Ин ибора дар Ригведа дар шакли Сапта Синдава омадааст. Ибораҳои авестоӣ ва ведоӣ ҳарду мафҳуми Ҳафтруд ё ҳафт дарёро медиҳад. Хусусияти мазкур ва гармои ҳаво, ки мушаххасоти сарзамини мазкур аст, донишмандонро водор кардааст, ки чунин сарзаминро кишвари Ҳинд бидонанд. Вале дар таъйину муаррифии ҳафт дарёи мазкур дар сарзамини Ҳинд дар миёни ведошиносони ин мамлакат ва аврупоӣ мухолифат ва андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Дар ҳар феҳрист номи дарёҳои гуногун ба мушоҳида мерасад, ки баъзан исми дарёҳои мамлакатҳои дигарро низ дарбар гирифтааст.

Муъминҷонов Ҳ. ақида дорад, ки Ҳафтрӯди (дарёҳои Или, Қаратол, Биён, Оқсу, Лепса, Басканд ва Сарканд) Қазоқистон ва Қирғизистони муосир, ки дар тамоми фарҳангҳои ҷаҳонӣ яке аз марказҳои тамаддуни даврони бостон шуморида шудааст, Ҳапта Ҳендуи авестоӣ ва Сапта Синдаваи ведоӣ мебошад. Ин ақида чунин мерасонад, ки замоне қабилаҳои ҳиндуэронӣ дар як ҷо зиндагӣ карда, дорои решаи воҳиди тамаддун мебошанд.

Ғайр аз ин бояд тазаккур дод, ки ин минтақаҳо то истилои муғул аксаран мардуми ориёӣ буда, дар ин минтақаҳо тоҷикон то имрӯз боқӣ мондаанд ва ба ҳунармандию қосибӣ бештар шуғл меварзанд. Онҳо гузаштагони худро сокинони бумӣ ва доимии он ҷойҳо медонанд.

Сарзамини шонздаҳуми Маздоофарида сарзамини обшори канори дарёи Рангҳа мебошад, ки дар он ҷо мардум бе подшоҳ зиндагӣ мекунанд. Аҳримани маргофарин дар ин ҷо зимистони шадиди девофаридаро ба вуҷуд овард. Яке аз унвонҳои дарёи

---

[1] Бабар ё Баври – номи мамлакати Заҳҳок ва номи ҳайвонест, дар русӣ бобёр ва дар тоҷикӣ қундуз мегӯянд.

[2] *Нюберг С.* Динҳои Эрони бостон. – С. 321-322.

Рангҳа дар Авесто («аурвант» омадааст, ки тунду тез, чолоку тавоно, далеру паҳлавон тарҷума мешавад. Дар Авесто аз ин дарё беш аз ҳама ёдоварӣ ва тавсиф шудааст. Бартоломе ва Вест ин дарёро афсонавӣ пиндоштаанд. Маркварт муътақид аст, ки он дарёи Зарафшон аст.[1] Дармстетер ин рӯдро дарёи Даҷла медонад. Де Ҳарлез онро бо дарёи Ому татбиқ мекунад. Аммо аксари умдаи донишмандони ин мавзӯъ назар ба мушаххасоти он, дарёи Рангҳаи Авесторо дарёи Сир медонанд. Гейгер, Шпигел, Юсти, Нейберг аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Фариштаи муваккили ин рӯди бузург, ки умқи ҳазор қади одамиро дорад (Яшта 14 банди 29), Аредвисура Анаҳито – яке аз худоёни бостонии мардуми Тӯрон аст. Дар яшти панҷум дар бораи ин дарё маълумоти мушаххас пайдо кардан мумкин аст. Дар бораи мавқеияти ин дарёи авестоӣ Пурдовуд навишта: «Аз банди 81-и ҳамин яшт метавон фаҳмид, ки Рангҳа дар машриқи Эроншаҳр аст ва эҳтимол дорад, ки Сирдарё бошад, чаро ки Юишта – аз хонадони Фриёни тӯронӣ дар ҷазираи мавҷшикани Рангҳа барои Аредвисура Анаҳито қурбонӣ намуд. Фриёни тӯронӣ ҳамон аст, ки дар Готҳо (яснои 46 банди 12) аз ӯ исм бурда шуда, аз дӯстони Зардушт шумурда шудааст. Эҳтимол хонадону бозмондагони ӯро муносибтар аст, ки дар сарзамини худ, дар хоки Тӯрон қурбонӣ кунанд, то дар канори Даҷла …».[2] Дар яшти 15 (Ромяшт, банди 27) Гаршосп – паҳлавони ривоятҳои тоҷикӣ дар соҳили дарёи Рангҳа барои эзиди Ваю назру қурбонӣ анҷом медиҳад. Аз ин дарё дар яшти 10 (Меҳряшт, банди 104), яшти 12 (Рашнуяшт, бандҳои 18, 19), яшти 14 (Баҳромяшт, банди 29) ёдоварӣ ба амал омадааст. Дар Бундаҳишн (боби 9, банди 87) омадааст, ки ин рӯд аз кӯҳи Ҳара Березайтӣ битозад ва ба сарзамини Суғд ояд. Донишманди шведӣ Самюэл Нюберг дар бораи мавқеияти ин рӯд чунин менигорад: «Ба далелҳое, ки акнун хоҳад омад, ин номро ман ба сарзамини обрез, пуроби рӯдхонаи Рангҳа бармегардонам, яъне обрези рӯдхонаи Сайҳун, ки зимнан дар даврони бостон басе ҷанубтар аз имрӯз буд, ҷое, ки имрӯз Перовск хонда мешавад, рӯдхонае, ки ба шимолу ғарб меравад ва ба шимолтарин нуқтаи худ мерасад, сипас ба ҷануби ғарб печида ба бистари тақрибан 500 километри дароз, ки акнун хушк шуда, дар кӯли Арал, тақрибан дар миёнаи соҳили шарқии он мерезад».[3]

---

[1] *Маркварт Ҷ.* Веҳруд ва Аранг. Теҳрон, 1368. – С. 152 ба баъд.
[2] *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.I. – С. 226.
[3] *Нюберг С.* Динҳои Эрони бостон. – С. 323.

Дар Фарвардиняшт пиромуни қавму қабилаҳои ориёӣ маълумоте нуҳуфтааст, ки дар бахшҳои дигари Авесто дида намешавад. Масалан, дар он чунин омада: «Фурӯҳарҳои мардони покдини сарзаминҳои ориёиро меситоем. Фурӯҳарҳои занони покдини сарзаминҳои ориёиро меситоем. Фурӯҳарҳои мардони покдини сарзаминҳои Туйиряро меситоем. Фурӯҳарҳои занони покдини сарзаминҳои Туйиряро меситоем. Фурӯҳарҳои мардони покдини сарзаминҳои Саиримаро меситоем. Фурӯҳарҳои занони покдини сарзаминҳои Саиримаро меситоем» (Банди 143); «Фурӯҳарҳои мардони покдини сарзаминҳои Саиниро меситоем. Фурӯҳаҳои занони покдини сарзаминҳои Саиниро меситоем. Фурӯҳарҳои мардони покдини сарзаминҳои Доҳиро меситоем. Фурӯҳарҳои занони покдини сарзаминҳои Доҳиро меситоем». (Банди 144).

Тавре ки дида мешавад, дар ин ҷо сухан дар бораи панҷ қавм, панҷ қабила ё гурӯҳи қабилаҳо меравад; Ориёиҳо, тӯроniҳо, саиримаҳо, саиниҳо ва доҳиҳо. Аз матни боло чунин фаҳмида мешавад, ки ин панҷ қавм ё қабилаҳо дар саргаҳу сарчашмаи дини зардуштӣ қарор дошта, дар сарнавишту интишори он мақоми муштарак доранд. Дар ин матн ҳеҷ кадоме аз қавмҳо ҷудо карда нашуда, ҳиссаи баробари ҳамаи панҷ қабилаю қавми ориёӣ махсус хотирнишон карда шудааст. Нуқтаи дигаре, ки ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, ёдоварӣ ва зикри махсуси баробарии мардону занон аст. Эҳтироми махсуси ориёиҳо ба занон, муносибати нек ва бахусус баробарии ҳуқуқии мардону занонро тамоми муаррихони даврони бостон хотирнишон кардаанд.[1] Сарнавишти ин қавму қабилаҳо дар саҳифаҳои рӯзгори таърих чӣ гуна аст, дар куҷо зиндагӣ мекарданд ва чӣ осоре аз худ боқӣ гузоштанд? Баъди гузашти беш се ҳазор сол ва ба ин сарзамин сарозер гардидани даҳҳо ҳалқу қавму қабилаҳои дигар, ҷавоб ба ин савол ниҳоят мураккаб аст. Чизе, ки маълум аст, иборат аз он мебошад, ки бахши пойдору мустаҳками ин қабилаҳо дар сарзаминҳои бобоии худ боқӣ монда, бахши дигар ба гӯшаҳои мухталифи Осиё кӯч бастанд ва бахши сеюм дар зери фишори мардуми тозаворид бо онҳо омехта шуда, аз саҳифаи таърих нопадид гардиданд.

Муносибат ба ин қавму қабилаҳо, ҳам дар гузашта ва ҳам дар даврони муосир гуногун будааст. Муносибати манфии муаррихони Юнон ва Руми қадимро ба ин сарзамин ва

[1] Древние авторы о Средней Азии. Ташкент, 1940. – С. 23-24.

бошандагони он аксари муҳаққиқон хотирнишон кардаанд.[1] Яке аз донишмандони асри XIX рус Григорев В.В., ки асоси мустаҳками омӯзиши илмии таърихи Осиё Миёнаро дар Россия поягузорӣ кардааст[2], дар ин бобат чунин ибрози ақида мекунад: Масалан, «Арриан дар китоба худ «Таърихҳо дар бораи лашкаркашии Искандари Бузург», ки зоҳиран, аз рӯзномаҳои ҳамсафарони Искандар навишта мегирифт, дар бораи фарҳанги пешрафтаи Бохтар, Суғд, Хоразм, ки истиқлолияти худро аз истилогарони мақдунӣ бо далерию ҷасорати мардона муҳофизат мекарданд, оё ақаллан ишорае кардааст? Арриан дар бораи аҳолии ин заминҳо ҳамчун «барбарҳо» сухан ронда, мегӯяд, ки онҳо аз скифҳои бодиянишин фақат бо он тафовут доранд, ки соҳиби шаҳру шаҳракҳо мебошанд. Ҳоло он ки мо аз сарчашмаҳои дигар бидуни ягон шакку шубҳа медонем, ки сарзаминҳои номбурда маҳду гаҳвораи яке аз тамаддунҳои бостонитарин дар ҷаҳон мебошанд, дорои сармояи беҳтарини ақлонӣ буданд, бо истеҳсолоти худ шуҳрат доштанд ва бештар аз ҳама бо фаъолияти васеи тиҷоратии худ машҳури ҷаҳон гардида буданд. Дар бораи ҳамаи ин чизҳо мо аз Ҳеродот ҳам маълумоте гирифта наметавонем». Ва дар охир илова мекунад; «бо ин ҳама, сатҳи бузургию дурахши тамаддуни онҳо ҳаргиз паст намешавад»[3].

Тамоми сарчашмаҳо ҳамаи панҷ қабилаи номбурдаро ориёӣ медонанд. Дар Авесто аз ориёиҳо бисёр зиёд ёдоварӣ ба амал омадааст. Аз ҷумла дар Фарвардиняшт аз бунёдгузор ё нофи дудмони ориёӣ- Каюмарс (авестоӣ Гайомаретана) сухан рафтааст: «Фурӯҳари Каюмарси покро меситоем, нахустин касе, ки ба гуфтору омӯзиши Аҳуромаздо гӯш фаро дод. Аз ӯ хонаводаи мамлакатҳои ориёӣ ва нажоди ориё ба вуҷуд омад» (банди 87).

Дар ин китоби муқаддас анаря – ғайриориёӣ, бегона гуфта шуда, дар муқобили «аря» истифода гардидааст. Ба гуфтаи Страбон, ҷуғрофидони юнонӣ, ки дар асри охирини то мелод зиндагӣ мекардааст, ҳамаи ин халқҳо бо як забон, вале лаҳҷаҳои гуногун суҳбат мекардаанд.[4]

---

[1] Скифы (хрестоматия). М. 1992 – С.8; *Колледж М.* Парфяне. М. 2004. – С. 5.
[2] Историография истории Древнего Востока. Санкт-Петербург, 2002. – С. 53-54.
[3] *Григорев В.В.* О скифском народе саках. Санкт-Петербург, 1871 – С. 60-61.
[4] *Страбон.* География. – С. 672.

Ривояти ба се гурӯҳ тақсимшавии ориёиҳо, зоҳиран, решаи бисёр қадимӣ дорад. Яке аз онҳоро, ки марбут ба сакоиҳо аст. Ҳеродот, дар китоби чаҳоруми худ чунин баён мекунад: Аввалин сокини ин сарзаминҳои васеъ шахсе ба номи Таргитай буд. Вай се писар дошт: Липокасаис, Арпоксаис ва аз ҳама хурдӣ Колаксаис. Дар давраи подшоҳии онҳо аз осмон ба сарзамини скифҳо (сакҳо) ашёи зерини заррин афтоданд; сипор, юғ, табарзин ва паймона. Аввалин шахсе, ки ин чизҳоро мушоҳида кард, бародари калонӣ буд. Вале ӯ ба ин чизҳо наздик шуда буд, ки бардорад, рӯи ашёи тиллоиро дуд фаро гирифт.

Он вақт вай ақиб баргашт ва бародари дуюм ба он наздик шуд. Вале тиллоро боз забонаҳои оташ фаро гирифт. Гармии забонаҳои оташи ашёи заррин бародарони калониро маҷбур кард, ки ақибнишинӣ кунанд. Вале вақте ки бародари кӯчак ба он наздик шуд, оташ хомӯш гардид ва ӯ ашёи зарринро бардошта ба хонаи худ бурд. Баъди ин бародарони бузург розӣ шуданд, ки подшоҳиро дар ихтиёри ӯ бигузоранд[1].

Ин ривояти ориёӣ дар муқоиса бо ривояте, ки дар поён оварда, мешавад, бо ризоят ва хушии бародарон анҷом мепазирад. Дар ягон бахши Авесто дар бораи тақсими мамлакати Фаридун миёни се писарони ӯ ҳеҷ маълумоте вуҷуд надорад. Бо вуҷуди он ки дар бораи худи Фаридун (авестоӣ Траетауна) – мағлубкунандаи Заҳҳок зиёд ёдоварӣ мешавад, дар китоби муқаддас ҳатто номи писарони ӯ наёмадаанд. Фақат боре дар фарвардиняшт (банди 131) номи Айирява, ки Эраҷ аст, оварда шуда, ба фурӯҳараш дуруд фиристода шудааст. Бино ба маълумоти Динкард (китоби 8, боби 13 бандҳои 9-10), ин ривоят дар Авесто ба номи Читрадот мавҷуд будааст[2]. Вале бояд зикр кард, ки ин ривоятро тамоми муаррихони асри миёна ва «Шоҳнома» ба тафсил зикр кардаанд. Масалан, Балъамӣ ин қиссаро чунин тасвир кардааст: «Ва ӯро (Фаридунро) се писар буд: меҳтариро ном Тӯр ва миёнгинро ном Салм ва кеҳтариро – Эраҷ.

Афридун ҳама мулкро ба зиндагонии хеш миёни фарзандон қисмат кард ва ноҳияти Турк, Хазарон ва Чинистон мар Тӯрро дод ва ӯро Фағфур ном кард, замини Рум, Сақлоб, Рус ва замини Мағриб мар Салмро дод ва ӯро Қайсар ном кард ва замини Ироқ, Ҳилла, Басра, Восит, Ҳиҷоз ва то ҳадди Яман ҳама Эраҷро дод. Ва

---

[1] *Геродот.* История. – С. 236.
[2] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон – Ҷ.I. – С. 169.

Афридун Эраҷро дӯсттар дошт. Пас Афридун бимурд ва ҳар се писар ба подшоҳӣ бинишастанд ва бар бародари кеҳтар ҳасад бурданд ва ҳарду омада ба ӯ ҳарб карданд ва ӯро бикуштанд ва ҷаҳон ба ду ним карданд»[1]. Бино ба ҳамин сарчашма Манучеҳр – писари Эраҷ бар зидди амакҳои худ лашкар кашида, ҳардуро ба интиқоми падараш ҳалок намуд.[2] Ривояти боло ба хотири нишон додани сарчашмаи зиддияти байни Эрону Тӯрон дар ҳамаи осори таърихӣ оварда шудаанд. Вале таҳлилу таҷзияи ҳамаҷонибаи ривояти боло нишон медиҳад, ки он сохтаю бофтаи даврони Сосонӣ ва ё андаке пештар аз он аст. Артур Кристенсен ин мавзӯъро мавриди баррасии дақиқ қарор дода, ба чунин хулоса омадааст, ки ривояти мазкур аз ҷониби мубадон дар охири даврони ҳукмронии силсилаи ашконӣ сохта шудааст[3]. Тавре ки муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Муъминҷонов овардааст, ин зиддият дар натиҷаи афзоиши истеҳсолоти моддӣ, сарвату боигарӣ ва бахусус афзудани нуфузи аҳолии Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омад.[4]

Далели раднопазири дигаре, ки дурӯғро мардуд месозад, иборат аз он аст, ки дар бандҳои 143-144 Фарвардиняшт сухан дар бораи фақат се қабила нарафта, дар ин ҷо дар бораи панҷ қабила, ки мушаххасоти умумӣ ва муштарак доштанд меравад, ки баробар мебошанд ва яке бар дигаре бартарӣ надорад.

Ҳаракати қабилаҳои эронӣ аз ҷануби Осиёи Миёна ба сӯйи ватани таърихии худ дар охири ҳазораи II ва аввали ҳазораи I то мелод оғоз гардида, ҷараёни сукунати онҳо дар ҷануби Эрони муосир дар ҳамин давра сабт карда шудааст[5]. Аммо муаллифи «Донишномаи Эрони бостон», ки тамоми сарзамини шимоли шарқ (Осиёи Марказӣ)-ро сарзамини Эрон медонад ва фикру мулоҳизаҳои донишмандони эрониро ҷамъбаст намудааст, дар ин мавриди мулоҳизаи дигаре дорад: «он чӣ ки итминони қотеътаре метавон ба он такя кард, он аст, ки эрониён ҳангоми вуруд ба фалот, ба ду гурӯҳи умда тақсим шуданд. Дастае зиндагии шаҳрнишиниро интихоб карда ва ба кишоварзӣ пардохтанд ва дастаи дигар, чун равиши маълуф (одат)-и гузашта ба галачаронӣ, биёбонгардӣ ва гирдоварии озуқа идома доданд. Хасоиси ин ду

[1] Таърихи Табарӣ. –С. 90.
[2] Ҳамон ҷо – С. 205.
[3] *Кристенсен А.* Маздопарастӣ дар Эрони қадим. Теҳрон, 1376. – С. 112.
[4] *Муъминҷонов Ҳ.* Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. – С. 127.
[5] *Ставиский Б.Я., Яценко С.А.* Искусство и культура древних иранцев. М. 2002.– С.15; *Дандамаев М.А.* Политическая история Ахеменидской державы. М. 1985. – С.5.

навъ зиндагӣ, чунонки хоҳем дид, душманӣ миёнашон ба вуҷуд овард ва ин душманӣ бо мурури замон бисёр амиқ шуд. Ононе, ки равиши зиндагии гузаштаро идома доданд, ҳамон тӯрониён мебошанд. Дастаи дуюм, ки ба шаҳрнишинӣ ва кишоварзӣ пардохтанд, эрониён мебошанд»[1]. Донишманди эронӣ чун далелҳои воқеан раднопазире надоштааст, ҳамин суханони беасосро далели қотеъ шумурдааст.

Донишманди рус Л.Н. Гумилев сабаби ҷудоии қавмҳои ориёиро аз паҳлуи дигар мавриди баррасӣ қарор дода, сабаби онро дар ислоҳоти мазҳабии Зардушт мебинад: «онҳоро нажод ё забон аз ҳам ҷудо накарда, мазҳаб ҷудо карда буд. Ташаббуси ҷудо гардидани ваҳдати фарҳангии ориёиёни бостон, ба Зардушт, ки дини яккахудоӣ оварда, ситоиши Аҳуромаздоро тарғиб мекард, қаламдод мешавад…. Вай ба ҷойи дастаи худоёни куҳани ориёӣ-даеваҳо, ки юнониҳо онҳоро дар кӯҳи муқаддаси Олимп ва олмонихо дар Валгалла ҷой дода буданд, фариштагони нав овард. Ҷонишинҳои Аҳуромаздо – амшоспандон ва худоёни бузурги юнониҳо ва асураҳои ҳиндӣ – душманони даеваҳо, ҳамсангу ҳамвазн мебошанд. Дар дини ҷадид устура ва таквини ҷаҳон мавқеи худро 180 дараҷа тағъир дода буд. Дини ҷадидро на ҳама пазируфтанд. Ҳатто дар Эрон он ба зудӣ ҳамагонӣ нагардид. Ҳамаи ориёиёне, ки имону эътиқоди худро нисбат ба динҳои бостонии худ ҳифз карда буданд, тӯронӣ гардида, онҳое, ки дини зардуштиро қабул карда буданд, эронӣ шуданд»[2]. Ин ақидаи донишманди рус то андозае воқеъбинона буда, аз як сӯ, воқеъияти таърихиро инъикос мекунад ва аз ҷониби дигар бо мундариҷоти Авесто мувофиқат дорад.

Дар Авесто тӯра ва тӯйиря сифат буда, маънии тӯронӣ, марбут, вобаста ба Тӯронро медиҳад. Тӯра ба маънии далер, нотарс, паҳлавон омадааст. Дар забони санскрит ва фарҳангҳо низ ин калима ҳамин маъниро дорад. Дар Авесто ин қавм бо унвони баланду ифтихоромези асу-аспа – дорандаи аспҳои тездав ёд шудаанд.

Дар Авесто аз Тӯрон бисёр зиёд ёдоварӣ шудааст. Вале тавре ки дар боло омад, нисбати ин ки тӯрониҳо бо зуҳури дини зардуштӣ, дини ҷадидро напазируфта, дар эътиқодоти куҳани худ

---

[1] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.I. – С. 625.
[2] *Гумилев Л.Н.* Тысячелетие вокруг Каспия. М. 1993. – С. 57.

боқӣ монданд[1] ва дар Авесто нақши манфӣ пайдо карданд. Бо вуҷуди он ки Зардушт – паёмбари нахустин дини яктопарастӣ дар сарзамини Тӯрон мутаваллид гардида, дар он ҷо ба таблиғи дини худ пардохтааст, ин мазҳаби ӯро дар ин сарзамин напазируфтанд. Бинобар он ӯ маҷбур гардид, ба сарзамини дигар, яъне Эрон – раҷиби Тӯрон сафар кунад. Вай дар ин ҷо бо гармӣ истиқбол гардида, подшоҳони каёнӣ дини ӯро пазируфтанд[2]. Нисбати ин ки подшоҳи каёнӣ Гуштосп ва дарбориёни ӯ дини вайро пазируфта, барои интишори он кӯшишҳои фаровон анҷом доданд, дар Готҳо борҳо сутуда шудаанд.

Афросиёб – паҳлавони тӯронӣ яке аз шахсонест, ки дар сарнавишти мардуми ориёӣ мақому манзалати хосса дорад. Мувофиқи маълумоти Бундаҳишн (боби 31 банди 21), вай дар замони Манучеҳр яке аз подшоҳони охирини пешдодӣ хуруҷ карда, ӯро шикаст дод ва пояи мустаҳками давлати мустақили Тӯронро гузошт. Достони маъруфи Ораши камонгир маҳз марбут ба ҳамин давра мебошад. Абӯрайҳони Берунӣ дар ин бора чунин менависад: пас аз он, ки Афросиёб бар Манучеҳр ғалаба намуда, ӯро дар Табаристон муҳосира кард, ҳарду подшоҳ ба ин қарор омаданд, ки ҳудуди хоке, ки аз Эрон бояд ба Тӯрон вогузор гардад, ба воситаи парришу хатти сайри тир муайян карда шавад. Дар ин ҳангоми фариштаи Исфандормаз ҳозир гашта, амр кард, то тиру камоне, чунонки дар Авесто баён шудааст, баргузинанд. Он гоҳ Орашро, ки марди шарифу ҳаким ва диндоре буд, барои андохтани тир биёварданд. Ораш бараҳна шуд, бадани хеш ба ҳозирон нишон дод ва гуфт: ай подшоҳ ва ай мардум, бингаред, маро захму маразе нест, вале яқин дорам, ки пас аз андохтани тир қитъа-қитъа шуда, фидои шумо хоҳам гардид. Пас аз он даст ба чаллаи камон бурда, ба қувваи худодод тир аз шаст раҳо кард ва худ ҷон таслим намуд. Худованд ба бод амр фармуд, то тирро ҳифз намояд. Он тир аз кӯҳи Рӯён ба болотарин нуқтаи машриқ – Фарғона расид ва ба решаи дарахти чормағз, ки дар дунё бузургтар аз он дарахте набуд, нишаст. Он мавзеъро сарҳади Эрону Тӯрон қарор доданд. Аз он ҷое, ки тир партоб шуд ва то ба

[1] *Гумилев Л.Н.* Тысячелетие вокруг Каспия. М. 1993. – С.57-58.
[2] *Муъминзода Ҳ.* Зардушт ва оини ӯ (бахши I). Душанбе, 1993.– С. 24 ба баъд.

он ҷое, ки фурӯ нишаст, шаст ҳазор фарсах фосила аст. Бинобар ин ҷашни тиргон ба муносибати сулҳи Эрону Тӯрон мебошад.[1]

Сарчашмаҳои дигар чунин маълумот додаанд, ки Ораш аз кӯҳи Айирюхшуса партоб гардида, ба кӯҳи Хвонвант фуруд омад. Дигарон маҳалҳои гуногунро нишон додаанд.[2] Аз ин матн ва гузориши «Минӯи хирад» (боби 27 банди 44) маълум мешавад, ки то хуруҷи Афросиёб тӯрониён ва эрониён дар сарзамину ватани воҳид зиндагӣ карда, ҳодисае боиси зуҳури чунин зиддиятҳо гардидааст. Дар бахшҳои гуногуни Ясно ва Яштҳо зиндагии муътадил, осуда ва босаодати қавмҳои ориёӣ тасвир карда шудаанд. Артур Кристенсен менависад: «Кишвари Тӯрон Туряна ном дорад. Дар Обоняшт маҳалли ин қавм, яъне маҳалли ҷанги онон бо сардории хонадони Виса (авестоӣ Ваесака) бо Тӯс – сарлашкари Эрон наздики Канҳа маълум шудааст. Дар бораи ин ки қавми тӯр аз чӣ нажоде будаанд, бояд донист, ки аз рӯйи таҳқиқоти охирин ва ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба далелу қароине, ки аз Авесто бармеояд, метавон гуфт, ки тӯрониён аз ҷумлаи ақвоми ориёӣ будаанд, ки ҳанӯз оини маздаясноро қабул накарда буданд ва дар он сӯйи Ҷайҳун сукунат доштаанд[3]…

Ба ақидаи Иброҳими Пурдовуд, ба андешаи донишмандону шарқшиносон тӯрониён тоифаҳое буданд, ки дар даштҳои Россия, Қазоқистону Қирғизистон ҳамчун чорводору чодирнишин зиндагӣ мекарданд ва аз баҳри Хазар то рӯди Сирдарё пароканда буданд.[4]

Вале дар мавриди маҳаллу мавқеияти сарзамини Тӯрон ақидаю мулоҳизаҳои дигар низ вуҷуд дорад, ки дар саҳифаҳои пештар мавриди таҳлилу таҷзия қарор гирифтанд. Л.Н. Гумилев чунин мешуморад, ки исми Тӯрон яке аз номҳои бостонии Осиёи Марказӣ буда, ҳамвазни Эрон аст ва сокинони ин сарзаминҳо ориёиҳое буданд, ки аз ҳар ҷиҳат бо ҳам наздик буданд. Ба фикри ӯ Тӯрони бостон ҳудуди Осиёи Миёна ва Афғонистонро дарбар мегирифт.[5] Донишманди асри XIX немис Франсуа Ленорманн, ки мавзӯи Тӯрон ва тӯрониёнро мавриди таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷониба қарор додааст, тӯрониёнро яке аз қавмҳои

---

[1] *Берунӣ А.* Осор-ул-боқия. – С. 220; *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.I. – С. 335.
[2] *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.I . – С. 334.
[3] *Кристенсен А.* Маздопарастӣ дар Эрони қадим. – С. 96.
[4] *Пурдовуд И.* Ясно. Ҷ.I. – С. 57.
[5] *Гумилиев Л.Н.* Тысячелетие вокруг Каспия. М., 1993. – С. 57-61.

мутамаддини бостонӣ медонад, ки пеш аз муҳоҷиратҳои қавмҳои сомӣ ба Шарқи Наздик муҳоҷират карда, дар пайдоиш ва ташаккули тамаддуни шумериҳо, калдониҳо, бобулиҳо ва халқҳои дигари ин минтақа саҳми қобили мулоҳиза гузоштаанд. Вай ҳатто мавқеи ҷуғрофии сукунати як гурӯҳи қабилаҳои тӯрониро муайян мекунад: «вақте ки сомиҳо (арабҳо) аз як сӯ ва эрониён аз сӯйи дигар муҳоҷират карда, дар ватанҳои таърихии худ маскан ихтиёр карданд, аҳолии тӯронӣ дар миёни онҳо, аз халиҷи Форс сар карда, дар кӯҳҳо ва водиҳои дарёҳои Даҷла ва Фурот, боқӣ монданд».[1] Аз рӯйи тасвире, ки муҳаққиқи олмонӣ медиҳад, дар минтақаи мазкур яке аз шохаҳои хонаводаи ориёӣ – мардуми нотарсу муборизи курд зиндагӣ мекунанд.

Ин муҳаққиқ дар бораи аслу маншаъ ва фарҳанги тӯрониҳо чунин менигорад: «маркази ибтидоӣ, аз ҷое ки ҳамаи қавмҳои тӯронӣ дар ҷаҳон интишор пайдо карданд, самти шарқии баҳри Арал буд. Онҳо дар он ҷо, дар даврони ниҳоят бостон дорои тамаддуни худ буданд, ки бо дини дурушти собеӣ, вале самти материалистии дараҷаи баланд, норасоии илҳоми ахлоқӣ, вале дар баробари ин инкишофи фавқулодаи самтҳои муайяни дониш, комёбиҳои бузург дар ҷиҳатҳои муайяни моддӣ фарқ мекард, дар сурате ки тарафҳои дигари он дар ҳолати ибтидоӣ боқӣ монда буд. Чунин тамаддуни аҷиб дар бахшҳои зиёди Осиё интишор пайдо карда, ба гуфтаи муаррихи юнонӣ Юстин 15 аср идома дошт. Ҳамаи тӯрониёни Осиё ба ҳар сарзамине, ки сафар кунанд, ин фарҳангро ба он ҷо интиқол медоданд. Яке аз шохаҳои онҳо, ки имрӯз эстониҳо мебошанд, пеш аз ҳама ҷудо шуда буданд. Ин фарҳанги аҷиб дар Шумер (сумер) – и соҳили Даҷла ва дравидҳо дар Ҳинд ба вуҷуд омадааст».[2] Бисёре аз донишмандон ҳамаи қавмҳои ориёии маскуни Осиёи Марказӣ, ба хусус сакоиҳоро тӯронӣ номидаанд.[3] Портҳо ва сарматҳо низ аз ҷумлаи онҳо ҳисоб карда шудаанд.[4] Дорои 1 дар катибаи Беҳсутун дар Тахти Ҷамшед дар қатори мамлакатҳое, ки дар зери фармони ӯ буданд, Тӯронро ном набурда, аз се гурӯҳи қабилаҳо – сака – ҳаумаварка (сакҳои

[1] *Ленорманн Ф.* Руководство к древней истории Востока до персидских войн. Т.II. Киев, 1876.– С. 218.
[2] *Ленорманн Ф.* Руководство к древней истории Востока до персидских войн. Т.II. Киев, 1876. – С. 219.
[3] *Пурдовуд И.* Ясно. Ҷ.I – С.60.
[4] *Гумилев Л.Н.* Тысячелетие вокруг Каспия. М., 1993. – С.62.

ситояндаи ҳаума), сака- тиграхауда (сакҳое, ки болои кулоҳашон нӯгтез аст) ва сака- тарадрайя (сакҳои он сӯйи дарё) зикр мекунад.[1]

Олими тоҷик Ю. Ёқубов аз ақидаи бостоншиноси рус Э. Новгородова пуштибонӣ карда, ватани тӯрониёнро дар даврои неолит, энеолит, биринҷ ва аввали асри оҳан дар Муғулистони марказӣ медонад. Вай чунин мешуморад, ки калимаи тӯр аз номи говҳои зоти тӯр гирифта шуда, тотем- лақаби ҳамаи чорводорони ориёӣ ба шумор меравад. [2] Ба ақидаи муҳаққиқи дигари тоҷик Ҳ. Муъминҷонов дар ибтидо Тӯрон сарзамини васеъ набуда, бахше аз Айиряна Ваеҷаро ташкил медодааст. Он дар аввал доманҳои кӯҳҳои Тиёншон, Помир, Қазоқистони муосир, вилояти Ҳафтрӯд дар шарқ то ба Ҳамвориҳои Тӯрон ва кӯли Арал дар ғарб имтидод доштааст. Бо мурури замон, ки нуфузи қабилаҳои тӯронӣ бештар гардид, ҳудуди Тӯрон низ торафт васеъ шуда, дар ҳазораи аввали пеш аз мелод тамоми сарзамини Осиёи Миёна бо ин ном мусаммо гардид.[3]

Сарзамини Саиримаро ҷонибдорони равияи суннатии мазҳабӣ мутобиқи ривоят сарзамини Салм ё Сарм – писари Фаридун донистаанд. Мувофиқи маълумоти Бундаҳишн (бандҳои 20, 29) он сарзамини Рум буда, ба он Осиёи Хурд ва Сурия шомил мешудааст.[4] Вале аксари муҳаққиқон ва донишмандон бар онанд, ки Саирима сарзамини Сарматия ва халқи он сарматҳоро дар назар дорад, ки дар аксари сарчашмаҳо аз онҳо ёдоварӣ ба амал омадааст. Аксари муаррихони бостон бар ин ақидаанд, ки сарзамини сарматҳо дар ғарби кӯли Арал то дарёи Волга имтидод доштааст. Чун машғулияти асосии ин халқ чорводорӣ буда, ҳамеша дар ҷустуҷӯйи чарогоҳҳои нав мегардид, ҳанӯз Гиппокарат (солҳои 460-377 то мелод) маҳалли зиндагии онҳоро дар гирду атрофии баҳри Азов медонад. Ба гуфтаи донишманди эронӣ Руқия Беҳзодӣ табиати онҳо бо халқҳои ориёӣ мушобеҳ буда, забонашон вобаста ба забони авестоӣ мебошад. Онҳо ғарбитарин шуъбаи қабилаҳои сакоӣ буда, бо яке аз лаҳҷаҳои сакоӣ сухан мегуфтанд[5]. Аз рӯйи маълумоти муаррихони Юнони бостон Диодор ва Плиний Модҳо, ки дар Осиё аввалин давлати

---

[1] *Авдиев В.И.* Истоия древнего Востока. М., 1953. – С. 518.
[2] *Яъқубшоҳ Ю.* Тоҷикшинос. – С. 19-20.
[3] *Муъминҷонов Ҳ.* Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. – С. 38 ба баъд.
[4] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.III – С. 1340.
[5] *Беҳзодӣ Р.* Қавмҳои куҳан дар Осиёи Марказӣ ва фалоти Эрон. Теҳрон, 1380. – С.42.

бузурги ориёиро ба вуҷуд оварда буданд, худро мансуб ба ин қавм медонистанд.[1] Чун дар асари муаррихони румӣ ва юнонӣ аз ду халқ – сармат ва севромат сухан рафтааст, Йозеф Маркварт ҳардуро яке донистааст.[2] Ҳеродот дар китоби чоруми худ (бандҳои 110-117) дар бораи сарматҳо ва ба хусус тарзу усули зиндагии онҳо ҳикояти аҷибе овардааст.[3] Зоҳиран, сарматҳо гурӯҳи қабилаҳо буда, аз қавму гурӯҳҳои гуногун иборат будаанд, ки яке аз дигаре бо лаҳҷа тафовуте доштаанд. Онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардаанд: ёзигҳо, роксоланҳо, сиракҳо, аорисҳо ва атноиҳо.[4] Мувофиқи маълумоти донишманди англис Тамара Райз, қабилаҳои скифҳо ва сарматҳо аз ҳазораи I то мелод аз Дон то ба Днепр интишор пайдо карда, дар зиндагии иҷтимоӣ ва бахусус фарҳанги даврони муҳоҷирати халқҳои Аврупои марказӣ, Скандинавия ва ба василаи онҳо ба санъату ҳунари даврони асримиёнагии Ирландия ва Англия таъсири фаромӯшнашаванда боқӣ гузоштаанд.[5]

Страбон дар бораи ёзигҳо яке аз қабилаҳои сарматҳо, ки бо номи яксаматаҳо низ ёд мешуданд, навишта, ки онҳоро сокинони водиҳои дарёи Дон медонистанд, вале онҳо дар поёнии садаи II то мелод ғарби дарёи Днепр ва шарқи Днестрро иқоматгоҳи худ ихтиёр карда буданд. Сиракҳо бошад дар асри охирини пеш аз мелод дар дараҳои Кубан ва шимолу ғарбии Қафқоз зиндагӣ мекарданд.[6] Муаллифи китоби «Қавмҳои куҳан дар Осиёи Марказӣ ва фалоти Эрон» чунин мешуморад, ки қавми имрӯзии осетии аланҳо мероси неруманд ва пурҷамъияти тоифаи сарматҳо ба шумор меравад.[7]

Дар Тоҷикистон низ дар ин мавзӯъ таҳқиқоти муайяне анҷом гирифтааст. Масалан, бостоншиноси тоҷик Юсуфшоҳ Ёқубов дар ҷамъбасти яке аз таҳқиқотҳои худ менависад: «ба ақидаи мо, Сарима ин номи ҷуғрофии сарзамини сакоиҳо буда ва ба он аз Дунай то Сайрами Қазоқистон ва умуман ноҳияҳои сакоинишини

[1] *Пурдовуд И.* Ясно. Ҷ.I. – С.59.
[2] *Ушидарӣ Ҷ.* Донишномаи маздаясно. – С. 316.
[3] *Геродот.* История. М., 2006. – С. 270-272.
[4] *Беҳзодӣ Р.* Қавмҳои куҳан дар Осиёи Марказӣ ва фалоти Эрон. – С. 62.
[5] *Райз Т.* Скифы. М., 2004. – С. 11.
[6] *Беҳзодӣ Р.* Қавмҳои куҳан дар Осиёи Марказӣ ва фалоти Эрон. – С. 250.
[7] *Беҳзодӣ Р.* Қавмҳои куҳан дар Осиёи Марказӣ ва фалоти Эрон. – С. 65.

Қазоқистон дохил мешаванд. Номи рӯд ва водии Сайрам то кунун дар Қазоқистон боқӣ мондааст». [1]

Бино ба навиштаи донишмандони авестошинос таҳқиқоти тӯлонӣ дар муайян кардани мавқеъ ва маҳалли сарзамини Саинӣ, ки дар банди 144-и Фарвардиняшт омадааст, натиҷаи муътамаде ба бор наовардааст.[2] Бо вуҷуди он ки донишмандони гуногун дар таъйини ин сарзамин фарзияҳое пешниҳод кардаанд, вале бунёди истидлоли онҳо суст мебошад. Масалан, Вест гумон кардааст, ки Саинӣ ҳамон Самарқанд аст. Дар Бундаҳишн (боби 15 банди 29) шаҳре ба номи Сенӣ ёд шуда, зикр гардидааст, ки он Кинистон ё Самарқанд аст. Ин далел барои таъйини мушаххаси мамлакати Саинӣ ниҳоят суст аст. Ё ки Юстӣ бино ба ривояти Ёқут, ки Сонро деҳе дар Балх медонад, сарзамини Саиниро ҳамон Сон медонад.[3]

Виндишман ва Дармстетер Саиниро сарзамини Чин донистаанд. Анкетил Дюперрон – муҳаққиқ ва тарҷумони нахустини Авесто ин сарзаминро кишвари Суван донистааст, ки бино ба ривояти Страбон дар шимоли баҳри Хазар мавқеият доштааст.[4] Ю. Ёқубов дар ин бобат ақидаи дигаре дорад. Вай чунин менависад; «Мо дар нашри аввал ва дуюм замини Саиниро ба Хутану Синд нисбат додем, ки нодуруст будааст. Ин заминҳо ба Тӯрон дохил мешаванд. Таҳлили сарчашмаҳои бостонӣ (археологӣ) моро водор сохтанд, ки мулки Саиниро ба заминҳои Олтой ва Сибири шарқӣ нисбат диҳем».[5]

Сарзамини панҷум ва охирини зикр кардаи банди 144 Фарвардиняшт сарзамини доҳӣ (доҳа) аст. Доҳиҳо қабилаҳое мебошанд, ки ба иттифоқи орои донишмандон дар ҳудуди сарзамини имрӯзаи Туркманистон, дар минтақаҳои шарқии баҳри Хазар зиндагӣ мекарданд.[6]Аз рӯйи маълумоти Страбон, ки қабилаи парнҳоро[7] бахше аз иттиҳодияи қабилаҳои доҳа ҳисоб мекунад,[8]маълум мешавад, ки қавми мазкур сернуфуз буда, аз чанд қабилаи неруманду тавоно иборат будааст. Номи ин халқи

---

[1] *Ёқубшоҳ Ю.* Тоҷикшинос. – С. 20.
[2] *Кристенсен А.* Маздопарастӣ дар Эрони қадим. – С. 97.
[3] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ. III. – С. 1342.
[4] Ҳамон ҷо. С. 1344.
[5] *Ёқубшоҳ Ю.* Тоҷикшинос. – С. 20.
[6] *Фрай Р.* Наследие Ирана. – С. 67.
[7] Подшоҳони империяи бузурги Ашконӣ намояндагони ҳамин қабила буданд.
[8] *Страбон.* География. М., 1994. – С.481.

авестоӣ дар исми Даҳистон, вилояте, ки дар бахши шарқӣ ва ҷануби шарқии баҳри Каспий мавқеят дошт, сабт гардидааст. Муаллифони асри кадим ба хешовандӣ ва наздикии парнҳо ва сакоиҳо борҳо ишора кардаанд. Дар империяи Ашконӣ, ки дар даврони рашодату паҳлавониҳо зуҳур карда буд, ривояту достонҳои бостонӣ дар бораи подшоҳон ва қаҳрамонони замони қадим аз нав зинда гардида буд. Аз ин рӯ, забони портӣ номи забони паҳлавӣ ё паҳлавониро гирифта, худи портҳоро паҳлавон хитоб мекарданд.[1] Ин қавм бо нотарсӣ, далерӣ ва ҷанговарӣ ном бароварда буд. Ба қавли Беросс – муаррихи келдонии асри III пеш аз мелод, Куруш бо қабилаҳои доҳа ҳамеша дар ҳолати зиддияту ҷанг будааст. Арриан – муаррихи юнонии асри I мелодӣ дар сафи лашкариёни Дорои III дар ҷанги Искандари Мақдунӣ аз саворони тирандози доҳа ном мебарад. Бахше аз лашкари муътамади подшоҳи Ашконӣ низ онҳо будаанд. Ба Меҳрдоди II (солҳои 248-214 то мелод) подшоҳи дуюми Ашконӣ муяссар шуд, ки ба кумаки онҳо аз болои Селевкиҳо ғолиб ояд.[2]

2. АВЕСТО ВА БАХШҲОИ ОН

Зардуштия нахустин дини яктопарастӣ дар ҷаҳон буда, дорои сохтори мушаххас ва аҳкоми динӣ бар ахлоқ мебошад. Ин сохтору низом чандон неруманду тавоно поягузорӣ шудааст, ки рукнҳои умда ва асосии онро тақрибан тамоми динҳои ҷаҳонии имрӯз ба орият гирифтаанд. Зардушт мувофиқи китоби ҳафтуми Динкард (боби 4 банди 1), Гузидаҳои Зотспарам (боби 22 бандҳои 1-3) нахустин инсон аст, ки ба василаи ваҳйи илоҳӣ ба мартабаи паёмбарӣ расидааст.

Китоби муқаддаси ӯ Авесто ном дошта, ин калима аз ҷониби муҳаққиқон ба таври мухталиф талаффуз ва маънидод мешавад. Вале аксаран онро калимаи паҳлавии Упаста, Апасток дониста, ҳамчун қонун, дастур, раҳнамои динӣ тарҷума кардаанд.[3] Аксари донишмандони ғарбӣ чунин мешуморанд, ки матнҳои китоби муқаддаси зардуштиён аз замонҳои қадим дар забону ҳофизаи рӯҳониён ва мардум ҳифз гардида, фақат дар даврони сосонӣ сабт

[1] *Фрай Р.* Наследие Ирана. – С. 79-80.
[2] *Пурдовуд И.* Ясно. Ҷ .I. – С. 62.
[3] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.I. – С. 418.

карда шудаанд.[1] Вале гузориши муаррихони Юнони қадим ва суннати мазҳабӣ бар он далолат мекунад, ки нусхаҳои хаттии Авесто дар замони Ҳахоманишиён вуҷуд доштааст. Гурӯҳи дигари донишмандон, мисли Ф. Алтхейм ва Андреас чунин мешуморанд, ки матнҳои Авесто дар ибтидо дар Осиёи Миёна бо алифбое, ки асли оромӣ дошт, сабт карда шуда буд. Авесто дар ҳамин шакл ҳамчун осори хаттӣ то оғози ҳукмронии сулолаи Сосонӣ омада расидааст. Ба ақидаи онҳо дар ин бора китоби «Кефолиё»-и Монӣ гувоҳӣ медиҳад Дар он гуфта мешавад, ки пайравони Зардушти пас аз Монӣ суханони ӯро сабт карда, ҳоло онро қироат мекунанд.[2]

Мувофиқи маълумоти Плиний, ки аз Гермипп- муаррихи асри III то мелод нақл мекунад, китоби муқаддаси муғон дорои ду миллион бандҳои шеърӣ будааст.[3] Мувофиқи маълумоти Динкард бошад, вақте ки дар даврони сосонӣ онро ҷамъоварӣ карданд, фақат 348 боб боқӣ монда буд. Онро ҳам мисли собиқ ба 21 китоб тақсим карда буданд. Агар дар даврони ҳукмронии сулолаи сосонӣ миқдори вожаҳои Авесто дар ҳудуди 345 ҳазор калима бошад, имрӯз аз он фақат 83 ҳазор калима боқӣ мондааст.[4]

Авесто – китоби муқаддаси пайравони дини маздаясно аз панҷ бахши зер иборат аст.

Ясно (Ясна) бахши асосӣ ва муҳимтарини Авесто буда, аз 72 боб иборат аст. Ин калима дар Авесто дар шакли Ясно, дар санкрит дар шакли яҷна ва дар паҳлавӣ дар шакли язишна омада, ба маънии «ситоиш, парастиш, ниёиш, саҷда, намоз» истифода мешавад. Дар забони тоҷикӣ дар шакли ҷашн боқӣ монда, калимаҳои эзид ва яздон низ аз решаи он падид омадаанд. Бобҳои ясно ба номи «ҳо» ё «ҳот» ёд мешавад, ки маънии боб ё фаслро дорост. Ҳар ҳот аз чанд банд иборат мебошад. Дарозтарин ҳоти Ясно 32 банд ва кӯтоҳтарини он се банд аст. Ясно ҷанбаи тақаддус ва таборакро доро мебошад. Чун дар тамоми Авесто пайванди ногусастании миёни инсон ва табиат вуҷуд дорад, дар ҳотҳои ясно низ аз Аҳуромаздо худованди бузургу тавоно ва офаридгори ҷаҳони моддию маънавӣ сар карда, ба маънои васеи калима ҳама аносири зебою зиндагибахш ситоиш карда шудаанд. Эзидон –

---

[1] *Крюкова В.Ю.* Зороастризм. Санкт-Петербург, 2005. – С. 31.
[2] *Брагинский И.С.* Из истории таджикской и персидской литературы. – С. 102.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 81.
[4] *Ушидарӣ Ҷ.* Донишномаи маздаясно. Техрон. 1381. – С. 36.

фариштагони фазоянда, ҳар чизи неку судрасон сазовори ситоиш дониста шудаанд. Ҳар чизе неку судманд, ки дар зиндагии моддӣ ва маънавӣ баҳрарасон, манфиатбахш ва фазоянда бошад, сазовори ситоиш хонда шуда ё мазҳари худованд ва эзиду фариштa дониста шудааст.

Оби поки шаффоф, борони зиндагибахш, моҳи зебо, хуршеди тобандаи баракатбахш, ситорагони фурӯғманд, осмон, рӯдҳо, дарёҳо, чашмаҳо, гиёҳҳои судманд, замин, чорпоён ва ҳайвоноти манфиатбахш, сол, моҳ, рӯз, вақт, шаҳрҳову рустоҳо, хона ва хонавода, бузургону порсоён, фравашӣ ва равони поки гузаштагон, сию се эзидону амшоспандон, қонунҳои нек, кӯҳҳои осоишбахш, адлу дод, илму дониш, баракат, сарват, далерию нотарсӣ, ростию дурустӣ ва бисёр чизҳои дигар сазовори ситоишу муноҷот дониста мешуданд.

Ясно ба се бахш тақсим гардида, қисми асосии он ҳотҳои 28 то 53 мебошад. Ин бахш ҳастаи марказии Ясно буда, ба номи мантра ёд мешавад ва таронаҳои худи ҳазрати Зардушт мебошад. Ин бахш аз ҳама бостонӣ буда, ба панҷ қисмат тақсим мешавад: Аҳунавадгот, дорои ҳафт ҳот буда (ҳотҳои 28 то34), сад банд дорад ва ҳар банди он дорои се сатри 16 ҳиҷоӣ мебошад; Уштовадгот дорои чор ҳот (ҳотҳои 43 то 46) буда, 66 банд дорад ва ҳар банди он 5 сатри ёздаҳ ҳиҷоӣ дорад; Спитамадгот аз чор ҳот (ҳотҳои 47 то 50) иборат буда, 41 банд дорад ва ҳар банди он чор сатри ёздаҳ ҳиҷоиро доро мебошад; Вуҳухшатрангот як ҳот (ҳоти 51) аст, 22 банд дорад ва ҳар банди он се сатри чордаҳҳиҷоӣ аст; Ваҳиштуиштугот як ҳот (ҳоти 53) – ро дар бар гирифта, 9 банд дорад ва ҳар банди он чорсатрӣ буда, дутои онҳо кӯтоҳ (12 ҳиҷоӣ) ва дутои дигар баланд (19 ҳиҷоӣ) аст.[1]

Аз ҷиҳати қадимӣ ҳотҳои 35 то 41- и Ясно, ки ба номи Ҳафтанҳот ёд шуда, ба амшоспандон – ёварони наздиктарини Аҳуромаздо дар идораи ҷаҳон бахшида шудаанд, мақоми дуюмро ишғол мекунанд. Бо вуҷуди он ки тамоми ҳотҳои ясно гиромӣ дошта мешаванд, дар миёни онҳо бандҳое вуҷуд доранд, ки аз ҷиҳати қидмат бо Готҳо ва ҳафтҳот баробаранд. Ба хусус бояд дар бораи он ҳотҳое ёд кард, ки дар онҳо дуоҳои маъруфи дини маздаясно сабт гардидаанд, Масалан, дуоҳои машҳури Ясо Аҳу Вайирю, Ашем Вуҳу ва Янгҳа Ҳотом дар ҳоти 27-и Ясно, тафсири

[1] *Дӯстхоҳ Ҷ.* Авесто. Ҷ.I. Теҳрон. 1375. – С. 35.

онон дар ҳотҳои 19-20-21, матни суханони пайравони дини маздаясно дар хоти 12 аз ҷумлаи онҳо мебошад.[1]

Мазмуни Ясно чунин аст: Аҳорумаздо худованди яккаву ягона аст. Ҳар чизе, ки ба инсон файзу баракат мебахшад аз ӯ аст. Деву ифритҳо сазовори ситоиш нестанд. Онҳо ба инсон фақат гумроҳӣ ва сиёҳрӯзӣ меоранд. Ростӣ, андешаи нек, садоқат, тавоноӣ, расоӣ, ҷовидонагӣ, ки хосиятҳои амшоспандон мебошанд, мазҳари Аҳуромаздост. Худованд ҷаҳони зебо ва аносири мухталифи он ва чунин хусусиятҳоро, ки сарчашмаи файзу баракат ва хушрӯзию хушбахтии инсон аст, барои пайравони дини маздаясно падид овардааст. Мардум бояд ҳамарӯза барои азнавсозӣ ва ислоҳоти зандагии худ кӯшиш намоянд. Андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек сароғози даромад ба он сарзамини саодатбор мебошанд. Андешаи бад, гуфтори бад ва кирдори бад одамонро ба сарзамини муқобили он, яъне бадбахтӣ, сияҳрӯзӣ ва фалокат раҳнамоӣ мекунад. Душмани аз ҳама хатарноки инсон дурӯғ ва дурӯғгӯйист. Инсони воқеӣ худро ҳамеша аз он дур нигоҳ медорад. Ҷидду ҷаҳд, ҳаракат, кӯшиш, ибтикор ва ғайрат на танҳо инсон, балки ҷаҳони ботинии ӯро низ дигаргун месозад. Ободонии замин, кишту зироат, нигоҳдории чорпоёни судманд ҷаҳони моддӣ ва маънавии пайрави динро обод мегардонад.

Маросими асосӣ ва умдаи динӣ бо хондани Ясно оғоз мегардад. Аз ин рӯ, дар иҷрои аксари онон расму одоб ва анъанаи муайяне ба ҷо оварда мешавад: маросими динӣ бо сурудани ҳоти якум, ки дар он Аҳуромаздо, амшоспандон, эзидон ва фариштагони муваккили идҳои динӣ, мавсими сол, моҳ ва шабонарӯз барои қабули ситоиш ва назрҳо хонда шудаанд, шурӯъ мегардад. Дар ҳоти дуюм эзидони ҳоти аввал бо назри оби завр (авестоӣ зауср) ва барсам (авестоӣ баресма) ёд мешаванд. Ҳотҳои 3-8 Суруш драуна номида мешавад. Драуна – нони кӯчаки сафеди гирди бе хамирмоя аст, ки дар ҷараёни қироати ҳот онро ба фариштаи Суруш бахшида, ҳангоми хондани ҳоти охирин хӯрда мешавад. Ҳотҳои 9-11 Ҳумяшт ном дошта, дар бораи таъсир ва фазилатҳои гиёҳи ҳум (авестоӣ ҳаума)мебошад. Ҳоти 12 матни эътироф ба дини маздаясно аст. Ҳангоми тиловати он нони драуна ва фишурдаи ҳум (ҳаома) хӯрда мешавад. Дар ҳотҳои 13-18 пас аз қироати матни эътирофи дин сар фуруд оварда, ситоиш,

[1] *Муминджанов Х.Х.* Философские проблемы Зороастризма. – С. 19.

ниёиш ва истимдод талаб мекунанд. Ҳотҳои 19-21 Бағоняшт ном дошта, дар онҳо дуоҳои маъруфи дини маздаясно – Ясо Аҳу Вайирю, Ашем Вуҳу ва Янгҳа Ҳотом тафсир ва маънидод карда шудааст. Таҳия ва фишурдани гиёҳи ҳут аз ҳоти 22 оғоз гардида, то ҳоти 27 идома пайдо мекунад. Чун ҳотҳои 28 то 53 мансуб ба худи поягузори дин аст, маросими асосии ситоишу намоз, эҳтироми Аҳуромаздо ва эзидон дар ҳамин бахш сурат мегирад. Ҳоти 54, ки дорои фақат ду банд аст, ба Айиряман – яке аз фариштагони бостонӣ бахшида шуда, дуои маъруфи Айиряман-ишю тиловат карда мешавад. Дар ҳоти 55 Готҳо-таронаҳои Зардушт ва Ҳафтҳот тараннум карда шудааст. Ҳотҳои 56-57 ба ситоиши Суруш ихтисос ёфта, Сурушяшти Ҳодухт номида мешавад. Дар ин ҳот дуое хонда мешавад, ки Сурушяшти сари шаб мегӯянд ва онро шабона ба забон меоранд. Баъзе бандҳои ҳоти 59 бо бандҳои ҳоти 17 ва 26 мувофиқат мекунад. Ҳоти 60 ҳомили дуои тандурустӣ буда, дар ҷараёни тиловат он ба хонадони покдинон ва порсоён дуруд фиристода мешавад. Дар ҳоти 61 сухан дар бораи таъмири се дуои маъруф (Ясо Аҳу Вайирю, Ашем Вуҳу ва Янгҳа Ҳотом) ва зиддияту муқовимати он муқобили ҳама озордиҳандагон ва бадкорон меравад. Дар ҳоти 62 фариштаи оташ – Озар тараннум карда шудааст. Ҳотҳои 63-69 оби завр номида шуда, дар бораи тақдиси об аст. Дар бахше аз он Аредвисура Анаҳито – фариштаи об ситоиш гардидааст. Ҳотҳои 70 – 72 ба ситоиши амшоспандон, офариниши неки Аҳуромаздо ва гурӯҳе аз эзидони дигар бахшида шуда, бо он маросими динӣ ба поён мерасад.[1] Ҳамаи панҷ китоби Авесто бо суханони зерин хатм мешаванд: Роҳ якест ва он роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳои бероҳа аст.

Дар маросимҳои динии пайравони дини маздаясно, сурудҳои Ясноро ду мубад бо ҳам тиловат мекунанд. Номи онҳо зот ва роспӣ мебошад. То асрҳои миёна бошад, маросими ситоишу яснохонӣ ва ичрои расму анъанаҳои онро ҳафт нафар мубад анҷом медоданд.[2]

---

[1] *Ушидарӣ Ҷ.* Донишномаи маздаясно. – С. 35; Донишномаи Эрони бостон. Ҷ.I. – С.417.

[2] *Кайбар, Асмуссен, Бойс.* Диёнати зардуштӣ. Теҳрон, 1348. – С. 102; *Пурдовуд И.* Ясно. Ҷ.I. – С. 28.

Яштҳо яке аз умдатарин, ҷолибтарин ва пурмуҳтавотарин осор ва бозмондаи хаттӣ дар мавриди таҳқиқу мутолиаи на танҳо дини Зардушт, балки динҳои куҳани ориёии пеш аз ӯ мебошанд.

Калимаи яшт мисли калимаи ясно аз решаи «яз» падид омада, маросими ситоишу парастиш аст. Одатан чунин намозу саҷда бо назру қурбонӣ анҷом мегирад. Яштҳо аз 21 наск ё китоб иборат аст. Ҳар яке аз онҳо ба эзидони мухталиф, як фариштагони муваккили рӯзҳои гуногуни моҳ ҳастанд, бахшида шудаанд. Дар замонҳои қадим, зоҳиран, шумораи чунин фариштагон ва яштҳои онҳо, мисли шумораи рӯзҳои моҳ 30-то будааст. Вале дар фарогардҳои таърих бахше аз онҳо гум шуда, он яштҳое ҳам, ки то замони мо расидаанд, пурра намебошанд. Тафовути яштҳо аз ясно иборат аз он аст, ки дар онҳо фақат як эзид ё фариштa сутуда шудаанд. Яштҳое, ки то ба имрӯз расидаанд, ба эзидон ё фариштагони зерин бахшида шудаанд:

1. Ҳурмузд	8. Тир	15. Ром
2. Ҳафтмшоспанд	9. Гӯш (Друвосп)	16. Дин (Даена)
3. Урдибиҳишт	10. Меҳр	17. Ард
4. Хурдод	11. Суруш	18. Ашдод
5. Обон	12. Рашан	19. Зомёд
6. Хуршед	13. Фарвардин	20. Ҳум
7. Моҳ	14. Баҳром	21. Вананд[1]

Дар ҳар яшт ба истиснои чандин аз онҳо бузургдошту тараннуми ҳамон эзид ё фариштае ба вуҷуд омадааст, ки яшт ба номи ӯст. Бо вуҷуди он ки ҳоло аксари яштҳо таркиби шеърии худро аз даст додаанд, вале ҳанӯз каломашон мавзун, ба тарзи шоирона ва бо тахайюлоту отифаи шоирона суруда шудаанд. Вале онҳо дар ибтидо, мисли Готҳо ва бахшҳои дигари куҳани Авесто, ба байту қитъаҳо тақсим шуда, шумораи ҳиҷоҳои онон 8,10 ва 12 будааст.[2] Дар замонҳои баъдӣ, ки бо онҳо кор карда, тағйиру табдил додаанд, таркиби шеърии худро гум кардаанд. Вале баъзе авестошиносон боварӣ доранд, ки назокати шеърии онҳоро аз нав барқарор кардан мумкин аст. Имрӯз Яштҳо маҷмӯаи матнҳое ҳастанд, ки дар онҳо тараннуму бузургдошти эзидон ва фариштагон сурат гирифтааст. Дар матнҳои авестоӣ на танҳо

[1] *Брагинский И.С.* Из истории таджикской и персидской литературы. – С. 56.
[2] *Пурдовуд И.* Ясно. Ҷ.I. – С. 22-23.

Аҳуромаздо ва эзидони ҷудогона, мисли Меҳр, Аредвисура Анаҳито, ки дар оини зардуштӣ мақоми баланду муҳтарам доранд, бо ситоишу назру ниёз парастида мешуданд, балки ҳар чизе, ки ба хилқати хубу падидаҳои он вобастагӣ дошт ва ҳар падидае, ки ба рушду борварӣ ва инкишофу такмили зиндагӣ мусоидат ва кумак мекардааст, ҳамчунин мавриди ситоиш қарор мегирифтааст. Аз ҷумла Хуршед, Моҳ ситораи Тиштрйа, ки борон меорад, об, ки зиндагӣ мебахшад, хоку набототе, ки омили бороварию ҳаёт ҳастанд, бахусус буттаи ҳаума, ки аз фишурдаи он нӯшобаи ҷовидонӣ гирифта мешавад, оташи муқаддас, ки дар Яштҳо писари Аҳуромаздо хонда шудааст, гов, ки сарчашмаи ғизои инсон аст, ҳама мавриди ситоишу парастиш будаанд. Ҳамон тавре ки Аҳуромаздо мавриди тараннуму эҳтиром қарор мегирифт, амшоспандон – ёварони ӯ дар идораи умури ҷаҳон, ҳамчун инъикоси сифатҳои Худованди Бузург ситоиш мешуданд. Аз ҷумла, Баҳман – инъикоси андеша, гуфтор ва кирдори неки Аҳуромаздо, Урдибиҳишт – ҳақиқат ва ростию дурустӣ, Шаҳривар-ҷилвагоҳи шаҳриёрӣ ва нерую тавони офаридгор, Суруш – намунаи назму тартиб ва хоксорию тоати худовандӣ ва ғайра мавриди парастишу эҳтиром буданд. Чанд банди аввали Зомёдяшт ба тараннуми кӯҳҳо бахшида шуда, қисмати асосии он ба тараннуму тақдиси Хварна, фарр ё нуру таҷаллои худовандӣ ихтисос ёфтааст. Ҳар фарди ҷаҳон бояд ба андеша, гуфтор ва кирдори писандидаи худ барои дарёфти он ва комёбӣ дар зиндагӣ ҷидду ҷаҳд намояд.[1]

Рӯзҳо, фаслҳо ва даврaҳои гуногуни сол мавриди парастиш буданд. Номи 21 эзиде, ки дар яштҳои мутазаккира ситоиш ва тараннум мешаванд, номи рӯзҳои моҳро ташкил медиҳанд. Дар Авесто барои Суруш – фариштаи тоату бурдборӣ, ки нахустин сарояндаи Готҳои Зардушт хонда шудааст, ду суруд мавҷуд буда, яке мухтасар дар яшти 11 ва дигаре муфассалтар дар ҳоти 57 Ясно мундариҷ аст. Яшти 20 ба фариштаи Ҳум бахшида шудааст.

Яштҳои бузург бо дуоҳои якранги мазҳабӣ шурӯъ шуда, бо онҳо хотима меёбанд ва ба чанд бахш, ки аксаран «карда» мегӯянд, тақсим мешаванд. Дар оғозу анҷоми ҳар бахш ё карда низ ҳамин дуоҳо такрор меёбанд. Яштҳое, ки ба Меҳр, Ваю, Замин, фравашӣ бахшида шудаанд, аз ҷумлаи қадимтарин Яштҳо

[1] Ҳамон ҷо. – С. 22; *Мӯъминзода Ҳ.* Зардушт ва оини ӯ. – С. 72.

буда, суруду ниёишҳои онҳо мутааллиқ ба замонҳои қадим аст.[1] Дар ин яштҳо матлабҳои гуногун, дуоҳои қадимӣ, ки вобаста ба назру ниёз ва қурбонию фидя аст, ривояту устураҳои бостонӣ зикр шудаанд. Агар пеш аз Зардушт бисёре аз онҳо худоёни бузурги мустақил буданд, дар дини маздаясно онҳо комилан дар хизмати Аҳуромаздо – худованди воҳид ва бузургу тавоно қарор гирифта, ба сурати эзидоне даромадаанд, ки нигоҳбону муваккили ашё, аносир ва падидаҳои алоҳида мебошанд. Ин эзидон ба он сабаб эътибору нуфузи фаровон доранд, ки худи Аҳуромаздо онҳоро мавриди ситоишу эҳтиром қарор медиҳад, барои онҳо ниёзу қурбонӣ ба вуҷуд меорад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими ориёиён посдории замони гузашта, бахусус рӯҳу арвоҳи гузаштагон будааст.[2] Яшти 13 махсуси фурӯҳари[3]муҳофизи парҳезкорон буда, дар он дуоҳое ҷамъоварӣ шудааст, ки мавриди вафоти одамон ва маросимҳои баъдӣ хонда мешавад.

Мазмуни яштҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: таърифу тавсифи эзидону фариштагон, тасвирҳои зебои табиат, дилписандиҳои гуногун ва шарҳи достонии ҳамосаҳо, диловариҳо, паҳлавониҳо, набардҳо ва ҷангҳо. Тасвири нотакрори табиат аз он мерасонад, ки ориёиҳо табиати ватани худ, ба хусус Айиряна Ваеҷаҳро ниҳоят дӯст ва гиромӣ медоштанд. Тавсифҳо дорои латофати баён, зарофати забон ва тасвири зебоии шоиронест, ки ҳар хонандаро дар зери таъсири амиқ мегузорад. Тасвирҳое, ки дар Обоняшт (яшти 5) аз эзиди Аредвисура Анаҳито ба вуҷуд омадааст, бо ниҳояти зарофати табъ ва баёни ширин сурат гирифта, образи эзид-бонуи зеборо дар пеши чашм ҷилвагар месозад, ки пойдоркунандаи ростӣ ва фазояндаи зиндагии инсон мебошад. Дар ҳар яште, аксаран шоҳон, бузургон, паҳлавонон ба даргоҳи ин эзидон муроҷиат карда, маросими ситоишро бо ниёзу қурбонӣ анҷом медиҳанд ва онҳо амалӣ гардидани дархосту орзуҳои худро иброз медоранд Мазмуну муҳтавои ин дархосту талаботҳо имрӯз ба мо сурати одамон ва чигунагии сохти иҷтимоӣ, афкору андешаҳои мардумони он давраро равшан

---

[1] *Кайбар, Асмуссен, Бойс.* Диёнати зардуштӣ. – С. 56.

[2] *Фрай Р.* Наследие Центральной Азии. – С. 73; *Оштиёнӣ Ҷ.* Зардушт. – С.16.

[3] Мувофиқи ақидаи зардуштиён, ҳар офаридаи Аҳуромаздо (бо иловаи рӯҳ – авестоӣ урвана) дорои фравашӣ мебошад. Дар Авесто рӯҳ олами худро надорад, вале фравашӣ дорои олами худ мебошад.

месозад. Аксари дархосту орзуҳои онон таблиғи ростию дурустӣ, ғалаба аз болои душман, фатҳи кишварҳо ва сарзаминҳо, ба даст овардани чорво ва чарогоҳҳо, ром кардани қавму қабилаҳои ошӯбгар, ободии сарзаминҳо, падид овардани оромию осоиш, орзуи доштани фарзандони паҳлавон, лоиқ, ҷанговар, хушзабону хушсухан, баҳраманд гардидан аз тамоми хушиҳои зиндагӣ, аз ҷумла зебогии тану сирати олии инсонӣ, доштани аспҳои зебои тездав, шавкату ҳашамат, сарват ва ғайра иборат буд.Бино ба мазмуну мундариҷоти Яштҳо, ниёкони мо озодии худро болотарин неъмат дониста, аз зебоӣ ва донишу ҳунар дар сатҳи баланд қадрдонӣ мекарданд. Дар яшти даҳум ситоиши Меҳр яке аз худоёни ориёиҳо ва куҳантарин маросими ситоиши ӯ тасвир шудааст. Дар яшти 13 тарзу усули ситоиши фраваши ва арвоҳи ниёкон омадааст. Дар яшти 14 дар баробари ривоятҳои киноямез ва ҷилваҳои эзиди Баҳром, ишораҳои бисёр ҷолибе дар бораи нуҷуму ситорашиносии қавмҳои куҳани ориёӣ нақл шудааст. Дар яштҳои куҳан ду силсилаи подшоҳони пешдодӣ ва каёнӣ муаррифӣ гардида, дар бораи ҳар яке аз намояндагони он маълумоти муайяне пайдо мекунем.

Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки баъзе яштҳо ба номи як эзид ё фариштa мансуб гардида, дар матнҳои он эзиди дигар ситоишу тараннум мешавад. Яштҳои Аштод, Зомёд, Ром, Дин аз ҷумлаи чунин яштҳо аст, ки дар саҳифаҳои онҳо на танҳо эзидони дигар мавриди парастиш қарор гирифтаанд, балки онҳо мазмуну мавзӯъҳои гуногунро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар яштҳои Хуршед, Моҳ Аредвисура Анаҳито, Тир, Гуш, Меҳр, Ром ва ғайра шукри неъмат ба ҷой оварда шуда, аз худованд барои фурӯғҳои гуногун, обҳо, растаниҳо ва чорпоён сипосгузорӣ, ҳатто аз тамошои манзараҳои дилкашу зебои табиӣ, ки чашми инсон аз он ҳаловат мебарад, қадрдонӣ шуда ва ба онҳо дуруд фиристода шудааст. Ҳар чизе, ки зебою неку буда, барои инсон хушоянд аст, муқаддас шуморида мешавад. Дар бандҳои 21-22 Сурушяшт мояи хушнудии инсон сутуда шуда, аз он ҷумла ба ҳар инсон адл, далерӣ, нотарсӣ, ишқ, зӯрӣ, пирӯзӣ, саховат, шукӯҳ, дин, илм, дониш, дурустӣ, покӣ, тандурустӣ, бурдборӣ, фармонбардорӣ, сухани рост, ки суннати ниёкони мо будааст, таманно гардидааст.

Гуноҳе, ки дар дини маздаясно нобахшиданист, дурӯғ мебошад. Дар Меҳряшт беҳтарин подош барои ростгӯ ва шадидтарин ҷазо барои дурӯғгӯ муайян шудааст. Мувофиқи он

эзиди Меҳр дурӯғгӯ ва аҳдшиканро ба доғи фарзандонаш менишонад, хонаашро вайрон мекунад, хайру баракат аз хонумонаш мебардорад, аз хушиҳои зиндагӣ маҳрум менамояд.

Дар яшти Рашну сухан аз адлу инсоф рафтааст. Дар Фарвардинияшт сухан пиромуни саховату бахшоиш аст. Фурӯҳарҳои гузаштагон, ки дар охири ҳар сол ҳангоми ҷашни фарвардин (Наврӯз) аз осмонҳо барои дидану раҳнамоии бозмондагони худ ба замин фуруд меоянд, бухусус умедворанд, ки бозмондагони онон дар роҳи ростӣ ва худованд муттаҳид шаванд, то онон хушнуду хуррам боз ба осмонҳо уруҷ намуда, аз боргоҳи Аҳуромаздо бақою хушӣ ва вусъати ризқу рӯзии бозмондагонро дархост менамоянд. Ба таври умум, Яштҳо яке аз қисматҳои зеботарин, дилпазиртарин ва гуворотарини Авестост. Дар он сарчашмаҳои зиндагӣ ҷӯш зада, аз неъматҳои он шукргузорӣ мешавад.

Вандидод дар Авесто дар шакли Видаевадота омада, мафҳуми маҷмӯаи қонун бар зидди девҳоро дорад. Ҳар фасли онро, ки ба таври умум 22 адад аст, фаргард мегӯянд. А.Кристенсен муътақид аст, ки Вандидод ягона наски комилест, ки аз Авестои даврони сосонӣ то замони мо расидааст Кристенсен ва Андреас боварии комил доранд, ки ин бахши Авесто дар давраи подшоҳии Меҳрдоди аввали Ашконӣ (солҳои 171-138 то мелод) таълиф шудааст.[1]

Вандидод матне намебошад, ки дар маросимҳои мазҳабӣ ва ниёишу ибодатҳо ба кор бурда шавад. Аммо дар давраи пеш аз ислом, ки вақти дақиқи он маълум нест, пайравони дини маздаясно маросиму ҷамъомади азиме бунёд карда, дар он тамоми Вандидод бо Ясно ва Виспарад бо тартиботи хосе хонда мешуд. Дар ин маросим фаргардҳои гуногуни Вандидод дар якҷоягӣ бо яке аз таронаҳои Готҳо суруда мешуд. Мувофиқи суннати пайравони дин, вақте ки худи Готҳо ҳамроҳ бо се дуои муқаддаси мазҳабӣ (Ясо Аҳу Вайирю, Ашем Вуҳу ва Янгҳа Ҳотом) хонда мешаванд, нерумандтарин ва маҳкамтарин муҳофизе шумурда мешуд, ки ҳаёту тандурустиро аз таҳдиди қуввахои аҳриманӣ эмин нигоҳ медорад.

Дар Вандидод аксаран масъалаҳое мавриди баҳс қарор гирифтаанд, ки аз ҳудуди қонуну дастурҳои мазҳабӣ баромада,

---

[1] *Кристенсен А.* Мулоҳизот дар бораи қадимтарин худои уди оини зардуштӣ. Теҳрон, 1336. – С.74.

тамоми ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоиро дар бар мегирад. Масъалаҳои ҳуқуқии муносибати байни одамон, доду ситад, оила ва ғайра, ки аксаран дар шакли ибтидоӣ матраҳ машавад, аз як сӯ, қидмати замонии ин бахши Авесторо нишон дода, аз ҷониби дигар, чунин ба назар мерасад, ки он мақоми қонуни умумии иҷтимоиро доштааст.

Мазмуну муҳтавои Вандидод бештар ба масъала ва матлабҳои зерин бахшида шудааст: ҷазо додан дар баробари гуноҳҳои мухталиф, ки одам дар баробари табиат, ҷамъият ва мавҷудоти хубу муфид содир мекунад, роҳҳои мубориза бар зидди палидиҳо ва касалиҳое, ки рӯҳи палид Аҳриман ва анбӯҳи девони ӯ дар ҷаҳон интишор дода, зиндагии ободкунандаи инсонро дар хатар мегузорад. Ба ишораи ин китоб, заминаи наздикӣ ва таъсири девонро ба инсон, аксаран худи инсон ба вуҷуд меорад. Дар он заминаҳои пайдоиши чунин омилҳо муфассал баён карда шуда, роҳҳои мубориза бо он нишон дода шудааст. Яке аз сабабҳое, ки даврони таълифи Вандидодро ба асрҳои охирини пеш аз мелод нисбат медиҳанд, иборат аз он аст, ки дар фаргардҳои Вандидод душмании оштинопазири байни ду қудрати хубу бад, яъне Спэнтамайню (хиради неку муқаддас), ки офаридгори фазилатҳои беҳтарини зиндагӣ шумурда ва Анграмайню (Аҳриман – хиради зишту палид), ки фақат дурӯғу бадию фасодро ба вуҷуд овардааст, ба мушоҳида мерасад.

Фаргариди аввали Вандидод аз 21 банд иборат аст. Дар ин бахш аз 16 кишвар ё сарзамини нахустин сухан рафтааст, ки Аҳуромаздо ба вуҷуд оварда ва онҳо сарзаминҳои беҳтарин ва зеботарин шумурда шудаанд. Ба ақидаи М. Бойс ин кишварҳо, зоҳиран, пайравони нахустини оини маздаясно мебошанд.[1]

Вале Аҳриман ба хотири зиддият бо Аҳуромаздо, дар ҳар мамлакати зебои офаридаи вай бало, гуноҳ ё осебе падид меорад. Мазмуну тафсилоти Вандидод аксаран дар шакли саволу ҷавоб миёни Зардушт ва Аҳуромаздо баён гардидааст.

Фаргарди дуюм 43 банд буда, дар бораи Ҷамшед аст. Аҳуромаздо дар ҷавоби саволи Зардушт мегӯяд, ки аввал паёмбарии дини маздаясноро ба Ҷамшед пешниҳод карда буд. Вале Ҷам нисбати надоштани истеъдоди паёмбарӣ онро напазируфт ва қабул кард, ки ҷаҳони маро нигаҳбонӣ кунад. Дар ҳамин бахш Аҳуромаздо бо Ҷамшед дар бораи тӯфони

[1] *Бойс М.* Зороастрийцы. М. 1987. – С. 52.

вайронкунанда хабар дода, дар сохтани паногоҳе (вара), ки дар он тамоми анвои сабзавот, ҳайвонот ва инсон ҷамъоварӣ карда шаванд ва ҳамчунин дар тарзу усули сохтани он роҳнамоӣ мекунад. Ин фаргард асотири зебо ва ғании гузаштагони мо буда, таърихи пурмуҳтаво ва дурахшони ниёкони моро ба субут мерасонад.

Фаргарди сеюм аз 42 банд иборат буда, ба ду масъала бахшида шудааст. Масъалаи нахуст манфиати зироат ва кишоварзӣ мебошад. Дар он таъкид карда мешавад, ки аз амалу пешаҳо зироаткорӣ ва кишти гандум беҳтарин аст. Дуюм, аз ҳамин ҷо сар карда, дар аксари фаргардҳои минбаъда масъалаи мурда ва муносибатҳои гуногун бо он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Пайравони зардуштия мурдаро ҷисми нопок ҳисоб карда, аз он бисёр эҳтиёт ва эҳтироз мекарданд. Чун мурда, натиҷаи амали Аҳриман ва девони ӯ ҳисоб мешуд, чунин ақида доштанд, ки мурда наҷису нопок аст ва муҳит, одамон ва ашёи атрофи худро нопок месозад. Дар бисёр фаргардҳои баъдӣ роҳҳои пешгирӣ аз наздик шудан ба мурда ва ҳамчунин усули татҳиру поккорӣ нишон дода шудааст.

Фаргарди чорум аз 55 банд иборат буда, масъалаи қонунҳо ва тарзу усули аҳду паймон, навъҳои он ва натиҷаю ҷазои паймоншиканиро мавриди мубоҳиса қарор медиҳад. Дар аввал аз шаш навъи аҳду паймон сухан меравад. Агар касе паймон шиканад, мувофиқи андозаи паймоншиканӣ муҷозот мешавад. Агар ӯ бимирад ё фирор кунад, муҷозоти он домангири наздикони вай хоҳад шуд. Паймоншиканон бо тозиёна ва шаллоқ ҷазо дода мешуданд. Бо такрори паймоншиканӣ, ки дар миёни ориёни бостон яке аз гуноҳони бузург ҳисоб шуда, дар сурати фирор кардан ё мурдани ӯ, номи паймоншикан ба тамоми авлоди ӯ мегузашт.

Фаргарди панҷум дорои 62 банд аст. Дар он одобу расмҳо ва равиши покшавӣ ва татҳири касонест, ки ба василаи девони гуногун, бахусус дар натиҷаи тамос ба ҷасади мурдагон наҷис ва нопок шудаанд. Чун замин, об, оташ муқаддас шуморида мешуданд, гӯронидани мурда онҳоро низ нопок мекард. Мурдаи саг ҳам мартабаи мурдаи инсонро дошта, аз тамос бо он шадидан эҳтиёт мекарданд. Дар Вандидод қонунҳое матраҳ гардидааст, ки тасаввури он барои инсони муосир кори ниҳоят мушкил аст. Зане, ки кӯдаки мурда таваллуд кунад, гунаҳгор дониста мешуд. Чунин

ақида буд, ки Аҳриман дар батни ӯ маскан гузидааст. Вай мебоист дар тӯли 12 шабонарӯз бидуни расидан ба об, хӯрок, пӯшок ва ғайра дар каноре аз ободониҳо, ба иҷрои як силсила маросимҳои шадиди мазҳабӣ худро пок намояд.

Фаргарди шашум 51 банд дошта, ба масъалаи ҷазои касоне бахшида шудааст, ки ҷасади мурдаро дафн мекунанд. Дар он тарзу усули нигоҳдории мурдагон, сатҳу андозаи баландӣ, ки дар он ҷо ҷасад гузошта шуда, туъмаи парандагон ва дарандагон мегардад, муайян карда шудааст. Мувофиқи он, дар замине, ки дар он ҷо инсон ё саг бимирад ва ё дафн шавад, ба муддати як сол киштукор ва ё ҳар амали дигаре рӯйи он мамнӯъ эълон шудааст. Касе, ки хилофи он рафтор мекунад, чорсад зарбаи тозиёна ҷазо мебинад.

Яке аз хусусиятҳои Вандидод печдарпеч ва болои ҳам гузоштани мавзӯъҳои гуногун мебошад. Чун мубадон дар тартибу тадвини ин китоб бевосита даст доштаанд, ҳар яке хостааст, дар он аз худ ҳиссае гузорад. Ба ақидаи Ҳошими Разӣ, донишманди эронӣ, чунин ҷидду ҷаҳди муғону мубадони сосонӣ боиси печидагии масъалаҳо ва омезиши мавзӯъҳо гардидааст.[1]

Фаргарди ҳафтум низ дар аввал ба масъалаи мурда ва деви Насу, ки ҳангоми вафот ба ҷасад дохил шуда, пас аз хӯрда шудани гӯшти он аз ҷониби парандагон ва дарандагон, аз он берун мешавад, бахшида шудааст. Мавзӯи дуюми ин бахш дар бораи дастурҳои пизишкӣ ва қонунҳои табибон мебошад. Мувофиқи он, барои он ки табибе ному унвони пизишкӣ ба даст орад, бояд давраи озмоиши худро дар миёни девпарастон гузаронида, се нафар девпарастро муолиҷа намояд ва ба онҳо саломатӣ бахшад. Агар чунин озмоишро муваффақона сипарӣ кунад, ба ӯ иҷозат дода мешуд, ки дар миёни маздопарастон ба табобат оғоз кунад. Агар давраи озмоиш бемуваффақият бошад, вай аз пешаи табобат дар миёни маздопарастон маҳрум мегардид. Ҳаққу дастмузди табибон, ҷарроҳон марбут ба вазъи беморон ва сатҳи дороии онҳо таъйин шуда, бо чорпо ва молу ҷинс пардохта мешуд. Дар ҷомеае, ки Вандидод тасвир мекунад, аз пул ному нишоне нест.

Фаргарди ҳаштум яксаду шаш банд аст. Дар он аз дини некуи маздопарастӣ таҳсин ба амал оварда шуда, роҳҳои мубориза бо девон баён гардидааст. Аз ҷумла гуфта шудааст, ки ҳар гоҳ Готҳо ва дуоҳои дигари муқаддас хонда шаванд, девону шайтонҳо роҳи

[1] *Разӣ Ҳ.* Донишномаи Эрон бостон. Ҷ.I. Техрон, 1381. – С. 2303.

гурезро пеш мегиранд. Дар ин бахш низ масъалаи мурдаи инсон ва саг ва тафсилоти дафни онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Фаргарди нуҳум 57 банд дорад. Он ба маросими бисёр мураккаб ва печидаи покшавӣ ва татҳир аз ҳар гуна олудагиҳо ба хусус аз олудагӣ бо мурда бахшида шудааст. Дар сурати олудагӣ бо мурда расми татҳир чунон аст, ки тан бояд се бор шуста шавад, пӯшок се бор шуста шавад, барои оби муқаддас назр дода шавад. Фақат дар чунин ҳолат хона ё чойгоҳ покшуда ҳисоб шуда, фариштагон ба он дохил шуда метавонанд.

Фаргарди даҳум ва ёздаҳум, ҳар яке иборат аз 20 банд аст. Ин ду боб ба масъалаи гуногунии муқобилат бо девон ва мубориза бо шайтонҳо аст. Дар ин ҷо сухан дар бораи девони гумроҳкунанда ва девоне меравад, ки аз ҷисми мурда берун омада, одамони зиндаро мавриди ҳамла қарор медиҳанд ва онҳоро нопоку наҷис мекунанд.

Фаргарди ёздаҳум ҷараёни татҳир, шустушӯ ва пок кардани он чизҳои нопокшудаест, ки офаридаи Аҳуромаздо мебошад. Девоне, ки аз ҷисми мурдагон берун мешаванд, ҳар чиро, ки атрофи онҳо бошад, аз ҷумла хона, об, оташ, замин, ҳайвонот, гиёҳ, дарахт, зану марди ашаванро (росткору ҳақиқатҷӯ) нопоку олуда мекунанд. Ҷараёни покшавӣ тиловати дуоҳои татҳир аст. Муҳимтарин дуоҳо ва намоз Аҳуна Вайиря ё Ясо Аҳу Вайирю аст.

Фаргарди дувоздаҳум аз 14 банд иборат буда, дар бораи муддату замони мотам ва таъзияи наздикону хешовандон аст. Муддати мотаму сӯгворӣ барои шахси порсою некукор як моҳ, барои инсони гунаҳкор (зоҳиран ғайримаздаясноҳо) ду моҳ, барои фарзандон ва барои хоҳару бародар ду моҳ таъйин шудааст. Барои хешовандону наздикони дигар низ муҳлатҳои гуногун муқаррар карда шудааст. Муддати азодорӣ барои сардори хонавода ва ҳамсари вай, агар одамони савобкор бошанд, шаш моҳ, агар набошанд як сол муайян карда шудааст.

Таъйини муддати азодорӣ тамоми хешовандон, аз ҷумла набераҳоро дар бар гирифта, тафовути гунаҳкорон аз савобкорон ду баробар аст.

Фаргарди сездаҳумро метавон «Сагнома» номид. Шумораи бандҳои он 5-6-то буда, ба масъалаи куштани навъҳои гуногуни саг, озору азоб додани онҳо ва ҷазоҳое, ки дар баробари он дода мешуд, бахшида шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки аз миёни

офаридаҳои Аҳуромаздо, саг бисёр муҳтарам аст, зеро аз сапедадам то шом бо Аҳриман ҷангида, офариниши некро посбонӣ мекунад.

Фаргарди чордаҳум аз 14 банд иборат аст. Ин фасл ба муҷозоти касе бахшида шудааст, ки саги обиро (авестоӣ удра – зоҳиран «выдра»-и русӣ аст) ба қатл расонад. Чун ин ҷонвар дар об зиндагӣ мекунад, бисёр муқаддас шумурда шудааст. Ҷазои касе, ки ин ҷонварро куштааст, 10 ҳазор зарбаи тозиёнаи асп ва даҳ ҳазор тозиёнаи тасма мебошад. Чунин ҷазои сахту бераҳмона дар ҷойи дигари Вандидод дида нашудааст.

Фаргарди понздаҳум 51 банд аст. Он ба гуноҳҳое бахшида шудааст, ки бузург буда, бе тавба ва ё нобахшиданӣ ҳастанд. Ба саги гала ё саги хона додани хӯроки гарм ва номуносиб, задан ё расонидани ягон осебу озор ба саги бордор, наздикӣ кардан бо зан дар замони ҳайз ва зани обистан, сақти ҷанин (бачапартоӣ) ва ҳомиладор гардидани духтарони бешавҳар аз ҷумлаи чунин гуноҳон шумурда шудаанд.

Фаргарди шонздаҳум 18 банд буда, ба ҳайзи занон ихтисос ёфтааст. Чун дар оини муғон зани моҳонадор шахси ҳаром ҳисоб мешавад, агар зане дар худ ишора ё нишонаи моҳиданро пайдо кунад, бояд дур аз хона маскан ихтиёр карда, худро аз обу оташ ва марди ашо сӣ қадам дуртар нигоҳ дорад ва оташу рӯшноии хонаро набинад. Агар касе барои вай хӯрок барад, бояд аз вай сӣ қадам дуртар таваққуф кунад.

Фаргарди ҳафтдаҳум 11 банд буда, дар бораи тарошидани сар ва гирифтани нохун аст. Мувофиқи он, мӯйи сар ва нохуне, ки бо одоби муайян гирифта мешавад, бояд зери хок карда шавад. Нохуну мӯйи сари тарошида, агар зери хок карда нашавад, маргу мири одамонро ривоҷ мебахшад.

Фаргарди ҳаждаҳум ҳаштоду шаш банд буда, ба масъалаҳои гуногун ихтисос дода шудааст. Яке аз онҳо мубад мебошад. Аз дидгоҳи муғон рӯҳонии хуб касе буд, ки русуму одоби шустушӯ ва таҳорат, тасхири ҷин, парӣ ва дев, куштану нобуд кардани ҳашароту ҷонварони зарарнок, пок кардани вуҷуди одам аз тасаллути дев, бастани пном[1] ба рӯйи бинӣ ва даҳон, хондани аврод ва афсунҳои муғони бар зидди девон, одобу равиши тайёр

[1] Пном – бандест, ки ба хотири олуда накардани оташ ва вақти наздик шудан ба он ба даҳон мебанданд.

кардани ҳум ва пароҳум,[1]бастан ва дуруст нигоҳ доштани шохаҳои барсом,[2]одоби саҳеҳи қурбонӣ, дуруст ва бо қоида задани шаллоқу тозиёна ба гунаҳкоронро дар бар мегирад.

Масъалаи дигаре, ки дар суҳбати миёни Аҳуромаздо ва Зардушт, ёдоварӣ мешавад, масъалаи хурӯс аст. Дар Авесто, Суруш фариштаи фармонбардорӣ ва итоат, шабу рӯз бедору ҳушёр нигоҳбону муҳофизи пайравони дин тасвир гардида, дар ин амал ба ӯ хурӯс ёвару ҳамкор мебошад. Мувофиқи гуфтаи Аҳуромаздо, хурӯс парандаи худовандӣ буда, дорои силоҳи комили корӣ мебошад. Ин мурғ саҳаргоҳон, ҳангоми тулӯи фаҷр ба василаи овози худ мардумро бедор мекунад, ки: ай муъминон бархезед ва деви хобро аз худ дур кунед.

Чун торикӣ офаридаи деву Аҳриман аст, ҳангоми шаб оташ ва эзиди оташ (Озар) се бор ёрии бо Суруш ва хурӯс кӯшиш мекунанд то ҳамаи ҷидду ҷаҳди девонро, ки дар торикӣ имконоти бештар доранд, беасар гардонанд. Бо ҳиммати ин фариштагон ва хурӯс аст, ки саранҷом мардум болои деви хоб ва девҳои дигар ғалаба карда, пас аз бедор шудан ба анҷоми намоз, иҷрои маросими динӣ ва кору заҳмат мепардозанд.

Фаргарди нуздаҳум дорои 47 банд аст. Дар он суҳбати Аҳуромаздо бо Зардушт дар соҳили дарёи боронии Дареҷа – шоҳоби Даитя, ки хонаи падари паёмбари ориёӣ дар он ҷо аст, мегузарад. Ба саволи Зардушт дар бораи он ки амалҳои нек ва кирдорҳои бади мардум ба куҷо мераванд, Аҳуромаздо чунин ҷавоб медиҳад: пас аз шаби сеюми мурдан саҳари рӯзи чорум, сапедадам деви Визариша равони (рӯҳи) гунаҳкорро дар банд карда, то ба пули Чинват мебарад ва он ҷо мавриди бозпурсӣ қарор медиҳад. Аммо рӯҳи одамони ашванро[3] дӯшизаи зебое истиқбол карда, чун фариштаи нигаҳбон рӯҳи некукорро ба осонӣ аз пули Чинват убур медиҳад ва ба арши аъло, назди Аҳуромаздо мерасонад.

Фаргарди бистум 15 банд буда, дар бораи пизишкӣ, табобат ва бемориҳо аст. Номи як силсила бемориҳо зикр карда мешавад. Зардушт аз Аҳуромаздо мепурсад, ки нахустин табибе, ки бемориҳоро дар банд карда, марги нобаҳангомро пешгирӣ кардааст, кӣ аст? Ҷавоб мешунавад, ки Срита, некукоре аз

---

[1] Нӯшобаҳои мазҳабӣ.

[2] Ибодат ба воситаи ин шохаҳо сурат мегирад.

[3] Ашо – рост, дуруст, ҳақиқат, адл: ашаван – росткирдору ҳақиқатҷӯ.

хонадони Сом аст. Вай ҷиҳати муолиҷаи бемориҳо на танҳо аз алафу каломи муқаддас, балки аз корд[1] ҳам истифода мекард. Ин табиб ҷиҳати дарёфти кумак ба Хшатра Вайиря фариштаи муваккили филизот мурочиат карда буд. Дар ин фаргард аз се навъи муолиҷа – дармонӣ ба василаи дорую даво, растанию сабзавот, аврод ба василаи сухани муқаддас ва корд амалиёти ҷарроҳӣ ном бурда шудааст.

Фаргарди бисту якум дорои 21 банд буда, аввал, дар бораи гов, ки ҳайвони муқаддас, сарчашмаи хайру баракат ва зояндаи рӯзии мардумон аст, сухан меравад. Сипас дуо барои боридани донаҳои фаровони борон омадааст. Боридани борон аз марги нобаҳангом, аз зуҳури як силсила касалиҳо, аз ҷумла сакта, ки маншаи он ҷин аст, пешгирӣ мекунад. Борон дардҳоро дармон мебахшад, заминро сабзу хуррам мекунад, гиёҳҳоро мерӯёнад, ба мардум ризқу рӯзӣ муҳайё месозад.

Фаргарди охирин, яъне бисту дуюм аз 22 банд иборат аст. Дар банди аввали он Аҳуромаздо ба Зардушт мегӯяд: «Ман ин ҷаҳонро бисёр зебо, равшан, бе бадию беморӣ офаридам. Аммо Аҳримани маргофарин ба офариниши ман бо чашми море нигарист ва ҳазорон беморӣ ва бадӣ падид овард. Ман ирода кардам, ки дар оғоз каломи эзидии[2] муқаддас ин бемориҳоро дармон бахшад». Мантра Спэнат (Каломи муқаддас) аз Аҳуромаздо пурсид; чӣ гуна ба 99999 беморӣ, ки Аҳриман офаридааст, шифо бахшам. Аҳуромаздо ба Наривсинг – пайки худ фармуд, то Айирямanро[3] пайдо кунад. Айиряман бо нуҳ навъ аспи нар, нуҳ навъ уштури нар, нуҳ навъ гови нар, нуҳ навъ чорпои хурд ва нуҳ банд ҳезум ба сӯйи кӯҳу ҷангал рафта ибодат кард ва нуҳ хат рӯйи замин кашид ва гуфт: ман ҳамаи бемориҳоро нобуд мекунам. Ҳамаи ҷодуҳо, париҳо ва девонро нобуд мекунам.

Борҳо дар Авесто, аз ҷумла дар Вандидод такрор шуда, ки дармон ба василаи Мантра Спэнта[4] аз беҳтарин дармонҳост.

Виспарад ҳамаи сарварон, ҳамаи нигоҳбонон ё ҳамаи муҳофизони маънавӣ тарҷума мешавад. Бобҳои ин китоб «карда» гуфта мешавад. Виспарад китоби мустақиле набуда, маҷмӯаҳое аз

[1] Дар ин ҷо аз се навъи муолиҷа, вале дар Урдибиҳиштяшт ва Ҳафаняшт аз чор навъи муолиҷа сухан рафтааст.

[2] Дар Авесто фариштаи муваккили каломи муқаддас Мантра Спэнта аст.

[3] Айиряман – фариштаи муваккили табобат ва дармонҳо.

[4] Дуои Мантра Спэнта дар Фарвардяшт (банди 80-81) ва Хурдодяшт (банди 4) мундариҷ аст. (Ниг. Донишномаи Эрон бостон. Ҷ.IV. – С. 1941).

бахшҳои гуногуни Ясно мебошад ва аксаран ҳангоми расму суннатҳои мазҳабӣ ҷудо аз Ясно хонда намешавад. Бештар дар вақти маросимҳои динии идҳои гоҳанбор, ки миқдорашон шашто буда, дар мавсимҳои гуногуни сол гузаронида мешаванд, хонда мешавад. Шаш гоҳанбор шаш марҳилаи офариниш аст, ки аз ҷониби Аҳуромаздо анҷом дода шуда, он бо мавсимҳои гуногуни сол баробар меояд. Виспарад аз ҷиҳати забон, баён, моҳият ва мазмун бо Ясно наздик буда, аксаран мафҳумҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои ҳафтоду ду ҳоти Ясно, ғайр аз таронаҳои 17-гонаи Зардушт, бо андаке ихтилоф дар Ясно дида мешавад. Аксар вақт якҷо бо Ясно хонда мешавад. Вале дар маросимҳои ҷашнҳои гоҳанбор ба танҳоӣ низ мехонанд. Донишмандон ва муҳаққиқони гуногун дар бораи бобҳои Виспарад маълумоти ҳархеле додаанд. Аксарашон аз 22 то 27 карда гуфтаанд.[1]

Дар оини зардуштӣ, тавре ки дар боло зикр гардид, ҳар чизе, ки неку, судрасон ва зиндагисоз аст, қобили ситоиш мебошад. Дар ин бахши Авесто ҳамаи чиз, ашё ва корҳои хуб ёдоварӣ карда шуда, аз онҳо тамҷид ба амал омадааст. Виспарад мисли оинаест, ки дар баробари як боғу гулшани васеъ гузошта шуда бошад. Маздопараст ба он оина нигоҳ карда, аз самими дилу ботин ҷаҳони зебои моддиро ситоиш мекунад ва ин ситоиш аз номи Аҳуромаздо оғоз мегардад.

Ҳамаи китобҳои Авесто, аз ҷумла Виспарад, бо суханони зер хатм мешавад: Роҳ якест ва он роҳ роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳо бероҳа аст.

Хурдаавесто (Авестои хурд) ва дар паҳлавӣ «Хуртак Авесто» мегӯянд, ки ҳамон Авестои хурд ё кӯчак аст. Ин қисмати китоби муқаддас аз бахшҳои дигари Авесто, яъне Ясно, Виспарад ва Вандидод тартиб дода шудааст. Он аз ҷониби мубадон дар маросимҳои мухталифи динӣ мавриди истифода қарор мегирад. Авестои хурд маҷмӯаи намоз, дуруд, дуо ва ниёишҳоест барои вақту ҳангомҳои мухталифи шабонарӯз, рӯзҳои мубораки моҳ, ҷашнҳои махсуси эзидон ва фариштагон ва ҳангомҳои муҳими дигар мисли садрапӯшӣ ва каштӣ[2] бастани бачагон, арӯсӣ, мотам

---

[1] *Муминджанов Х.Х.* Философские проблемы зороастризма. – С. 29-46.

[2] Дар дини зардуштӣ синни 15-солагӣ синни бузургӣ ва ба камол расидани ҷавон аст. Дар ин рӯз ҷавонони 15-сола дар маросими бошукӯҳе либоси мазҳабии пайрави дин – садра ба тан ва каштӣ ба миён баста, дар байни ҷомеаи зардуштӣ рамзи пайрави маздаясноро аз ҳоти 12 Ясно аз бар мехонад.

ва ғайра. Чун Авестои кӯчак барои рафъи ҳоҷатҳои гуногуни пайравони дин фароҳам шудааст, дорои матнҳое мебошад, ки мазмуни он тарафхои мухталифи зиндагии инсон, гоҳе хуш гоҳе нохуш, гоҳе дар вақтҳои хурсандию растагорӣ ва гоҳи дигар ба дуою намози махсусе бахшида шуда муҳтавои рангорангро дарбар мегарид. Аз ин ҷиҳат мазмуну муҳтавои Авестои хурд дар нусхаҳои гуногун аз ҳамдигар тафовут дошта, масъалаҳои гуногун ва дуою ситоишҳои мухталифро инъикос мекунад. Дар баъзе аз онҳо матолиб ва дуоҳое мавҷуд аст, ки дар нусхаҳои дигар дида намешавад. Илова ба он дар баъзе нусхаҳо маълумотҳое оварда мешавад, ки бисёр бостонӣ буда, ҳатто дар бахшҳои куҳани Авесто ба мушоҳида намерасад. Дар асоси суннати зардуштиёни муосир Авестои хурд аз ҷониби Озарподмеҳрсипанд мубадони мубади даврони Шопури II сосонӣ (солҳои 310-397) мураттаб карда шудааст. Аз он чунин фаҳмида мешавад, ки Озарподмеҳрсипанд на танҳо аз матнҳои комили Авесто, балки сарчашмаҳои дигарро низ мавриди истифода қарор додааст. Масалан, як силсила намозу дуоҳое, мисли Хуршедниёиш, Меҳрниёиш, Аредвисурниёиш, Баҳромниёиш, ки дар Авестои хурд мундариҷ аст, аз Хуршедяшт, Меҳряшт Моҳяшт, Обоняшт ва Баҳромяшт гирифта шуда, бахшҳои тафсирии он маълумотҳои ҷадиде дар ихтиёри пажӯҳандагон мегузарад.

Аз ин рӯ, Авестои хурд дарбардорандаи чакидаҳо ва сурудҳоест, ки ҷаҳонбинӣ, бовар, андеша ва оинҳои мардуми ориёиро дар рӯзгорони бисёр қадим равшан мекунад. Дар он бо овардани номҳои бисёр таърихи куҳани ориёиёнро дар пеши назар ҷилвагар месозад. Авестои хурд оину андешаҳо, ақидаҳо ва тарзу усули зиндагии гузаштагони моро инъикос мекунад. Дар он низ мисли қисматҳои дигари Авесто мардум ба ростӣ, покӣ, дурустӣ, ҷидду ҷаҳд, кору кӯшиш, ҷашну шодмонӣ, ба андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек, ба ҳамкорию ҳамёрӣ, меҳру дӯстӣ, оштию созандагӣ даъват карда шудааст.

Мисли бахшҳои дигари Авесто дар охири Авестои хурд низ чунин суханон оварда шудааст: «Роҳ якест ва он роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳо бероҳа аст».

3. ТАЪЛИМОТИ ЗАРДУШТ ДАР БОРАИ ҶАҲОН, ИНСОН ВА АХЛОҚ

Дини зардуштӣ нахустин динест, ки таҳкурсии мустаҳками ахлоқии динҳои муосири ҷаҳонро гузошта, дорои тамоми рукнҳо, сохтор, аҳком ва назму тартиби мушаххаси ормонӣ мебошад. Чун ин дин дар даврони туфулияти башар по ба арсаи вуҷуд гузошта, аз саргаҳи ирфони инсонӣ баҳраманд гардидааст, бунҳои он низ мусаффою нуронӣ буда, тамоми пайкараш бо торҳои дурахшони зиндагӣ ва зарраҳои асилу равшани офариниш танида шудааст.

Гузаштагони дури мо Офтоб ва Меҳрро ситоиш карда, равшаниро сарчашмаи зиндагӣ медонистанд Торикӣ, ки мардуми мо имрӯз ҳам сиёҳ мегӯянд, ҳоло ҳам мабдаю маншаи аъмоли бад ва накуҳида ба шумор меравад. Аксари корҳои баде, ки аз тарафи инсон анҷом мегирад, аз ҷониби шаб, дар зери пардаи торикӣ, пӯшида аз нури равшанӣ сурат мегирад.

Аз ин рӯ, оини маздаясно тамоми падидаҳои табиӣ ва маънавиро ба нуру зулмат, рӯшанию торикӣ, яъне чизе, ки аз он инсон афзоишу растагорӣ меёбад ва коре, ки аз он барои тамоми одамон накуҳишу зиштӣ ҳосил мегардад, тақсим кардааст.

Ориёиёни бостон чунин ҳисоб мекарданд: дар табиат қонунҳое вуҷуд дорад, ки хуршед ва тамоми аҷсоми самовӣ мутобиқи он ҳаракат намуда, табодули фасли сол низ аз он сурат мегирад ва бунёди назму тартиби ҷаҳонро ташкил медиҳад.[1] Ҳиндуориёиҳо ин қонунро ба истилоҳи «рта» ифода карда, дар Авесто ба шакли «ашо» омадааст. Меҳвари фазоишу растагории коинот, аҷсоми самовӣ ва ба таври умум ҳастӣ марбут ба «ашо» аст. Иброҳими Пурдовуд ин калимаро чунин маънидод кардааст: «Ашо аз ҷумлаи луғотест ки маънии он бисёр доманадор аст.Ростӣ дурустӣ, тақво, тақаддус, қонун, оини эзидӣ ва покӣ аз ҷумлаи он аст. Ташхиси маонии он душвор аст, басо дар як қитъа ё ҷумла, гаҳе ба яке аз маонӣ мазкур аст ва гаҳе аз он фариштае ироа шудааст. Дар санскрит «рта» ва дар лотинӣ «ратус» гӯянд».[2]

Ин калима дар Авесто ниҳоят зиёд истеъмол гардида, фақат дар Готҳо, ки 896 қитъа шеър аст, 180 бор такрор шудааст. Агар

---

[1] *Бойс М.* Зороастрийцы. Верования и обычаи. – С. 15.
[2] *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.I. – С. 91.

кӯтоҳ карда гӯем, ашо шарти бунёди ҳастии коинот ва саросари ҷаҳони моддию маънавист. Тибқи тасаввуроти ориёиёни бостон ҳамоҳангии табиат ва аносири он аз ашо сарчашма гирифта, фаъолияти дурусти одам онро тақвият мебахшад ва унсурҳои онро ҳамоҳанг мекунад. Аз ин ҷиҳат ниёишу ситоиш ва қурбониҳо ва ба хусус муносибати неку хайрхоҳона ба табиат ва унсурҳои он бунёди зиндагиро мустаҳкам намуда, ҳусни таваҷҷуҳи эзидону фариштагонро нисбат ба инсон бештар мекунад. Инсон бахши аз табиат аст ва ҳаёту мамоти ӯ марбут ба он аст.

Ашо дорои муҳтавои васеи ахлоқӣ низ мебошад. Ниёкони мо чунин ақида доштанд, ки ашо ба рафтору кирдори одамон низ раҳнамоӣ карда, ононро ба роҳи дуруст ҳидоят менамояд. Ҳақиқатҷӯйӣ, адолатхоҳӣ, садоқат, вафо, поймардӣ, далерию фарзонагӣ, ростию дурустӣ ва хислатҳои дигари писандида ба инсоне хос аст, ки ободкунандаю фазояндаи ҷаҳони моддӣ мебошад. Ба ибораи дигар, некию накукорӣ моҳияти ботини на танҳо инсон, балки ҳар ашё буда, он ҷаҳонро афзоиш медиҳад ва зиштию палидӣ онро ҷариҳадор ва сипас нобуд месозад. Мазҳари харобии ҷаҳони моддӣ ва инҳирофи инсон аз роҳи дуруст дар Авесто ба номи дрӯг (дурӯғи кунунӣ) ёд шудааст. Дурӯғ (яке аз ёварони наздики Аҳриман) деви бузургест, ки ҳамеша ба ҷаҳони моддӣ ва инсон таҳдид мекунад. Ниёгони мо дурӯғгӯйиро хислати зишттарини инсон медонистанд. Аз ин рӯ, Ҳеродод таъкид кардааст, ки ориёиёни бостон ба фарзанди худ аз овони кӯдакӣ се чиз меомӯхтанд: аспсаворӣ, тирандозӣ ва ростгӯйӣ.

Бино ба гуфтаҳои боло, гузаштагони мо одамонро сарфи назар аз тамоми мансубиятҳои онон ба ду гурӯҳ – ашаван, яъне пайравони некӣ ва дуруван – пайравони бадӣ тақсим мекарданд. Тамоми хислатҳои неку писандидаи инсонро ба ашо вобаста карда, ҳамаи хусусиятҳои зиштро ба дурӯғ нисбат медоданд. Ба ифодаи Мэри Бойс, аз ин маълум мешавад, ки дар он даврони гузаштаи ниҳоят дур ниёгони мо ба муносибатҳои иҷтимоӣ аҳамияти махсус медодаанд.[1]

Аҳуромаздо – худованди яктои маздаясно, офаридгори тамоми мавҷудоти ҷаҳон, раҳнамои одамонест, ки ахлоқи ашоро сармашқи зиндагии худ кардаанд. Парвардигори қодиру тавоно тамоми аносиру падидаҳои ҷаҳони моддӣ ва маънавиро барои инсон, рифоҳу осоиши ӯ ва ободонии зиндагии ӯ ба вуҷуд овард.

[1] *Бойс М.* Зороастрийцы. Верования и обычаи. – С. 15.

Вале Аҳримани палид ба ҷаҳони равшаноӣ ҳамлавар гардида, падидаю мавҷудоти аҳуроиро олудаю пургазанд намуд. Дар ҷаҳон, ки то он замон на шаб буду на маргу мир, на фиребу ҳилаю тазвир, на нагунбахтию фисқу фуҷур, ҳамаи ин чизҳо зоҳир гардиданд.

Дар чунин ҳолат, Аҳуромаздо ба инсон ақли солим тақдим намуд, ки ростро аз дурӯғ, хубро аз бад, рӯшноиро аз торикӣ ва аъмоли некро аз накуҳида тафовут гузорад. Шахсе, ки ақли солимро ҳамчун раҳнамои зиндагии худ баргузида, мутобиқи андешаи нек амал мекунад, пайрави оини маздоясност.

Дар банди сеюми ҳоти 30 Ясно чунин омада: «он ду гавҳари ҳамсозе, ки дар оғоз дар олами тасаввур зуҳур намуданд, яке аз он некист, дар андешаю гуфтору кирдор ва дигаре аз он бадист, дар андешаю гуфтору кирдор, аз миёни ин ду, марди доно, бояд некро баргузинад на зиштро». Аз бархӯрди ду қутби мусбату манфӣ барқ пайдо мешавад ва партав афшонда мегардад, дар вуҷуди одамӣ низ аз бархӯрди ду андешаи меҳрҷӯёна ва кинаогин ҳолатҳои гуногуни рӯҳӣ падид меояд. Мувофиқи андешаи вахшури ориёӣ дар батни ҳар инсон аз аввал ду неру гузошта шудааст. Он ҳамеша, дар иҷрои ҳар кору амали рӯзмарра худро зоҳир мекунад. Яке садоқат, самимият, меҳр, ҷидду ҷаҳд, кӯшиш, ростӣ, инсоният, мубориза ва дигаре хислатҳои муқобили он. Яке ободгар буда, дигаре вайронкунанда аст. Дар идомаи банди сеюми ҳоти 30 Ясно банди сеюм чунин омада аст: «ҳангоме ки ин ду гавҳар ба ҳам расиданд, зиндагию марг падид оварданд. Аз ин ҷиҳат аст, ки дар саранҷом дурӯғпарастон аз зишттарин макон ва пайравони ростӣ аз накутарин манзил бархӯрдор хоҳанд шуд».

Дар Авесто панҷ қувваи ҷаҳони ботинии инсон ташхис шудааст. Неруи нахустин «аҳу» аст, ки онро бояд қувваи табиӣ ва меросии ҳаёту зиндагонӣ ва нерую ҳарорати ғаризавии инсон донист. Он бояд баданро муҳофизат намуда, ҳаракати онро ҳамоҳанг ва ба назми табиӣ дарорад. Ин қувва бо ҳастии бадан пайдо шуда, бо нестии он аз байн меравад. Неруи дуюмро, ки «даена» мегӯянд ва аксаран ба маънии виҷдону ҳисси рӯҳонӣ омада, отифаи худовандӣ дар ботини инсон пиндоштаанд. Дар асоси маълумоти Готҳо (31,11) ва Фарвардиняшт ин неруи худовандӣ фанонопазир аст. Ин қувваро офаридгор дар ботини инсон ба ин манзур ҷо кардаст, ки ҳамеша ӯро аз некию бадии аъмолаш огоҳ созад. Агар инсон дар ҳар кору амали хеш сухани

виҷдон – ин неруи ростини худовандиро бишнавад ва мутобиқи фармудаи он амал кунад, аз подоши ҳарду ҷаҳон бениёз нахоҳад буд. Пеш аз он ки ба даена ё виҷдон баргардем, бояд гуфт, ки неруи сеюмӣ дар Авесто «бауда» омада ва он қувваи даросату фаросату фаҳми инсонист. Ин қувва муваззаф аст ҳофиза, ҳуш ва неруи мумайизаро идора кунад.

Мутобиқи Авесто ин неру низ пас аз марги инсон нопадид нагардида, якҷоя бо равон зикр шудааст. Неруи чорум, «урвана» аст, ки имрӯз равон, ҷон ё рӯҳ мегӯем. Ин қувва қувваи эҳсоси масъулияти инсонист, зеро тасмими интихоби хубу бад бо ӯст. Мувофиқи Авесто, эҳсосот ва тамоми ҷисми инсон дар ҷамъоварии маводи мухталиф дар ҳар масъалаи зиндагии ӯ ширкат мекунанд. Вале равон ҳамеша муваззаф аст, ки таҳти таъсири маҷмӯи хислатҳои ботинӣ ва шахсии соҳиби худ бад ё хубро интихоб карда, қарори охирин қабул намояд. Аз ин рӯ, рӯҳ ё равон дар қабули ҳар қарор масъулияти комил дорад. Пас аз марг бошад, мувофиқи интихоби хеш дар зиндагӣ дар равзаи биҳишт ё ҷаҳаннам подош дарёфт мекунад. Неруи панҷум «фравашӣ» ё «фурӯҳар» («фраваҳар») аст.[1]

Тавре ки дар боло зикр гардид, мувофиқи фасли якуми Бундаҳишн (банди 8), Аҳуромаздо қабл аз офариниши ҷаҳони моддӣ, ҳамин ҷаҳонро аввал дар шакли минавию рӯҳонӣ (сурат), яъне дар шакли олами фравашиҳо ба вуҷуд овард. Пас аз 3 ҳазор сол ба он шакли кунунӣ, яъне моддӣ бахшид. Мувофиқи он ҳар чизи офаридаи Аҳуромаздо, ба шумули худи парвардигор ва амшоспандону эзидони ӯ дорои фурӯҳар мебошанд. Дар олами фравашиҳо фравашии тамоми гузаштагон ва ояндагон ба сар мебаранд. Лаҳзаи пайдоиши ҳар чиз, аз ҷумла инсон, фравашии вай аз ҷаҳони фравашиҳо ҷудо шуда, дар батни модар ба ӯ мепайвандад ва тамоми умр ӯро ҳамроҳӣ карда, лаҳзаи вафоташ аз ӯ ҷудо мешавад ва боз ба олами фурӯҳарҳо бармегардад. Дар асоси маълумоти Бундаҳишн фурӯҳар фариштаест, ки вазифааш гуворонидан ё ҳалли манфиатбахши ғизо дар бадани инсон аст.

Тавре ки дар боло хотирнишон сохтем, даена ба маънии эҳсоси маънавӣ ва виҷдон буда, яке аз аркони умдаи оини маздаясност. Ин ташхиси маънавӣ дар ҳар яке аз фарди башар мавҷуд буда, дар миёни қувваҳои ботинӣ, ки ба он ишора кардем, муҳимтарину шарифтарин ба шумор меравад. Мувофиқи Авесто инсон комилан

[1] *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.I. – С. 587-589.

озод ба дунё омада, дар ҷараёни ҳаёти худ дар интихоби хубу бад дар зиндагии рӯзмарра низ аз чунин озодӣ бархӯрдор аст ва бо майлу хоҳиши хеш рафтор мекунад. Дар ҳоти 46 Ясно чунин омада:[1]Ай Аҳура, аз ҳамон ҳангоме ки ту даенаи азалиро биёфаридӣ, касе, ки дӯстдори дурӯғ аст, ба дурӯғ пайваст шавад ва касе, ки хостори ростӣ аст, ба ростӣ рӯйи иродат оварад. (банди 6).

Чун дар тӯли зиндагонӣ интихоби рост ё дурӯғ вобаста ба виҷдон ва гирифтани тасмим ба равон (рӯҳ) аст, ногузир дар рӯзи охират низ чунонки дар ҳоти 31 Ясно банди 20 ва ҳоти 49 Ясно банди 20 ва ҳоти 49 Ясно банди 9 ишора шудааст, даена ё виҷдон ба ҳамроҳии равон амал карда, дар таъйини биҳишту дӯзах ва дар бахшидани подоши неку сазои зишт муносибати бевосита хоҳанд дошт.

Мутобиқи оини маздаясно вақте ки шахсро дафн карданд, равони ӯ се шабу се рӯз дар сари ҷасад қарор мегирад. Тавре ки дар Ҳодухтнаск омада, агар равон аз они фарди поку порсо бошад, ҳар се шаби пас аз марг ба андозаи тамоми зиндагонӣ хушӣ дармеёбад. Агар равони шахси гунаҳкор бошад, дар ҳар шаби он шиканҷаҳои шадидтарини зиндагиро таҳаммул мекунад. Дар Вандидод фаргарди 19 аз муҷассам шудани аъмол дар рӯзи охират чунин сухан рафтааст:

Чун дар субҳи рӯзи чаҳорӯз пас аз вафот равони некукор ё гунаҳкор аз бадан ҷудо гашта, ба пули Чинват (Сирот) расад, дар он ҷо деви Визариша равони марди дурӯғпараст девясноро ба занҷир бандад, он гоҳ ба равони марди заҳматкашу порсо духтаре нозанину зебо ва озоднажоду хушандом рӯй кунад. Равони марди гунаҳкорро (дев) ба мағоки тира кашонад ва равони некукорро аз пули Чинват ва аз бари кӯҳи Ҳаро[2] гузаронида, ба соҳаи эзидони минавӣ ором диҳад[3] (бандҳои 27-30).

Устод Пурдовуд дар «Яштҳо» ду фаргарди Ҳодухтнаскро, ки то замони мо пурра нарасида ва ба ин масъала равшанӣ меандозад, овардааст. Дар ин ҷо ба овардани фақат бахше аз он ки ба сарнавишти равони марди заҳматкашу порсо бахшида шудааст, иктифо мекунем.[4]

---

[1] Аз тарҷумаҳои Пурдовуд И. ва Ҷалили Дӯстхоҳ истифода шудааст.

[2] Ҳеро (авестоӣ Ҳеро Березайти) кӯҳи афсонавӣ, ки миёни ҷаҳони моддӣ ва маънавӣ қарор дорад.

[3] *Муин М.* Маздаясно ва таъсири он дар адабиёти порсӣ. – С. 372.

[4] *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.I. – С. 162-168.

Ҳодухтнаск, фаргарди 2 банди 7. Пас аз сипарӣ шудани шаби сеюм, дар сапедадам, равони марди покдинро чунин намояд, ки дар миёни гиёҳҳо бошад ва бӯйҳои хуш дарёбад ва ӯро чунин намояд, ки насими муаттаре аз навоҳии ҷануб ба сӯйи вай мевазад, насиме хушбӯй аз ҳама насимҳои дигар. Ва марди покдинро чунин менамояд, ки ин насимро ба машоми худ дарёфта бошад. (Чунин гӯяд): аз куҷо мевазад ин насим, ин хушбӯтарин насим, ки ҳаргиз ба машоми худ дарк накарда будам? Дар вазиши ин насим дини вай (виҷдони вай) дар пайкари духтаре ба ӯ намудор шавад, (духтаре) зебо, дурахшон, бо бозувони сафед, неруманд, рости боло, бо синаҳои баромада, некутан, озода, шарифнажод, ба назар понздаҳсола, колбадаш (баданаш) ба андозаи ҷамеи зеботарини махлуқот зебо. Он гоҳ равони марди покдин ба ӯ хитоб намуда, бипурсад, ай духтари ҷавон, ту кистӣ, ту ай хушандомтарин духтарҳое, ки ман дидаам. Пас аз он дини худи ӯ (виҷдони ӯ) посух диҳад: ту, ай ҷавонмарди некпиндори некгуфтори неккирдори некдин, ман дини худи ту ҳастам. (Ҷавонмард пурсад) пас куҷост касе, ки туро дӯст дошт аз барои бузургӣ, некӣ, зебоӣ, хушбӯйӣ ва неруи пирӯзманду қудрати ба душман ғалабакунандаи (ту), он чунон ки ту ба назарам меоӣ?

(Духтар посух диҳад), ай ҷавонмарди некпиндори некгуфтори неккирдори некдин, он кас ту ҳастӣ, ки маро дӯст доштӣ, аз барои ин бузургию некӣ, зебоию хушбӯйӣ ва неруи пирӯзманду қудрати ба душман ғалабакунандаи (ман), он чунон ки ман ба назари ту меоям. Вақте ки ту медидӣ дигаре (пайкар) мевазонид ва ба бутпарастӣ мепардохт, ситам меварзид ва дарахтҳоро мебурид, он гоҳ ту нишаста Готҳо месурудӣ ва обҳои неку Озари Аҳуромаздоро месутудӣ ва марди покро, ки аз наздику дур мерасид, хушнуд месохтӣ.

Маҳбуб будам, ту маро маҳбубтар сохтӣ, зебо (будам), ту маро зеботар сохтӣ матлуб (будам), ту маро матлубтар сохтӣ, баландпоя (будам), ту маро баландпоятар сохтӣ.

Равони марди покдин нахустин гом бардошта ба табақаи аввали биҳишт (пиндори нек) дарояд, равони марди покдин дуюмин гом бардошта ба табақаи дуюми биҳишт (гуфтори нек) дарояд, равони марди покдин сеюмин гом бардошта ба табақаи

сеюми биҳишт – (кирдори нек) дарояд, марди покдин чорумин гом фаро бардошта ба анирон (фурӯғи бепоён) дарояд.[1]

Фаргарди сеюми Ҳодухтнаск, ки дорои 18 банд аст ва дар он ҳолати равони шахси гунаҳкор дар се шаби авали баъди дафн ва мулоқоти ӯ бо дини худ ва ҳамчунин ворид гардидани ӯ ба дӯзах ифода ёфтааст, баръакси шахси порсою накукор тасвир шудааст.

Дар ин муколама, ки фарҳанги баланди ботинии ориёиёни бостонро инъикос карда, масъалаҳои гуногуни ҳамоҳангии ҷаҳони маънавӣ ва моддии инсонро дар миён мегузорад, масъалаи рӯҳ ва вобастагии он бо вичдон ва ба хусус масъалаи вичдон ҳамчун унсури муайянкунандаи муносибати инсон бо ҷаҳони атроф ҷалби таваҷҷуҳ мекунад. Сухан дар сари ин аст, ки мувофиқи таҳқиқоти мутахассисони соҳа, юнониҳо ҳатто дар асри V то мелод дар забони худ истилоҳи «вичдон»-ро надоштанд.[2] Ҳол он ки вичдон ҳамчун категорияи ахлоқӣ дар ташаккули ахлоқи инсонӣ мақоми баланд дорад.

Паёмбари ориёӣ мегӯяд: Ай Маздо, инак дастҳоро дар намоз баланд бардошта, пеш аз ҳар чиз, хурсандии минуии афзояндаро хосторам ва мехоҳам ҳамаи корҳои худро аз рӯйи ростӣ ва покӣ анҷом диҳам ва хиради худро ба андешаи неки ту ҳамсоз намоям, то равони ҷаҳонро хушнуду хурсанд гардонам. (Ҳоти 28 банди 1).

Тавре ки дар боло зикр гардид, аз ҳоти 28 то 53 Ясно Готҳо номида шуда, бахши марказии Авесто ва таронаҳое мебошанд, ки ба худи ҳазрати Зардушт мансуб аст. Банде, ки дар боло оварда шуд, банди аввалин ҳот ё суханҳои аввалинест, ки паёмбари ориёӣ таълимоти худро бо он оғоз мекунад. Сатри нахустини Готҳо инъикоскунандаи на танҳо муносибати ӯ ба ҷаҳони моддӣ, мақому манзалати ниҳоят баланди ростию покӣ, балки, пеш аз ҳама, имконияти беҳадду ҳудуди моддӣ ва маънавии инсон дар ҳудуди истеъдоду маҳорати ӯ дар ҷаҳони офаридаи Аҳуромаздост. Зардушт инсонро бисёр дӯст медорад, ба ақлу заковат ва андешаи дурахшони ӯ боварию эътиқоди беканор дорад.

Паёмбар бисёр хушбин аст. Вай дар Готҳо ба Худованди худ муроҷиат карда, барои ҳамнавъони худ, барои тамоми навъи башар чунин тақозо мекунад: Ай Маздо, ҳамаи некиҳои

---

[1] Мутобиқи навиштаи «Минӯи хирад» (фасли 57 фақараи 13) биҳишт се табақа аст анирон – маҳалли иқомати парвардигор ё фурӯғи бепоён аст.

[2] *Кессиди Ф.* Сократ. М. 1976, – С. 105-106; *Ярхо В.* Было ли у древних греков совесть. М. 1972. – С. 256-257.

зиндагиро, ки азони туст, онҳоро, ки буд, ҳаст ва хоҳад буд, бо меҳрубонии хеш ба мо ҳадя намо. Қудрату тавоноии моддӣ ва маънавии худованд беҳадду канор аст. Ҳар чизи аз андешаи неки Аҳурамаздо дар ҷаҳони моддӣ падидомада, диҳанда, бахшанда ва фазоянда аст. Паёмбари ориёӣ беш аз се ҳазор сол пеш ҳудуди қудрати ободкунандагии инсонро арзёбӣ намуда, орзу кардааст, ки хиради ӯро бо андешаи неки Худованд ҳамсозу ҳамоҳанг намояд. Чун Аҳуромаздо ва ҳар чизи офаридаи ӯ дар ҷаҳон дар ҳоли тағйироту дигаргунӣ ва хислати фазояндагию бахшандагӣ дорад, инсонро хурсанд месозад. Сарчашмаи хушию саодат бошад кору заҳмати фаъолона, ибтикор, ташаббус ва ободкунии ҷаҳон аст. (Ҳоти 33, банди 10); Ай Маздо Аҳура! Бегумон ин (ҳадяи ормонӣ)-ро ба тану ҷони касоне ҳадя мекунӣ, ки бо «андешаи нек» кор мекунанд ва дар партави «ашо», омӯзиши хиради неки туро ба дурустӣ пеш мебаранд ва хости ӯро бароварда месозанд ва барои пешрафти ҷаҳон мекӯшанд. (Ҳоти 34, банди 14).

Зардушт чунин мешуморад, ки фикру андешаи хуб инсонро водор ба ҷидду ҷаҳд ва ғайрату ободонӣ мекунад. Аммо, зоҳиран, дар замони ӯ ҳам гурӯҳи одамоне буданд, ки аз ин хислати асосии одамӣ маҳрум буданд. Вай дар Готҳо ба чунин одамон ишора карда ба суханони худ чунин идома медиҳад: Ҳеҷ кадом аз ин гунаҳкорон дарнамеёбанд, ки комёбӣ, ҳамон гуна, ки зиндагӣ ба мо омӯхтааст, бо кору кӯшиш вобаста аст. (Ҳоти 32, банди 7).

Зардушт дар ҳамон даврони қадим барои инсон барномаи амал таҳия карда, дар пеши ӯ саволҳое мегузорад, ки бисёре аз онҳо то ба имрӯз роҳи ҳалли худро пайдо накардаанд: Чӣ гуна дӯстдоре, ки аз оғоз дар ҷустҷӯйи беҳтарин зиндагонист, ба он хоҳад расид? Чӣ касе барои хуршед ва ситорагон роҳро устувор кард? Аз кист, ки моҳ гоҳе меафзояд ва гоҳе мекоҳад? Чӣ касе замину осмонро нигоҳ медорад? Кӣ обро офарида ва кӣ дарахтонро? Кӣ ба боду абрҳо тезравӣ омӯхт? Кӣ равшаниро офарид, кӣ торикиро? Кӣ хобро ба вуҷуд оварда ва кӣ бедориро Бомдодон аз кист, нимрӯз аз кист ва шаб аз кист? Ин ҷаҳони борвар ва хуррамибахшро барои кӣ офаридӣ? Чӣ касе меҳри падар дар дили писар андохт? Он дурӯғгӯе, ки дар баробари диҳишҳои ту ситеза мекунад бадкор нест? Чӣ гуна дурӯғгӯйро аз худ дуркунам? Дар партави ростӣ чӣ гуна подош ба даст хоҳам овард? (Ясно, ҳоти 44). Ва дар банди сеюми ҳоти 44 мегӯяд: Ай Маздо, ҳамаи инҳо ва бисёр чизҳои дигарро мехоҳам бидонам.

Зардушт бо ҷидду ҷаҳд, ҳаракат, кӯшиш ва бахусус дини худ ният дорад, ки дар ҷомеаи худ табаддулоти амиқ ба амал оварад. Ислоҳоте, ки ҷаҳони моддӣ ва маънавии ҳамзамононашро ба куллӣ дигаргун сохта, ононро бо роҳи ҷадиди азнавсозӣ ва ободкорӣ ҳидоят намояд. Вай дар Готҳо мефармояд: Он касе, ки дар партави аша беҳтарин хости Зардушт – сохтани ҷаҳони навро ба ростӣ бароварад, подоши зиндагонии ҷовидона сазовори ӯст ва дар ин ҷаҳони физояндаи борвар ҳар чизи дилхоҳи худро ба даст хоҳад овард. (Ҳоти 46, банди 19).

Дини Зардушт дини назарӣ набуда, дин ва низоми амал аст. Дар он бояд инсон ҳамеша фаъол ва аъзои бадани ӯ ва ба хусус андешаи ӯ кор кунад. Фикр накардан, наандешидан, мулоҳиза нанамудан яке аз бузургтарин гуноҳ дониста шудааст. Фаъолияти рӯзмарраи пайрави дин пеш аз субҳи содиқ оғоз мегардад. Дар ин бора дар Вандидод чунин менависад: Саҳаргоҳон хурӯс бонг зада мегӯян; ай мардум (бандҳои 15-16) бархезед ва дар намози худ беҳтарин ростиро ситоиш кунед, дуои Ашем Вуҳуро[1] бихонед, деви танбалиро аз худ дур намоед, он деве, ки мехоҳад шуморо дар хоб нигоҳ дорад (Фаргарди 18, банди 15-16).

Пайрави дини маздаясно мавқеи зиндагии худро бо қатъият интихоб карда чунин мегӯяд: Ман ҳамеша бо деви танбалӣ ситеза хоҳам кард, зеро бекорию коҳилӣ маро мариз ва ранҷур месозад. Зардушт ба пайравони худ тавсия мекунад, ки ҷаҳонро барои дигарон обод кунанд ва худ низ аз он баҳра баранд (Фаргарди 11, бандҳои 9).

Виспарад мавзӯъро чунин тақвият мебахшад: Ай маздаяснои зардуштӣ, дасту по ва ҳушу хиради худро барои ба ҷо овардани вазифаҳое нисбат ба дигарон дар мавқеи зарурӣ муҳайё кун, аз ҳар коре, ки зидди он аст, худдорӣ намо ва дар анҷоми кори нек ва дастгирӣ аз бечорагону бенавоён устувор бош (Фаргарди 15, банди 1).

Дар Авесто заҳмат, кор чандон кадр ва муҳтарам дониста шудааст, ки дар Вандидод дар муколамае, ки Зардушт бо худованди худ анҷом медиҳад, Аҳуромаздо шахси заҳматкаш, бахусус кишоварзро ба касе шабоҳат медиҳад, ки тухми ростӣ

---

[1] Ашем Вуҳу – яке аз дуоҳои муҳими пайравони дини маздаясно аст. Номи дуо калимаҳои аввалини он гирифта шуда, аз 12 калима иборат аст, тарҷумаи он чунин аст: ростӣ – беҳтарин некист, (сарчашмаи) саодат аст, саодати касест, ки рост (бошад) ва хостори беҳтарин ростӣ бошад (Донишномаи Эрони бостон Ҷ.I. – С.318).

кошта, дини маздаясноро дар ҷаҳон интишор медиҳад. Аз ин рӯ, кору заҳмат дар Авесто яке аз рукнҳои умдаи дин буда, муайянкунандаи муносибати шахс ба дини маздаясно муқаррар шудааст. Касе, ки заҳмат мекашад бо касе муқоиса шудааст, ки сад бор дуою ибодат карда, ҳазор бор маросими мазҳабӣ анҷом дода, сад ҳазор бор қурбонӣ карда бошад[1] (Банди 34, банди 31 ва 28-29).

«Минӯи хирад» чунин менигорад: Кӯшиш кун ва миёнарав бош ва ноне бихӯр, ки аз роҳи нек ба даст оварда, бо кору кӯшиши худ ёфта бошӣ ва порае аз он нонро барои Худо ва некӯкорон канор бигзор, ин кори ту беҳтарин кирдори нек хоҳад буд. Ҳар касе чизе хӯрад, ки аз кору кӯшиши худ ба даст наомада бошад, мисли он аст, ки сари дигареро ба даст гирифта, мағзи онро мехӯрад (Боби 2, бандҳои 42-49).

Дар дини Зардушт ҳар амали беаҳмияти рӯзмарраи инсон арзиши мазҳабӣ дорад. Бинобар ин мутобиқи он, касе, ки кор мекунад, заҳмат мекашад, ибтикору ташаббус нишон медиҳад, чизеро кашф ва ҷоеро обод месозад, дар натиҷаи меҳнати худ на танҳо сатҳи зиндагии моддии худ ва аҳли хонаводаи хешро дар ин ҷаҳон беҳтар менамояд, балки аз азизону мутабаррикони ҷаҳони дигар шуда, дар сафи мушовирон ва эзидони Аҳуромаздо қарор мегирад.

Вобаста ба ин касе, ки кору кӯшиш мекунад, худ сарнавишту тақдири худро дигаргун месозад. Аҳуромаздо ҳамаро комилан озод ва баробар офарида, тақдиру сарнавишти касеро муқаррар накардааст. Худованд ҷаҳони пурфайзу зеборо ба вуҷуд оварда, дар ихтиёри инсон гузоштааст ва онро майдони азнавсозӣ ва ободонӣ муқаррар карда, сарнавишти ҳар якеро дар ихтиёри худаш вогузор кардааст. Агар ба Готҳо амиқ шавем, мебинем, ки саросари он аз асолати мақоми инсон ва иродаи қотеъонаи вай дар таъйини сарнавишт сухан рафтааст. Ин иродаю ихтиёри мутлақ дар тарҳрезӣ ва сохтани сарнавишт, пешгирӣ аз таъсири тақдир, бо ишора ба зарурати кору кӯшиш, ҷидду ҷаҳд баён карда шудааст. Ҳар кас бештар бикӯшад, бештар фаъолият кунад, ташаббус нишон диҳад, ризқу рӯзияш фарохтар гардида, касе, ки танбалӣ ва коҳилӣ кунад, гуруснаю фақир хоҳад монд. Сарнавишт дар пешонии ҳеҷ касе рақам назадааст ва бою камбағалро муайян накардааст. Сарват, боигарӣ, фарохии маишат осоиши ҳар кас вобаста ба кору кӯшиши вай аст. Омили

[1] *Разӣ А.* Ганҷинаи таърихи Эрон. – С. 636.

асосии нодорӣ ва камбағалии касе танбалӣ, коҳилӣ ва бекоргардии ӯ буда, хосту иродаи худованд намебошад. Зардушт дар ин бобат мегӯяд: Ӯро (Аҳуромаздоро) ба андешаи нек хушнуд мекунам, ӯро, ки бо хости хеш, беҳрӯзӣ ва тирарӯзӣ, ҳардуро барои мо офаридааст. (Бишавад, ки) Маздо Аҳура бо шаҳриёрии минавии хеш моро (неруи) кор кардан бахшад, то дар партави андешаи нек ва ашо ва бо некогоҳӣ ба пешрафти мардумон кӯшиш намоем (Ясно, ҳоти 45).

Тавре ки дар боло зикр гардид, инсон дар зиндагӣ аз озодии комил бархӯрдор буда, дар интихоби роҳи зиндагӣ низ соҳибихтиёр аст. Ин фикр аз ҷониби Зардушт дар Готҳо чунин баён шудааст: Ай Маздо, онгоҳ, ки ту дар оғоз, тану дини моро офаридӣ ва аз андешаи хеш (моро) хирад бахшидӣ, онгоҳ, ки ҷони моро тан падид овардӣ, онгоҳ ки моро нерӯи кор кардан ва гуфтори роҳнамо арзонӣ доштӣ, (аз мо хостӣ, ки) ҳар кас боварии хешро бо озодӣ ва озодкомӣ бипазирад (Ясно, ҳоти 31, банди 11).

Пас ҳар кас, ки хоҳ дурӯғгуфтор, хоҳ ростгуфтор, хоҳ нодон ва хоҳ доно бошад аз дилу андешаи хеш садо мебароварад (Ясно, ҳоти 31, банди 12); Ай Маздо, он кас, ки нек меандешад ё бад, бегумон дин, гуфтор ва кирдори худро низ (чунон хоҳад кард) ва хоҳиши ӯ пайрави интихоби озодонаи вай хоҳад буд (Ясно, ҳоти 48, банди 4).

Ба ибораи дигар, дар Готҳо ва бахшҳои дигари Авесто Зардушт пайравони худро ба азнавсозии ҷаҳон даъват мекунад. Ба ақидаи ӯ, барои расидан ба ин мақсад, сараввал, бояд ҷаҳони маънавии инсон дигаргун гардад. Андеша сарчашмаи дониш буда, дар сурате ба дониши муътамад мубаддал мегардад, ки бо сухан ифода шавад ва дар амал татбиқ гардад.

Яке аз тафовутҳои куллии дини зардуштия аз динҳои ҷаҳони муосир иборат аз он аст, ки дар он инсон дар муқоиса бо тамоми унсурҳои дигари ҷаҳони моддӣ, аз тарафи Худованд офарида намешавад. Худованд инсони нахустин, яъне Каюмарсро офарид. Вале мушоҳида намуд, ки он мақсаду мароме, ки аз офариниши ҷаҳон дорад, Каюмарс амалӣ карда наметавонад. Камбудию норасоии инсони офаридашуда, ки ба чашм мехӯрд, камҳаракатӣ, камфаъолиятӣ, беташаббусӣ ва маҳрум будани Каюмарс аз ҳаракат, ҷидду ҷаҳд ва кӯшиши азнавсозии олам буд. Аз ин рӯ, мутобиқи навиштаи Бундаҳишн, вақте ки Аҳриман ба ҷаҳон ҳамла кард, Каюмарс ва гови нахустин аввалин тӯъмаи ӯ гардиданд.

Чун фалсафаи зардуштия фалсафи азнавсозии ҷаҳон аст, назарияи пайдоиши инсон низ ба он мувофиқ гардонда шудааст. Дар асоси яснои 41 банди 3, яснои 9 банди 1, фаргарди 2 банди 41 Вандидод, Тиштаряшт банди 2, Меҳряшт банди 71, Фарвардиняшт бандҳои 86-87, банди 9 ва сарчашмаҳои паҳлавӣ аз тухмае, ки аз Каюмарс ба замин афтод, мутобиқи муҳити мавҷуд ва дар муқобилат бо девҳои Аҳриман, ниҳоли душохае ба номи ривос (ревоҷ) рӯида, мувофиқу муносиби шароити замин бузург шуд ва дертар ба марду зане мубаддал гардид, ки волидайни одамони имрӯза дониста шудаанд. Онҳо аз нутфа дар замин рӯйида, ба шароити сахту тоқатфарсои он рушд карда, обутоб ёфта буданд. Аз ин рӯ, онҳо аз рӯзи аввалини мустақилияти худ ба мубориза барои рӯзӣ пардохтанд. Дар Бундаҳишн ва сарчашмаҳои дигари паҳлавӣ нишон дода шудааст, ки мубориза барои зиндагӣ онҳоро то чӣ андоза ҳушёр, зирак, доно, ҳассос, неруманд ва ба якдигар пайваст намуд ва баъдан наслҳои онҳо дар ҷаҳон пароканда шуданд.

Китоби муқаддаси гузаштагони мо инсонро ҳамчун мавҷуде муаррифӣ мекунад, ки ҳамеша дар мубориза ва имтиҳони оламу одам аст. Вай шахсони камҳаракат, беташаббус, канорагир, гӯшанишинро дӯст намедорад. Инсон бояд ҳамеша дар теғаи озмоишу имтиҳонот қарор дошта бошад: хоҳ хуб, хоҳ бад, роҳи сеюм вуҷуд надорад. Мувофиқи ин таълимот, инсон бояд дар ҳамкорӣ бо табиат тағриба ва дониш андӯхта, ҷаҳонро барои худ аз нав созад ва ба зебоии он зебогии наве илова намояд.

Мувофиқи таълимоти зардуштия, Аҳуромаздо – худованди бузург, аввал ҷаҳонро дар шакли маънавӣ, яъне ҷаҳони фурӯҳарҳо ба вуҷуд оварад. Тавре ки дар Фарвардиняшт ва бахшҳои дигар ишора шудааст, ҳар чизе ки дар ҷаҳон буд, ҳаст ва хоҳад буд, дорои фурӯҳар мебошад. Вале фазоянда ва инкишофдиҳандаи ҷаҳони моддӣ фурӯҳари фақат он шахсонест, ки дар ҷараёни зиндагии худ дар замин тағрибаю дониши фаровон андӯхта, барои ободӣ ва азнавсозии он мубориза бурданд ва аз худ осоре боқӣ гузоштанд. Мувофиқи бисёр сатрҳои Авесто ва ба хусус Фарвардиняшт, Аҳуромаздо – худованди бузург ҷаҳонро бо кумак, раҳнамоӣ ва машварати онҳо идора мекунад.

Мақоми баланди олами фурӯҳарҳо, ки яке аз рукнҳои умдаи дини маздаясност, аз аввали офариниши ҷаҳон поягузорӣ шудааст. Дар Бундаҳишни ҳиндӣ, Аҳуромаздо пас аз офариниши

олами фурӯҳарҳо ва пеш аз ба шакли моддӣ даровардани ҷаҳон, ба фравашии одамон муроҷиат карда, чунин мегӯяд: «Кадоме шуморо ба назар судмандтар ояд, (ин) ки шуморо ба гетӣ диҳам, (то) ба сурати моддӣ бо дурӯғ бичангед ва дурӯғро нобуд кунед ва шуморо ба фарҷом дурусту бемарг созам ва боз ба гетӣ диҳам ҳамеша бемарг, безармон (бе пирӣ, ҷовидон) бе патёра (зарар) шавед, ё шуморо ҳамеша аз Аҳриман ҳимоят бояд кардан. Фурӯҳари мардум ба мубориза бо Аҳриман ва ба рафтан ба гетӣ ҳамдостон шуданд».[1]

Аҳуромаздо пеш аз он, ки ба одамон тани моддӣ бахшад, бо фурӯҳари (арвоҳи) онҳо машварат карда, чунин мегӯяд: ман, ки ба шумо шакли моддӣ медиҳам ва ба ҷаҳони моддӣ равон мекунам, шумо ҳатман мавриди ҳамлаи Аҳриман ба девони ӯ қарор хоҳед гирифт. Худованд барои ҳалли мушкилоти ба вуҷуд омада, ду роҳ пешниҳод мекунад: кадоме аз онҳо мавриди писанди шумо аст, аввал ман, Аҳуромаздо, шуморо бояд таҳти ҳимояти доимии худ гирифта, ҳамеша аз девони Аҳриман муҳофизат кунам ва дуюм, шумо ҳамроҳи ман бо Аҳриман ҷангида, дурӯғро нобуд мекунед ва ман ба шумо зиндагии босаодати абадӣ мебахшам. Фурӯҳари инсонҳо роҳи мубориза бо дурӯғро пазируфтанд.

Аз ин ривоят чунин бармеояд, ки (1) олат ва силоҳи асосии Аҳуромаздо дар азнавсози ҷаҳон инсон аст (2) инсон бо пуштибонии Аҳуромаздо ва такя ба ҳушу хиради худ бо тамоми мушкилоти мавҷуд (Аҳриман) мубориза бурда, ҷаҳонро навсозӣ мекунад. Дар ин ҷо низ ҳолате пеш ба мушоҳида мерасад, ки дар боло дар мисоли Каюмарс дида шуд.

Мақому мартабаи баланди инсон дар аввалин ваҳйи худовандӣ, ки ҳанӯз Каюмарс дарёфт карда буд, муайян шудааст. Чун дар давраи ӯ пайраве набуд, дертар ин ваҳйро Зардушт дарёфт намуд. Мувофиқи он беҳтарин коре, ки фарзандони инсон метавонанд бикунанд, анҷоми касбӣ ва тахассусии корҳоест, ки ба онҳо муқаррар шудааст.

Фаҳмишу дарки ин масъала яке аз вазифаҳои муҳимтарини динӣ аст. Ба ибораи дигар, ҳар кореро бояд шахсе анҷом диҳад, ки аз он огоҳии пурра ва ҳамҷониба дошта бошад. Вазифаи динии ҳар инсон иборат аз он аст, ки ба беҳтарин ваҷҳи мумкин кореро, ки аз ҷониби иҷтимоъ ба дӯши ӯ гузошта шудааст, анҷом диҳад. Ҳар амали рӯзмарраи одам арзиши динии махсусе дорад ва бахше

[1] Бундаҳишни ҳиндӣ. – Теҳрон, 1368. – С. 78.

аз оини маздаясноро ташкил медиҳад. Аз рӯйи виҷдону самимият анҷом додани ин корҳо ба азнавсозии ҷаҳон ва таҷдиди ҳаёт кумак мекунад. Ҳар касе дар таҷдиди ҳаёт ва азнавсозии ҷаҳон дар сурате ҳиссагузор аст, ки агар корҳои ҳаррӯзаи худ дар хона ва вазифаи вогузоштаи иҷтимоиро хушсифат ва беайбу нуқс иҷро намояд. Нисбати ин ки чунин шахс вазифаи имрӯзаи худро нисбат ба дирӯз ва фардоро ба имрӯз беҳтару хубтар анҷом медиҳад, фарри ӯ бештар шуда меравад. Мувофиқи мундариҷоти Авесто ҳар давра ниёз, мушкилот ва проблемаҳои ба худ хосе эҷод мекунад, ки бояд бо онҳо мубориза шавад. Ҳар инсон дар ботинаш дурӯғи хоси худро дорад, ки ҳамеша бояд бо он мубориза намояд.[1]

Дар бораи се лавҳае, ки дар боло оварда шуд, қайд кардан лозим аст, ки аввалан зардуштия ҷаҳони моддӣ ва ҷаҳони маънавиро аз ҳам чудо накарда, якеро такмилдиҳандаи дигаре мадонад ва ҷаҳони маънавии инсонро дар мақоми аввал қарор дода, онро сарчашмаи инкишофу пешрафт муаррифӣ мекунад. Дуюм, Аҳуромаздо ба инсон ихтиёру истиқлол бахшида, вайро идомадиҳандаи кори худ дар ободӣ ва азнавсозии ҷаҳон интихоб кардааст. Сеюм, инсон мавҷуди комилан мустақиле мебошад, ки ба раҳнамоӣ ва нишондоди касе муҳтоҷ нест. Ҳар амали ӯ мутобиқи шароити мавҷуд, нисбати зарурат сурат гирифта, ҳамин зарурат сарчашмаи дониши нав ва маърифати ҷаҳон мегардад.

Каюмарс инсоне буд, ки маҳорату истеъдоди ҷаҳонкушоӣ надошт. Ба Аҳуромаздо – Худованди бузург, инсоне лозим буд, ки фақат ба худ такя кунад, эътимод ба дониши худ, ба маҳорату истеъдоди худ дошта бошад. Инсоне лозим буд, ки дар мушкилтарин фурсат, замоне ки бо бунбаст рӯ ба рӯ мегардад, дар асоси такя ба хирад, дониш ва огоҳии худ, аз он варта худашро раҳоӣ диҳад. Ба ӯ инсоне лозим буд, ки ҷонфидо ва муборизи ободӣ ва азнавсозии ҷаҳон бошад. Машия ва Машёна маҳз дар шароити ҳамлаи шадиди Аҳриман, дар муҳите рӯйида, ба камол расиданд, ки замин пур аз ҳашароти музир ва ҳайвоноти дарранда буд.

Чорум, кору амал, таҷриба ва дониши дар ҷараёни зиндагӣ андӯхтани инсони азнавсозанда ва ободкунанда бо марги ӯ аз миён намеравад. Ободию бунёдкории ӯ ҳамчун зинаи минбаъдаи инкишофи насли дигар хизмат карда, фурӯҳари ӯ дар азнавсозии

[1] *Моле М.* Эрони бостон. – Теҳрон, 137. – С. 102-103.

ҷаҳон ба Аҳуромаздо кумак ва ҳамкорӣ хоҳад кард. Илми синергетика дар аввали асри гузашта ба вуҷуд омад. Он таъкид мекунад, ки на танҳо муҳит, табиат ва замин мувофиқи қонунҳои хеш худро ташаккул мудиҳанд, мувофиқ мегарданд, ислоҳ мекунанд, балки чараёнхои худташкилкунӣ дар саросари ҷаҳон идома дорад. Зоҳиран, раванди ташкили худ ба худӣ, ислоҳи худ ба худӣ, ки дар асари синтези ҷаҳони моддӣ ва маънавӣ ба амал меояд, хосияти умумӣ пайдо карда, тамоми унсурҳои табиатро дар бар мегирад ва ба инсон низ дахл мекунад.

Панҷум, ободӣ ва азнавсозии ҷаҳони нав ба василаи дониш ва таҷрибае, ки тавъам бо садоқат, самимият ва виҷдон бошад, сурат гирифта метавонад. Инсоне, ки фориғ аз дониш аст, дрегван аст. Вай дар ҷаҳон тағйироти мусбат ворид карда наметавонад. Косиб, мутахассис, коршинос, агар кӯшо, вазифашинос, навовар ва ихтироъкор бошанд вазифаи иҷтимоии худро бо садоқат ва муҳаббати фаровон анҷом диҳанд, вазифаи мазҳабии худро анҷом дода, пайрави комилҳуқуқи дин ҳисоб мешаванд. Фидокорӣ, садоқат, самимияти касбӣ, фарри инсонро афзун мегардонад. Ба ибораи дигар, ҳар коре, ки бо садоқату самимият анҷом мегирад, ҷаҳонро обод мегардонад. Ҳар кореро, бояд шахсе анҷом диҳад, ки онро нисбат ба дигарон беҳтар медонад.

Аз гуфтаҳои боло, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар барҳам додани ҷаҳонбинии асотирӣ ва дар радифи аввал қарор додани проблемаи инсон ва ҷаҳони ӯ фалсафаи Юнони қадим муқаддам набуда, ин масъалаҳо бори нахуст ва ба таври ҳамаҷониба аз ҷониби дини яктопарастии Зардушт ва китоби муқаддаси он Авесто гузошта шуд. Бузургии фалсафаи Юнони қадим аз он иборат аст, ки нукоти умдаи таълимоти Авесторо аз худ карда, ба онҳо ҷанбаи амалӣ дод ва онро дар ихтиёри фалсафаи ҷаҳон гузошт.

Саросари Авесто, ки китоби муқаддаси ниёгони пешазисломии мо мебошад, тараннуми зиндагии шарофатмандона, таблиғи ростию дурустӣ, тарвиҷи кору заҳмат аст. Зардушт дар бисёр бандҳои Готҳо хислатҳои Аҳуромаздо – Худованди бузургу тавоноро барои пайравӣ ҳамчун намуна тавсия медиҳад. Хислат ё мазҳарҳои Аҳуромаздо – амшоспандон ва эзидони ӯ мебошанд.

Аҳуромаздо ҷаҳонро ба василаи амшоспандон ва эзидони худ идора мекунад. Амшоспандон ҳамкорону ёварони наздиктарини худованд буда, шаш нафаранд ва ҳар яке дар ҳудуди салоҳият ва

соҳаи фаъолияти худ дар идора ва офариниши ҷаҳони моддию маънавӣ ба Аҳуромаздо ҳамкорӣ мекунанд. Плутарх аз шаш амшоспанди оини маздаясно ном бурда, вуҷуди ононро аз ду ҷиҳат мавриди тафсир қарор медиҳад: дар олами рӯҳонӣ ҳар яке аз онон мазҳару намудори яке аз сифатҳои Аҳуромаздо мебошад, дар ҷаҳони моддӣ бошад, нигоҳдорӣ, нигоҳбонӣ ва парвариши яке аз унсурҳо ва падидаҳо ба онҳо супорида шудааст.[1]

Аввалини онҳо Баҳман намудори андешаи неку муқаддас ва хираду доноии Аҳуромаздо буда, дар ҷаҳони моддӣ сарпарастии тамоми ҷонварони судманду чорпоён ба ӯ вогузор шудааст. Урдибиҳишт – намояндаи ростию дурустии Ҳурмузд аст ва дар олами ҷисмонӣ нигаҳбони оташ аст. Шаҳривар – ҷилвагоҳи подшоҳӣ ва тавоноии офаридгор аст ва дар ҷаҳони фонӣ парастории филизот бо ӯст. Исфандормаз – намоёнгоҳи фурӯтанӣ, садоқат ва меҳру муҳаббати Маздост ва дар ин ҷаҳон борварӣ ва парвариши замин ба ӯ муҳаввал шудааст.

Хурдоду Амрдод амшоспандоне ҳастанд, ки намояндагони ҷовидонӣ ва камолу расоии Аҳуромаздо буда, дар олами моддӣ нигаҳбонии об ва парвариши гиёҳҳо ба онон вогузор шудааст. Ба илова дар Авесто аз теъдоди фаровони эзидон ном бурда шудааст, ки аз лиҳози дараҷа нисбат ба амшоспандон дар мартабаи поёнтаре қарор доранд. Дар яснои 16, Ҳафтаняшти бузургу кучак аз амшоспандон сухан рафта, дар Хуршедяшт аз садҳо ва ҳазорон эзидони минавӣ суҳбат мешавад: ҳангоме ки Хуршед битобад, садҳо ва ҳазорон эзидони минавӣ бархоста, фарро баргирифта, дар рӯйи замини Аҳуроофарида пахш мекунанд, то бо он ҷаҳони ростӣ ва ҳастии ростиро парвариш диҳанд. Фаровонии эзидон то ба он дараҷа буда, ки тааҷҷубу шигифтии нависандагони юнониро ба вуҷуд овардааст. Диогени Лаэрти навиштааст, ки бино бар ақидаи форсиён фазои осмон пур аз фариштагон аст.[2]

Дар оини маздаясно воқеан чунин эзидон дар майдони корзор барои ҳифозати замин, покии табиат ва беҳбудии зиндагии инсон фаъолият карда, ҳар яке нигоҳбони аносири табиӣ, аз ҷумлаи Моҳ, Хуршед, ситорагон, осмон, об, оташ, ҳаво, замин ё муҷаррадоти маънавӣ аз ҷумлаи нерумандӣ, ростӣ, дурустӣ, пирӯзӣ, доноӣ саховат ва ғайра мебошанд. Аз чанде аз ин

[1] *Алавӣ А.* Таърихи комили адён. – С. 119.
[2] *Бенвенист Э.* Дини эронӣ. – С. 72.

фариштагон ном мебарем, ки дар оини маздаясно аз салоҳияту эътибори барозандае бархӯрдоранд.

Эзиди Озар дар оини зардуштӣ мақоми хосае дошта, дар Авесто аз ӯ чун писари Аҳуромаздо ном бурда шудааст. Барои эзиди Озар дар маркази маъбадҳои зардуштӣ хонаи махсусе ба номи озарон месозанд ва оташгоҳ дар ин уток воқеъ шуда, пайравон ҳамарӯза се маротиба ба он ситоишу ниёиш мебаранд. Ҳангоми дуою намоз пайравони дин аввал аз номи Аҳуромаздо – Худованди якто, офарандаи ҷаҳони моддию маънавӣ оғоз карда, сипас номи Озарро ба забон меронанд. Вақте ки дини маздаясно оташро ситоиш мекунад, танҳо оташи маъмулиро дар назар надошта, тамоми шаклҳои энергияро, ки ҷаҳонро дар ҳолати мувозинату ҳамоҳангӣ нигоҳ медорад, дар назар дорад. Ба ақидаи Ҳераклит ҳар чизе дар ҷаҳон аз ҳисоби оташ дар ҳоли тағйирот, дигаргунӣ, ташаккул, пайдо шудан ва аз байн рафтан аст. Ҳар чизе аз оташ падид омада, боз ба оташ мубаддал мешавад.[1] Неруи оташ аст, ки ҷаҳон ва аносири онро борвар сохта, заминаи пешрафту инкишоф мегардад ва ризқу рӯзии ҷаҳониёнро падид меорад. Дар Авесто аз панҷ хел оташ ёд мешавад, ки марбути эзид Озар аст: Оташи Берези савангҳ, ки номи умумии оташ аст; Вуҳуфриёна – оташе, ки дар ҷисми инсон аст; Возишта – оташи раъду барқ, ки аз гурзи эзиди Тиштар меҷаҳад; Спэништа – оташе, ки дар арш дар пеши Аҳуромаздо ҷовидон фурӯзон аст ва инкишофи моддию маънавии ҷаҳонро фароҳам месозад.

Эзиди дигаре, ки дар оини маздаясно шавқату ҷалоли дурахшон дорад, эзиди Зам, Зами ё Замин аст, ки фариштаи муваккили хок мебошад. Низомӣ чунин мегӯяд:

Асое, ки дар осмону замист,
Ба андозаи қудрати одамист.

Замин монанди Осмон дар маздаясно муқаддас аст ва аксаран дар Авесто ҳар ду омадаанд. Аз ин рӯ Замин – фариштаи муваккали хок ва Осмон – фариштаи муваккали сипеҳр мебошад. Обон – фариштаи муваккали обҳои бузург аст. Чун обу оташ дар замони бостон аносири муқаддас шуморида мешуд, дар ин ҷо овардани порчаи кӯтоҳи муаррихи юнонӣ пиромуни як ғуломи эронӣ аз фоида ҳолӣ нест. Дар Юнони бостон ғуломи эронӣ ба

[1] Краткий очерк истории философии. М. 1967. – С. 45.

соҳиби худ бо чунин хоҳиш мурочиат мекунад: «Агар ман мурдам, маро масӯзон, эй Филонимос, оташро ба тани ман маёлон, ман порсиям, ниёгонам низ порсӣ буданд ва гуноҳи олудани оташ ба назди мо гаронтар аз марг аст. Маро ба хок биспор, оқоям, вале бар танам оби татҳир маяфшон, чун ман обҳоро низ гиромӣ медорам».[1]

Яке аз эзидони пурнуфузе, ки ба ӯ ҳатто Аҳуромаздо ниёиш мебарад, Аредвисури Анаҳито – зан – эзиди обҳои минавист. Яште, ки ба Аредвисур Анаҳито бахшида шудааст, яке аз тӯлонитарин ва зеботарин яштҳои Авестост. Дар он ҷо омадааст, ки Анаҳито дар миёни сипеҳри рӯшану ситорагон қарор дошта, саршор аз тавону озодагии далерона, дар фойтуни чораспааш пеш метозад, девону ҷабборон ва ҳамаи мавҷудоти пургазандро нобуд мекунад, то онон роҳу равиши зиндагии инсонро халалдор накунанд. Аҳуромаздо посдорию нигоҳбонии ҳамаи ҷаҳони офаринишро ба ӯ вогузор кардааст. Ӯ фаррухӣ ва борвари ҷаҳону ҷонварро тазмин карда, галаҳо ва киштзоронро дар паноҳи худ нигоҳ медорад. Аредвисур Анаҳито яке аз эзидони муҳтарамест, ки ӯро худи Аҳуромаздо ситоиш карда, ба ӯ намоз мебарад. Дар Обоняшт, ки дар он Аредвисур Анаҳито сутуда мешавад, Аҳуромаздо дар бораи ӯ ба Зардушт мегӯяд: Ман, Аҳуромаздо, ӯро аз неруи хеш ба вуҷуд овардам, то хона, деҳ, русто ва мамлакатро парвариш диҳам, то (онҳоро) ҳимоят кунам ва ҳифз намоям, посбонӣ кунам, паноҳ диҳам ва нигаҳбон бошам. Ӯ муқаддасест, ки фазояндаи галаю рама аст, муқаддасест, ки фазояндаи гетист, муқаддасест, ки фазояндаи сарват аст, муқаддасест, ки фазояндаи мамлакат аст (Яштҳо, бандҳои 1,6).

Эзиди пурҷоҳу ҷалоле, ки дар Авесто борҳо бо эҳтиром ёд шудааст, Меҳр мебошад. Меҳр яке аз эзидони ниҳоят бостонии мардуми ориёӣ буда, замоне доманаи парастишу ниёиши ӯ ба бахши аъзами Осиё ва Аврупо густариш ёфта буд.[2] Номи ӯ на танҳо дар Ригведа дида мешавад, балки дар ҳуҷҷатҳои сулолаи Митонӣ – яке аз нахустин қавмҳои ориёӣ дар қарни XIV қабл аз мелод воқеъ дар Байнаннаҳрайн мундариҷ аст. Дар Авесто Меҳр эзиди Хуршед нест, балки фариштаи анвори минавист. Ӯ пеш аз Хуршед бархоста, чун эзиди ростӣ нигоҳбони аҳду паймон аст,

[1] *Бенвенист Э.* Дини эронӣ. – С. 29.
[2] *Куман Ф.* Оини пуррамзу рози митроӣ. *Разӣ Ҳ.* Оини меҳр. Ҷ.II. Теҳрон, 1381.

сониян чун эзиди рӯшноӣ ёридиҳандаи рӯиши гиёҳҳо ва болиши ҷонварон аст.

Аз ин муаррифии амшоспандон – ҳамкорони наздики Аҳуромазо ва чанд тан аз эзидони ӯ бармеояд, ки зиндагии шарофатмандонаи инсон ва ҳаёти мураффаҳи тамоми ҷонварони муфид ҳадафи асосии дини маздаясно мебошад. Муъмини зардуштӣ дар он сурат файзу баракати худовандиро ба даст меорад, ки ба гуфтаи Пурдовуд мисли Баҳман андешаи некро сармашқи кори худ кунад, мисли Урдубиҳишт росту дуруст ва ҳақиқатҷӯ бошад, мисли Шаҳривар дар анҷоми кори нек муътақиду тавоноии худро эҳсос намояд, мисли Исфандормаз нисбат ба ҳамдинон меҳру муҳаббати фаровон дошта, барои ибрози некӣ неруи худро дареғ нанамояд. Мутобиқи Авесто кору кӯшиш сарчашмаи файзу баракат, ростию дурустӣ, саодати ҷаҳони моддӣ ва маънавист. Касе шоистаи фармондеҳию бартарӣ хоҳад шуд, ки худ сари итоат ба даргоҳи Худованди Бузург фуруд оварда, аз Суруш – эзиди бурдборию итоат панд бигирад, хонаи касе обод аст, ки дили Арт – эзиди сарватро нарм карда, мутаваҷҷеҳи худ созад, хонаи касе гарму меҳрогин аст, ки Озарро муҳтарам шуморида, ба ӯ ниёишу назар бибарад, касе аз галаю рама бархӯрдор шавад, ки эзиди Гӯш (Гушурван) – муваккали чорпоёни судманд аз таваҷҷуҳи вай ба ҷонварони аҳлӣ хушнуд бошад, Тиштрйа – фариштаи борон киштзори касеро серобу пурҳосил кунад, ки аз дастгирии мустамандон ва бечорагон дар роҳи худованд дареғ наварзад, касе ҳамеша пирӯзу сарфароз бошад, ки ҳамеша ба аҳди худ вафо карда, Меҳр – посбони аҳду паймонро наозурда бошад, касе аз бедоду ситами ҷафокорон дар амон хоҳад буд, ки худ аз роҳи адлу инсоф нагашта, бо Рашну – фариштаи муваккили адлу инсоф муттаҳид бошад. Равону фурӯҳарҳои ниёгон барои хонадони касоне аз даргоҳи парвардигор бахшоишу файзу баракат дархост мекунанд, ки аъзои он хона покиза ва бо доду диҳиш бошанд, ҳумои илму дониш – Чисто ба сари касе соя афканад, ки парҳезкору порсою худотарс бошад.[1]

Китоби муқаддаси бостонии ниёгони мо таълим медиҳад, ки зиндагӣ неку шариф буда, неъмати худовандист. Ҷаҳон ва он чӣ дар рӯйи он қарор дорад, муқаддас буда, шодию сурур муҳаббати эзидист. Дар Фарвардиняшт банди 9 пиромуни табиату мавҷудоти

[1] *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.II. – С. 11-24.

зебои он бо ибороти зебою шоирона чунин омадааст: «Замини фарохи Аҳроофаридаи баланду паҳн, ҳомили чизҳои зебою саросар ҷаҳони моддист, чӣ ҷондору чӣ бечон ва кӯҳҳои баланду чарогоҳҳои бисёр ва оби фаровон бар он аст».

Устод Иброҳими Пурдовуд дар Яштҳо чунин оварда: «Он чӣ муаррихони қадими Юнон мисли Ҳеродот, Ксенофонт ва ғайра роҷеъ ба ҷалоли Эронзамин навиштаанд, дар Авесто ҳам ба хубӣ пайдост, басо дар онҳо дар бораи қасрҳои садсутуни дурахшон, бистарҳои муаттар, чарххои дурахшон, гардунаҳои (фойтунҳои) хурӯшанда, аспҳои маст, тозиёнаҳои танинбардоз, теғу тиру гурзҳо, найзаҳо ва худу ҷавшанҳои симину заррин, либосҳои фохиру зарбофт, тоҷу тавқу гӯшвораю дастбандҳои гавҳарнишон сухан рафтааст».[1]

Дар дини маздаясно зиндагонӣ муқаддас шуморида шуда, хушии ояндаро шарти бадбахтии кунунӣ надонистаанд. Дар он инсон бояд тамоми лаззатҳои дунявиро истиқбол намуда, ҳар он чиро, ки аз он фоидаю суде мерасад, дӯстдору хостгор бошад: «Ба ҳамаи чизҳои хубу нек дуруд мефиристем»: (Ясно, ҳоти 42, банди 3); «Пайкарҳои куллияи офариниши муқаддасро мо меситоем» (Яштҳо, банди 22).

Ба ибораи дигар, ниёгони мо чунин ҳисоб мекарданд, ки ҳар чизи Аҳуро офарида хубу нек аст ва аз лиҳози сохтмон комилу нотакрор мебошад. Яке аз тафовутҳои куллии мардуми ориёӣ иборат аз он аст, ки онҳо зебоиро ба хубӣ ташхис медоданд, онро тараннум мекарданд, ситоишу ниёиш мебурданд. Зебоӣ чизест, ки ба нумуъю инкишофи инсон мусоидат карда, василаи хушӣ ва рифоҳу осоиши вайро фароҳам меорад. Ҳар ашёи табиат мазҳари зебоӣ ва камолоти худованд аст. Эҳтирому бузургдошти ҳар яке аз онҳо ситоишу бузургдошти офаридгор мебошад. Тавре ки дар боло зикр гардид, дар Вандидод ба чунин сатрҳо бармехӯрем: «Зардушт аз Аҳуромаздо пурсид: ай офаридгори поки ҷаҳони моддӣ, чӣ гуна ситоиши ту ба ҷой оварам, он гоҳ Аҳуромаздо дар посух гуфт: ай Спитамони Зардушт, ту бояд наздики гиёҳи аз замин рӯйида равӣ ва чунин гӯйӣ: дуруд, ба ту ай гиёҳи зебои тавонои хубрӯйида, ту ай неки Маздоофарида, ай гиёҳи муқаддас». (Бандҳои 17-18).

Мутолиаи тамоми бахшҳои Авесто моро ба ин хулоса меорад, ки таълимоти Зардушт ҳосили андешаҳое мебошанд, ки дар кору

[1] *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.I. – С. 113.

фаъолият имтиҳон гардидааст. Дар оинҳои дигар дар баробари даъватҳое, ки барои кору ғайрату кӯшиш ба амал омадааст, мавридҳои дигаре, низ пайдо мешаванд, ки гӯшанишинӣ ва қаландарию дарвешӣ сутуда шудааст. Хушию хуррамӣ шодию сурур падидаҳое ҳастанд, ки инсон бояд аз онҳо истифода кунад. Ин падидаҳо офаридаи Аҳуромаздо ҳастанд ва аз онҳо набояд худро маҳрум сохт.

Душманӣ, бадбинӣ, хусумат, хашм, дурӯғ, танбалӣ, беғайратӣ девони офаридаи Аҳриман ҳастанд. Ҳар касе, ки дар роҳи ростӣ, ҳақиқат, шарофат аз худаш диловарӣ, тавоноӣ, кӯшиш, ғайрат ва ҷаҳд нишон медиҳад, дар ҷаҳони моддию ухравӣ подоши Аҳуромаздоро дарёфт хоҳад кард. Дар фаргарди сеюми Вандидод Паёмбари маздаясно ва худованди ӯ чунин саволу ҷавоб мекунанд: «Эй офаридгори ҷаҳони поки моддӣ тағзияи (ғизои) оини маздаясно аз чист? Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо: ай Спитамони Зардушт, оини маздаясно вақте тағзия ёбад, ки мардум бо ғайрату кӯшиш гандум бикоранд, касе ки гандум мекорад, ба ин мемонад, ки ростӣ меафшонад ва дини маздаясноро пеш мебарад»[1] (Бандҳои 30-31).

Тавре, ки дида мешавад, паёмбари ориёӣ оини маздаясно ва заҳмату кору кӯшишро дар ду паллаи як тарозу гузошта, на танҳо мавҷудияти дин, балки ба таври умум зиндагиро марбут ба он медонад. Мутобиқи гуфтаи Плутарх, нахустин миллате, ки кори зироатро як амри муқаддас шумурд, ориёиҳо буданд.[2]

Яке аз хусусиятои беҳтарини ниёгони мо муҳтарам доштани замин аст, ки маҳди ҳаёт буда, тамоми хушиҳои зиндагӣ ва нозу ниёзи мо аз он сарчашма мегирад. Мутобиқи навиштаи «Сад дар наср» ободонӣ, кишту варз савоби бузург шуморида шуда, заҳмату кор то ба дараҷаи тақдис расонида шуда буд. Чанд банди фаргарди сеюми Вандидод, ки дар зер оварда шуда, саволу ҷавоби Зардушт ва Аҳуромаздост, инро ба субут мерасонад: Ай офаридгори ҷаҳони поки моддӣ, дар куҷо замин, нахуст, беш аз ҳама ҷо шод аст? Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо: ба ростӣ, ай Спитамони Зардушт, дар он ҷое, ки мардумон худопараст бошанд ва ба ситоишу ниёиш пардозанд (Банди 1); Дуюм, дар куҷо замин беш аз ҳама ҷо шод аст? Дар он ҷое, ки марди порсою покдомане хона барпо кунад ва он хонаро аз зан, фарзандон, гала бархӯрдор

[1] *Пурдовуд И.* Яштҳо, Ҷ.II. – С. 432.
[2] *Меҳрин М.* Тамаддуни Эрони бостон. – С. 138.

созад ва дар он ҳар чизе, ки бо он зиндагӣ хуш аст, фаровон бошад (Банди 2, 3). Сеюм, дар кучо замин беш аз ҳама ҷо шод аст? Дар он ҷое, ки бештар аз ҳама гандум, гиёҳ ва дарахтҳои мева бикоранд, дар он ҷое, ки замин хушк асту об расонанд ва дар он ҷое, ки замини ботлоқро хушк намоянд (Банди 4).

«Ай офаридгори ҷаҳони поки моддӣ, дар кучо замин ношод аст? Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо: ай Спитамони Зардушт, замин ношод аст, агар замоне шухм нашуда, боир бимонад, монанди зани зебоандоме, ки муддатҳо аз фарзанд бебаҳра монда, орзуманди мардест» (Банди 24); Ай Спитамони Зардушт, касе, ки дар рӯйи замин бо дасти чапу рост ва бо дасти росту чап киштукор кунад ва онро борвар созад, гӯё чунон аст, ки марди азизе ба бистари зани азизе дарояд, ин яке аз фарзанд борвар гардад ва он дигаре аз хирман (Банди 25); Ай, Спидамони Зардушт, касе, ки дар рӯйи замин бо дасти чапу рост ва бо дасти росту чап киштукор кунад, замин ба ӯ чунин гӯяд: ай марде, ки дар рӯйи ман бо дасти чапу рост ва бо дасти росту чап кор кардӣ, ҳамеша ман дар оянда борвар хоҳам буд, ҳамеша баҳрабахш хоҳам монд, ғайр аз хирмани хуб, дар рӯйи ман ҳар неъмату хушӣ дарёфт хоҳӣ кард[1] (Бандҳои 26-27).

Аз маъхазҳо маълум мешавад, ки Дорои I сатрапи Осиёи Сағир ба номи Кадатесро аз ин ҷиҳат ба ҷоизаю подош муносиб донист, ки тавониста буд дарахтони мевадори он сӯйи дарёи Фуротро дар заминҳои дурдасти Осиёи Хурд парвариш диҳад. Касе, ки заминҳои хушкро обёрӣ мекард, аз маҳалли дурдаст оби наҳр ҷорӣ месохт, то панҷ насл аз молиёту боҷ озод мегардид.[2]

Оини маздаясно бекорон, танбалон, беғайратон ва муфтхӯронро танбеҳу мазаммат карда, онро ба сафи муъминони худ шомил намесозад. Дар фаргарди сеюми Вандидод, Аҳуромаздо – ба паёмбари худ чунин мегӯяд: «Агар касе дар рӯйи замин бо дасти чапу рост ва дасти росту чап киштукор накунад, замин ба ӯ чунин гӯяд: ту ай касе, ки бо дасти чапу рост ва дасти росту чап дар рӯйи ман кор накардӣ, ту бояд дар оянда пушти дари дигарон такя зада, ба по истӣ ва рӯзии худро аз онон гадоӣ кунӣ, хӯроки пасмонда ва нонрезаҳо, ки аз даҳони дигарон афтодааст, насиби ту хоҳад шуд ва аз дастурхони касоне, ки дар

[1] *Пурдовуд И.* Яштҳо. Ҷ.II. – С. 433-434.
[2] *Дандамаев М.* Политическая история Ахеменидской державы. – С. 22.

фаровонию осоишу хушӣ зиндагӣ мекунанд, чунин чизе ба ту хоҳад расид» (Бандҳои 28-29).

Оини маздаясно болои се ситораи тобноки ахлоқи инсонӣ – пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек устувор аст. Ин се сухани бузург, ки дирафши ниёгони мо буда, имрӯз мо ба боди фаромӯшӣ супурдаем, тақрибан дар ҳар саҳифаи Авесто такрор шудааст. Ин се ибора тамоми аъмоли неке, ки аз тарафи пайравони дин дар ҳар ҷо анҷом пазирад, ба доираи муқаддаси худ шомил месозад. Мувофиқи дастури динӣ, ҳар касе ки дар ҷараёни фаъолияти хеш ин се унсурро роҳнамои зиндагии худ карда бошад, ба ганҷинаи натиҷаҳо ва ба файзу баракати худовандӣ даст хоҳад ёфт. Паёмбари маздаясно чунин мегӯяд: Марди доно ба гуфторп нек қаноат намекунад, балки кору кирдоре, ки аз андешаи нек ва Ваҳуман бархоста аст анҷом медиҳад (Ясно, ҳоти 34, банди 10).

Паёмбари бузурги ниёгонамон гузаштагони тоисломии моро бар пояи ин се ҳақиқати ҷовидона ба сӯйи қуллаҳои баландтарини инсонӣ раҳнамоӣ мекард. Дар Готҳо Зардушт аз умматони худ тақозо мекунад, ки дар пиндор, гуфтор ва кирдори худ мисли худи Аҳуромаздо поку беолоиш бошанд. Ӯ дар ин бора гуфта: Аз ту мепурсам, ай Аҳура, ба рости маро аз он огоҳ фармо. Ҳамчунон, ки ман аз оини ту пайравӣ мекунам, орзу дорам, ки дар ҳар чиз ба ту шабоҳат дошта бошам ва дӯстони худро низ таълим диҳам, ки дар андешаю гуфтор аз ту пайравӣ намоянд ва порсоиро пешаи худ созанд (Ясно, ҳоти 44, банди 1).

Ҳадафи Зардушт дар оини маздаясно дар сатҳи баланди наҷобату тақаддус қарор дошта, ният дорад, тамоми башар ва ҳар фарди онро ба сатҳи баландтарини камолот ва тааққулу тамаддун, яъне то ба остони парвардигор бирасонад. Дар таърихи башар орзуи бузургтарин ва хирадмандтарин намояндагони ҷамъияти инсонӣ чунин будааст. Ба яқин ниёгони мо – Зардушт аз нахустини онон буд. «Таманно дорам, ай Маздо касе, ки роҳҳои поку покизаи некукориро таълим диҳад, дар ду ҷаҳони ҷисмонию минавӣ ба саодату некбахтӣ ноил гардад. Марди порсо ва саховатманд некию некукориро ба хубӣ мешиносад ва ба ту, ай Маздо, шабоҳат дорад ва ба ту мемонад» (Ясно, ҳоти 43, банди 3).

Инсон мутобиқи оини маздаясно ду роҳ дорад: яке роҳи ростию дурустӣ, ки мушкилу тоқатфарсост ва дигаре муқобили он аст. Ақл ба инсон барои он дода шудааст, ки роҳи дурусту

оқилонаро пеш гирад. «Касоне, ки хиради хабису зишт дар онон нуҳуфта, хашму хушунат дар худ мепарваронанд ва дар баробари кирдори неки дигарон амали баду накуҳида анҷом медиҳанд ва аз чунин амал шоду хурсанд мегарданд, ин ашхос ба деву ифрит яксон мебошанд ва аз дину оини хиради баду хабис пайравӣ менамоянд». (Ясно, ҳоти 49 банди 4).

Ҳазорсолаҳо пештар паёмбари баргузида вазъи кунунии ҷомеаи моро пешбинӣ карда, дар мисоли пешвоёни мазоҳиби дигар ва хонадонҳои сарватманди даврони худ ба наслҳои кунунии қавми худҳушдор додааст: «Нафрини ту, ай Маздо, ба касоне, ки мардумро ба табоҳӣ раҳнамоӣ мекунанд ва ин амалро хубу нек мешуморанд. Аз онҳо ҳастанд Карапанҳо, ки молро нисбат ба ҳаққу ҳақиқат бартарӣ медиҳанд ва дар ҷустуҷӯйи тавоноию зӯрмандӣ ҳастанд, то ба иртикоби бадию зиштӣ даст бизананд» (Ясно, ҳоти 32, банди 12); Дар дигар бандҳои Ясно омадааст: касоне ҳастанд, ки тавоноию қудратро дар роҳи касби шуҳрат ба кор мебаранд. Онон ҳастанд, ки ҷаҳонро ба табоҳӣ мекашанд. Ҷуз нолаю фиғони одамиён ба чизе ниёз надоранд. Ин табаҳкорон аз кайфари (ҷазои) сахте, ки ба василаи таълимоти нораво ба сӯйи худ ҷалб мекунанд, огоҳӣ надоранд. Ту ҳастӣ, ай Маздо, ки аз гуноҳони онон огоҳӣ (Ясно, ҳоти 32 бандҳои 7, 13); «Мардони кару нобино, ки на мешунаванду на мебинанд, даст ба дасти якдигар додаанд, то ба кирдори зишту палиди худашон ҷаҳонро ба вайронӣ расонанд. Ин мардум ҳангоме, ки пас аз марг ба пули Чинват (Сирот) расанд, барои ҳамеша роҳи ҷаҳони дӯзах дар пеш мегиранд ва ба нолаю фиғон мепардозанд» (Ясно, ҳоти 46, банди 11).

Яке аз масоили муҳиме, ки Авесто мукаррар таъкид мекунад ва ба хусус дар таронаҳои паёмбари бузург дар Готҳо инъикоси худро ёфтааст, масъалаи адолату додгустарист. Касе, ки ба рукнҳои умдаи мазҳабӣ таваҷҷуҳ намекунад ва ё бар зидди ҳаёти шарофатмандонаи ҳамқавмони худ дастдарозӣ мекунад, аз баракоти худованд мустафид нахоҳад шуд. Ин ба хусус ба пешвоён ва қозиёну додгустарон тааллуқ дорад, ки пиромуни ҳар амали нағз ё бад қазоват карда, ба мардум дарси адолат медиҳанд: «Додраси додгар (Рату) бояд бо дурӯғгӯю бадкирдор ва ё бо ростгӯю накукор бар тибқи оин ва қонуне, ки дар оғози ҷаҳон вазъ шудааст, рафтор намояд» (Ясно, ҳоти 33 банди1).

Беадолатии маҳкама ва набудани ҳаққонияти қазовату қозӣ бунёди ҷомеаро тахриб карда, боиси густариши фасоду зиштӣ мегардад: «Қозии фосиду хиёнатпеша рӯҳу равони одамро ба беморӣ гирифтор мекунад. Адлу додро чунин қозӣ ҷареҳадор (ҷароҳатнок) месозад ва ба андешаи неки Ваҳуман[1] ба машварат намепардозад ва Спантамайюро[2] ранҷ медиҳад» (Ясно, ҳоти 49 банди 2).

Ва Зардушт ба худованд рӯ оварда, орзую омоли худро дар ин бобат чунин иброз медорад: «Таманно дорам, ай Маздо, баракоти худро шомили ҳоли қозии одил ва додраси некукор бисоз ва қозии хиёнатпешаро ба дасти деви Друҷ[3] биспор. Ба ҷуз Ваҳуман – амшоспанд омӯзгори дигарро намепазирам ва ҳар гуна робитаю дӯстӣ бо дурӯғпарастро аз худ қатъ мекунам». (Ясно, ҳоти 49 банди 3).

Чун инсон ҳамеша дар фарозу нишеби зиндагӣ саргардон аст, бояд чароғи ростиро дар аъмоқи дили худ ҳамеша равшану покиза нигоҳ дорад. Тавре ки пештар зикр гардид, дар оини маздаясно дурӯғ шадидтарин, бузургтарин ва нобахшиданитарин гуноҳи инсон аст.

Аз забони чунин подшоҳи бузурге Дорои ҳахоманишӣ (солҳои 522-486 то мелод) шунидани суханони зер, ки дар сангнабиштаҳои Беҳсутун мастур аст, ниҳоят ибратбахш мебошад: «Ту, ай касе, ки баъдҳо шоҳ хоҳӣ шуд, махсусан аз дурӯғ бипарҳез, агар туро низ орзуи он аст, ки мамлакати ман пойдор бимонад. Ҳар ки дурӯғ гуфт, ӯро ба сазои сахт бирасон… Ба ёрии Аҳуромаздо басо корҳои дигар низ ба тавассути ман сурат гирифт, ки ҳамаи онҳо дар ин катиба навишта нашуд, ба ин мулоҳиза, ки баъдҳо ҳар кӣ инро бихонад, аъмоли ман дар назараш газоф (муболиға) наёяд ва ҳама онро бовар кунад ва дурӯғ тасаввур нанамояд. Инак, он чӣ ба тавассути ман анҷом гирифт, бовар кун. Аҳуромаздо ва соири бағон (эзидон) маро ёрӣ намуданд, зеро ки на ман ва на хонадони ман ситамгару дурӯғгӯ нестем. Эй касе, ки баъд шоҳ хоҳӣ шуд, ба он касе ки дурӯғгӯ ва ситамкор аст, дӯстӣ маварз, ӯро ба ҷазои сахт бирасон».

---

[1] Вуҳуман, Ваҳиштем Манангҳу – Андешаи беҳтарин.

[2] Спэнтамайню – Хиради муқаддас.

[3] Друҷ (дурӯғ) – деви муҳиб, яке аз ёварони наздики Аҳриман буда, баъзан худи ӯ бо ҳамин ном хитоб мешавад.

Ҷолиб аст, ки чунин подшоҳи тавоно, ки империяи ҷаҳониро зери тасаллути худ дорад, пиромуни яке аз хусусиятҳои зишти инсонӣ дуруғ чунин ибрози нигаронӣ карда, душмании ошкорои худро нисбат ба он эълон медорад.

Мутобиқи Авесто, касе, ки дурӯғ ба забон меорад, на танҳо ин ва он ҷаҳони худро барбод медиҳад, балки сухани дурӯғи ба забон овардаи вай ба атрофиён низ сояи наҳс афканда, боиси фалокати онон мегардад. Ҷамшед то замоне пирӯзманду комгор буд, ки дурӯғ ба забон наовард ва аз сиёсати дурӯғин пайравӣ накард. Вақте ки чунин кард, на танҳо худи ӯ аз зиндагӣ маҳрум гардид, балки суханон ва амали дурӯғини вай ба сари мардуми Эроншаҳр сояи наҳсу палидӣ афканда, онҳоро дар тӯли ҳазор сол бандаи Заҳҳоки ситамгар кард. Дурӯғ дар дини ислом низ сахт мазаммат гардида, мусулмонон вуҷуди онро сиёҳӣ, торикӣ ва сустии имон донистаанд.

Масъалаи муҳими дигаре, ки дар Авесто дар миёни одоби писандида ва ахлоқи ҳамида ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, далерию родмардист. Саросари Авесто ва ба хусус Яштҳо пур аз паҳлавонӣ, мардонагӣ, размандагӣ, шуҷоату далерӣ, аспдавонӣ ва тирандозию бебокии амшоспандон ва фариштагон, паҳлавонон ва далерон аст, ки сар то по ғарқи аслиҳаи симину зарринанд. Вале теғи буррои муборизаи ҳамаи онон бар зидди дурӯғ, палидӣ, беадолатӣ, зиёноварӣ ва неруҳои дигари аҳриманӣ равона шудааст. Паёмбари дин чунин иброз медорад: «Вазифаи инсон мубориза ва аз зиндагӣ зудудани зиштию палидист».

Робиндранат Такур дар бораи чунин хусусияти мардуми ориёӣ ин тавр ибрози назар мекунад: «Онҳо мехостанд, бо қувваи маниши пок ва эътимод ба нафс истиқомати ҷаҳонро обод ва аз неъмати Хурдод[1] баҳраманд шаванд, то дар ҷаҳони дигар низ ба бахшоиши Амрдод[2] комраво гарданд».[3]

Дар оине, ки дунё майдони корзори некӣ бо бадӣ хонда шуда, аз инсон тақозо гардидааст, ки бар зидди бадию зиштиҳои аҳриманӣ ҷавонмардона мубориза барад, нотарсӣ, рашодат, далерию бебокӣ, қадру манзалати барозандае доштааст.

---

[1] Хурдод – фариштаи сарсабзӣ, расоӣ ва камолот.

[2] Амрдод – фариштаи ҷовидонагӣ ва бемаргӣ.

[3] Меҳрин М. Тамаддуни Эрони бостон. – С. 145.

Мувофиқи муҳтавои Авесто, як нафар маздаяснои хуб касе нест, ки танҳо аз бадӣ парҳезад, фақат ба тиловату ибодат пардозад, балки касест, ки ба муҳтоҷону мустамандон кумак кунад, ононро ба роҳи ростӣ ва дурустию заҳмат ҳидоят намояд. Ҳар инсони комил, бахусус пайрави дини маздаясно муваззаф аст, ки падари маънавии дигарон бошад, роҳи дурусти зиндагиро омӯзад, раҳнамоӣ кунад. Зардушт дар Готҳо мегӯяд: Ай Маздо Аҳура! Ҳар гоҳ ашавани[1] некогоҳи тавоное, ки худ ба дурусти зиндагӣ мекунад, друванди[2] хостори ёрӣ, хоҳ ба фармони эзидӣ, хоҳ аз хешкории (масъулияти) динӣ ба гармӣ пазирад, метавонад бо хирадмандии хеш ӯро биогоҳонад ва аз газанду табоҳӣ бираҳонад. (Ҳоти 46, банди 5); Аммо агар он марди тавоно ӯро напазирад, худ ошкоро ба друвандон хоҳад пайваст (Ҳоти 46, банди 6).

Яке аз дуоҳои муҳимтарини маздаяснохо, ки тибқи Авесто, пеш аз офариниши ҷаҳон ва пас аз офариниши амшоспандон ба вуҷуд омадааст, Ята Аҳу Вайирю ном дошта номи он аз се калимаи аввали дуо гирифта шудааст. Матни тоҷикӣ – форсии ин дуо дар тарҷумаи Дармстетер чунин садо медиҳад: «Иродаю хости худованд дастури хайру некист. Хайроти Баҳмани амшоспанд ба хотири аъмоли некист, ки дар ҷаҳон ва дар роҳи Маздо анҷом мешавад. Касе, ки мустаманду бенаворо ёрӣ намояд, шаҳриёрию фирӯзии Аҳуроро дар ҷаҳон афзун медорад».[3]

Миллер – яке аз авестошиносони маъруф, ки солиёни умри худро ба омӯзиши ин оини муқаддас бахшидааст, дар ин бора чунин нигоштааст: «Ҳама огаҳанд, ки агар аз он пайравӣ шавад (аз пиндор, гуфтор ва кирдор нек), ҷаҳон аз марги зиштию гуноҳ раста ва ба зиндагии ростию дурустӣ роҳ меёбад. Оини маздаясно оини амалию содаест, ки ба кор бастанаш сабаби ободонии замин, шодмонии мардумон ва густариши доду меҳру озодагист».[4]

Оини маздаясно бар хилофи оинҳои дигар тақдири инсонро ба дунболи худ намекашад, балки инсон пешопеши сарнавишти худ ҳаракат мекунад. Беш аз пеш ӯ мустақил аст, ки роҳу

---

[1] Ашаван пайрави дини маздаясно ва инсони ҳақиқатҷӯю росткирдор.
[2] Друванд – нодону дуруғгӯ ва рақиби ашаван.
[3] *Дармстетер Ч.* Тафсири Авесто ва тарҷумаи Готҳо. – С. 320-322.
[4] *Меҳрин М.* Тамаддуни Эрони бостон. – С. 30-31.

равиши худро дар ҷаҳони моддию маънавӣ мушаххас намуда, барои файзу баракати худ ва ободонии ин ҷаҳон бикӯшад ва иноятиҳудовандиро дар ҷаҳон сазовор гардад.

Он халқ хушбахту ҷовид аст, ки бо ниёгони худ пайванди ногусастанӣ дорад. Он халқ боз бештар сарбаланду сарфароз аст, ки дар ҳар мавриди сахту осон барои машварат ва ниёгони худ рӯ оварда ва ҳамеша дар пайи он бошад, ки ба хазинаи пурбаҳои андӯхтаи гузаштагонаш аз худ чизе илова намояд.

Хушбахтона, ба шарофати дигаргуниҳои маънавию маданӣ, таваҷҷуҳи мардум ва ба хусус ҷавонони равшандил нисбат ба даврони бостон, нисбат ба ононе, ки дар сарчашмаи зиндагии насли кунунии халқи тоҷик қарор доштанд, нисбат ба ононе, ки Готҳо ва ба таври умум Авесторо ба вуҷуд оварданд, бештар гардид. Ва дар даврони соҳибистиқлолии давлатӣ мероси қадимаи аз ниёгон ба ёдгормондаи мо дар фарҳанги худогоҳии миллии мо мақоми сазовори худро касб намуд.

БОБИ ПАНҶУМ

ОИНҲОИ МОНАВИЯ ВА МАЗДАКИЯ

1. МОНАВИЯ

Монавия – таълимоти динию фалсафиест, ки дар асри III мелодӣ дар Шарқи Наздик ба вуҷуд омада, дар асрҳои III-II то Африка ва ҳудуди Хитой инкишоф карда буд. Дар Рими қадим ва Византия таҳти таъқиби шадиди табақаи ҳоким ва дини расмии масеҳӣ қарор дошт. Дар давраи Хилофати аббосӣ низ ҳамчун фирқаи мухолиф мамнӯъ эълон шуда буд. Дар Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна ба муҳиту шароити мусоид рӯ ба рӯ гардида, на танҳо муддате инкишоф ёфт, балки дар асрҳои VIII-IX ба дини давлатии уйғӯрҳо мубаддал гардид.

Тавре ки дар боло ишора шуд, то истилои арабҳо қувват гирифтани фирқаҳои илҳодӣ, бахусус парастиши Зурвон дар Эрони бостон боиси амиқ гардидани ҷанбаҳои дугонапарастӣ дар дини маздаясно ва ба заиф шудани ақидаҳои ваҳдонияти он оварда расонд. Агар фирқаи зурвония Аҳуромаздо ва Аҳриманро ҳамчун фарзандони Зурвон муаррифӣ карда, ба мавҷудияти ду неруи асили мутақобил ҷанбаи расмӣ дода бошад, Монӣ ба он жарфтар ва амиқтар нигариста, аз дугонапарастии он мазҳаби неруманде ба вуҷуд овард. Дар муқоиса бо динҳои меҳрпарастӣ ва зурвония, ки шартан шуъбаҳо ё фирқаҳои дини маздаясно номидан мумкин аст, зоҳиран мазҳаби монавияро фирқа ё шуъба номидан нашояд. Бо вуҷуди он, ки таъсири зардуштия дар он бучуну чарост ва рукнҳои умдаи он аз ин дин гирифта шуда, омили пайдоишаш ҳам ба он марбут аст, вале дини монавия иловатан дорои маншаъҳои дигар ва назарҳои тоза мебошад.

Мазмуни асосии мазҳаби монавия таълимоти дорои хусусияти рӯҳафтодагӣ аз осебпазирии рӯшноӣ ва нерумандии торикӣ ва ё ба тариқи дигар мавҷудияти ҳастии абадӣ ва комилан маҳвнопазирии неруҳои бадӣ дар зиндагии инсон мебошад. Бар

хилофи тавҳиди комили бахшҳои куҳани Авесто монавия чунин мешуморад, ки ҷаҳон дорои ду асл буда, бадӣ, зиштӣ мисли хубӣ, некӣ ва рӯшноӣ дорои ҳастии абадӣ ва мустақил аст. Дини Монӣ бадиро бо модда ва ҷаҳони маҳсус вобаста карда, некиро бо рӯшноӣ ҳамчун рӯҳ пайваст менамояд. Монӣ мегуфт, ки худои некӣ ҳеҷ гуна яроқу аслиҳае барои ҷанг бо бадиҳо дар ихтиёр надорад. Ба ин далел ӯ наметавонад бо истифодаи зӯрӣ вазъи хуби гузаштаро бозгардонад, яъне рӯшноиро аз торикӣ ҷудо созад. Дар натиҷа, омезиши торикию рӯшноӣ падидаи бебозгашт аст. Вале Монӣ модда ё торикиро, мисли ҳамзамони юнонии худ Плотин натиҷаи хомӯш шуда истодани рӯшноӣ намедонист.[1]

Дар ин мазҳаб ҷаҳони торикӣ дар муқобили ҷаҳони рӯшноӣ қарор дода мешавад. Ба ақидаи Монӣ, таърихи ҷаҳон – таърихи муборизаи рӯшноӣ бо торикӣ, некӣ бо бадӣ ва худованд бо қувваҳои аҳриманӣ аст, ба гуфтаи Монӣ, инсон офаридаи ҷаҳони зулмат ва воситае дар дасти неруҳои зулмот барои мубориза бар зидди эзидони нуру рӯшноӣ аст.

Монӣ 14 апрели соли 216 дар маҳалле бо номи Мардину ё Абрумия воқеъ дар ноҳияи ботлоқии вилояти Мисен дар шимолу шарқи Ироқи муосир таваллуд шудааст. Баъзе муҳаққиқон маҳалли таваллуди ӯро ҷойҳои дигар низ таъин кардаанд. Ибн Надим дар «Алфеҳраст» номи модари ӯро Ромиш ё Марям зикр карда, номи падарашро Потак ё Фотак овардааст.[2] Мувофиқи маъхазҳои масеҳӣ-лотинӣ номи аслии Монӣ Корбикос будааст. Тавре ки аксари сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, волидайни ӯ аз шоҳзодагони ашконӣ будаанд.[3] Ҷараёни мазҳабии муғтасила,[4] ки падараш ва сипас худи ӯ пайрави он буданд, яке аз сарчашмаҳои илҳоми ояндаи ӯ гардид. Вай дар ин давра бо динҳои дигари замони худ мисли дини зардуштӣ, насронӣ ва ҷараёнҳои гностикии Байнаннаҳрайн, хусусан фирқаҳои Ибн Дайсон ва маркионӣ (маркиюн) огоҳ гардида, дини муғтасиларо инкор кард. Гӯё дар 12-солагӣ (соли 228 мелодӣ) ва 24 солагӣ (солҳои 240-41) ду маротиба мавриди ваҳйи раббонӣ қарор гирифт. Манбаи ин илҳомро фариштае бо номи Тоум ё Параклит донистаанд, ки

---

[1] Философская энциклопедическая?. IV. М.1964. – С. 303.

[2] *Ризоӣ А.* Аслу насаби динҳои эрониёни бостон. Теҳрон, 1381. – С. 303.

[3] Ашқободи кунунӣ, ки пойтахти Туркманистон аст, зодгоҳи ашкониён буда, маросими тоҷгузории Ашки I поягузори силсилаи портҳо дар ҳамин шаҳр сурат гирифтааст.

[4] Муғтасила ё сафедпӯшон яке аз ҷараёнҳои мазҳабӣ буд, ки ғусли таъмид ё покии ҷисмониро яке аз шартҳои асосии расидан ба худованд медонистанд.

ҳазрати Исои Масеҳ аз ӯ ҳамчун Рӯҳи Муқаддас ёд карда, омадани ӯро пешгӯйӣ ва башорат дода буд. Дар натиҷаи чунин илҳом Рӯҳи муқаддас ва илми комили Тоум ё Параклит (Равони пок) ба Монӣ таносух карда, нубуввати ӯро ошкор сохтааст.[1]

Ба манзури таблиғ Монӣ ба саёҳат ва сафарҳо оғоз карда, дар боздиду мулоқотҳо худро расулу фиристодаи рӯшноӣ муаррифӣ мекард. Тавре ки ӯ дар китоби худ «Кефолиё» навиштааст, вай дар давраи салтанати Ардашери I (солҳои 224-241) – поягузори силсилаи Сосонӣ ба Ҳинд сафар карда, мардумро ба дини худ мехонд. Вай дар ин ҷо аз марги Ардашери I ва ба тахт нишастани писари ӯ Шопурро шунида, ба Эрон бозгашт. Вай бо воситаи Фирӯз – бародари Шопур, ки дини вайро қабул карда буд, ба Шопур муаррифӣ гардид ва яке аз китобҳои худро, ки «Шоҳпуракон» номида буд, ба подшоҳи ҷадиди Эрон тақдим намуд. Тоҷгузории расмии Шопур дар соли 242 сурат гирифт. Бино бар ривояти Ибн Надим, аввалин хутбаи Монӣ дар рӯзи ҷулуси Шопур, яъне якшанбеи аввали ниссон, ки офтоб дар бурҷи ҳамал қарор дошт, эрод гардид. Агар инро қабул дошта бошем, таърихи ҳарду воқеа мутобиқ бо 20 марти соли 242 мешавад.[2]

Шопур ё таҳти таъсири ақидаю таълимоти Монӣ қарор гирифт ва ё сабаби дигаре буд, ки бо вай муносибати хуб кард ва ӯро дар таблиғу густариши мазҳабаш озод гузошт. Дар китоби «Кефолиё», ки дар он Монӣ шарҳи ҳоли худро навиштааст, пас аз зикри мусофирати худ ба Ҳиндустон ва пазироии Шопур чунин навиштааст: «Ба ҳузури Шопуршоҳ рафтам ва ӯ маро бо эҳтироми бисёр пазируфт ва иҷозати мусофират (дар кишвари худро) марҳамат кард, то дар он калимаи ҳаётро таблиғ кунам. Ман чандин сол сарф кардам ва солиёни дароз дар Эрон, дар кишвари Порт то Адиб ва мамолике, ки бо давлати Рум муҷовир аст, мусофират намудам».[3]

Чун ду бародари шоҳаншоҳ – Меҳршоҳ ҳокими Мишон ва Фирӯз ба дини монӣ гаравида буданд, таваҷҷуҳи Шопур низ ба таълимоти Монӣ бештар гардида, замоне бар он шуд, ки оини Мониро ба ҷойи дини зардуштӣ мазҳаби расмии Эрон эълон намояд.[4] Даъвати Монӣ аввал пешрафти азиме дошт. Махсусан

---

[1] *Алавӣ А.* Таърихи комили адён. Теҳрон, 1342. – С. 413.
[2] *Кристенсен А.* Эрон дар замони Сосониён. – С. 209.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 222-223.
[4] *Алавӣ А.* Таърихи комили адён. Теҳрон, 1342. – С. 413.

дар Бобул ва маркази мамлакат тарафдорони зиёде пайдо кард. Бино ба ривояти монавия, ки сарчашмаҳои арабӣ низ онро таъйид мекунанд, дере нагузашта ба сабаби зиддияти рӯҳониёни зардуштӣ муносибати Шопур бо Монӣ дигаргун гардид. Бино ба қавли Яъқубӣ, Шопур фақат даҳ сол пайрави кеши Монӣ буд, сипас вайро аз сарзамини Эрон хориҷ кард. Вай қариб даҳ сол дар бахшҳои шарқии Осиёи Миёна сайру сафар кард ва ба Ҳинду Чин низ мусофират намуд. Ҷолиб аст, ки тамоми ин муддат вай бо рӯҳониён ва шайхони дини худ дар Бобул ва сарзаминҳои дигар робитаи доимӣ ва мукотиба дошт.

Пас аз марги Шопур Ҳурмузд ба тахти Эрон расид. Тайи муддати кӯтоҳи салтанаташ вай бо Монӣ муносибаи неку дошт. Вале Баҳроми I подшоҳи чоруми сосонӣ, ки марди заифу беирода буд, зери таъсири рӯҳониёну мубадони зардуштӣ қарор гирифт. Монӣ дар ин ҳангом дар сарзаминҳои шимолу ғарбии Эрон ва Бобул ба таблиғи дини худ машғул буд. Вайро бо дастури шоҳ дастгир карда, ба зиндон афканданд. Ин ҳодиса рӯзи чоршанбе 31 январи соли 277 рух дод. Дар бораи кушта шудани Монӣ муаррихон ва муҳаққиқон фикру андешаҳои гуногун баён доштаанд. Вале ӯ пас аз 27 рӯзи зиндон ба қатл расонда шуд.

Пайравони ӯ ба тақлид аз насрониён вайро маслубшуда унвон карданд ва эълон намуданд, ки рӯҳи ӯ ба осмон ва биҳишти рӯшноӣ интиқол пайдо кард, андеша ва афкори монавӣ, ҷараёни кушта шудани Монӣ дар дин таъсири амиқе гузошта, ба суннате мубаддал гардид. Монавиён дар ин рӯз дар саҳна ба аломати эҳтироми пешвои ғоиби худ минбаре мегузоштанд. Чун дар юнонӣ минбар «бемо» гуфта мешавад, анъанаи мазкур бо номи «Ҷашни Бемо» маъруф гардид. Одатан «Ҷашни Бемо» мисли иди фитри ислом пас аз сӣ рӯзи рӯза ҷашн гирифта мешуд.

Минбар панҷ зина дошта, рӯйи он тасвири паёмбар гузошта мешуд. Пайравон шабро дар атрофи минбар сипарӣ карда, ҳар яке ба гуноҳони худ эътироф менамуд ва муътақид буданд, ки Монӣ пас аз нимаи шаб аз осмон нузул карда рӯйи минбар қарор мегирад ва гуноҳони онҳоро мебахшад. Дар Забури Монӣ ҷашни Бемо – рӯзи суруру шодӣ, ки табиат либоси зебои сарсабзи арусӣ ба бар карда, хушбӯю шукуфо аст, маҳсуб мешавад. Уммати ин паёмбар рӯзи Беморо чун рӯзи халос шудани рӯҳу равони Монӣ аз фишору маҳбаси ҷисм ҷашн мегирифтанд.

Дар таълимоти Монӣ ғайр аз фирқаҳои гностикии зикршуда, таъсири умдаи дини насронӣ, буддоӣ ва ба хусус маздаясно эҳсос мешавад. Мувофиқи он Монӣ худро ҷонишини гурӯҳи калоне аз расулони осмонӣ медонист, ки аз замони ҳазрати Одам, ҳазрати Зардушт, ҳазрати Иброҳим, ҳазрати Буддою Исо яке пас аз дигаре барои ҳидояти навъи башар омадаанд. Вай худро хотами анбиё ва бартарини паёмбарон мешумурд, зеро ӯ чунин ҳисоб мекард, ки ҳалқаи охирин ва болотарини занҷир аст, ки ба сурати расулон аз ибтидои хилқат ба замин нозил шудаанд. Вай дар «Шоҳпуракон» чунин мегӯяд; «Дар ҳар замоне анбиё ҳикмату ҳақиқатро аз ҷониби худо ба мардум оварданд, гоҳе дар Ҳиндустон ба воситаи пайғамбаре ба номи Буддо ва гоҳе дар Эрон ба воситаи Зардушт ва замоне дар мағрибзамин ба василаи Исо, оқибат ман, ки Монӣ – Пайғамбари худои ҳақ ҳастам, маъмури нашри ҳақиқат дар сарзамини Бобул гаштам.[1]

Монӣ иддао дошт, ки дини ӯ комил аст ва барои ислоҳу такмили тамоми динҳои қаблӣ омада, саросари ҷаҳонро тасхир хоҳад кард. Вай дар суруде, ки бо забони паҳлавии ашконӣ суруда шудааст, мегӯяд: «Ман аз Бобулзамин омадаам, то нидои даъватро дар саросари ҷаҳон пароканда созам». Вай чунин ҳисоб мекард, ки ҳоло олам ба дувоздаҳумин ҳазораи мавҷудияти худ ворид гардидааст[2] ва мардум ғайр аз қабули мазҳаби ҷадид роҳи дигаре надоранд. Монӣ худро бартарини расулон медонист, зеро даъво мекард, ки вай ҳамон рӯҳи муқаддас мебошад ва нузули ӯро Исои Масеҳ пешбинӣ карда буд.

Вай чунин ақида дошт, ки маълумоти пайғамбарони пеш аз ӯ ҳама торику ноқис буда, ба илова, бо дасти муридону шогирдон аз роҳи аслиашон хориҷ шудаанд ва касоне, ки дар ин кор мудохила карда буданд, аз худашон ба матнҳо чизе изофа намудаанд. Баръакси онҳо, он пайғоми илоҳӣ, ки бо дасти ӯ барои мардуми замин оварда шудааст, ҳақиқат, равшан, мустақим ва илми мутлақ аст. Аз ин рӯ, мазҳаби Монӣ – мазҳаби ҷаҳонист, ки қабл аз ба охир расидани зиндагии олам ҷонишини тамоми дину оинҳо мегардад ва ба сабаби комилу дуруст буданаш лоиқи он аст, ки тамоми ҷаҳонро тасхир намояд. Мазҳабҳои Зардушт дар Эрон, Буддо дар Ҳиндустон ва Исо дар Мағриб чун тамоми ҳақиқатро

---

[1] *Берунӣ А.* Осор-ул-боқия. – С. 190.

[2] Мувофиқи таълимоти дини маздаясно, олам 12 ҳазор сол умр мебинад ва пас аз он растохез шурӯъ мешавад.

равшан намекарданд, бинобар ин фақат дар кишварҳои ҷудогонае реша давонанд, дар ҳолате ки мазҳаби Монӣ ҳақиқати мутлақи комил аст, ҳудуде напазируфта, ҷаҳонро фатҳ хоҳад кард. Монӣ мегӯяд: «Умеди ман дар Машриқу Мағриб пароканда хоҳад шуд ва пайғоми илоҳиро ба тамоми забонҳо шунида, дар тамоми шаҳрҳо эълон хоҳанд намуд. Мазҳаби ман аз мазҳабҳои дигар ин бартариро дорад, ки мазҳабҳои дигар дар кишварҳо ва сарзаминҳои ҷудогонае эҷод шудаанд, вале мазҳаби ман дар тамоми шаҳрҳо ва тамоми кишварҳо пазируфта хоҳад шуд».[1] Дар дини Монӣ мақоми ҳазрати Исо, худованд – писари дини насронӣ бисёр баланд буда, вай раҳоибахши инсони нахустин хонда шудааст.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи дини монавӣ мисли зардуштия ва дини насронӣ иборат аз он аст, ки вай равияи ташвиқу тарғибро роҳи интишори дин дониста, мусофиратҳои зиёде мекард ва дар миёни мардум мегашт. Худи шахси Монӣ аз нобиғагони таърих буда, на танҳо маҳорату истеъдоди фавқулодаи шахсӣ дошт, балки, зоҳиран, аз нотиқони замона низ буд. Аз ин рӯ, вай аз кишварҳои гуногун дидан карда, аз наздикону пайравони худ тақозо мекард, ки зиёдтар миёни мардум раванд ва каломи ҳақро ба гӯши онҳо бирасонанд.

Яке аз истеъдодҳои фавқулодаи ӯ, ки дар таърихи мардуми ориёӣ осоре боқӣ гузоштааст, санъати наққошӣ буд. «Баён-ул-адён» дар бораи ин ҳунари Монӣ чунин менигорад: «Ин марде буд, устод дар саноати суратгарӣ ва ба рӯзгори Шопур ибни Ардашер берун омад. Дар миёни муғон пайғамбарӣ даъво кард ва бурҳони ӯ саноати қалам ва суратгарӣ буд. Гӯянд бар порае ҳарири сафед хатте фурӯ кашид, чунонки як тори ҳарир берун кашиданд, он хат нопадид гашт ва китобе кард бо анвои тасовир, ки онро «Аржанги Монӣ» хонданд ва дар хазоини Ғазнин ҳаст».[2]

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» чунин овардааст:

Биёмад яке мард гӯё зи Чин,
Ки чун ӯ мусаввар набинад замин.

Бад-он чарбдастӣ расида ба ком,
Яке пурмании мард Монӣ ба ном.

---

[1] *Муъминҷонов Ҳ.Ҳ.* Монӣ ва таълимоти ӯ. – С. 93.
[2] *Шерозӣ А.А.* Мутуни арабӣ ва форсӣ дар бораи Монӣ. Теҳрон, 1330. – С. 419.

Ба суратгарӣ гуфт: пайғамбарам,
Зи диноварони ҷаҳон бартарам.

Муҳаққиқи англис Ҷон Рассел Ҳиннелз дар бораи дини Монӣ менависад: «Оини Монӣ таркибе аз ҳамбастагиҳои масеҳият, эътиқодоти ориёӣ муттако бар эътиқодоти куҳани Байнаннаҳрайн, мутаассир аз назарияи маърифатгароён ё гнусиён (гностикҳо), ирфони шарқӣ ва оини Буддо дар давраи сосонӣ пуртарафдортарин ақидаи оинӣ, аммо ҳаргиз натавонист ба иллати нуфузи мубадон ба дини расмии Эрон табдил шавад. Дар ривоятҳои мухталиф аз 6 китоб ва 76 рисолаи Монӣ ёд шуда ва аз ин 5 китоби ӯ ба забони оромии шарқӣ навишта шуда буд. Монӣ дар таблиғи оини худ аз суратгарӣ ва мусиқӣ баҳра мечуст.[1] Донишманди эронӣ Абдулқосими Исмоилпур зикр кардааст, Монӣ ки ҳафт китоб навиштааст, ки шаштои он ба забони суриёнӣ, забони модарии Монӣ буда, фақат «Шопуракон» ба забони форсии миёна аст.

Вой номгӯйи осори Мониро чунин овардааст: Инҷили зинда, Ганҷи зиндагон, Рисолаҳо, Розҳо, китоби Ғулом, Макотиб, Мазомир ва ниёишҳо.[2] Таълимоти Монӣ, бахусус дар Суғд ва Туркистон густариши васеъ ёфта, ҷанбаҳои навини ахлоқию фалсафӣ пайдо кард.

Тавре ки муҳаққиқон зикр кардаанд, осори Монӣ дар сатҳи илму дониши ӯ навишта шуда, фаҳми он ба тафсирҳо зарурат дорад. Вай кӯшиш кардааст донишҳои асотирӣ, илмӣ, таърихӣ ва фалсафии замонаашро (космогония, география, алхимия, астрономия, риёзӣ, ботаника, тиб ва ғайра) мавриди истифода қарор диҳад ва бо маънии пурраи калима онҳоро бо фалсафаи табии нур рӯшноӣ бахшад ва ахлоқи хайрандешию некӣ ва инсондӯстиро ба тӯдаҳои мардум наздик кунад. Чунин суханони ӯ, ки ба забони суғдӣ навишта шудааст, то давраи мо расидаанд: «Ҷое, ки меҳру муҳаббат вуҷуд надорад, ҳамаи амалҳо ноқис ҳастанд».[3]

Абушукур Салимӣ нависандаи садаи XI ҳичрӣ навиштааст, ки монавиёни Осиёи Миёна ҳарчиро, ки зебою ҷамил буд, ниёиш

---

[1] *Ҳиннелз Ҷ.* Шинохти асотири Эрон. – С. 258.
[2] *Исмоилпур А.* Устураи офариниш дар оини Монӣ. Теҳрон, 1381. – С.77.
[3] *Брагинский И.С.* Из истории таджикской и персидской литературы. М. 1972. – С.150.

мекарданд ва дар назари онон ва аз дидгоҳи ирфонӣ зебоӣ вобаста ба ҷаҳони моддӣ набуда, вобаста ба ҷаҳонӣ рӯҳонӣ мебошад.[1]

Вазъ ва дуоҳои Монӣ амиқан лирикӣ ва рангоранг буда, бо гӯйишҳои халқӣ ҳамроҳ мебошанд. Аксаран онҳо аз ҳодиса ва падидаҳои табиӣ, тулӯи офтоб, раъду барқ, осмоне, ки бо абр пӯшонда шудааст, зинда шудани муғчаҳо дар дарахтон, майсаҳои борони баҳорӣ оғоз мешаванд.

Нисбати ин, ки мазҳаби Монӣ иддаои оламгирӣ дошт, тавре ки зикр шуд, унсурҳои ҷудогонаеро аз оинҳои Зардушт, Исои Масеҳ ва Буддо ба орият гирифтааст. Вале тавре ки бисёр муҳаққиқон ба он ишора кардаанд, мазҳаби Монӣ фақат таркиби сода ва тақлиди сатҳӣ набуда, ҳунари заковати Монӣ дар он будааст, ки усули худро тавре назму тартиб додааст, ки дар ҳар муҳиту ҷомеа таъсирбахш мебошад.

Монӣ бидуни огоҳӣ ва тайёрии нопухта ба таркибу таснифи унсурҳои ҳиндӣ, насронӣ ва эронӣ даст набурд, онро бо мутолиаю мулоҳизаи амиқ ва комилу санҷида анҷом додааст. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам таълимоти ӯ аз ҷанбаҳои маҳалгароӣ, қавмпарастӣ, таассуб, миллатгароӣ ва мавзӯъҳои дигаре, ки андешаҳои тафриқаандозӣ дошта бошанд, дур мебошад. Вокеан ҳам, мазҳаби Монӣ аз садаи III то XV ҳамеша дар пешрафту густариш буда, аз нимкураи шимолии уқёнуси Атлантик то уқёнуси Оромро дар бар гирифта буд.

Асотири монавӣ ба диққати фаровон мураттаб гардида, мураккаб ва печида мебошанд, вале онҳо инъикоскунандаи мазмун ва ғояҳои асосии дини Монӣ ҳастанд. Артур Кристенсен дар асари маъруфи худ «Эрон дар замони Сосониён» мухтасари ривоятҳои суриёнӣ, арабӣ ва суғдиро оварда, ки тибқи он Монӣ дар боби мабдаи офариниш чунин мегуфт: Дар оғоз ду асл ё ҷавҳар вуҷуд доштааст: яке нек ва дигаре бад, худо ва ҳаюло (модда), рӯшноӣ ва торикӣ. Нахустин падари бузург Зурвон будааст. Ӯ дар арзи нур қарор дошта, сарвари нур аст. Вай соҳиби панҷ мақом ё панҷ мазҳар аст, ки иборатанд аз идрок, ақл, фикр, тааммул (дурбинӣ) ва ирода. Худои зулмат ҳам панҷ унсури манфӣ дорад, ки бино ба як ақидаи бостонии Байнаннаҳрайн, болои ҳам қарор дошта ва панҷ олами зулмотро ташкил медоданд, ки иборатан аз дуд, оташи сӯзонанда, боди ҳалокатовар, оби гилолуд ва зулмот. Монӣ мегӯяд: қаламрави ин

[1] *Ҳиннелз Ҷ.* Шинохти асотири Эрон. – С. 262.

ду холиқ аз як ҷой ба ҳам пайваста ва аз се тарафи дигар бекарона аст. Подшоҳи зулмот чун нурро мушоҳида кард, бо тамоми қувваш ба он ҳамлавар гардид. Падари бузург барои дифои кишвари худ нахустин махлуқро офарид, ки Модари Зиндагӣ номида мешавад. Вай дар навбати худ инсони нахустинро, ки Ҳурмузд низ мехонанд, аз худ ба вуҷуд овард.

Чун адади се мисли ҳафт рақами муқаддас аст, Падари бузург, Модари зиндагӣ ва инсони нахустин таслис ё сегонаи аввалӣ мебошанд. Инсони нахустин бошад, панҷ фарзанд офарид, ки панҷ унсури рӯшноӣ ё нуронӣ дар муқобили панҷ унсури зулмот ҳастанд. Онҳо чунинанд: покӣ (беолоишӣ), насим, рӯшноӣ, об ва оташи поккунанда, ки онҳоро панҷ амшоспанд[1] ном кардаанд. Он гоҳ инсони нахустин он панҷ унсурро чун зиреҳ ба тан баста, ба ҷанг бар зидди подшоҳи зулмот, ки ӯ низ худро бо панҷ унсури зулмонӣ мусаллаҳ карда буд, раҳсипор гардид. Чун инсони нахустин душманро бисёр зӯрманду мусаллаҳ дид, фарзандон хеш – унсурҳои нуроиро ба ӯ таслим кард то фурӯ барад.

Мувофиқи таълимоти Монӣ, то замони аз ҷониби подшоҳи зулмат фурӯ бурда шудани унсурҳои нуронӣ, ки ҷаҳони рӯшноӣ ва зулмот аз ҳам комилан ҷудо буданд, мансуб ба замони гузашта мебошад. Аз лаҳзаи аз ҷониби подшоҳи зулмот фурӯ бурда шудани унсурҳои нуронӣ ва омехта гардидани онҳо бо унсурҳои зулмонӣ замони ҳозира оғоз мешавад. Ҳадафу мароми марҳилаи дуюм ҷудо кардани нур аз зулмот ва ба ҳолати ибтидоӣ баргардонидани ҷаҳон мебошад, ки марҳилаи сеюм аст.

Давоми мабдаи офариниши Монӣ чунин аст: инсони нахустин, ки асиру афтода ва хастаю ранҷур шуда буд, ҳафт бор Падари Бузургро ба ёрӣ даъват кард. Падар барои наҷоти ӯ ба офариниши дигар оғоз кард. Дӯсти рӯшноӣ Нарисаф[2] зоҳир шуда, ӯ дар навбати худ Бони Аъзам (бунёдкори бузург)-ро падид овард. Вай низ Рӯҳи Зинда ё Рӯҳ-ул-Ҳаётро офарид.[3] Руҳи Зинда панҷ фарзанд овард: Зиннатшукӯҳ, подшоҳи Шарофат, Одами нуронӣ, Подшоҳи Ифтихор ва Ҳомил. Вай ҳамроҳи панҷ фарзанди худ ба табақаҳои торикӣ равон гардид ва фарёде чун шамшери бурранда баровард ва дере нагузашта инсони нахустинро наҷот дод. Рӯҳи

---

[1] Дар дини Зардушт амшоспандон – аввалин ёварони Аҳуромаздо ҳамчун офаридаҳои муқаддаси ӯ дар идораи ҷаҳон аст.

[2] Дар лаҳҷаи суғдӣ Наришанк омада, дар Авесто Нарисангҳ мебошад.

[3] Рӯҳи зиндаро монавиён мағрибзамин гӯянд ва бо ақл яке донанд.

Зинда ба фарзандон фармон дод, ки тамоми бошандагони ҷаҳони торикиро нобуд кунанд ва пӯсташонро баркананд. Модари ҳаёт аз пӯсти онон осмонҳо сохта, ҷасади ононро ба замини торик партофт. Аз гӯшти онҳо хок ва аз устухонҳояшон кӯҳҳо сохта шуд. Оламе, ки аз ҷасадҳои палиди девон сохта шуд, иборат аз даҳ фалак ва ҳашт замин мебошад. Зинатшукӯҳ афлокро дар боло нигоҳ медорад ва Ҳомил[1] заминро бар дӯши худ бардоштааст.

Бо вуҷуди он, ки инсони нахустин (Ҳурмузд) аз асорати девон озод гардида, девон шикаст хӯрданд, бахше аз рӯшноии фарзандони нуронии ӯ, ки аз ҷониби девон фурӯ бурда шуда буданд, дар ҷисми девони зинда боқӣ монд. Онҳо намехостанд он нуреро, ки хӯрда буданд, пас бидиҳанд.

Идомаи устураи офариниши Монӣ: Рӯҳи Зинда ҳайати фиребандаи худро ба фарзандони зулмат нишон дода, дар онҳо ҳавасҳои шаҳвонӣ бармеангезад. Бад ин васила бахше аз рӯшноӣ, ки девон фурӯ бурда буданд, раҳо мешавад. Вай аз ин зарраҳо Офтоб, Моҳ, ситорагонро меофаринад. Сипас аз ҳаво, об ва оташ се чарх сохта дар боло қарор медиҳад то заҳри бошандагони зулмат ба мавҷудоти илоҳӣ фурӯ нарезад. Падари Бузург барои муҳофизати комил паёмбареро, ки гоҳе Худои олами Нур, гоҳе Нариса ва ба лаҳҷаи забони суғдӣ эзиди Меҳр (Митра) номида мешавад, офарид. Бо халқ шудани ӯ силсилаи худоёни ҳафтгона такмил мегардад, ки ба ҳафт амшоспанди дини маздаясно шабоҳат дорад. Аз паёмбар дувоздаҳ духтар ба вуҷуд меояд: Салтанат, Ҳукумат, Нусрат, Эътиқод, Таҳорат, Ҳақиқат, Имон, Сабр, Сидқ, Эҳсон, Адл ва Нур. Паёмбар дар Офтоб қарор дошта, сафинаҳои рӯшноиро ба ҳаракат меорад. Зарраҳои нур, ки дар ҷараёни зиндагӣ аз модда раҳоӣ меёбад, ба воситаи Сутуни Шукӯҳ ба сафинаҳо интиқол меёбанд. Ситораҳо, Хуршед, Моҳ ва бурҷҳо дастгоҳе ҳастанд, ки амали онҳо берун овардани зарраҳои нуру рӯшноӣ аз миёни торикию зулмат ва интиқоли онҳо ба фалаки рӯшноӣ аст. Бони Аъзам зиндоне барои девон месозад. Ҳамин тавр ҳаракати доимӣ ва мунтазами ҷаҳон оғоз мегардад. Сипас паёмбар таҷрибаеро, ки пештар Рӯҳи Зинда карда буд, такрор мекунад. Яъне ҳайати зебои худро ба девон ва бошандагони зулмат, ки дар болои осмон ба занҷир баста шудаанд, нишон медиҳад. Тавре ки ба девони нар худро ба сурати зани зебо нишон

[1] Ҳомил ба Худои Атласи асотири юнонӣ шабоҳат дорад.

медиҳад ва ба девони мода худро дар шакли ҷавони зариф ҷилвагар месозад.

Девон дар айни ҷӯши шаҳвонӣ зарраҳои рӯшноиро, ки фурӯ бурда буданд ба зер андохта, дар ҳамон ҳол «гуноҳ» ҳам ба замин мерезад. Қисме аз ин мода ба ҷойи нам афтода, аз он ифрите пайдо мешавад ва Одами нуронӣ ӯро мағлуб месозад. Ними дигари он мавод ба хушкӣ афтода аз он панҷ дарахт ба вуҷуд меояд, ки сарчашмаи ҳамаи рустаниҳои олам аст. Девҳои мода, ки обистан буданд, чун ҷамоли паёмбарро мебинанд, сақти ҷанин мекунанд ва аз онҳо ҷонварони хокӣ, дарёӣ ва ҳавоӣ пайдо мешаванд. Аз рӯйи таълимоти монавия ҳайвоноту наботот аз девони палид ба вуҷуд омадаанд. Сипас ду ифрити нару мода ба хотири ба даст овардани зарраҳои рӯшноӣ девони дигарро фурӯ мебаранд. Аз онҳо аввал писаре ба номи Геҳмурд[1] ва духтаре бо номи Мурдиёнак ба вуҷуд меоянд, ки падару модари инсоният ба ҳисоб мераванд. Аз рӯйи таълимоти монавия, инсон аз нажоди ифрит аст. Махсусан дар Геҳмурд зарраҳои бештари нур, ки девон нигоҳ дошта буданд, ҷамъ мегардад. Он гоҳ Инсони нуронӣ ё Олами Ақл тасмим мегирад, ки Одам (Геҳмурд)-ро аз хоб бедор карда, ӯро аз аҳволи ҷаҳон, сиришти ӯ ва сарнавиште, ки дорад, бохабар созад. Вай барои иҷрои ин кор ҳазрати Исоро маъмур мекунад. Дар ин ҷо бояд гуфт, ки Исо офаридаи Падари Бузург набуда, офаридаи ёварони ӯ мебошад.[2]

Тавре ки дар боло ишора шуд, аз космогонияи монавия чунин бармеояд, ки инсон зодаи деву ифрит буда, ҷисми ӯ торику пургуноҳ аст. Ягона унсури поки худовандӣ пораи рӯшноиест, ки рӯҳи ӯ мебошад. Монӣ шароити кунунии зиндагии инсонро, ки олам пур аз азоб, зулм, дурӯғ, бадӣ, бандагию ғуломӣ, дардноку ғайри қобили тахҳаммул аст, тасвир карда, роҳи наҷоти ӯро нишон медиҳад. Мувофиқи гуфтаи ӯ, дар натиҷаи омехта шудани фарзандони Ҳурмузд бо девон ва аносири рӯшану муқаддас бо олами зулмату торикӣ, дар атрофи насли одам ғубору тирагие падид омадааст. Равони инсон, яъне асли ӯ аз худованд буда, он пок ва беғубору беолоиш аст. Фақат омезиш бо олами зулмат вайро ба чунин ҳолат овардааст. Ҳамин ки ин ғубору ҷаҳл пароканда шавад, инсон ба ҳолати қаблии хеш бозгашта, рӯшноӣ аз торикӣ ҷудо мегардад ва марҳилаи сеюм ва ниҳоӣ оғоз меёбад.

---

[1] Дар Авесто Геҳмурд дар шакли Гайомаретана (ҷисми мурданӣ) омадааст.

[2] *Кристенсен А.* Эрон дар замони Сосониён. – С. 309-314.

Рӯҳ асли одамӣ буда, ҳамон рӯшноиест, ки ҳангоми омезиши нуру зулмат падид омада, дар бадани инсон маҳбус гардидааст. Бадани одамӣ сарчашмаи бадиҳо буда, инсонро водор ба майлу хоҳишҳо мекунад. Чун маншаъ ва асли одамӣ, рӯҳ аз они худост, вақте вай роҳи зиндагии худро ба поён мерасонад, ин асл бояд ба Худованд бозгардад.

Барои бозгашт вай бояд дар ҷаҳон тавре зиндагӣ кунад, ки шоистаи пайвастан ба асли худ, яъне Худо бошад. Мувофиқи маълумоти Монӣ, инсон ба орзуи худ фақат бо ду роҳ расида метавонад, бо покии нафс ва маърифат. Дар ҳар ҷисму ашёи ҷаҳон заррае аз рӯшноӣ мавҷуд аст. Дар инсон он рӯҳ буда, рӯҳ дар ҷисм аст. Ҷисм бошад, ҳамеша асири ҳавою ҳавасҳост. Чун рӯҳ пораи рӯшноии худовандист, дар ҳабси ҷисми олудаю гунаҳкор буда, ҳамеша дар азобу шиканҷа аст. Рӯҳ бошад дар он сурат озод шуда метавонад, ки аз қайди майлу хоҳиши нафс барояд. Аз ин ҷиҳат зӯҳд, тақво, дур шудан аз талаботи дунё ва нигаҳдории худ аз тамоюлоти дунявӣ, хомӯш кардани талаботи нафс, инсонро ба худогоҳию худшиносӣ наздик карда, роҳро барои расидан ба асли худ поку мусаффо мегардонад. Ин ақидаи Монӣ ранги яъсу навмедӣ дорад. Ӯ ҷаҳонро водии ашку хун ва одамро мурғи ошёнгумкардае медонист, ки бо асорату саргардонӣ ва бехонумонӣ маҳкум аст. Ин таълимот комилан мухолифи таълимоти дини маздаясно мебошад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, Монӣ фирқаи муғтасиларо бо он сабаб тарк кард, ки ғусл дар об ва покии ҷисмониро покии асил намедонист. Вай муътақид буд, ки татҳир фақат аз роҳи маънавӣ ва маърифат имконпазир аст. Ба иборати дигар, татҳири рӯҳро аз татҳири бадан болотар гузошт.

Вай навишта буд: Ва аммо татҳире, ки Исо аз он сухан гуфта буд, татҳир аз роҳи маърифат аст ва шомили ҷудоии нур аз зулмат, ҷудоии зиндагӣ аз марг ва ҷудоии оби зинда аз оби барҷомонда (мурдоб) аст.[1] Мақсади Монӣ аз истилоҳи «оби зинда», ки дар навиштаҳояш борҳо ба кор бурдааст, ҳамон оби минуӣ ё оби рӯҳонист, ки боиси покии рӯҳу ҷони одамӣ мешавад. Истифодаи истилоҳи «оби зинда» дар таълимоти Монӣ тобиши истиорӣ дошта, истиораи гностикӣ барои поксозии рӯҳу нур дар зиндон будааст.

---

[1] *Кайт К.* Ҳунари монавӣ. Теҳрон, 1373, – С. 35.

Истилоҳи «зинда» дар таълимоти Монӣ мақоми махсусе дошта, вай кеши худро «дини зинда» ва Инҷили худро «Инҷили зинда» номидааст. Монавиён бошанд, паёмбари худро «зиндагар» лақаб дода, чунин тасаввур мекарданд, ки ба воситаи каломи зиндаи ӯ онҳо худро шинохта, ориф мешаванд.

Аз он чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ирфони монавӣ барои худогоҳӣ ва худшиносии инсон дар ибтидо як андоза ирфони мутараққӣ ва равшангар буд. Ирфоне, ки инсонро аз ҳақиқат ва аз шахсияти хеш огоҳ мекард ва таъкид месохт, ки инсонҳо дар ин ҷаҳони омехтаи савобу гуноҳ асир мебошанд ва бояд худро аз чанги зулмат бираҳонанд. Дар дини Монӣ ишораҳое ба таносух ё интиқоли рӯҳи инсони гунаҳкор ба инсонҳои дигар ва ҳайвоноту паранда ба мушоҳида мерасад, ки аз дини буддоӣ сарчашма гирифтааст.

Дар ирфони монавӣ нахустин шарти худшиносии инсон маърифат аст. Ба ақидаи ӯ, агар мо кӯшиш кунем, мисли имрӯз рӯҳамонро аз нопокии ҷисм ва қайди тамоюлоти моддӣ нигоҳ дорем, монанди он аст, ки худамонро маҳкум ба зиндагии дубора карда бошем, аз нав ба дунё биёем ва дар ҷисмҳои мухталиф мураттабан тағйири қолиб диҳем. Чун унсурҳо, ашё, наботот, ҳайвонот ва башар асири тамоюлоти дунявӣ ва рӯҳ дар зери фишори шадиди ин нопокиҳо қарор гирифтааст, ҷаҳон ба салибе шабоҳат пайдо кардааст, ки рӯйи он нур ё «рӯҳи зинда» азоби токатфарсоро таҳаммул менамояд. Монӣ ҳамаи корҳое, ки боиси ранҷи нур мешавад, ба се тақсим карда онҳоро дастур ё мамнуоти сегона номидааст. Ин мамнуот иборатанд аз:

Худдорӣ кардан аз гуноҳ ба воситаи забон,
Худдорӣ кардан аз гуноҳ ба воситаи даст,
Худдорӣ кардан аз гуноҳ ба воситаи қалб. [1]

Яке аз роҳҳои расидани рӯҳ ба асли худ равшан кардани асрори вуҷуди инсон аст. Ин масъала нуқтаи марказии маърифат ва худшиносии инсон мебошад. Асрори вуҷуди инсон дар табиат аст. Ба ҳар андоза, ки ӯ барои дарки муҳити моҳавл кӯшиш намояд, дар кашфи асрори он талош варзад, беш аз пеш аз асрори ҳастии хеш огоҳ хоҳад шуд. Ин ҷиҳати таълимоти Монӣ шаклҳои иртиҷоии маърифати динӣ ва хурофотро инкор намуда,

[1] *Широва П.О.* Аносири эронӣ дар кеши монавӣ. Теҳрон, 1382. – С. 74.

маърифати эҳсосӣ ва зеҳниро маърифати ягонаи дурусти ҷаҳонӣ ҳисоб мекунад.

Роҳи дуюме, ки Монӣ барои расидан ба ин ҳадаф яъне ҷудоии нуру зулмат нишон медиҳад, покӣ ва порсоии ҳар фард аст. Нисбати ин ки аслу маншаи худовандӣ нур аст ва фақат бадан бо зулмат омехтааст, ҳар фард бояд аз гуноҳ канорагирӣ карда, ҷисми худро аз олудагӣ нигоҳ дорад. Монӣ роҳҳои пок кардан ва пок нигоҳ доштани ҷисмро аз олудагӣ дар ҳукмҳои даҳгонаи худ нишон додааст. Ин ҳукмҳо чунинанд: манъи бутпарастӣ, парҳез ва дурӯғгӯйӣ, ҳамеша хушбин будан ба зиндагӣ, парҳез аз ҳар гуна куштор, ҳаром будани корҳои ҷинсӣ, манъи дуздӣ, парҳез аз фикру ақидаҳои бад, ҳаром будани соҳирӣ ва ҷодугарӣ, зарари шакку шубҳа ва парҳез аз бекорӣ.

Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» ҳикояте оварда аст, ки ба баъзе хусусиятҳои дигари мазҳаби Монӣ равшанӣ меандозад. «Ва забҳи ҳайвонот ва озори оташ, об ва набототҳо ҳаром намуда, қавоиду навомисе ваъз карда, ки сиддиқон (баргузидагон), ки аброҳу зуҳҳоди монавиянд, бар худ фарзу воҷиб медонанд ва ин навомис аз ин қарор аст: эҳтироми дарвешон, аз миён бурдани ҳирсу шаҳват, канорагирӣ аз дунё, иттисоли рӯза ба рӯзаи дигар».[1]

Абумансур Саолибии Нишопурӣ, ки дар давраи Сомониён зиндагӣ кардааст, пиромуни Монӣ ва таълимоти ӯ ҳикояти ҷолибе овардааст, ки намунаи кудурату бадбинии рӯҳониёни зардуштӣ ва муаррихони исломӣ нисбат ба дини ҷадид мебошад. Тавре қаблан қайд гардид, дар давраи подшоҳии Баҳроми I мубадони мубад Картир будааст. Вай дар замони ҳукмронии се подшоҳи сосонӣ ин вазифаро ишғол карда, дар таҳияи дини расмии сосониён – дини маздаясно кӯшишҳо ва ҷидду ҷаҳди фаровоне анҷом додааст. Муколамае, ки Саолибӣ овардааст, зоҳиран, қабл аз куштa шудани Монӣ сурат гирифта, ҷараёни мубоҳисаи сарварони ду динро нишон медиҳад. Саолибӣ чунин овардааст: «Мубадони мубад рӯ ба Монӣ карда гуфт: Ту маро ба чӣ чиз даъват мекунӣ? Монӣ гуфт: Ба тарки дунё ва вайрон сохтани он, парҳез аз омезиш бо занон, то насли одамӣ қатъ шавад ва ин дунёи ҷасадӣ нобуд гардад ва мардум аз ҷаҳони некбахтӣ ба ҷаҳони бадбахтӣ наоянд. Зеро равон (рӯҳ)-ҳои поки худоӣ бо баданҳои нопоки аҳриманӣ омехта гардида, ки Худованд аз ин омехтагӣ дар шиканҷаю ранҷ

[1] *Берунӣ А.* Осор-ул-боқия. Лейпсиг, 1923. – С. 229-230.

аст ва осоиши ӯ дар ҷудоии пайкару ҷон аз якдигар аст, то ин ки мардуми тозае биёварад ва ҷаҳони нав, чунонки хоҳад, барпо созад. Зеро марг одамиро ба зиндагии ҷовидонӣ расонад ва то замоне, ки ҷон дар пайкар (тан) аст, монанди мурғи дар қафаси зиндон аст. Пас муътабар ба ӯ муроҷиат кард: оё вайронӣ хуб аст ё ободӣ. Монӣ посух дод: Вайронии баданҳо ободии ҷон аст. Мубад пурсид: Ба мо бозгӯй, аз кушта шудани худ, оё ин харобист ё ободӣ? Монӣ гуфт: Вайронии бадан аст. Мубадони мубад гуфт: Пас шоиста он аст, ки бадани туро хароб кунем, то ҷонат ободон гардад».[1]

Тавре ки дар ин ҷо мушоҳида мешавад, Саолибӣ мисли соири муаррихони асри миёна як паҳлуи манфии таълимоти Мониро муболиға карда, аз ҷиҳатҳои дигари мусбати он сарфи назар намудааст. Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ низ, ки донандаи хуби таърихи бостонии ниёгон будааст, ҳамин саҳнаро тасвир карда, мисли Саолибӣ мусоҳибаи мубадони мубадро бо Монӣ чунин овардааст:

Бад-ӯ гуфт, к-эй марди суратпараст,
Ба Яздон чаро сохтӣ хира даст.
Касе к-ӯ баланд осмон офарид,
Бад-ӯ дар макону замон офарид.
Куҷо нуру зулмат бад-ӯ андар аст,
Зи ҳар гавҳаре гавҳараш бартар аст.
Агар Аҳриман ҷуфти Яздон будӣ,
Шаби тира чун рӯзи рахшон будӣ.
Нагунҷад ҷаҳонофарин дар ҷаҳон,
Ки ӯ бартар аст аз макону замон.
Фурӯ монд Монӣ зи гуфтори ӯй,
Бипажмурд шодоб бозори ӯй...

Аз матни боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дини расмии зардуштӣ дар замони сосониён нисбат ба таълимоти Монӣ дар миёни ҷамъият адовату бадбинӣ падид оварда, он дар давраи ислом бештар ва шадидтар гардидааст. Вале ба таври умум, Монӣ тарафдори он будааст, ки зиндагии ҷамъияти инсонӣ дар заминаи маърифат ва донишу биниш бунёд карда шуда, ҳудуди дарки падидаҳои табиат, олам ва коинот торафт вусъат пайдо кунад. Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки маърифати маънавӣ дорои тобиши

[1] *Муъминҷонов Ҳ.* Монӣ ва таълимоти ӯ // Паёми Донишгоҳ. – С. 95.

ишроқӣ мебошад. Вале дар ҳар сурат маърифат дониш аст ва ба ҳар андоза, ки мо пиромуни муҳити моқабл дониши бештар касб кунем, ба ҳамон андоза мо ҷаҳонро бештар дарк намуда, худамонро бештар мешиносем.

Мувофиқи ақидаи монавиҳо, дар марҳила ё давраи сеюми силсилаи кайҳонӣ, ки поёни ҷаҳон ба шумор мерасад, байни қувваҳои рӯшноӣ ва торикӣ набарди азиме оғоз мегардад. Аз як сӯ, шаҳриёри олами зулмату торикӣ, ки миқдори девони ӯ зиёд шуда, дар атрофу акнофи ҷаҳон пароканда шудаанд, талош мекунад то барои захира кардани пораҳои нур зиндонҳои ҷисмонии бештаре ба вуҷуд оварад. Аз ҷониби дигар, Падари Бузург ё Зурвон барои густариши хайр мекӯшад. Рӯҳ аз тариқи маърифату огоҳӣ озод мешавад. Он гоҳ Исо аз нав зуҳур карда, курсии адлу додро барпо хоҳад дошт ва некукоронро аз бадкорон ҷудо хоҳад сохт. Дар ҳамин ҳангом эзидоне, ки гардиши заминҳо ва осмонҳоро танзим мекунанд, кори худашонро раҳо хоҳанд кард. Осмонҳо ва заминҳо бо ҳам омехта гардида, сӯхтори бузурге забона хоҳад кашид, ки 1469 сол давом хоҳад кард. Дар охир, пораҳои нури озодшуда ба биҳишт хоҳанд рафт. Он гоҳ модда (Аҳриман) бо тамоми шаклу мазоҳири худ дар як кӯе, даруни мағоки амиқе зиндонӣ хоҳад шуд, ки ба сари он санги азиме мепӯшонанд. Аҳриман дар он ҷо дар ҳабси абадӣ қарор хоҳад гирифт.[1] Ҳамин тариқ ду бун, ду ҷавҳар барои ҳамеша аз ҳам ҷудо хоҳанд шуд. Биҳишти нав ба биҳишти рӯшноӣ хоҳад пайваст ва мавҷудоти он, яъне эзидону наҷотёфтагон ба дидори Падари Бузург ё Зурвон ноил хоҳанд гардид ва зиндагие, ки қабл аз омезиш вуҷуд дошт, аз сар гирифта хоҳад шуд.[2]

Ҷамъияти монавӣ аз панҷ табақа, ки бо панҷ таҷаллии Падари Бузург баробар аст, иборат мебошад. Ин табақаҳо ба шарҳи зер ташкил мегардид: табақаи аввал, мисли дини насронӣ, шомили дувоздаҳ расул аст, ки онҳоро ба забони паҳлавӣ «фиристодагон» номидаанд ва онон пас аз Монӣ ва ҷонишини ӯ болотарин дараҷаи маънавии монавиро ташкил медоданд ва ҳукми халиф ва имомони ӯро доштанд. Табақаи дуюм 72 нафар усқуф ё эпископ буданд, ки ба паҳлавӣ исписакон номида мешуданд. Табақаи сеюм 360 нафар шайхон ё кашишони монавӣ

[1] *Василев Л.С.* История религий Востока. М., 2004. – С. 246.
[2] *Исмоилпур А.* Устураи офариниш дар оини Монӣ. – С.76-77.

буданд. Табақаи чорумро баргузидагон (ба паҳлавӣ визидагон) мегуфтанд, ки маъмури вазъу таблиғ дар миёни мардум буданд.

Теъдоди онҳо ниҳоят зиёд буд. Табақаи панҷум шунавандагон дар паҳлавӣ «ниюшакон» номида мешуд. Ин табақа оммаи васеи мардум буданд, ки шумораи онҳо беҳисоб буд. Баргузидагон набояд пешае ихтиёр мекарданд, ки боиси зиёни унсурҳои табиат шавад ё ба коре машғул гарданд, ки сабаби сарватмандӣ ва осоиши моддӣ гардад.

Хӯрдани гӯшти ҳайвонот, озор расондан ба зарраҳои нур, ки дар наботот пинҳон аст, ба василаи чидани гиёҳ мамнӯъ буд. Шаробро ҳаром медонистанд. Онҳо мебоист беш аз ғизои якрӯза ва либоси яксола аз моли дунё надошта бошанд. Онҳо бе зан зиндагӣ карда, вақти бештари худро дар сафар, ба хотири интишори покию зиндагии беолоиш мегузаронданд. Табақаи охирин аз ин дастуру қоидаҳо озод буда, бо шуғлу пешаҳои одии худ машғул буданд. Онҳо метавонистанд гӯшт хӯранд, зан бигиранд, вале набояд ба дунё дилбастагии зиёд дошта бошанд. Воҷиботи табақаи поёнӣ иборат аз он буд, ки хӯрду хӯроки баргузидагонро фароҳам оваранд.

Чун баргузидагон гиёҳу сабзавот мехӯрданд, шунавандагон бояд ин заҳматро ба дӯш гирифта, барои онҳо мева, растанӣ ва сабзавот мечиданд. Додани закот, гирифтани рӯза, хондани намоз ба тамоми табақаҳо дахл дошта, ҳар моҳ ҳафт рӯз рӯза мегирифтанд. Дар як шабонарӯз чор маротиба ба сӯйи офтоб ё моҳ нигариста, намоз мехонданд. Шунавандагон рӯзи якшанбе ва баргузидагон рӯзи душанберо муқаддас меҳисобиданд.[1]

Ба худи Монӣ маълум буд, ки иҷрои ҳамаи шартҳои мазҳабии ӯ кори ниҳоят мушкил ва тақрибан берун аз имкон аст. Аз ин рӯ, чун табақаҳои аввал теъдоди маҳдудеро ташкил мекарданд ва бояд пас аз маргашон мустақиман ба асли хеш мепайвастанд, анҷоми комилу пурраи дастур ва қонунҳои мазҳабиро ба дӯши онон вогузор карда буд.[2] Табақаи охирин дастурҳои мазҳабиро мувофиқи тавоноии худ анҷом медоданд.

Мазҳаби Монӣ ҳамчун дин шаклу сохтори муназзаму комил дошта, ҳамаи навъҳои ибодат, саҷда, дуо, аврод, ниёиш ва намозро дар бар мегирифт. Тарҷумаи яке аз дуоҳои муҳими монавиён, ки бо ибодат сурат мегирифт, дар ин ҷо оварда

---

[1] *Кадёнӣ А.* Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон. – С. 179.
[2] *Алавӣ А.* Таърихи комили адён. – С. 421.

мешавад: Ман худро баробари ту шикаста ва ба саҷда бо қалбе саршор аз покӣ ва ба забоне гаронбор аз ростӣ, туро ай Худои Бузург, ай Падари Нур ва ҷавҳари ҳамаи нурҳо ситоиш мекунам. Ай Худованд, ту мавриди ситоиши мо ва таборак ҳастӣ. Касе, ки Туро меситояд, касест, ки фариштагони ту, баргузидагони ту, каломи ту, ҷалоли азамати ту ва он чиро, ки ба назари ту хубу зебост, меситояд, чун ту Худое ҳастӣ, ки ҳамаи ростӣ, зиндагӣ ва нуру қудсият аз ту сарчашма мегирад.[1]

Ба назар чунин мерасад, ки тавре дида мешавад, асоси дини Мониро санавияти (дугонапарастии) дини маздаясно, ки аксаран дар бахшҳои навини Авесто дар соҳаи фалсафаю ахлоқ ба чашм мехӯрад, ташкил медиҳад. Номи аксари эзидон ва фариштагони он низ мутааллиқ ба дини маздаясно мебошад. Сохтори низоми дохилӣ, баъзе аломатҳои зоҳирӣ, маросимҳои ҷудогона, чанде аз дуоҳо аз оини насронӣ гирифта шудааст. Бахшҳое, ки Монӣ дар он пайравони худро ба тарки дунё, зуҳд, тақво ва гӯшанишинӣ даъват мекунад, аз дини буддоӣ ба орият гирифта шудааст. Дар дини монавӣ маросимҳои мураккаб вуҷуд надорад. Дар он ба баъзе аломатҳои зоҳирӣ, ҳаракатҳои мазҳабӣ таваҷҷуҳ карда мешавад, ки паём ба дасти рост, бӯсаи сулҳҷӯйӣ, саломи бародарона ва даст додан аз ҷумлаи онҳо мебошад. Дар он ҳамчунин ба баъзе расмҳои динӣ, дуою ниёиш, сурудҳо ва рӯза аҳамияти махсус дода шудааст.

Тавре ки дар боло ёдоварӣ шуд, Монӣ аз нобиғагони замони худ буда, дар фанни наққошӣ ҳамто надошт ва саҳифаҳои китобҳои худро бо тасвирҳои зебо, ки муборизаи қувваҳои нуру зулматро тачассум мекард, музайян менамуд.

Ҳамчунин муаррихон ихтирои як навъи хатро, ки асли алифбои оромӣ дошта, омехтаи суриёнӣ ва паҳлавӣ будааст, ба Монӣ нисбат додаанд. Ин алифбо дар навоҳии Осиёи Марказӣ ва суғдизабонон пазируфта шуда, аксари бозёфтҳои Турфон бо он сабт гардидаанд. Монӣ дар шеър ва мусиқӣ низ устоди замони худ буда, дар инкишофи онҳо саҳми муносиб гузоштааст.

Мутобиқи нигоштаи муҳаққиқон, оини Монӣ ба зудӣ дар Осиё ва Аврупо интишору густариш ёфт. Дар Ғарбу Шарқ нодорон, мустамандон, камбағалон, бебизоатон, ки аз молу сарвати дунё маҳрум буданд ва зиндагии мушкилу токатфарсоро доштанд, пайрави оини Монӣ мегардиданд. Муаррихон зикр

[1] Ҳамон ҷо. – С. 422.

кардаанд, ки замоне кеши Монӣ дар Руму Юнон чунон нуфузу густариш пайдо намуд, ки ҳатто ба мавҷудияти дини масеҳӣ таҳдид намуд. Соли 445 мелодӣ тибқи пешниҳоди Папаи Рим тамоми тарафдорон ва пайравони дини Монӣ аз Рим ва Италия хориҷ карда шуданд. Дар соли 527 қайсари Рум Константин қонуне интишор намуд, ки мувофиқи он тарафдорони дини Монӣ маҳкум ба марг гардиданд.

Содир шудани чунин қонунҳо дар мамлакатҳои Аврупо ҷараёни инкишофи дини монавиро боздошт. Дини Монӣ бархилофи он, ки аз ҷониби ҳукумат ва рӯҳониёни исломӣ манъ гардида, пайравони он шадидан маҳкум мешуданд, дар Хилофати Араб низ ривоҷ ёфта буд. Мувофиқи маълумотномаи мукаммале, ки Ибн Надим дар «Ал-феҳраст» овардааст, вазирон, донишмандон ва бисёр шахсони маъруфи Хилофат ба ин гуноҳ айбдор карда шуда буданд.

Маркази дини Монӣ то садаи XIII калисои нур номида шуда, дар Тайсафун (Мадоин) қарор дошт. Баъдан, чун дини ислом ба он майдонро танг намуд, калисои нур ба Самарқанд интиқол дода шуд. Мазҳаби монавӣ дар ин минтақа нуфузи бештар пайдо карда, сарзаминҳои васеъро тасхир намуд. Мутобиқи фармони императори Чин аз соли 732 мелодӣ мазҳаби мормонӣ ё момонӣ озод эълон карда шуд. Дар асоси фармонҳои солҳои 768 ва 771 ба ин мазҳаб иҷоза дода шуд, ки маъбадҳои худро озодона бунёд намояд. Аз соли 763 то 840 мазҳаби монавӣ дини расмии давлати уйғурҳо эълон шуда, ин давлат дар миёни рӯдҳои Или ва Зард қарор дошт.[1]

Ибн Надим дар «Ал-феҳраст» ҳикояи аҷибе овардааст, ки ҳудуди инкишофи ин динро дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳад: «Дар Самарқанд ҳудуди 500 нафар мард аз монавиён гирд омада буданд ва амрашон шуҳрат ёфт ва соҳиби (амири) Хуросон тасмим гирифт онҳоро бикушад. Малики Чин, фикр мекунам соҳиби Тағузғуз ба назди ӯ кас фиристод ва гуфт, ки дар мамлакати ман аз мусулмонон беш аз ҳамкешони ман дар мамлакати ту аст ва савганд ёд кард, ки агар (соҳиби Хуросон) яке аз онҳоро бикушад, дар иваз ҳамаи онҳоро хоҳад кушт, масоҷидро хароб хоҳад кард ва бар мусулмонони дигар кишварҳо маъмурият

[1] *Ризоӣ А.* Аслу насаби динҳои эрониёни бостон. Теҳрон. – С. 309-310.

хоҳад гумошт, то онҳоро бикушанд. Пас соҳиби Хуросон онҳоро ба ҳоли худ гузошт ва аз онҳо ҷизя гирифт».[1]

Ахлоқи мазҳабӣ, ақидаҳои фалсафӣ ва ҷамъиятии Монӣ ба фалсафа, динҳои муосири ҷаҳонӣ таъсири амиқ доштааст. Бо вуҷуди он, ки фалсафаи адрия, ки мадори баҳсаш дар бораи маншаи олам ва сабабҳои пайдоиши шар буда, таърихи бештару тӯлонитар дорад, бе ҳеҷ шубҳа дар зери таъсири ҷанбаҳои гуногуни ақидаҳои гностикии Монӣ қарор гирифтааст. Дар дини ислом бисёр фирқаҳоро номбар кардан мумкин аст, ки дар зери таъсири оини Монӣ қарор гирифтаанд. Гузашта аз ин, баъзе манбаъҳои ҷараёнҳои маънавӣ, ки ақидаҳои Мониро мустақиман пазируфта буданд, ба дугаройӣ, занодиқа ва маҷус айбдор карда мешуданд.

Нуқтаи дигаре, ки қобили ёдоварист, ин аст, ки ақидаҳои мазҳабии Монӣ дар дини насронӣ ва шохаҳои мухталифи он русух карда, дар Аврупо ва Амрико дар шакли гурӯҳу фирқаҳои гуногуне фаъолият доранд ва дар аксарашон рукнҳои умдаи мазҳаби бостонӣ ҳифз гардида бо даврони муосир ҳамоҳанг карда шудаанд. Дар миёни онҳо аз фирқаҳои павликанӣ, богимилӣ, летарӣ, албиягиро метавон ном бурд. Яке аз бахшҳои машҳури имрӯзаи он мазҳаби мормонӣ мебошад, ки дар ИМА, Канада, Мексика, ҷазираҳои Океания ва баъзе мамлакатҳои Аврупо фаъолият мекунад. Имрӯз шумораи пайравони он фақат дар ИМА чанд миллион аст.

2. МАЗДАКИЯ

Маздак дар таърихи мардуми форсизабон яке аз чеҳраҳои дурахшоне мебошад, ки номи худро дар сафҳаҳои ҳаракати озодфикрии ҷаҳон ба таври абадӣ сабт кардааст. Бо вуҷуди он ки ин мазҳаб дар охири давраи сулолаи сосонӣ падид омада, номи Хусрави Анушервонро дар Шарқ маъруфу машҳур гардонид, неруи таълимоти ӯ роҳи муборизаи озодихоҳонаи мардуми моро бар зидди истилогарони аҷнабӣ равшан намуда, сипас яке аз омилхои пайдоиши давлатҳои форсизабон – Саффориён, Тоҳириҳо ва Сомониён шуд. Дар асари таъсири фавқулоддаи таълимоти Маздак дар асрҳои миёна дар дини ислом даҳҳо ҷараёну фирқаҳо зуҳур карда, фаъолияти бисёр гурӯҳҳои динӣ ва

[1] Монӣ ба ривояти Ибн Надим. – С. 36.

фирқаҳои ифротӣ аз қабили исмоилия, ҳашишия, афридия, абӯмуслимия, хуррамия, бобакия, бобия аз он сарчашма гирифтаанд.[1]

Дар асоси маълумоти муаррихони аҳди бостон дар давраи подшоҳии Диоклентан 284-305 подшоҳи Рум (Византия) дар ин мамлакат шахсе ба номи Бундос зуҳур кардааст, ки бо вуҷуди пайрави оини Монӣ будан, ақидаҳои наве баён намуда, бо дини монавӣ роҳи хилоф пеш гирифтааст. Мувофиқи гуфтаҳои Бундос, худои хайр бо худои шар набард карда, ӯро мағлуб сохт ва мутобиқи суннату одати одамиён парастиши ғолиб воҷиб аст. Вай аз Рум ба Эрон рафта ба таблиғи дини худ шурӯъ кард.[2] Стилит – муаррихи дигари садаи VI мелодӣ шахси дигареро низ муқаддам бар Маздак ном мебарад, ки бо номи Зардушт ёдовар шуда, ақидаҳои мушобеҳе бо Маздак баён доштааст.[3] Пайравони ин динро дар забони паҳлавӣ дурустдинон номиданд ва дини Маздак дунболаи даъватҳои Бундос ва Зардушт мебошад. Маздак дар тарвиҷи ин ақидаҳо, ки яке аз шохаҳои дини Монӣ ҳисоб мешуд, иқдом ва дар натиҷа номи муассисони аслии ақидаҳо фаромӯш шуда, номи ӯ машҳур гардид.

Маздак дар соли 460 мелодӣ ба дунё омадааст. Табарӣ ватани ӯро Нисо (ҷанубӣ Ашқободи кунунӣ) гуфтааст.[4] Ин аз он ҷиҳат ҳам дуруст аст, ки бисёр муаррихон падари ӯ Бомдодро аз мубадони бузурги Нишопур донистаанд. Муаррихони дигар ватани ӯро Истахр, Табрез, Мадария воқеъ дар соҳили шарқии Даҷла ва ғайра ба қалам додаанд. Низомулмулк номи зани ӯро Хуррама[5] овардааст.[6] Дар асоси гуфтаи Ибн-ал-Асир, худи Маздак низ дар ибтидо мубади парҳезкоре будааст. Бино ба маълумоти муаррихон, Маздак китобе ба номи «Диснод» ва ё «Занд» навиштааст, ки онро Ибни Муқаффаъ ба арабӣ тарҷума кардааст[7] Шаҳобуддин Аҳмади Хаффоҷӣ дар бораи ин китоб чунин навиштааст: «Занд касеро мегуфтанд, ки пайрави китоби

---

[1] *Клима О.* Таърихчаи мактаби Маздак. Теҳрон, 1372. – С. 164.
[2] *Сомӣ А.* Тамаддуни сосонӣ. – С. 270; *Ушидарӣ Ҷ.* Донишномаи маздаясно. – С.432.
[3] *Машкур М.* Эрон дар аҳди бостон. Теҳрон-Душанбе, 1343. – С. 183.
[4] *Балъамӣ А.* Таърихи Табарӣ. Душанбе, 1992. – С. 518
[5] Пас аз марги Маздак Хуррама муборизаи ӯро идома дода, мувофиқи ривояти муаррихони исломӣ хуррамдинон аз ӯ ҳастанд.
[6] *Низомулмулк.* Сиёсатнома. Душанбе, 1989. – С. 146.
[7] *Кристенсен А.* Эрон дар замони Сосониён. – С.197.

Маздак буда ва арабишудааш зиндиқро барои пайравони Монӣ ва Маздак ба кор мубурданд».[1]

Ҳаракати маздакия, ки дар охири садаи V ва аввали VI империяи бузурги Сосониро ба ларза дароварда, подшоҳони гирду атроф, аз ҷумла Руму Юнонро ба воҳима андохта буд, аввалин ҳаракати васли иҷтимоию динӣ ва ҳатто мардумӣ мебошад, ки масъалаи нобаробарии иҷтимоӣ ва роҳи ҳалли онро дар миён гузошт ва барои ҳалли он амалан талош намуд.

Аз омӯзиши масъала маълум мешавад, ки олимони аврупоӣ ба ҳаракати маздакия мароқи калон зоҳир карда, ба мутолиа ва таҳқиқи он кӯшишҳои фаровон ба харҷ додаанд. Аввалин асари мукаммале, ки Маздак ва ҳаракати вайро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, китоби Томас Хайд «Таърихи эътиқодоти форсиён» мебошад, ки соли 1700 дар Оксфорд ба чоп расидааст. Дар асри XVIII шахсияти Маздак, дин ва ҳаракати ӯ дар маркази таваҷҷуҳ ва таҳқиқоти бисёр олимону донишмандони ин сарзамин буд. Чунин муҳаққиқоне мисли донишмандони франсавӣ А. де Бюссабр, англис Е. Гиббон, Ч. Малколм, Ч. Роулинсон, олмонӣ – Нёлдеке, Юсти, Николсон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ҷойи тааҷҷуб нест, ки аксари онон, аз рӯйи ақида, таҳти таъсири осори паҳлавӣ ва маълумоти муаррихони араб нисбат ба Маздак ва ҳаракати ӯ аз худ аксуламали кушоду равшани душманона ва муносибати манфӣ нишон додаанд. Масалан, Е Гиббон дар асари худ таҳти унвони «Инқироз ва дар ҳам пошидани империяи Рум», ки соли 1776 ба чоп расидааст, ба суханони мубадони даврони Сосонӣ бовар карда, чунин менависад: «Мардуми Эроншаҳр аз таассуби ин сотсиалист, ки иштирокӣ будани занон ва мусоворати афроди башариро мавриди таъқид қарор медод, маъюс ва хашмгин буданд, зеро вай ҳосилхезтарин заминҳо ва зеботарин занонро барои истифодаи пайравони фирқаи худаш ихтисос дода буд».[2] Асаре, ки донишманди англис Ҷ. Модӣ ба ин масъала бахшида буд, чунин ном дошт: «Маздак – сотсиалисти эронӣ». Мақолаи калони Т. Нёлдеке, ки соли 1879 дар маҷаллаи «Дойче Рундшау» таҳти унвони «Самтгирии сотсиалистӣ» ба чоп расид, дар қатори ҳаракатҳои дигар, аз ҷумла ҳаракати мардумии маздакияро мавриди таҷзияю таҳлил қарор дод. Муаллиф дар он бештар ба масъалаи пардохти қарз, нобаробарии иҷтимоӣ ва

[1] *Ризоӣ А.* Таърихи тамаддун ва фарҳанги Эрон. – С. 825.
[2] *Клима О.* Таърихчаи мактаби Маздак. Теҳрон, 1372 – С.159.

тақсими одилонаи замин таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ба ақидаи ӯ, сотсиализми шарқӣ падидаест, ки бар асоси дин устувор аст. Вай суханони худро чунин идома медиҳад: «Сотсиализми шарқӣ комилан мазҳабӣ аст ва бо сотсиализми ҷадиди франсавӣ ва олмонӣ тазоди ошкоро доранд: дар машриқзамин корро ё қаҳру ғазаб пеш мебарад ва ё бар асари такя ба неруи мазҳаб мешавад ба муваффақиятҳои бузург ноил гардид».[1] Нёлдеке дар ин шояд сатҳи маънавии одамони он давра ва фосилаи 1200 - солаи инқилоби Маздак ва инқилоби франсавиро аз хотир фаромӯш кардааст.

Ҳадаф аз овардани баъзе пашӯҳишҳо пиромуни маздакия дар Аврупои асрҳо XVII – XIX иборат аз зикр кардани он аст, ки бунёдгузорони коммунизми илмӣ аз ҳаракатҳои мардумӣ дар сарзамини мо, аз ҷумла дар бораи Маздак, сарфи назар аз ибрози фикру мулоҳизаҳои мухталиф, иттилои комил дошта, онҳоро дар тадвину тартиби таълимоти худ истифода бурдаанд.

Таҳкурсии ҷомеаи эронии даврони сосониро ду рукни асосӣ ташкил медод: моликият ва хун. Бино ба «Номаи Тансар», дар аҳди поягузории давлати сосонӣ Ардашери Бобакон миёни ашроф ва авом фосилаи зиёде вуҷуд дошт. Онҳо аз ҷиҳати «либос, маркаб, сарою бӯстон ва зану хизматгор» имтиёз доштанд. Табақаҳо аз ҳайси мартабаи иҷтимоӣ дорои дараҷаҳо буданд. Дар ҷомеаи сосонӣ мақому манзалат дар шахс собиту мустаҳкам буд. Саъдуддини Варовинӣ дар «Марзбоннома» дар ин бора ҳикояте нақл мекунад, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст: «Хусраве (подшоҳе) аз Порс фармуд, дар саҳро маҷмае ҷамъ оварданд, аз гирду атрофи мамлакат хосу ом, шаҳрию лашкарӣ, деҳқону наҷибзода ва ҳар якеро дар саф ҷой муқаррар кард ва мақому мартабаашонро муайян намуд. Вақте ҳама нишастанд, эълом намуд, ки ҳар кас ба мартабаи пойини худ нигоҳ кунад, на ба боло ва аз мавқею ҷойи хеш розӣ бошад»[2] Ба ибораи дигар, дар Эроншаҳри бостон мавқеи табақа ва дараҷаҳои иҷтимоъ аз бисёр ҷиҳат ба кастаҳои ҳиндуён шабоҳат дошт. Табақаҳои поён, ба хусус деҳқонон ва косибон аз ҳуқуқҳои одӣ маҳрум буда, мавриди истисмори шадиди чандҷониба қарор мегирифтанд. Табақаи баландтарини ашроф, ки наздикону атрофиёни подшоҳ, марзбонону шоҳзодагони сосонӣ буданд, барои худ расму анъанаҳои махсуси ашрофӣ тадвин намуда, дар ҷалолу шукӯҳи хосса (баъдан ин расму

[1] *Мубаллиғӣ А*. Таърихи адёну мазоҳиби ҷаҳон. Теҳрон, 1368. – С 500-501.
[2] *Сомӣ А*. Тамаддуни сосонӣ. Теҳрон, 1342. – С. 78.

анъанаҳои ашрофӣ ба дарбори подшоҳони асримиёнагии Аврупо интиқол ёфт) зиндагӣ мекарданд.

Қонунҳои мамлакат покии хуни хонадонҳо, ба хусус хонадонҳои ашроф ва моли ғайриманқули ононро муҳофизат мекард. Дар бораи ҳифзи хуни хонадони салтанати «Форснома»-и Ибн Балхӣ чунин менависад; «Одати мулки Форс ва акосира он будӣ, ки аз ҳама мулки атроф чун Син, Рум, Турк ва Ҳинд духтарон ситодандӣ ва пайванд сохтандӣ ва ҳаргиз духтаре ба эшон надодандӣ. Духтаронро ҷуз ба касоне, ки аз аҳли байти эшон будандӣ, мувосилат накардандӣ».[1]

Дар миёнаи табақаҳои мардум тафовути зиёд вуҷуд дошт. Масалан, дар табақаи косибон ҷою мақоми ҳар фард дақиқан муайян шуда буд. Ҳирфаю касб меросӣ буд. Ба касе, ки маҳорату лаёқати лозим надошта башад, ҷиддан манъ шуда буд, ки бо он касаба машғул шавад. Дар «Минӯи хирад» ин масъала чунин зикр шудааст: «Пешаварон дар корҳое, ки намедонанд, ворид нашаванд. Он чӣ марбут ба пешаи онҳост, ба хубӣ анҷом диҳанд ва музди онҳоро ба нархи одилона бигиранд, чӣ ҳар кас бо коре машғул шавад, ки аз он огаҳ нест, он корро зоеъ ва бефоида кардааст».[2] Ҳар табақа сардори кишвари худро дошт. Аз табақа ба табақаи дигар гузаштани одамон бисёр кам сурат гирифта, он фақат ба воситаи қарори Шӯрои салтанатӣ ва имзои шахсии подшоҳ сурат гирифта метавонист.

Табақаи ҳоким ба хусус ашрофи сосонӣ аз тамоми табақаҳои дигар духтар мегирифтанд, вале ба ягон табақаи поёнӣ духтар намедоданд. Қонуни мамлакат фурӯши амволи ашрофро ба табақаи поён манъ мекард. Агар касе тасодуфан чизе аз моли табақаи ашрофро харидорӣ кунад, мол пас гирифта шуда, шахси харида ба маҳкама кашида мешуд.[3]

Беҳуқуқӣ ва истисмори шадиди табақаҳои васеи мардуми заҳматкаш, дар дасти ашроф пулу сарвати фаровон гирд оварда буд. Бино ба навиштаи муаррихон рӯзе Хусрави Анушервон ба фармонравони Озорбойҷон хашм гирифт ва аз наздикони вай пурсид, ки ин волӣ чӣ қадар сарвати нақдӣ дорад? Гуфтанд, ду бор ҳазор ҳазор динор. Пурсид, аз молу дороӣ чӣ андоза? Гуфтанд, сесад ҳазор ҳазор динор. Пурсид, гавҳарҳои гаронбаҳо чӣ дорад?

---

[1] *Ибни Балхӣ.* Форснома. Душанбе, 1989. – С. 374.
[2] *Кристенсен А.* Эрон дар замони Сосониён. – С. 342.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 331.

Гуфтанд панҷсад ҳазор ҳазор динор. Пурсид, мулку замину боғ дорад? Гуфтанд, дар Хуросон, Ироқ, Озорбойҷон, ҳеҷ канора ва шаҳре нест, ки ӯ дар он ҷо даҳ порча мулк, даҳ осиёб, корвонсаро, гармоба ва ғайра надошта бошад. Пурсид, аз чорпо чӣ дорад? Гуфтанд сӣ ҳазор асп, гов, гӯсфанд. Пурсид, бандаю ғулом чӣ қадар дорад? Гуфтанд ҳазор ғуломи румию ҳабашӣ ва чорсад канизак…[1] Табақаи атроф аз тамоми неъматҳои зиндагӣ бархӯрдор буда, ҳаёти пуртаҷаммулу ашрофона доштанд. Ҳосилхезтарин заминҳо, оби руду коризҳо ба онҳо тааллуқ дошт. Теъдоди занон вобаста ба пулу дороии сардори хонавода буд. Бо вуҷуди он ки шариати дини маздаянсо ҳуқуқи марду занро баробар эътироф кардааст, ба занҳо мисли амовли шахсӣ муносибат карда мешуд. Ашрофи бузурги сосонӣ дар ҳарами худ ҳазорҳо зану канизак нигоҳ медоштанд. Дар ҳарами Хусрави Парвиз (солҳои 591-628) – подшоҳи сосонӣ қариб 12 ҳазор зан зиндагӣ мекарданд. Табиист, ки вақте шахсони ҷудогонаи ҷамъият аз чунин имтиёз бархӯрдор буданд, садҳо ҳазор намояндагони табақаи поёнӣ на танҳо аз неъматҳои моддӣ, балки аз зиндагии хонаводагӣ низ маҳрум буданд.

Бо вуҷуди он ки талаботу меъёрҳои умумии ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ нисбат ба шахси подшоҳ дақиқан муайян шуда буд, қонуни мушаххаси варосат ва таъини валиаҳд ба тахти подшоҳӣ вуҷуд надошт. Таъини валиаҳд, агар аз як сӯ, ҳаёти шахси подшоҳро аз ҷониби валиаҳд ва ба хусус душманони вай дар зери хатар қарор диҳад, зиндагии валиаҳд низ дар зери таҳдиди доимии рақибон қарор мегирифт. Аз ин рӯ, аксаран валиаҳд интихоб намекарданд.

Мутобиқи «Номаи Тансар», Ардашери Бобакон – поягузори давлати Сосонӣ дастур дода буд, ки ҳар подшоҳ дар вақти лозима валиаҳди худро интихоб намуда, дар номаи муҳрдоре сабт кунад ва он номаро дар ихтиёри мубади мубадон гузорад.[2] Бо даргузашти подшоҳ мубади мубадон ҳирбади ҳирбадон (сарвари оташкадаҳо) ва эрондабирбаз (сардори умури идории шоҳ)-ро даъват намуда, муҳрномаро боз мекард ва мазмуни онро баён медошт. Баъзан мувофиқ наомадани фикру иродаи подшоҳи даргузашта бо мулоҳизаи шӯрои сегона, носозгорӣ бо манфиати

[1] *Ризоӣ А.* Таърихи тамаддун ва фарҳанги Эрон. – С. 816.
[2] *Сомӣ А.* Тамаддуни сосонӣ. – С. 272.

яке аз онҳо ва сабабҳои дигар боис мегардид, ки онҳо номзадии дигареро ба тахти шоҳӣ пешбарӣ мекарданд.[1]

Дар нимаи дуюми садаи V империяи бузурги Сосонӣ пас аз салтанати Яздигурди II (солҳои 439-457) бо як силсила сабабҳои дохилию хориҷӣ шукӯҳу ҷалол ва суботу истеҳкоми худро аз даст дода буд. Аз ҷониби ғарб душмани дерина – Рим (Визнатия) ба Эроншаҳр таҳдид карда, дар тарафи Осиёи Миёна эфталитҳо сол то сол пурзӯр мешуданд ва сарҳадоти шимоли шарқиро ғорат мекарданд. Мамлакат аз ҷиҳати мазҳаб низ дар зери фишор қарор гирифта буд. Мавқеи дини зардуштиро дар ғарб дини насронӣ ва дар шарқ дини буддоӣ танг мекарданд.

Чун хонаводаи сосонӣ аз шохаҳои зиёд ибодат буд ва дар ҳар яке даҳҳо шаҳзодагон тарбия мешуданд, дар замони ҳарачу марач ва ба хусус дар вақти интихоби шоҳ, аксари онҳо довталаби тоҷу тахт мегардиданд. Пас аз марги Яздигурди II, ки дар соли 457 сурат гирифт, то соли 488, ки соли ҷулуси Қубод аст, нооромиҳо ва заъфу сустии ҳукумати марказӣ буд, чор подшоҳ ҳукмронӣ карданд. Ҷангҳои тӯлонии Фирӯз (солҳои 459-484) ва шикастҳои пайдарпайи вай аз эфталитҳо, задухӯрдҳо дар сарҳадоти Рум вазъияти хориҷии мамлакатро низ беш аз пеш бадтар карда буд.

Яке аз омилҳои муҳимме, ки тӯдаҳои мардумро такони шадид дода, ононро ба мубориза даъват намуд ва вазъияти воқеани инқилобӣ падид овард, дар охири солҳои 80-ум ва аввали соҳаи 90-уми садаи V ба сари Эрон фуруд омадани хушксолиҳои чандинсолаи пай дар пай мебошад. Мувофиқи нигоштаи муаллифи «Таърихи адён ва мазоҳиби ҷаҳон», соли 491, ки соли зуҳури Маздак қаламдод шудааст, соли ҳафтуми хушксолӣ будааст. Хушксолиҳои даврони Қубод дар «Шоҳнома» низ ёд шудааст:

Зи хушкӣ хуриш танг шуд андар ҷаҳон,
Миёни кеҳону миёни меҳон.
Зи рӯйи ҳаво абр шуд нопадид,
Ба Эрон касе барфу борон надид.
Меҳони ҷахон бар дари Қайқубод.
Ҳаме ҳар касе обу нон кард ёд.

[1] *Нафисӣ С.* Таърихи тамаддуни Эрони сосонӣ. Теҳрон, 1331. – С. 9-10.

Ин ҳодиса, аз як сӯ, вазъияти фалокатбори тӯдаҳои васеи заҳматкашонро боз ҳам вазнинтар карда бошад, аз ҷониби дигар худхоҳӣ, худкомӣ ва лаҷомгусехтагии дороён ва ба хусус ашрофи сосониро афзунтар намуд. Буҳрони амиқи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, зоҳиран сепаратизми ашрофиро густариш дода, дар миёни шохаҳои дури хонаводаи сосонӣ ва хонаводаҳои бузурги ҳафтгона довталабони нави тоҷу тахтро падид овард. Чун ҳукумати марказӣ заифу нотавон шуда буд, ашроф дар мамлакат ҳар чӣ мехост, анҷом медод.

Дар оини маздаясно инсон дар маркази доираи кайҳонӣ қарор дода шуда, дар шахси ӯ инсонияти комил, шарофати баланд, худшиносии олӣ тақдир шудааст. Тамоми бахшҳои Авесто ба тараннуми далерӣ, доноӣ, мардонагӣ, зебоӣ, некандешӣ, нексуханӣ, некамалӣ, ҷасорат ва садҳо хислатҳои мусбати дигар, ки шахсият ва мақоми инсонро дар зиндагӣ мустаҳкам мекунад, бахшида шуда, садҳо хислатҳои баду манфури одамӣ, ки иззати нафс ва шарофати инсонро поймол месозад, накӯҳиш карда шудааст. Мо дар Готҳо ба бисёр сатрҳо бармехӯрем, ки Зардушт – паёмбари дини маздаясно ҷонибдорони худро ба мубориза бар зидди зулм, истисмор, тааддӣ, поймол шудани шарофати инсонӣ даъват намудааст.

Аз ин рӯ, маздакия, ки бунёди таълимоташ оини маздаясност, дар ҷойи холӣ ва тасодуфан падид наомадааст. Монавия ва маздакия дар домони дини зардуштӣ ба вуҷуд омада, дар пайдоиш ва ташаккули ислом ва динҳои дигари ҷаҳонӣ нақши умда ва қобили мулоҳизае дорад. Дин ва инқилоби иҷтимоии Маздак аввалин ҳаракати мардумие мебошад, ки баробарӣ ва мусоворти тамоми одамонро ҳадафу мароми худ қарор дода, муддате, онро дар ҳаёти иҷтимоӣ татбиқ кард, бинобар ин дар таърихи муборизаи сиёсии инсоният мақоми хоссе дорад. Хусрави I (солҳои 531-579), ки дар таърихи мардуми мо ҳамчун Анушервони Одил маъруф аст ва дар бораи адлу инсофаш ҳикояту афсонаҳои зиёде иншо шудаанд, шахсест, ки Маздак ва ҳазорон идеологҳои маздакиро дар як шаб сар бурида, тӯли муддати кӯтоҳе даҳҳо ҳазор тарафдорони ин ҷунбишро нобуд кард.

Мубориза ба муқобили маздакия чунон шадид, ошкоро ва бераҳмона буд, ки гурӯҳе аз ҷонибдорони он аз кишвар фирор ва бахши дигар ба кӯҳу биёбонҳо пароканда шуданд. Дар солҳо ва асрҳои баъдӣ на танҳо барои сулолаи Сосонӣ, балки дар пеш

ҳамаи табақаи ашроф ба забон овардани номи Маздак хавфи бузурге дошт. Хусрави Анушервон дар зарфи подшоҳии беш аз 40-солаи худ кӯшиш ба харҷ дод, ки дар Эрон ягон чизе ёдовари номи Маздак ва тарафдорони ӯ набошад. Ин бадбинӣ чунон шадид буд, ки осори маздакия ва истилоҳоти иҷтимоии вай комилан аз миён бурда шуд. Бар илова, дар он сарчашмаҳое, ки аз ӯ ном бурда шудааст, вай ба таҳқир ва аксаран бо туҳмат ёдоварӣ гардидааст. Ин анъанаи ашрофи сосонӣ аз тарафи уламою муаррихони араб бекаму кост пазируфта шуда, онҳо душмании ошкорои худро нисбат ба Маздак ва таълимоти ӯ пинҳон накардаанд.

Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ дар «Милал в-анниҳал», Абдумансур Абдулкодири Бағдодӣ Дар «Ал-фарқ байн-ал-фирақ», Ибни Надим дар «Ал- феҳраст», Ибн Хурдодбеҳ дар «Ал масолиқ-ва-л-мамолик», Абу Ҳанифаи Диноварӣ дар «Ахбор-ул-тавол», Табарӣ, Ашъарӣ, Истахрӣ, Яъқубӣ, Саолабӣ ва дигарон дар осори худ пиромуни ин ҷунбиш ва моҳияти он маълумоти ночизе дода, бештар ба хислатҳои манфии он атфи таваҷҷуҳ кардаанд. Чун Рум душмани доимии Эрон буд, муаррихони номбаршуда ба хусус навиштаҳои пешвоёни дини насронӣ, ки теъдодашон дар Эрон зиёд буд, маълумоте метавон касб намуд. Дар ин замина чанд нафар аз авестошиносони маъруфи аврупоӣ пиромуни Маздак ва таълимоти ӯ тадқиқотҳои муфиде анҷом доданд.

Стилит ҳамзамони Маздак аз фирқаи илҳоди дар дохили дини маздаясно ёдоварӣ карда, онро бо исми зардуштакон ном мебарад. Вай ҳодисаҳои солҳои аввали навадуми садаи V мелодиро тасвир карда, дар фаслҳои 23-25 менависад: «Қуболи зиндиқаи палид, муғони зардуштакониро, ки шиораш муштарак будани занон буд ба ҳар марде иҷозат медод то бо ҳар зане, ки мавриди назараш аст, робитаи ҷинсӣ барқарор кунад, эҳё кард. Дере нагузашт, ки тамоми машоихӣ эронӣ аз Қубод мутанаффир шуданд, зеро ба ин тартиб подшоҳ ба занони онон иҷозати зино дода буд».[1] Аз ин суханони Стилит ба чанд хулоса расидан мумкин аст. Аввалан, Қуболи сосонӣ, фирқаи зардуштакон, ки мисли зурвония ва монавия яке аз фирқаҳои илҳодии дини маздаясно буд ва иштирокӣ будани занонро таълим медод. Сониян, Қубод на танҳо пайрави фирқаи зардуштакон гардидааст,

[1] *Клима О.* Таърихчаи мактаби Маздак. Теҳрон, 1372. – С. 22.

балки таълимоти онро дар амал татбиқ кардааст ва боиси бадбинию танаффури табақаи ашрофи сосонӣ шудааст.

Тавре ки аз таърихи силсилаи сосонӣ маълум аст, дар соли 496 ё 497 ба ашроф муяссар гардид, ки Қубодро аз тахт барканор карда, дар маҳбаси ашрофии Анӯшбурд зиндонӣ кунанд. Чӣ ҳаводисе аз авоили солҳои 90-уми садаи V боиси ин воқеаҳо шуданд? Бино бар навиштаи чанд сарчашмаи румӣ ва арабӣ, ки муносибати хасмонаи худро ба ин ҳаракат пинҳон намедоранд, Маздак замоне падидор шуд, ки вазъияти дохилию хориҷии Эрон дар ҳолати вазнин буд. Аҳволи тӯдаҳои мардумро, ки дар зери истисмори шадиди чандҷониба қарор доштанд, хушксолиҳои пай дар пай боз ҳам бадтар карда буд. Мардум дар ҷустуҷӯйи нон аксаран ба сӯйи Тайсафун (Мадоин) пойтахти давлати Сосонӣ раҳсипор мегардиданд. Табақаи ашроф, ки анбору захираҳои фаровон доштанд, бесуботӣ ва нооримиро аз Қубод ва сустиродагиаш дониста бар зидди вай суиқасд мекарданд. Дар чунин шароит Маздак назди Қубод рафт ва бар ҳар василае, ки бошад вайро ҷонибдори дину таълимоти худ сохт ва Қубодро бар он дошт то эълон кунад, ки ҳар ки нонро аз мардуми гурусна дареғ дорад, сазояш марг аст. Мардум ба ғорату тақсими анборҳои дороён пардохтанд. Бо вуҷуди он ки пиромуни ба Маздак гаравидани Қубод, ақидаҳо мухталиф аст, Агасиас ва Малалас – муаррихони румӣ, ки душмани Қубод буданд, ба он ишора кардаанд, ки подшоҳи Эрон ба маздакия бо самимияту хулуси ният эътиқод кард.

Донишманди эронӣ Аббоси Қадён ки дар ин мавзӯъ пажӯҳиш анҷом додааст, дар бораи аз ҷониби Қубод пазируфта шудани мазҳаби Маздак ақидаи дигаре дорад, ки ба ҳақиқат наздиктар аст. Вай менависад: «Қубод толиби ислоҳоте дар умури иҷтимоии Эрон буд ва аз биму тарси мубадон ва ашрофи кишвар ҷуръати иқдом ба ин корро намекард. Дар ин замон худхоҳии динии муғон ва ҳадди худсарии динӣ расида буд. чунин вазъияте ба ҳеҷ ваҷҳ ба асолати оини зардушт тааллуқ надошт. Қубод вуҷуди марди суханвареро мисли Маздак, ки ҳавохоҳони бисёре аз мардуми мустаманд дошт, ғанимат шумурда, бар он, шуд ки ба дасти вай ислоҳоте дар сарвати умумӣ ба амал оварда ва ба ислоҳоти иҷтимоӣ бипардозад. Аммо ин иқдомот барои ҷомеаи он рӯз бисер зуд буд».[1]

---

[1] *Каёнӣ А*. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон. – С. 184.

Фирқаи зардуштакон, ки Стилит эҳёи онро ба Қубод нисбат додааст[1], яке аз ҷараёнҳои илҳодии дини маздаясно ба шумор мерафтааст. Муаррихони румӣ ва араб фақат як хусусияти идеологии ин ҷараёнро хотирнишон кардаанд: ҳадафи он иштирокӣ будани хоста ва зан аст. Хоста, дар фарҳанги Амид чунин тафсир шудааст: «Зару мол, сарват ва дар истилоҳи додгустарӣ моли мавриди даъво». Пас маълум мешавад, ки ҷараёни илҳодии зардушткон қабл аз ҳама баробарии иҷтимоиро хостор будааст. Тавре ки дар боло зикр гардид, ин фирқаро дар садаи III Зардушт бинни Хуркон асос гузошта буд. Ин шахс мувофиқи навиштаи китобҳои арабӣ фақат пешвои назарӣ буд. Аммо муҳаққиқон ва муаррихон сифатҳои боризи мактаби Маздакро «набарди фаъолона» ба хотири беҳбудии тӯдаҳои васеи иҷтимоӣ тавсир кардаанд. Ба ибораи дигар, Маздаки Бомдодон, ки аксари муҳаққиқони аврупоӣ таълимоти вайро «коммунизми ибтидоӣ» номидаанд, татбиқкунандаи амалии назария Зардушт бинни Хуркон будааст. Вале нисбати муносибати душманонаи табақаи ашроф дар бораи мӯҳтавои ин таълимот дар сарчашмаҳо маълумоти ночизе боқӣ мондааст.

Ба ақидаи Маздак, чун сабаби асосии кина ва носозгорӣ нобаробарии мардумон аст, пас ноилоҷ ин нобаробарӣ бояд аз миён бардошта шавад. Нобаробарии иҷтимоӣ боис мешавад, ки инсонҳо ба якдигар эҳсосоти шадиди манфӣ нишон диҳанд, якдигарро бад бинанд, душманӣ варзанд ва боиси падид омадани ҳодисаҳои ногувор шаванд.

Маздак мегуфт: тавре ки Аҳурамаздо худованди бузург, чор унсури муқаддас – об, хок, ҳаво ва оташро падид оварда, онро моли ҳамагон шумурд ва онҳоро байни одамон тақсим накард, он нишонаи мусовоти одамон дар баробари худо ва табиат аст. Ба ифодаи Ибни Балхӣ, дар «Форснома» дар аҳди Қубод «Маздаки зиндиқ падид омад ва абоҳат падид овард ва онро «мазҳаби адл» ном ниҳод ва ибодати эзиди азза ва зикра аз мардум бардошт ва гуфт: «Банӣ одам ҳама аз як падар ва як модаранд ва моли ҷаҳон миёнаи эшон мерос аст, аммо ба фазлу қуввату зулм қавме бармедоранд ва дигаронро маҳрум мегузоранд ва ман омадам, то ба воҷиб орам». Тавре ки аз навиштаҳои «Форснома» бармеояд, фазлу қувват ба гурӯҳе имкон фароҳам медорад, ки бар гурӯҳи дигар зулм раво дошта, моли ҷаҳонро соҳибӣ кунанд. Ба ақидаи

[1] *Мубаллиғӣ А*. Таърихи адён ва мазоҳиби ҷаҳон. – С. 520.

Маздак, нобаробарии иҷтимоӣ боиси падид омадани панҷ эҳсоси бадтарини инсон гардида, мусовот ва баробарию бародариро дар ҳам мешиканад ва миёни одамон фосилаҳо барқарор мекунад. Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ панҷ эҳсоси бадтарини инсонро аз забони Маздаки Бомдодон чунин мегӯяд:

Бипечонад аз ростӣ панҷ чиз,
Ки доно бар ин панҷ наяфзуд низ.
Куҷо рашку кин асту хашму ниёз,
Ба панҷум, ки гардад бар ӯ чира оз.
Ту чун чира бошӣ бар-ин панҷ дев,
Падид оядат роҳи геҳон хадев.

Ба ақидаи Маздак агар баробарии иҷтимоӣ риоят шавад, ин панҷ дев[1] аз миён рафта, баробарию мусовотро ҷорӣ менамояд. Дар «Шоҳнома» Маздак ҳадафу мароми худро чунин баён мекунад:

Аз ин панҷ моро зану хостаст,
Ки дини беҳӣ дар ҷаҳон костаст.
Зану хоста бошад андар миён,
Чу дини беҳиро нахоҳӣ зиён.
К-аз ин ду бувад рашку озу ниёз,
Ки бо хашму кин андар ояд ба роз.
Ҳаме дев печад сари бихрадон,
Бибояд ниҳод ин ду андар миён.

Дар ҷойи дигар дар бораи таълимоти Маздаки Бомдодон ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ мегӯяд:

Ҳаме гуфт: ҳар к-ӯ тавонгар бувад,
Тиҳидаст бо ӯ баробар бувад.
Набояд, ки бошад касе барфузуд,
Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.
Ҷаҳон рост бояд, ки бошад ба чиз,
Фузунӣ тавонгар чаро ҷуст низ.
Зану хонаю чиз бахшиданист,
Тиҳидаст кас бо тавонгар якест.
Ман инро кунам рост бо дини пок,
Шавад вижа пайдо баланд аз мағоқ.

[1] Дар дини маздаясно номи ин девҳо чунинанд: Арасқ, Акамана, Аишм, Таромати ва Ози.

Ҳар он кас ки ӯ ҷуз бар ин дин бувад,
Зи Яздон в-аз манш нафрин бувад.

Ба ибораи дигар, Худованд тамоми васоили маишатро дар рӯйи замин дастраси мардумон қарор додааст, то афроди башар аз он дар мусоботу баробарӣ истифода намоянд, тавре ки касе беш аз дигар хамнавъони худ чизе надошта бошад. Пас бояд аз тавонгарон гирифт ва ба тиҳидастон дод ва миёни эшон баробариро барқарор кард. Аз рӯйи навиштаи Шаҳристонӣ, ба ақидаи Маздак «ин амал хайр буда, учру подоши азим дорад ва гузашта аз тамоми инҳо, дастгирии мардумон аз якдигар, амалест, ки хушнудии худовандро фароҳам меорад».[1]

Шариати Маздак на танҳо қатл, балки озори мардумонро мамнӯъ қарор медод. Меҳмонро аз ҳар тоифа ё миллате, ки бошад, эҳтиром мекард ва чунин мешуморид, ки набояд аз ӯ чизеро дареғ дошт. Ба ақидаи онҳо, ҳатто нисбат ба душманон ҳам бояд бо меҳрубонию утуфат рафтор кард. Маздакиён покию наҷобатро дар мақоми аввал гузошта, мисли монавиҳо куштани ҳайвонро ҳаром медонистанд. Аз ин ҷиҳат маздакиён аз хӯрдани гӯшт худдорӣ мекарданд.[2]

Ҳадафу мароми таълимоти Маздак иборат аз ду қисмат буд: қисмати аввал беҳбудӣ бахшидан ба ҳолу аҳволи табақаҳои васеи заҳматкашон ва эҳёи ҳуқуқи моддию маънавии онҳо дар ҷомеаи сосонӣ ва қисмати дуюм интишори таълими ахлоқии маздакия, ки асоси он бар рӯйи санавият, дугонапарастӣ ва зӯҳду тақвои монавӣ устувор буд. Асли сухани Маздак ва ҷавҳари инқилоби ӯ дар иштироки моликият мебошад, ки аз фикри ҳукумати иштирокӣ ва ширкати ҳамагон дар ҳокимияти миллӣ сарчашма гирифтааст. Шояд ҳамин ҷанбаи таълимоти башардӯстонаи Маздак аст, ки Муҳаммад Иқбол – шоир ва файласуфи маъруфи покистонӣ ӯро паёмбари мардумдӯсти Эрони бостон номидааст.[3]

Ин таълимот ҳам мисли оини Монӣ масъалаи робитаи моддаи аслии қадимӣ, яъне нуру зулмотро мавриди баҳс қарор медиҳад. Тафовути байни ақидаи Монӣ ва Маздак иборат аз он буд, ки Маздак мегуфт: ҳаракати аслии зулмот ё торикӣ аз рӯйи ирода ва нақшаи қаблӣ набуда, дар асари тасодуфу иттифоқ ва

[1] *Кристенсен А.* Эрон дар замони сосониён. – С. 367.
[2] *Нафисӣ С.* Таърихи тамаддуни сомонӣ. – С.74.
[3] *Кадёнӣ А.* Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон. – С.188.

бар хилофи он, ҳаракати аслии нур мутобиқи ирода ва нақшаи пешакӣ сурат мегирад. Омезишу ихтилоти тирагию рӯшноӣ, ки аз он олами маҳсуси моддӣ пайдо шудааст, бар хилофи таълимоти Монӣ, натиҷаи нақшаю тарҳи пешакӣ набуда, аз рӯйи тасодуф ба вуҷуд омадааст. Дар оини Маздак нисбат ба Монӣ, ҳаракати нур дорои ҳадафу мақсади муайян буда, бартарии ақлонӣ дорад. Ин суханон бо гуфтаҳои Малалас, ки дар ин бора ақидаи Бундос – поягузори назариявии маздакияро овардааст, мувофиқат мекунад. Вай мегӯяд: эътиқоди Бундос дар он асос ёфта буд, ки худои хайр (нур) бар худои шарр (зулмот) ғалаба кардааст, аз ин рӯ ғолибро бояд ситоиш кард. Аммо, ин ҳанӯз ғалабаи комил нест, зеро олами моддӣ, ки ҳанӯз омехта аз ду асли қадим аст, боқӣ мондааст. Мақсади охирини такомули олами моддӣ, наҷоти зарраҳои нур аст, ки ҳанӯз бо зарраҳои торикӣ омехта аст.[1] Бахши охирини ақидаи маздакиён бо суханони Монӣ мувофиқат мекунад. Маздак дар муқобили Монӣ, ки нурро аз панҷ қисмат медонист, аз се бахш медонад: об, оташ ва хок. Ба ақидаи маздакиён худои нур ҳам аз ин се унсур ба вуҷуд омадааст.

Ҳоло ҷаҳон дар даврони омезиши нуру зулмот қарор дорад. Ба қавли Шаҳристонӣ, маздакиён чунин мешумориданд: чун омезиши нуру зулмот аз рӯйи иттифоқ ва тасодуфӣ ба амал омадааст, ҷудоию имтизоҷи нур аз зулмот низ бидуни қасду ихтиёр тасодуфан сурат хоҳад гирифт. Дар ин ҷо маздакия роҳу равиши пешқадами худро дигаргун сохта, боз ба оғӯши монавия меояд ва роҳи наҷоти инсонро мисли монавия дар он мебинад, ки инсон алоқаи худро аз моддиёт ва зиндагии моддӣ кам кунад. Ба ақидаи онҳо, канорагирӣ аз ҳар чизе, ки пояи моддии зиндагиро мустаҳкам мекунад, инсонро ба ҳадаф наздиктар месозад.[2]

Зардушт – паёмбари дини маздаясно ва Маздак, ҳарду дар таълимоти худ инсонро дар маркази кайҳон қарор дода, таъкид кардаанд, ки вай аз рӯйи табиати худ унсури фаъол буда, зиндагӣ ва сарнавишти худро худаш муайян мекунад. Чунин аст, ки пайравони оини Маздак на танҳо қатл, балки зарар ба шахси дигарро муҷоз намешуморанд.

Ҳамин тариқ, муаллифони ҳамасри Қубод ва муаррихони баъдина ҳамдостон ҳастанд, ки Қубод бо сабабҳое дини Маздакро қабул кард. Баъзеҳо навиштаанд, ки вай дини навро аз рӯйи

---

[1] *Кристенсен А.* Эрон дар замони сосониён. – С. 365.
[2] *Клима О.* Таърихчаи мактаби Маздак. Теҳрон, 1372. – С. 152.

эътиқод қабул кард ва ба ин васила барои беҳбуди зиндагии тӯдаҳои васеи мардум даст ба ислоҳоти ҷасурона зад.[1] Дигарон боварӣ доранд, ки Қубод таълимоти навро дар зери фишори тӯдаҳои мардум пазируфт. Аммо, Нёлдеке – яке аз авестошиносони маъруфи немис, ақидаи дигаре дорад. Ба фикри ӯ Қубод, ки ду маротиба тахти аз даст рафтаи худро бо ҷасорату диловарӣ ба даст оварда, лашкариёни Рум (Византия)-ро борҳо шикаст додааст, яке аз подшоҳони неруманди сосонӣ мебошад. Ба фикри вай, Қубод таълимоти Маздакро аз он ҷиҳат қабул кард, ки мехост аз зӯру фишори табақаи олияи дарбори сосонӣ, лаҷомгусехтагии онҳо, аз уламои зардуштӣ, аз дастдарозии эшон ба тахти подшоҳӣ шона холӣ кунад.[2] Назари Нёлдекеро тақвият дода ба гуфтаҳои ӯ илова кардан мумкин аст, ки Қубод ҳамчун сиёсатмадори ҳассос, бо фаро расидани хушксолиҳои пайдарпай ва қаҳтӣ аз вазъи фалокатбори мардум огаҳӣ ёфта, хостааст бо ин роҳ аҳволи мардумро беҳтар кунад. Дурустии хулосаи моро ин нукта тасдиқ мекунад, ки Қубод дар охир ба хотири беҳбуди аҳволи тӯдаҳои васеи мардум ба як силсила ислоҳот даст зад, вале дар зиндагии худ онро амалӣ карда натавонист. Татбиқи амалии онро писараш Хусрави Анушервон ба поён расонд.

Дар ҳар сурат муаллифону муаррихон, бо вуҷуди он ки ягон далелу ҳуҷҷате нест, бо як овоз тасдиқ мекунанд, ки Қубод қонунҳое дар бобати умумӣ кардани занон бароварда, аз ин рӯ пиромуни онҳо чизе гуфтан мушкил аст. Муносибати қонунҳои ҷадид (агар мавҷуд бошад) бо никоҳ чӣ гуна будааст, ҳамчунин маълум нест. Вале дақиқан маълум аст, ки подшоҳ никоҳро бекор накарда буд. Ба қавли Артур Кристенсен «Шояд ӯ (Қубод) бо вазъи қавонини ҷадид як навъ издивоҷи озодтаре барқарор карда бошад».[3]

Дар ҳеҷ як аз манбаъҳои асри Қубод дар бораи ислоҳот дар умури моликият ё қонунҳое дар боби умумӣ ва муштарак будани амвол сухан ба миён наомадааст. Фақат дар «Худойномак» ба он ишораи номушаххасе шудааст. Ин нишон медиҳад, ки агар ислоҳоте ҳам дар ин замина сурат гирифта бошад, чандон амиқ набудааст ва он дар зиндагии иҷтимоӣ таъсири муҳим надоштааст. Муҳаққиқи олмонӣ О. Клима чунин мепиндорад, ки

[1] *Алавӣ А.* Таърихи комили адён. – С. 412.
[2] *Кристенсен А.* Эрон дар замони сосониён. – С. 368.
[3] *Кристенсен А.* Эрон дар замони сосониён – С. 369.

агар дар ин бора қонунҳое ҳам бароварда шуда бошанд, иборат аз андоз аз молиёти фавқулодда бар сарватмандон ва тавонгарон барои беҳбуди вазъи фуқарою тиҳидастон будааст.[1]

Ҳодисаҳое, ки дар боло зикр карда шуданд, дар тӯли солҳои 90-уми асри V рух доданд. Ашрофи бузурги сосонӣ ва уламои зардуштӣ аз иттиҳоди Қуboду Зардушт, ба хусус аз тағйироти куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба ташвиш афтода, соли 496 ё 497 Қубодро аз тахти шоҳии Эрон барканор карданд. Ба тахти подшоҳӣ бародари вай Ҷомосп ҷулус кард. Қубод аз зиндон бо кумаки хоҳар ва зани худ фирор карда, ба назди подшоҳи эфталитҳо дар Осиёи Миёна паноҳ бурд. Дар соли 498 ё 499 вай бо кумаки сипоҳи эфталитҳо ба Тайсафун бозгашта, тахти шоҳиро дубора ба даст овард. Агар аксари муаррихон то барканор шудан аз тахти подшоҳӣ ҷидду ҷаҳд, сарсупурдагӣ ва садоқати Қубодро ба таълимоти Маздак зикр карда бошанд, пас аз бозгашти дубора камаҳамиятӣ ва бетаваҷҷуҳии ӯро ба ин ҳаракат хотирнишон сохтаанд. Чун худи подшоҳ пайрави таълимоти Маздак шуда буд, миқдори фаровони ашроф низ аз ӯ пайравӣ карда буданд.[2] Бо вуҷуди он, ки Қубод пас аз бозгашт нисбат ба ин ҳаракат бетафовут гардид, идеологияи маздакӣ тамоми зинаҳои ҳаёти иҷтимоиро фаро гирифта, тарафдорони он дар саросари мамлакат ислоҳот мегузарониданд.

Таълимоти маздакӣ дар оғоз ҷанбаи динӣ дошта, бунёдгузори онро дар ҳақиқат метавон шахсе номид, ки тарафдори содиқу сарсупурдаи ислоҳоти амиқи иҷтимоию иқтисодӣ дар зиндагии тӯдаҳои васеи мардум будааст. Таълимоти Маздак дар марҳилаи аввал самимӣ ва холӣ аз ғараз буда, толиби беҳбуди аҳволи зиндагии табақаи заҳматкаш будааст. Ба ифодаи А. Кристенсен «Афкори коммунистии ин фирқа дар омма рафта-рафта русухе пайдо кард ва дар оғоз ба оҳистагӣ ва пас аз чанде бо суръат интишор пайдо кард. Сипас мубаллиғин ва сардастаҳое қиём карданд, ки на имон доштанд ва на худотарс буданд ва на мисли Маздак беғаразу ислоҳотталаб ҳисоб мешуданд...».[3] Чун Маздак, зоҳиран, барномаи мушаххаси ислоҳот надошт ва ҷонибдоронаш таълимоти вайро мутобиқи фаҳмиш ва манфиати худ дарк мекарданд, ислоҳоти иҷтимоӣ ва адолату баробарӣ аз рӯйи

[1] *Клима О.* Таърихчаи мактаби Маздак. Теҳрон, 1372. – С. 172.
[2] *Мафией С.* Таърихи тамаддуни Эрони сосонӣ. – С. 19.
[3] *Кристенсен А.* Эрон дар замони сосониён. – С. 382.

фаҳмишу дониш ва бо майлу хоҳиши онҳо гузаронида мешуданд. Муаррихони араб доманаи харобии кишварро, ки баъдан Хусрави Анушервон ба ислоҳи он даст зад, хеле васеъ тавсиф кардаанд. Қубод соли 519 Хусрав – писари сеюми худро валиаҳди тахти шоҳӣ эълон карда, оҳиста-оҳиста роҳи қаробат бо уламои дини зардуштиро пеш гирифт. Дар охири соли 528 ё аввали 529 Хусрав тамоми сардорону фаъолони ҷунбиши васеи иҷтимоии маздакияро аз саросари мамлакат ҷамъ оварда, ҳамаашонро сар бурид.

Ба ибораи дигар, таълимоти Маздак ва татбиқи амалии он замони тӯлониe (аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри V то соли 529) идома пайдо карда, дар таърих ва зиндагии мардуми империяи сосонӣ ва мардуми ҷаҳон осор ва хотираҳои фаровон боқӣ гузошт. Нуфузи ин ҳаракат бо ҳамлаи арабҳо бештар гардида, заминаи муборизаҳои озодихоҳонаи мардуми ориёӣ ва сарчашмаи дар дини ислом падидор гардидани даҳҳо фирқаҳои оппозитсионӣ шуд.

ХОТИМА

Китобе, ки манзури хонандагон гардид, фақат баъзе масъалаҳои ориёиҳо ва тамаддуни ориёиро дар бар мегирад. Ман ин асарро зимни шиносоӣ бо таҳқиқоти дар ин замина навишташуда ва илҳом аз таъриху афкори маънавии ниёгони гузаштаи худ навиштам. Бешубҳа, роҷеъ ба масъалаи тамаддуни ориёӣ дар адабиёти ориёишиносӣ масъалаҳои баҳсовар ва ҳанӯз эътирофи умум қарорнагирифта зиёданд. Дар давоми ду қарн муаррихону фарҳангшиносон ва бостоншиносону қавмшиносон, забоншиносон ва намояндаҳои дигар соҳаҳои алоҳидаи илм дар кори муайян намудани масъалаҳои мубрами тамаддуни гузаштаи халқу миллатҳои гуногун, аз ҷумла тамаддуни ориёӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ додаанд ва гумон мекунам, ки дар оянда бисёр масъалаҳои печидаву баҳсовари хостгоҳи аслии ориёиҳо, масири ҳаракати онҳо ба Шарқу Ғарб, ташаккули тамаддуни ориёиҳо дар асри нави сангӣ (неолит) ва сангу мис (энеолит), инчунин ҷузъиёти интишори тамаддуни ориёӣ ба сарзаминҳои Осиёи ғарбӣ ва Аврупо тавассути олимону муҳаққиқон ҳаллу фасли худро пайдо мекунад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистони имрӯзаи мо, ки тобеияти чандинасраи худро пушти сар карда, истиқлолияти миллии худро ба даст овардааст ва мо соли оянда 30-умин солгарди ин истиқлолиятро ботантана ва шукӯҳу шаҳомати хос ҷашн мегирем, омили аз ҳама муҳим он аст, ки мо бори дигар ба гузаштаи худ назар афканда, суннатҳои беҳтарини ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ ва афкори фалсафию ҷаҳоншиносии худро, ки дигар халқҳои ҷаҳон аз аҳди қадим сар карда аз он ғизои маънавӣ гирифтаанд, эҳё намоем ва маънавиёти худро дар доираи як қолаби муайяну мушаххаси илмӣ ба роҳ монем.

Дар китоб ман баъди баёни баъзе масъалаҳои марбути тамаддуни ориёӣ давлатҳои қадимаи ниёгони худро мавриди баррасӣ қарор додам. Бо ин ташаббус ман хостам тамоми нозукиҳо ва дастоварду мушкилоти умури давлатдории халқҳои

ориёнажоди Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрони бостонро манзури хонандагон намоям. Ба баъзе масъалаҳои давлати Ҳахоманишиён дар китобам «Аз Ориён то Сомониён» таваққуф намуда будам, вале дар ин асар аз аввалин давлатҳои қадимаи ориёӣ то аҳди Сосониёнро ба таври умумӣ мавриди баррасӣ қарор дода, давлати имрӯзаи тоҷиконро давоми мантиқии ҳамон давлатдории суннатии аҳди қадим ва асрҳои миёна бо назардошти пешрафти давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ қаламдод намудам.

Шояд овардани андешаи Афлотун дар «Қавонин» ном асараш дар ин ҷо хеле бамаврид бошад. Ин ҳакими юнонии аҳди атиқа, ки имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба осори таърихию фалсафии ӯ истинод карда, мавриди омӯзиш қарор додаанд, тарзи давлатдории Осиёи Миёнаву Эрони бостонро бо сохти давлатдории Юнон, ки аз шаҳр-давлатҳо иборат буд, чунин муқоиса намудааст: «Ду навъи ҳукумат вуҷуд дорад: яке аз он ду ҳукумати фардӣ ва дигаре ҳукумати мардумӣ (демократӣ) аст. Муҳимтарин навъи аввалиро эрониён доранд ва беҳтарин навъи дуюмиро мо – юнониён доро ҳастем. Тақрибан тамоми анвои дигари ҳукумат шохаҳои ин ду аст. Агар мо бихоҳем озодиву дӯстӣ ва хирадмандӣ дар кишвар устувор бошад, ҳар як аз ин дуро то ҳадде дӯст дошта бошем. Иддаои ман ин аст, ки ҳеҷ шахсеро наметавон хуб идора кард, магар он ки ҳукумати он таркибе аз ин ду бошад...»

Аз нукоти боло маълум мешавад, ки ҳукумати фардӣ ё худ истибдодии замони ҳахоманишӣ, ки ҳаёти иҷтимоӣ, эътиқодоти динӣ ва русуму одоти қаламрави империяи бузурги худро озод гузошта буд, тавассути Афлотун баробар ё худ муодили давлатдории Юнони аҳди қадим шинохта шудааст. Шояд баъдтар дар натиҷаи пошхӯрии давлатҳои мутамарказ ва ба вуҷуд омадани давлатҳои нисбатан хурд истибдоди шоҳони сулолавӣ бештар ва мутлақияти онҳо ба дараҷаи қудсӣ расонда шуда бошад, ки мо ин масъаларо мадди назар дошта, ба ҳукумати фардии мутлақ дар ҳамаи соҳаҳои умури давлатдориамон аз ҳукумати ноҳияву шаҳрҳо сар карда то ба ҳукумати марказӣ роҳ надиҳем.

Ёдам ҳаст, ки чанде пеш дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳурӣ дар бораи қашшоқии маънавӣ мақолаҳои зиёде чоп мешуданд. Саволе ба миён меояд, ки оё мо бо чунин тамаддуни пурғановати маънавии гузашта, ки ман бо нигоҳе ба таъриху тамаддуни ориёӣ муште аз хирвори беш аз панҷ ҳазорсолаи онро

ба қалам овардам, дар бораи қашшоқии маънавии халқу миллатамон сухан гуфтан ҷоиз аст? Агар мо дар бораи қашшоқии маънавӣ сухан гӯем, бешубҳа, ин аз надонистани маънавиёти гузаштаи мо шаҳодат медиҳад, чун маънавиёти мо тоҷикону эрониён саршор аз ғояҳои илмӣ, адабӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ, ҷаҳоншиносии пуразише мебошад, ки он бояд ҳарчӣ зудтар дастраси оммаи васеи мардум, хусусан насли ҷавон гардад ва ба дарку фаҳми онҳо суръат бахшад.

Мо дар гузаштаи начандон дур ба афкори фақат баъзе мутафаккиронамон шиносоӣ пайдо карда будем. Низоми илҳодомези собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба мо имконият намедод, ки ба ҷуз афкори ахлоқӣ ва иҷтимоӣ масоили вобаста ба дину афкору ҷаҳоншиносиро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Истиқлолияти миллӣ барои мо ҷиҳати сомон бахшидан ба ин кор имрӯз шароити мусоиде фароҳам овардааст. Олимону муҳаққиқони мо бояд тамоми соҳаҳои илму адабу маърифат ва афкори диниву ирфонӣ ва ҷаҳониро омӯхта, таъсиру нуфузи ин маънавиёти пуразиши моро ҳарчӣ бештар дастраси ҷаҳониён намоянд.

Мо имрӯз зимни омодагӣ ба ин ҷашн огоҳ шудем, ки олимону ховаршиносони Ғарб ба таҳқиқи масоили мазкур хеле пештар аз мо – ҳомилони бевоситаи тамаддуни ориёӣ даст задаанд, вале гумон мекунам, ки бо истифода аз онҳо худамон ба омӯзиши масъалаҳои фарҳангу тамаддуни хеш бипардозем, онро беҳтару хубтар метавонем дарк намоем ва беҳтар манзури хонандагон кунем.

Дар роҳи муайян намудани ташаккулу инкишофи тамаддуни ориёӣ ва дигар тамаддунҳои ҳамҷавори он, ки ҳамзамон бо тамаддуни ориёӣ амал мекунанд, мо имрӯз фақат қадаме ба пеш гузоштем. Зимни он мушоҳида намудем, ки ҳанӯз бисёр масъалаҳои умдаи фарҳанги моддию маънавии тамаддунҳои мазкур ҳанӯз равшан нашудаанд ва нукоти баҳсовари онҳо ба сабаби қадима буданашон ва осори катбӣ надоштанашон ҳаллу фасли худро дар адабиёти ориёишиносӣ наёфтаанд. Дигар масъалаҳои марбут ба забон, аз ҷумла интишори гурӯҳи оилаи забонҳои ҳиндуэронӣ ва ба вуҷуд омадани оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ низ пурра ҳалли худро наёфтаанд.

Дар омӯзиши ин масъала мо бояд бо олимону забоншиносони Эрону Афғонистон, ки бо тоҷикон якҷо ҳомилони тамаддуни ориёӣ мебошанд, ҳамчунин донишмандони мамолики Ғарб

ҳамкорӣ намоем, ҳавзаҳои маданию фарҳангии минтақаҳои мазкурро дар ин кор ҷалб намоем ва барномаҳои муштараки фарҳангӣ созмон диҳем. Зеро масъалаҳои тамаддуни ориёӣ он қадар бузургу густурда ҳастанд, ки омӯзиши онҳо ба танҳоӣ, бидуни иштироки муҳаққиқони минтақаи марбута амри муҳол аст. Гумон мекунам, ки иқдоми мо барои бузургдошти тамаддуни ориёӣ як фоли нек ҳам барои ба миён гузоштани масъалаи мазкур дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам барои таҳқиқу баррасии минбаъдаи масъалаҳои тамаддуни миллатамон як амри зарурӣ ва тақозои замон аст.

Ба олимони шинохтаи тоҷик Кароматулло Олимов, Юсуфшо Яъқубов, Ҳамдам Муъминҷонов, Давлат Довудов, Муҳаммадқул Ҳазратқулов ва Шарофиддин Имомов барои маслиҳатҳои муфидашон ба хотири беҳтар шудани мазмуни китоб миннатдории самимона баён менамоям.

Муаллиф

МУНДАРИҶА

Муқаддима 5

Боби аввал
Мурӯре ба сарчашмаҳои таърих ва фарҳанги ориёиҳо

1. Ҳиндуаврупоиҳо 17
2. Ҳиндуориёиҳо 27
3. Ориёиҳо дар Осиёи Марказӣ 41

Боби дуюм
Ташаккули давлатҳои ориёӣ ва рушди тамаддуни ориёиҳо

1. Давлатҳои қадимаи ориёӣ ва ташаккули тамаддуни онҳо 69
2. Давлати Мод ва тамаддуни ориёӣ 97
3. Давлати Ҳахоманишиён ва рушди тамаддуни ориёӣ 116
4. Давлати Парфия (Портҳо) ва тамаддуни ориёӣ 172
5. Давлати Кушониён ва тамаддуни ориёӣ 201
6. Ҳайтолиён ва тамаддуни ориёӣ 234
7. Давлати Сосониён ва тамаддуни ориёӣ 248

Боби сеюм
Оинҳои тозардуштӣ

1. Эътиқод ва боварҳои ҳиндуориёиҳо 281
2. Меҳрпарастӣ 291
3. Зурвония 327

Боби чаҳорум
Оини зардуштӣ

1. Замон ва макони Зардушт 343
2. Авесто ва бахшҳои он 396
3. Таълимоти Зардушт дар бораи ҷаҳон, инсон ва ахлоқ..... 415

Боби панҷум
Оинҳои монавия ва маздакия

1. Монавия 443
2. Маздакия 462

Хотима 479

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХ ВА ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Муҳаррири ороиш *Манучеҳр Шарифов*
Муҳаррири техникӣ *Карим Эгамбердиев*

БИ № 8051

Ба чоп имзо шуд. Андозаи 60Х84 1/8.
Коғази офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 60,5.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 24,7. Адади нашр 1000.
Супориши № . Нархи шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17.
E-mail: irfon_company@mail.ru